ISSN 2413-5151

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ

2023. №10. Қисми II

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

2023. №10.

Часть II

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences

2023. No.10. Part II

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***08.00.00 –иқтисод***

| | |
|---|---|
| **Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Давлатзода** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Кудрат Қамбар** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Чая Владимир Тигранович** | *(Федератсияи Россия)* |
| **Иброҳимзода Илхомуддин Раҷабалӣ** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исайнов Ҳисайн Раҳимович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)* |
| **Калемуллоев Мунир Воҳидович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Умаров Ҳоҷимуҳаммад** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Раҳмон Дилшод Сафарбек** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Шарипов Тақдиршо Шарифович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Қурбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Потселуев Сергей Петрович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)* |


*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*
*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*
***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ**: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2023. – №10. –қисми II
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2023

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***
Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***
**Исмонов Кароматулло** — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

***08.00.00 – Экономика***

**Ганиев Таварали Бобоевич** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Давлатзода Кудрат Камбар** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Исайнов Хисайн Рахимович** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** — *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)*
**Калемуллоев Мунир Вохидович** — *Кандидат экономических наук, доцент*
**Кодирзода Диловар Бахриддин** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Низомов Самариддин Фахриевич** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Одинаев Хаёт Абдулхакович** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Умаров Ходжимухаммад** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** — *Доктор экономических наук, профессор*
**Чая Влидимир Тигранович** — *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)*
**Шамсов Илёс Сафарович** — *Доктор экономических наук, профессор*

***12.00.00 – Юриспруденция***

**Азиззода Убайдулло Абдулло** — *Доктор юридических наук, профессор*
**Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** — *Доктор юридических наук, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** — *Доктор юридических наук, профессор*
**Муртазозода Джамшед Сайдали** — *Доктор юридических наук, профессор*
**Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** — *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
**Рахмон Дилшод Сафарбек** — *Доктор юридических наук, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** — *Доктор юридических наук, профессор*
**Шарипов Такдиршо Шарифович** — *Доктор юридических наук, профессор*

***23.00.00 – Политология***

**Зокиров Гулмахмад Нозимович** — *Доктор политических наук, профессор*
**Курбонов Абдурахмон Шерович** — *Доктор философских наук, профессор*
*Доктор философских наук, профессор*
**Махмадизода Нозим Давлатмурод** — *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ*
**Муњаммад Абдурахмон Навруз**
**Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** — *Доктор политических наук, профессор*
**Поцелуев Сергей Петрович** — *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)*
**Сафарализода Худжамурод Куддуси** — *Кандидат политических наук, доцент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** — *Кандидат политических наук (Российская Федерация)*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:
**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*
**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*
**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2023. – №10. –часть II
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***

Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht – *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** – *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

**Ismonov Karomatullo** – *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

**Ganiev Tavarali Boboevich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Davlatzoda Kudrat Kambar** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Chaya Vladimir Tigranovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Isainov Khisain Rakhimovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Israilov Mukash Israilovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)*
**Kalemulloev Munir Vohidovich** – *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor*
**Kodirzoda Dilovar Bahriddin** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomov Samariddin Fakhrievich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Odinaev Hayot Abdukhakovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Shamsov Ilyos Safarovich** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Umarov Khojamuhammad** – *Doctor of Economic Sciences, Professor*

***12.00.00 – Jurisprudence***

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo** – *Doctor of Law, Professor*
**Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** – *Doctor of Law, Professor*
**Dinorshoev Aziz Musoevich** – *Doctor of Law, Professor*
**Murtazozoda Jamshed Saidali** – *Doctor of Law, Professor*
**Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** – *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)*
**Rahmon Dilshod Safarbek** – *Doctor of Law, Professor*
**Sotivoldiev Rustam Sharofovich** – *Doctor of Law, Professor*
**Sharipov Taqdirsho Sharifovich** – *Doctor of Law, Professor*

***23.00.00 – Political sciences***

**Zokirov Gulmahmad Nozimovich** – *Doctor of Political Sciences, Professor,*
**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** – *Doctor of Philosophy, Professor*
**Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** – *Doctor of Philosophy, Professor*
**Muhammad Abdurahmon Navruz** – *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** – *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Potceluev Sergey Petrovich** – *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Safaralizoda Khujamurod Quddusi** – *Candidate of Political Sciences*
**Safranchuk Ivan Alekseevich** – *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2023. – №10. -part II
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**

**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2023

ТДУ: 338.4

# ТАКМИЛИ ИСТЕҲСОЛОТИ БА СОДИРОТ НИГАРОНИДАШУДАИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ: ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ

*Низамова Т.Д., Шаҳнозаи Содиқ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Такмили истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯрокворӣ дар асоси татбиқи саривақтии ҳадафи олӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат роҳандозӣ гардида, ҷиҳати мувофиқгардонии нишондиҳандаҳои иқтисодии ҳаҷми воридот ва ҳаҷми содироти маҳсулоти хӯрокворӣ механизмҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодӣ таҳия карда шудааст. Албатта, такмили истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ ба самти содирот нигаронида шуда, дар алоқамандии сиёсатҳои воридотивазкунанда, савдои хориҷӣ, протексионистӣ ва дигар механизму чораҳои махсуси давлатӣ зоҳир мегардад. Таҷрибаи муосири рушди саноати хӯрокворii мамлакат нишон медиҳад, ки имрӯзҳо вобаста ба ҳаҷми нокифояи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳамзамон, рақобатпазирии онҳо, қонеъ нагардидани талаботи аҳолӣ бо маводи озуқа, ки ба вайрон гардидани мувозинати воридоту содироти маҳсулоти хӯрокворӣ оварда мерасонад, таҳқиқҳои илмию назариявии такмили истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯрокворӣи мамлакат мубрам мегардад.

Дар шароити муосир баҳсҳои илмию назариявӣ ва амалии ҳалли вазифаҳои иқтисодии мамлакатҳои рӯ ба рушд, бахусус баланд бардории сатҳи зиндагии аҳолӣ дар асоси афзоиши босуръати иқтисодиёт, ки ин ҳам тавассути саноатикунонии мамлакат имконпазир мебошад, бештар гардида истодааст. Иқтисоддонҳо мутмаинанд, ки сиёсати савдои хориҷӣ дар ҳалли ин масъалаҳо бояд нақши калидӣ дошта бошад. Аммо баъзе аз мутахассисони муассири соҳаи иқтисодиёти бозорӣ кадом намуди сиёсати савдои хориҷии муносибро таҳқиқ намуда, солҳои 1950-1960 сиёсати воридотивазкуниро ҳамчун заминаи асосӣ ё стратегияи муҳимми рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат муносиб дониста буданд. Чунин стратегия дар madди аввал саноатикунонии иқтисодиётро тавассути таъсиси комплексҳои (муҷтамаъ) саноатии сохторивазкунандаи бозорро дар назар дошта, инчунин, ба роҳ мондани истеҳсоли масҳулоти ватанӣ ҷиҳати қонеъгардонии бозори дохилӣ ва баъдан онро ба содирот нигаронианро роҳандозӣ менамояд. Қобили қайд аст, ки яке аз хусусиятҳои сиёсати воридотивазкунанда, саноатикунонии иқтисодиёт тавассути маҳдудсозӣ ва таназзули воридоти маҳсулоти хориҷӣ мебошад. Ба ибораи дигар, таҳияи сиёсати воридотивазкунӣ ташкили ҳавасмандиҳои сунъии савдои хориҷӣ ва сиёсати асъори хориҷиро барои рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати хӯроквории ватанӣ ва бо мақсади баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ дар бозори дохилӣ таъсис дода мешавад. Тавре таҳлили ретроспективӣ нишон медиҳад, сабаби асосии интихоб ва таҳияву татбиқи чунин сиёсат, амалан дар ҳамаи мамлакатҳои рӯ ба рушд ҳамчун сохтори мушкили истеҳсолӣ ва ҳаҷми содирот боқи мондааст. «…вобаста ба ин, зарур аст, ки бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо доир ба рушди боз ҳам бештари саноат ва зиёд кардани маҳсулоти саноатӣ ва пеш аз ҳама, молу маҳсулоти содиротӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд» [11].

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ равишҳои гуногунпаҳлуи маънидод намудани фаҳмиши илми истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда истифода гардида истодааст. Бо мақсади тасвир намудани шарҳу тавсифи илмии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда нишона, хароктҳо ва тадбирҳои аҳаммияти ташкилӣ-иқтисодидошта таваҷҷуҳ намоем. Ба содирот нигаронӣ – ин нишонаҳои фаъолият ва ё кӯшишҳои барои ба фурӯш баровардани молу маҳсулот, хизматҳо, бахусус маҳсулоти хӯроквории ба бозори беруна дар муносибат бо мамлакати истеҳсолкунандаи он мебошад. Албатта маҳз ҳамин мафҳум метавонад фазои заминавии фаҳмиши илмии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашударо таъмин намояд. Зеро дар баробари содир намудани маҳсулоти саноати хӯрокворӣ аз рӯи баъзе ақидаҳо, бояд сараввал бозори дохилии кишвар аз маҳсулоти хӯрокворӣ пурра таъмин

буданро тақозо менамояд. Аммо дар сиёсати содиротии як қатор мамлактҳои хориҷаи рушди саноатидошта, ин тақозо ба таври дигар дарҷ гардидааст. Дар таҷрибаи мамолики хориҷӣ, аз ҷумла, ИМА ва як қатор давлатҳои ИА дар сиёсати аграрии худ, қариб 30% маҳсулоти картошкаи истеҳсолшуда тавассути механизми маркетингкунонӣ, яъне маҳсулотро ба занҷираи коркард, нигоҳдорӣ, борҷомакунӣ, ҳамлу нақл ва ба фурӯш баровардан ворид намуда, аз он номгӯи зиёди маҳсулоти хӯрокворӣ ба содирот нигаронида мешавад.

Дар як қатор мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, ҳатто агар истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ (картошка, биринҷ, лубиёдонагӣ ва ғ.) дар мамлакат ба сари ҳар як нафар аҳолӣ ба таври нокифоя истеҳсол шавад ҳам, тавассути татбиқи сиёсати протексионистӣ ин номгӯйи маҳсулоти ғизоиро содир намуда, 20-35% маҳсулоти истеҳсол намудаи худро ба занҷираи коркарду борҷомакунӣ ё қуттикунонӣ, нигаҳдорӣ, логистика ва ба мавзеъҳои махсуси даромади зиёддошта ба фурӯш мебароранд [13,с.84].

Маълум мегардад, ки таҳқиқотҳои илмии муосир, барои дарки дурусти истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, масъалаи пурра қонеъ гардонидани талаботи бозори ватанӣ бо маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ҳамчун талаботи аввалиндараҷа нест. Ба назари мо, новобаста аз сатҳи таъминоти бозори дохилӣ, истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯрокворӣ, бояд дар асоси сиёсати воридотивазкунӣ ва инчунин, диверсификатсияи савдои беруна бо назардошти оқилона истифодабарии захираҳои иқтисодӣ-истеҳсолӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ҷиҳати истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ дар бозорҳои беруна таҳия карда шавад.

Ба ақидаи Колеснев И.В. содирот нигаронӣ дар асоси идоракунӣ ва масъулиятнокии воҳидҳои институтсионалӣ, фаъолияти оқилона истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-технологӣ бо мақсади истеҳсол ва савдои маҳсулот ба бозорҳои беруна мебошад [5,с.147].

Қайд кардан бо маврид аст, ки маънии асосии содирот нигарониро дар адабиёти иқтисодии муосир, маҳз оқилона истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, иқтисодӣ-молиявӣ ва инчунин, илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳия сиёсати содиротивазкунии маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, шуруъ аз стратегияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи худи корхонаҳои саноат ва инчунин, соҳаи саноат ва иқтисоди миллӣ, маҳз ҳамин унсурҳо ба эътибор гирифта мешавад. Ҳангоми таҳияи стратегияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, рушди устувори корхона дар мавҷудияти захираҳои номбаргардида зоҳир мегардад. Ҳамзамон, натиҷаи оқилона истифодабарии ин гуна захираҳои иқтисодии корхона бо таваҷҷуҳ ба талаботҳои бозори беруна, аз ҷумла, сатҳи баланди рақобатпазирӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, дастрасии ашёми хоми саноатӣ, тиҷорати озод ва инчунин, маркетингу логистика алоқамандӣ дорад. Агар дар сатҳи макроиқтисодӣ тасаввур намоем, пас маълум мегардад, ки фаҳмиши истесҳолоти ба содирот нигаронидашуда, ба нишондиҳандаҳои иқтисодии сатҳи микро ва макроиқтисодӣ алоқамандӣ ва вобастагии калон доранд.

Истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, истифодабарии иқтидори содиротӣ ва бартариятҳои рақобатпазирии истеҳсолотро бо назардошти таммоюлҳои умумиҷаҳонӣ ва вазъи иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар худ таҷассум менамояд [7,с.233].

Бо назардошти унсури асосии фаҳмиши оммавии содирот, ки асоси онро раванди аз сарҳад ва ё аз низоми гумрук убур карданро дар бар мегирад, содироти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ низ яке аз равандҳои муҳимми густаришдиҳандаи ҳамгироии иқтисодии берунмарзӣ мебошад. Гузашта аз ин, дар ингуна маънидод намудани фаҳмиши илмии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, маҳз бартариятҳои рақобатпазирии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат ва дастрасии маълумотҳои фаврии вазъи бозори ҷаҳонӣ мавқеи калидӣ дорад, ки алоқамандӣ ва вобастагии якчанд фаъолияти иқтисодиро-истеҳсоли маҳсулот, сатҳи рақобатпазирӣ, мавқеи назаррас дар бозори хориҷӣ ва инчунин, либерализатсияи савдои саноати хӯрокворӣи ватаниро тавсиф медиҳад. Ба назари мо, барои он, ки мамлакат имконияти даромади иқтисодиро аз иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат пайдо намояд, бояд он аввалан захираҳо зарурии содиротиро дошта бошад ва иқтидори дар бозорҳои хориҷӣ фурӯхтани онро бо мақсади

пайдо ва ворид намудани асъори хориҷӣ ба иқтисодиёти ватанӣ дошта бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тафриқаи зиёди ҳаҷми воридот нисбат ба ҳаҷми содироти маҳсулоти саноати хўрковорӣ, соли 2016 Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 таҳия гардида ва соли 2017 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» ба тавсиб расида буд. Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ феҳристи молҳои содиротӣ, паҳлуҳои институтсионалӣ, принсипҳо, мақсадҳо ва инчунин, механизми танзими фаъолияти содиротӣ дар Тоҷикистон шарҳу тафсир гардидааст. Аммо дар бораи мафҳуми истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, мушаххас дарҷ нагардидааст, аз ин сабаб вазъи иқтисодӣ, захираҳои иқтисодии мавҷудаи корхонаҳои саноати хўроквории мамлакат, ба назари мо, мафҳуми истеҳсолоти ба содирот нигаронидаро, ба хусус маҳсулоти саноати хўроквории мамлакатро чунин маънидод намудан мувофиқи мақсад мебошад: *истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда маҷмуи чораҳои махсуси давлатии ҳамоҳангкунандаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тавассути оқилона истифодабарии захираҳои иқтисодӣ ва илмӣ-технологӣ бо мақсади таъсиси сиёсати алоҳидаи содироти маҳсулоти хўрокворӣ мебошад.*

Чунин маънидод намудани мафҳуми истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, метавонад фазои илмию таҳқиқотии таъмини истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи фаъолияти корхонаҳои саноати хўроквории мамлакатро васеъ намуда, ҳамзамон, ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат, бахусус таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, заминаҳои илмию назариявӣ гузорад. Ҳамзамон, бо дарки дурусти мафҳуми илмии пешниҳодгардидаи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, заминаҳои институтсионалии таҳия ва ташаккули фаъолияти корхонаҳои саноати хўроквории мамлакат дар самти таҳияи барномаҳои махсуси соҳавӣ, ҷиҳати тавсеаи гардиш ва савдои озоди маҳсулоти саноати хўрокворӣ, тақвияти истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва инчунин, воридотивазкунандаи соҳа, диверсификатсияи содироти маҳсулоти корхонаҳои соҳа ва ниҳоят беҳтар гардонии фазои сармоягузории истеҳсолоти корхонаҳои саноати хўроквории мамлакат пайдо мегардад.

Ошкорсозии маънии илмӣ ва ҷанбаҳои назариявии мафҳуми истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хўроквории мамлакат имкон медиҳад, ки чунин хусусиятҳои мавҷудаи онро ҷудо намоем:

1. Нуқтаи ниҳоии давраи технологии фаъолияти корхонаҳои саноати хўрокворӣ ошкор гардида, ҳангоме, ки раванди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда нисбати дигар категорияҳо фарқияти калон дорад. Аз ҷумла, мафҳуми классикии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи пешниҳод гардида, фаъолияти ҳамоҳанг гардидани воҳидҳои институтсионалӣ, ба монанди меҳнат, сармоя, маҳсулот, хизматро ҷиҳати таҳияи сиёсати ягонаи содирот шарҳу тавсиф медиҳад.

2. Мафҳуми пешниҳодгардида, нишонаҳои асосии хусусиятҳои хосси соҳавӣ, омилҳои рушди истеҳсоли маҳсулоти хўрокворӣро дар сатҳи микро- ва макроиқтисодиёт маълум менамояд. Новобаст аз ин, бояд фаъолшавии рақобатпазирии дохила бояд ба эътибор гирифта шуда, мувофиқати арза ва тақозо, инчунин, оқилона истифодабарии захираҳои иқтисодӣ ҷиҳати устуворгардонии мавқеи истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ таъмин карда шавад;

3. Мафҳуми пешниҳодгардида, мақсади асосии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи корхонаҳои саноати хўроквории мамлакатро муайян намуда, интихоби методикаи идоракунӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хўроквории рақобатпазири соҳаро асоснок менамояд. Барои ҳамин, ба сифати маҳакаи асосӣ мо, оқилона истифодабарии захираҳои иқтисодӣ ва илмӣ-технологиро ҷой намудем. Зеро таъмини истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, бояд ҳатман аз самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, иқтидори истеҳсолӣ, воситаҳои молиявӣ ва илмӣ-технологӣ сарчашма гирифта, рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати хўроквории мамлакатро дар бозорҳои ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд.

Сиёсати ҳавасмандгардонӣ ё мусоидати истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, саноатикунонии иқтисодиёти миллиро тавассути интесификатсияи истеҳсолот, диверсификатсияи савдо ва афзоиши иқтидори содиротии мамлакатро бо назардошти

субсидиякунонии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ тавсеа медиҳад. Бояд қайд намуд, ки субсидиякунонии зиёд низ, наметавонад ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ таъсир расонад, чуноне, ки пастшавии нархи маҳсулоти хӯроквории содиротшаванда ва зиёдшавии ҳаҷми талабот ба онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҳангоми субсидиякунонии барзиёд ба баландшавии арзиши мубодилавии асъори ватанӣ оварда мерасонад. Ниҳоят чунин ҳолат метавонад, суръати афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти саноати хӯроквории ватаниро ҳангоми баланд гардидани нархи маҳсулоти ватанӣ нисбат ба нархи маҳсулоти хӯроквории хориҷӣ боз дорад. Дар натиҷа, мақсади асосии таъмини истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ моҳияти худро гум мекунанд.

Вобаста ба таҳқиқи паҳлуҳои илмию назариявии таъмини истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯроквории мамлакат, ҳамзамон, дар шароити имрӯзаи пуртаззоди иқтисодиёти ҷаҳон, бахусус ғайричашмдошт тағйир ёфтани вазъи бозорҳои озуқаворӣ ҷаҳонӣ, лапиши арзиши асъори хориҷӣ дар муомилоти пулӣ-қарзии мамлакат ва инчунин, маҳуд гардидани дастрасии ашёи хом барои истеҳсолоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мамлакат, чунин омилҳои асосии сиёсати мусоидаткунии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯрокворииии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷудо намудан мумкин аст:

**Расми 1. Омилҳои асосии таъмини истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯрокворӣ Тоҷикистон**

**Figure 1. The main factors of ensuring export-oriented production of the food industry of Tajikistan**




Барои таъмини натиҷаҳои самараноки сиёсати ҳавасмандгардонии содирот ва сиёсати коҳишдиҳии воридотивазкунандаи маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, омилҳои зиёди гуногунаҳаммият вуҷуд дорад, ки муҳимми онҳоро чунин тафсир намудан лозим аст. Таҳия ва татбиқи сиёсати ҳавасмандгардонии содироти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, истифодаи методҳои давлатии мустақим ва ғайримустақимро тақозо менамояд. Бахусус ҳангоме, ки сиёсати воридотивазкунанда бештар ба методҳои мустақими (маъмурии) танзими давлатӣ-назорати асъори хориҷӣ, квотаҳои содиротӣ, тақсимоти маъмурии захираҳои молиявӣ ва моддӣ такя менамояд. Истифодаи методҳои мустақими танзими давлатӣ ба нархи маҳсулоти хӯрокворӣ таъсир расонида метавонад. Дар ин маврид, истифодаи методҳои ғайримустақими танзими давлатии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, зарур мегардад.

Дар раванди гузаронидани сиёсати ба содирот нигаронидашудаи истеҳсолоти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, корхонаҳои ватанӣ кӯшиш менамоянд бештар маҳсулоти худро ба бозорҳои хориҷӣ бароранд. Албатта дар он бозорҳо вобаста ба омилҳои таҷдиди технологии истеҳсолот ва инчунин, сифатнокии маҳсулоти хӯрокворӣ сатҳу талаботҳои рақобатпазирии баланд зарур аст. Ин омил истеҳсолкунандагони ватаниро водор менамояд, ки барои рақобатпазир гардидан, дар истеҳсолоти худ мунтазам таҷдиди технологӣ ва инчунин, таъмини сифати баланди маҳсулоти хӯроквориро таъмин намоянд. «Татбиқи чораҳои ҳавасмандгардониҳои иқтисодиёти ба содирот нигаронидашуда, равишҳои гуногунпаҳлуи рушди истеҳсолти ватаниро тақозо менамояд. Дар низоми чунин равишҳо, мавқеи калидиро диверсификатисияи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва дигар маҳсулоти истеъмолӣ касб менамояд» [1,с.68].

Дар қатори дигар омилҳои асосии таъмини истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯроквории Тоҷикистон, ки дар асоси протексионизми содиротӣ ҳавасмандиҳои гуногунро (давлатӣ ва хусусӣ) коҳиш дода, барои савдо маҳсулоти хӯрокворӣро дар бозорҳои дохилӣ таъмин менамояд. Гарчанде, протексионизми содиротӣ бо мақсади ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ равона гардида бошад ҳам, лекин дар маҷмуъ, нархи баланди маҳсулоти хӯрокворӣ дар бозори дохилӣ нисбат ба нархи бозорҳои хориҷӣ, ҳаҷм ё сатҳи ҳавасмандиҳо ва ё маҷмуи чораҳои мусоидаткунандаи содироти истеҳсолоти ватаниро барои содироти маҳсулоти онҳо монеа мегардад.

Натиҷаи сатҳи баланди протексионизми содиротӣ ҳангоми татбиқи сиёсати воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ба таъсисёбии содироти пинҳонӣ замина гузошта, иқтисодиёти ниҳонӣ тақвият меёбад. Албатта ин омил натиҷаҳои мусбиро барои ғанигардонии хазинаи давлатӣ таъмин намуда, чораҳои давлатии ҳифзи манфиатҳои молистеҳсолкунандагони ватанӣ бе натиҷа мемонанд.

Тамоюлҳои беқурбшавии асъори миллӣ ҳамчун натиҷаи бозори молиявии рушднаёфта ва назорати давлатии меъёрҳои фоизи қарзии мамлакатҳои сиёсати воридотивазкунии маҳсулоти хӯрокворӣро ихтиёр намуда, ҷалби пасандозҳои хоҷагиҳои хонаводагиро монеа гардида, як сарчашмаи нави беқурбшавии асъори миллӣ мегардад. Аниқтараш, омили беқурбшавии асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷие, ки ҳамчун асъори мубодилаи маҳсулоти хӯрокворӣи содиротӣ истифода мегардад, яке аз таъсиррасонҳои пурҳассос ва мураккаб маҳсуб меёбад.

Дар шароити имрӯза ҳаҷм ва суръати афзоиши иқтидори содиротии мамлакат низ ҳамчун нишондиҳандаи иқтидори қарзгирии мамлакат дар муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Имкониятҳои мамлакат чӣ дар вобаста будан аз бозори беруна ва чӣ ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бештар аз ҳамин нишондиҳанда вобаста мебошад. Тавре таҷриба нишон медиҳад, фарқияти асосӣ байни давлатҳои дорои қарзи беруна ва мамлакатҳои аз қарзҳои беруна истиҳола намуда, на дар ҳаҷми қарзи беруна нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, балки дар муносибати ҳаҷми қарзи беруна нисбат ба ҳаҷми содирот дида мешавад. Мутаносибан, сиёсати ба содирот нигаронидашудаи истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ, ки таъминкунандаи суръати баланди содирот ва воридоти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ мебошад, имкониятҳои зиёди ҷалби сармоягузориҳои муҳимми хориҷиро ҷиҳати рушди иқтисодиёти миллӣ фароҳам меоварад. Маҳз барои ҳамин, ба таври назариявӣ сиёсати воридотивазкуниро ҳамчун сиёсати бетараф нисбат ба савдои хориҷӣ ва сиёсати ҳавасмандгардонии истеҳсолоти маҳсулоти саноати хӯрокворӣи ба содирот нигаронидашуда, фарқ ва арзёбӣ намудан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ҷанбаҳои назариявӣ ва илмии таъмини истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон, паҳлуҳои дигари таҳқиқоти илмиро вобаста ба тарифҳои баланди содиротӣ, аксизҳои содиротӣ, назорати қурби асъори хориҷӣ ва дигар чораҳои маъмурӣ, ки дар таҷрибаи мамлакатҳои рушди саноатидошта истифода мегардад, воситаи ягонаи ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ набудани онҳоро васеъ мегардонад.

Бо мақсади татбиқи ҳадафҳои олии рушди мамлакат, бахусус тавассути саноатикунонии босуръат, барои саноати хӯрокворӣи мамлакат воситаҳои муҳимми ҳимоя ва баландбардории иқтидори рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ҳангоми таҳияи сиёсати мукаммали истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, бо назардошти ба эътибор гирифтани омилҳои муайян карда шуда, ба назари мо коҳишдиҳии хароҷоти трансаксионии соҳибкорон тавассути гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ ва маъмурӣ, бахсус такмили сиёсати иқтисодии ба шароитҳои муосир мувофиқ буда, муҳим мебошад. Нуқтаи назари пешниҳодгардида метавонад ба ҳалли масъалаҳои низоми буҷетӣ-андозӣ, такмили низоми молиявӣ-бонкӣ ва сиёсати монетарӣ, бознигарии савдои хориҷӣ, бахусус коҳишдиҳии протекисонизми содиротӣ ва вусъатбахшии бозорёбии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ, фаъолгардонии бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Комилов С.Ҷ.**

## АДАБИЁТ


1. Алиҷонов Д.А. Диверсификатсияи истеҳсолоти молҳои истеъмолӣ ҳамчун шарти таъмини рушди иқтисодии воридотии ивазкунанда // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. –Душанбе, 2016. -№5(55). -С.68.
2. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «26» ноябри соли 2016, №503.
3. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2020, №293. -С.24.
4. Гусаков В.Г. Оценка состояния и основные направления совершенствования экспортно-импортных отношений в АПК / В.Г. Гусаков // Наука и инновации. – 2011. -№7. -С.27-35.
5. Колеснёв И.В. Повышение эффективности экспортно ориентированных производств пищевой промышленности Республики Беларусь / И.В. Колеснёв; под науч. ред. А.В. Пилипука. -Минск: Институт системных исследований в АПК НАН Беларуси, 2020. -147 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. -№5. -к.1. -мод. 272.
7. Лагун Ю.А. Экспортоориентированность как ключевое направление развития внешнеторговой политики государства. Международные отношения: история, теория, практика: материалы XI науч.-практ. конф. молодых ученых фак. междунар. отношений Белорус. гос. ун-та, Минск, 4 февр. 2021 г. / Белорус. гос. ун-т; редкол.: Е.А. Достанко (гл. ред.) [и др.]. -Минск: БГУ, 2021. -С.233.
8. Махмадизода, Ф.Б. Формирование и развитие региональных агропродовольственных кластеров в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 8. – С. 36-43.
9. Низомова Т.Д. К вопросу оценки инновационного потенциала региона / Т.Д. Низомова // Вестник ТНУ, серия социально-экономических и гуманитарных наук. -Душанбе, 2022. -№1. -С.65.
10. Рахмонов Дж.Р. Инновационная стратегия на предприятиях промышленности Республики Таджикистан: необходимость разработки и выбор / Дж.Р. Рахмонов, М.К. Файзуллоев // Россия: тенденции и перспективы развития. Ежегодник. Вып. 12. РАН ИНОН. Отд. науч. сотрудничества: отв. Ред. В.И. Герасимов. -М., 2017. – ч.1. -С.636-641.
11. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо сокинони деҳоти Ворухи шаҳри Исфара (09.04.2021). Маълумотҳои кушодаи электронии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj.
12. Хушвахтзода, К.Х. Создание регионального агропродовольственного кластера в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 2. – С. 5-12.
13. Ҳасанова Ф.Ш. Ташаккул ва рушди маркетинг дар низоми иқтисодиёти аграрии Тоҷикистон: дисс.н.и.и., аз рӯи ихт. 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ / Ф.Ш. Ҳасанова. –Душанбе, 2022. -С.84.


## ТАКМИЛИ ИСТЕҲСОЛОТИ БА СОДИРОТ НИГАРОНИДАШУДАИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ: ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ


Дар мақола масъалаҳои илмию назариявии такмили истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯроквории Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Мафҳумҳои илмӣ, хусусиятҳо ва инчунин, тафсилоти гуногунпаҳлуи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда дар иқтисодиёти муосир ошкор карда шудааст. Ақидаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти намояндагони мактабҳои гуногунравияи иқтисодии ба масъалаҳои таъмини истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯрокворӣ муайян карда шудааст. Омилҳои асосии таъмини истеҳсолоти ба содирот нигаронидашудаи саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон, дар асоси вазъи бозори хориҷӣ, равандҳои сиёсати савдои хориҷа, сиёсати протексионистӣ ва инчунин, алоқамандии нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва иқтидори содиротии мамлакат гурӯҳбандӣ карда шуда, ба таври муфассал шарҳу тафсил гардидааст. Нуқтаи назари нави илмӣ аз тарафи муаллифон асоснок карда шуда, пешниҳод гардидааст, ки он ба ҳалли масъалаҳои низоми буҷетӣ-андозӣ, такмили низоми молиявӣ-бонкӣ ва сиёсати монетарӣ, бознигарии савдои хориҷӣ, бахусус коҳишдиҳии протекисонизми содиротӣ ва вусъатбахшии бозорёбии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ, фаъолгардонии бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.



**Калдвожаҳо:** содирот, истеҳсолот, саноати хӯрокворӣ, бозор, иқтисодиёт, воридотивазкунанда, назария, таҳқиқот, озуқаворӣ.


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЭКСПОРТООРИЕНТИРОВАННОГО ПРОИЗВОДСТВА ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ: НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ


В статье рассматриваются научно-теоретические вопросы совершенствования экспортоориентированного производства пищевой промышленности Таджикистана. Раскрываются научные понятия, особенности, а также различные детали экспортоориентированного производства в современной экономике. Определены теоретические взгляды и результаты исследований представителей различных экономических школ по вопросам обеспечения

экспортоориентированности производства пищевой промышленности. Основные факторы обеспечения экспортно-ориентированного производства пищевой промышленности Таджикистана сгруппированы и подробно объяснены, исходя из состояния внешнего рынка, процессов внешнеторговой политики, протекционистской политики, а также взаимосвязи между показателями общего внутреннего продукта и экспортного потенциала страны. Авторами обосновывается новая научная точка зрения и предлагается, что она позволит решить проблемы бюджетно-налоговой системы, совершенствования финансово-банковской системы и денежно-кредитной политики, пересмотра внешней торговли, особенно снижения экспортного протекционизма и расширения товарности отечественных производителей на внешних рынках, будет способствовать активизации частного сектора, в том числе малых и средних промышленных предприятий в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** экспорт, производство, пищевая промышленность, рынок, экономика, импортер, теория, исследование, продукты питания.

## IMPROVEMENT OF PRODUCTION FOR EXPORT OF THE FOOD INDUSTRY: SCIENTIFIC AND THEORETICAL ASPECTS

The article deals with scientific and theoretical issues of improving the export-oriented production of the food industry in Tajikistan. Scientific concepts, features, as well as various details of export-oriented production in the modern economy are revealed. Theoretical views and results of research by representatives of various economic schools on the issues of ensuring the export-oriented production of the food industry are determined. The main factors for ensuring the export-oriented production of the food industry in Tajikistan are grouped and explained in detail based on the state of the external market, foreign trade policy processes, protectionist policies, as well as the relationship between indicators of the total domestic product and the country's export potential. The author substantiates a new scientific point of view and suggests that it will solve the problems of the fiscal system, improve the financial and banking system and monetary policy, revise foreign trade, especially reduce export protectionism and expand the marketability of domestic producers in foreign markets, contribute to the activation of the private sector, including small and medium industrial enterprises in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** export, production, food industry, market, economy, importer, theory, research, food products.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Низамова Туҳфамо Давлатовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 934-23-82-20.** E-mail: **tuhfamoh49@mail.ru**
***Шаҳнозаи Содиқ*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллими калон, унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **906-66-66-61.** E-mail: **shahnoza.sodiq@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Низамова Тухфамо Давлатовна*** **-** Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятия и предпринимательства. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 934-23-82-20.** E-mail: **tuhfamoh49@mail.ru**
***Шахнозаи Содик*** **-** Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки, старший преподаватель, соискатель кафедры экономики предприятия и предпринимательства. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **906-66-66-61.** E-mail: **shahnoza.sodiq@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Nizamova Tukhfamo Davlatovna*** - Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 934-23-82-20**. E-mail: **tuhfamoh49@mail.ru**
***Shahnozai Sodik*** - Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki, senior lecturer, applicant at the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova street, 16. Phone: **906-66-66-61.** E-mail: **shahnoza.sodiq@mail.ru**

ТДУ: 330.1

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАВСИФИИ ҶАРАЁНИ ОМОДАНАМОИИ КАДРҲО ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИЁТ

*Ғаниев Т.Б., Искандаров Ҳ.Ҳ., Саломова Р.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар солҳои охир, техникаю технологияҳои ҷаҳони имрӯза бештар тағйир ёфта, инсонҳоро водор ба он намуда истодааст, ки ҳарчи бештар ба сарфакорию сариштакории захираҳои имрӯзаи иқтисодӣ рӯ оварем. Ин дигаргуниҳо, пеш аз ҳама, ҷомеаро водор менамояд, ки аз усулҳои анъанавии кор ва фаъолият даст кашида, ба шаклҳои навини истифодабарии самараноки захираҳо гузаранд. Гузаштан ба шаклҳои навини истифодабарии захираҳо, дигаргуншавии муносибатҳоро дар ҷомеа ба вуҷуд меоварад. Иқтисодиёти рақамӣ низ муносибатҳои одамонро дар асоси шароитҳои махсуси бавуҷудомада, ба монандӣ: дигаргуншавии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, тезтағйирёбии муҳити тиҷорат, тез-тез дигаргуншавии арза ва тақазои бозор, маҳдудияти захираҳо, сиёсати дутарафаи стандартҳо ва ғайра, тағйир медиҳад. Ин тағйирёбиҳо намегузоранд, ки инсонҳо ба як ҳолати муайян мутобиқ гардида, доимо як намуди молу маҳсулотҳоро истеҳсол ё истеъмол намоянд [6,с.44].

Ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки барои ба муносибатҳои навини иқтисодӣ ворид гардидан, мо бояд омодагии ҷиддӣ дошта бошем. Ин тағйирёбиҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт таъсири худро мерасонад. Ба хусус дар соҳаи маориф ва илм, ки омодакунандаи беҳтарин мутахассисон дониста мешавад.

Барои он, ки ҳарчи бештар ба ин шароитҳо мутобиқ гардем, мо бояд, ки беҳтарин мутахассисонро мувофиқ ба талаботҳои замони муосир, яъне иқтисодиёти рақамӣ омода намоем. Ин омоданамоӣ аз мо хароҷотҳои зиёди молиявию моддиро талаб менамояд, вале натиҷаи хуб ба даст меоварад. Мувофиқ ба тадқиқотҳои зиёди илмии олимони соҳа, сармоягузорӣ ба захираҳои инсониро, чанд маротиба боздеҳии онро дар шароити кӯтоҳ кафолат медиҳад [7,с.54].

Дар робита ба ин гуфтаҳо, олимони машҳури соҳа А.А. Федченко ва С.М. Полухина чунин мефармоянд, ки «Омилҳои калидии воридшавӣ ба иқтисодиёти навин, ин маблағгузорӣ ба инсон дониста мешавад. Барои ба даст овардани натиҷаи хуб, дар бахши инкишофдиҳии захираҳои инсонӣ, мо бояд таваҷҷуҳи асосиро барои омоданамоии кадрҳои соҳибтахассус бо ёрии технологияҳои муосир равона созем» [6,с.46].

Болоравии нақши захираҳои инсонӣ дар иқтисодиёти муосир чорабиниҳои ҳамаҷонибаи давлатро нисбати сиёсати кадрӣ дигар намуда, дар ҳама соҳа талаботҳои махсуси худро талаб мекунад. Ташаккулдиҳӣ ва инкишофи захираҳои инсонӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аз усулҳо ва воситаҳои инкишофдиҳии захираҳои инсонӣ сарчашма мегирад.

Доираи васеи категорияҳои илмҳо оид ба меҳнат мавҷуд аст, ки инсонро – ҳамчун унсури зарурии фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ мешуморанд. Асосҳои бунёдии консепсияи сармояи инсонӣ дар пажуҳишҳои муассисони назарияи классикии иқтисодӣ В. Петти, А. Смит, Д. Рикардо оварда шудаанд. Онҳо аввалин шуда, ин сармояи асосии истеҳсолоти ҷамъиятиро мавриди омӯзиш қарор доданд ва оид ба аҳаммияти қувваи корӣ, қобилияти инсон ва таҳсилоти он, дар афзоишёбию рушди иқтисодиёти миллӣ ва даромади аҳолии он ақидаҳои худро пешниҳод намуданд, ки то ҳол арзиши илмии худро гум накардаанд.

Аввалин фаҳмишҳоро В. Петти оид ба гурӯҳи «қувваҳои фаъоли ҷомеаи инсонӣ» [10,с.6] дар илм ҷорӣ кард ва ӯ аввалин таҳқиқҳоро оид ба сармояи инсонӣ ва идоранамоии он анҷом додааст. Вай дар заминаи моликияти миллии кишвар омили муҳимтарини афзоиши молу мулки давлатҳоро медид ва аз тарафи дигар, қисми ҷудонашавандаи онро мегузошт. Ба ақидаи ин олим «сармояи инсонӣ ягона сармояест, ки воситаи асосии истеҳсолот маҳсуб ёфта, инчунин, ташкилкунанда ва идоракунандаи давлат ба ҳисоб меравад» [10,с.14].

Яке аз ибораҳои устувор бо истилоҳи «кадр» «омоданамоии кадрҳо» мебошад, ки дар он мафҳуми «омоданамоӣ», пеш аз ҳама, хусусияти пешгирикунанда дошта, дар заминаи фаъолияти пешакӣ ё раванди таълим шарҳ дода мешавад [16]. Мулоҳизаҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки «омоданамоӣ» ба маънои васеи ин калима ташаккул додани таркиби миқдорӣ ва сифати коргаронро дар доираи системаи муайяни иқтисодӣ барои имконияти фаъолияти самараноки он ифода мекунад. Дар айни замон, комилан мувофиқи принсипи синергетикии консепсияҳои илмӣ дар иқтисодиёти рақамӣ, истилоҳи «омоданамоии кадрҳо» ҳам ба сабаби таҳаввули илми иқтисоди меҳнат ва ҳам мазмуни мураккаби дохилии он маънои амиқтар дорад.

Рақамикунонӣ, чунон ки олимон Метляхин А.И., Никитина Н.А., Яргина Л.В., Орлова Э.О. қайд карданд, ба тамоми унсурҳои раванди меҳнат таъсири назаррас расонидааст [1]. Ба зуҳуроти барҷастатарини муносибатҳои истеҳсолӣ ва меҳнатии муосир табдил додани шуғли аҳолӣ дар бахшҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии иқтисодиёт, афзоиши ҷойҳои кории роҳбарикунанда ва техникӣ, табақабандии сохтори касбии мутахассисони баландихтисос ва дигар мутахассисон, тағйиротҳо дохил мешаванд. Дар ҳавасмандгардонии меҳнат ва системаи ба кор қабул кардани коргарон, рушди шаклҳои тағйирпазири шуғл ва фаъолияти интеллектуалӣ-эҷодӣ дида мешавад [9,с.28]. Мутобиқи ин тағйирот, бояд низоми омодасозии кадрҳо ҳам аз ҷиҳати беруна – таъмини бозори меҳнат бо мутахассиси дорои салоҳияти рақамӣ ва ҳам дар дохили он – худи раванди таълим бо истифода аз технологияҳои инноватсионии рақамӣ модернизатсия карда шаванд.

Пандемияи коронавируси COVID-19 ба суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии системаи таълими кадрҳо таъсири назаррас расонид Дар шароити ба таври оммави маҷбуран баста шудани корхонаю муассисаҳо, кормандон ба зарурати аз худ намудани дониш, малака ва таҷрибаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ё навсозии онҳо дучор шудаанд. Талабот ба барномаҳои дахлдори таълимӣ, бозомӯзӣ ё курсҳои такмили ихтисос, аз ҷумла дар формати омӯзиши онлайн афзоиш ёфт. Ба рушди бозори хизматрасониҳои таълимии рақамӣ аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои истеҳсолӣ ва меҳнатӣ, аз мақомоти давлатӣ то кормандони алоҳида таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Дар баробари ин, системаи омодасозии кадрҳо ба чунин якбора зиёд шудани талабот ба мутахассисон барои иқтисодиёти рақамӣ, аз ҷумла аз сабаби мавҷуд набудани заминаи ҳамбастаи назариявӣ ва методологӣ, ки имкон медиҳад хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии иқтисоди рақамиро асоснок кунада, омода набуд.

Давраи нисбатан кӯтоҳи рақамикунонии иқтисодиёт, ки дар солҳои 90-уми асри XX оғоз ёфта, ҳанӯз имкон надод, ки муносибати систематикӣ ба истифодаи ҷараёни таълим дар шароити нави истеҳсолот ташаккул ёбад. Аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардан, ба низом даровардан ва инкишоф додани ҷараёни таълим бо назардошти хусусиятҳои рақамкунонии фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ва муносибатҳои истеҳсолию меҳнатӣ мақсади асосии иқтисодиёти имрӯза мебошад.

Асоси методологии ҷараёни ташаккул, тарбия ва тақсимкунии захираҳои инсониро метавон назарияи арзиши меҳнат ҳисоб кард, ки дар асарҳои классикони иқтисоди сиёсӣ ба монанди В.Петти, А.Смит, Д. Рикардо, К.Маркс ва Ф.Энгельс, ки асоснокии илмии мафҳуми «қувваи корӣ»-ро пешниҳод кардаанд. Инчунин, дар доираи ин назария С.Г. Струмилин, Л.И. Меншиков ва Л.С. Бляхман мафҳумҳои «захираҳои меҳнатӣ» ва «иқтидори меҳнатӣ»-ро тартиб додаанд.

Назарияи гуногун оид ба меҳнат аз он далолат медиҳад, ки асоси ҳар як фаъолияти истеҳсолӣ меҳнати шахс буда, қобилиятҳои меҳнатии фарди ӯ, неруи меҳнатии ӯро ташкил медиҳанд, ки дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ба амал меояд. Лаҳзаи асосии ин давра дар рушди илм тағйирёбии ақидаҳо дар бораи шахс ҳамчун субъекти иқтисодиёт, дорои талабот ва манфиатҳои муайян дар соҳаи меҳнат дониста мешавад.

Дар марҳалаи минбаъда олимон Т.Шултс ва Г.Беккер, эътирофи нақши аввалиндараҷаи инсонро дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ афзалиятнок гардонидаанд. Онҳо муносибати иқтисодиро ба рафтори инсон асоснок карда, сармояи инсониро ҳамчун захираи дониш, малака ва ангезаҳои барои ҳар як фард дастрас донистанд. Ин сифатҳои арзишманд, ки модарзодӣ ё ба даст оварда шудаанд, ба гуфтаи олимон, метавонанд

тавассути сармоягузории мувофиқ (аз ҷумла, таҳсилот, таҷрибаи касбӣ, ҳифзи саломатӣ ва ғ.), ки ба интиқолдиҳандаи онҳо имкон медиҳанд, ки даромад гиранд [15].

Мувофиқи ақидаи донишманд С. Фишер, «Сармояи инсонӣ ин андозае мебошад, ки вуҷуди одамонро фаро гирифта, даромад меорад. Сармояи инсонӣ дар худ истеъдоду қобилиятҳои модарзодӣ ва донишу маҳорате дорад, ки дар вақти зиндагонӣ ҳар як инсон онро дар худ пайдо месозад» [14,с.23].

Ба ақидаи Э. Денисон: «Омили асосии баландбардории ҳосилнокии меҳнати ҳар як корманд ин дараҷаи маълумотнокии ӯ буда, онро ҳамчун қисми таркибии сармояи инсонӣ бояд шинохт» [8,с.11].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки сармояи инсонӣ ба яке аз категорияҳои муҳимми иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ табдил ёфта, имрӯзҳо донишмандон онро ҳамчун сармояи фардӣ, сармояи инсонии ширкатҳо ва ҳатто миллату давлатҳо ҷудо менамоянд.

Барои таъмини фаъолнокии сармояи инсонӣ дар ҷараёни истеҳсолӣ ва тиҷорату хизматрасониҳо моро зарур аст, ки сармоягузориҳои стратегии дарозмуддатро дар бахши рушди неруи зеҳнии инсонӣ равона намоем. Ин равишро бо роҳи додани маълумоти олии касбӣ ва таълимоти бефосилаи касбӣ – электронӣ тарбияи хуби ахлоқӣ гирифтани инсоният, рушди пайвастаи соҳибкориву ҳунармандӣ, ТТИИЭ, ташаккули пешвоӣ, таъмини бехатарии фаъолияти касбиву ҳунарӣ ва муҳити озоди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву санъати волои инсонӣ муҳайё созем [2,с.158].

Ин идеяро инкишоф дода, В.Н. Белкин ва Н. Белкин мафҳуми сармояи инсониро ҳамчун иқтидори амалишудаи меҳнатии корманд, ки даромад меорад, таъриф менамоянд. Иқтидори меҳнатӣ, қайд мекунанд олимон, дар асоси маълумотҳои табиӣ (қобилиятҳо), маълумот, тарбия, таҷрибаи ҳаёт ташаккул ёфта, дар меҳнат истифода бурда мешавад. Дар баробари ин, муаллифони консепсия шомил шудани хароҷоти омӯзишӣ ба мафҳуми сармояи инсонӣ дар баробари ҷузъҳои дигарро камбуди равиши методологӣ ба ин падидаи печида, на тавсифӣ, балки таҳлилӣ медонанд.

Консепсияи фаъолияти зеҳнӣ, ба гуфтаи Э.О. Стрижак дар рушди худ панҷ марҳиларо (аз идоракунии захираҳои инсонӣ то идоракунии дониш) тай намуда, ба мафҳуми «сармояи зеҳнӣ» асос ёфтааст [5,с.17]. Яке аз аввалин таърифҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ин категорияи иктисодиро Л. Эдвинсон ва М. Мэлун дода, хусусияти ғайрианъанавии баҳодиҳии онро таъкид намуда, дар таркиби худ сармояи инсонӣ (*human capital*) ва сармояи сохториро (*structural capital*) таъкид кардаанд. Аз нуқтаи назари ин олимон, якум дониш, малака ва маҳорати кадрҳоро барои иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ ва дуюм – маҷмуи шартҳои ташкилие, ки ба кормандон имкон медиҳанд, ки ин вазифаҳоро амалӣ намоянд, пешниҳод намуд [13,с.15].

Дар илми муосир мафҳуми «идоракунии кадрҳо» ба як соҳаи алоҳидаи тадқиқот табдил дода шудааст, ки ҳадафи он «қонеъ гардонидани талаботи корхона ба кадрҳои миқдор ва сифати муайян бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии фаъолияти он» дониста мешавад.

Асоси методологии ин самти тадқиқотро дар тарбияи кадрҳо метавон рушди «мактаби муносибатҳои инсонӣ» ё «мактаби кадрҳо» донист, ки ибтидои он Э. Майо, Ф. Ретлисбергер ва П. Фолле буданд. Хизматҳои онҳо аз ташаккул ва татбиқи психотехника (технологияҳои интихоби кадрҳо), омӯзиши рафтори инсон дар идоракунӣ, муносибати байни хусусиятҳои психофизиологии шахс ва кори ӯ, робитаҳои ғайрирасмӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ, муҳити психологӣ дар корхона дониста мешавад. Дар робита ба масъалаҳои тарбияи кадрҳо, назарияи муносибатҳои инсонӣ «иқтидори иҷтимоӣ»-ро ҳамчун «маҷмуи системавии қобилият ва қобилиятҳои шахс, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва умуман ҷомеа, ки дар натиҷаи амалҳо, муносибатҳои мутақобила ва муносибатҳои онҳо ташаккул меёбанд, муайян кардааст. Яъне, иқтидори иҷтимоӣ танҳо вақте ба амал меояд, ки эҳтиёҷоти дохилии фард ба самти иҷтимоии чунин худтаъминкунӣ, аз ҷумла дар раванди фаъолияти меҳнатӣ табдил ёбад.

Ҷаҳонишавӣ ва иттилоотикунонии иқтисодиёт боиси пайдоиши технологияҳои нави шабакавӣ, ҳамкории шабакавӣ ва назарияи шабака гардид. Дар робита ба раванди таълим, назарияи шабакавӣ соҳаи менеҷментро, аз ҷумла ҳамчун объекти таъсиррасонӣ, иқтидори иттилоотӣ ва сармояи иҷтимоӣ - шаклҳои мушаххаси шабакаҳои иттилоотии

ҷаҳонии муосир хеле васеъ кардааст. Бо истифода аз таърифи Ҷ.С.Коулман метавон гуфт, ки сармояи иҷтимоӣ ҳам объект ва ҳам воситаи шабакаҳои иҷтимоии воқеӣ ва виртуалӣ мебошад, ки муносибатҳои нави байни иштирокчиёни раванди меҳнатро ташкил медиҳанд.

Раванди рақамикунонӣ тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиро тадриҷан тағйир медиҳад ва ҷараёни таълим низ аз ин ҷараён дар истисно нест. Тағйироти глобалии соли 2020, ки бо оқибатҳои паҳншавии коронавирус алоқаманд аст, таъсири технологияҳои рақамиро ба фаъолияти меҳнатии одамон хеле зиёд намуда, мафҳумҳои «таълими фосилавӣ»-ро устувор гузоштанд. Асосноккунии илмии ин равияҳо дар давраи ибтидоӣ қарор дорад, вале аллакай маълум аст, ки ин як қабати бузурги дониш аст, ки бояд дарк ва ба таври мунтазам таҳлил карда шавад.

Хусусиятҳои фарққунандаи иқтисоди рақамӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ, молҳо ва хизматҳои электронӣ, тиҷорати шабакавӣ ва дороиҳои рақамӣ мебошанд, ки воқеияти нави иҷтимоию фарҳангиро ташкил медиҳанд. Аммо ин хусусиятҳо мазмуни дохилии муносибатҳои истеҳсолӣ ва меҳнатиро, ки дар шароити рақамикунонӣ ба миён меоянд ва фаъолияти институтҳои иқтисоди рақамиро таъмин мекунанд, инъикос намекунанд. Ин маънои онро дорад, ки иқтисодиёти меҳнат, бояд барои системаи категорияи он ҳам иқтисодиёти рақамӣ ва ҳам хусусиятҳои асосии унсурҳои он, аз ҷумла раванди таълим консепсияи мувофиқ пайдо кунад.

Мафҳуми тарбияи кадрҳо дар адабиёти муосири иқтисодӣ аз ду мавқеи асосӣ – ҳамчун раванди давомдори вақт ва ҳамчун объекти захиравии фаъолияти истеҳсолию иқтисодӣ баррасӣ мешавад.

Мафҳуми «таъминамоии кадрҳо» бори аввал соли 1987 аз ҷониби Т.Де Марко ва Т.Листер ба муомилоти илмӣ ворид карда шуда, проблемаи омили инсониро аз нуқтаи назари таъсири он ба таҳияи маҳсулоти нармафзор баррасӣ кардаанд [16]. Дар ин замина хусусиятҳои раванди таълим ба муносибати дуюм ба моҳияти ин консепсия мувофиқат мекунад, ки онро бо дигар унсурҳои таъминоти захиравии фаъолияти истеҳсолӣ пайваст мекунад.

Вазифаи ҷудонашавандаи ҷалби кормандон ва кор бо онҳо дар корхонаҳо ин таъсири мақсаднок ва раванди таълим дониста мешавад. Мақсади асосии он ташаккули захираҳои меҳнатии ташкилот мебошад, ки талаботи онро ҳам аз ҷиҳати миқдорӣ ва ҳам аз ҷиҳати сифатӣ пурра қонеъ гардонад.

Вобаста ба ин, ташаккули системаи тайёрии кадрҳо на аз лаҳзаи ба кор қабул кардани мутахассисон, балки дар давраи таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ оғоз ёфта, то анҷоми фаъолияти меҳнатии онҳо идома меёбад. Аз ин рӯ, барои фаъолияти самараноки ин низом механизми мутаносиби ташкилию иқтисодии ҳамкории низоми маориф ва субъектҳои институтсионалии бозори мол, аз ҷумла мақомоти иҷроия, истеҳсолкунандагони мол ва иншооти инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ зарур аст.

Асоси назариявии баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии системаи омодасозии кадрҳо, захираҳои инсонӣ, сармояи инсонӣ, иқтидори инсонӣ ва унсурҳои сохтории онҳо мебошад. Онҳо ҷараёнҳои воридотии ҷисмонӣ ва зеҳнии системаи таҳлилшударо ташкил медиҳанд, дар ҳоле ки маҳсулот аз ҷониби маҷмуи шахсони дорои салоҳияти муайяни касбӣ (дониш, малака, қобилият) ва дараҷаи муайяни татбиқи онҳо (тахассус) ташаккул меёбад.

Истилоҳоти ин мафҳумҳои илмӣ мураккаб буда, шарҳи якхела надоранд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба мо имкон медиҳад, ки мафҳуми асосӣ, ибтидоии системаи тайёр кардани кадрҳо (иқтидори инсонӣ) мебошад, ки дар доираи истеҳсолот бо захираҳои инсонӣ ва имконияти истифодаи онҳо дар сектори воқеии иқтисодиёт дониста мешавад. Фаъолияти ҳақиқии меҳнатии коргарон, ки ба мақсади васеъ намудани такрористеҳсолот ба кор андохтани захираҳои меҳнатии онҳо имконият медиҳад, аз самаранок истифода бурдани сармояи инсонии истеҳсолкунандагони мол шаҳодат медиҳад.

Аз нуқтаи назари иқтисодиёти меҳнат, иқтисодиёти рақамӣ намудҳои нави фаъолиятҳои меҳнатиро пешниҳод мекунад, ки дар соҳаҳои гуногуни дорои хусусияти

истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва маҳсулоти онҳо амалӣ карда мешаванд. Аз ин нуқтаи назар шароити рақамисозӣ дар хусусияти истифодаи захираҳои инсонӣ ва механизми муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ дар бозори меҳнат, ки бо истифода аз захираҳои шабакавӣ амалӣ карда мешавад, зоҳир мегардад.

Дар иқтисодиёти рақамӣ на танҳо муҳит, балки худи мазмуни кор, рӯйхат, тартиби амалҳо ва амалиёти меҳнатӣ низ тағйир меёбад. Қобилиятҳои зеҳнӣ ва маърифатии шахсият ба мадди аввал мерасанд ва технологияҳои рақамӣ дараҷаи робитаи мутақобила ва мубодилаи эҷодиро байни ҳамаи субъектҳои алоқаи иттилоотӣ баланд мебардоранд. Фаъолиятҳои меҳнатии инсонҳо торафт бештар хусусиятҳои илмӣ, коллективӣ ва умумиҷаҳонӣ ба худ касб карда истодааст, ки ин боиси дигаргуниҳои амиқи сифати сармояи инсонӣ мегардад. Маълумотнокии рақамӣ ва салоҳияти рақамӣ на танҳо хусусияти асосии кормандон, балки ба як унсури зарурати ҳаётии фарди муосир табдил меёбанд. Дар баробари ин, миқёс ва мураккабии истифодаи онҳоро қобилиятҳои маърифатии фард маҳдуд намуда, маҳорати коркарди маҳсулоти нармафзори камёфтро, нодиртарин неъмате медонанд, ки метавонад фаъолияти зеҳнии инсон онро ба вуҷуд оварад.

Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, тайёр кардани кадрҳо, зинаи нави баландтари таъминоти захираҳо - интеллектуалӣ ва кадрӣ дониста мешавад, ки ин аз ҳисоби мунтазам васеъ шудани вазифаҳо вобастагӣ дорад. Он маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманди дорои хусусияти ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, тадбирҳоеро ташкил медиҳад, ки аз ҷониби роҳбарияти корхона амалӣ карда мешаванд ва ноил шудан ба ҳадафҳои субъекти хоҷагидорӣ, ташаккул ва истифодаи самараноки кадрҳо ва имкониятҳои зеҳнии он барои таҳкими равандҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъекти иқтисодӣ дониста мешавад.

Ҷамъбасти гуфтаҳои боло, барои мақсади тадқиқоти мазкур ҳамчун раванди байнисоҳавии ташаккул ва фаъолияти самараноки сармояи инсонӣ фаҳмида мешавад, ки ба мувозинати миқдорӣ ва сифати бозори меҳнат ва субъектҳои он нигаронида шудааст.

Дар баробари ин, маориф ҳамчун зерсистема ва бахши алоҳидаи иқтисодиёт дар раванди тайёр кардани кадрҳо на танҳо дар марҳилаи ба даст овардани донишу малакаҳои ибтидоии касбӣ иштирок мекунад, балки афзоиши неруи кадрии кормандро дар тамоми давраи таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд. Шаклҳои чунин муносибат метавонад гуногун бошад, ба монандӣ: аз курсҳои такмили ихтисос гузаштан, дар таҷрибаомӯзиҳо фаъол будан, инчунин, таҳсилоти иловагӣ ё дуюми касбиро аз худ намудан.

Бояд қайд намуд, ки на дар байни олимони ватанӣ ва на дар байни олимони хориҷӣ, оид ба вазифаҳои системаи омоданамоии кадрҳо ва алоқаи онҳо бо вазифаҳое, ки дар назди ин система истодаанд, ягон пешниҳодҳои мушаххас дида намешавад. Аксари муаллифон рӯйхати стандартии вазифаҳои фаъолияти кадриро васеъ мекунанд, вале баъзе тадқиқотчиён чунин мешуморанд, ки онро ба се вазифаи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: ба кор қабул кардан, иҷрои вазифаҳои хизматӣ, қатъ кардани фаъолияти меҳнатӣ.

Ба фикри мо, ин гуна ягонакунии вазифаҳои системаи омода кардани кадрҳо аз ҳад зиёд мухтасар буда, имконият ва зарурати афзоиши мунтазами касбии кадрҳо, такмили ихтисос ва таълими иловагиро истисно мекунад.

Дар мавриди таносуби мафҳумҳои «функсия» ва «вазифаҳо» бошад, мазмуни маънои онҳо имкон медиҳад, ки функсияҳо ҳамчун унсури стратегӣ ва вазифаҳо ҳамчун унсури миқёси тактикӣ дар раванди тарбияи кадрҳо баррасӣ шаванд. Пас аз мантиқи ҳисобҳои иқтисодӣ ва математикӣ, вазифаҳо барои муайян кардани арзишҳои зарурии номаълум дар асоси маълумоти ибтидоӣ, яъне дар ҳар як вазъияти мушаххасе, ки дар назди хадамоти кадрҳо ба миён меоянд, ҳал карда мешаванд. Вазифаи субъектҳои системаи омоданамоии кадрҳо, бояд доимӣ ба нақша гирифта шаванд, таркиб ва танзими умумии онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти маҳаллӣ дошта, бояд доим ба инобат гирифта шавад.

Як қатор олимон чунин унсури системаи омода кардани кадрҳоро ҳамчун принсипҳои ташаккул ва фаъолияти он ҷудо мекунанд. Дар баробари ин, дар аксари

тадқиқотҳо на принсипҳои умумии методологии ин система, балки принсипҳои алоҳидаи кори шуъбаҳои кадрҳои субъектони хоҷагидорӣ асоснок карда шудаанд.

Ҷараёни омоданамоии кадрҳоро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мо дар шакли расм чунин тасвир намудаем (нигаред ба расми 1).

**Расми 1. Ҷараёни омоданамоии кадрҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ**
**Figure 1. The process of personnel training in the conditions of the digital economy**




Аз расми 1 бар меояд, ки ҷараёни омоданамоии кадрҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аз зерқисматҳои зерин: мақсадҳо, принсипҳо ва функсияҳо таркиб ёфтаанд.

Мақсади ин сестема, татбиқи мунтазами равишҳои умумии фаъолияти меҳнатӣ, қоидаҳо, принсипҳо, талаботҳо, тартиби ҷалби кадрҳои соҳибихтисос бо дарназардошти талаботҳои иқтисодиёти рақамӣ ва инчунин талаботи бозори меҳнат мебошад.

Принсипҳои ин система, асоснокии илмӣ, пайвастагӣ, равишҳои стратегӣ, истифодаи оқилона ва самаранокии сармояи инсонӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳо, озод будани фаъолияти меҳнатӣ ва аз ҳама муҳим рақамикунонии фаъолияти меҳнатии онҳо дониста мешавад.

Зерқисмати дигари ин система, функсияҳои он мебошад, ки дарбаргирандаи банақшагирии эҳтиёҷ ба кадрҳо, омода кардани кадрҳо, ташаккул додани иқтидори меҳнатӣ, қабули кормандон ва ҷо ба ҷогузории кадрҳо, баҳодиҳии фаъолияти кормандон, баланд бардоштани сатҳи салоҳияти касбии кормандон, бозомӯзии кадрҳо, қатъ кардани фаъолияти меҳнатӣ, амнияти иҷтимоӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Масъалаи муҳимми муайян кардани моҳият ва мазмуни омоданамоии кормандон, ҳамчунин, ҳудуди объект ва предмети он мебошад. Объекти раванди омоданамоии кадрҳо, ин раванди фаъолияти ҳамаи кормандон дониста мешавад, субъекти он бошад, мақомотҳо, шуъбаҳо ва хадамотҳои махсус таъсисдодашуда мебошанд, ки фаъолияти дар қонун ҷорӣ намудани фаъолиятҳоро амалӣ мегардонанд ва дорои салоҳият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд.

Бо таҳлили маълумотҳои дар расм овардашуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки яке аз хусусиятҳои фарққунандаи бозори меҳнат, ки ба раванди омода кардани кадрҳо таъсири калон мерасонад, ин ҳам бошад, бартарияти пешниҳоди меҳнат нисбат ба

талаботи он дар ин бозор дида мешавад. Ин ба хусусиятҳои иҷтимоии одамон ҳамчун субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ вобаста аст, ки давраи ташаккули шахсиятҳо на танҳо иқтидори инсонии онҳо, балки дониш, малака ва маҳорати муайяни касбиро низ ташкил медиҳад. Тафовут байни салоҳиятҳои бадастомада ва талаботи бозори меҳнат аз сабаби номутаносибии миқдорӣ ва сифатии он яке аз мушкилоти асосии омодасозии кадрҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дониста мешавад.

Бояд гуфт, ки иқтисодиёти рақамӣ принсипҳо ва вазифаҳои асосии раванди омоданамоиро бекор намекунад, балки онҳоро ба шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқ мекунад. Ҳамаи марҳалаҳои таълим, такмили ихтисос, пешбарӣ кардани корманд то охири фаъолияти меҳнатиаш як хел мемонад, вале мазмуни дохилии онҳо тағйир меёбад. Аз ҷумла, ҳадафи низоми омодасозии кадрҳо, инчунин, ташаккули салоҳиятҳои рақамӣ дар мутахассиси оянда ва навсозии доимии онҳо дар байни кормандони корхона мебошад. Дар навбати худ, принсипи рақамикунонӣ дар низоми омодасозии кадрҳо зарурати фаъолияти онро бо истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҳама марҳилаҳои ҷалби иштирокчиёни институтсионалӣ дар бозори меҳнат бо кадрҳои соҳибихтисос тавсиф мекунад.

Омоданамоии кадрҳо мафҳуми мураккаб ва серҷанба буда, ба ташаккул ва инкишофи илмии он консепсияҳои гуногуни назариявии илми иктисодиёт таъсири калон расонидааст. Шароити муосири рақамикунонӣ на танҳо механизмҳои муқаррарии фаъолияти меҳнатӣ ва муносибатҳои истеҳсолию меҳнатиро вайрон мекунад, балки нисбат ба сифатҳои зеҳнии шахсият талаботи куллан нав ба миён мегузорад. Дар баробари ин, комилан мувофиқи қонуни маҳдудшавии захираҳо имкониятҳои интеллектуалии одам дар марҳилаи ҳозираи инкишофи тиб ва равоншиносӣ низ маҳдуд мешаванд. Ин бояд дар фаъолияти амалии иштирокчиёни институтсионалӣ, дар бозори меҳнат ва ҳам дар ташаккули равишҳои методологӣ ба омӯзиши раванди таълим дар иқтисодиёти рақамӣ ба назар гирифта шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Анализ влияния цифровизации экономики на производительность труда в России / А.И. Метляхин, Н.А. Никитина, Л.В. Ярыгина, Э.О. Орлова // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. - 2020. -Т. 13. -Вып. 2. –С.7-17. doi: 10.18721/je.13201.
2. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ / Т.Б. Ғаниев. –Душанбе: Ирфон, 2017. - С.158.
3. Искандаров Ҳ.Ҳ. Талаботҳои муосири омодакунии кадрҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ / Ҳ.Ҳ. Искандаров // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. -Душанбе, 2021. -№2. -С.93-102.
4. Искандаров Х.Х. Институциональные основы обеспечения конкурентоспособности работников / Х.Х. Искандаров, К.Р. Абдулхакова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/2(197). -С.129-132.
5. Искандаров Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке труда / Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/4(204). -С.16-21.
6. Искандаров Х.Х. Особенности подготовки кадров в условиях цифровой экономики / Х.Х. Искандаров, Абдуллозода Р.А. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2018. -№5. -С.44-50.
7. Искандаров Х.Х. Совершенствование мотивационного механизма кадрового обеспечения аграрного сектора экономики (на материалах Республики Таджикистан): дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05 / Х.Х. Искандаров. - Душанбе, 2017. -183 с.
8. Клочков В.В. Человеческий капитал и его развитие. В книге: Экономическая теория. Трансформирующая экономика / В.В. Клочков; под ред. Николаевой И.П. -М.: Юнити, 2004. -С.417.
9. Кузьмицкая Т.В. Факторы эволюции трудовых отношений в сетевой экономике / Т.В. Кузьмицкая // Вестник Полоцкого государственного университета. Серия D. Экономические и юридические науки. - 2018. -№6. -С.27-34.
10. Петти В. Экономические и статистические работы / В. Петти. -М.: Соцэкгиз, 1940. -324 с.
11. Ходиев Д.А. Актуализация проблем "утечки мозгов" в Республике Таджикистан / Д.А. Ходиев, Х.Х. Искандаров // В сборнике: Современные проблемы экономики и менеджмента. Материалы международной научно-практической конференции. -Воронеж, 2016. -С.319-324.
12. Ходиев Д.А. Анализ системы подготовки кадров аграрного профиля в Республике Таджикистан / Д.А. Ходиев, Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/4. –часть 2. -С.13-20.

13. Эдвинсон Л. Интеллектуальный капитал. Определение истинной стоимости компании / Л. Эдвинсон, М. Мэлоун. -М.: Harper Business, 1997. -240 с.
14. Экономическая теория / С. Фишер, Р. Дорнбуш [и др.]. -М.: ЮНИТИ, 2002. -С.23.
15. Schultz T.W. Investment in human capital: The role of education and of research / T.W. Schultz. -N. Y.: Free Press, 1971. -545 p.; Becker G.S. Human capital: A theoretical and empirical analysis with special reference to education / G.S. Becker. -Chicago: University of Chicago Press Books, 1993. -412 p.
16. Siddiqui A.W. A web-based group decision support system for academic term preparation / A.W. Siddiqui, S.A. Raza, Z.M. Tariq // Decision Support Systems. - 2018. -Vol. 114. -P.1–17. doi: 10.1016/j.dss.2018.08.005.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАВСИФИИ ҶАРАЁНИ ОМОДАНАМОИИ КАДРҲО ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИЁТ

Мақсади мақолаи мазкур асосноксозии илмӣ, ба низом даровардани раванди омоданамоии кадрҳо бо назардошти хусусиятҳои рақамикунонии фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва муносибатҳои истеҳсолию меҳнатӣ мебошад. Таъсири консепсияҳои гуногуни илмӣ ба ташаккули хусусиятҳои асосии раванди тарбияи кадрҳо, робитаи он бо мафҳумҳои захираҳои меҳнатӣ, сармояи инсонӣ ва неруи зеҳнӣ нишон дода шудааст. Дар мақолаи мазкур оварда шудааст, ки дар омоданамоии кадрҳо мазмуни дохилӣ гирифта шавад. Ин муносибат ба мо имкон медиҳад, ки мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат мутахассис омода намоем. Хулоса мешавад, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ омодасозии кадрҳо бояд ҳамчун сатҳи нави таъминоти захиравӣ - зеҳнӣ ва кадрӣ баррасӣ шуда, як раванди байнисоҳавии ташаккул ва фаъолияти самараноки сармояи инсониро ифода намояд, ки ба таъмини захираҳои миқдорӣ ва мувозинати сифатии бозори меҳнат ва субъектҳои он равона карда шаванд. Мувофиқи ақидаи муаллифон омоданамоии кадрҳо мафҳуми мураккаб ва серҷанба буда, ба ташаккул ва инкишофи илмии он консепсияҳои гуногуни назариявии илми иктисодиёт таъсири калон расонидааст. Шароити муосири рақамикунонӣ на танҳо механизмҳои муқаррарии фаъолияти меҳнатӣ ва муносибатҳои истеҳсолию меҳнатиро вайрон мекунад, балки нисбат ба сифатҳои зеҳнии шахсият талаботи куллан нав ба миён мегузорад. Дар баробари ин, комилан мувофиқи қонуни маҳдудшавии захираҳо имкониятҳои интеллектуалии одам дар марҳилаи ҳозираи инкишофи тиб ва равоншиносӣ низ маҳдуд мешаванд. Ин бояд дар фаъолияти амалии иштирокчиёни институтсионалӣ, дар бозори меҳнат ва ҳам дар ташаккули равишҳои методологӣ ба омӯзиши раванди таълим дар иқтисодиёти рақамӣ ба назар гирифта шавад.

**Калидвожаҳо:** кадрҳо, сармояи инсонӣ, иқтидори кадрӣ, омӯзиши кадрҳо, таъминоти кадрӣ, иқтисодиёти рақамӣ, рақамисозӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ ва меҳнатӣ, иқтисоди меҳнат, равиши система-раванд.

## ОПИСАТЕЛЬНАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ПРОЦЕССОВ ПОДГОТОВКИ КАДРОВ В СОВРЕМЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

Целью данной статьи является научное обоснование, систематизация процесса подготовки кадров с учетом особенностей цифровизации производственно-хозяйственной деятельности и производственно-трудовых отношений. Показано влияние различных научных концепций на формирование основных черт процесса подготовки кадров, его связь с понятиями трудовых ресурсов, человеческого капитала и интеллектуальной силы. В данной статье указано, что внутреннее содержание должно учитываться при обучении персонала. Эта связь позволяет нам готовить специалистов в соответствии с требованиями рынка труда. Делается вывод о том, что в условиях цифровой экономики подготовка кадров должна рассматриваться как новый уровень ресурсного обеспечения - интеллектуального и кадрового, и представлять собой междисциплинарный процесс формирования и эффективной деятельности человеческого капитала, направленный на обеспечение количественных ресурсов и качественного баланса рынка труда и его субъектов. По мнению авторов, подготовка кадров представляет собой сложное и многогранное понятие, и оно оказало большое влияние на формирование и научное развитие различных теоретических концепций экономической науки. Современные условия цифровизации не только разрушают привычные механизмы трудовой деятельности и производственно-трудовых отношений, но и предъявляют совершенно новые требования к интеллектуальным качествам личности. В то же время, в соответствии с законом ограниченности ресурсов, ограничены и интеллектуальные возможности человека на современном этапе развития медицины и психологии. Это необходимо учитывать в практической деятельности институциональных участников на рынке труда, при формировании методологических подходов к изучению образовательного процесса в условиях цифровой экономики.

**Ключевые слова:** кадры, человеческий капитал, кадровый потенциал, подготовка кадров, кадровое обеспечение, цифровая экономика, цифровизация, производственно-трудовые отношения, экономика труда, системно-процессный подход.

## DESCRIPTION OF STAFF TRAINING PROCESSES IN MODERN ECONOMIC CONDITIONS

The purpose of this article is a scientific justification, systematization of the process of training personnel, taking into account the peculiarities of digitalization of production and economic activities and industrial and labor relations. The influence of various scientific concepts on the formation of the main features of the personnel training process, its connection with the concepts of labor resources, human capital and intellectual power is shown. This article states that the internal content should be taken into account when training staff. This connection allows us to prepare specialists in accordance with the requirements of the labor market. It is concluded that in the conditions of the digital economy, personnel training should be considered as a new level of resource provision - intellectual and personnel, and be an

interdisciplinary process of the formation and effective operation of human capital, aimed at ensuring quantitative resources and a qualitative balance of the labor market and its subjects. According to the authors, personnel training is a complex and multifaceted concept, and it has had a great influence on the formation and scientific development of various theoretical concepts of economic science. Modern conditions of digitalization not only destroy the usual mechanisms of labor activity and industrial and labor relations, but also impose completely new requirements on the intellectual qualities of the individual. At the same time, in accordance with the law of limited resources, the intellectual capabilities of a person are also limited at the present stage of development of medicine and psychology. This must be taken into account in the practical activities of institutional participants, in the labor market, in the formation of methodological approaches to the study of the educational process in the digital economy.

**Keywords:** personnel, human capital, personnel potential, personnel training, staffing, digital economy, digitalization, industrial and labor relations, labor economics, system-process approach.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғаниев Таваралӣ Бобоевич –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-70-40-77.** E-mail: **prof.Ganiev.@mail.ru**
***Искандаров Ҳофиз Ҳакимович –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail**: hofiz.iskandarov@mail.ru**
***Саломова Раъно Мирзоевна -*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах:** ***Ганиев Таварали Бобоевич*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-70-40-77.** E-mail: **prof.Ganiev.@mail.ru**
***Искандаров Хофиз Хакимович –*** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**
***Саломова Раъно Мирзоевна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the authors:** ***Ganiev Tavarali Boboevich –*** Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Professor, Head of the Department of Human Resource Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-70-40-77.** E-mail: **prof.Ganiev.@mail.ru**
***Iskandarov Khofiz Khakimovich –*** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Human Resource Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-28-60-05.** ***E-mail:*** **hofiz.iskandarov@mail.ru**
***Salomova Rano Mirzoevna -*** Tajik National University, applicant for the Department of Human Resource Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 336.71

# ТАҲЛИЛИ УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ ЗАХИРАҲОИ БОНКӢ БАҲРИ ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

*Шарифзода Н.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар назария ва амалияи таҳлили иқтисоди ҷаҳонӣ усулҳои гуногуни баҳодиҳии захираҳои молиявии бонкҳо ва самтҳои таъмини он бо дарназардошти муҳити беруна ва дохила ба таври дақиқ ошкор карда шудааст. Аммо, муаммоҳои муайян намудани ҳолати устувории захираҳои молиявии бонкҳо то имрӯз ҳалли худро наёфтаанд. Зеро дар мамлакатҳо на ҳамаи нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо ба таври дақиқ ҷудо карда шудаанд. Бинобар ин, моро зарур аст, ки вобаста ба маълумотҳои мавҷудбуда бо истифода аз усулҳои муосир захираҳои бонкии мамлакатро баҳо диҳем. "Барои баҳодии вазъи молиявии ташкилоти тиҷоратӣ муайян намудан лозим аст, ки оё он барои пардохти уҳдадориҳо маблағҳои зарурӣ дорад ё не; то чӣ андоза маблағҳои ба дороиҳо гузошташуда ба пули ҳақиқӣ табдил меёбанд; моликият, воситаҳо, сармояи худӣ ва қарзӣ то чӣ андоза самаранок истифода бурда мешавад" [3,с.569]. Дар баробари ин, қайд гардидааст, ки "бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ баҳри фаъолияти бозоргирӣ ва пардохтпазирии худ ба маблағҳои иловагӣ эҳтиёҷ доранд" [14,с.129].

Аз ин рӯ, боиси қайд аст, ки дар таҷрибаи хориҷӣ барои ташаккул, идора ва баҳо додани захираҳои молиявӣ, бонкҳо аз усулҳои гуногуни баҳодиҳии захираҳои худӣ ва ҷалбкардашуда ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар заминаи усулҳои таҳқиқгардида мо ҷузъҳои алоҳидаи ҳолати молиявии бонкҳоро мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор медиҳем. Ҳар яке аз ин усулҳои баҳодиҳӣ дорои муаммоҳо ва маҳдудиятҳои худ мебошанд. Аз ин рӯ, танҳо бо истифода аз методҳои баҳодиҳии мувофиқ мо имкон пайдо менамоем, ки дар як нишондиҳанда якчанд ҷанба аз ҷиҳати мазмун ва воҳидҳои ченаки фарқкунандаро ҷудо намоем. Инчунин, барои гузаронидани таҳқиқоти объективӣ ва ҳамаҷониба маҷмуи пурраи таносуби молиявии гуногунро истифода намудан мувофиқ ба мақсад мебошад. Дар ин раванд иштирок ва истифодаи нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ҳатмӣ дониста мешавад. Зеро, низоми бонкӣ дар шароити муосир таъмингари иқтисодиёт бо захираҳои молиявӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, бонкҳо баҳри таъмини талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба баҳодиҳии дақиқ ва саривақтии захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ҳаҷми захираҳои молиявии бонкҳоро (дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи бонкҳоро) ба таври саҳеҳ таҳлил намоем. Гуфтан ба маврид аст, ки яке аз усулҳои асосӣ барои муайян намудани ҳаҷми уҳдадориҳо ва сармоя ин таносуби тавозуни асосӣ дар бонкҳо ба ҳисоб меравад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Таносуби тавозуни асосӣ дар бонкҳо (бо млн. сомонӣ, интиҳои давра)**
**Table 1. The ratio of the main balance in banks (in millions of somoni, end of the period)**

| Солҳо | Дороиҳо | Уҳдадориҳо | Уҳдадориҳо нисбат ба дороиҳо (бо %) | Сармоя | Сармоя нисбат ба дороиҳо (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| 2014 | 12 363 | 10 737 | 86,8 | 1 626 | 13,2 |
| 2015 | 15 714 | 14 130 | 89,9 | 1 584 | 10,1 |
| 2016 | 18 672 | 14 011 | 75,0 | 4 661 | 25,0 |
| 2017 | 18 236 | 13 362 | 73,3 | 4 874 | 26,7 |
| 2018 | 18 070 | 13 125 | 72,6 | 4 945 | 27,4 |
| 2019 | 18 217 | 13 043 | 71,6 | 5 174 | 28,4 |
| 2020 | 22 643,43 | 16 634,66 | 73,5 | 6 008,78 | 26,5 |
| 2021 | 18 009,41 | 14 227,35 | 79,0 | 3 732,06 | 21,0 |
| 2021/14 (бо %) | **45,7** | **32,5** | **-9** | **129,5** | **59,1** |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи Бюллетени омори бонкӣ. – 2018. -№12(281). -С.79-80, 2019. -№12(293). -С.86-87, 2020. -№12(305). -С.85-86, 2021. -№12(316). -С.24-25.

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, ки тавозуни асосӣ дар бонкҳо дорои нишондиҳандаҳои молиявии гуногун мебошад. Ҳаҷми умумии дороиҳо дар соли 2014 ба 12 363 млн. сомонӣ баробар буд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 18 009,41 млн. сомонӣ омада расидааст. Яъне, дар давраи таҳлилӣ (2014-2021) ҳаҷми умумии дороиҳои бонкҳо 45,7% афзоиш ёфтааст. Дар баробари ҳаҷми умумии дороиҳо, ҳаҷми умумии уҳдадориҳо низ дорои тағйиротҳои зиёд мебошанд. Ҳаҷми умумии уҳдадориҳо дар соли 2021 ба 14 227,35 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 10 737 млн. сомонӣ баробар буд. Яъне, дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми умумии уҳдадориҳо дар сатҳи 32,5% ва ҳаҷми сармояи бонкҳо дар сатҳи 129,5% зиёд гаридааст. Ҳамзамон, аз маҷмуи умумии дороиҳо (дар соли 2014) зиёда аз 86,8% ба уҳдадориҳо ва 13,2% ба сармояи бонкҳо рост омада буд, ки ин нишондод дар соли 2021 ба 79% (уҳдадориҳо) ва 21% (сармоя) рост меояд.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар соли 2020 нишондиҳандаҳои асосии бонкҳо нисбати солҳои қаблӣ афзоиш ёфта буд. Ҳ.Ҳ. Холиқзода низ "қайд кард, ки Бонки миллӣ ҳамчун мақоми танзимкунандаи бахши молиявию бонкӣ татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъориро ҷиҳати мусоидат ба рушди иқтисодиёт, устувории низоми бонкӣ ва нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ равона намуда, новобаста аз маҳдудиятҳои бо пандемияи COVID-19 алоқаманд ва афзоиши фишорҳои берунӣ, низоми бонкии кишвар дар соли 2020 фаъолияти худро бо нишондиҳандаҳои мусбат ҷамъбаст намуд" [4,с.11].

Аммо тавре, ки аз натиҷаи фаъолияти соли 2021 бар меояд, нишондиҳандаҳои асосии бонкҳо нисбати соли 2020 ва қисман нисбати солҳои дигар рӯ ба таназзул ниҳодааст. Ҳаҷми умумии дороиҳои бонкии соли 2021 нисбат ба соли 2020 дар сатҳи 20,5% ва ё дар ҳаҷми 4 634,02 млн. сомонӣ, инчунин, нисбат ба солҳои 2016-2019 низ рӯ ба таназзул ниҳодааст. Ҳамзамон, ҳаҷми уҳдадориҳо (соли 2021 нисбат ба соли 2020) ба андозаи 0,14 ва ҳаҷми сармоя бошад, 0,38 маротиба кам гардидааст. Омилҳои асосии камшавии нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо дар соли 2021 аз ҳисоби муфлис гардидани якчанд бонкҳо дар мамлакат, инчунин, сатҳи пасти хизматрасониҳои молиявӣ, баланд будани меъёрҳои мақбул ва ё риоя накардани стандартҳои молиявии байналмилалӣ ва дохилӣ ба ҳисоб меравад.

Дар робита бо ин, дар амалияи бонкдорӣ усулҳои дигари баҳодиҳии захираҳои худӣ ва ҷалбкардашуда мавҷуд аст. Вобаста ба ин, гуфтан ба маврид аст, ки яке аз сарчашмаҳои асосии захираҳои бонкӣ, ин захираҳои худии бонк ба ҳисоб рафта, ҳангоми ташкилшавии бонк аз ҳисоби саҳмгузорон ташкил гардида, барои амалигардонии мақсадҳои гузошташуда истифода карда мешаванд. Яъне, бонкҳо ба василаи захираҳои худӣ фаъолияташро ташкил ва хизматрасониҳои худро ҷорӣ менамоянд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ якчанд усулҳои (нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ва баҳодиҳии сифати сармоя) баҳодиҳии сармояи бонкҳо мавҷуд аст.

Меъёрҳои кифоятии сармоя дар мамлакат мутобиқи дастурамали 176-и Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. "Меъёрҳои кифоятии сармоя аз меъёри кифоятии сармоя (К1-1, фор.9), сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ нисбат ба дороиҳои умумӣ (К1-2, фор. 10.) ва меъёри кифоятии сармояи асосӣ (К1-3) иборат мебошанд. Ҳамзамон, меъёри кифоятии сармоя (К1-1) ба андозаи на камтар аз 12%, К1-2 ба андозаи на камтар аз 10%, К1-3 аз 01.01.23 ба андозаи на камтар аз 8% ва аз 01.01.24 ба андозаи на камтар аз 10% муқаррар карда шудааст" [2,б.2-4]. Ҳар яке аз ин меъёрҳо ба василаи формулаҳои алоҳида баҳодиҳӣ гардида, дар амалия бештар К1-1 ва К1-2 мавриди истифода қарор доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри кифоятии сармоя (К1-1) ҳамчун сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда бо формулаи 9 ва К1-2 бо формулаи 10 муайян карда мешавад:

$$К1-1=\frac{Ст}{Дх}\ x\ 100\% \text{ Фор. 9.}$$

ки дар ин ҷо: Ст – сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ;

Дх – дороиҳои ташкилоти қарзӣ, ки бо назардошти хавф баркашида шудаанд.

$$К1-2=\frac{Ст}{Д}\ x\ 100\% \text{ Фор. 10.}$$

ки дар ин ҷо: Ст – сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ;

Д – маблағи умумии дороиҳо бидуни бақияи ҳисобҳои тавозунии 15701, 15703, 15705.

Бо истифода аз формулаҳои 9 ва 10 дар мамлакат бонкҳо нишондиҳандаҳои молиявии худро мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Дар давраи таҳлилӣ (2014-2021) меъёрҳои мақбул дорои тағйиротҳои зиёд мебошанд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои меъёрҳои мақбули низоми бонкӣ**
**Table 2. Indicators of acceptable standards of the banking system**

| Номгӯи меъёрҳои мақбул | Рамз | Нишондиҳандаҳои ҳақиқии меъёрҳои мақбул дар интиҳои сол (бо %) | | | | | | | | 2021/2014 (бо %) | Талаботи меъёри мақбул (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | | |
| Меъёри кифоятии сармоя | К1-1 | 16,6 | 13,1 | 17,0 | 22,9 | 22,1 | 19,9 | 18,2 | 23,4 | 41 | 12 |
| Меъёри кифоятии сармоя | К1-2 | 14,2 | 10,6 | 26,7 | 28,1 | 29,2 | 26,3 | 23,5 | 19,0 | 33,8 | 10 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/files/suboti-moliyavi/2022/FSI%204Q%202021%20tj.pdf (санаи муроҷиат: 20.01.2023).

Дар интиҳои соли 2021, меъёри кифоятии сармоя (К1-1) ба 23,4% баробар гардид, ки ин нисбат ба соли 2014 зиёда 41% мебошад. Ҳазамон, ин меъёр аз талаботҳои муқаррар гардида 11,4 банди фоизӣ (б.ф.) ва меъёри К1-2 зиёда аз 9 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. “Афзоиши нишондиҳандаи мазкур дар ин давра аз ҳисоби коҳишёбии нобаробари сармояи танзимшаванда (4,9%) ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда (25,9%) ба вуҷуд омад” [15]. Коҳишёбии нобаробари сармоя дар мамлакат ба рушди низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонида метавонад. Аз ин рӯ, бонки марказӣ, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бояд ба коҳишёбии сармоя роҳ надиҳанд. Зеро ин ҳолат ба раванди инвеститсионии онҳо таъсири манфӣ расонида, боиси коҳишёбии сатҳи қарзҳо ва сармоягузориҳо ба аҳолӣ мегардад.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад ин меъёрро баланд намояд. Маҳз, дар давлатҳое, ки чунин ҳолатҳо ба вуҷуд омадаанд, аз ҷониби танзимгар ин меъёр баланд бардошта шудааст. Омили асосии чунин баландбардорӣ ба коҳишдиҳии сатҳи хавфҳои бонкӣ мусоидат менамояд. Дар ҳолате, ки ба меъёрҳои кифоятии сармоя тағйирот ворид карда намешавад, бонкҳо бояд ба ҷалби захираҳои иловагӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта бошанд.

Мувофиқи таҳқиқотҳои анҷомдодашуда ба чунин хулоса омадем, ки дар шароити имрӯза захираҳои худии бонкҳо барои пурра таъмин намудани иқтисодиёти мамлакат қаноаткунанда нест. Бинобар ин, барои бартараф намудани ин муаммоҳо бонкҳо ба захираҳои иловагӣ ниёз доранд. Ҳадафи асосии ҷалби захираҳои иловагӣ ин ба вуҷуд овардани муносибатҳои молиявӣ, таъмини иқтисодиёт бо пул ва баланд бардоштани вазъи иқтисодии мамлакат мебошад. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда, бонкҳоро зарур аст, ки самтҳои иқтисодию иҷтимоиро таҳқиқ ва бо истифода аз усулҳои муосир баҳодиҳӣ намоянд.

Аз ин рӯ, барои таҳқиқи захираҳои ҷалбкардашуда, мо бо истифода аз усулҳои дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифодашаванда метавонем онҳоро баҳодиҳӣ намоем. Яке аз усулҳои фаъол ин таносуби пойгоҳи мизоҷон мебошад. Ин таносуб дар мамлакатҳои пешрафта ва рӯ ба рушд дорои меъёри муайян аст. Бинобар ин, бонкҳо метавонанд аз ин усул истифода намоянд ва Бонки миллии Тоҷикистон барои устувории низоми бонкии кишвар ба он, меъёр муқаррар намояд.

Аз маълумотҳои ҷадвали 3, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таносуби пойгоҳи мизоҷон дар бонкҳо дар давраи таҳлилӣ (2014-2021) дар ҳудудҳои 86,2 ва 94% қарор гирифтааст. Яъне, ҳаҷми умумии пасандозҳои аҳолӣ ва маблағҳои гузоштшудаи шахсони ҳуқуқӣ дар ҳаҷми хеле зиёд дар бонкҳо ҷалб карда шудаанд. Гуфтан ба маврид аст, ки ин таносубҳо ба талаботҳои ҷаҳонӣ, ки он аз 0,5 то 11% муқаррар карда шудааст, мутобиқат мекунад, ба истисноИ соли 2014. Зеро, он дар соли 2014 86,2%-ро ташкил намудааст, ки аз ҳудуди муқаррааргардидаи баландтарин (11%) ба андозаи 2,8 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Бинобар коҳиши ин, бонкҳоро зарур аст, ки дар баробари усулҳои ҷалби захираҳои иловагии (имтиёзҳои бурднок, фоизнокӣ, рекламаи кушода, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, интишори коғазҳои қиматнок, хариду фурӯши сарватҳои асъорӣ ва истифодаи суратҳисобҳои ҷорӣ) нишондодашуда, метавонанд аз усулҳои муосир, ки давлатҳои пешсаф аз он истифода мебаранд, истифода намоянд.

**Ҷадвали 3. Баҳодиҳии захираҳои ҷалбкардашуда дар бонкҳо**
**Table 3. Evaluation of attracted reserves in banks**

| Нишондиҳандаҳо | Дар интиҳои давра бо млн. сомонӣ | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/14 (бо %) |
| Таносуби пойгоҳи мизоҷон дар бонкҳо | | | | | | | | | |
| Пасандозҳои аҳолӣ + Маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ | 7 431 | 9 713 | 11 016 | 11 544 | 11 230 | 10 620 | 10 775,6 | 11 204,6 | 50,8 |
| Ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда | 8 624 | 11 016 | 12 180 | 12 281 | 11 979 | 11 604 | 12 104,1 | 12 786,5 | 48,3 |
| Таносуби пойгоҳи мизоҷон (бо %) | 86,2 | 88,2 | 90,4 | 94,0 | 93,7 | 91,5 | 89,0 | 87,6 | 1,6 |
| Таносуби маблағгузориҳои беруна дар бонкҳо | | | | | | | | | |
| Маблағгузориҳои беруна (байнибонкӣ) | 1 193 | 1 303 | 1 119 | 737 | 749 | 984 | 1 348,4 | 1 581,8 | 32,6 |
| Ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда | 8 624 | 11 016 | 12 180 | 12 281 | 11 979 | 11 604 | 12 104,1 | 12 786,5 | 48,3 |
| Таносуби маблағгузориҳои беруна (бо %) | 13,8 | 11,8 | 9,2 | 6,0 | 6,3 | 8,5 | 11,1 | 12,4 | -10,1 |
| Таносуби устувории захираҳои ҷалбкардашуда дар бонкҳо | | | | | | | | | |
| Захираҳои ҷалбкардашуда – захираҳои ҷалбкардашудаи тодархостӣ | 6 622 | 8 418 | 8 907 | 8 086 | 7 258 | 7 281 | 6 385,1 | 8 385,0 | 26,6 |
| Ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда | 8 624 | 11 016 | 12 180 | 12 281 | 11 979 | 11 604 | 12 104,1 | 12 786,5 | 48,3 |
| Таносуби устувории захираҳои ҷалбкардашуда (бо %) | 76,8 | 76,4 | 73,1 | 65,8 | 60,6 | 62,7 | 52,7 | 65,6 | -14,6 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи Бюллетени омори бонкӣ. – 2018. -№12(281). -С.79-80, 2019. -№12(293). -С.86-87, 2020. -№12(305). -С.85-86, 2021. -№12(316). -С.24-25.

Дар заминаи омӯзиши маводҳое, ки дар амалияи таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода шудаанд, мо усулҳои зерини ҷалби пасандозҳоро барои бонкҳо пешниҳод менамоем:

- маҳдуд намудани раванди бақайдгирии пасандозҳо;
- ҷалби пасандозҳои бонкӣ бо роҳи пешниҳоди кортҳои пластикӣ ва ё чекҳо ба мизоҷон;
- ҷоннок намудани фаъолияти марказҳои тамос ва хизматрасониҳои машваратӣ (яъне, аз ҷониби мутахассисон пешниҳоди маълумот ба мизоҷон оид ба намудҳои нави пасандозҳо ва имтиёзҳо);
- ҷойгир намудани филиал ва марказҳои хизматрасонӣ дар минтақаҳои мувофиқ;
- тағйир додани давомнокии вақти кории бонкҳо;
- гурӯҳбандӣ намудани пасандозгузорон ва вобаста ба он муайян намудани фоиз;
- бехатарӣ ва таъминоти баргардишии пасандозҳо новобаста аз ҳолати молиявии бонкҳо (дар ҳолати муфлис гардидани бонк, баргардишии маблағ ва фоизи пасандоз бояд аз ҷониби танзимгар пурра пардохт карда шавад);
- ба пасандозгузорони доимӣ пешниҳод намудани мукофотҳо;
- таҳия ва ташкили суратҳисобҳои пасандозии таъиноти махсуси инвеститсионии дошта барои маблағгузориҳои лоиҳаҳо ва барномаҳои мушаххас аз ҳисоби пасандозҳои аҳолӣ бо дарназардошти таваррум;

- ташкили суратҳисобҳо барои корхонаҳо бо муқаррар намудани таъиноти истифодаи муваққатии онҳо то табдил ёфтан ба пули накд ва монанди инҳо.

Барои амали намудани ин усулҳо дар низоми бонкии кишвар аз ҷониби танзимгар бояд назорати доимӣ дар бораи ташаккули қисми дарозмуддати уҳдадориҳо таъмин карда шавад. Инчунин, манфиатҳои мизоҷон ҳимоя ва имтиёзҳо ба бонкҳои пешсаф пешниҳод карда шавад. Яке аз имтиёзҳои муҳимми дигар барои бонкҳо ин гирифтани қарзҳои мутаммарказ ва байнибонкӣ бо фоизи хеле нисбатан паст, ба ҳисоб меравад. Зеро, инҳо сарчашмаи иловагии (ниҳоии) ташаккул додани захираҳои ҷалбкардашуда ба ҳисоб меравper, ки дар амалияи бонкдорӣ бо усули махсус баҳодиҳӣ карда мешаванд.

Дар соли 2021 ҳаҷми маблағгузориҳои беруна (байнибонкӣ) ба 1 581,8 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки ин нисбати соли 2014 дар ҳаҷми 32,6% зиёд аст. Агар ба таносуби мазкур назар намоем, ҳаҷми маблағҳои беруна дар соли 2014 ба 13,8%-и маҷмуи умумии захираҳои ҷалбкардашуда баробар гардидааст, ки ин 11,8 банди фоизӣ аз меъёр зиёд аст. Яъне, фаъолияти аз ҳад зиёди бонк дар бозори байнибонкӣ хатари иловагиро ба вуҷуд меорад. Ин муамморо бонкҳо ба инобат гирифта, дар соли 2017 онро ба 6% баробар намуданд, ки ин нишондиҳандаи хеле хуб ба ҳисоб меравад. Аммо, дар солҳои охир (2018-2021) ин меъёр хеле баланд гардидааст, ки он ба 12,4 банди фоизӣ омада расидааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки низоми бонкии кишвар дар роҳи суботи молиявӣ қарор дорад ва агар ин таносуб дар ҳудуҳои 5-10% муайян карда шавад, барои бонкҳо хубтар аст. Зеро, дар ҳолати тақсим (пешниҳоди қарз ва сармоягузорӣ) нагардидани захираҳои ҷалбкардашуда, бонкҳо метавонанд ин маблағро дар бозори байнибонкӣ пешниҳод намоянд ва бонкҳое, ки ба ин захира ниёз доранд, вобаста ба меъёрҳои муқарраргардида онро муваққатан истифода намуда, барои худ даромади иловагиро ба вуҷуд меоваранд. Дар ҳолате, ки захираҳои озод дар бозор пешниҳод карда нашавад, барои бонкҳо хавфи қарзӣ ба вуҷуд меояд.

“Тибқи омори байналмилалӣ, сабаби асосии бӯҳронҳои бонкии охир дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ хавфи қарзӣ мебошад” [12,с.82]. Ин гуфтаҳо далолат аз он медиҳанд, ки хавфи қарзӣ яке аз хавфҳои калон ба ҳисоб рафта, ба раванди пардохтпазирӣ ва бозоргирии бонкҳо таъсири манфӣ расонида, боиси аз даст додани захираҳо мегардад. Агар, дар сурате, ки захираҳои муваққатан озод ба сармоягузорӣ ва ё дар бозори байнибонкӣ истифода карда нашаванд. Чунин иброз намудан мумкин аст, ки пешниҳоди истифодаи захираҳои озод барои бонкҳо натиҷаи наонқадар хуб аст, вале ин метавонад қисмати муайяни даромади банақшагирифташударо рӯйпуш намояд.

Дар баробари таносуби маблағгузориҳои беруна дар бонкҳо, инчунин, таносуби устувории захираҳои ҷалбкардашуда низ истифода бурда мешавад. Таносуби мазкур нишон медиҳад, ки ҳаҷми захираҳои ҷалбкардашудаи устувор, яъне захираҳои ҷалбкардашудаи миёнамуддат ва дарозмуддат то кадом андоза мебошад. Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 бар меояд, ки меъёри таносуби устувории захираҳои ҷалбкардашуда дар соли 2014 ба 76,8% ва дар соли 2015 ба 76,4% баробар гардида буд. Ин таносуб аз ҳудудҳои муқарраргардидаи ҷаҳонӣ (8%) 15,2 ва 15,6 банди фоизӣ, инчунин, дар солҳои 2016-2021 низ нисбатан баланд гардидааст. Бинобар ин, дар мамлакат меъёри мазкур хуб мешуд агар дар ҳудудҳои 10-12% муқаррар карда шавад.

Гуфтан ба маврид аст, ки ҳаҷми захираҳои (пасандозҳои) тодархостӣ дар мамлакат аз ҷониби бонкҳо бештар ҷалб карда шудаанд, ки ин ба устувории захираҳои ҷалбкардашуда, ҳаҷми пешниҳоди қарзҳо, сармоягузориҳо ва бақияи пасандозҳои аҳолӣ таъсири манфӣ расонидааст. Барои муайян намудани ҳаҷми бақияи пасандозҳои аҳолӣ таносуби махсус мавҷуд аст, ки ба баҳодиҳии он равона карда шудааст (фор. 5). Бинобар ин, таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо хеле муҳим аст (ҷадвали 4).

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 4, бар меояд, ки ҳаҷми бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар соли 2021 ба 8 920,98 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбати соли 2014 дар ҳудуди 38,4 банди фоизӣ зиёд мебошад. Ҳаҷми бақияи пасандозҳо нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда дар соли 2021 ба 69,8% баробар гардид. Дар давраи таҳлилӣ ин таносуб дар ҳудудҳои гуногун баҳодиҳӣ карда шудааст. Агар ба меъёри ҷаҳонӣ назар намоем, ин таносуб хеле зиёд аст. Зеро, ҳаҷми қарзҳои байнибонкӣ, қарзҳои мутаммаркази Бонки миллии Тоҷикистон ва пасандозҳои тодархостӣ дар бонкҳо нисбатан бештар ҷалб карда

шудаанд, ки ин боиси аз ҳудуди муқарраргардида баланд гаштани таносуби мазкур гардидааст.

**Ҷадвали 4. Таносуби пасандозҳои фаъоли аҳолӣ дар бонкҳо**
**Table 4. Ratio of active deposits of the population in banks**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо (бо млн. сомонӣ) | | Таносуби пасандозҳои фаъоли аҳолӣ (бо %) |
|---|---|---|---|
| | Бақияи пасандозҳои аҳолӣ | Ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда | |
| **2014** | 6 446 | 8 624 | 74,7 |
| **2015** | 8 172 | 11 016 | 74,2 |
| **2016** | 8 849 | 12 180 | 72,6 |
| **2017** | 8 720 | 12 281 | 71,0 |
| **2018** | 9 041 | 11 979 | 75,5 |
| **2019** | 8 590 | 11 604 | 74,0 |
| **2020** | 10 463,19 | 12 104,1 | 86,4 |
| **2021** | 8 920,98 | 12 786,5 | 69,8 |
| **2021/14 (бо %)** | 38,4 | 48,3 | -6,6 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи Бюллетени омори бонкӣ. – 2018. -№12(281). -С.25-80, 2019. -№12(293). -С.86-87, 2020. -№12(305). -С.85-86, 2021. -№12(316). -С.24-25.

Бинобар ин, барои мувофиқ намудани таносуби мазкур ба талаботҳои ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, иҷрои ҳатмии таносубҳои дар боло зикргардида муҳим мебошад. Ҳамзамон, бонкҳо метавонанд бо истифода аз пешниҳодҳои дарҷгардида фаъолияти худро устувор ва ба раванди сармоягузории аҳолӣ тағйиротҳои мусбат ворид намоянд, ки дар ин замина меъёри таносуби мазкур дар ҳудудҳои нисбатан пасттар қарор хоҳад гирифт. Агар дар мамлакат аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ин меъёрҳо дуруст танзим ва назорат карда шавад, гуфтан мумкин аст, ки ҳолати пардохтпазирии бонкҳо дар ҳудудҳои 80-85% қарор хоҳад гирифт. Чунин тағйиротҳо ба устувории низоми бонкӣ мусоидат намуда, боиси афзоиши ҳаҷми қарзҳо ва сармоягузориҳо низ гардида метавонад.

Имрӯзҳо барои муайян намудани самаранокии истифодаи захираҳои бонкӣ ҳангоми пешниҳоди онҳо ба сифати қарзҳо ва сармоягузориҳо дар амалияи бонкдорӣ бо формулаи гуногун онро баҳо медиҳанд. Баҳри баҳодии таносуби мазкур бонкҳо нишондиҳандаҳои молиявии таносуби мазкурро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Таносуби фарогирии захираҳои пешниҳодгардида нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда дар бонкҳо (бо млн. сомонӣ)**
**Table 5. Coverage ratio of the offered reserves to the attracted reserves in banks (in millions of somoni)**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Сандуқи қарзӣ (1)** | **Ҳамаи захираҳои ҷалбкардашуда (2)** | **Таносуби нишондиҳандаи 1 нисбати 2 (бо %)** | **Сармоя-гузориҳо (3)** | **Таносуби нишондиҳандаи 3 нисбати 2 (бо %)** | **Таносуб (ҳамагӣ) (бо %)** |
| 2014 | 7 767,0 | 8 624 | 90,1 | 146 | 1,69 | 91,8 |
| 2015 | 9 235,7 | 11 016 | 83,8 | 147 | 1,33 | 85,1 |
| 2016 | 8 121,7 | 12 180 | 66,7 | 1 474 | 12,1 | 78,8 |
| 2017 | 6 811,9 | 12 281 | 55,5 | 1 988 | 16,2 | 71,7 |
| 2018 | 6 606,5 | 11 979 | 55,1 | 2 344 | 19,6 | 74,7 |
| 2019 | 7 578,4 | 11 604 | 65,3 | 2 441 | 21,0 | 86,3 |
| 2020 | 8 809,0 | 12 104,1 | 72,8 | 2 585,42 | 21,3 | 94,1 |
| 2021 | 9 437,3 | 12 786,5 | 73,8 | 739,83 | 5,8 | 79,6 |
| 2021/14 (бо %) | 21,5 | 48,3 | **-18,1** | 406,7 | 243,2 | -13,3 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи Бюллетени омори бонкӣ. – 2018. -№12(281). -С.79-86, 2019. -№12(293). -С.86-93, 2020. -№12(305). -С.85-93, 2021. -№12(316). -С.24-62.

Таҳлили ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки дар мамлакат ҳаҷми захираҳои ҷалбкардашуда ва сандуқи қарзӣ ҳамасола афзоиш намудаанд. Яъне, ҳаҷми сандуқи қарзии бонкҳо дар соли 2021 ба 9 437,4 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбати соли 2014 ба андозаи 21,5 банди фоизӣ зиёд мебошад. Аммо, ҳаҷми умумии қарзҳои

пешниҳодгардида нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда коҳиш ёфтааст. Дар соли 2021 таносуби қарзҳои пешниҳодгардида нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда ба 73,8% баробар карда шуд, ки ин аз меъёри ҷаҳонӣ (12%) дар ҳудуди 14,2 банди фоизӣ зиёд мебошад. Инчунин, таносуби ҳаҷми сармоягузориҳо нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда дар соли 2021 ба 5,8% баробар гардидааст. Дар маҷмуъ, ҳаҷми қарзҳо ва сармоягузориҳои бонкӣ дар соли 2021 ба 79,6%-и ҳаҷми захираҳои ҷалбкардашуда баробар гардидааст, ки ин аз меъёри муқарраргардида зиёд мебошад.

Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки аз маҷмуи умумии захираҳои ҷалбкардашуда 20,4%-и он барои пардохти уҳдадориҳо ва устуворгардонии фаъолияти бонкҳо равона гардидаанд. Ин меъёр ба андешаи мо дар мамлакат нисбатан зиёдтар буда, он бояд дар ҳудудҳои 10-12% қарор дошта бошад. Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар дурнамои қарзии бонкҳо муаммоҳои ҳалношуда вуҷуд доранд. Бинобар ин, хуб мешуд, ки агар дар дурнамои қарзии бонкҳо масъалаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- коҳиши меъёри қарзӣ ва давраи пардохти он;
- коҳиши меъёри гарав ба ҳуҷҷатҳои дигар (дар ҳолати саривақт пардохт накардан ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида шавад);
- раванди бақайдгирӣ ва назорати қарзҳо;
- пешниҳоди имтиёзҳо ба қарзадокунандагони фаъол ва монанди инҳо.

Бинобар ин, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки вобаста ба мушкилотҳои ҷойдошта, бонкҳо захираҳои молиявиро вобаста ба шаклу намуд, муҳлат ва раванди пардохти онҳо дуруст гурӯҳбандӣ намуда, нисбати онҳо меъёри фоизиро муқаррар намоянд. Ҳамзамон, дар сохтори низоми бонкӣ нақши захираҳои ҷалбкардашуда нисбат ба захираҳои худӣ зиёд мебошад. Зеро, зиёда аз 70%-и захираҳои молиявии бонкҳоро захираҳои ҷалбкардашуда ташкил намудааст. Чунин гуфтан мумкин аст, ки амалиётҳои фаъоли бонкҳо бештар аз амалиётҳои ғайрифаъол вобаста аст. Ҳимкатов У.С. қайд менамояд, ки "тавассути амалиётҳои ғайрифаъол бонкҳо захираҳои худро ташаккул медиҳанд. Моҳияти онҳо аз ҷалби намудҳои гуногуни пасандозҳо, гирифтани қарз аз дигар бонкҳо, баровардани коғазҳои қиматнок ва дигар амалиёте, ки захираҳои бонкро зиёд мекунанд, иборат мебошад" [5,с.30]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки захираҳои худии бонкҳо барои ташкилу ҷорӣ намудани амалиётҳо ва захираҳои ҷалбкардашуда бошад, барои васеъ намудани фаъолият (ташкили амалиётҳои нав, пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ ва афзоиши даромаднокӣ) ва баландбардории иқтидори молиявии мамлакат равона карда шудааст.

Бахри муайян намудани даромаднокии захираҳои бонкӣ дар амалия усулҳои баҳодиҳии даромаднокии дороиҳо (ROA) ва даромаднокии сармоя (ROE) ба роҳ монда шудааст. "ROA ба ҳисоби миёна барои бонкҳои Россия 2% ва ROE 17%-ро ташкил медиҳад" [1]. Ин меъёр дар мамлакат муайян карда нашудааст, аммо нишондиҳандаҳои молиявии таносуби мазкур ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва пардохтпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 6. Indicators of profitability and liquidity of the banking system of the Republic of Tajikistan**

| Нишондиҳандаҳо | Дар интиҳои давра (бо %) | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/14 (бо %) |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) | -2,5 | 0,8 | -2,8 | 0,5 | 1,9 | 2,1 | 2,5 | 1,1 | - |
| Даромаднокии сармоя (ROE) | -14,4 | 5,5 | -21,0 | 1,7 | 7,0 | 7,6 | 9,1 | 4,8 | - |
| Даромади фоизии холис нисбат ба даромади умумӣ | 40,6 | 52,2 | 63,7 | 65,2 | 65,3 | 66,3 | 73,5 | 60,9 | 50 |
| Хароҷотҳои ғайрифоизӣ нисбат ба даромади умумӣ | 63,6 | 63,7 | 131,4 | 61,7 | 56,0 | 60,2 | 61,9 | 64,6 | 2,1 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/suboti-moliyavi/submenu/nishondihandahoi-ustuvorii-moliyavii-nizomi-bonk.php (санаи муроҷиат: 25.01.2023).

Даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармоя дар соли 2014 манфӣ арзёбӣ гардида, ин нишондиҳандаҳо дар соли 2021 ба 1,1% (дороиҳо) ва 4,8% (сармоя) баробар

гардид. Яъне, дар солҳои охир сатҳи даромаднокии дороиҳо ва сармоя нисбати соли 2014 афзоиш ёфтааст. Инчунин, дар соли 2021 даромади фоизии холис нисбат ба дороиҳои умумӣ дар сатҳи 60,9% ва хароҷоти ғайрифоизӣ нисбат ба даромади умумӣ дар сатҳи 64,6% муайян карда шуд, ки ин нисбати соли 2014 дар сатҳи 50% (даромади фоизии холис нисбат ба дороиҳои умумӣ) ва 2,1% (хароҷоти ғайрифоизӣ нисбат ба даромади умумӣ) афзоиш ёфтааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои охир (2017-2020) устувор гардидааст. Аммо, дар соли 2021 ин нишондиҳандаҳо тағйир ёфтаанд. “Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 1,1% ва 4,8%-ро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 мутаносибан ба андозаи 1,4 б.ф. ва 4,2 б.ф. кам мебошанд. Коҳишёбии мазкур дар натиҷаи андешидани чораи солимгардонӣ дар як бонки алоҳида ба амал омад” [15]. Ин гуфтаҳо аз он далолат медиҳанд, ки коҳишёбии аксарияти нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳоро аз ҳисоби кам гардидани шумораи онҳо меҳисобанд. Вале, ба андешаи мо, дар баробари ин омил, омилҳои зерини дигар, аз ҷумла интихоби модели нокомили баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ва меъёрҳои нисбии онҳо ба ҳисоб мераванд.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ, асоси рушду устувории бонкҳоро аз истифодаи босамари моделҳои баҳодии захираҳои молиявӣ медонанд. Аз ин рӯ, дар давлатҳои пешрафта, моделҳои гуногуни баҳодии захираҳои бонкӣ истифода гардида истодаанд. Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мақбули ҳатмиро барои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ истифода мебаранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар яке аз ин меъёрҳо тартиби муайяни баҳодиҳии худро доро мебошанд. Яке аз усулҳои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ин муайян намудани ҳадди ақали сармояи оинномавӣ мебошад.

Ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии навтаъсис, махсусан “бонкҳо 50 млн. сомонӣ то 31.12.2022 сол муқаррар карда шудааст. Ин нишондиҳанда тайи солҳои 2023-2027 аз 60 то ба 100 млн. сомонӣ ва андозаи ниҳоии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ барои бонкҳо бошад, то 20%-и ҳаҷми сармояи оинномавии он муқаррар карда шудааст” [2,б.2]. Инчунин, меъёри кифоятии сармоя ва меъёри пардохтпазирии ҷорӣ барои баҳодӣ истифода бурда мешавад. Меъёри кифоятии сармоя ба таври муфассал дар заминаи маълумотҳои ҷадвали 2 таҳқиқ карда шудааст. Ҳамзамон, меъёри пардохтпазирии ҷорӣ барои бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии низомсоз на камтар аз 50% ва барои дигар ташкилотҳо 30% муқаррар карда шудааст, ки таҳлили он бинобар сабаби мавҷуд намудани маълумотҳои омории кифоятӣ, ин таносуб мавриди таҳлил қарор дода нашуд. Аз ин рӯ, вобаста ба имконоти мавҷудбуда, усулҳо ва меъёрҳое, ки дар таҷрибаи давлатҳои рушдкарда ва рӯ ба рушди истифода гардидаанд, мавриди таҳқиқ қарор додем.

Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар мамлакат усулҳои гуногуни баҳодиҳии захираҳои бонкӣ (меъёри кифоятии сармоя, меъёри пардохтпазирии ҷорӣ ва монанди инҳо) ҷой доранд, аммо ин усулҳо барои пурра баҳо додани захираҳо нокифоя мебошад. Барои ба таври зарурӣ баҳо додани захираҳои бонкӣ усулҳое, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла усулҳое, ки дар бонкҳои Федератсияи Россия истифода гардидаанд, мавриди истифода қарор додан ба маврид аст. Зеро, ҳар яке аз усулҳо барои ба таври зарурӣ омӯхтан ва баҳодиҳӣ намудани захираҳои бонкӣ хеле мувофиқ аст. Яке аз таносубҳои бунёдӣ ин таносуби тавозуни асосӣ ба ҳисоб меравад.

Ба воситаи таносуби тавозуни асосӣ бонкҳо муайян карда метавонанд, ки аз ҳаҷми умумии дороиҳои низоми бонкӣ чанд фоиз ба уҳдадориҳо ва сармоя тааллуқ доранд. Инчунин, боз барои муайян намудани самаранокии истифодаи захираҳои худӣ меъёри кифоятии сармоя ва сифати он мавҷуд, ки ин усул дар низоми бонкии мамлакат мавҷуд аст. Дар баробари ин усулҳо, усулҳои гуногуни дигар, ки ба раванди ташаккулдиҳии захираҳои бонкӣ мусоидат менамояд, ин усулҳои баҳодиҳии захираҳои ҷалбкардашуда ба ҳисоб меравад, ки дар мақолаи мазкур ба таври васеъ таҳқиқ карда шудааст. Вобаста ба ин усулҳо, фикру ақидаҳои мо баён гардидааст, ки истифодаи саривақтии он ба раванди ташаккулдиҳии захираҳои ҷалбкардашуда мусоидат менамояд.

Ба андешаи мо, яке аз таносубҳои муҳимтарин, ки ба устувории бонкҳо ва рушди иқтисодиёт мусоидаткунанда ин таносуби пойгоҳи мизоҷон ва таносуби фарогирии захираҳои пешниҳодгардида нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда ба ҳисоб меравад. Маҳз, бонкҳо ба воситаи таносуби пойгоҳи мизоҷон сатҳи захираҳои ҷалбкардашударо муайян намуда ва вобаста ба дурнамои амалкунанда онро гуруҳбандӣ менамоянд. Дар ҳолати ба таври зарурӣ ҷалб накардани захира, аз сарчашмаҳои дигари иловагӣ истифода мебаранд. Дар баробари ҷалб намудани захираҳо барои бонкҳои тақсимоти самараноки онҳо яке аз механизмҳои асосии дигар ба ҳисоб меравад. Дар заминаи истифодаи таносуби захираҳои пешниҳодгардида нисбат ба захираҳои ҷалбкардашуда, бонкҳо муайян месозанд, ки аз маҷмуи умумии захираҳои ҷалбкардашуда чанд фоизи он самаранок истифода гардида истодааст. Ин таносуб дар мамлакат дар соли 2021 ба 71,3% баробар карда шудааст, ки аз он 66,1% ба қарзҳои пешниҳоднамудаи бонкҳо рост меояд. Вобаста ба ин, ба андешаи мо, ин меъёр бояд нисбатан пастар бошад, зеро 28,7%-и захираҳои ҷалбкардашуда ва қисмати дигари захираҳои худӣ самаранок истифода нагардидааст. Аз ин рӯ, бонкҳоро зарур аст, ки дар баробари ҷалби захираҳо ба тақсимоти дурусти онҳо низ диққати ҷиддӣ намоянд ва пешниҳодҳои зикргардида дар ин самт ба инобат гирифта шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулаков У.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Группа 3. Финансовые коэффициенты и мультипликаторы стоимости. [Электронный ресурс]. URL: https://finzz.ru/top-15-pokazatelej-bankov.html (дата обращения: 26.01.2023).
2. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ». Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №55 аз 24 майи соли 2022 тасдиқ шудааст. – б.4.
3. Исследование методик интегральной оценки финансового состояния коммерческих организаций. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/issledovanie-metodik-integralnoy-otsenki-finansovogo-sostoyaniya-kommercheskih-organizatsiy (дата обращения: 16.01.2023). -С.569.
4. Маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон: «Бонкдорӣ, Тараққиёт, Ҷаҳонишавӣ», октябр-декабр. -Душанбе, 2021. -С.11.
5. О чем может рассказать коэффициент покрытия долга денежными потоками. [Электронный ресурс]. URL: https://targetbank.ru/pokazateli/llcr-koefficzient-pokrytiya-dolga/ (дата обращения: 14.12.2022).
6. Обобщенная оценка финансовых ресурсов коммерческого банка с использованием аналитических коэффициентов. [Электронный ресурс]. URL: https://studopedia.ru/21_89929_obobshchennaya-otsenka-finansovih-resursov-kommercheskogo-banka-s-ispolzovaniem-analiticheskih-koeffitsientov.html (дата обращения: 04.02.2023).
7. Оценка качества управления собственными средствами банка. [Электронный ресурс]. URL: https://studfile.net/preview/3287616/page:4/ (дата обращения: 15.12.2022).
8. Оценка оптимальности и результативности использования источников финансирования. [Электронный ресурс]. URL: https://studopedia.net/13_51829_otsenka-optimalnosti-i-rezultativnosti-ispolzovaniya-istochnikov-finansirovaniya.html (дата обращения: 23.01.2023).
9. Оценка пассивов банка. [Электронный ресурс]. URL: https://studbooks.net/776624/bankovskoe_delo/otsenka_passivov_banka (дата обращения: 13.12.2022).
10. Показатели оценки финансовой устойчивости банка в целях признания ее достаточной для участия в системе страхования вкладов. [Электронный ресурс]. URL: https://studfile.net/preview/1771339/page:17/ (дата обращения: 25.01.2023).
11. Рахимзода, Ш. Современное состояние привлеченных ресурсов и их роль в становлении банковских ресурсов Республики Таджикистан [Текст] / Рахимзода Ш., Шарифзода Н.Ш., Г.Г. Хакимович // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2022. -№4. -С.26-33.
12. Управление рисками на межбанковском кредитном рынке [Электронный ресурс]. URL: http://www.bseu.by:8080/bitstream/edoc/3292/2/Petrushina%20V.%20Upravlenie%20riskami%20na%20mezhbankovskom%20kreditnom%20rynke%20Vestnik%20BGEU%202011_5.pdf (дата обращения: 23.01.2023). -с.82.
13. Ҳикматов, У.С. Мукаммалгардонии амалиётҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ. Монография / У.С. Ҳикматов, С. Сайфуллозода. –Душанбе: Ирфон, 2021. -С.30.
14. Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо [Матн] / Шарифзода Н.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. -№4. -С.129-139.
15. Шарҳи устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар семоҳаи чоруми соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/files/suboti-moliyavi/2022/ (санаи муроҷиат: 28.01.2023).

## ТАҲЛИЛИ УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ ЗАХИРАҲОИ БОНКӢ БАҲРИ ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

Муаллиф дар мақолаи мазкур оид ба ташаккул ва идоракунии захираҳои бонкӣ ба иқтисодиёти мамлакат таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки рушди иқтисодиётро бидуни устувории низоми бонкӣ, аз ҷумла захираҳои бонкӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Захираҳои бонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дорои хусусиятҳои гуногун мебошад ва таъсири худро ба иқтисодиёт мерасонад. Дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян карда шуд, ки сарчашмаи асосии рушди фаъолияти бонкҳои ватанӣ аз захираҳои ҷалбкардашуда вобаста аст. Зеро, дар шароити имрӯза бонкҳои ватанӣ дорои ками захираҳои худӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ташаккул ва идора кардани захираҳои ҷалбкардашуда барои бонкҳо хеле муҳим арзёбӣ карда шудааст. Чунин гуфтан мумкин аст, ки захираҳои бонки тиҷоратӣ таъсири худро ба бонк, дорандагони амонату пасандозҳо, қарзгирандагону қарздиҳандагон ва ҳатто ба давлат мерасонад. Бинобар ин, қайд намудан ба маврид аст, ки тамоми ҷомеа бояд барои рушди босуботи низоми бонкӣ кӯшиш намоянд ва дар ин замина даромади зиёд гирифта, фаъолияти худро рушд диҳанд.

**Калидвожаҳо**: модели ташаккули захираҳои ҷалбкардашуда, амонат, пасандоз, қарз, воситаҳои молиявӣ, рақобати солим, таъсири захираҳо, сармояи оинномавӣ, сармояи иловагӣ, сармояи захиравӣ, сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ.

## АНАЛИЗ МЕТОДОВ ОЦЕНКИ БАНКОВСКИХ РЕСУРСОВ ДЛЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ

В данной статье автор обращает внимание на формирование и управление банковскими ресурсами и отмечает, что невозможно представить развитие экономики без устойчивости банковской системы, в том числе банковских ресурсов. Банковские ресурсы в условиях рыночной экономики имеют разные характеристики и влияют на экономику. В результате исследования было определено, что основной источник развития деятельности отечественных банков зависит от привлекаемых ресурсов. Потому что в сегодняшних условиях у отечественных банков мало собственных ресурсов. По этой причине формирование и управление привлеченными ресурсами считается очень важным для банков. Можно сказать, что ресурсы коммерческого банка оказывают влияние на банк, вкладчиков, заемщиков и кредиторов и даже на государство. Поэтому стоит отметить, что все общество должно стремиться к стабильному развитию банковской системы, и в связи с этим получать большие доходы и развивать свою деятельность.

**Ключевые слова:** модель формирования привлеченных ресурсов, депозиты, сбрежение, кредиты, финансовые инструменты, здоровая конкуренция, влияние ресурсов, уставный капитал, добавочный капитал, резервный капитал, инвестиции, экономическое развитие.

## ANALYSIS OF METHODS FOR ASSESSING BANKING RESOURCES TO ENSURE THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY

In this article, the author draws the attention of the country's economy to the formation and management of banking resources and notes that it is impossible to imagine the development of the economy without the stability of the banking system, including banking resources. Banking resources in a market economy have different characteristics and affect the economy. As a result of the study, it was determined that the main source of development of the activities of domestic banks depends on the attracted resources. Because in today's conditions, domestic banks have little of their own resources. For this reason, the formation and management of attracted resources is considered very important for banks. We can say that the resources of a commercial bank have an impact on the bank, depositors, borrowers and lenders, and even on the state. Therefore, it is worth noting that the whole society should strive for the stable development of the banking system, and in this regard, receive large incomes and develop their activities.

**Keywords:** model for the formation of attracted resources, deposits, savings, loans, financial instruments, healthy competition, the impact of resources, authorized capital, additional capital, reserve capital, investments, economic development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифзода Нурулло Шариф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Sharifzoda.nurullo@mail.ru**. Телефон: **(+992) 905-71-76-76**

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Нурулло Шариф*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Sharifzoda.nurullo@mail.ru.** Телефон: **(+992) 905-71-76-76**

**Information about the author:** ***Sharifzoda Nurullo Sharif*** - Tajik National University, assistant of department of finance and insurance. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Sharifzoda.nurullo@mail.ru.** Phone: **(+992) 905-71-76-76**

ТДУ: 331.104

# ИСТИФОДАИ АНЪАНАҲО ВА ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ДАР ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ МУНОСИБАТҲОИ ЗАМИНДОРӢ

*Юсупов С.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тавре маълум аст, сол то сол дар ҷаҳон шумораи аҳолӣ меафзояд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ба маҳсулоти хоҷагии қишлоқ талабот рӯз ба рӯз зиёд шуда истодааст. Аз ин рӯ, дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла кишвари мо вазифаҳои нав ба миён меояд, ки масъалаҳои муайян кардани роҳу усулҳои истифодабарӣ, такмил додани услубҳои идоракунӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии мехнати коргарони ҳоҷагии кишоварзӣ ва оқилона истифода бурдани қитъаи заминҳои кишоварзиро дарбар мегирад.

Масъалаи муҳим дар ҷараёни дигаргунсозии муносибатҳои аграрӣ аз ҷумла заминдорӣ, дар шароити низоми бозорӣ, ҷорӣ намудани механизми бозорӣ мебошад. Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими идоракунӣ бо воситаи механизми бозорӣ, мустақилона идоракунии хоҷагиҳоро ислоҳоти се даҳсолаи охири ҳоло фаро нагирифтааст.

Дар иқтисодиёти Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ, ҳам дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳам дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Зиёда аз 74%-и аҳолӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунад, 55%-и онҳо аҳолии қобили меҳнат мебошанд, гузашта аз ин, зиёда аз 23%-и ММД-ро арзиши маҳсулоти хоҷагии кишлоқ ташкил медиҳад [5].

Дар шароити муосир барои омӯхтани муносибатҳои заминдорӣ, дар таҷрибаи ҷаҳон, имконниятҳои васеъ мавҷуд мебошад. Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои рушдкарда нишон медиҳад, ки унсури асосии мукаммалгардонии муносибатҳои заминдорӣ, дар танзими механизми амалигардонии сиёсати заминдорӣ, захираҳои замин баҳисоб меравад.

Низоми истифодаи замин маҷмуи унсур тартиб ва механизмҳо мебошад, ки барои дуруст ба роҳ мондани вазифаҳои монанди банақшагирӣ, ташкили истифодаи оқилонаи замин, кадастри замин, мониторинги назорати замин, ҷорӣ намудани усулҳои муосири танзими экологию иқтисодӣ ва ғайраро имконият медиҳад.

Марҳала ба марҳала давлатҳои аз ҷиҳати иқтисоди бозорӣ рушдкарда, муносибатҳои истифодабарии заминро дар асоси механизми бозорӣ ба роҳ монда истодаанд. Қайд кардан зарур аст, ки муносибатҳои бозории истифодабарии замин, пурра озод шуда наметавонанд. Дар ҳама давлатҳо ин бозор нисбатан озод буда, нафақат бо қонунҳои ҳуқуқию маъмурӣ оид ба истифодабарии замин, балки бо қонунҳои иқтисодӣ ва методҳои иқтисодие, ки дар асоси механизми бозорӣ ташаккул ёфтааст, онро дақиқ ба танзим медарорад.

Муносибатҳои заминдории муосири аксари кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, ба муносибатҳои заминдории инкишофёфта мансубанд. Дар низоми онҳо муносибати устувори заминдорӣ, коркарди гуногуншаклии институтҳои бозори замин, ҳуқуқу кафолатҳо муқаррар шуда, устувор будани ислоҳоти дигаргунсозиҳои гуногуни заминистифодабарӣ дарҷ гардидааст. Аз ин рӯ, таҷрибаи давлатҳои мазкур дар соҳаи танзими муносибатҳои моликияти замин ва, пеш аз ҳама, ҷорӣ намудани ҳуқуқи моликияти хусусии замин барои Тоҷикистон, бешубҳа таваҷҷуҳи хосса дорад, зеро он омили асосии таъсиркунандаи ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ҳалли масъалаҳои истифодаи оқилонаи замин, тавре, ки таҷрибаи истифодабарии замин ва ислоҳоти заминдории хориҷӣ нишон медиҳад, ки бештар аз дуруст ташаккул ва ба амал баровардани сиёсати самарабахши заминдории давлат вобаста аст.

Омӯзиш ва дарки қонунҳо, усулҳои танзими муносибатҳои заминдорӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи замин дар кишварҳои хориҷӣ, ки ҳам аз рӯи ҷойгиршавӣ, хусусияти омилҳои табиӣ ва ҳам сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоӣ фарқ мекунанд, ба мо имконият дод, ки бо воситаи таҳлили муқоисавӣ, роҳҳои беҳтар намудани истифодаи заминро дар мамлакатамон муайян кунем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол моликияти истисноии давлатии замин нигоҳ дошта шудааст. Хоҷагиҳои ба монанди хоҷагиҳои ёрирасон, ташкилотҳои хоҷагиҳои қишлоқ, ки бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, заминро дар шакли доимӣ ва муҳлати бемаҳдуд, хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ бошад, якумраю меросӣ мегиранд ва ҳуқуқи ташкил намудани (Ҳоҷагиҳои Деҳқонии Фермерӣ) доранд.

Дар рафти ислоҳоти замин собиқ коргарони колхозу совхозҳо ҳуқуқи гирифтани заминро доштанд ва қисми зиёди замин дар байни онҳо тақсим карда шуд. Аз ин рӯ, гуфтан ба маврид аст, ки замин ба аҳолии қобили меҳнат, ки дорои таҷриба дар соҳаи мазкур мебошанд, тақсим карда шудааст. Аммо ҳуқуқи категорияҳои мазкури аҳолии қобили меҳнат, ҳангоми азнавташкилдиҳии ҳоҷагиҳо оид ба гирифтани замин дақиқ муайян карда нашудааст [9].

Дар ин ҷо чи тавре, ки дар баъзе ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, қитъаи замин ба истифодабарандагон на дар шакли алоҳида, балки дар шакли умумӣ дода мешавад ва саҳми ҳар як аъзои хоҷагии деҳқонӣ ба замин муайян шуда, ҳар яке аз онҳо, ҳиссаи ҳуқуқи истифодабарии онро доранд.

Дар Русия бошад, ҳар як аъзои хоҷагии деҳқонӣ, ҳиссаи ҳуқуқи моликият ба заминро доранд, ки дар асоси принсипи механизми бозории истифодабарии замин монеа эҷод намекунад.

Дар маҷмуъ, ислоҳоти замин дар Тоҷикистон ҷиҳатҳои мусбии зиёдро доранд: истифодаи мақсадноки замин таъмин карда шудааст; заминҳо мувофиқи саҳми аъзоҳо байни онҳо барои ташкили хоҷагии инфиродӣ тақсим шудаанд; замин ба моликияти меросии якумра дода мешавад; озодии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи мазкур таъмин карда шудааст.

Аммо, новобаста тамоми паҳлуҳои мусбии ислоҳот, додани замин дар асоси чунин ҳуқуқҳо сабаби басҳо мегардад. Вақте, ки сухан дар бораи моликияти меросӣ меравад, ба ворис интиқол додани қитъаи замин саволҳои зеринро ба миён меорад: аввалан, ворисон зиёданд, ҳуқуқи ҳиссаи тақсими замин чи тавр байни ворисон муайян карда мешавад? Ғайр аз ин, баъзе ворисон мутахассиси дигар ихтисосҳо масалан (духтур, механик, инжинер, актёр, электрик) бошанд. Аммо мувофиқи қонунгузории истифодабарии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, замин танҳо ба нафароне дода мешавад, ки дар соҳаи мазкур таҷриба ва маълумоти дақиқ дошта бошанд.

Ғайр аз ин, таҷрибаи заминистифодабарӣ нишон дод, ки аз ислоҳоти замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои зеринро дар бар нагирифтааст: аввал, механизмҳои иқтисодии заминистифодабарӣ ва методҳои иқтисодии ба гирдгардиши механизми бозорӣ ҷалб намудани қитъаҳои замин, ба истисноии иҷозати расмӣ ба иҷора додани замин, ҳангоми ғайриқобили меҳнати муваққатӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ будан.

Дуюм, масъалаи механизми мерос гузоштани замин ба ворис низ дақиқ нашудааст. Яъне, мувофиқ намудани касбашро ё механизми ба иҷора додан, айни ҳол замин аз нав ба иҷора дода мешавад, ки хароҷоти деҳқонро ба андозаи иҷорапулӣ зиёд гардонида, афзун ёфтани хароҷотҳои истеҳсолии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва боиси болоравии нархи маҳсулотҳои мазкур мегарданд. Деҳқонон ҳуқуқи ба иҷора додани замин, фурӯхтани замин ё ин, ки дигар амалиётҳои гиргардиши заминдории мавҷуд бударо надоранд, аз ин ҷо бар меояд, ки деҳқон дар сину соли пирӣ низ заминро истифода намояд, аммо дар сину соли пирӣ самаранок истифода намудани замин ҷисмонан ғайри имкон аст.

Сеюм, агар як ҷисми аъзоёни ХДФ хоҳанд истеҳсоли кооперативӣ ташкил кунанд, мувофиқи ҳолатҳои мазкури ислоҳот ғайри имконнопазир аст: шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқи моликияти як умра ва меросӣ доштани заминро надоранд [10].

Ислоҳоти замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳала ба марҳала, гузаронида шуд. Аммо дар ҳамаи даври марҳала камбудиҳои институтсионалии ислоҳот ислоҳ нашуда, паҳлуҳои алоҳидаи масъала дар ҳар яке онҳо қисман такрор шудааст.

Барои бартарафсозии ислоҳоти замин ва бартараф намудани камчинии (дефицити) маҳсулоти кишоварзӣ ба хоҷагиҳои хонаводагӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ қитъаи замин (майдони кишт) дастрас карда шавад, ки дорои хусусиятҳои иқтисодӣ, табиию экологӣ ва мақоми ҳуқуқӣ дошта бошад.

Мафҳуми «истифодаи замин» дар шароити муосир дорои маънои васеъ буда, нафақат дар илми техникӣ, табиӣ, балки илмҳои иқтисодию ҳуқуқӣ низ зиёд истифода мешавад.

Мафҳуми «истифодаи замин» дар қонунгузории ҳуқуқӣ ва иқтисодии муосир, амалан дар маънои кӯтоҳ истифода шудааст ва маънои онро ба маънои мафҳуми «заминдорӣ» иваз мекунад, ки ин ҳолат боиси паст шудани самаранок истифодабарии замин мегардад.

Чунин табдил додани маънои мафҳумҳои «истифодаи замин», яъне, ба «заминдорӣ» дар шароити иқтисоди бозорӣ кам кардани монополияи давлатӣ ба замин ва афзоиш додани ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста аст.

Моҳияти мафҳуми истифодабарии замин дар соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ, шаклҳои гуногуни ҳуқуқҳои истифодаи заминро ба ҳамдигар пайваст мекунад.

Дар зери мафҳуми мазкур на фақат ҳудуди заминҳои хоҷагиҳои алоҳида, балки ҳудуди заминҳои ҳамаи хоҷагиҳо ба назар гирифта мешавад.

Дар адабиётҳои махсус мафҳуми «истифодабарии замин» чун истифодабарии заминҳои хоҷагии қишлоқ, ҷангалпарварӣ, аҳолинишин ва ғайраҳо, хусусятҳои алоҳида доранд.

Ҳамин тариқ, мафҳуми истифодаи замин аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ равшан ошкор карда нашудааст, зеро он дар баробари нигоҳ доштани хосиятҳои табиии як минтақаи маҳдуд тибқи қонунҳои муайяни бозор ва вобаста ба муҳити рақобат амал мекунад. Аз як тараф, истифодаи замин мувофиқи функсияҳои истеҳсолӣ, шаклҳои ташкилӣ ва характери истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ташаккул меёбад, аз тарафи дигар, устувории истифодаи замини хоҷагии қишлоқ ба натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолии он вобаста аст.

Омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар бобати истифодабарии заминҳои хоҷагии қишлоқ ба мо имкон дод, ки ба чунин хулоса омадан мумкин аст, анъанаҳои миллӣ бояд ба сиёсати замин дохил карда шаванд.

Масалан, дар Ҳиндустон иҷораи замин аз нуқтаи назари механизми бозорӣ инкишоф наёфтааст, дар мамлакатҳои Европа бошад, баръакс. Ҳамин тариқ, дар Италия 35%-и заминҳои кишоварзӣ, дар Фаронса 47%, дар Нидерландия 48%, дар Бельгия 71% ба иҷора дода шудааст. Ҳатто дар ИМА 75% замин ба иҷора дода шудааст. Дар Ҳиндустонислоҳоти замин ба ҳалли чунин масъалаҳо равона карда шудааст: барҳам додани занҷири дарози миёнаравии байни соҳибони замин ва иҷоракорон; баробар тақсим кардани замин дар байни деҳқонони камбизоату камзамин ва онҳое, ки дар ҳақиқат заминро кишт мекунанд, бояд иҷорагир набошанд, балки соҳиби ҳақиқии замин бошанд [4].

Дар мамлакати мо низ занҷири миёнаравӣ ба назар мерасад, ки, пеш аз ҳама, ба муҳофизати таркибии замин барои манфиатҳои наслҳои оянда халал мерасонад.

Дар қонунгузории замини Дания ва Норвегия бошад, ҳар ду мамлакат нисбат ба соҳибони замин талаботҳои хеле қатъӣ муқаррар карда шуда, заминистифодабарандаро вазифадор мекунад, ки на танҳо аз замин самаранок истифода барад, балки онро бо назардошти экологию иқтисодӣ, муҳофизат намояд.

Танзими давлатии захираҳои замин ва истифодабарии он дар давлатҳои хориҷӣ тавассути бозори замин ба амал бароварда мешавад, ки он унсури асосии ба танзимдарорӣ ба ҳисоб меравад, аммо ба киҳо додани замин ва фурӯхтани онро давлат дар асоси қонунгузории худ муайян мекунад. Давлат на танҳо бозори замин, балки тамоми доираи истифодабарии онро - чи дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чи дар сатҳи мунисипиалӣ бо мақсади пешгирӣ аз суиистеъмолӣ, вобаста ба муносибатҳои замин ба таври қатъӣ назорат ва танзим мекунад. Инчунин, чараёни мерос гузоштани заминро ба ворисон муқаррар мекунад, ки ба монополияи заминдорӣ оварда нарасонад..

Усул ва роҳҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои замин дар кишварҳои хориҷӣ хело гуногунанд. Бо вуҷуди ин, як қатор принсипҳои умумиро муайян кардан мумкин аст. Ин хусусиятҳои миллӣ ва таърихии мамлакат, мавҷудияти таъминоти замин, мавҷудияти гуногуншаклии моликияти замин, ҳар як амалиёт вобаста ба замин бо меъёриҳои муайяни ҳуқуқӣ танзим карда мешавад; ҷорӣ намудани бозори замин ҳамчун механизми асосии иқтисодӣ дар тақсим, аз навтақсимкунӣ ва самаранок истифодбарии замин; истифодабарии пулакии замин, рушд додани хоҷагии қишлоқ дар асоси истифодабарии

замин бо воситаи ҷорӣ намудани имкониятҳои моликияти шахсӣ ва иҷораи он дар ҳудудҳои муайян; ҳуқуқи истифодаи замин мутлақ нестанд, татбиқи онҳо дар амалияи хоҷагидорӣ бо маҳдудиятҳои муайян сурат мегирад; ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо ё имконнопазирии харидани замин аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ; пурзур намудани нақши давлат дар идоракунии замин.

Истифодаи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати шароити табиию иқлимӣ, бисёрҷанбавии минтақавӣ комилан фарқ мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои камзамин дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Ҳама ин аз он шаҳодат медиҳад, ки объекти таҳлилшаванда мураккаб ва ҳаётбахши такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, берун аз доираи идоракунии давлатӣ мондани он то ҷӣ андоза хавфнок аст ва марҳала ба марҳала мукаммалгардонии идоракунии он хело муҳим мебошад.

Ҷанбаи муҳимми идоракунии замин ва амволҳои бо замин пайваст шуда, дар шароити бозорӣ ҷорӣ намудани бозори замин бо талаботи стандартҳои муосир мебошад. Дар ин ҷо вазифаи муҳим таъсис додани инфрасохтори мукаммали бозор, дурнамои рушди бозори замин, муайян кардани номутавозунии сегментҳо ва минтақавии он, таҳия ва татбиқи чораҳои танзимкунанда оид ба безараргардонии зуҳуроти манфӣ дар фаъолияти он мебошад.

Ҷамъбасти натиҷаҳои ислоҳоти бозорӣ дар бахши аграрии иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 1991-2020. Гуфтан мумкин аст, ки натиҷаи асосии онҳо ташаккули сектори хусусӣ ҳамчун соҳаи пешбари иқтисодиёти хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад, ки дар маълумотҳои ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Тағйироти сохтори маҳсулоти умумии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2021 (ба ҳисоби фоиз аз ҳаҷми умумӣ)**
**Table 1. Changes in the structure of the total agricultural product of the Republic of Tajikistan in 1991-2021 (as a percentage of the total volume)**

| Намудҳои корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ | Маҳсулоти умумӣ (1991г) | | | Маҳсулоти умумӣ (2021г.) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Растанипарварӣ | Чорводорӣ | Дар ҳамаги хоҷагиихои қишлоқ | Растанипарварӣ | Чорводорӣ | Дар ҳамаги хоҷагиихои қишлоқ |
| Корхонаҳои кишоварзӣ, сектори ҷамъиятӣ | 90,1 | 52,4 | 77,6 | 9,6 | 4,1 | 8,1 |
| Сектори хусусӣ | 9,9 | 47,6 | 22,4 | 90,4 | 95,9 | 91,9 |
| Аз ҷумла хоҷагиҳои ёрирасон | 9,9 | 47,6 | 22,4 | 47,8 | 92,4 | 59,7 |
| Хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ (ХДФ) | - | - | - | 42,6 | 3,5 | 32,2 |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

Шарҳ. Маҳсулоти умумии кишоварзӣ барои солҳои 1991-2021 бо нархҳои муқоисашавандаи соли 2021 оварда шудааст.

Сарчашма: Омори кишоварзии ҶТ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -С.16.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 1 дида мешавад, дар давраи солҳои (1991-2021) таҳлилшаванда ҳиссаи бахши хусусӣ дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ аз 9,9 то 91,9% афзуда ва он ба пешбарандаи соҳа табдил ёфтааст. Аз тарафи дигар, ин дар хоҷагии кишоварзии мамлакат ба роҳ мондани муносибатҳои бозориро имконият медиҳад.

Барои ҷорӣ намудани механизми бозорӣ дар муносибатҳои заминдорӣ, яъне, бозори замин аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешида шуд, ки яке аз асоситаринаш ин аст.

1) Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1021 аз 22.06.1998с. Дар бораи додани сертификати замин ба заминистифодабарандагон [7]. Дар давоми 20 соли охир

миқдори зерини ҳуқуқӣ истифодабарии замин ба минтақаҳои чумҳурӣ дода шудааст (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Ҳаҷми сертификати замин аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 2. Volume of land certificates by regions of the Republic of Tajikistan**

| Номгӯи минтақаҳо | Шумораи хоҷагиҳо «аз рӯи шаклҳои фаъолият (дар аввали соли 2019) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ | Хоҷагиҳои инфиродии аҳолӣ | Кооперативҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ |
| Вилояти Суғд | 46780 | 183385 | 150 | 980 |
| Вилояти Хатлон | 48300 | 254000 | 195 | 991 |
| НТҶ | 45100 | 102860 | 4 | 698 |
| ВМКБ | 10000 | 6399 | 0 | 207 |
| **Ҳамагӣ дар Ҷумҳурӣ** | **150180** | **546644** | **549** | **2876** |

Сарчашма: Агентии заминсозӣ, геодезӣ ва харитасозии дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Миқдори ҳуқуқи истифодабарии замини (сертификатҳои) додашударо бо шумораи хоҷагиҳои аз рӯи шакли фаъолият мавҷуд буда муқоиса намоем, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар давоми зиёда аз 20 сол дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи истифодабарии замин (сертификатҳои) барои ташкили марҳилаи аввали бозори замин кифоя мебошад.

Тавре, ки дар боло зикр гардид, танзими давлатии захираҳои замин дар кишварҳои хориҷӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ тавассути бозори замин амалӣ карда мешавад, аммо он аз тарафи давлат тибқи қонунҳои муайян ба танзим даровarda мешавад.

Инчунин, ба ҳамагон маълум аст Тоҷикистон кишвари камзамин ба ҳисоб меравад, яъне, талаботи табиии замин аз пешниҳоди он зиёдтар аст. Бинобар ин, танзими давлатии бозори замин зарур мебошад, махсусан чун ислоҳоти замини давлатии Ҳиндустон, ки ба ҳалли чунин проблемаҳо, монанди барҳам додани занҷири дарози миёнаравии байни соҳибони замин ва иҷоракорон, баробар тақсим кардани замин дар байни деҳқонони камзамин ва онҳое, ки дар ҳақиқат заминро кишт мекунанд, набояд иҷорагир бошанд, балки соҳиби ҳақиқии замин шаванд, ҷорӣ намудани чунин ислоҳот барои Ҷумҳурии Точикистон низ саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Бо ин мақсад дар ҷараёни ғайримутамарказонии муносибатҳои заминистифодабарӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро тағйироти низомиву институтсионалӣ иҷро менамояд, ки боиси ҳавасмандкунии воқеии фаъолияти меҳнатии деҳқонон, яъне, самаранок истифодабарии замин ва субъектҳои бозори замин мегардад [9].

Тоҷикистон бояд таҷрибаҳои ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷии истифодабарии заминро таҳлил намуда, сиёсати муайяни истифодабарии замини худро муайян кунад, ки ба манфиатҳои миллии худ мувофиқ бошад. Омӯзиш нишон дод, ки муттаҳид намудани танзими давлатии замин ва механизми бозории танзими замин ҳамчун сиёсати самараноки танзими истифодабарии замин ба ҳисоб рафта, алоқамандии байни бозори замин ва шакли моликият ба заминро муайян намуда, масъалаҳои ташккулёбии гуногуншаклии моликиятдории замин ва механизми муосири бозори заминро ташаккул медиҳад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Зиёев С.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Диловаров, Р.Д. Рациональное использование земель / Р.Д. Диловаров. -Душанбе: Ирфон, 1991. -110 с.
2. Зиёев Б.С. Экономико-экологический аспект регулирования регионального землепользования // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2018. -№3. -С.25-31.
3. Зиёев С.С. Инвестиционные аспекты интеграции национальной экономики в мировом хозяйстве / С.С. Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2014. -№2/2(131).
4. Сагайдак А.Э. Формирование рынка сельскохозяйственных земель на региональном уровне / А.Э. Сагайдак, И. Дивакова // АПК Экономика, Управление. - 2009. -№1.
5. Таджикистан: 30 лет государственной независимости статистический сборник: - №335.-Стр 436.
6. Турсунов И.Б. Роль инвестиций в развитии энергетического сектора Республики Таджикистан / И.Б. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№10. –часть 1. –С.198-202.

7. Указ Президента Республики Таджикистан «О реализации права пользования землей» от 22 июня 1998г. №1021.
8. Фасехзода И.С. Эколого-экономические аспекты использования земельных ресурсов в сельском хозяйстве / Фасехзода И.С. // 800-летию великого мыслителя Мавлоно Джалолиддина Балхи и 16-й годовщине Независимости Республики Таджикистана: Материалы респуб. науч. теор. конф. профессорско-преподавательского состава и студентов Тадж. гос. нац. ун-та. –Душанбе, 2007. -Т.1. -С.269-271.
9. Юсупов С.А. Институциональные основы рыночного землепользования в современных условиях Республики Таджикистан / С.А. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№9. -С.76-80.
10. Юсупов С.А. Трансформация земельной собственности как основа формирования земельного рынка в переходной экономике Республики Таджикистан. Монография / С.А. Юсупов. - 2022.
11. Юсупов С.А. Трансформация земельной собственности как основа формирования земельного рынка в переходной экономике Республики Таджикистан., диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наука: 08.00.01 / С.А. Юсупов. –Душанбе, 2015. -145 с.

## ИСТИФОДАИ АНЪАНАҲО ВА ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ДАР ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ МУНОСИБАТҲОИ ЗАМИНДОРӢ

Дар мақола масъалаи татбиқи анъанаҳои миллӣ ва таҷрибаи хориҷии танзими давлатии муносибатҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, табдилдиҳии моликияти замин, ҳифз ва истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ баррасӣ шудааст. Аз ҷумла истифодаи оқилонаи замин ҳамчун омили таъмини амнияти озуқавории кишвар, механизми иҷтимоию иқтисодии тақсимоти қитъаҳои замин, моҳияти риояи ҳолати экологии захираҳои замин низ ба назар гирифта шудаанд. Ғайр аз ин, замин хамчун омили ҳаётан муҳимми такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ ба шумор рафта ва берун аз доираи танзими давлатӣ мондани он то чи андоза хавфнок аст, дида шудааст. Инчунин, таҳқиқот нишон дод, ки таъсиси инфрасохтори мукаммали бозорӣ, пешгӯии дурнамои рушди бозори замин, муайян кардани сегментҳо ва мутаносибии минтақавии он, коркард ва татбиқи чораҳои танзими безараргардонии зуҳуроти манфӣ дар фаъолият ва ғайраҳо зарур мебошад. Методҳо, усулҳо ва принсипҳои умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои замин, ки хусусиятҳои миллию таърихии кишварро дар бар мегиранд, муайян карда шудаанд. Муайян карда шуд, ки ҳама гуна амал бо замин бо меъёри муайяни қонун танзим карда мешавад; бозори замин ҳамчун механизми асосии иқтисодии тақсим, азнавтақсимкунӣ ва истифодаи самараноки замин баромад мекунад; ҳуқуқ ба замин мутлақ нест, татбиқи онҳо дар амал бо маҳдудиятҳои муайян сурат мегирад;

**Калидвожаҳо:**ислоҳоти замин, танзими давлатии муносибатҳои заминдорӣ, хоҷагии қишлоқ, захираҳои замин, сертификати замин, амал кардани бозори замин, унсурҳои моликияти замин, маҳсулоти кишоварзӣ.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТРАДИЦИЙ И ЗАРУБЕЖНОГО ОПЫТА ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ

В статье рассматриваются применение национальных традиции и зарубежного опыта государственного регулирования земельных отношений в Республике Таджикистан, а также трансформация земельной собственности, сохранение и рациональное использование земель сельскохозяйственного назначения. Также рассмотрены рациональное землепользование как фактор обеспечения продовольственной безопасности страны, социально-экономические механизмы распределения земельных участков, и важность соблюдения экологического состояния земельных ресурсов. Кроме того, земля рассматривается как жизненно важный фактор общественного воспроизводства, который опасно оставлять вне сферы государственного управления. Исследование показывает необходимость создания полноценной рыночной инфраструктуры, прогнозирования перспектив развития земельного рынка, выявления его сегментных и региональных диспропорций, разработки и осуществления мер регулирования, позволяющих нейтрализовать негативные отклонения в его функционировании. Определены методы, способы и общие принципы правового регулирования земельных отношений, которые включают в себя национально исторические особенности страны. Выявлено, что любое действие с землей регламентируется определенной нормой закона; земельный рынок выступает как основной экономический механизм распределения, перераспределения и эффективного использования земель; права на землю не абсолютны, их реализация на практике осуществляется с определенными ограничениями.

**Ключевые слова:** земельные реформы, сельское хозяйство, государственное регулирование земельных отношений, земельные ресурсы, земельные участки, земельные сертификаты, функционирование земельного рынка, элементы земельной собственности, сельскохозяйственная продукция.

## APPLICATION OF TRADITIONS AND FOREIGN EXPERIENCE IN STATE REGULATION OF LAND RELATIONS

The article discusses the application of the national tradition and foreign experience of state regulation of land relations in the Republic of Tajikistan, as well as the transformation of land ownership, the conservation and rational use of agricultural land. Rational land use as a factor in ensuring the country's food security, socio-economic mechanisms for the distribution of land plots, and the importance of observing the ecological state of land resources are also considered. In addition, land is regarded as a vital factor in social reproduction, which is dangerous to leave outside the sphere of state

administration. The study shows the need to create a full-fledged market infrastructure, predict the prospects for the development of the land market, identify its segmental and regional imbalances, develop and implement regulatory measures to neutralize negative deviations in its functioning. The methods, methods and general principles of legal regulation of land relations are determined, which include the national and historical features of the country. It was revealed that any action with the land is regulated by a certain norm of the law; the land market acts as the main economic mechanism for the distribution, redistribution and efficient use of land; rights to land are not absolute, their implementation in practice is carried out with certain restrictions.

**Keywords:** land reforms, agriculture, state regulation of land relations, land resources, land plots, land certificates, functioning of the land market, elements of land ownership, agricultural products.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юсупов Сиддиқ Атабуллоевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 927-52-63-32**

**Сведения об авторе:** ***Юсупов Сиддик Атабуллоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 927-52-63-32**

**Information about the author:** ***Yusupov Siddiq Atabulloevich*** **–** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 927-52-63-32**

ТДУ: 331.52

# МУАММОҲОИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФНАМОИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

***Давлатмуродов Ш.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар тамоми ҷаҳон дар тули ҳазорсолаҳо қонуни марказонидани молия амал мекунад. Омӯзиши рушди молияи минтақаҳо ва масъалаи муносибати молияи умумидавлатӣ ва минтақавӣ дар бораи мавҷудияти чунин қонуниятҳо шаҳодат медиҳад:

1.Баланд шудани сатҳи ҷамъкунии захираҳои молиявӣ дар буҷети марказии давлат вазъи молияи маҳаллиро бадтар менамояд.

2.Кам шудани ҳиссаи молияи маҳаллӣ, боиси бадтар гардидани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар минтақа мегардад.

3.Паст шудани сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо ниҳоят ба бадтар шудани ин нишондиҳандаҳо дар мамлакат оварда мерасонад.

Таҳлили ин қонуниятҳо имкон медиҳад, ки нисбати ин масалаҳо чунин хулоса барорем: сатҳи ҷамъкунии маблағҳо ба буҷети марказӣ (давлатӣ) чи қадаре баланд бошад, сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ҳамон қадар паст мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки маблағҳои дар буҷети марказӣ ҷамъовардашуда, асосан барои таъмини хароҷоти ғайриистеҳсолӣ, чун маблағгузории дастгоҳи идоракунӣ, мақомоти қудратӣ ва ғайра равона карда шуда, барои таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ камтар истифода мешавад. Гаронии хароҷот барои маблағгузории зерсохторҳои иҷтимоӣ-маишӣ (хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ, тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ғайра), ки барои қисми бештари аҳолӣ нигаронида шудааст, ба уҳдаи буҷетҳои маҳаллӣ (буҷети минтақаҳо, шаҳрҳо, ҷамоатҳо) вогузор шудааст.

Ҳолати мазкур зарурати ҷамъоварӣ ва тақсимоти одилонаи маблағҳоро байни буҷетҳои ҳамаи сатҳҳои низоми буҷетии мамлакат тақозо менамояд. Механизми иҷрои ин вазифа муносибатҳои байнибуҷетӣ ва ё баробаркунии буҷетӣ мебошад.

Мақсади ниҳоии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар таъмини кафолатнокии ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатӣ ва сатҳи муносиби зиндагӣ ба ҳар як фард ва шаҳрванд мебошад.

Бисёриҳо мафҳуми муносибатҳои байнибуҷетиро бо маънои мустақим ҳамчун муносибати буҷетҳо мефаҳманд, аммо дар асл ин мафҳум мазмуни хеле амиқ ва васеъ дорад. Мафҳуми муносибатҳои байнибуҷетӣ дар моддаи 23-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин муайян карда шудааст: «Муносибатҳои байни мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки дар раванди буҷетӣ ба амал меоянд, муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошанд» [6,с.12].

Чунин таърифи муносибатҳои байнибуҷетӣ, робитаи тарафайни буҷетҳоро бо ташкили идоракунии давлатӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати иқтисодии давлат инъикос карда, имкон медиҳад муносибатҳои байнибуҷетӣ ҳамчун қисми таркибии механизми сиёсати молиявии давлат тавсиф карда шавад.

Вазифаҳои асосии муносибатҳои байнибуҷетӣ инҳоянд:

-бартараф намудани номувофиқатӣ байни ҳаҷми хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ ва ҳаҷми даромадҳои ба ин буҷетҳо вобасташуда;

-боздоштан ва кам намудани сатҳи тафриқаи минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо мақсади таъмини рушди баробари иқтисодии онҳо, ки ба шиддати баланди низои иҷтимоии байниминтақавӣ роҳ намедиҳад;

-ҳавасмандкунии «пурзуркунии андозии» минтақаҳо (водор намудани мақомоти маҳаллии ҳокимият барои сафарбаркунии даромадҳои буҷетии иловагӣ дар асоси истифодаи пурра ва рушди иқтидори даромадҳои худии минтақаҳо);

-ба татбиқи ҳадафҳои афзалиятноки умумидавлатӣ нигаронидани сиёсати буҷетии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ;

-бартараф кардани камбудиҳои системаи андози мамлакат.

Чи тавре дар моддаи 23-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, асоси муносибатҳои байнибуҷетиро якчанд принсипҳо ташкил медиҳанд [6,с.12], нигаред ба расми 1.

**Расми 1. Принсипҳои ташкили муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Figure 1. The principles of organizing inter-budget relations in the Republic of Tajikistan**




Муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои зерин татбиқ карда мешавад:

1. *Кумаки молиявии беподош (дотатсия)* - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд. Чунин кумаки молиявӣ барои баробар намудани сатҳи ҳадди ақали таъминоти буҷетии мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ, маблағгузории ҳадди ақали стандартҳои иҷтимоии давлатӣ, масъулият барои маблағгузорие, ки ба уҳдаи мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вобаста карда шудааст, истифода бурда мешавад.

2. *Мусоидати молиявӣ (субвенсия)* - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси ҳуқуқӣ барои анҷом додани хароҷоти муайян беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд. Мақсади асосии мусоидати молиявӣ, маблағгузории хароҷоти алоҳидаи мақсаднок ба шумор меравад.

3. *Кумаки молиявӣ (субсидия)* - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо шарти маблағгузории ҳиссавии хароҷоти мақсаднок дода мешаванд.

4. *Қарзи буҷетӣ* - маблағе, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷети давлатӣ ё шахсони воқеӣ ба мӯҳлати муайян ва ба тариқи бозгашт дода мешавад [2,с.16-17].

5. Воситаи асосии баробаркунии байнибуҷетӣ интиқоли маблағҳои (трансфертҳои) байнибуҷетӣ ба шумор меравад. Интиқоли маблағ (трансфертҳо) - маблағҳои буҷетии барои маблағгузории пардохтҳои ҷорию асосии аҳолӣ дар шакли нафақа, стипендия, ёрдампулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳиссаи пардохт барои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин, маблағҷудокунӣ барои пардохти хароҷоти корхонаҳо, муассисаҳои хусусии ғайритиҷоратии ба аҳолӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ хизматрасонанда, ки аз рӯи маблағҳои мазкур ҳеҷ гуна уҳдадорӣ оид ба пардохт пеш намеояд.

Дар шароити муосир, ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа ба фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, хусусан иҷрои буҷетҳои минтақа вобастагии калон доранд.

Танзими давлатии муносибатҳои байнибуҷетӣ, дар соҳаи баробаркунии сатҳи таъминоти буҷетии ҳокимияти маҳаллӣ, дар интиқоли даромад ва хароҷот аз як сатҳи низоми буҷетӣ ба сатҳи дигари он зоҳир гардида, таносубҳои даромадҳои танзимшаванда дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллиро ҳар сол вобаста аз сатҳи иқтисодию молиявии минтақаҳои ҷумҳурӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад [4,с.177].

Бо шарофати ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2017 ба маблағи 3777470 ҳазор сомонӣ ва ё 85,2% афзоиш ёфтааст (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Афзоиши даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар солҳои 2017-2021 (ҳазор сомонӣ)**
**Table 1. Increase in income of local budgets in 2017-2021 (thousand somoni)**

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| **ВМКБ** | 63740 | 82501 | 93737 | 103 840 | 211359 |
| **вилояти Хатлон** | 888580 | 1018934 | 1173541 | 1 256 266 | 2176559 |
| **вилояти Суғд** | 1454670 | 1722444 | 1924641 | 1 839 660 | 2435197 |
| **шаҳри Душанбе** | 1412265 | 1624203 | 1981145 | 2 110 581 | 2208100 |
| **НТҶ** | 614757 | 642453 | 732010 | 770926 | 1180267 |
| **Ҳамагӣ** | **4434012** | **5090535** | **5905074** | **6081273** | **8211482** |

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи маълумоти Вазорати молияи ҶТ.

Тибқи ҷадвали 1, дар давраи солҳои 2017-2021 даромади буҷети маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол зиёд шуда истодааст. Ин нишондод дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, даромади буҷети ВМКБ дар соли 2021 нисбати соли 2017 231,6%, даромади буҷети вилояти Хатлон 144,9%, даромади буҷети вилояти Суғд 67,4%, даромади буҷети шаҳри Душанбе 56,4% ва даромади буҷети ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба маблағи 92,0% расидааст.

Ҳамасола аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ, аз ҷумла пардохти фонди музди меҳнат мусоидати молиявӣ (субвенсия) ҷудо карда мешавад.

**Диаграммаи 1. Маълумот дар бораи ҳаҷми умумии субвенсия дар солҳои 2017-2021 ва вазни хосси он дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ, бо млн. сомонӣ**
**Diagram 1. Information on the total amount of the subsidy in 2017-2021 and its specific weight in the total amount of local budget expenditures, in mln. Somoni**




Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021.

Агар дар соли 2017-ум аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 885,6 млн. сомонӣ субвенсия ҷудо гардида бошад, пас дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба маблағи 947 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбати соли 2021 1287 млн. сомонӣ мебошад, ки нисбат ба соли 2017 ба маблағи 401,4 млн. сомонӣ ва ё қариб 1,5 маротиба зиёд шудааст [13,с.170-171].

Тавре аз диаграммаи 1 аён аст, дар давоми солҳои 2017-2021 аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ мусоидати молиявӣ (субвенсия) дар ҳаҷми 1287 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст.

Ҳаҷми маблағҳои субвенсионӣ ҳамасола бинобар сабаби зиёд гардидани музди меҳнат ва шумораи кормандони соҳаҳои буҷетӣ зиёд гардида, ҳамзамон, вазни хосси он дар ҳаҷми умумии даромади буҷетҳои маҳаллӣ тамоюли коҳишёбӣ дорад. Масалан, дар соли 2021 ҳаҷми маблағи субвенсия 1287 млн. сомониро ташкил дода бошад, ин рақам дар соли 2019 ба 947 млн. сомонӣ баробар гардида, дар ҳоле, ки соли 2017 885,6 млн. сомонӣ буд.

Айни ҳол ба 35 шаҳру ноҳияи кишвар аз буҷети ҷумҳуриявӣ мусоидати молиявӣ (субвенсия) ҷудо мегардад, ки аз онҳо 20 шаҳру ноҳия ба вилояти Хатлон, 7 ноҳия ба ВМКБ ва 8 ноҳия ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Дар соли 2021 бошад, ҳиссаҷудокунии маблағ аз андоз ва даромади умумидавлатӣ, ки аз андозсупорандагони дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мешавад, ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи таносубҳои (фоизҳои) зерин тасдиқ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки тақсимоти даромадҳо аз чунин андозҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ" дар байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ муайян карда мешавад (нигаред ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Ҳиссаҷудокунии маблағ аз андозҳо ва даромади умумидавлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ дар солҳои 2017-2021 (бо %)**

**Table 2. Contribution of funds from taxes and state income to local budgets in 2017-2021 (in %)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Андоз аз арзиши иловашуда | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 2. | Андоз аз фоида | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 3. | Андоз аз даромад | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 4. | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 5. | Аксизҳо | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| 6. | Низомҳои махсуси андозбандӣ | 100 | 100 | 100 | - | - |
| 7. | Андозҳои маҳаллӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ ва воридоти дигари ғайриандозии маҳаллӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Сарчашма: Ҳикматов С., Ҷаҳоншоҳ С. Буҷет ва низоми буҷетӣ. Воситаи таълимӣ. -Душанбе, 2021. –С.83.

Чи тавре дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст, дар солҳои 2017-2021 як қисмати даромадҳои умумидавлатӣ бо ҳиссаи пурраи 100% (ба истисноӣ баъзе аз минтақаҳо) ба буҷетҳои маҳаллӣ равона гардидаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳаллҳо, имрӯзҳо бо даромадҳои худӣ наметавонад хароҷоташонро рӯйпуш намоянд. Қобили зикр аст, ки дар ин солҳо баъзеи минтақаҳо қисме аз даромадҳои танзимшаванда даст кашидаанд ва ё онҳоро пурра не, балки бо ҳиссаҳои муайян гирифтаанд. Масалан, дар соли 2021 вилояти Суғд андоз аз арзиши иловашударо 50%, андоз аз даромадро 35%, шаҳри Душанбе андоз аз арзиши иловашударо 50%, андоз аз даромадро 68%, шаҳри Роғун андоз аз даромадро 86% гирифтаанд. Инчунин, дар соли мазкур вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, шаҳри Роғун андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоида ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро умуман нагирифтаанд. Ҳолати мазкур гувоҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои болозикр мебошад [13,с.82-83].

Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ (СИМД) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2030 бо Қарори Ҳукумати мамлакат қабул карда шудааст, ки дар доираи он муносибатҳои байнибуҷетӣ такмил меёбад.

Хулоса, дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои байнибуҷетӣ коркарди назаррасро тақозо менамоянд, чунки дар асоси онҳо баробаркунии байнибуҷетӣ ҷой дорад, ки нисбати онҳо бояд қоидаҳо ва ҷараёнҳои аниқе, ки дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам гардидаанд, вуҷуд дошта бошад. Муттаасифона, дар қонуни таҳияшаванда танҳо моҳияти базавии истилоҳҳо ва принсипҳои ташкилёбии низоми муносибатҳои

буҷетӣ оварда шудааст. Вале тартиби расонидани кумки молиявӣ (яъне, муайянсозии шаклҳои трансфертҳои байнибуҷетӣ) ва инчунин, ҳаҷми дотатсияҳо ва субвенсияҳо аз ҷониби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ ба соли навбатии молиявӣ муайян карда мешавад.

Ба ғайр аз ин, тақсимнамоии андозҳои умумидавлатӣ миёни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети маҳаллӣ салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамасола аз ҷониби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ ба соли навбатии молиявӣ тасдиқ гардида, вале дар худи қонун оид ба буҷети давлатӣ ба соли навбатии молиявӣ танҳо меъёрҳои фоизи ҳиссаҷудокуниҳои андозҳои умумидавлатӣ тасдиқ мегарданд.

Имрӯз низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор доранд. Дар шароити муосир, дар назди молияи давлатӣ вазифае истодааст, ки барои расидан ба инкишофи устувор аз модели мувофиқи сиёсати молиявӣ ва механизми андоз истифода намудан зарур аст. Дар ин ҷода мо метавонем заминаҳои сиёсати нави инноватсионии давлат ва корхонаҳоро пайдо намоем. Маҳз мураккабӣ, зудҳаракатӣ ва номуайянӣ зарурияти асоснокнамоии сиёсати молиявиро ҳамчун яке аз омилҳои асосии идорашавандаи трансформатсияи иҷтимоӣ талаб менамояд. Муносибатҳои байнибуҷетӣ имконияти самаранок таъсир карданро ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, танзим намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ, таъсир кардан ба ташкили тамоми низоми иҷтимоӣ ва хусусиятҳои минтақавии таъмини сатҳи зиндагӣ дорад.

Дар иртибот бо таҳлилҳои гузаронидашуда фикр менамоем, ки барои боз ҳам мукаммал намудани муносибатҳои байнибуҷетӣ бояд корҳои зерин ба анҷом расонида шавад:

- мақсаднок ва самаранок истифода бурдани захираҳои молияи давлатӣ ва риояи принсипҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ;
-ҷалб намудани захираҳои иловагии молиявӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки сатҳҳои низоми буҷетӣ бо назардошти фоизҳои паст;
- андешидани чораҳои иловагӣ оид ба идома додани ислоҳоти музди меҳнати кормандони муассисаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендия ва дигар кумакпулиҳои иҷтимоӣ;
- истифодаи чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастгирии молиявӣ дар шакли дотатсия ва субвенсия бо назардошти таҷрибаи мамлакатҳои ташкилоти ҳамасолаи иқтисодӣ ва рушд;
- дар доираи Стратегияи идоракунии молия давлатӣ дар зери назорати қатъӣ қарор додани самаранокии муносибатҳои байнибуҷетӣ;
- ҳамаи манбаҳои дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаро метавон ба 3 гурӯҳи сарчашмаҳо ҷудо намуд: даромадҳои худии минтақа; дастгирии молиявӣ аз тарафи мақомотҳои марказии ҳокимияти давлатӣ; ҷалби воситаҳои берунӣ (грантҳо, ёриҳои техникӣ ва башардӯстона, қарзҳои имтиёзноки созмонҳо, ташкилотҳо, бонкҳои байналмилалӣ ва давлатҳои мададгори хориҷӣ). Чунин тарзи ба гурӯҳҳо ҷудокунии даромадҳо имконият медиҳад, ки мақом ва нақши ҳар як сарчашмаи механизми молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа дурусттар муайян ва баҳогузорӣ карда шаванд;
- муносибатҳои байнибуҷетии марказ бо минтақаҳои ҷумҳурӣ, механизми дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии онҳоро аз ҷониби марказ бояд нигоҳ дошт. Барои ин бояд ба таҷрибаи мусбати чунин мамлакатҳо, ба монанди ИМА, Олмон, ҶХХ, ва ФР диққати зарурӣ дод. Ин пешниҳодро, аллбата, бояд дар шакли таҷриба истифода намуда, ҳангоми ноилгардии натиҷаҳои мусбат, барои коркарди модели муосири тоҷикии муносибатҳои байнибуҷетӣ истифода намудан лозим аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Давлатшоев О.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Алимардонов У. Молия. Воситаи таълимӣ / У. Алимардонов. –Душанбе, 2014. –291 с.
2. Давлатмуродов Ш.М. Такмили механизми дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаи Хатлон: Монография / Ш.М. Давлатмуродов. –Душанбе: Хирадмандон, 2021. -186 с.
3. Исайнов, Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: Китоби дарсӣ / Ҳ.Р. Исайнов. -Душанбе: Ирфон, 2018. -648 с.
4. Исоматов Б. Асосҳои назарияи иқтисодӣ. Қисми дуввум. Воситаи таълимӣ / Б. Исоматов. –Душанбе: Шарқ, 1995. -С.129.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2022».
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 436; с. 2013, №3, мод. 189, №11, мод. 784; с. 2016, №5, мод. 367. Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 №746; аз 12.11.2013 №1027; аз 14.05.2016 №1316; аз 17.05.2018 №1535.
7. Маҷаллаи “Молия ва ҳисобдорӣ”-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2022.
8. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024 аз 26-уми октябри соли 2021, №448.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016. -127 с.
10. Турсунов Р.Р. Рынок труда в условиях рыночных отношений. Понятийный аппарат / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально- экономических и общественных наук. –Душанбе, 2023. -№9. -С.174-182.
11. Улугходжаева Х.Р. Государственное регулирование межбюджетных отношений / Х.Р. Улугходжаева, О.Х. Давлатшоев // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2015. -№2(190). -С.6-10.
12. Улуғхоҷаева Х.Р. Ф. 59. Молия: китоби дарсӣ / Х.Р. Улуғхоҷаева, Ф.С. Обидов, З.А. Раҳимов. -Душанбе: Ирфон, 2010. -195 с.
13. Ҳасанов А.Р. Буҷети давлатӣ: Китоби дарсӣ / А.Р. Ҳасанов, Р.Ҳ. Содиқов. -Душанбе: ЭР-граф, 2018. –366 с.
14. Ҳикматов С. Буҷет ва низоми буҷетӣ. Воситаи таълимӣ / С. Ҳикматов, Ҷаҳоншоҳ С. -Душанбе, 2021. –343 с.

## МУАММОҲОИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФНАМОИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Дар мақола дар мисоли давлатҳои аъзои Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (ТҲИР) ва ичунин, таҷрибаи федератсия Русия, таҷрибаи ташкили муносбатҳои байнибуҷетӣ дар давлатҳои хориҷӣ муҳокима карда мешавад. Бо мақсади асосноксозии хусусиятҳои хосси батанзимдарории муносибатҳои байнибуҷетии сохторҳои идоракунии давлатии марказӣ ва минтақавӣ ҳамаи давлатҳои ТҲИР ба 4-гурӯҳ ҷудо карда, мутаносибан чор модели ҷойдошта- америкоӣ, олмонӣ, Канадӣ ва унитарӣ-муносибатҳои байнибуҷетӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Дар мақола фикру мулоҳизаҳо оид ба имкониятҳои истифодабарии ҳолатҳои мусбати таҷрибаи хориҷӣ дар ташкили муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои хосси ҷумҳурӣ пешниҳод гардидаанд. Мақсади асосии навиштани мақолаи мазкур ин омӯзиши корҳои илмӣ, дар натиҷаи омӯзиш пешниҳоди усулҳо оид ба баҳодиҳии иқтидори буҷетҳои маҳаллӣ мебошад. Муайянкунӣ ва баҳодиҳии иқтидори буҷетҳои маҳаллӣ яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисоди давлат ба ҳисоб меравад. Барои он, ки дар натиҷаи тақсимоти нодурусти сарчашмаҳои даромади буҷет байни минтақаҳо мушкилоти зиёдшавии касри буҷет ба миён меояд. Бинобар ин, бо нишондиҳандаи иқтидори буҷетҳои маҳаллӣ, мо ба нақшаи иҷроиши буҷет пешгӯи намуда, барои банақшагирии оянадаи буҷет маслиҳату пешниҳодҳои муфид дода метавонем. Дар ҷараёни омӯзиш ва азхудкунӣ дар асоси ақидаҳои олимони хориҷию ватанӣ, барои баҳодиҳии иқтидори буҷети маҳаллӣ баъзе пешниҳоду тавсияҳо низ қайд карда шудааст. Дар асоси маълумотҳо ва омӯзиши усулҳои баҳодиҳӣ ба иқтидори буҷети маҳаллӣ, ба хулосае омада, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи мазкур, мавзуи актуалӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** буҷет, механизми буҷетӣ, трансфертҳои буҷетӣ, таҷрибаи мувозинатии буҷетӣ, идоракунӣ, муносибатҳо, муносибатҳои байнибуҷетӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, захираҳо, потенсиал, методология, захираҳо, унсурҳои система, равишҳои методологӣ, иқтидори буҷетӣ, назарияи молия.

## ПРОБЛЕМЫ МЕЖБЮДЖЕТНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ПУТИ ИХ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается практика организации межбюджетных отношений в зарубежных государствах на примере стран-членов Организации экономического сотрудничества и развития Российской Федерации. Для обоснования особенностей регулирования межбюджетных отношений между центральным и региональными органами государственного управления все страны Организации экономического сотрудничества и развития (ОЭСР) сгруппированы в 4-е группы и, соответственно анализируются четыре модели- Американская, Германская, Канадская и межбюджетные отношения. Высказывается мнение о возможностях использования положительных моментов зарубежного опыта в организации межбюджетных отношений с учётом характерных особеностей в Республики Таджикистан. Основной целью написания данной статьи является изучение научных работ и предоставление методов оценки потенциала местных бюджетов. Определение и оценка потенциала местных бюджетов-один из важнейших экономических вопросов государства. В связи с тем, что в результате неправильного распределения источников бюджетных доходов между регионами возникает проблема увеличения бюджетного дефицита. Поэтому с помощью индикатора потенциала местных бюджетов мы можем прогнозировать план исполнения бюджета и дать полезные советы и предложения по планированию будущего бюджета. В процессе изучения и освоения мнений иностранных и отечественных ученых, в оценке потенциала местного бюджета также были разработаны некоторые предложения и рекомендации. Исходя из изучения методов оценки потенциала местного бюджета, можно сделать вывод, что данная тема является актуальной.

**Ключевые слова:** бюджет, бюджетный механизм, бюджетные трансферты, сбалансированный зарубежный опыт, регулирование, отношение, межбюджетные отношения, экономическое развитие, бюджет, ресурсы,

потенциал, методология, резервы, элементы системы, методологические подходы, бюджетный потенциал, теория финансов.

## PROBLEMS OF INTERBUDGETARY RELATIONS AND WAYS TO IMPROVE THEM IN A MARKET ECONOMY

The article examines the practice of organizing interbudgetary relations in foreign countries using the example of member countries of the Organization for Economic Cooperation and Development of the Russian Federation. To substantiate the peculiarities of regulating interbudgetary relations between central and regional government bodies, all countries of the Organization for Economic Cooperation and Development (OECD) are grouped into 4 groups and, accordingly, four models are analyzed - American, German, Canadian and interbudgetary relations. An opinion is expressed about the possibilities of using the positive aspects of foreign experience in organizing interbudgetary relations, taking into account the characteristic features of the Republic of Tajikistan. The main purpose of writing this article is to study scientific works and provide methods for assessing the potential of local budgets. Determining and assessing the potential of local budgets is one of the most important economic issues of the state. Due to the fact that as a result of incorrect distribution of sources of budget revenues between regions, the problem of increasing the budget deficit arises. Therefore, using the local budget potential indicator, we can predict the budget execution plan and give useful advice and suggestions for planning the future budget. In the process of studying and assimilating the opinions of foreign and domestic scientists, some proposals and recommendations were also developed in assessing the potential of the local budget. Based on the study of methods for assessing the potential of the local budget, we can conclude that this topic is relevant.

**Keywords:** budget, budget mechanism, budget transfer, balancing of foreign experience, regulation, relation, interbudgetary relation, socio-economic development, budget, resources, potential, methodology, reserves, elements of the system, methodological approaches, budget potential, theory of finance.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатмуродов Шоҳмурод Мирзомуродович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-16-13-55.** E-mail: **shohmurod_1987@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Давлатмуродов Шохмурод Мирзомуродович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-16-13-55.** E-mail: **shohmurod_1987@mail.ru**

**Information about the author:** ***Davlatmuradov Shohmurod Mirzomurodovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Public Financial Management. **Address**: 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-16-13-55**. E-mail: **shohmurod_1987@mail.ru**

ТДУ: 339.18-3

# ҲОЛАТИ МУАЙЯНСОЗИИ МАФҲУМИ ҶАҲОНИИ БЕХАТАРИИ НЕРУИ БАРҚ

*Хоҷаев Д.Х.*

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад, ки то имрӯз ҳамагӣ тақрибан 5%-и он истифода шудаасту халос. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое маҳсуб меёбад, ки бо доштани ин гуна манбаи барқароршавандаи энергия ва инчунин, аз нигоҳи экологӣ тоза дар ҷаҳон ҷойи 8-умро ишғол мекунад. Барои далел иқтидори тавлиди неруи барқию обиаш 527 миллиард кВт/соат арзёбӣ мешавад.

Зичии шабакаи дарёҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна тақрибан 0,6 км/км$^2$ мебошад. Дар байни кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тибқи нишондод Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Федератсияи Русия дар ҷаҳон дар ҷойи дуюм мавқеъ дорад. Чунки сиёсати обу энергетикии ҷумҳурӣ, ки беш аз нисфи захираҳои обии минтақаро дар ихтиёр дорад, ки бо истифодаи оқилонаю самараноки онҳо дар асоси ҳусни тафоҳум ва ҳамкориҳои судманд ба нафъи тарафайн нигаронида шудааст [3].

Ташаббусҳои наҷибу бесобиқаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври пайваста эътироф ва дастгирӣ мешаванд. Чунки ҳамаи пешниҳодоти муфид ҳамеша ба оғози раванди ҷаҳонии муносибати нав ба захираҳои обию гидроэнергетикӣ мусоидат намуда, ҳамзамон, яке аз далелҳои равшани тааҳҳуди амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд оид ба масъалаҳои обу энергетика ва ҳифзи захираҳои обию гидроэнергетикӣ бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ба шумор мераванд, ки боиси ифтихор аст [6].

Лозим ба тазаккур аст, ки захираҳои нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дар ҷумҳурии мо хеле зиёданд. Ин аз нигоҳи саҳми минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷиҳати коҳиш додани фишори экологӣ ба муҳити табиӣ, ҳамзамон, нисбатан кам кардани партовҳои гази карбон ба ҳавои атмосфера ва таъсири манфии тағйирёбии иқлим хеле муҳим аст. Дар баробари ин, обе, ки дар неругоҳҳои барқию обӣ истифода бурда мешавад, миқдор ва сифати худро гум намекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ борҳо собит кардааст, ки ҳамкории кишварҳои ҳавза дар бунёди муштарак ё сармоягузорӣ ҳангоми сохтмони обанборҳо ва неругоҳҳои барқию обӣ, инчунин, ба таври самаранок идоракунии захираҳои обии ҳавзаи дарёҳо ва истифодаи маҷмуии экологияи ҳавзаро нисбатан бештар мекунанд [4].

Роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар сиёсати истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои обиро дар миқёси ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ба таври пайваста пеш мебарад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳудуди 60% захираҳои обии минтақаро дар ихтиёр дорад, барои истифодаи одилона ва оқилонаи ин захираҳои обӣ на танҳо дар кишвар, балки дар кишварҳои соҳили дарёҳои асосии Осиёи Марказӣ низ масъул аст.

Омӯзиши сиёсати тоҷикон оид ба таъмини бехатарии ҷаҳонии энергетикӣ бидуни дарки худи падидаи амнияти энергетикӣ дар сиёсати давлатҳои алоҳида ва муносибатҳои байналмилалӣ, таҳдидҳо ва чолишҳои мавҷуда бо мақсади безараргардонии онҳо, инчунин, ҷойгоҳи масъалаи таъмини амнияти энергетикӣ ғайриимкон аст [5].

Муҳаққиқони соҳа қайд мекунанд, ки аз ибтидои садаи бистум масъалаи таъмини захираҳои энергетикӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи мушкилоти фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ мавриди баррасӣ қарор дорад. Ин фаҳмиши мушкилот ҳам дар давраи аввал ва ҳам дар давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ маълум буд [1].

Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ метавон гуфт, ки аз ибтидои қарни XX то оғози солҳои 70-уми асри гузашта амнияти энергетикӣ агар ҳамчун як мушкилоти ҷудогона арзёбӣ мешуд, он аз ҷониби давлатмардон ва муҳаққиқони соҳа бархӯрд карда мешуд.

Имрӯзҳо дар байни мутахассисон ва коршиносони масоили марбута ақидаи васеъ паҳн шуда истодааст, ки мувофиқи он барои давлатҳои содиркунанда амнияти энергетикии миллӣ аслан маънои талаботи кафолатноки хориҷӣ ба захираҳои энергетикии истеҳсоли ин кишварҳоро дорад. Масалан гирем, профессори Донишгоҳи Лестер Майкл Брэдшоу бошад таъкид мекунад, ки "чунин давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки нархи одилонаи содироти энергияи худро ба талаботи кофӣ дар оянда ҷиҳати боз ҳам асоснок кардани сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои гаронарзиши энергетикӣ гиранд" [8].

Ё худ барои мисол, тавре Энди Уайттон, директори Маркази таҳқиқотии Exxon Mobil дар Қатар тавзеҳ медиҳад, чунин давлатҳо бояд "дурнамои талаботи дохилӣ, яъне қонеъ кардани ниёзҳои босуръат афзоишёбандаи дохилиро" бояд бештар ба инобат гиранд.

Зеро пайдоиши мафҳуми амнияти энергетикӣ бо дарназардошти мавқеи давлатҳои содиркунанда дар соҳаи назариявӣ ба боз ҳам амиқтар шудани омӯзиши масъалаҳои таъмини амнияти энергетикӣ ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Инчунин, таҳқиқотчиёни амнияти энергетикии давлатҳои содиркунанда як қатор саволҳоро ба миён гузошта, ҳамзамон, имкон доданд, ки амнияти энергетикии кишварҳои истеъмолкунандаро аз сари нав дида бароем. Масалан, ба андешаи олими маъруфи соҳа Н. Кавешников: «баромади кишварҳои воридкунанда ба таври возеҳ тамаркузи тамоми хатарҳои тиҷоратӣ ба тарафи таъминкунандаро дар назар дорад, ки ин на танҳо беадолатона аст, балки дар ниҳоят ба амнияти таъминот низ мусоидат намекунад» [4].

Ҳамин тариқ, таҳлили таърифи амнияти энергетикии кишварҳои содиркунандаи энергия дар асоси таҳлили сиёсати таъмини амнияти миллии энергетикии ин кишварҳо пешниҳод шудааст. Дар доираи ин сиёсат содиркунандагон саъй мекунанд, ки талаботи устувор (чун қоида, тавассути бастани шартномаҳои дарозмуддат) ва нархҳои пешбинишавандаи энергияро ҳамаҷониба таъмин намуда, барои ҳифз, нигоҳдорӣ ва ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи самаранокии инфрасохтори истихроҷи маъдан ва содирот тамоми кӯшишу ғайрати худро ба харҷ диҳанд. Зеро, чунин давлатҳо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки соҳибихтиёрии худро дар самти сиёсати энергетикӣ ба ҳадди аксар расонида, ҳамзамон, дар самти диверсификатсияи масирҳои содиротии манбаҳои энергия ва ҷалби сармояи зарурӣ барои маҷмааи сӯзишворию энергетикии миллӣ ҳамаҷиҳата мусоидат намоянд.

Маҳз дар натиҷаи ин омил мафҳумҳои амнияти энергетикӣ мураттаб гардида, ҳамзамон онҳо дар таҳлили Н. Кавешников чунин ҷамъбаст кардаанд: «ба маънои том айни замон амнияти энергетикиро бояд ҳамчун рафъ кардани хатаре дарк кард, ки дар мисоли омили энергетикӣ он ба як омили энергетикӣ табдил ёфта, ҳамзамон, монеаи эҳтимолӣ ба рушди иқтисодии кишвар дар давраҳои дарозмуддат гардад” [4].

1. Хусусияти асосии истеъмоли энергияи муосири ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки он дар тамоми минтақаҳои сайёра, хусусан дар кишварҳои калонтарину мутараққии дар ҳоли рушд қарор дошта, аз он ҷумла дар қитъаи Осиё афзояд. Тибқи ҳисобҳои мавҷуда, аз соли 2010 то соли 2040 масрафи энергия дар маҷмуъ бояд 56% афзоиш ёбад. Зеро дар ҳамин давра, истеъмоли неруи барқ дар кишварҳои ғайри ОЭСР дар қитъаи Осиё 112% афзоиш хоҳад ёфт [1].

2. Дар сохтори истеъмоли энергия камаш дар давоми бист соли оянда ангишт, газ ва нафт ҳамчун манбаҳои асосии захиравии энергияи инсонӣ хоҳанд буд. Барои мисол дар ҷадвали 1 тахминҳои сохтори истеъмоли ҷаҳонии энергия низ оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Ангишт ва сӯзишвории карбогидридӣ дар сохтори истеъмоли ҷаҳонии энергия**
**Table 1. Coal and hydrocarbon fuels in the structure of global energy consumption**

| **Навъи сӯзишворӣ** | **2014** | **2035** |
|---|---|---|
| Сӯзишвории моеъ | 34% | 28% |
| Гази табиӣ | 22% | 29% |
| Ангиштсанг | 28% | 28% |
| Дар маҷмуъ ҳаҷми умумии истеъмоли қувваи барқ | 84% | 85% |

Ҷадвали мазкур тибқи маълумоти Вазорати энергетикаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико асос ёфтааст.

Ҷойгиршавии ҷуғрофии конҳои асосии захираҳои энергетикии истихроҷшуда таврест, ки шумораи зиёди онҳо дар кишварҳое ҷойгир шудаанд, ки истеъмолкунандагони асосии ин захираҳо нестанд. Ба қавли бархе аз коршиносон, аксари истеъмолкунандагони калонтарини нафт, газ ва ангишт худашон эҳтиёҷоти миллиро қонеъ карда наметавонанд. Дар баробари ин, муҳим аст, ки чунин давлатҳои бузургу мутараққии ҷаҳони муосир, аз ҷумлаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Чин, Ҷопон, Олмон, Ҳиндустон, Бразилия ва Британияи Кабир ба ин мисоли овардаи мо шомил гарданд [10].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи ин амалкард вазъияти ҷаҳонии номуайянӣ ба миён меояд, ки ҳатто барои давлатҳои бонуфузтарин ва пешрафта кафолати рушди иқтисоди миллӣ бо захираҳои энергетикӣ аз манбаъҳои дохилӣ вуҷуд надорад.

Вазъияти ҳозира дар бахши энергетикаи ҷаҳонӣ ба омӯзиши амнияти энергетикӣ чӣ гуна таъсири худро мерасонад?

Тавре ки мо дар боло қайд кардем, дар мавриди моҳияти мафҳуми «амнияти энергетикӣ» инчунин, таърифҳои амният дар фаҳмиши кишварҳои истеъмолкунандаи энергия, пеш аз ҳама, бартарии бештари худро доранд, ки дар баъзе мавридҳо ҳатто дар ин равиш ба таъсири онҳо низ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад.

Имрӯзҳо метавон ба мафҳуми амнияти энергетикӣ дар фаҳмиши кишварҳое ишора кард, ки истеъмолкунандагони бузурги захираҳои энергетикӣ маҳсуб меёбанд, ки аксарияташон ҳамзамон воридкунандагони бузурги захираҳои энергетикӣ мебошанд. Барои далел, Оҷонси Байналмилалии Энержӣ бехатарии энергетикиро ҳамчун мавҷудияти бемамониат аз манбаъҳои энергия бо нархи дастрас эътироф менамояд.

Аз ҷониби дигар, чунин таърифҳоро мақомоти давлатӣ – бузургтарин истеъмолкунандагони захираҳои энергетикӣ ном мебаранд. Масалан, Дафтари буҷети Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико амнияти энергетикиро ҳамчун «қобилияти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷиҳати қонеъ гардонидани ниёзҳои энергетикии худ аз манбаъҳои дохилӣ ё тавассути таъминот аз кишварҳои дӯст» муайян кардааст [9].

Таҳқиқоти сершумор оид ба масоили амнияти энергетикӣ моро мутмаин месозад, ки сарфи назар аз ҳама фарқиятҳо дар таърифҳои амнияти энергетикӣ ва номгӯйи ҳадафҳои сиёсати он, ки аз ҷониби таҳқиқотчиён бо назардошти афзалиятҳои кишварҳои гуногун тартиб дода шудаанд ва инчунин, бештар ин гуна ҳадафҳо ба назар мерасанд, ки аз бисёр ҷиҳат ба ҳамдигар мукаммал гарданд. Вобаста ба ин, дар бисёр корҳо ба баҳогузориҳое дучор омадан мумкин аст, ки аз рӯйи онҳо эътирофи воқеияти вобастагии давлатҳои содиркунанда ва воридкунандаи захираҳои энергетикӣ асоси ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошанд, ки ба таъмини амнияти энергетикии намояндагон ҳамаҷониба мусоидат мекунанд. Зеро дар ин раванд вобастагии мутақобилаи энергетикӣ ва миқёси афзояндаи савдои энергетикӣ, ҳамкории доимии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагонро бо мақсади таъмини амнияти тамоми занҷири таъминоти энергетикӣ ба таври пайваста тақозо менамояд.

Пажуҳишгари британиёӣ Линда Юе бошад чунин гуфта: "Манфиатҳои давлатҳои гуногун ҳамдигарро бештар пурра мекунанд ва истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон бояд, пеш аз ҳама, ниёзҳои ҳамдигарро ба таври пурра дарк кунанд, то ин ки номуайянӣ дар атрофи талабот, сармоягузорӣ ва пешниҳоди оянда коҳиш ёбад" [1].

Дарки ин омил вобастагии мутақобила ва натиҷаи асосии таҳаввулоти равандҳо ба таҳлили амнияти энергетикӣ мебошад.

Тавре ки мо қаблан дар ин банд нишон дода будем, солҳои охир муаллифон мафҳумҳои амнияти энергетикиро пешниҳод кардаанд, ки ҳам фарқияти афзалиятҳои таъмини амнияти энергетикиро дар кишварҳои мухталиф ва ҳамзамон, воқеияти имрӯзаи энергетикии ҷаҳон, пеш аз ҳама зарурати ҳамкориҳои байналмилалиро бештар ба инобат мегиранд.

Аз ҷониби дигар, таъмини амнияти энергетикии давлатҳои алоҳида, вобастагии афзояндаи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони захираҳои энергетикӣ ва инчунин, мураккаб шудани вазъи муносибатҳои байналхалқиро оид ба масъалаҳои марбутаи таъмини амнияти энергетикӣ низ фаро мегиранд.

Муносибати маҷмуӣ ба омӯзиши бехатарии энергетикӣ, инчунин, ба зарурати мунтазам таъмин намудани он, пеш аз ҳама, бо мақсади пешгирии таҳдидҳои нав ва

ҳамзамон, кам кардани хатарҳо, аз ҷумла дар натиҷаи шиддатнок ва инчунин, дар ҳолатҳои печида шудани вазъи муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи энергетика ба вуҷуд омада, боз ҳам васеътар мегарданд.

Дар чаҳорчӯбаи ин бархӯрд, дар марҳалаи ҳозираи таҳқиқот таваҷҷуҳ ба заминаи байналмилалии таъмини амнияти миллии энергетикӣ, пеш аз ҳама, аҳаммияти афзояндаи ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мақсади таъмини амнияти энергетикии давлатҳои алоҳида ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Аз ҷониби дигар, боз як тавофуқ вуҷуд дорад, ки таъмини амнияти миллии энергетикӣ на танҳо тавассути ноил шудан ба истиқлоли энергетикӣ ғайриимкон аст, балки ҳамчунин, маълум аст, ки таҳдидҳои зиёди таъмини амнияти энергетикии миллӣ аз берунӣ ҳастанд. Дар робита ба ин, зарур аст, ки вазъи муосири кори назариявӣ, ки ба омӯзиши таҳдидҳо дар соҳаи ҳамкориҳои байналмилалии байни давлатҳо оид ба масъалаҳои таъмини амнияти энергетикӣ бахшида шудааст, ба даври дақиқ ва инчунин, ҳамаҷониба таҳлил карда шаванд. Маҳз ба ҳамин соҳа, новобаста аз тафовути равишҳои онҳо, муҳаққиқон низ масъалаҳои таъмини бехатарии ҷаҳонии энергетикиро бештар аз пештар мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Тарзи зиндагии аҳолии кишварҳои пешрафтаи муосир низ аз таъмини пайваста бо неруи барқ дар ҳаҷми калон ва бо нархи дастрас вобастагии зиёд дорад. Истеъмолкунандагони хусусӣ ё муассисаҳои давлатӣ хароҷоти тавлиди неруи барқро маблағгузорӣ мекунанд, ки хароҷоти доимӣ (ба монанди сармоягузории асосӣ ба неругоҳҳо ва шабакаҳо) ва хароҷоти тағйирёбанда (ба монанди сӯзишворӣ, истифода ва нигоҳдорӣ, интиқол ва тақсимот) иборатанд. Дар ҳамин асос, нигаронии шаҳрвандони одӣ ва сиёсатмадорон дар бораи паёмадҳое, ки дар хароҷоти мустақими молии тавлиди неруи барқ дар сатҳи неругоҳ инъикос намеёбад, бештар афзоиш ёфтааст. Чунин омилҳо хароҷотеро дар бар мегиранд, ки технологияи мушаххас ба тамоми системаи энергетикӣ бор мекунад, инчунин, таъсири экологӣ ва иқтисодиро васеътар дар худ фаро мегиранд [10].

Чунин хароҷоти беруна, ки аз хароҷоти неругоҳи барқӣ берунанд, ба ду категорияи васеъ тақсим мешаванд (расми 1). Категорияи якум хароҷоти системаро дар сатҳи системаи мушаххаси барқӣ вобаста ба пайвастшавӣ ба шабакаи ҷамъиятиро дар бар мегирад. Чунин хароҷоти иҷтимоӣ таъсири ифлосшавии ҳавои маҳаллӣ ва минтақавӣ, тағйирёбии иқлим, хароҷоти садамаҳои калон ва аксаран суғуртанашаванда, истифодаи замин ва камшавии захираҳои табииро дар бар мегиранд. Оқибатҳои мусбат ё манфии интихоби ин ё он технологияи тавлидотӣ барои эътимоднокии таъмини ҳамаҷонибаи неруи барқ, шуғли аҳолӣ ва пайвастагии минтақавӣ ё рушди инноватсионию иқтисодӣ низ метавонанд, ки бегуфтугӯ ба ин гурӯҳ шомил шаванд.

**Расми 1. Намудҳои хароҷот, ки арзиши умумии истеҳсоли энергияи барқароршавандаро муайян мекунанд**

**Figure 1. Types of costs that determine the total cost of renewable energy production**




Манбаъ: Таҳияи муаллиф.

Тавре дар расми 1 нишон дода шудааст, хароҷоти тавлиди неруи барқро метавон ба хароҷот дар сатҳи неругоҳ, хароҷоти система дар сатҳи шабака ва инчунин, хароҷоти беруна ё иҷтимоӣ тақсим намуд.

Бояд қайд кард, ки то он даме, ки талош барои ҳалли мушкилоти хароҷоти беруна дар сатҳи сиёсӣ сурат нагирад, пас ин гуна хароҷот метавонад, ки ба мизони беасос ва инчунин, баланд оварда расонад ва масъулияти он бояд ба зиммаи онҳое, ки сабабгори асосии ба вуқуъ пайвастани ин омил шудаанд, вогузор карда шавад.

Ба вижагиҳои ин се омили асосӣ таваҷҷуҳ бояд кард. Зеро падидаҳои мухталифе, ки ба онҳо дохил мешаванд, аз рӯйи дараҷаи устувории баҳодиҳии иқтисодӣ ва молиявӣ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Хароҷот дар сатҳи неругоҳи барқӣ, пеш аз ҳама, он хароҷоте мебошад, ки ҳангоми тавлиди неруи барқ ба амал меояд. Конструксияҳои оҳану бетонӣ барои сохтмони неругоҳҳои барқию обӣ, сӯзишворӣ ва қувваи корӣ барои истифодабарии он ҳамчун ҷузъҳои хароҷоти лозима мебошанд [7]. Бинобар ин, Агентии Энергияи Атомӣ (АЭА) ва Агентии Байналмилалии Энержӣ (АБЭ) бошанд, чун ҳамеша натиҷаҳои таҳқиқотро дар бораи хароҷоти неругоҳҳо ба таври дақиқ муайян месозанд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДДТТ – Хоҷаев П.Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Глобализация экономики и энергетическая безопасность: науч. конф., 11-12 октября 2012: сб. докладов. –СПб.: Изд-во С.-Петербург. гос. ун-та экономики и финансов, 2012. -300 с.
2. Исмоилов Ф.О. Комплексное использование возобновляемых источников энергии для электроснабжения автономных потребителей Республики Таджикистан: дисс. канд. техн. наук / Ф.О. Исмоилов. -М.: НИУ МЭИ, 2012.
3. Каюмов Н.К. Водно-энергетическая стратегия Таджикистана / Н.К. Каюмов // Экономика Таджикистана: стратегия, развития. -Душанбе, 2007. -№2. -С.36-46.
4. Россия в мировой энергетике XXI века / Е.П. Велихов, А.Ю. Гагаринский, С.А. Субботин, В.Ф. Цибульский. -М., 2006. -С.3.
5. Ходжаев Д.Х. Зарубежный опыт формирования и развития энергетических услуг в условиях рыночной экономики / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. -№3. –С.166-173.
6. Ходжаев Д.Х. Приоритеты управления гидроэнергетической безопасностью Республики Таджикистан / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2022. -№2. -Часть 1. –С.106-114.
7. Ciută F. Conceptual Notes on Energy Security: Total or Banal Security? / F. Ciută // Security Dialogue. – 2010. -Volume 41. -No.2. -P.124-142.
8. Hunter S.T. It is time for a consumer - producer dialogue on oil / S.T. Hunter, C.K. Ebinger // OPEC Review. – 1986. – Volume 10, Issue 4. -P.511–521.
9. Semenov B.A., Guthrie D., Tatsuta Y. The future role of nuclear power in the global energy balance; Waide P. Towards global energy security: the next energy transition; Lieber R.J. Oil and Power after the Gulf War // International Security. – 1992. -Volume 17. -No.1. -P.155-176.
10. Winzer C. Conceptualizing energy security / C. Winzer // EPRG Working Paper. - 2011. -P.36-65.


**ҲОЛАТИ МУАЙЯНСОЗИИ МАФҲУМИ ҶАҲОНИИ БЕХАТАРИИ НЕРУИ БАРҚ**


Дар мақола ҳолати муайянсозии мафҳуми ҷаҳонишавии бехатарии неруи барқ дида баромада шудааст. Муҳаққиқони соҳа қайд мекунанд, ки аз ибтидои садаи бистум масъалаи таъмини захираҳои энергетикӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи мушкилоти фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ мавриди баррасӣ қарор дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки имрӯзҳо метавон ба мафҳуми амнияти энергетикӣ дар фаҳмиши кишварҳое ишора кард, ки истеъмолкунандагони бузурги захираҳои энергетикӣ маҳсуб мееёбанд, ки аксарияташон ҳамзамон воридкунандагони бузурги захираҳои энергетикӣ мебошанд. Барои далел, Оҷонси Байналмилалии Энержӣ бехатарии энергетикиро ҳамчун мавҷудияти бемамониат аз манбаъҳои энергия бо нархи дастрас эътироф менамояд. Дар маҷмуъ, мукаммалгардонии усулҳо, рушди таъмини бехатарии энергетикӣ дар байни мамлакатҳои ҷаҳон, шароити муносиб барои рушди босуботи комплекси энергетикӣ ва баланбардории некуаҳволии аҳолӣ таъмин бошад.



**Калидвожаҳо:** бехатарӣ, энергетика, неруи барқ, комплекси энергетикӣ, рушди босубот.


**СОСТОЯНИЕ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ГЛОБАЛЬНОЙ КОНЦЕПЦИИ ЭЛЕКТРОБЕЗОПАСНОСТИ**


В статье рассматривается определение понятия глобализации электробезопасности. Исследователи в области отмечают, что с начала XX века вопрос обеспечения энергоресурсами обсуждается как неотъемлемая часть проблем Вооруженных Сил. Стоит отметить, что сегодня понятие энергетической безопасности можно отнести к странам, считающимся крупными потребителями энергоресурсов, большинство из которых также являются крупными импортерами энергоресурсов. Например, Международное энергетическое агентство признает энергетическую безопасность как бесперебойную доступность источников энергии по доступной цене. В целом, должны быть обеспечены совершенствование методов, развитие энергетической безопасности стран мира, благоприятные условия для стабильного развития энергетического комплекса и повышения благосостояния населения.



**Ключевые слова:** безопасность, энергетика, электроэнергетика, энергетический комплекс, устойчивое развитие.


**STATE OF DEFINITION OF THE GLOBAL ELECTRICAL SAFETY CONCEPT**


The article deals with the definition of the concept of electrical safety globalization. Researchers in the region note

that since the beginning of the 20th century, the issue of providing energy resources has been discussed as an integral part of the problems of the Armed Forces. It should be noted that today the concept of energy security can be attributed in the understanding of countries that are considered large consumers of energy resources, most of which are also large importers of energy resources. For example, the International Energy Agency recognizes energy security as the uninterrupted availability of energy sources at an affordable price. In general, the improvement of methods, the development of the energy security of the countries of the world, favorable conditions for the stable development of the energy complex and the improvement of the welfare of the population should be ensured.

**Keywords:** security, energy, electric power industry, energy complex, sustainable development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хоҷаев Диловар Хайриддинович*** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва суғурта. **Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А.Деҳотӣ, 1/2. Телефон: **(+992) 987526060.** E-mail: **khojaev02@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ходжаев Диловар Хайриддинович*** - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и страхования. **Адрес**: 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица А. Дехоти, 1/2. Телефон: **(+992) 987526060.** E-mail: **khojaev02@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khodjaev Dilovar Khairiddinovich*** - Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Insurance. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Dehoti, 1/2. Phone: **(+992) 987526060**. E-mail: **khojaev02@mail.ru**

ТДУ: 330.34

# ТАҲЛИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ НОҲИЯҲОИ МАРКАЗИИ ТОҶИКИСТОН


*Саидова Н.И., Каримова Н.С.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Тоҷикистон кишвари кишоварзист. Комплекси агросаноатӣ звенои асосии хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Даҳ соли охир бо дигаргунсозии мунтазами соҳаи кишоварзӣ, ки бо амалисозии ислоҳоти аграрӣ ва табдил додани моликият алоқаманд аст, хос буд. Милликунонии куллии иқтисодиёт бартараф карда шуд. Дар комплекси агросаноатӣ иқтисодиёти қариб серсоҳа ба вуҷуд оварда шуда, гузариш аз якхелагии шакли хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ ба гуногунии онҳо амалӣ карда шуд. Аксари корхонаҳои кишоварзӣ ва коркард шаклҳои нави ташкилиро гирифтанд [2].

Айни замон вазъ дар бахши кишоварзӣ ба эътидол омада, оқибатҳои манфии омилҳои зикршуда тадриҷан бартараф карда мешаванд. Аз соли 2007 инҷониб афзоиши тадриҷан дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2019 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 16477,5 миллион сомониро (қариб 3500 миллион доллари ИМА) ташкил дод.

**Ҷадвали 1. Маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон (бо нархҳои муқоисашавандаи соли 2019)**

**Table 1. Total agricultural products of Tajikistan (with comparable prices in 2019)**

| | 2007 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ар тамоми категорияи хоҷагиҳо | | | | | | | |
| Ҳамагӣ аз ҷумла: | 10999,5 | 10790,5 | 11642,3 | 12865,5 | 13837,8 | 14931,6 | 16477,5 |
| растанипарварӣ | 7555,7 | 7616,1 | 8255,8 | 9296,0 | 9891,0 | 10702,1 | 11836,3 |
| чорводорӣ | 3443,8 | 3174,4 | 3387,2 | 3569,5 | 3947,4 | 4229,5 | 4641,2 |
| | Сектори ҷамъиятӣ | | | | | | |
| Ҳамагӣ аз ҷумла: | 6920,2 | 1013,6 | 863,6 | 918,0 | 941,9 | 981,5 | 1056,0 |
| растанипарварӣ | 5367,2 | 902,6 | 741,0 | 778,0 | 779,7 | 814,8 | 870,8 |
| чорводорӣ | 1553,0 | 111,0 | 95,6 | 140,0 | 162,2 | 166,7 | 185,2 |
| | Аҳолӣ | | | | | | |
| Ҳамагӣ аз ҷумла: | 4079,3 | 7428,5 | 8280,7 | 8769,2 | 9400,0 | 10068,1 | 10952,3 |
| растанипарварӣ | 2188,5 | 4431,7 | 5093,8 | 5334,6 | 5713,4 | 6124,8 | 6624,7 |
| чорводорӣ | 1890,8 | 2996,8 | 3186,9 | 3434,6 | 3686,6 | 3943,3 | 4327,6 |
| | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | | | | | | |
| Ҳамагӣ аз ҷумла: | - | 2348,4 | 2498,0 | 3178,3 | 3495,9 | 3882,0 | 4469,2 |
| растанипарварӣ | - | 2281,8 | 2421,0 | 3086,9 | 3397,9 | 3762,5 | 4340,8 |
| чорводорӣ | - | 66,6 | 77,0 | 91,4 | 98,0 | 119,5 | 128,4 |

Сарчашма: Агентстии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. – 2019. -С.137.

Танҳо дар давоми се соли охир ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ 28,1%, аз он ҷумла маҳсулоти зироатӣ 27,3% ва чорво 30,0% афзуд. Дар соли 2019 истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ 891,6 ҳазор тонна ғалла, 527,2 ҳазор тонна картошка, 679,4 ҳазор тонна сабзавот, 150 ҳазор тонна маҳсулоти полезӣ, 144,4 ҳазор тонна меваҷот, 93,2 ҳазор тонна ангур, 96,5 тонна гӯшт, 489,5 тонна шир, 77,7 миллион дона тухм истеҳсол намуданд. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар мушоҳида мешавад [3].

Сарфи назар аз пешравиҳои муайяни мусбат ва тамоюли умумии ба вуҷуд омадани афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар КАС, вазъи умумии сектори аграрӣ ва саноати хӯрокворӣ аз рушди устувор дур аст. Дар ин соҳа як қатор масоилҳои асосӣ мавҷуданд, ки бо сабабхои объективӣба амал омада, характери мунтазам доранд. Дар байни онҳо, пеш аз ҳама, инҳоянд:

- якбора паст шудани қобилияти харидории мол истеҳсолкунандагони деҳот, ки дар натиҷаи нобаробарии нархи молҳои саноатӣ ва кишоварзӣ ба амал омад, ки ин боиси мусодираи хеле зиёди маблағҳо аз сектори аграрӣ гардид;

- заиф гардидани пояи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ ва таъмини сусти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон;

- бад шудани ҳолат ва паст шудани ҳосилхезии заминҳо ва шабакаҳои обёрӣ [8].

Бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳудудӣ чор системаи аниқ ҳудудгузоришудаи водиҳо мавҷуданд [8]:

- водии Фарғона дар шимоли кишвар, қад-қади дарёи Сир, дар қисми ҷанубӣ - ғарбии водӣ, ки аз Ӯзбекистон то Тоҷикистон тул кашидааст;

- Як рахи танги водии Зарафшон, ки аз шарқ ба ғарб дар байни водиҳои Фарғона ва Ҳисор тул кашидааст;

-Пастхамии васеи вилояти Хатлон дар ҷанубу ғарб, дар шарқ аз Кӯлоб то сарҳади Ӯзбекистон дар ғарб тул кашидааст;

- Водии Ҳисор дар байни Душанбе ва Турсунзода, дар шимоли вилояти Хатлон.

Дар як қатор асарҳо водии Ҳисор бо назардошти дохил шудани минтақаи Рашт ва водии Зарафшон он Тоҷикистони Марказӣ муайян шудааст.

Барои таҳлили муфассали таъсири омилҳои минтақавӣ минтақҳои Тоҷикистони Марказиро шартан ба се мавзеъ тақсим мекунанд: водиҳо, доманакӯҳҳо ва минтақаҳои кӯҳистон, ки аз ҷиҳати мавқеи географӣ, шароити иқлим, анъанаҳои таърихӣ, миллӣ, урфу одат ва дигар хусусиятҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Зиёда аз 4/5 ҳиссаи аҳолии шаҳрҳои вилоят дар водиҳое ба сар мебаранд, ки дар он ҷо калонтарин корхонаҳои саноатии шахри Душанбе, Турсунзода, Ваҳдат ва Роғун ҷойгиранд. Бинобар ин, ин минтақаҳо нисбат ба истеъмоли молҳои дарозмуддат талаботи гуногун доранд. Масалан, дар баъзе ноҳияҳои кӯҳсори минтақаи Рашт ва Тавилдара талабот ба яхдону кондитсионер нисбат ба минтақаҳои ҷанубӣ, ки ҳарорати ҳаво дар тобистон то ба 40-45 С мерасад, камтар мебошад.

Ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ ҳамчун яке аз минтақаҳои калони ҷумҳурӣ аз 4 шаҳр, аз қабили Душанбе, Ваҳдат, Турсунзода, Роғун ва 12 ноҳия иборат аст; Айнӣ, Панҷакент, Варзоб, Ҳисор, Шаҳринав, Файзобод, Ҷиргатол, Нуробод, Рӯдакӣ, Рашт, Тавилдара ва Тоҷикобод.

Минтақаи таҳқиқшавандаро схематикӣ метавон ба се минтақа ҷудо кард (расми 1):

1. Водиҳо – дар он ҷо шаҳрҳо, ноҳияҳо ва посёлкаҳои навъи шаҳрӣ ҷойгиранд;
2. Доманакққҳо – дар он ҷо асосан ноҳияҳо ва деҳот воқеъ гардидаанд:
3. Минтақаи кӯҳӣ.

**Расми 1. Гурӯҳбандии намунавии ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ**
**Figure 1. Sample grouping of districts of Central Tajikistan**




Шумораи аҳолии ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимме, ки ба ташаккул ва рушди бозори истеъмолии маҳсулоти истеъмолии дарозмуддат таъсир мерасонад, дар солҳои охир нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ меафзояд, ки аз ин раванд маълумотҳои ҷадвали 2 шаҳодат медиҳанд.

**Ҷадвали 2. Динамикаи шумораи аҳолии доимии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. нафар**
**Table 2. Dynamics of permanent population of the regions of the Republic of Tajikistan, person**

| | 2012 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **7096,9** | **7250,8** | **7417,4** | **7621,2** | **7807,2** | **7987,4** | **8161,1** |
| ВМБК | 203,0 | 203,7 | 204,8 | 206,5 | 208,5 | 210,2 | 212,1 |
| Суғд | 1828,6 | 1863,1 | 1981,4 | 1949,9 | 1990,0 | 2032,8 | 2077,6 |
| Хатлон | 2504,6 | 2559,3 | 2618,3 | 2698,6 | 2765,8 | 2831,7 | 2898,6 |
| Ноҳияҳои ТМ | 2560,6 | 2624,7 | 2692,1 | 2770,2 | 2842,9 | 2912,7 | 2972,8 |

Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОПҶТ, 2020. -С.17.

Маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳад, ки дар ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ афзоиши шумораи аҳолӣ (+16,4%) мушоҳида мешавад, ки ҳиссаи он 36,4%-ро ташкил дода, дар байни дигар минтақаҳо ҷойи аввалро ишғол менамояд. Аз рӯи зичии аҳолӣ шаҳри Душанбе яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад – дар 1 километри мураббаъ 7758,0 нафар ва дар байни ноҳияҳо 265,9 нафар дар ноҳияи Ҳисор ва 242,8 нафар дар ноҳияи Рӯдакӣ рост меояд.

Нишондиҳандаи дигари муҳимме, ки ба ченакҳои бозори минтақавии маҳсулоти истеъмолии дарозмуддат таъсир мерасонад, музди миёнаи моҳона мебошад, ки ҳаҷм ва сохтори талаботро ба молҳои истеъмолӣ муайян мекунад, ки ба тағйир ёфтани талаботи воқеии истеъмолии аҳолӣ мусоидат мекунад.

**Ҷадвали 3. Динамикаи музди меҳнати номиналӣ бо ҳисоби миёна дар ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ, сомонӣ**
**Table 3. Dynamics of nominal wages on average in the districts of Central Tajikistan, somoni**

| **Номгӯйи шаҳру ноҳияҳо** | **2006** | **2008** | **2010** | **2019** | **2019/2010, %** |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 116,3 | 231,5 | 355,4 | 694,9 | 195,5 |
| Шаҳрҳо: - Душанбе | 247,1 | 490,2 | 717,3 | 1123,7 | 156,7 |
| - Вахдат | 79,4 | 143,8 | 236,8 | 453,0 | 181,2 |
| - Роғун | 189,9 | 410,4 | 1322,8 | 1201,7 | 191,3 |
| - Турсунзода | 204,0 | 397,7 | 506,0 | 785,1 | 155,1 |
| - Панҷакент | 104,1 | 182,9 | 283,2 | 544,9 | 192,4 |
| Ноҳияҳо: - Варзоб | 74,5 | 149,4 | 218,1 | 365,1 | 167,4 |
| - Ҳисор | 82,0 | 139,4 | 215,3 | 364,9 | 169,5 |
| - Ҷиргатол | 72,3 | 134,9 | 279,0 | 341,4 | 122,3 |
| - Нуробод | 94,1 | 174,2 | 220,3 | 390,1 | 177,1 |
| - Рӯдакӣ | 94,6 | 180,3 | 266,8 | 454,3 | 170,3 |
| - Рашт | 84,1 | 118,6 | 192,9 | 379,5 | 196,7 |
| - Тавилдара | 87,9 | 176,1 | 241,4 | 381,9 | 158,2 |
| - Тоҷикобод | 74,7 | 113,7 | 160,2 | 270,4 | 168,8 |
| - Файзобод | 76,5 | 150,0 | 236,9 | 404,4 | 170,7 |
| - Шахринав | 64,0 | 94,8 | 152,0 | 297,2 | 195,5 |
| - Айнӣ | 48,9 | 122,8 | 244,3 | 438,5 | 179,5 |
| - Мастчоҳи кӯҳӣ | 22,6 | 63,4 | 74,2 | 110,9 | 149,3 |

Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОПҶТ, 2020. -С.55.

Чи тавре ки аз ҷадвали 3 дида мешавад, дар давраи баррасишаванда дар ҳамаи минтақаҳо афзоиши музди миёнаи меҳнат мушоҳида карда мешавад. Суръати муътадил афзудани музди миёнаи моҳонаи сокинони Душанбе ба афзоиши сохтмони биноҳои савдо, саноатӣ, манзилӣ, маданию маърифатӣй, инчунин рушди соҳаи бонкдорӣ алоқаманд аст. Суръати баланди афзоиши музди миёнаи меҳнат дар шаҳри Турсунзода, шаҳри Ваҳдат, ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Файзобод ва ноҳияи Рӯдакӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои тиҷорат, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, бахшҳо ва инфраструктураи онҳо, инчунин рушди соҳибкории оилавӣ дар деҳот вобаста аст. Манбаи асосии ба даст овардани даромади миёнаи воқеии музди меҳнат аҳолии минтақаи Рашт

рушди соҳибкории хурду миёна дар бахшҳои боғдорӣ, чорводорӣ, занбӯри асалпарварӣ ва картошкапарварӣ мебошад. Дар ноҳияи Панҷакент ба истифода додани иншооти истихроҷ ва коркарди тилло ва мармар, инчунин корхонаҳои хурди кофтукови чӯб ва истеҳсоли катҳои эстакадаи миллӣ, мизу курсӣ, дару блокҳои тиреза, дарвоза, сандуқ, гаҳвораи миллӣ рӯ ба инкишоф буда, давом дорад. Шаҳри Роғун бо бунёди нерӯгоҳҳои барқии обӣ, иншооти манзилию коммуналӣ, тиҷоратӣ ва саноатӣ, маишӣ, таълимӣ, варзишӣ ва фароғатӣ ва фарҳангию маърифатӣ алоқаманд аст.

Хусусияти фарққунандаи ҷойгиршавии ноҳияҳои Айнӣ, Куҳистони Мастчох ва Тавилдара минтақаи кӯҳистонест, ки аз сарватҳои табиӣ бой буда, аз ҷиҳати иқлимашон фарқ мекунад, ҳарорати ҳаво нисбат ба Душанбе ва минтаҳаҳои ҷанубии ҷумҳрӣ 8-13 дараҷа паст аст. Ин ва дигар шароитҳои табиӣ ба рушди саноати кӯҳӣ, истихроҷи ангишт, сурма, симоб, мис, чорводорӣ, сабзаворкорӣ, картошкапарварӣ, занбӯри асалпарварӣ, махсусан истеҳсоли асали шифобахши кӯҳистон, мусоидат мекунанд. Дар баъзе мавзеъҳои водии ноҳияи Айнӣ мевапарварӣ ва танҳо навъҳои махсуси зардолу ва шафтолу ба ромонда шудааст.

Дар ноҳияҳои Тоҷикисони Марказӣ дар солҳои 2008-2019 болоравии суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мушоҳида карда мешавад (ҷадвали 4). Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки агар дар давоми панҷ соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳрҳои Душанбе, ноҳияҳои Ҳисор ва Рӯдакӣ мунтазам афзуда бошад, пас дар ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакент дорои афзоиши муътадил мебошанд. Ин ба туфайли дар ин ноҳияҳо тараққӣ ёфтани саноати металлургӣ алоқаманд аст

**Ҷадвали 4. Суръати афзоиши истеҳсолоти минтақавии маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ ( бо нархҳои соли 2019, ҳазор сомонӣ)**
**Table 4. Growth rate of regional production of industrial products in the regions of Central Tajikistan (in 2019 prices, thousand somoni)**

| **Шаноҳияҳо** | **2008** | **2009** | **2015** | **2016** | **2017** | **2019** | **2019/2008, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳрҳо: - Душанбе | 915487 | 863304 | 978124 | 1086696 | 1117123 | 1023493 | 111,8 |
| - Вахдат | 64781 | 48132 | 62476 | 71785 | 62022 | 65611 | 101,3 |
| - Турсунзода | 51166 | 59404 | 88869 | 88069 | 80583 | 37021 | 72,3 |
| - Панҷакент | 188211 | 164873 | 299079 | 327193 | 376599 | 413929 | 219,9 |
| Ноҳияҳо: - Варзоб | 66794 | 10113 | 13036 | 10494 | 22614 | 18560 | 27,8 |
| - Ҳисор | 33797 | 36535 | 51295 | 45755 | 55455 | 111607 | 330,2 |
| - Рӯдакӣ | 67748 | 73276 | 88297 | 91741 | 101190 | 124281 | 183,4 |
| - Турсунзода | 1060817 | 983377 | 961743 | 798246 | 783878 | 653101 | 61,6 |
| - Шаҳринав | 13863 | 13933 | 24452 | 22251 | 16488 | 204629 | 147,6 |
| - Айнӣ | 42355 | 42863 | 58937 | 111627 | 104929 | 119779 | 282,8 |

Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОПҶТ, 2020. -С.86.

Динамикаи афзоиши сохтмони манзил ва рушди электрификатсия низ нишондиҳандаҳои вазъияти иҷтимоию иқтисодии вилоят мебошанд.

Дар ҳоли ҳозир ҳаҷми сохтмони манзил дар вилоят хеле ночиз буда, давлат ин соҳаро ба сармоягузорони хусусӣ додааст ва ба далели набуди маблағ дар буҷет аз ин мушкилот дур мондааст, вале солҳои охир пешравихои муайяни мусбат дар ин соҳа ба назар мерасанд. Тадқиқоти пурсишномаи мо нишон дод, ки зиёда аз нисфи оилаҳои пурсишшуда 55,3% бо хонаҳои 1-3хуҷрагӣ, 40,4% бо хонаҳои 4-5 ҳуҷрагӣ ва ҳамагӣ 5,3% оилаҳо бо хонаҳои 6 - ҳуҷрагӣ ва зиёда ва ё ҳавлии истиқоматӣ таъмин карда шудаанд ва ин асосан дар шаҳру ноҳияҳое мебоанд, ки дар водиҳо ва ноҳияҳои доманакӯҳ воқеъ гардидаанд.

Дар масъалаҳои марбут ба маълумотҳои оморие, ки мақомоти расмӣ дар Тоҷикистон нашр мекунанд, камбудиҳо вуҷуд доранд. Масалан, сарфи назар аз давраи муҳимме, ки аз замони қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақалли зиндагӣ» сипарӣ шудааст, дар кишвар то ҳол стандарти ягонаи таърифи он мавҷуд нест. Барои ин ба

коркунони Вазорати меҳнат лозим аст, ки навъ ва миқдори молҳоеро, ки ба сабади истеъмолӣ дохил мешаванд, азхуд кунанд, ки ба он молҳои хӯрокворӣ, молҳои талаботи рӯзмарра ва молҳои истеъмолии дарозмуддат, инчунин баъзе дигар харочоти ногузир дохил мешаванд. «Дар ин сурат рӯйхат бояд бо қарори махсуси ҳукумат тасдиқ карда шавад, ҳарчанд ин кор то ҳол анҷом наёфтааст. Ба ҷои ин, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур аст, ки арзиши маҷмуи ҳадди ақали ба сабади истеъмолӣ дохилшударо, ки қаблан анҷом дода шуда буд, ҳисоб кунад» [1].

Маълумоти пешниҳодкардаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ боиси нобоварӣ ва интиқоди иқтисоддонҳо ва ҷомеашиносон мегардад. Дар охири соли 2008 Ассотсиатсияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон (АМИТ) аввалин тадқиқоти мустақилро оид ба муайян кардани ҳадди ақалли зиндагӣ дар кишвар ва параметрҳои сабади истеъмолӣ анҷом дод, ки имкон дод, ки маълумоти воқеии ҳадди ақали зиндагӣ ба даст оварда шавад.

Маълумот дараҷаи ниҳоят пасти истеъмоли баъзе маҳсулоти озуқаворӣ ва молҳои мавриди ниёзи мардумро нишон медиҳад, дар ҳоле ки таҳлили таҳқиқот натиҷаҳои хеле пешгӯишаванда овард: хеле ақиб мондани даромад ва маоши аҳолӣ аз сатҳи зиндагӣ.

Нархи танҳо як сабади ғизо дар ҷумҳурӣ дар охири соли 2019 ҳудуди 1100 сомонӣ ё тақрибан 100 доллар барои як нафар дар як моҳро ташкил дод. Зимнан, даромади як узви хонавода се баробар камтар буда, ҳудуди 600 сомониро ташкил медиҳад. Тоҷикистон то ҳол дар кишварҳои ИДМ дар сатҳи пасттарини сатҳи маош, нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ қарор дорад. Маҳз ҳамин ҳолат беш аз 1,5 миллион шаҳрванди қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор месозад, ки ҷумҳуриро тарк карда, дар Русия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо ҷустуҷӯи зиндагии хуб гарданд.

Дар айни замон, ҳадди ақали музди меҳнат ва ҳадди ақали музди зиндагӣ, ба таври идеалӣ, бояд ба ҳамдигар мувофиқат кунанд. Дар ҳақиқат ин дар ҳамаи мамлакатҳо ба даст оварда нашудааст, вале ҳамаи давлатҳое, ки ба иктисодиёти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, ба ин кӯшиш мекунанд. Масалан, дар Беларус ва Қазоқистон таносуби ҳадди ақали нафақа (беш аз 80 доллар) ва буҷаи ҳадди ақали зиндагӣ тақрибан 108% аст. Ва дар Тоҷикистон, ки ҳадди ақали маош 536 сомонӣ (ҳудуди 30 доллар) ва буҷаи ҳадди ақали зиндагӣ на камтар аз 1100 сомонӣ (100 доллар) аст, ин таносуб ҳудуди 35,7% аст.

Нишондиҳандаи навбатии муҳимми иқтисодӣ дар шароити минтақавӣ ҳаҷми савдои чакана мебошад, ки чунин менамояд (ниг. ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Динамикаи гардиши моли чакана аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ**

**Table 5. Dynamics of turnover of retail goods by regions of the Republic of Tajikistan, mln. Somoni**

| | **2008** | **2009** | **2015** | **2016** | **2017** | **2019** | **2019/2007, в %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **5270,6** | **5929,4** | **6374,1** | **7425,6** | **9013,9** | **11311,7** | **241,2** |
| ВМБК | 29,7 | 33,4 | 35,9 | 36,6 | 49,2 | 65,7 | 248,8 |
| Вилояти Суғд | 1971,3 | 2205,6 | 2367,0 | 2645,0 | 3163,3 | 4266,9 | 240,1 |
| Вилояти Хатлон | 1174,4 | 1321,2 | 1420,3 | 1994,1 | 2287,8 | 2644,5 | 253,1 |
| Ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ | 2137,0 | 2451,2 | 2355,9 | 2749,9 | 3513,6 | 4334,6 | 277,3 |

Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОПҶТ, 2020. -С. 211.

Маълумотҳи ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки ҳар як минтақаи Тоҷикистон дар муомилоти умумӣ, пеш аз ҳама, мувофиқи шумораи аҳолии он макон ҳиссаи худро мегузорад, гарчанде ки меъёрҳои дигари муҳим (инфрасохтор, сатҳи зиндагӣ, нарх ва ғайра) мавҷуданд. Зиёда аз 1/3 ҳиссаи муомилоти моли чакана ва ё 38,97% ба ноҳияҳои Тоҷикистони Марказйй, 35,09% ба вилояти Суғд ва 25,38% ба вилояти Хатлон рост меояд.

Масалан, агар соли 2019 ин нишондод дар навоҳии Тоҷикистони Марказӣ 4334,6 миллион сомониро (38,32%) ташкил дода бошад, пас дар вилояти Суғд мутаносибан 4266,9 миллион сомонӣ (37,72%), дар вилояти Хатлон 2644,5 миллион сомониро (23,38%) ташкил додааст), дар ВМКБ 65,7 млн. сомониро (0,58%) ташкил дод.

Ҳаҷми умумии муомилоти моли чакана дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ дар давраи таҳлилшуда аз соли 2007 (4689,1 млн. сомонӣ) то соли 2019 (11311,7 млн. сомонӣ) қариб 2,4 баробар афзуд.

Манзараи дақиқтар оиди хароҷоти хонаводаи миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маълумоти ҷадвали зерин оварда шудааст (ҷадвали 6).

Тибқи маълумоти расмии дар ҷадвали 6 овардашуда, хароҷоти озуқаворӣ қисми зиёди хароҷоти хонаводаҳоро ташкил дода, аз 58,6% дар соли 2007 то 157,1% дар соли 2019 афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи хароҷот ба маҳсулоти ғайриозуқаворӣ босуръат меафзояд: онҳо аз 21,5% дар соли 2007 то 67,0% дар соли 2019 зиёд шуданд, дар ҳоле ки хароҷоти хизматрасонӣ мутаносибан аз 9,7% то 32,5% афзуд.

**Ҷадвали 6. Динамикаи истифодабарии даромади умумии аҳолӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2019 (ба ҳар як сари аъзои хоҷагии хонагӣ дар як моҳ), %**
**Table 6. Dynamics of the use of the total income of the population in the Republic of Tajikistan in 2007-2019 (per household member per month), %**

| | 2008 | 2009 | 2015 | 2016 | 2017 | 2019 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **А.** хароҷоти истеъмолӣ, аз ҷумла.: | 89,3 | 136,2 | 138,4 | 163,5 | 209,5 | 229,3 | 256,8 |
| - маҳсулоти озуқаворӣ | 58,6 | 88,5 | 89,4 | 104,7 | 141,0 | 146,2 | 157,1 |
| Молҳои ғайриозуқаворӣ, аз онҳо; | 21,5 | 22,0 | 23,7 | 40,1 | 47,4 | 56,3 | 67,0 |
| -молҳои муҳлати истеъмолашон дарозмуддат | 28,5 | 30,5 | 30,2 | 35,8 | 38,1 | 37,4 | 39,2 |
| - хизматгузориҳо | 9,7 | 14,6 | 16,2 | 18,5 | 20,8 | 26,6 | 32,5 |
| **Б.**Андозҳо, бочҳо | 9,3 | 13,9 | 11,5 | 14,2 | 18,0 | 22,3 | 25,1 |

Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: АОПҶТ, 2020. - С.115

Дар давраи таҳлилшуда ҳиссаи хароҷоти истеъмолӣ барои харидани молҳои дарозмуддат аз 28,5% ба 39,2% ё 10,7% афзуд. Аз ин бармеояд, ки аксарияти хоҷагиҳо даромади худро барои харидани озуқа сарф мекунанд ва барои як қисми аҳолӣ ин хароҷот қариб тамоми буҷароо ишғол мекунад.

Хароҷоти оилаҳо ба маҳсулоти озуқаворӣй сол аз сол бо суръати устувор меафзояд. Ҳамин тариқ, агар дар соли 2007 хонаводаҳо ба ҳисоби миёна 58,6%-и даромади умумии худро барои ғизо сарф карда бошанд, то соли 2019 ин хароҷот ба 157,1% ва аз 21,5% ба маҳсулоти ғайриозуқа ва пардохти хизматрасонӣ 9,7% ва 67,0% ва мутаносибан 32,5% афзуд. Ин вазъият, пеш аз ҳама, аз ҳисоби баланд шудани арзиши хизмат ва нархи молҳои истеъмолии аҳолӣ ба амал омадааст. Дар хусуси динамикаи хароҷоти хоҷагиҳои хонагӣ ба молҳои истеъмолӣ бошад, он ба таври кофӣ устувор мемонад. Тағйирёбии мавсимии талабот ба категорияҳои гуногун ҳамдигарро ҷуброн мекунад, ки бинобар ин талаботи умумӣ дар як сатҳ боқӣ мемонад.

Нишондиҳандаи муҳимме, ки тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаро тавсиф менамояд, рушди сохтмони манзил ва электрификатсия мебошад.

Сарфи назар аз он, ки давлат соҳаи сохтмони манзилро ба ихтиёри сармоягузорони хусусӣ гузоштааст ва ин соҳа торафт рушд мекунад, то ҳол мушкилоте аз қабили нарасидани захираҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва кадрҳои баландихтисос ҷой доранд, ки ба пешравии ин соҳа халал мерасонанд.

Тадқиқот нишон дод, ки зиёда аз нисфи оилаҳои пурсишшуда 55,3% бо хонаҳои 1-3 ҳуҷрагӣ, 40,4% бо хонаҳои 4-5 ҳуҷрагӣ ва танҳо 5,3%-и оилаҳо дар шаҳру ноҳияҳое, ки дар водиҳо ва доманаӯҳҳо воқеъ гардидаанд, дорои хонаҳои 6-ҳуҷрагӣ ва ё хонаи манзилӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши сохтори истеъмол ва талаботи самарабахши аҳолии ҷумҳурӣ дар бозори минтақавӣ таҳлили ҳамаҷонибаи қонуниятҳои афзуншавии талабот ба молҳои ҷудогонаро бо назардошти омилҳои ба ташаккули эҳтиёҷот таъсиркунандаро талаб мекунад. Мушкилии ҳалли масъалаи мазкур, аз як тараф, ба бисёр будани омилҳои таъсиррасон ба истеъмол, аз тарафи дигар, ба таври кофӣ инкишоф наёфтани заминаи методологии ба ҳисоб гирифтани таъсири онҳо ва маҳдуд будани пешниҳоди ибтидоии маълумот дар муддати тулонӣ шартнок гардидааст. Аз ин рӯ, ҳаҷми талабот дар бозори

минтақавии Тоҷикистони Марказӣ аз шумораи зиёди омилҳое вобаста аст, ки бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонанд. Вазъияти ниҳоии бозор ва сохтори талабот ба ин бозор аз маҷмӯи гуногуни ин омилҳо ва таъсири онҳо дар давраҳои гуногун вобаста аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Тоҳирова Р.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Амонова Д.С. Методические рекомендации по определению бюджета прожиточного минимума в Республике Таджикистан / Д.С. Амонова, А.К. Анваров. -Душанбе, 2001. -С.6.
2. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2020 г.
3. Программа социально-экономического развития Республики Таджикистан на 2016–2020 годы.
4. Ризокулов Т.Р. Совершенствования структурной политики в системе государственного регулирования занятности в Республики Таджикистан / Т.Р. Ризокулов, А. Ваххобов // Материалы международной научно-практической конференции»Устойчивое развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше» (23-24 деабря 2016). –Душанбе, 2016. -С.43-48.
5. Формирования стратегии устойчивого развития региональной экономики / [А.А. Байматов, А.Х. Авезов, С.А. Газибеков и др.] //Коллективная монография учёных научно-исследовательского и образовательного центра университета Шанхайской организации сотрудничества и устойчивого развития. -Худжанд, 2014. -222 с.
6. Шнипер, Р.И. Регион. Диагностика и прогнозирование / Р.И. Шнипер. -Новосибирск, 1996. -135 с.
7. Юсупов К.Н. Региональная экономика / К.Н. Юсупов, А.Р. Таймасов, А.В. Янгиров. -М.: Кнорус, 2006. -232 с.
8. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.g20civil.com/ru/issues/food-security.php



**ТАҲЛИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ НОҲИЯҲОИ МАРКАЗИИ ТОҶИКИСТОН**

Мақолаи мазкур ба таҳлили рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳияҳои марказии Тоҷикистон бахшида шудааст. Нишондиҳандаи муҳимме, ки рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаро тавсиф менамояд, рушди сохтмони манзил ва электрификатсия мебошад. Сарфи назар аз он, ки давлат соҳаи сохтмони манзилро ба ихтиёри сармоягузорони хусусӣ гузоштааст ва ин соҳа торафт рушд мекунад, то ҳол мушкилоте аз қабили нарасидани захираҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва кадрҳои баландихтисос ҷой доранд, ки ба пешравии ин соҳа халал мерасонанд. Муаллифон қайд менамоянд, ки омӯзиши сохтори истеъмол ва талаботи самарабахши аҳолии ҷумҳурӣ дар бозори минтақавӣ таҳлили ҳамаҷонибаи қонуниятҳои афзуншавии талабот ба молҳои ҷудогонаро бо назардошти омилҳои ба ташаккули эҳтиёҷот таъсиркунандаро талаб мекунад. Мушкилии ҳалли масъалаи мазкур, аз як тараф, ба бисёр будани омилҳои таъсиррасон ба истеъмол, аз тарафи дигар, ба таври кофӣ инкишоф наёфтани заминаи методологии ба ҳисоб гирифтани таъсири онҳо ва маҳдуд будани пешниҳоди ибтидоии маълумот дар муддати тулонӣ шартнок гардидааст. Аз ин рӯ, ҳаҷми талабот дар бозори минтақавии Тоҷикистони Марказӣ аз шумораи зиёди омилҳое вобаста аст, ки бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонанд. Вазъияти ниҳоии бозор ва сохтори талабот ба ин бозор аз маҷмуи гуногуни ин омилҳо ва таъсири онҳо дар давраҳои гуногун вобаста аст.

**Калидвожаҳо:** таҳлили рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳияҳои марказии Тоҷикистон, омӯзиши сохтори истеъмол ва талаботи самарабахши аҳолии ҷумҳурӣ, омилҳои таъсиррасон.



**АНАЛИЗ ЭКОНОМИЧЕСКОГО И СОЦИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ЦЕНТРАЛЬНЫХ РАЙОНОВ ТАДЖИКИСТАНА**

Данная статья посвящена анализу экономического и социального развития центральных районов Таджикистана. Важным показателем, характеризующим социально-экономическое развитие региона, является развитие жилищного строительства и электрификации. Несмотря на то, что государство доверило сектор жилищного строительства частным инвесторам и этот сектор все больше и больше развивается, все еще существуют такие проблемы, как нехватка финансовых ресурсов, производства и высококвалифицированных кадров, которые сдерживают развитие этого сектора. Авторы отмечает, что изучение структуры потребления и платежеспособных потребностей населения республики на региональном рынке требует комплексного анализа закономерностей увеличения спроса на отдельные товары с учетом факторов, влияющих на формирование потребностей. Сложность решения этой задачи, с одной стороны, обусловлена большим количеством факторов, влияющих на потребление, с другой - недостаточной разработанностью методологической базы учета их влияния и ограниченным запасом исходных данных в длительный срок. Поэтому объем спроса на региональном рынке Центрального Таджикистана зависит от большого количества факторов, влияющих по-разному. Конечная ситуация на рынке и структура спроса на этом рынке зависят от различного сочетания этих факторов и их воздействия в разные периоды.

**Ключевые слова**: анализ экономического и социального развития центральных районов Таджикистана, изучение структуры потребления и платежеспособных потребностей населения республики, влияющие факторы.



**ANALYSIS OF THE ECONOMIC AND SOCIAL DEVELOPMENT OF THE CENTRAL REGIONS OF TAJIKISTAN**

This article is devoted to the analysis of the economic and social development of the central regions of Tajikistan. An important indicator characterizing the socio-economic development of the region is the development of housing construction and electrification. Despite the fact that the state has entrusted the housing construction sector to private investors and this sector is developing more and more, there are still problems such as lack of financial resources,

production and highly qualified personnel that hinder the development of this sector. The author notes that the study of the structure of consumption and solvent needs of the population of the republic in the regional market requires a comprehensive analysis of the patterns of increasing demand for individual goods, taking into account the factors influencing the formation of needs. The complexity of solving this problem, on the one hand, is due to a large number of factors affecting consumption, on the other hand, the insufficient development of the methodological base for taking into account their influence and the limited supply of initial data in the long term. Therefore, the volume of demand in the regional market of Central Tajikistan depends on a large number of factors affecting in different ways. The final situation in the market and the structure of demand in this market depend on a different combination of these factors and their impact in different periods.

**Keywords**: analysis of economic and social development of the central regions of Tajikistan, study of the structure of consumption and solvent needs of the population of the republic, influencing factors.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидова Нозанин Икромовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **9000-00-90-52**

***Каримова Нигина Саидмаметовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **915-22-12-28**

**Сведения об авторах:** ***Саидова Нозанин Икромовна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **9000-00-90-52**

***Каримова Нигина Саидмаметовна*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры экономический теории**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **915-22-12-28**

**Information about the authors:** ***Saidova Nozanin Ikromovna*** - Tajik National University, applicant for the Department of Management and Marketing**. Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **9000-00-90-52**

***Karimova Nigina Saidmametovna*** - Tajik National University, Senior Lecturer at the University-wide Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **915-22-12-28**

ТДУ: 332.122(575.33)

# РУШДИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР МИСОЛИ МИНТАҚАИ РАШТ

*Мададхонов М.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Минтақаи озоди иқтисодӣ (минтақаи озоди савдо, минтақаи озоди саноатӣ ё ҳамкориҳои дуҷониба), дар масоҳати муайяни ин ё он мамлакат, ки дар он имтиёзҳои алоҳидаи иқтисодӣ барои соҳибкорони ватаниву хориҷӣ, барои боз ҳам рушд додани соҳаҳои гуногун ва ҷалби сармояҳои хориҷиву ватанӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Минтақаи озоди иқтисодӣ – яке аз минтақаҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ, кушодани роҳҳои нав барои фаъолияти молиявию хоҷагии халқ, инчунин, фазои муфид барои пешрафти иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, экологӣ ва рушди соҳаи иҷтимоӣ бо як қатор ҳуқуқу уҳдадориҳои иловагӣ, буҷавӣ, низоми андоз ва мақомотҳои идоракунандаи маҳаллӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, тартибот одатан он имтиёзҳо барои ба вуҷуд овардани амалиётҳои савдо (то дараҷаи барҳам додани боҷу хироҷи гумрукӣ), имтиёзҳои андоз, имтиёзҳои молиявӣ, хизматрасонии коммуналӣ ва дигар имтиёзҳо аз тарафи роҳбарият барои сабук гардонидани фаъолияти ин ё он ташкилот расонида мешавад.

Вобаста ба ташкили инфрасохтор, ҷоннок намудани фаъолият, ҷалби сармоя ва ташкили минтақаҳои нави озоди иқтисодӣ дар кишвар, фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобаста ба ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор, бояд тақвият дода шавад. Ҳукумати кишвар бояд мушкилоти ҷойдоштаи минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳаматарафа омӯхта, барои тақвият бахшидан ба фаъолияти онҳо ва ташкили дигар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳудуди мамлакат тадбирҳои иловагиро амалӣ намояд.

Дар ҳавасмандгардонии содирот, махсусан маҳсулоти тайёр бидуни истифодаи воситаҳои аз ҷумла эътирофшуда ва собитшуда: қарздиҳии имтиёзнок, таъмини кафолатҳои давлатӣ барои маблағгузории берунии истеҳсолоти содиротӣ, кумаки давлат дар пешбурди маҳсулоти ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ имконнопазир аст.

Яке аз роҳҳои ҳамгироии корхонаҳои ватанӣ ба низоми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, ки ба онҳо барои рақобат кардан бо истеҳсолкунандагони хориҷӣ дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ имкон медиҳад, истифодаи расмиёти содакардашудае мебошад, ки онҳо дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) пешниҳод кардаанд. Мутобиқи ҳуҷҷатҳои Конвенсияи байналмилалӣ оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото), минтақаи озод як қисми қаламрави давлатест, ки дар он моли ҷойгиршуда аз нуқтаи назари ситонидани боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳо, ки берун аз қаламравӣ гумрукӣ қарор доранд ва таҳти назорати муқаррарии гумрукӣ қарор надоранд.

Минтақаи озоди иқтисодӣ ҳудуди махсуси бандари калони баҳрӣ ё минтақаи шафати он ҳисоб мешуд, ки аз қаламрави гумрукии кишвар барои воридоти озоди молҳои хориҷӣ ҷудо карда шудааст. Ливорно (1547), Генуя (1595), Венетсия (1661), Марсель (1669) мақоми бандарҳои озодро доштанд. Дар қаламрави Русия - Одесса (1817), Владивосток (1862), Батуми (1878), Швейтсария - Букс, Женевпорт, дар Бразилия - Манаус, дар Руминия - Сулина ва чанде дигаре ҳоло онҳо мақоми «бандари озод»-ро доранд. Баробари монополизатсияи бозор ва пурзӯр гардидани сиёсати протексионистии давлатҳо, «бандарҳои озод» ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ табдил ёфтанд, ки дар онҳо коркарди молҳо аҳаммияти бештар пайдо кард. Дар ибтидои солҳои 60-ум минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз нуқтаҳои ҷамъоварӣ ва нуқтаҳои тақсимкунӣ бештар ба ҷойи коркард ва табдили молҳо дар шароити мусоид барои содироти онҳо аз минтақаҳо табдил ёфтанд. Аз солҳои 80-ум инҷониб минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои рафъи мушкилӣ дар баъзе соҳаҳои саноат, бонкӣ, суғурта ва рушди минтақаҳои алоҳидаи буҳронӣ истифода мешаванд.

Ҳангоми муайян кардани мақсади ташкили МОИ, метавон ду равишро истифода бурд: ҳудудӣ ва минтақавӣ. Муносибати ҳудудӣ маънои онро дорад, ки МОИ ҳудудҳои махсус ҷудошудаи кишвар мебошанд, ки дар онҳо режими муайяни фаъолият татбиқ

карда мешавад. Моҳияти муносибати режимӣ дар он аст, ки ба фирмаҳои хориҷӣ сарфи назар аз ҷойгиршавии онҳо дар мамлакат шароити махсус фароҳам оварда мешавад.

Далелҳо ба тарафдории равиши ҳудудӣ инҳоянд:

- зиёд намудани таъминоти захираҳои камёб ба корхонаҳои хориҷӣ, дар минтақае, ки инфрасохтор бештар рушд кардааст;

— мавҷуд будани дастгоҳи маъмурӣ бо кадрҳои баландихтисос, ки чун қоида муносибати бехатарро таъмин карда наметавонад.

Равиши режимӣ имкон медиҳад, ки:

- ба рушди намудҳои махсуси фаъолияти хоҷагидорӣ, сарфи назар аз ҷойгиршавии истеҳсолот дар кишвар мусоидат намояд:

— алоқаи мустаҳкам бо корхонаҳои маҳаллӣ таъмин карда шавад, зеро дар робита бо фирмаҳои маҳаллӣ ягон маҳдудияти ҳудудӣ вуҷуд надорад;

— фирмаҳои хориҷиро маҷбур кунанд, ки самтҳои фаъолияти худро ба манфиати давлати қабулкунанда интихоб кунанд. Дар баробари ин, душвориҳои калони техникӣ дар ташкил ва додани имтиёзҳои молиявӣ ва маъмурӣ ба аксарияти фирмаҳои минтақаҳои гуногуни мамлакат, ки дар шароитҳои гуногун кор мекунанд, муносибати режимро нисбат ба режими ҳудудӣ камтар ҷолиб мегардонад.

Хусусиятҳои МОИ барои шароити Тоҷикистон кадомҳоянд?

Барои бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, дар муқоиса бо кишварҳои пешрафтаи саноатӣ, ҳангоми таъсиси МОИ афзалияти рушди соҳибкорӣ ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва технологияҳои баланд, навсозии истеҳсолоти миллӣ, такмили ихтисоси коргарон ва табдил додани минтақаҳои ақибмонда ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки капитали сармояи хориҷӣ дар ин мамлакатҳо манфиатҳои худро, ки бо зиёд кардани фоида алоқаманданд, ба амал мебарорад. Бинобар ин, ҷустуҷӯи роҳҳои ба ҳам мувофиқ кардани манфиатҳои ин мамлакатҳо, бо сармояи хориҷии мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда шарти муҳимми рушди тағйирёбандаи иқтисодии онҳо мебошад [12,с.83].

Дар асарҳои муосири назариявие, ки ба проблемаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ бахшида шудааст, моҳияти онҳо васеътар шарҳ дода мешавад. Онҳо ҳамчун минтақаҳои географие муайян карда мешаванд, ки дар онҳо режими мусоиди фаъолияти иқтисодиро нисбат ба режими аз тарафи умум қабулшуда барои давлати муайян таъмин менамоянд. Ба ибораи дигар, дар ин ҳудудҳо ба таври интихобӣ кам кардани дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ ба амал баровarда мешавад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисми алоҳидаи фазои иқтисодии миллиро ташкил медиҳанд, ки дар он низоми муайяни имтиёзҳо татбиқ мешавад, ки дар дигар ҳудуди ин давлат истифода намешавад.

Минтақаҳои озоди гумрукӣ ва анборҳои озод ҳамчун субъектҳои ҳудудие, ки дар онҳо низомҳои гумрукии «Минтақаи озоди гумрукӣ» ва «Анбори озод» татбиқ мешаванд, як қисми фазои иқтисодии миллӣ мебошанд. Дар он низоми махсуси имтиёзҳо ва ҳавасмандгардонӣ истифода мешавад, ки дар онҳо низоми гумрукии «Минтақаи озоди гумрукӣ» ва «Анбори озод» татбиқ карда мешавад ва дар дигар манотиқи кишвар истифода мешавад ва ба сармоягузорон имкон медиҳад, ки даромади бештар ба даст оранд. Ва гарчанде ки дар амалияи байналмилалӣ маъмулан эътироф шудааст, ки минтақаҳои озоди гумрукӣ ва анборҳои озод танҳо ба навъи савдои минтақаҳои озоди иқтисодӣ тааллуқ доранд, қонунгузории баъзе кишварҳо имкони дар қаламрави онҳо амалӣ намудани ҳам ба содирот нигаронидашударо муайян кардааст [11,с.73].

Барои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ду равиш мавҷуд аст. Консепсияи ҳудудии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ як қисми қаламрави давлати қабулкунандаро дар назар дорад, ки аз қаламрави боқимондаи он ҷудо карда шудааст ва барои корхонаҳои дар он ҷойгиршуда аз низоми махсуси имтиёзнок истифода мешавад. Муайян кардани минтақа бо режими имтиёзнок, ки ба намуди муайяни фаъолияти соҳибкорӣ дода мешавад, бармеояд. Дар ин маврид, ҷойгиршавии ҷуғрофии субъекти муносибатҳои иқтисодӣ аҳаммияте надорад. Дар низоми минтақа бо муносибати режимӣ ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ корхонаҳои алоҳидаи мушаххас, ки таҳти имтиёзи ба навъи муайяни минтақаҳо додашуда қарор доранд, метавонанд фаъолият

намоянд. Ин консепсия ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки минтақаи беҳтарини фаъолияти худро интихоб кунанд.

Ба андешаи профессор Қ.Х. Хушвахтзода низоми иқтисодию иҷтимоии ҳозиразамон аз ҷихати дараҷа ва дараҷаи тамаркузашон бо аломатҳои махсуси ба ҳам пайвастани қисмҳои алоҳидаи тамоми механизми такрористеҳсолкунии неъматҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунанд. Муттаҳидшавии қисмҳои алоҳидаи тамоми механизм дараҷаи самаранокии кори онро дар шароити ноустувор ва номуайянии баланди муҳити беруна ва дохилӣ муайян мекунад. Иқтисодиёти Тоҷикистон, ки асосан аграрӣ мебошад, пеш аз ҳама, ташкил ва нигоҳдории фаъолияти устувори кластерҳои кишоварзиро тақозо мекунад [13,с.5].

Аммо Н.И. Муминзода ва С. Ғоибназаров қайд мекунанд, ки дар асри гузашта дар ҷаҳон донишҳои менеҷменти илмӣ ва таълимӣ - аз ватани Амрикоии худ ба Аврупо ва Осиё фаъолона паҳн мешуданд. Асоси тавонои илмию амалии менеҷмент ба вуҷуд омад, яъне менеҷмент ҳамчун фаъолияте, ки бо идоракунии одамон барои ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилот алоқаманд аст. Ин замина барои фаҳмидани эволютсия аз идоракунии захираҳои инсонӣ ба идоракунии захираҳои инсонӣ, иқтидори инсонии фаъолияти соҳибкорӣ ва эҷодӣ асос гардид [4,с.179].

Минтақаи озоди иқтисоди (МОИ) гуфта - ҳудуди махсус аз ҷониби давлат ҷудонамудаеро меноманд, ки дорои имтиёзҳои боҷӣ, молиявӣ буда, бо ҳадафҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ таъсис ёфтааст. Бо мақсади боз ҳам рақобатнок гардидани иқтисодӣёти ҷумҳурӣ, таъмини рушди иқтисодӣ дар соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ (минбаъд «МОИ») дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, нисбати таъмини иҷроиши он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсус доир ба тартиби ташкили МОИ ва Низомнома «Дар бораи МОИ» тасдиқ гардид.

Айни замон низоми нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва нақлиёти барқии шаҳриро (троллейбусҳо) дар бар мегирад. Солҳои охир лоиҳаҳои сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгарди Душанбе - Хуҷанд - Чанок (сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон), Душанбе - Рашт - Қарамиқ (сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон), Душанбе - Кӯлоб - Хоруғ - Кулма (сарҳади Ҷумҳурии Халқии Хитой), Душанбе – Бохтар - Панҷи поён (сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) ва як қатор лоиҳаҳои муҳимми дигар амалӣ шуда истодаанд [2].

Масъалаи ташкил намудани МОИ якчанд маротиба дар ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату кумитаҳои дахлдор ва мақомотҳои дигари шаҳру вилоятҳо супоришу дастурҳо дода шуданд. Баъди омӯзиши шартан шароити мавзеъҳои интихобшуда, мувофиқи ҷойгиркунии МОИ, таҷрибаи давлатҳои хориҷа, қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

Қайд намудан ба маврид аст, ки айни ҳол дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 минтақаи озодӣ иқтисодӣ фаъолият мекунад: Суғд, Кӯлоб, Данғара, Панҷ ва Ишкошим. МОИ "Суғд" фаъолияти хешро аз моҳи августи соли 2009 оғоз кард. Масоҳати умумии минтақа 320 гектар мебошад.

Таҳлили таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти иқтисодӣ нишон дод, ки онҳо муддати тулонӣ худро ошкору равшан баён карда наметавонанд. Аз сабаби бесамар будани қарорҳои идоракунӣ, ин таҳдидҳо метавонанд ба буҳрони иқтисодӣ табдил ёбанд [9,с.138].

Дар минтақа муҳити мувофиқ ва шароити хуб барои маблағгузорон, махсусан преферентҳои андоз ва гумрук фароҳам оварда шудааст. Шиори минтақа – шаффофият, муомилот, маҳорати касбӣ ва ҳадафмандӣ мебошад. Аллакай 27 субъект барои фаъолият дар минтақаи озоди иқтисодӣ ба қайд гирифта шуда, чандтои онҳо имрӯз маҳсулот истеҳсол карда истодаанд. Минтақаи озоди иқтисоди "СУҒД", асосан – минтақаи саноатию истеҳсолӣ ва инноватсионӣ мебошад. Муҳлати амали МОИ «Суғд», 25 сол муайян карда шудааст. Муҳлатҳои давраи гузариш ҳангоми ҷорӣ кардани низоми МОИ «Суғд» аз тарафи маъмурияти минтақа на зиёдтар аз 7 сол аз рӯзи қабул кардани қарори

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ муайян мегардад. Ин давра барои бунёди инфрасохтор, ташаккули заминаи ҳуқуқӣ ва ба таври воқеӣ аз худ намудани қаламрави МОИ «Суғд» истифода мешавад. Муҳлат ва шартҳои давраи гузариш пеш аз қатъи амали низоми МОИ «Суғд» аз ҷониби Маъмурияти МОИ муайян мегардад. Дар ин маврид шартҳои давраи гузариш на дертар аз 3 сол то қатъи амали минтақаи озоди иқтисодӣ фаро мерасанд.

Барои дароз кардани муҳлати амали МОИ «Суғд», аз ҷониби маъмурияти МОИ, ба мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, хулосаҳои иқтисодӣ оид ба дароз кардани муҳлати фаъолияти МОИ «Суғд» пешниҳод мегардад, ки инҳоро дар бар мегирад: – ояндабинӣ ва барномаи минбаъдаи рушди МОИ «Суғд»; – баҳои самаранокии фаъолияти МОИ «Суғд». Соҳаи саноатро дар вилоят зиёда аз 200 комбинату корхонаҳои муштарак бо сохтори идоракунии ҷамъиятҳои саҳомиву хусусӣ фаъолият менамояд. Номгӯи истеҳсоли саноатӣ, дар ҳаҷми умумӣ 90 номгӯйро ташкил мекунад. Корхонаҳои калонтарин дар ин соҳа: АООТ "Қолинҳо" - бо истеҳсоли маҳсулоти гилембофӣ машғул аст. АООТ "Абрешим" - матои шоҳигӣ, КМ "Кабул-Таҷик-Текстайлз" - истеҳсоли матоъҳои пахтагин, КМ "Ҷавонӣ"- истеҳсоли ресмону коркарди онҳо ва АО "Зиннат"- маҳсулоти ресмонӣ.

Инчунин, дар вилоят истеҳсоли саноати консервабарорӣ ба роҳ монда шудааст, ки ҳаҷми истеҳсоли солона ба 230 млн дона, яъне зиёда аз 90% маҳсулоти ҷумҳурӣ рост меояд. Асоси истеҳсолкунандагони маҳсулоти консервӣ, комбинати консервии АО Хуҷанд, комбинати консерваи Исфараву Қистақӯз ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ метавон каме аз вазъияти саноати кӯҳӣ маълумот дода бошам. Он корхонаҳои калоне, ки дар ин соҳа фаъолият дорад: комбинати коркарди кӯҳии Анзоб оид ба даст овардани рӯдаву истеҳсоли консентрати сурмаву рутут, КМ "Зарафшон"- коркарди тилло, комбинати коркарди кӯҳии Адрасмон, ЧИ "Востокредмет", "Ленинабад-угол", "Ленинабад-нефтогаз" ва ғайраҳо.

Саноати химия бошад, ИЧ "Заря Востока"- кадоме, ки дар истеҳсоли маҳсулоти резина ба заводи истеҳсоли рангубори Исфара равона шудааст. Дигар соҳаҳои саноат бошад, ҳамчун корхонаҳои бисёрсоҳа ба монанди корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти гази АПО "Хуҷанд-торгмаш", ҶС "Хуҷанд-ЗИЛ" ва дигарон башумор меравад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз ҳадафҳои стратегии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар ба шумор меравад. Айни замон минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар аксарияти кишварҳои рушдкардаи саноатии ҷаҳон вуҷуд доранд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифодакунандаи инкишофи робитаҳои тиҷоратию молиявӣ, истеҳсолию технологии давлатҳо ба шумор рафта, ба макони густариши муносибатҳои бозорӣ, рушди соҳибкорӣ, такмили технологияҳои истеҳсолӣ ва санъати идоракунӣ мубаддал гаштаанд [14,с.12].

Минтақаҳои озоди иқтисодии «Данғара» 2 феврали соли 2009 таъсис ёфтааст. Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» дар ҳудуди ноҳияи Данғара дар масоҳати умумии 521 гектарро фаро мегирад. Ҳаҷми сармояи мустақим низ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ тамоюли афзоишро касб карда, солҳои 2011-2015 ба 259 миллион сомонӣ баробар шудааст. Дар робита ба ин, солҳои 2014-2015 аз буҷети давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ 10,8 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст.

Аз ҷониби субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар солҳои зикршуда ба буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 19,7 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ва андозҳо ворид шудааст. Оғози сохтмони се иншооти бузург корхонаҳои сементбарорӣ, кафелбарорӣ ва шишабарорӣ дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»-и ноҳияи Данғара мебошанд. Бино ба гуфти номбурда, корхонаи сементбарорӣ дар минтақаи мазкур дар масоҳати 20,8 гектар замин ва бо харҷи 1 миллиард сомонӣ сохта мешавад. Иқтидори солонаи корхонаи бунёдшаванда 1,6 миллион тонна сементро ташкил дода, маблағи фурӯши солонаи маҳсулот ба 775 миллион сомонӣ расонида мешавад.

Ба сохтмони корхона 150 нафар коргарони маҳаллӣ ҷалб шуда, баъди ба фаъолият шуруъ кардан, дар маҷмуъ 800 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин мешаванд. Дар минтақои озоди иқтисодии "Данғара" 27 субъекти иқтисодӣ ба қайд гирифта, аз ҷумла то имрӯз 5-

тои онҳо ба кор шуруъ кардаанд. Оид ба истеҳсоли маҳсулот дар минтақаи озоди иқтисодӣ бо ҳаҷми 2,5 миллион сомонӣ рост меояд.

Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” 2 феврали соли 2009 дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим таъсис ёфта, 200 гектарро фаро мегирад.

Муҳимтарин ҷанбаи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, низоми имтиёзнок ба сармоягузорони хориҷӣ ва миллӣ мебошад. Имтиёзҳои андоз барои сармоягузор хеле муҳим аст, зеро бори андоз дар кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ хеле калон аст ва андозҳо метавонанд, беш аз нисфи даромади гирифташударо ташкил кунанд. Андози асосӣ, андози корхонаҳо мебошад, ки аз фоидаи корхона ситонида мешавад. Имтиёзҳоро аз рӯи ин намуди андоз, ҳам бо кам кардани меъёри андоз ва ҳам бо пешниҳоди муддати дароз аз пардохти он озод кардан, алоқаманд кардан мумкин аст. Гузашта аз ин, дар баъзе кишварҳо ин давра хеле дароз аст. Паст шудани меъёри андоз низ назаррас аст. Имтиёзҳои додашуда одатан вобаста ба намуди корхона ва афзалияти соҳае, ки дар он фаъолият мекунад, фарқ мекунанд [8,с.25-26]. Аммо тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ки аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор дорад Низоми махсуси андозбандӣ барои минтақаҳои озоди иқтисодӣ амал мекунад ва тибқи он тамоми андозсупорандагони дар ин минтақа фаъолияткунанда, аз ҳамаи андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба истиснои андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ, ки кафолати иҷтимоии шаҳрвандонро давлат тибқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад, озод мебошанд.

Ҳаҷми сармояи мустақим низ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ тамоюли афзоишро касб карда, солҳои 2011-2015 ба 259 миллион сомонӣ баробар шудааст. Дар робита ба ин, солҳои 2014-2015 аз буҷети давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ 10,8 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷониби субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар солҳои зикршуда ба буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 19,7 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ва андозҳо ворид шудааст. Дар Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» бошад, то соли 2015 2 субъект ба қайд гирифта шуда, аз 1-уми январи соли 2016 фаъолияташро шуруъ кардааст.

Новобаста аз пешниҳод гардидани имтиёзҳои зиёди андозӣ, дар ин минтақа имтиёзҳои дигар ба мисоли бақайдгирии субъектҳои минтақаи мазкур тариқи муроҷиати электронӣ ва дигар имтиёзҳо пешбинӣ гардидааст, ки барои ҳавасманд гардонидани субъектҳои соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Аммо, мақомотҳои дахлдори соҳавиро зарур аст, ки ҷиҳати самаранокии имтиёзҳои пешниҳодгардида, ҳамасола таҳлили иқтисодӣ гузаронида, ба унвони Ҳукумати кишвар хулосаи асоснок пешниҳод намоянд.

Асосҳо ва тафовути рушди иқтисодии шаҳр аз деҳотро Л.В. Бондаренко чунин иброз медорад: «Инкишофи инфраструктураи тиҷоратӣ ва маишӣ дар деҳот ба афзудани шуғли меҳнат, аз ҷумла, худмашғулият ва даромади пулии аҳолии деҳот, вазифаи таъминкунандаи ҳаёт ва ҳавасмандгардонии онҳо мусоидат мекунад; ба вуҷуд овардани системаи ёрии мақсадноки озуқаворӣ ба аҳолии камбизоати деҳот, ба воситаи хатти савдо; беҳтар намудани татбиқи Доктринаи амнияти озуқаворӣ нисбат ба шаҳрвандоне, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд; беҳтар намудани шароити фурӯши маҳсулоти истеҳсолкунандагони маҳаллии хоҷагии қишлоқ; баланд бардоштани самаранокии истифодаи фонди манзили деҳот» [3,с.7].

Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” асосан минтақаи тиҷоратӣ, сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва савдои назди соҳилӣ мебошад.

Таъсиси минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» пас аз қабул гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 марти соли 2008, дар соли 2015 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, ба фаъолият шуруъ намуд.

Мутобиқи банди якуми қарори мазкур дар мавзеи Қарадуми ноҳияи Қумсангир минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» масоҳати умумии 400 гектарро фаро мегирад.

Ҳаҷми сармояи мустақим низ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ тамоюли афзоишро касб карда, солҳои 2011-2015 ба 259 миллион сомонӣ баробар шудааст. Дар робита ба ин, солҳои 2014-2015 аз буҷети давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва инфрасохтори аввалиндараҷаи

минтақаҳои озоди иқтисодӣ 6,7 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷониби субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар солҳои зикршуда ба буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 8,5 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ва андозҳо ворид шудааст.

Аз 9 субъекти минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» соли 2015 танҳо 2 субъект ба фаъолият шуруъ карда, боқимонда дар ҳолати бақайдгирӣ қарор дорад.

Вобаста ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ноҳияи Рашт С.И. Абдуллоев чунин қайд мекунад: «Водии Рашт нисбатан дар минтақаи дуртар аз марказ ва кӯҳсор ҷойгир буда, вазъи қиёсӣ, татбиқи лоиҳаҳо дар ин водӣ 17,8%-ро ташкил медиҳанд. Агар аз ҳисоби шумораи лоиҳаҳо қиёс намоем, дар ҳарду водӣ шумораи онҳо қариб якхела буда, танҳо аз ҳисоби маблағгузории онҳо фарқиятҳо ба назар мерасад. Дар оянда баҳри рушди инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодии деҳот, хусусан дар минтақаҳои кӯҳӣ, бояд аз ҳисоби захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, минтақаҳои сайёҳӣ ва ғайра ҳаҷми сармоягузории дохилӣ ва хориҷиро афзун намуда, баҳри ҷалби он шароити хуб ва мусоид амалӣ намудан лозим аст» [1,с.65].

Оид ба масъалаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ Шурои нозирон амал мекунад ва тамоми камбудиву мушкилот ва монеаҳое, ки дар фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ вуҷуд доранд, дар Шурои нозирон баррасӣ мегардад. Пешниҳодҳо аз ҷониби роҳбарият, субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ва аъзои Шурои нозирон оид ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муовинони роҳбарони вазоратҳо ва идораву мақомоти дахлдор мебошанд, ироа гардида, таҳти роҳбарии раиси Шурои нозирон баррасӣ карда мешаванд. Шурои нозирони минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар як сол ду ҷаласа баргузор карда, рафти фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Ҷаласаҳои Шуро ба навбат дар панҷ минтақаи озоди иқтисодии ҷумҳурӣ баргузор мегардад.

Марҳилаи сохтмони инфрасохтории МОИ бо фаъолсозии тадбирҳо барои рушди инфрасохтор, ҷалби шуғлҳои резидентӣ ва таъсир тавсиф мешавад. Баланд бардоштани самаранокии баҳодиҳии МОИ дар марҳилаи ташаккули ҷолибияти сармоягузорӣ тадбирҳои ҳавасмандкуниро талаб мекунад, ки имкон медиҳанд, миқёси фаъолияти асосии сокинони минтақаҳо афзоиш ёбад [5,с.66].

Табиист, ки барои фаъолият дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон, имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ шудааст. Чи тавре дар боло қайд намуда будем, аз ҳама гуна фаъолияти соҳибкориву сармоягузорие, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба роҳ монда шудааст, танҳо ду намуди андоз – андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ ситонида мешавад. Ғайр аз ин, ворид намудани таҷҳизоту технологияҳои замонавӣ барои минтақаи мазкур аз пардохтҳои гумрукӣ озод мебошад.

Идеяи сармоягузории давлатӣ ба таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ бетаъсир баромад. Мутаассифона, маблағҳои буҷети давлатӣ барои азхудкунии ҳудудҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар мавридҳо беҳуда сарф мешуданд. Инфраструктурае, ки аз ҳисоби ин маблағҳо сохта шудааст, ҳоло бо иқтидори пуррааш истифода нашуда, самараи худро гум мекунад [10,с.220].

Д. Мансура қайд мекунад, ки обу ҳаво ва иқлим ба унвони яке аз падидаҳои шохиси табиии бисёр муҳимми гардишгарӣ аст. Рашт дар минтақае аз кишвар воқеъ гардида, заминаи эътидоли обу ҳаворо фароҳам сохтааст. Дар шаҳри эътидоли ҳаво дар фусули мухталифи сол ҳукмфармост. Пӯшиши ҷангалӣ бахши умдае аз ноҳияи Рашт, ҷараёни рӯдхонаҳо ва манотиқи зебову диданиро фароҳам сохта, ки метавонад ба унвони заминаҳои матлуби бахши гардишгарии табиӣ рушд гардад [7,с.284].

Маҷмуи фикру андешаҳои иқтисодчиён оид ба ташаккул ва нақши МОИ дар иқтисодиёти ин ё он мамлакат метавон гуфт, ки МОИ як қисми марзи миллӣ буда, дар он ҷо реҷаҳои имтиёзнок, фарқият нисбати минтақаҳои дигар ва барои дастовардҳои гуногун шарту шароити муфид мавҷуд аст.

Барои коҳиш додани оқибатҳои эҳтимолии манфии ҷорӣ намудани воситаи МОИ, дар кишвари мо, Ассотсиатсияи кластерҳо, технопаркҳо ва МОИ-ҳои Русия, ки иҷрои кори кластерҳои саноатӣ, технопаркҳои саноатӣ, паркҳои саноатӣ, махсус ноҳияҳои иқтисодӣ ва дигар иттиҳодияҳо фаъолият мекунад [15,с.316].

Албатта дар навбати хулосаҳо ва фикру андешаҳои шахсӣ бояд қайд намоям, ки ҳоло дар Тоҷикистон давраи ташаккул ва инкишофи Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қарор дорад, ки камбудиҳову норасогиҳои зиёдро дарбар мегирад. Он ҳама марзҳое, ки барои ташкил ва рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, минтақаҳои махсус интихоб карда шудааст, бисёр ҳам дар ҳолати ғайри стандартҳои ҷаҳонӣ қарор дорад. Бинобар ин, фикр мекунам имтиёзҳову ҳавасмандиҳоро пеша намуда, хусусан дар ҷалби сармояҳои хориҷӣ ҳар чи зиёдтар кӯшиш ба харҷ додан шарт ва зарур аст, чун маҳаки асосии рушди минтақа маҳз метавонад, ҷалби сармояи хориҷӣ бошад. Чун таҳлилҳо нишон дод, ки айни ҳол танҳо ҳамон минтақаҳое рушд намудаанд, ки сармояи хориҷӣ ҷалб гардидааст.

Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки бо дарназардошти дар ҳудуди минтақаи Рашт мавҷуд набудани МОИ, ташкили он ба мақсад мувофиқ мебошад. Чун метавон бо ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ, вазъи иҷтимоии аҳолии минтақа ва вазъи сармоягузории минтақаро беҳтар намуда, ба саноатикунонии босуръати кишвар қадамҳои устувор гузошт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Муҳсинов Д.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллаев С.И. Такмили идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ -асоси самаранокии иқтисодиёти деҳот / С.И. Абдуллаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№6. -С.59-69.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 аз 28 декабри 2016. [Манбаи электронӣ]. URL: (санаи муроҷиат: 11.12.2022).
3. Бондаренко Л.В. Торговое и бытовое обслуживание сельского населения: проблемы и перспективы / Л.В. Бондаренко // Вестник сельского развития и социальной политики. – 2016. -№2(10). -С.2-7.
4. Гоибназаров С.М. Стратегия эффективного управления человеческими ресурсами в условиях кризисного развития / С.М. Гоибназаров, Н.И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. -№2/3(86). -С.175-179.
5. Крюкова Е.В. Развитие свободной экономической зоны Астраханской области: миф и реальность / Е.В. Крюкова // Вестник ВолГУ. Серия 3: Экономика. Экология. – 2017. -№1(38). -С.62-67.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 2011, №700 “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011. -№3.
7. Мансура Д. Климотуризм: роль климата в процессе туризма (на примере города Рашт) / Д. Мансура // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2013. -№2/6(120). -С.284.
8. Меджидов З.У. Теоретические основы создания свободных экономических зон / З.У. Меджидов // Стратегия устойчивого развития регионов России. – 2014. -№23. -С.23-27.
9. Муминов Н.И. Экономическая безопасность Республики Таджикистан: внутренние и внешние угрозы / Н.И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. -№3-12. -С.136-139.
10. Особые экономические зоны России: анализ, проблемы и пути их решения / Ш.У. Ниязбекова, О.В. Назаренко, К.Г. Буневич [и др.]//Научный вестник: финансы, банки, инвестиции. -2019. -№2(47). -С.213-222.
11. Павлов П.В. Оценка эффективности свободных экономических зон / П.В. Павлов // Известия вузов. Северо-Кавказский регион. Серия общественных наук. – 2005. -№9. -С.72-80.
12. Рубцова Л.Н. Особая экономическая зона - основа развития производственного потенциала региона / Л.Н. Рубцова // Инновации и инвестиции. – 2016. -№1. -С.83-86.
13. Хушвахтзода К.Х. Создание регионального агропродовольственного кластера в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№2. -С.5.
14. Ҳамитов М.С. Фаъолияти истеҳсолӣ-тиҷоратии минтақаҳои озоди иқтисодӣ / М.С. Ҳамитов, А.А. Ҳакимов, Ҳакимзода А. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2019. -№2(27). -С.12-18.
15. Чернявская С.А. Формирование оценки эффективности управления особыми экономическими зонами / С.А. Чернявская, О.Ю. Непочатых, Д.Ш. Мусостова // Вестник Академии знаний. – 2022. -№5(52). -С.315-319.


**РУШДИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР МИСОЛИ МИНТАҚАИ РАШТ**


Минтақаи махсуси иқтисодӣ ё минтақаи озоди иқтисодӣ як минтақаи маҳдудест, ки нисбат ба қисми боқимондаи давлат мақоми махсуси ҳуқуқӣ дорад. Аксар вақт мақоми махсус дар шароити имтиёзноки андоз ё гумрукӣ барои соҳибкорони миллӣ ё хориҷӣ ифода меёбад. Мавзуи мақола минтақаҳои махсуси иқтисодӣ мебошад. Дар як қатор вилоятҳо бо мақсади ҷалб намудани сармояи иловагӣ аввалин МОИ ташкил карда шуд. Мақсади ин кор нишон додани натиҷаҳои фаъолияти он ва аҳаммияти он мебошад. Асоси методологии тадқиқот таҳлили муқоисавӣ, таҳлили робитаҳои сабабу натиҷа, инчунин, усули таърихӣ мебошад. Сарфи назар аз афзалияти технологияҳои олӣ ва соҳаҳои инноватсионӣ, ки соли 2009 аз ҷониби роҳбарияти кишвар эълон шуда буд, рушди асосиро дар кишвари мо на нававариҳои техникӣ, балки минтақаҳои истеҳсолии саноатӣ ба даст оварданд. Дар баробари ин, минтақаҳои сайёҳӣ, рекреатсионӣ ва бандарӣ то ҳол аз таваҷҷуҳи кофии сармоягузорон маҳруманд. Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба

барномаи рушди инноватсионии Тоҷикистон ворид карда шудааст, чунки иқтисоди муосирро бе чунин минтақаҳо тасаввур кардан душвор аст. Мувофиқи таҳлили коршиносон 30%-и тиҷорати ҷаҳонӣ тавассути минтақаҳои озоди иқтисодӣ амалӣ мегардад. Дар кишвар 4 минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият доранд. Арзиши иҷораи қитъаи замин мутобиқи низомнома солона 1 доллар барои 1 метри мураббаъро ташкил мекунад. "Минтақаҳои озоди иқтисодӣ - маконҳоеанд, ки дар он ҷо шумо тиҷорати муваффақро бунёд карда метавонед. Онҳо на танҳо сармоягузоронро ҷалб мекунанд, балки барои онҳо имкониятҳои навро фароҳам меоранд".

**Калидвожаҳо:** минтақаи озоди иқтисодӣ, минтақаи иқтисодӣ, минтақаи Рашт, рушди иқтисодӣ, сармоя, сармояи хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, иқтисодиёти Тоҷикистон, иқтисодиёти сабз, рушди деҳот.

Тавре аз маълумотҳои диаграммаи 1 ба мо маълум гашт, дар шаҳрҳои дар боло зикр гадида, иқтидори андозӣ соли 2019 нисбат ба соли 2013 дар шаҳри Ваҳдат 1,2%, дар шаҳри Ҳисор 1,8% ва дар шаҳри Турсунзода 5,5% коҳиш ёфтааст.

Асли ташаккулёбии иқтидори андозиро муайян кардани имконоти бузургии воридоти андозӣ ташкил медиҳад ва дар ин самт яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа бояд таҳқиқ ва ҷустуҷӯи роҳҳои зиёд намудани даромади андозии минтақаҳо гардад.

Ҳангоми таҳқиқи шаклгирии иқтидори андозӣ, бояд масоили вобаста ба баҳодиҳии нишондоди мазкур бо дарназардошти сохтори саноатии шаҳру ноҳияҳо, самтҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар хусусиётҳо омӯхта шаванд. Инчунин, самтҳои рушди иқтидори андозӣ бо мақсади боло бурдани худтаъминкунии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, бояд таҳия шавад.

Аммо баҳодиҳии иқтидори андозӣ танҳо нишондодҳои маблағҳои дар амал ҷамъоваришуда, тафовут миёни маблағҳои андозии воридшуда ва қобилияти имконпазири даромадҳои андозиро инъикос намекунад.

Иқтидори андози минтақа дар шароити номуайян ҳамчун маҷмуи шартҳои қонунгузорӣ, меъёрӣ ва иқтисодӣ дарк карда мешавад, ки имкон медиҳанд бо назардошти ҷамъоварӣ ва таваккал ҳаҷми оптималии даромади буҷетро ташкил диҳанд [3,с.146]. Дар амал муайян кардани хавфҳои андоз, хавфи воридоти андоз ба буҷа ва таъмини устувории иқтидори андози минтақа хеле душвор аст.

Ба иқтидори андозии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, омилҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ таъсир мегузоранд.

Нишондиҳандаҳои иқтисодии аз ҳама муҳимми иқтидори андозии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, тағйири маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба шумор меравад, ки тағйири заминаи андозӣ гардида, ба воридоти даромади андозӣ ба низоми буҷети давлатӣ таъсиргузор аст.

Ҳолати молиявии корхонаҳо низ таъсири амиқ ба иқтидори иқтисодӣ ва дар натиҷа, ба иқтидори андозии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ доранд. Барои баҳодиҳии таъсири омили молиявӣ, бояд нишондоди теъдоди корхонаҳои зараровар, ҳаҷми зарари овардашуда, ҳаҷми қарзи андозӣ, пастравӣ ва ҷаримаҳояшонро истифода намуд. Ҳамин тариқ, тағйири маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, ки тағйири заминаи андозиро инъикос мекунад ва ба воридоти даромади андозӣ ба низоми буҷети давлатӣ таъсиргузор аст, нишондоди иқтисодии аз ҳама муҳим, иқтидори андозии минтақа ба шумор меравад.

Нишондоди муҳимми баҳодиҳии рушди ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, болоравии маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба шумор меравад. Таҳлили инкишофи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ нишон медиҳад, ки дар бештари минтақаҳои Тоҷикистон рушди босуботи ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дида мешаванд.

Динамикаи тағйироти маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба сари аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар поён (ҷадвали 3) оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Динамикаи тағйироти маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (ММM) дар солҳои 2013-2019**

**Table 3. Dynamics of changes in regional gross domestic product (GDP) in 2013-2019**

| Минтақаҳои ҷумҳурӣ | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/13 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Суғд, млн. сомонӣ | 10439,9 | 11530,5 | 12036,9 | 14654,8 | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 | **196,7** |
| Ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 4285,4 | 4685,7 | 4793,7 | 5722,7 | 6704,6 | 6900,3 | 7593,6 | **161,0** |
| Вилояти Хатлон, млн.сомонӣ | 9869,7 | 11777,5 | 12855,2 | 14620,2 | 16003,5 | 17107,5 | 19664,0 | **177,1** |
| Ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 3424,1 | 3963,3 | 4217,9 | 4679,4 | 4997,2 | 5223,8 | 5869,5 | **171,4** |
| ВМКБ, млн. сомонӣ | 633,2 | 721,7 | 716,8 | 841,2 | 956,5 | 1035,6 | 1063,4 | **167,9** |
| Ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 3023,4 | 3377,1 | 3297,1 | 3820,2 | 4288,0 | 4564,1 | 4659,9 | **154,1** |
| ш.Душанбе млн. сомонӣ | 9410,5 | 10176,2 | 10546,4 | 10891,2 | 11811,0 | 13808,0 | 15139,2 | **160,8** |
| Ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 12071,2 | 12831,4 | 13138,7 | 13343,8 | 14228,8 | 16313,8 | 17542,5 | **145,3** |
| НТҶ, млн. сомонӣ | 6181,8 | 6630,3 | 7590,6 | 8913,7 | 9719,8 | 11073,5 | 12287,7 | **198,7** |
| Ба сари аҳолӣ, сомонӣ | 3314,1 | 3447,9 | 3848,6 | 4410,1 | 4693,9 | 5223,3 | 5796,0 | **174,8** |

Сарчашма: Таҳия муаллифон дар асоси Омори солонаи Агентии омори назди Президенти ҶТ. -Душанбе, 2020. -С.196-204.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Суғд, соли 2019 нисбат ба соли 2013 - 1,9 маротиба афзоиш ёфт ва он дар соли 2019 ба 7593,6 сомонӣ баробар гардид. Дар вилояти Хатлон бошад, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 1,9 маротиба афзоиш ёфт ва он дар соли 2019 ба 5869,5 сомониро ташкил намуд. Дар ВМКБ ҳам маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар ин давра 1,6 маротиба зиёд гардид ва он дар соли 2019 ба 1063,4 сомониро ташкил намуд. Аммо дар ноҳияҳои тобеӣ ҷумҳурӣ, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2019 - 5796,0 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 - 42,8% зиёд аст. Поён рафтани маҷмуи махсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин, ба воридоти андозӣ, ба буҷет низ таъсиргузор буданд ва воридоти андоз аз даромад ва дигар андозҳоро кам карданд.

Яке аз омилҳои асосии таъсиргузор ба иқтидори андозӣ, маъмурикунонии андоз ба шумор меравад [12,с.397]. Боло бурдани сифати маъмурикунонии андозӣ, бештар ба назорати андозӣ вобастагӣ дорад.

Самаранокии назорати андозӣ бо нишондодҳои зерин санҷида мешаванд:

- инкишофи ҷамъоварии андозҳо;
- теъдоди санҷишҳои андозӣ;

- самаранокии санҷиши андозӣ;
- сатҳи рӯёнидани пардохтҳои андозӣ.

Дар баробари ин, бояд корҳои зиёдеро оид ба поён бурдани норасоии бақияи андозҳо ба роҳ монд, аз қабили:

1. Ошкор ва пешгирии қонунвайронкуниҳо дар соҳаи қонунгузории андозӣ;

2. Таъмини ҷуброни зарари моддӣ ба давлат бо роҳи баргардонидани қарзҳо, таъхири андоз, ҷаримаҳо ва дигар таҳримҳои аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинишуда.

Аммо, агар бақияи андозҳо ва қарзҳо боқӣ бимонанд, бояд аз рӯёнидани маҷбурӣ истифода бурда, масъулият барои саркашӣ аз пардохти андозро низ боло бурд [4,с.18]. Бақияи андозҳо ва қарзҳои андозӣ, иқтидори андозии минтақаро қафо мебарад.

Фаъолияти ниҳодҳои андозӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чандон самаранок воқеъ нагардидааст [9,с.99]. Мавриди беасос ба ҷавобгарӣ кашидани андорзсупорандагон ва вайрон кардани тартиби корбарии мурофиаҳо оиди қонунвайронкунии андозӣ ба чашм мерасад.

Дар шароити феълӣ, на фақат сабабҳои камбудии андозҳоро ба буҷетҳои маҳаллӣ бояд муайян кард, балки бо дарки илмии амиқи масъалаҳо ва мушкилот, роҳҳои мушаххаси маъмурикунонӣ, яъне боло бурдани ҷамъоварии андозҳоро бо ёрии фишангҳои андозӣ пайдо кунем.

Дар баробари ин, набояд фаромӯш кард, ки ба самаранокии сиёсати андозии татбиқшуда, таъмини мувозинат миёни манфиатҳои давлат ва андозсупоранда таъсири муҳим дорад [11,с.40]. Андоз дар таркиби худ танҳо вазифаи фискалиро ҷой надодааст, балки вазифаи танзимкунанда ва ҳавасмандкуниро низ доро мебошад ва онҳоро бояд тибқи таъиноташон истифода бурд.

Дар амал ду усули ҷамъоварии андоз вуҷуд дорад: усули густарда (экстенсивӣ) ва усули шадид (интенсивӣ). Истифодаи ин усулҳо, вобаста аз хусусиёташон ба вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар метавонанд, ҳам таъсири мусбат ва ҳам таъсири манфӣ расонанд. Зиёд гардидани воридот бо усули густарда (экстенсивӣ) аз ҳисоби боло бурдани меъёрҳои андозӣ ва ҷорӣ кардани андозҳои нав, хусусияти манфӣ доранд, чунки сабаби афзудани бори андозӣ мегарданд ва ин бор бештар ба дӯши аҳолии кишвар меафтад.

Чунин тартиб, фаъолияти андозсупорандагонро дар сатҳҳои гуногун маҳдуд мекунад ва боиси афзудани бахши иқтисоди пинҳонӣ (соягӣ) дар иқтисодиёт мегардад [10,с.53].

Зиёд кардани воридоти андозӣ бо роҳи шадид (интенсивӣ) бошад, аз ҳисоби тағйири қоидаҳои ҳисоб ва пардохти андозҳои ҷудогона, қабули як қатор чораҳо дар маъмурикунонии андоз ва такмили он, аксуламал дар баробари саркашӣ аз супоридани андоз, эҷоди низоми беҳтарини имтиёзоти андозӣ ва озодкуниҳо (аз ҷумла, кам кардани имтиёзоти андозӣ ва озодкунии ғайрисамаранок) ва такмили андозҳо амалӣ мегардад.

Дар мавриди мазкур, сиёсати андозии зарурӣ ва самаранок ва танзими андоз аз ҷониби давлат, метавонад гаронии андозро поён барад, ба болоравии сатҳи даромад мусоидат намояд, сатҳи иқтисоди пинҳонӣ (соягӣ)-ро кам кунад ва ба рушди самтҳои ояндадор ва навоваронаи фаъолият мусоидат намояд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Иброҳимзода И.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Джураева, М.Н. Анализ налоговых поступлений в государственный бюджет в 2014-2016 годы / М.Н. Джураева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. -№3. -С.40-44. – EDN UXHTOG.
2. Иброхимов, И.Р. Налог на добавленную стоимость как косвенные налоги / И.Р. Иброхимов, Т. Раджабов // Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 10 апреля 2019 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2019. – С. 259-266. – EDN WNSNCY.
3. Касирова, Ф.Д. Мировой опыт и перспектива развития цифрового налога / Ф.Д. Касирова, О.М. Алиев // Endless Light in Science. – 2023. -№3-3. –С.145-151. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-145-151. – EDN UIPIAF.
4. Каюмов, С.Ш. Повышение эффективности налогового стимулирования предпринимательской деятельности / С.Ш. Каюмов, Д.С. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. -№2/1(157). -С.17-19. – EDN UNGVVX.

5. Курбонова, М.С. Проблемы налога на добавленную стоимость в налоговой системе страны / М.С. Курбонова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/7. -С.55-59. – EDN WARKST.
6. Пансков В.Г. Налогов и налогообложения / В.Г. Пансков, В.Г. Князев. -М.: МЦФЭР, 2003. -576 с.
7. Турсунов Р.Р. Роль подоходного налога с физических лиц и значимость введения прогрессивной шкалы налогооблажения / Р.Р. Турсунов, Н.М. Муъминзода // Вестник Бохтарского национального университета имени Носири Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2020. -№S1-4-2(80). -С.171-173.
8. Улугходжаева, Х.Р. Налоги и налогообложение Республики Таджикистан. Учеб. Пособие / Х.Р. Улугходжаева. - Душанбе: НПЦОГРТ, 1998. -110 с.
9. Умаров, Х.У. Экономический рост и решение проблемы безработицы / Х.У. Умаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2006. -№2. –С.98-104.
10. Черник, Д.Г. Налоговое планирование в условиях кризиса / Д.Г. Черник. Налоговый вестник. - 2009. -№9. -С.51-55.
11. Шаталов, С.Д. Налоговая реформа - важнейший фактор экономического роста / С.Д. Шаталов // Финансы. - 2005. -№2.
12. Эраджи, Д. Теория развития налогообложения. Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей / Д. Эраджи // Материалы республиканской научно-практической конференции. -Душанбе: Таджикский национальный университет, 2019. -С.392-398. – EDN MSURNZ.
13. Ismatov, A.F. Role of tax income in enrichment of the state budget / A.F. Ismatov. – 2021. -No.4. -P.162-169. – EDN WMTMWX.

## ТАНЗИМ ВА УСУЛҲОИ МУАЙЯННАМОИИ ИҚТИДОРИ АНДОЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА НОҲИЯҲОИ ТОБЕЪ

Дар мақолаи мазкур қайд карда мешавад, ки танзими андозӣ бояд хусусияти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеъ, шаҳрҳо ва ноҳияҳоро ба инобат гирад. Қайд карда мешавад, ки низоми муосири андозбандӣ дар якҷоягӣ бо тағйиротҳо дар иқтисоди давлат ва минтақа доиман тағйир меёбад. Ислоҳоти андозӣ, ки дар ҷумҳурӣ роҳандозӣ шуданд, ба эҷоди шароити ягонаи андозбандӣ барои ҳамаи минтақаҳо: ВМКБ, вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нигаронида шуда буданд ва дар онҳо иқтидори иқтисодӣ, молиявӣ ва андозии минтақаҳо ба назар гирифта нашудааст ва ин масъала ҳаллу фасли худро дар мақолаи мазкур ёфтааст. Инчунин, дар мақола усулҳои муайяннамоии иқтидори андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он шарҳ дода шуда, якчанд ҷадвалҳо барои таҳлил ва хулосабарорӣ оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** маъмурикунонии андоз, ислоҳоти андоз, меъёрҳои андоз, воридоти андозӣ, маблағи воридоти андозӣ, манбаҳои андоз, миқдори воридоти андозӣ, буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ҷамъоварии андозҳо, иқтидори андоз, гаронии андоз, баҳодиҳии иқтидори андозӣ, маҷмуи маҳсулоти минтақа, таҳлили иқтидори андозӣ.

## РЕГУЛИРОВАНИЕ И МЕТОДЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ НАЛОГОВОЙ СПОСОБНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ПОДЧИНЕННЫХ РАЙОНАХ

В данной статье отмечается, что налоговое регулирование должно учитывать особенности социально-экономического развития Республики Таджикистан и подчиненных ей городов и районов. Отмечается, что современная система налогообложения постоянно меняется вместе с изменениями в экономике государства и региона. Начатые в республике налоговые реформы были направлены на создание единых условий налогообложения для всех регионов: ВМКБ, Согдийской области, Хатлонской области и подведомственных районов республики, и не учитывали экономический, финансовый и налоговый потенциал регионов. В статье разъясняются методы определения налогового потенциала в Республике Таджикистан и подчиненных ей регионах и представлены несколько таблиц для анализа и выводов.

**Ключевые слова:** налоговое администрирование, налоговые реформы, налоговые меры, налоговые поступления, сумма налоговых поступлений, источники налогов, сумма налоговых поступлений, республиканский и местные бюджеты, собираемость налогов, налоговая емкость, налоговая нагрузка, оценка налоговой обеспеченности, валовый региональный продукт, анализ налоговой емкости.

## REGULATION AND METHODS FOR DETERMINING TAX CAPABILITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND SUBJECTED REGIONS

This article notes that tax regulation should take into account the features of the socio-economic development of the Republic of Tajikistan and subordinate cities and districts. It is noted that the modern taxation system is constantly changing along with changes in the economy of the state and region. The tax reforms begun in the republic were aimed at creating uniform taxation conditions for all regions: the VMKB, the Sogdian region, the Khatlon region and subordinate regions of the republic, and did not take into account the economic, financial and tax potential of the regions. The article explains the methods of determining the tax potential in the Republic of Tajikistan and the regions subordinate to it and several tables are presented for analysis and conclusions.

**Keywords:** tax administration, tax reforms, tax mayors, tax revenues, amount of tax revenues, sources of taxes, amount of tax revenues, republican and local budgets, tax collection, tax capacity, tax burden, assessment of tax security, gross regional product, tax analysis containers.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қаюмов Сайфудин Шарифович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **901-00-77-14**
***Давлатов Диловар Сайфуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dilovar_76@mail.ru**. Телефон: **918-35-43-45**

**Сведения об авторах**: ***Каюмов Сайфудин Шарифович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **901-00-77-14**
***Давлатов Диловар Сайфуллоевич*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dilovar_76@mail.ru**. Телефон: **918-35-43-45**

**Information about the authors:** ***Kayumov Saifudin Sharifovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone: **901-00-77-14**
***Davlatov Dilovar Saifulloevich*** - Tajik National University, senior lecturer at the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dilovar_76@mail.ru.** Phone: **918-35-43-45**

ТДУ: 338.439.52

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ БОСУБОТИ КОМПЛЕКСИ ХӮРОКВОРИИ МИНТАҚАИ СЕРАҲОЛӢ


*Азимов А.Ҷ., Ҳакимзода М.М.*

**Институти иқтисод ва савдои ДДТТ**


Асосҳои назариявӣ ва умумиметодологии рушди босуботи субъектҳои иқтисод дар системаҳои гуногун ҳамчун замина барои таҳқиқи маҷмуии механизми рушди босуботи комплекси хӯроквории минтақа маҳсуб меёбанд. Рушди босуботи комплекси хӯроквории минтақаи сераҳолӣ ҳамчун субъекти иқтисод – қобилияти он оиди дастгирии сатҳои нишондиҳандаҳои техникӣ-технологӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ дар доираи минтақаи субот зери таъсири муҳити беруна ва дохилӣ мебошад. Бинобар ин, суботи объекти таҳқиқот, ки аз мавқеи муносибати системавӣ баррасӣ мегардад, дар он зоҳир мешавад, ки зери омилҳои муҳити беруна ва дохилӣ, аҳаммияти нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолияти он дар минтақаи муайяни суботи иқтисодӣ тағйир меёбад. Ба ибораи дигар, суботи иқтисодӣ моликияти муқовимати дохилии система ба шароити динамикии муҳити зист мебошад, ки метавонад онро аз мувозинат барорад.

Қафомонии сектори аграрии иқтисодиёт натиҷаи мунтазам надонистани асосҳои рушди он ва, пеш аз ҳама, талаботи устувории равандҳои азнавистеҳсолкунӣ мебошад. Рушди босуботи комплекси озуқавории минтақаи сераҳолӣ мувозинати захираю эҳтиёҷоти он, омилҳои истеҳсолӣ, инчунин тамоми унсурҳои сохтории онро талаб мекунад. Гузариш ба истеҳсолоте, ки дар асоси принсипҳои рушди босубот ба роҳ монда шудааст, дарки аниқи манбаҳо ва омилҳои рушди босуботри комплексии озуқвории минтақавиро тақозо менамояд. Маълум аст, ки омилро одатан «сабаб, қувваи пешбарандаи раванд ё падида, муайянкунандаи характер ё хусусиятҳои инфиродии он» маънидод мекунанд. Аз ин рӯ, сарчашмаҳои устувории комплекси озуқавории минтақаи сераҳолӣ маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ, техникӣ, технологӣ, экологӣ мебошанд, ки ба ташаккули сатҳи қобили қабули суботи он мусоидат мекунанд.

Дар асоси ин, ба гуфтаи профессор Қандиёрова Д.О., таъмини шаҳрвандони кишвар бо сатҳи кофии даромад омили муҳим аст, зеро он кафолат медиҳад, ки ба шаҳрвандони дорои даромади миёна ҳадди ақали ғизо дастрас бошад. Дар баробари ин, зарур аст, ки нархи маводи озуқа барои намояндагони тамоми табақаҳои аҳолӣ дастрас бошад [3,с.45-47].

Омилҳое, ки суботи иқтисодии комплекси озуқавории минтақаи сераҳолиро ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ муайян мекунанд, мазмуни гуногун доранд (табиӣ - иқлимӣ, меҳнатӣ, захираҳои сармоя, фаъолияти соҳибкорӣ, пешрафти илмию техникӣ).. Онҳо метавонанд берунӣ ё дохилӣ (масалан, сармоя), интенсивӣ (тезонидани суръатнокии пешрафти илмию техникӣ, такмили ихтисоси коргарон, беҳтар кардани истифодаи фондҳои асосӣ ва муомилот, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳисоби ташкили беҳтари он) ё экстенсивӣ бошанд (афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ дар сурати нигоҳ доштани сохторҳои мавҷудаи технологӣ, зиёд кардани шумораи коргарони бо кор таъминшуда, афзоиши ҳаҷми ашёи хоми сарфшуда, масолеҳ, сӯзишворӣ ва дигар унсурҳои фондҳои муомилотӣ).

Аз рӯи хусусиятҳо сатҳи таъсир, шакли татбиқ, муносибат ба субъекти иқтисодӣ, механизми таъсиррасонӣ, усули истифодаи захираҳо, мансубияти функсионалӣ, дараҷаи таъсиррасонӣ ба субъект ва дараҷаи идоракунандагӣ, гурӯҳбандии омилҳое, ки суботи иқтисодии комплекси озуқавории минтақаи сераҳолӣ ҳамчун субъекти иқтисод чунин баррасӣ мегарданд:

*1. Омилҳои сатҳи микро* - дар доираи корхонаҳои ҷудогона амал мекунанд, яъне ҷорӣ намудани техникаи нав, равандҳои нави технологӣ, навъҳои ҷудогонаи маҳсулот.

**2.** Омилҳои *сатҳи мезо* – дорои тобеияти минтақавӣ ва ё соҳавӣ мебошанд - ҷорӣ намудани технологияҳои энергиясарфакунанда, рушди босуръати соҳаҳои ҷудогонаи истеҳсолот.

**3.** *Омилҳои сатҳи макро* - бо таносуби иқтисодиёти миллӣ, равандҳои иқтисодии беруна - тағйирёбии сохтор технологии хоҷагии ҷаҳонӣ, афзоиши ҳиссаи соҳаҳои коркарди маҳсулот муайян карда мешаванд.

4. Омилҳои **моддӣ** – бо таҷассуми ҷисмонӣ- биноҳо, таҷҳизот, ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ тавсиф меёбанд.

5. Омилҳои **ғайримоддӣ** –шакли моддӣ надоранд – объектҳои моликияти зеҳнӣ, ноу-хау, фаъолнокии соҳибкорӣ.

6. *Омилҳои дохилӣ* - бевосита ба субъекти иқтисодиёт - сатҳи рушди техника ва технологияҳо, сатҳи ташкили истеҳсолот ва сохтори идоракунии субъекти иқтисодиёт, вазъи портфели фармоишҳо, сифати корҳо, стратегияи рушди субъекти иқтисодиёт нисбат доранд, амалиёти онҳо бештар аз субъекти иқтисодиёт вобастагӣ дорад.

7. *Омилҳои беруна* - ба муҳите, ки субъекти хоҷагидор дар он фаъолият мекунад - омилҳои иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, экологӣ, илмию техникӣ ва иқтисодии хориҷӣ тааллуқ дорад. Ин омилҳо аз таъсири роҳбарони корхонаҳо камтар осебпазиранд, зеро онҳо берун аз он ташаккул меёбанд.

8. Омилҳои с*тратегӣ* - бо рафти умумии субъекти иқтитсодиёт барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегии худ дар ҳар як соҳаи фаъолият алоқаманданд, аз намуди стратегия - стратегияи ба даст овардани афзалиятҳои рақобатӣ, стратегияи сарфаи захираҳо, стратегияи рушди иҷтимоии коллектив, стратегияи рушди устувори саноат ва ғайра вобастагӣ доранд.

9. Омилҳои т*актикӣ* - ба маҷмуи усулу воситаҳои ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои субъекти иқтисодиёт дар муҳлати кӯтоҳ - беҳтар намудани сифати маҳсулот, истифодаи оқилонаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, таъмини сатҳи муайяни даромаднокӣ, ҳиссаи бозор ва ғ. нисбат доранд.

10. Омилҳи э*кстенсивӣ* - дар афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ дар сурати нигоҳ доштани сохтори мавҷудаи технологӣ, зиёд шудани шумораи коргарони бо кор таъминшуда, афзоиши ҳаҷми ашёи хом, масолеҳ, сӯзишворӣ ва дигар унсурҳои фонди муомилоти мол зоҳир мегардад.

*11. Омилҳои интенсивӣ* - бо суръатбахшии пешрафти илму техника, баланд бардоштани ихтисоснокии коргарон, беҳтар сохтани истифодабарии фондҳои асосӣ ва муомилот, зиёд кардани самараи фаъолияти хоҷагидорӣ аз ҳисоби беҳтар ташкил намудани он алоқаманданд.

*12. Омилҳои технологӣ* - бо истифодаи технологияи кампартов ва бепартов, мунтазам нав кардани маҳсулот дар асоси такмили технологияҳо, такмили сохтори технологии субъекти иқтисодиёт алоқаманданд

13. *Омилҳои техникӣ*- аз ҳисоби тағйирёбиҳои сифатии олотҳо ва объектҳои меҳнат дар технологияи нав, ба вуҷуд овардани шароит барои механикунонии комплексӣ ва автоматикунонӣ, истифодаи технологияҳои саноатии нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди комплексии маҳсулот, ки пурраи нигоҳ доштани сифатҳои ғизонокӣ ва таъми маҳсулотро таъмин менамоянд, амал мекунанд.

14. *Омилҳои иҷтимоӣ* - дар нав кардани инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, солимгардонии иҷтимоӣ, баланд кардани сатҳи касбии кадрҳо, афзоиши фондҳои истеъмоли ҷамъиятӣ, васеъ кардани номгӯйи кафолатҳои иҷтимоӣ зоҳир мегардад.

15. *Омилҳои ташкилӣ* - бо тағйир додани шаклҳои ташкили меҳнат, баланд бардоштани дараҷаи махсусгардонӣ ва тақсимоти меҳнат, беҳтар намудани шароити меҳнат, назорати раванди истеҳсолот, кам кардани дуршавӣ аз талаботи интизоми технологӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот алоқаманданд.

16. *Омилҳои экологӣ* - бо роҳи кам кардани сарборӣ ба муҳити зист, истифодаи самарабахш ва комплексии захираҳо амал мекунанд.

17. *Омилҳои таъсиррасонии бевосита* – бевосита ва фавран ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд – омилҳои захиравӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва бозоргонӣ.

18. *Омилҳои таъсиррасонии бавосита* – ба фаъолияти корхона ба таври ғайримустақим таъсир мерасонанд, ки метавонанд дар муддати муайян зоҳир шаванд – омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, вазъи иқтисод ва бозори ҷаҳонӣ.

19. *Омилҳои назоратшаванда* - метавонанд аз ҷониби субъект мақсаднок тағйир дода шаванд.

20. *Омилҳои назоратнашаванда* - аз ҷониби субъект назорат карда намешавад.

Омилҳоеро, ки ба суботи корхона таъсир мерасонанд, ба назар гирифта, баъзе муаллифон омилҳои беруна ва идоранашавандаро муайян мекунанд [9,с.39-47]. Дар асоси ин, аз рӯи ақидаи мо, ин мафҳумҳо ҳарчанд ба ҳам наздик бошанд ҳам, онҳоро фарк кардан мумкин аст. Масалан, омилҳои муҳити зист инҳоянд:

- қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти хоҷагидорӣ;

- рафтори истеъмолкунандагони маҳсулоти корхона.

Агар ба омили якум корхона таъсир нарасонад (ҳадди ақал бевосита), пас дуюмро тавассути системаи тавлиди талабот ва пешбурди фурӯш назорат кардан мумкин аст.

Таъмини рушди афзалиятноки комплекси агросаноатӣ ҳамчун муҳимтарин кафили амнияти озуқаворӣ ва суботи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа андешидани тадбирҳоро дар ду самт дар назар дорад. Якум бо зарурати фароҳам овардани шароит барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар сатҳи кофӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ба он аз рӯи стандартҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок алоқаманд аст; дуюм - таъмини талаботи самараноки аҳолӣ, ки барои ғизои оқилона кофӣ аст [13].

Суботи комплекси озуқаворӣи минтақаи сераҳолиро ҳамчун системаи иқтисодӣ тавассути сарчашмаҳои гуногун таъмин кардан мумкин аст:

-пеш аз ҳама, идоракунии мақсадноки давлатӣ;

-дуюм, мутобиқшавии худи система ба тағйироти муҳити беруна;

-сеюм, иқтидори дохилии система.

Дар сурате, ки ҳамаи ин ҷузъҳо ба ҳам мухолиф набошанд, нишондиҳандаи суботи иқтисодии объекти тадқиқот ба ҳадди ниҳоии худ мерасад [9].

Сарчашмаҳои суботро, ки вазифаҳои механизмҳои муҳофизатии системаро иҷро мекунанд, метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: индуксионӣ ва ғайримуташаккил.

Дар шароити шадид мутобиқшавӣ амали бошууронаи ҷомеа ва институтҳои давлатии онро тақозо мекунад. Ин вазифаи манбаҳои индуксионии суботи иқтисодиро - механизмҳоеро, ки худи ҷомеа барои ҳифз аз ҳама гуна таконҳо офарида ва дастгирӣ менамояд, ошкор месозад. Ин маҳдуд кардани амали ҳар як аз ширкаткунандаи раванди иҷтимоие мебошад, ки мувозинати системаро вайрон карда, ҳуқуқи ширкаткунандагони дигарро поймол мекунад (амалияи маҳдуд кардани монополияҳо ва дастгирии давлатии соҳибкории хурд, маҳдудиятҳои экологӣ, ки ба истеҳсолкунандагогони бузург вогузошта мешавад, дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ).

Ба гурӯҳи ғайримуташаккил метавон нисбат дод:

- бефаъолиятӣ ва ё беташаббусии система, яъне таъхири муайяни вокуниш ба ихтилоли эҳтимолӣ, нигоҳ доштани мавқеи устувор дар ҳолати тағйирёбии хеле ногаҳонӣ (ё ҳатто беасос);

— худидоракунии система бо роҳи амалӣ гардондани иқтидори дохилии он;

- мутобиқшавии консервативии система ба халалдоршавӣ, ки дар ҳолати қатъӣ набудани тағйирот зоҳир мешавад.

Ҳамин тариқ, майлу рағбати тағйир додани объекти таҳқиқот, аз ҷумла таҳияи он метавонад ҳам дар дохили он ва ҳам аз таъсири омилҳои беруна ба вуҷуд ояд. Ҳар як тағйирёбии функсияе, ки муҳити зист ба вуҷуд меорад, боиси тағйирёбии механизми фаъолияти система мегардад ва ин боиси тағйирёбии суботи система, сохтор ва робитаҳои он мегардад, ки метавонад ҳам дар самти пешрафт ва ҳам дар самти пешрафт ва ҳам дар самти ақибмонӣ ба амал ояд [2,с.19].

Дар асоси гуфтаҳои боло, маҷмуи манбаъҳои таъмини суботи иқтисодӣ аз рӯи вазифаҳои он муайян карда мешавад. Бо мураккаб шудани функсия дар дохили сохтори кӯҳна, тафовут ба амал меояд, ки дар оянда метавонад боиси ҷудошавии қисми нав, яъне, рушди система гардад. Маҳз он, ки функсия сохтор, фаъолият, имкониятҳо ва хосиятҳои инкишофи системаро муайян мекунад, асос барои он аст, ки ки дар бораи он ҳамчун яке аз омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи система сухан гӯем.

Барои таҳлили муфассали манбаҳои рушди суботи иқтисодии комплекси озуқаворӣи минтақаи сераҳолӣ ба таҷрибаи фаъолияти тиҷорати байналхалқӣ муроҷиат кардан лозим

аст. Ба сифати мақсади стратегии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ дар дурнамои дарозмуддат сифати нави рушди иқтисодӣ ҳам аз рӯи тамоюлот ва омилҳои рушд ва ҳам аз рӯи динамикаи натиҷаҳои ниҳоӣ интихоб карда шудааст. Дар мувофиқат бо ин коршиносони Созмони Милали Муттаҳид шартан шаш вазифаи асосиеро гурӯҳбандӣ кардаанд, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор дар назди доираҳои тиҷоратӣ қарор доранд:

1. кам кардани сарфи моддии маҳсулот;
2. кам кардани шиддатнокии энергияи истеҳсолот;
3. маҳдуд кардани гардиши моддаҳои заҳрнок ва зараровар;
4. истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ;
5. зиёд намудани муҳлати нигоҳдории маҳсулот;
6. тавсеаи хадамот.

Ифодаи умумии ин мақсад аз ҳисоби истифодаи технологияҳои сарфаи захираҳо ва баландбардории самаранокии истеҳсолот ва суботи кори он мебошад. Сарфаи захираҳоро метавон ҳамчун истифодаи оқилона ва самараноки тамоми маҷмуи захираҳо ба мақсадҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар раванди иҷрои нақшаҳои рушди иқтисодиёт муайян кард. Ба маънои васеъ, мафҳуми сарфаи захираҳо ба сермаҳсул гардонидани равандҳои азнавистеҳсолкунӣ айният дорад. Ба маънои маҳдуд сарфаи захираҳо ҳамчун баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, ашёи хом ва захираҳои энергетикӣ маънидод карда мешавад [11,с.373-374].

Комплекси озуқавории минтақаи сераҳолӣ системаи мураккаби иерархии иҷтимоию иқтисодии худидорашаванда буда, дорои хусусияти номуайянӣ мебошад. Мо чунин мешуморем, ки омили номуайяниро, ки ба дараҷаи устувории фаъолияти корхонаҳо ва мутобиқшавии онҳо ба муҳити беруна таъсир мерасонад, арзёбӣ кардан лозим аст. Номуайянӣ хусусиятест, ки ҳам ба муҳити беруна ва ҳам механизми фаъолияти дохилии корхона хос аст, ки аз пешгӯинашаванда будани ҳолати мушаххаси объектҳои дар боло зикршуда дар давраи муайян ё дар лаҳзаи марбут ба оянда, мавҷудияти маҷмуи муайяни ниҳоӣ ё беохири алтернативаҳо ба вазъияти дарназардоштташуда иборат аст. Аз ҷиҳати иқтисодӣ номуайянӣ дар шакли таваккалият зоҳир мешавад - чунин хусусияти муҳити беруна, ки дар он натиҷаи фаъолияти корхона дар тули як муддати муайян метавонад арзишҳои аз нақшаи пешбинишуда фарққунандаро касб кунад, яъне дар асоси ҳисоб карда баромадани маълумотҳое, ки дар лаҳзаи банақшагирӣ муайян карда шудаанд.

Бо назардошти хусусияти эҳтимолии мафҳумҳои номуайянӣ ва хатар, инчунин робитаи онҳо бо мафҳуми субот, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки суботи комплекси озуқавории минтақаи сераҳолӣ ҳамчун субъекти иқтисодӣ бо эҳтимолияти дастоварди он бо назардошти хусусиятҳои эҳтимолии худи субъект ва муҳити берунии фаъолияти он тавсиф мегардад: ин эҳтимолият ҳар қадар баланд бошад, суббот низ ҳамон қадар зиёд мешавад.

Устуворӣ хусусияти мувофиқтарини объекти тадқиқот мебошад, зеро фаъолияти комплекси озуқаворӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршудаи рушди босубот дар шароити воқеӣ аксар вақт хусусияти эҳтимолӣ дорад ва онҳоро дар категорияҳои детерминистӣ гирифташуда, аз ҷумла, бо арзишҳои нақшавии ченакҳои ҳадафҳо тавсиф кардан мумкин нест..

Суботи фаъолияти комплекси озуқавории минтақаи сераҳолӣ ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ хусусияти объективии зуҳури қобилияти расидан ба ҳадафҳои гузоштташуда дар шароити номуайянӣ мебошад.

Нишондиҳандаи субот нисбат ба ҳадафи гузоштташуда метавонад ҳамчун маҳаки хуби мувофиқати ин ва ё он таъсиррасонии идоракунанда дар доираи объекти таҳлилшаванда хизмат кунад. Дар асоси таҳлили субот метавон усулҳои самарабахши идоракунии мувофиқи соҳаҳои комплекси озуқавориро дар шароити номуайянӣ таҳия намуд, зеро таҳлили субот усули хеле универсалӣ мебошад, ки онро барои ҳалли мушкилоти мушаххаси идоракунӣ ба осонӣ мутобиқ кардан мумкин аст.

Дар шароити ҳаракати фаъолонаи пешбарӣ ба самти ташаккули иқтисодиёти мутамаддини бозоргонӣ механизми танзими давлат хамчун сарчашма, катализатор ва кафили рушди босуботи иҷтимоию иқтисодӣ хизмат мекунад. Мақсади асосии танзими

давлатии комплекси озуқавории минтақаи сераҳолӣ суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, устувории рушди иқтисодӣ, таъмини амнияти миллӣ ва, пеш аз ҳама, амнияти озуқаворӣ мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Ганиев Т.Б. Пути устойчивости эколого-экономического развития аграрного производства Таджикистана. НИИ Центр Республики Таджикистана. - Душанбе, 1995. – 319с.
2. Ерохина Е.А. Развитие национальной экономики: системно-самоорганизационный подход. -Томск: Изд-во Томского ун-та, 1999. С. 19.
3. Кандиярова Д.О. Продовольственная безопасность как фактор обеспечения экономической безопасности национальной экономики / Вестник Таджикского националного университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2019. -№4. -часть 2. -С.46-50.
4. Каримова М.Т. Региональная политика: проблемы и перспективы в Таджикистане. –Душанбе: Ирфон, 2014. - 204 с.
5. Кудратов Р.Р., Фасихов И.С. Региональные особенности обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан // Маҷмуи мақлаҳои илмӣ. Маводҳои конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Технологияи инноватсионии нигоҳдорӣ ва коркард, логистикаи меваю сабзавот: нигоҳе ба оянда», 28.12.2019. Душанбе – 2019. С.18-23.
6. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. -Душанбе, 2006. -300 с.
7. Муминова, Х.К. Юнусзода, Б.Г. Сафаров. Монография. – Душанбе: ТГФЭУ, 2021. – 164 с.
8. Махмадизода, Ф.Б. Формирование и развитие региональных агропродовольственных кластеров в условиях ВТО / Ф.Б. Махмадизода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 8. – С. 36-43.
9. Назаров Т.Н. Об идеологии развития Таджикистана. В материалах семинара «Проблемы выживания и устойчивого развития Таджикистана». Душанбе, 1996.35-37с.
10. Прущак О.В. Источники и факторы устойчивого развития реального сектора экономики // Известия Самарского научного центра РАН. Самара, 2002. С.39 - 47.
11. Пиризода Дж.С. Региональный агропродовольственный рынок: проблемы и тенденции развития / Вестник Таджикского националного университета. Серия экономических наук. -Душанбе, 2014. -№2/11(155). -С.70-74.
12. Путь в XXI век: стратегические проблемы и перспективы российской экономики. М.: ОАО «Издательство «Экономика», 1999. -С.373-374.
13. Регионы Республики Таджикистан: диагностика и методы оценки социально-экономического развития / Л.Х. Саидмуродов, Ф.М.
14. Фасихов А.И. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности Республики Таджикистан). Монография. – Душанбе: Ирфон, 2016. -180 с.



## ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ БОСУБОТИ КОМПЛЕКСИ ХӮРОКВОРИИ МИНТАҚАИ СЕРАҲОЛӢ

Дар мақола омилҳои таъсиррасон ба рушди босуботи комплекси хӯроквории минтақаи сераҳолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки асосҳои назариявӣ ва умумиметодологии рушди босуботи субъектҳои иқтисод дар системаҳои гуногун ҳамчун замина барои таҳқиқи маҷмуии механизми рушди босуботи комплекси хӯроквории минтақа маҳсуб меёбанд. Рушди босуботи комплекси хӯроквории минтақаи сераҳолӣ ҳамчун субъекти иқтисод – қобилияти он оиди дастгирии сатҳои нишондиҳандаҳои техникӣ-технологӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ дар доираи минтақаи субот зери таъсири муҳити беруна ва дохилӣ мебошад. Муаллифон чунон хулосабарорӣ менамоянд, ки суботи объекти таҳқиқот, ки аз мавқеи муносибати системавӣ баррасӣ мегардад, дар он зоҳир мешавад, ки зери омилҳои муҳити беруна ва дохилӣ, аҳаммияти нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолияти он дар минтақаи муайяни суботи иқтисодӣ тағйир меёбад. Ба ибораи дигар, суботи иқтисодӣ моликияти муқовимати дохилии система ба шароити динамикии муҳити зист мебошад, ки метавонад онро аз мувозинат барорад.



**Калидвожаҳо:** рушди босуботи комплекси хӯроквории минтақаи сераҳолӣ, субъекти иқтисод, суботи объекти таҳқиқот, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолият.



## ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО КОМПЛЕКСА ГУСТОНАСЕЛЕННОГО РЕГИОНА

В статье рассмотрены факторы, влияющие на устойчивое развитие продовольственного комплекса густонаселенного региона. Авторы отмечают, что теоретические и общеметодологические основы сбалансированного развития хозяйствующих субъектов в различных системах рассматриваются как основа комплексного исследования механизма сбалансированного развития продовольственного комплекса региона. Устойчивое развитие продовольственного комплекса густонаселенного региона как экономического субъекта - его способность поддерживать уровни технико-технологических, организационных, социально-экономических, экологических показателей в пределах зоны стабильности находится под влиянием внешней и внутренней среды. Авторы приходят к выводу, что устойчивость объекта исследования, рассматриваемого с позиций системного

подхода, проявляется в том, что под влиянием факторов внешней и внутренней среды, значения социально-экономических показателей его деятельности варьируются в определенной зоне экономической устойчивости. Говоря другими словами, экономическая устойчивость - свойство внутренней сопротивляемости системы к динамичным условиям внешней среды, способным вывести ее из состояния равновесия..

**Ключевые слова**: устойчивое развитие продовольственного комплекса густонаселенной территории, хозяйствующий субъект, устойчивость объекта исследования, социально-экономические показатели деятельности.

## FACTORS AFFECTING THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE FOOD COMPLEX OF A DENSELY POPULATED REGION

The article examines the factors influencing the sustainable development of the food complex of a densely populated region. The authors note that the theoretical and general methodological foundations for the balanced development of economic entities in various systems are considered as the basis for a comprehensive study of the mechanism for the balanced development of the region's food complex. The sustainable development of the food complex of a densely populated region as an economic entity - its ability to maintain the levels of technical, technological, organizational, socio-economic, environmental indicators within the stability zone is influenced by the external and internal environment. The authors come to the conclusion that the sustainability of the research object, considered from the perspective of a systems approach, is manifested in the fact that, under the influence of external and internal environmental factors, the values of socio-economic indicators of its activity vary in a certain zone of economic sustainability. In other words, economic sustainability is the property of the internal resistance of a system to dynamic environmental conditions that can bring it out of equilibrium.

**Keywords**: sustainable development of the food complex of a densely populated area, economic entity, sustainability of the research object, socio-economic performance indicators.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Азимов Абдумавлон Ҷалилович* -** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169

***Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ* -** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит.**Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169. Телефон: **927749981**

**Сведения об авторах:** ***Азимов Абдумавлон Джалилович*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, доктор экономических наук, профессор, кафедра экономической теории. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169

***Хакимзода Маъруф Махмуди*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат экономических наук, доцент, кафедра бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169. Телефон: **927749981**

**Information about the authors*: Azimov Abdumavlon Jalilovich*** - Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce, Doctor of Economics, Professor, Department of Economic Theory. **Address**: 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169

***Khakimzoda Maruf Mahmudi*** - Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Accounting and Auditing. **Address**: 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. Phone: **927749981**

ТДУ: 336.71

# НАҚШИ ЗАХИРАҲОИ БОНКӢ ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРИИ КИШВАР

*Сайфуров К.Ф., Шарипов У.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рушди бомуваффақияти хоҷагии халқ аз самаранокии бахши бонкӣ вобаста аст. Дар шароити муосири иқтисодӣ, ҳамгироии молиявии ҷаҳонӣ ва бисёрҷанбаи фаъолияти бонкӣ, омилҳои зиёде ба раванди фаъолияти бонкҳо таъсир мерасонад.

Айни замон масъалаи истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ масъалаи муҳимми амалияи бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Масъалаи идоракунии самараноки захираҳои бонкӣ дар назарияи бонкдории ватанӣ як мавзуи хеле печида аст. Дар баробари ин, ҳар як бонк кори худро оид ба идоракунии захираҳо дар алоҳидагӣ ташкил мекунад. Ин аз набудани методологияи маъмули идоракунии захираҳои бонкӣ гувоҳӣ медиҳад. Аз ин рӯ, ҳар як иштирокчии бозор бояд ин масъаларо бо назардошти хусусиятҳои фаъолият ва мавқеи бонк дар бозори хизматрасонии бонкӣ таҳия намояд.

Яке аз шартҳои фаъолсозии равандҳои сармоягузорӣ, таъмини онҳо бо захираҳои сармоягузорӣ мебошад, ки дар он ҷалби сармояи бонкҳои тиҷоратӣ нақши муҳим мебозад [2].

Омилҳое, ки ба ташаккули маблағҳои худӣ таъсир мерасонанд, ба ду гурӯҳ - омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ ҷудо намудан мумкин аст [6].

Сарфи назар аз аҳаммияти омилҳои муҳити зист, омилҳои дохилӣ, аз қабили сифати дороиҳо ва уҳдадориҳо, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, сифати идоракунӣ ва ғайра дар ташаккули маблағҳои худӣ аҳаммияти хоссаро пайдо мекунанд.

Мушкилии омӯзиши таъсири омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар он аст, ки аксарияти онҳо бо ҳамдигар дар робитаи мултипликативӣ қарор доранд. Инчунин, афзоиши суръати даромади сармоя аз ҳисоби кам шудани кифоятии сармоя амалан ғайриимкон аст. Рақобати шадид ва болоравии арзиши захираҳои қарзӣ ноил шудан ба сатҳи муътадили таносуби сармоя ва дороиҳо халал мерасонад. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани сатҳи даромади сармояи умумӣ, афзоиши дараҷаи истифодаи дороиҳо боқӣ мемонад.

Самаранокии фаъолияти бонкро аз сарчашмаҳои гуногун, масалан, аз рӯи ҳаҷми амалиётҳои он арзёбӣ намудан мумкин аст. Барои бонки ба таври муътадил рушдкунанда, ҳаҷми миёнаи муомилот бояд бе ҷаҳиш баробар афзоиш ёбад, мавҷудияти онҳо метавонад нишон диҳад, ки бонк амалиётҳои калон анҷом медиҳад ё мизоҷони зиёде дорад ва ин, дар навбати худ, аз сатҳи хавф низ вобастагӣ дорад, ки ин ҳолат барои аз байн рафтани мизоҷон, кам шудани фаъолият ва ҳамзамон, кам шудани даромад мегардад [7].

Аз ин лиҳоз, омӯзиши самаранокии фаъолияти бонкӣ ва захираҳои онҳо, ҳам барои худи ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми интихоби моделҳои тиҷорат ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар шароити тағйирёбанда ва ҳам ҳангоми таҳияи стратегияи рушди бахши молиявӣ муҳим арзёбӣ мегардад [11,с.557-600].

Хусусияти фаъолияти бонкӣ ин гуногун будани шаклҳои эмиссия (амонатҳои ҷалбшуда, қарзҳои додашуда, коғазҳои қиматноки харидашуда ва дигар хизматрасониҳои бонкӣ) ва захираҳои барои истеҳсоли онҳо истифодашаванда (сармояи инсонӣ ва ҷисмонӣ, технологияҳои иттилоотӣ, маблағҳои муассисон) мебошад [8].

Бонкҳо одатан дар раванди сармоягузорӣ тавассути сармоягузории мустақим ва хариди коғазҳои қиматнок иштирок мекунанд. Тавре, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, бонкҳо дар раванди ҷамъоварӣ ва ҷобаҷогузории сармоя дар бахшҳои иқтисодиёт фаъолона ширкат меварзанд [9].

Аз ин рӯ, барои муайян кардани омилҳое, ки ба самаранокии фаъолияти бонки тиҷоратӣ таъсир мерасонанд, бархе аз муҳаққиқон таҳлили иловагии регрессионӣ гузаронида, вобастагии баҳодиҳии самаранокии бадастомадаро аз маҷмуи

тағйирёбандаҳои шарҳшуда (хусусиятҳои инфиродӣ, тағйирёбандаҳои макроиқтисодӣ ва маҳдудиятҳои танзимкунанда) меомӯзанд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳия ва асосноккунӣ, истифодаи фишангҳои танзими бонкиро дар ташаккули стратегияи рушди як бонки тиҷоратӣ истифода бурдан мумкин аст [10,с.435-456].

Яке аз омилҳои асосие, ки пардохтпазирии бонкро таъмин менамояд, ин андозаи сармояи худӣ мебошад. Аз нуқтаи назари ташаккули базаи захиравии бонк на танҳо муқоисаи ҳаҷми сармояи худӣ бо ҳаҷм ва сифати дороиҳо, балки муқоисаи ҳаҷми сармояи худӣ бо захираҳои ҷалбкардашуда низ муҳим мебошад [4,с.500-516].

Ташаккули базаи захиравӣ дар иқтисоди бозорӣ ба истифодаи принсипҳои зерин асос меёбад:

- ба талабот ва эҳтиёҷоти бозор, дархости муштариён нигаронида шудани ҳар як бонк, эҷоди чунин маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки талабот доранд, ба талабот ҷавогӯй ҳастанд ва метавонанд ба бонк фоида оваранд;
- пайваста барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкӣ бо мақсади кам кардани хароҷот ва ба даст овардани натиҷаҳои оптималии пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ талош намудан;
- баҳодиҳии воқеии вазъи бозор, саривақт ислоҳ намудани мақсадҳо, вазифаҳо ва барномаҳо вобаста ба вазъи бозор (кредит, пасандоз, коғазҳои қиматнок ва ғайра);
- баҳисобгирии натиҷаи ниҳоии фаъолияти бонкӣ ва бахшҳои он;
- ҳангоми қабули қарорҳо истифода намудани базаи муосири иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ (технологияҳои компютерӣ, шабакаҳо, низомҳои автоматикунонидашуда ва ғ.);
- ба кор ҷалб намудани мутахассисони ботаҷрибаи соҳавӣ.

Ҳангоми ташаккули базаи захиравӣ ҳадафҳои дарозмуддат, роҳҳои ноил шудан ба онҳо, яъне стратегия ва тактикаи таъмини бонкро бо захираҳои нав таҳия намудан, лозим ба ҳисоб меравад. Ҳадафҳои нав вазифаи таҳияи стратегияи нав, таҳияи равишҳои нави консептуалӣ ва тактикаи метод ва усулҳои ҳалли беҳтарини вазъияти мушаххасро муайян мекунанд. Ҳадафи асосии стратегии фаъолияти бонк дар соҳаи таъмини захираҳо ин зиёд намудани заминаи захиравӣ бо нигоҳ доштани пардохтпазирӣ ва таъмини даромаднокӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳияи ҳадафи стратегии дар боло тавсифшуда, ҳалли як вазифаи сегонаро дар бар мегирад (расми 1).

**Расми 1. Модели муносибатҳои се (зинагӣ) категория дар доираи як ҳадафи стратегӣ**
**Figure 1. Model of relationships of three (level) categories within a strategic goal**




Базаи захиравии бонки тиҷоратӣ, пардохтпазирӣ, даромаднокӣ - инҳо заминаҳое мебошанд, ки тамоми механизми фаъолияти бонкӣ бар онҳо сохта шудааст. Ҳама гуна

нишондиҳандаи мутлақ ё нисбии фаъолияти бонк, ҳама гуна самти кӯшишҳои тиҷоратии он, ҳар як сегменти бозор, ки дар он мавҷуд аст, ба ин ё он роҳ ба ин се категория дастрасӣ (тааллуқ) доранд. Ё андозаи оптималии худро таъмин мекунанд, ё худашон зери таъсири онҳо қарор доранд.

Аммо дар муносибатҳои байни ин категорияҳо зиддиятҳои муайян мавҷуданд. Базаи захиравии бонк сатҳи мавқеи бозории бонк, имкониятҳои онро барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ инъикос менамояд. Ин нишондиҳандаи миқдорӣ буда, ҳаҷми маблағеро, ки бонк дар як давраи муайян дорад, муайян мекунад.

Дар баробари ин, пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ хусусиятҳои сифатӣ мебошанд, ки эътимоднокии бонкро барои муштариён ва шарикони тиҷоратӣ, инчунин, самаранокии (даромаднокии) фаъолияти бонкро ҳамчун корхонаи тиҷоратӣ, яъне ба мақсад мувофиқ будани кори бонкро аз мавқеи худ нишон медиҳанд.

Вазифаҳои стратегии таъмини бонк бо захираҳо тавассути қарорҳои тактикии зерин амалӣ карда мешаванд.

1. Ҳисоб кардан ва сарфаи маблағҳои худӣ барои таъмини эътимоднокии бонк (ба даст овардани ҳадафи стратегии пардохтпазирӣ), инчунин, барои васеъ намудани амалиёти фаъоли бонк (расидан ба ҳадафи стратегии даромаднокӣ ё рақобатнокии зарур ва кофӣ).

2. Ҷустуҷӯи захираҳо барои бонк, барои иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди муштариён (ба даст овардани ҳадафи стратегии пардохтпазирӣ) ва рушди амалиёти фаъол (расидан ба ҳадафи стратегии даромаднокӣ).

3. Барои таъмини пардохтпазирии баланси тавозун ва пасандозҳои талабшаванда, барои бонк, барои гирифтани фоида аз ҳисоби истифодаи захираҳои «арзон», ҷалб намудани пасандозҳои муҳлатнок. Стратегияи бонки тиҷоратӣ оид ба ташаккули базаи захиравӣ бо зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи базаи муштарӣ алоқаманд аст, зеро яке аз стратегияҳои бонк ин аст, ки бонк дар аввал «барои қонеъ гардонидани талаботи муштарии даромаднoктар аз ҳисоби захираҳои маҳдуд ва эҳтиёҷоти муштарии он ба онҳо хизмат мерасонад" [5].

Стратегияи рушди хизматрасониҳои нав тавассути эҷоди куллан нав, вале бештар бо роҳи тағйир додани хизматҳои мавҷуда ва татбиқи онҳо дар бозорҳои мавҷуда, амалӣ карда мешавад. Ин стратегия дар шароити бартарии рақобати ғайри нархгузорӣ истифода мешавад.

Стратегияи диверсификатсия хоҳиши бонкҳоро барои ворид шудан ба бозорҳои навро дар назар дорад ва барои ин бонкҳо намудҳои нави хизматрасониро дар доираи худ ҷорӣ мекунанд. Маҳз ҳамин стратегия сабаби универсалӣ гаштани бонкдорӣ гардид.

Сохтори масъулиятро нигоҳ доштан лозим аст, ки таносуби муайяни сармояи худӣ ва қарзиро таъмин намояд, ин иқдом имкон медиҳад, то ки фоидаи бонк зиёд ва устувории молиявии он баланд гардад. Ҷалби маблағҳои қарзӣ аз нуқтаи назари натиҷаҳои молиявии фаъолияти бонк танҳо дар сурате фоидаовар ва оқилона аст, ки агар нархи ин маблағҳо, ки бо меъёри фоизӣ ифода шудааст, аз арзиши ҷории меъёри даромад камтар бошад. Вайрон кардани ин қоидаи муҳим одатан боиси зиёд шудани хароҷоти пӯшонидани қарзҳо аз ҳисоби маблағҳои худӣ мегардад, фаъолияти молиявии бонкро бо тамоми оқибатҳои ба амаломада то ба муфлисшавӣ бурда мерасонад.

Аз ҳама принсипи муҳим ин аз ҷониби бонк таъмини кофӣ будани захираҳо мебошад: маблағҳои ҷалбшуда набояд камтар, вале на бештар аз маблағи зарурӣ барои фаъолияти фоидаовар ва устувори бонк бошанд. Аз ин рӯ, бонкҳо барномаҳои танзим ва тақсими захираҳоро таҳия намуда, самтҳои сармоягузории бештар фоидаоварро барои даврае муайян ва рафти иҷрои ин барномаҳоро таҳлил мекунанд. Ҳангоми арзёбии муомилот равиши комплексӣ бо назардошти тамоми маҷмуи масъалаҳои марбут ба амалиёти мушаххас ва ҳамзамон, инъикоси вазъи бонк истифода мешавад.

Кори моделсозии ташаккули базаи захиравии бонкро дар шакли зерин ифода кардан мумкин аст.

1. Таҳлили сохтори уҳдадориҳо ва дороиҳо дар динамика.

2. Муайян намудани тағйироти сохтори маблағҳои ҷалбшуда, ки дар зери таъсири шароити бозор ба амал омадаанд.

3. Тасдиқи модел.

Дар маҷмуъ, модели таъмини захираҳо ба бонки тиҷоратӣ метавонад ба таври зерин муаррифӣ карда шавад.

1. Танзими захираҳо.

**Омилҳои беруна:**

- вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои нави бозори молиявӣ (миллӣ ва байналмилалӣ);
- муҳити ҳуқуқӣ (андоз, асъор, танзими зиддиинҳисорӣ);
- танзими фаъолияти бонкҳо аз ҷониби БМТ (пеш аз ҳама, дар робита ба муқаррар намудани стандартҳои иқтисодӣ, меъёрҳои ҳадди ақали захиравӣ);
- сатҳи рақобат дар бозори молиявӣ ва тағйирот дар муҳити рақобат.

**Омилҳои дохилӣ:**

- таъмини мутобиқати омилҳои танзимкунандаи беруна ба вазъи дохилии молиявии бонк;
- арзёбӣ ва таъмини фарогирии хавф.

2. Ташаккули базаи захиравӣ барои гузаронидани фаъолияти бонкӣ.

- идоракунии сармояи худӣ, кор бо саҳмдорон (нигоҳдорӣ ва афзоиши моликияти саҳомӣ);
- таъсис ва таҳкими базаи амонатӣ;
- ҷустуҷӯи муштариёни нав бо мақсади васеъ намудани ҳаҷми маблағҳои ҷамъшуда;
- азхуд намудани намудҳои нави амалиёт, технологияҳои бонкӣ ва бозорҳо барои зиёд намудани базаи захиравӣ.

Таъмини даромаднокии амалиёти фаъол.

3. Оптимизатсияи базаи захиравӣ (ҷалб намудани захираҳо ва таъмини самаранокии истифодаи онҳо).

- нигоҳ доштани таносуби ниҳоии сармояи худӣ ва қарзӣ барои бонки додашуда;
- таъмини сохтори оптималии маблағҳои ҷалбшуда ва мувофиқати он ба сохтори дороиҳо (аз рӯи муҳлат ва арзиш);
- баланд бардоштани мутобиқати баҳодиҳии хавфи қарзӣ ва ташаккули маблағи оптималии (зарурӣ ва кофии) захира барои пӯшонидани талафоти қарз;
- идоракунии салоҳиятдори андоз;
- корҳои таҳлилии бонк оид ба ҳисоб кардани даромаднокии амалиётҳо, арзёбии даромаднокии тамоми фаъолияти бонк бо мақсади муайян намудани захираҳо.

Пас аз омӯзиш ва муқоисаи равишҳои дар адабиёти илмӣ мавҷудбуда, барои муайян кардани омилҳое, ки ба самаранокии фаъолияти бонкӣ таъсир мерасонанд, мо таснифоти худро таҳия кардем, ки ба тақсимоти анъанавии омилҳои ду гурӯҳи асосӣ: экзогенӣ ва эндогенӣ асос ёфтааст. Таснифи пешниҳодшуда аз он ҷиҳат беназир аст, ки пас аз таърифи муаллиф ба мафҳуми “самаранокии бонкӣ” ҳамчун як қисми тақсимоти омилҳо, ба омилҳои субъективӣ ва объективӣ бо назардошти хусусияти дугонаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ истифода мешавад. Дар таҳлили фаъолияти бонк аз мавқеи «бонк - ташкилоти тиҷоратӣ» омилҳои объективӣ авлавият доранд, ки ба меъёри самаранокии иқтисодӣ бештар мувофиқ аст. Омилҳои субъективӣ аз ҷиҳати нақши институтсионалии худ муҳимтарин ва аз ин рӯ, ба меъёри самаранокии иҷтимоӣ мувофиқанд. Меъёрҳои сиёсати кадрӣ ва сохтори ташкилӣ аз рӯи хусусияти миқдорӣ ва сифатии арзёбӣ дар ҳарду гурӯҳи омилҳо бавосита инъикос меёбанд.

Дар ҳамин ҳол, фарзия, ки сарфи назар аз бартариҳои инфиродии равишҳои анъанавӣ, камбудиҳои назарраси онҳо ба мо имкон намедиҳад, ки раванд ё равиши шабакавиро дар воқеияти иқтисодии имрӯза оптималӣ тавсиф кунем. Масалан, равиши шабакавӣ аз равиши равандӣ, пеш аз ҳама, бо таъсири омилҳои берунии таъсир ба таври мусбат фарқ мекунад, аммо нодида гирифтани нақши иҷтимоии бонкҳои тиҷоратӣ дар он аст, ки онро дар заминаи мафҳуми молиявӣ ва сармоягузорӣ ғайриимкон месозад. Иқтидори дар ин тадқиқот пешниҳодшуда, камбудиҳое, ки ба равишҳои анъанавии таҳлили натиҷаҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ хосанд, бо равиши маҷмуӣ бартараф карда мешаванд, ки ин имкон медиҳад, онро ҳамчун усули ояндадори арзёбии

самаранокии бонкҳои тиҷоратӣ мансуб донист.

**Расми. 2. Таснифи омилҳое, ки ба самаранокӣ таъсир мерасонанд ва равишҳои баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ**

**Fig. 2. Classification of factors that affect efficiency and approaches to evaluating the activity of commercial banks**




Арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии фаъолияти бонкӣ, ба андешаи мо, бояд ба принсипҳое асос ёбад, ки:

- муносибати систематикӣ (фаҳмиши бонки тиҷоратӣ ҳамчун низоми динамикӣ бо сохтори мураккаби унсурҳо, бо назардошти муносибат бо субъектҳои муҳити беруна);
- демократия (иштирок дар тартиби арзёбии доираи васеи ҷонибҳои манфиатдор ва аз ин рӯ, пурра муайян кардани захираҳо ва имкониятҳои афзоиш ва рушд);
- самаранокӣ (натиҷаҳои арзёбӣ бояд аҳаммияти амалӣ дошта бошанд ва аз ҷониби ҷонибҳои манфиатдор ҳангоми қабули қарор истифода шаванд);
- банақшагирӣ ё пайдарпайӣ (фаъолиятҳо дар чаҳорчӯбаи алгоритмӣ арзёбӣ бояд шаванд, аз рӯи вақт ва тартиби дақиқ танзим карда шаванд, баҳодиҳӣ бояд мунтазам гузаронида шавад);
- имконпазирии иқтисодӣ (хароҷоти арзёбӣ бояд бо фоидае, ки аз он гирифта мешавад, мутаносиб бошад ва самараи судманди сершумор диҳад), (расми 3).

Вазифаи муҳимми ташаккули муносибати маҷмуӣ ба арзёбии самаранокии бонкҳо, таҳияи таъминоти иттилоотӣ ва методии ин тартиб ба ҳисоб меравад. Воситаҳои методологии низоми арзёбии самаранокии фаъолияти бонкӣ мутобиқи таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ, ташаккули маҷмуи нишондиҳандаҳо барои таҳлили самаранокии фаъолияти бонк, таҳияи механизми тафсири нишондиҳандаҳои сифатӣ барои мақсадҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар баҳодиҳӣ, муайян кардани тартиби ҳисоб кардани нишондиҳандаи интегралӣ, инчунин, муқаррар намудани шаклҳои ҳисоботӣ амалӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, масъалаи идоракунии самаранокии захираҳои бонки тиҷоратӣ дар назарияи бонкдории ватанӣ мавзуи хеле печида аст. Акнун ҳар як бонк кори худро оид ба идоракунии захираҳо ба таври худ ташкил мекунад. Ин ба бахшҳои гуногуни бозор, ки дар он бонки мушаххас фаъолият мекунад, бо набудани методологияи аз ҷониби умум қабулшуда барои идоракунии захираҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳар як иштирокчии бозор бояд ин масъаларо бо назардошти хусусиятҳои фаъолият ва мавқеи бонк дар бозори хизматрасонии бонкӣ таҳия намояд.

Бояд гуфт, ки дар хориҷи кишвар тақрибан дар ҳар як бонк кумитаҳои идоракунии дороиҳо ва пассивҳо амал мекунанд ва аз ин рӯ, баҳодиҳии муассири онҳо барои рушди иқтидори сармоягузорӣ нигаронида шудааст. Ин кумитаҳо таҳияҳои стратегиро, ки сифатҳои танзимкунандаи қарзҳо, аз ҷумла банақшагирии пардохтпазирӣ ва сармоя, назорати хароҷот, инчунин банақшагирии андоз ва сатҳи таваккали намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкиро ба инобат мегиранд, пешниҳод ва татбиқ менамоянд. Ба ибораи дигар, кумитаҳои идоракунии захираҳо, идоракунии портфелӣ дороиҳои бонкиро амалӣ мекунанд.

Омӯзиши равишҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти бонкӣ, ки дар адабиёти илмӣ ва амалӣ оварда шудаанд, нишон дод, ки дар илми муосир оид ба ин таъриф фикри ягона вуҷуд надорад.

Дар натиҷаи таҳлили равишҳои мавҷуда ба таснифоти омилҳои таъсиргузор, ба сатҳи самаранокии фаъолияти бонкӣ маълум гардид, ки айни замон, дар назария ва амалия дарки амиқи омилҳои ба самаранокии фаъолияти бонкҳо таъсиркунанда мавҷуд нест, хусусияти дугонаи онҳоро, ки ҳамчун асос барои зарурати ташаккули муносибати муаллифӣ ба таснифоти онҳо хизмат мекард, баррасӣ мекунем.

Таснифи пешниҳодшудаи омилҳое, ки ба сатҳи самаранокии фаъолияти бонкӣ таъсир мерасонанд, аз он иборат аст, ки пас аз муайян кардани мундариҷаи он аз ҷониби муаллиф, тақсимоти омилҳо ба субъективӣ ва объективӣ ҳамчун изофа истифода шудааст: омилҳои объективӣ дар таҳлили фаъолияти бонк аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Фаъолият аз нуқтаи назари "бонк ташкилоти тиҷоратӣ аст"; омилҳои субъективӣ аз ҷиҳати нақши институтсионалии худ муҳимтаринро дар бар мегиранд.

Ҳамин тариқ, арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии фаъолияти бонкӣ ҳамчун хусусияти ягона муайян карда мешавад, ки имкон медиҳад дар асоси истифодаи тарзу усулҳои тадқиқоти маҷмуӣ, натиҷаҳои фаъолияти бонки тиҷоратиро бо назардошти татбиқи стратегияи он, инчунин, бо назардошти манфиатҳои ба давлат ва ҷамъият мувофиқ, муайян мекунанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

## АДАБИЁТ

1. Ғаюров Ғ.Ҳ. Таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ / Ғ.Ҳ. Ғаюров, Ф.О. Худоиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. -№8. –С.170-178.
2. Живалов В.Н. Повышение устойчивости коммерческих банков / В.Н. Живалов. -М.: ТРЕГОВ, 1997.
3. Сайфуров К.Ф. Дистанционные банковские услуги как механизм развития банковского сектора Таджикистана / К.Ф. Сайфуров, Ш.М. Буриев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанббе, 2023. -№?. –С.17-23.
4. Шарипов У.А. Инвестиционные процессы в регионе: совершенствование организационно-экономического механизма их реализации / У.А. Шарипов, А.У. Гамидов. –Душанбе: Дониш, 2020. -173 с.
5. Шарифзода Н.Ш. Таҳлили вазъи сиёсати пулию қарзӣ ва нақши он дар рушди захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ / Шарифзода Н.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2021. -№6. -С.27-41.
6. Юзвович, Л.И. Совершенствование оценки эффективности коммерческого банка в условиях межбанковской конкуренции: монография / Л.И. Юзвович, Е.А. Трофимова. -Екатеринбург: Уральское издательство. Университет, 2018. -120 с.
7. Analysis of efficiency and productivity of the bank / V. Bhatia, S. Basu, S.K. Mitra, P. Dash // Opsearch. – 2018. -Vol. 55. -No.3-4. -P.557–600. DOI: 10.1007/s12597 018 0332 2.
8. Gulati R. Analysis of intermediary and operational efficiency of banks using the two-stage model of the Dea Network / R. Gulati, S. Kumar // International Journal of Productivity and Efficiency Management. – 2017. -Vol.66. -No.4. – P.500-516. DOI: 10.1108/ijppm 03 2016 0055.
9. Kneip A. Hypothesis testing in non-parametric production models / A. Kneip, L. Simar, P. Wilson // Journal of Business & Economic Statistics. – 2016. -Volume 34. -No.3. -P.435-456. DOI: 10.1080/07350015.2015.1049747.
10. Sinki J.F. Financial management in commercial banks / J.F. Sinki. -Moscow: Gatallaxi, 1994.
11. Zelenyuk N., Zelenyuk V. Analysis of bank activity // Efficiency and Productivity Analysis Center. A series of worksheets. no WP02/2021. School of Economics, University of Queensland. - 2021. -52 p. [Electronic resource]. URL: https://economics. uq. _ au / files / 24750/ WP 022021.pdf.


## НАҚШИ ЗАХИРАҲОИ БОНКӢ ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРИИ КИШВАР


Дар шароити ба иқтисодиёти рақамӣ гузаштан, омӯзиши самаранокии бонкҳои тиҷоратӣ талабот зиёд буда, ин ба мо имкон медиҳад, ки заминаҳои ташаккули низоми устувори молиявӣ муайян карда шавад. Сарфи назар аз теъдоди зиёди нашрияҳои илмӣ дар ин самт, мо метавонем дар бораи мавҷуд набудани корҳои низомие, ки дастгоҳи методии муосирро барои омӯзиши самаранокии фаъолияти бонкӣ сухан ронем. Мақсади мақола ин таҳлили интиқодии равишҳои арзёбии самаранокии фаъолияти бонкӣ ва дурнамои такмили он дар иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Мушкилии арзёбии самаранокии бонкҳои тиҷоратӣ дар гуногун будани шаклҳои интишор ва захираҳои барои ин истифодашаванда вобаста аст. Муаллифон дар таҳқиқот фарзияеро ба миён мегузоранд, ки истифодаи равишҳо ва усулҳои муосири арзёбии самаранокии фаъолияти бонкӣ метавонад дурустии баҳодиҳӣ, инчунин, муайян намудани омилҳоеро, ки самаранокии фаъолиятро зиёд мекунанд, беҳтар созад. Дар мақола муҳтаво, масъалаҳо ва маҳдудиятҳои татбиқи усули ғайрипараметрии таҳлилӣ ва усули параметрии таҳлили стохастикии сарҳадӣ дар арзёбии самаранокӣ нишон дода шудааст. Диққати махсус ба умумгардонии натиҷаҳои таҳқиқот ба омилҳое, ки ба самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсири зиёд мерасонанд, дода шудааст. Муаллифон нақши афзояндаи технологияҳои иттилоотиро ҳамчун омили асосии истеҳсолӣ арзёбӣ намуда, падидаи шикастани занҷири арзиш дар бонкдорӣ, ташаккули моделҳои нави тиҷорат ва фаъолияти экосистемаҳои бонкиро қайд менамоянд. Аҳаммияти илмию амалии мақола дар баланд бардоштани дониш аст, ки он асоси таҳияи тадбирҳои такмили танзими бонкӣ ва инчунин, барои интихоби шаклҳои муоссиртарини миёнаравии бонкӣ асос хоҳад шуд.



**Калидвожаҳо:** самаранокии фаъолияти бонкӣ, бонкдорӣ, танзим, баҳодиҳии сарҳади ғайрипараметрӣ, сарҳади самаранокии стохастикӣ, экосистемаи бонкӣ.


## РОЛЬ БАНКОВСКИХ РЕСУРСОВ В ПОВЫШЕНИИ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПОТЕНЦИАЛА СТРАНЫ


В условиях цифровой трансформации экономики исследование эффективности деятельности коммерческих банков является широко востребованным и позволяет выявить предпосылки для формирования устойчивой финансовой системы. Несмотря на большое число научных публикаций по данному направлению, можно говорить об отсутствии системных работ, обобщающих актуальный методологический аппарат исследования эффективности банковской деятельности. Целью статьи является критический анализ подходов к оценке эффективности банковской деятельности и перспектив ее улучшения в цифровой экономике. Сложность оценки эффективности деятельности коммерческих банков заключается во множественности форм выпуска и используемых для этого ресурсов. В данном исследовании авторами выдвигается гипотеза о том, что использование современных подходов и методов оценки эффективности банковской деятельности позволяет повысить точность самой оценки, а также идентифицировать факторы, повышающие эффективность деятельности. В статье раскрывается содержание, отдельные вопросы и границы применимости непараметрического метода анализа оболочки данных и параметрического метода анализа стохастической границы при оценке эффективности деятельности. Особое внимание обращено на обобщение результатов исследований в части выявления факторов, оказывающих значимое влияние на эффективность деятельности коммерческих банков. Авторы выделяют

повышение роли информационных технологий как ключевого фактора производства, выделяют феномен разрыва цепочки создания ценности в банковской деятельности, формирование новых бизнес-моделей и функционирование банковских экосистем. Научно-практическая значимость статьи заключается в приращении знания, которое выступит базой при разработке мероприятий по совершенствованию банковского регулирования, а также будет служить основой для отбора наиболее эффективных форм банковского посредничества.

**Ключевые слова:** эффективность банковской деятельности, банковское регулирование, непараметрическая граничная оценка, стохастическая граница эффективности, банковская экосистема.

## THE ROLE OF BANKING RESOURCES IN INCREASING THE INVESTMENT POTENTIAL OF THE COUNTRY

In the context of the digital transformation of the economy, the study of the effectiveness of commercial banks is in great demand and allows us to identify the prerequisites for the formation of a sustainable financial system. Despite the large number of scientific publications in this area, we can talk about the lack of systematic works that summarize the current methodological apparatus for studying the effectiveness of banking. The purpose of the article is a critical analysis of approaches to assessing the effectiveness of banking and the prospects for its improvement in the digital economy. The complexity of evaluating the effectiveness of commercial banks lies in the multiplicity of forms of issue and the resources used for this. In this study, the authors put forward a hypothesis that the use of modern approaches and methods for evaluating the effectiveness of banking activities can improve the accuracy of the assessment itself, as well as identify factors that increase the efficiency of activities. The article reveals the content, certain issues and limits of applicability of the nonparametric method of data shell analysis and the parametric method of stochastic frontier analysis in evaluating performance. Particular attention is paid to the generalization of research results in terms of identifying factors that have a significant impact on the efficiency of commercial banks. The authors highlight the increasing role of information technology as a key production factor, highlight the phenomenon of breaking the value chain in banking, the formation of new business models and the functioning of banking ecosystems. The scientific and practical significance of the article lies in the increment of knowledge, which will serve as the basis for the development of measures to improve banking regulation, and will also serve as the basis for selecting the most effective forms of banking intermediation.

**Keywords:** banking efficiency, banking regulation, non-parametric boundary estimate, stochastic efficiency frontier, banking ecosystem.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **935-562-992.** E-mail: **karom.bank@mail.ru**
***Шарипов Умарҷон Аҳтамович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **981-04-04-04.** E-mail: **Umar4004@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры банковского дела. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **935-562-992.** E-mail: **karom.bank@mail.ru**
***Шарипов Умарджон Ахтамович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **981-04-04-04**. E-mail: **Umar4004@mail.ru**

**Information about authors:** ***Sayfurov Karomatullo Faizulloevich*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Banking. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **935-562-992.** E-mail: **karom.bank@mail.ru**
***Sharipov Umarjon Akhtamovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, associate professor of the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **981-04-04-04**. E-mail: **Umar4004@mail.ru**

ТДУ: 339.56 (575.3)

# РОҲҲОИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Аҳадов И.Қ., Раҳимзода Ф.М., Иброҳими Ҳ.Ҳ.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҳангоми таъмини эътимоднокӣ ва устувории низоми бонкӣ, дар баробари дигар нишондиҳандаҳо аз қабили кифоятии сармоя, пардохтпазирӣ, бозоргирӣ ва ғайра арзёбии сифати дороиҳо низ муҳим ба ҳисоб меравад. Дар як сатҳи баланд нигоҳ доштани сатҳи кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо, низоми бонкиро дар ҳолати устуворӣ қарор дода, динамикаи рушди иқтисодии кишварро пайваста таъмин ва бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун як субъекти ёрирасон дар рушди низоми иқтисодӣ муаррифӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки имрӯз категорияҳои «субот», «устуворӣ» ва «эътимоднокӣ» дар низоми бонкӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Яъне, имрӯз мафҳуми «суботи бонкӣ» бештар дар мафҳуми суботи молиявии он истифода мешавад. Дар баробари ин, устувории молиявии бонкро ҳолат ва сохтори дороиҳо, самаранокии фаъолият ва кифоятии сармоя муайян мекунад. Инчунин, тобоварии молиявии бонк аз қобилияти зуд мутобиқ шудан ба тағйиротҳои ногаҳонӣ дар сиёсати фоизӣ ва пардохти уҳдадориҳо вобаста аст.

Суботи молиявӣ ҳолатест, ки дар он ҳамаи бахшҳои низоми молиявӣ (бозорҳои молиявӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохтори молиявӣ) муътадил ва бе осебпазирӣ фаъолият намуда, дар муқобили таъсири хавфҳо ва шокҳои берунӣ сатҳи баланди истодагариро таъмин менамоянд [6].

Дар замони имрӯза маълум аст, ки дар ташаккулу рушди низоми бонкӣ ва нигоҳдории суботи он, нақши ҳалкунандаро бонкҳои марказӣ мебозанд. Дар робита ба ин, Раҳимов З.А. қайд мекунад, ки «Имкониятҳои рушди низоми бонкии Тоҷикистонро, асосан, Бонки миллии ҷумҳурӣ муайян мекунад. Ӯро мо ҳамчун узву заминаи асосӣ ва танзимгари низоми бонкӣ мешуморем. Барои иҷрои нақши танзимгари низоми бонкӣ, Бонки миллӣ бояд дорои салоҳият ва қудрати кофӣ барои таъмини рушди ҳар як бонки алоҳида, пешгирӣ аз муфлисшавии бонк ва дар ҳолатҳои фавқулода, ҳамчун як муассисаи мустасно, бесамар аз соҳаи бонкӣ дур кардани он бошад. Чунин танзим маънои вайронкунии авторитарии ҳуқуқи маълумоти мушаххаси бонкҳо ё ҳуқуқҳои шахсии соҳибон ва роҳбарияти онро надорад. Ин, ба таври объективӣ, барои ҳифзи низом ва рушди он зарур мебошад» [3,с.126].

Дар ҳақиқат бо итминон метавон гуфт, ки бонки марказӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани устувории низоми бонкӣ бо роҳи муайян намудани меъёрҳои мақбули ҳатмӣ барои танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, аз қабили ҳадди ақали сармояи оинномавӣ, андозаи ниҳоии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ, андозаи ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони ба ҳам алоқаманд, меъёри кифоятии сармоя, меъёри пардохтпазирии ҷорӣ, меъёри истифодаи маблағҳои худии ташкилотҳои қарзӣ барои харидани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) шахсони ҳуқуқӣ ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир намуда истодааст.

Минбаъд низ бонки марказӣ барои таъмини устуворӣ ва самаранокии дороиҳои бонкӣ, инчунин, барои дарёфти сарчашмаҳои нави зиёд намудани он аз таҷрибаи хориҷӣ ва стандартҳои байналмилалии танзим ва назорати бонкӣ истифода менамояд. Чунки ташкили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ, сари вақт мутобиқ гардонидани фаъолияти молиявии бонкҳо ба талаботҳо ва тавсияҳои нави Кумитаи Базел оид ба фаъолияти бонкӣ зарур ва саривақтӣ мебошад. Зеро, дар ин стандарт аллакай талабот оид ба кифоятии сармояи бонкҳои тиҷоратӣ зиёд карда шуда, муқаррароти иловагии пардохтпазирӣ қабул гардидааст ва таснифоти сифати дороиҳои бонкиву низоми идоракунии хавфҳо такмил дода шудааст.

Қобили зикр аст, ки коршиносони дохилӣ ва байналмилалӣ ба масъалаҳои такмили минбаъдаи фаъолияти назорат ва идоракунии дороиҳои бонкӣ, тавассути таҳлили воқеӣ, ҳамаҷониба ва амиқи натиҷаҳои бадастомада оид ба самараноки дороиҳои бонкӣ, таъмини пардохтпазирӣ ва динамикаи он баҳои баланд медиҳанд.

Инчунин, якчанд омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ метавонанд ба вазъи низоми бонкӣ таъсири назаррас расонанд, ки ин аз вазъи сиёсӣ, сиёсати макроиқтисодӣ, низоми молиявӣ, сифати хизматрасонӣ, рушди нобаробари иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида, ҳолатҳои иҷтимоӣ, ҳолатҳои молиявии муштариён, захираҳои бонкӣ, дараҷаи эътимоднокии муштариён ба бонк, обрӯю эътибори бонк ва ғайра вобаста аст.

Тағйироти куллие, ки дар солҳои охир, махсусан баъд аз солҳои 2014-2015 ба рушди низоми бонкии кишвар нигаронида шудааст, натиҷаҳои интизориро медиҳанд. Чунки дар низом ташкилотҳои қарзии ноустувор ва рақобатнопазир кам гардида, дар бозори бонкӣ танҳо ташкилотҳои қарзии устувор боқӣ монданд. Инчунин, бар замми он ки шумораи онҳо кам гардид, аммо дар нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ тағйиротҳои мусбат ба чашм мерасанд, аз қабили афзоиш ёфтани ҳаҷми дороиҳо, сармоя, қарзҳо ва ғайра (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои устувории низоми бонкӣ**
**Table 1. Stability indicators of the banking system**

| Нишондиҳандаҳо (1) | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1. Меъёри кифоятии сармоя** | | | | | | | |
| СТ нисбат ба дороиҳо бо назардошти хавф баркашидашуда | 13,1% | 17,0% | 22,9 % | 22,1 % | 19,9 % | 18,2% | 23,4 % |
| СТ дараҷаи 1 нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда | 10,6% | 26,7% | 28,1 % | 29,2 % | 26,3 % | 23,5% | 19,0 % |
| **2. Сифати дороиҳо (2)** | | | | | | | |
| Қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фондҳои ташаккулдода нисбат ба СТ | 66,7% | 105,5 % | 36,6 % | 23,1 % | 19,0 % | 16,2% | 3,2% |
| Қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба қарзҳои умумӣ | 26,3% | 47,6% | 36,5 % | 31,1 % | 27,0 % | 23,8% | 13,7 %, |
| **3. Даромаднокӣ** | | | | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) (3) | 0,8% | -2,8% | 0,5% | 1,9% | 2,1% | 2,5% | 1,1% |
| Даромаднокии сармоя (ROE) (3) | 5,5% | -21,0% | 1,7% | 7,0% | 7,6% | 9,1% | 4,8% |
| Даромади фоизии холис нисбат ба даромади умумӣ | 52,2% | 63,7% | 65,2 % | 65,3 % | 66,3 % | 73,5% | 60,9 % |
| Хароҷотҳои ғайрифоизӣ нисбат ба даромади умумӣ | 63,7% | 131,4 % | 61,7 % | 56,0 % | 60,2 % | 61,9% | 64,6 % |
| **4. Пардохтпазирӣ** | | | | | | | |
| Дороиҳои пардохтпазир нисбат ба дороиҳои умумӣ | 24,1% | 30,9% | 30,1 % | 30,8 % | 27,7 % | 30,0% | 31,9 % |
| Дороиҳои пардохтпазир нисбат ба уҳдадориҳо кӯтоҳмуддат | 70,4% | 83,9% | 73,8 % | 72,3 % | 67,4 % | 70,5% | 87,7 % |
| **5. Ҳассосият ба хавфи бозорӣ** | | | | | | | |
| Мавқеи кушодаи асъории холис нисбат ба сармоя танзимшаванда | -17,3% | -10,0% | -9,5% | -9,6% | -1,1% | -11,5% | 4,7% |
| **6. Иловагӣ** | | | | | | | |
| Сармояи тавозунӣ нисбат ба дороиҳои умумӣ | 12,1% | 25,5% | 26,6 % | 27,0 % | 27,4 % | 26,3% | 20,9 % |
| Қарзҳои калон нисбат ба сармояи танзимшаванда | 139,9 % | 132,0 % | 72,2 % | 62,9 % | 71,8 % | 73,5% | 68,0 % |
| Даромад аз амалиётҳои савдо ва фурӯш нисбат ба даромади умумӣ | 11,9% | -6,5% | 11,2 % | 15,7 % | 14,3 % | 6,1% | 7,8% |
| Хароҷотҳои кормандон нисбат ба хароҷотҳои ғайрифоизӣ | 56,8% | 55,3% | 56,9 % | 58,7 % | 60,0 % | 58,6% | 58,7 % |
| Амонатҳо нисбат ба сандуқи қарзии умумӣ | 78,6% | 96,4% | 111,8 % | 115,4 % | 102,5 % | 107,6% | 87,2 % |
| Қарзҳои калон нисбат ба сармояи танзимшаванда | 139,9 % | 132,0 % | 72,2 % | 62,9 % | 71,8 % | 73,5% | 68,0 % |
| Амонатҳо нисбат ба сандуқи қарзии умумӣ | 78,6% | 96,4% | 111,8 % | 115,4 % | 102,5 % | 107,6% | 87,2 % |

Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои https://nbt.tj/tj/suboti-moliyavi /FSI% 204Q2022%20tj.pdf.

Гуфтан мумкин аст, ки дар кишвар имконияти ташкил намудани низоми васеи бонкӣ вуҷуд дорад ва эътимоднокии онро бо ташаккул додани ҳаҷми дороиҳо зиёд намудан мумкин аст.

Зеро натиҷаи ислоҳоти ҷорӣ, аз ҷумла афзоиши дороиҳои умумии бонкҳо, ба таври васеъ ҷалб намудани пасандозҳо ва дигар уҳдадориҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, миқёси қарздиҳӣ ба мизоҷон ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ субъектони хоҷагидорӣ нақши назаррас дорад.

Нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 1 овардашуда, гувоҳи онанд, ки дар низоми бонкии кишвар пас аз бухрони молиявии ҷаҳонӣ, ки пас аз соли 2015 авҷ гирифта буд ва ба ин соҳа монеаҳои зиёдеро ба вуҷуд овард, пешравиҳои назаррас ба чашм мерасанд. Аз қабили кифоятии сармоя дар ин давра хуб ба назар мерасад, ки аз ҳолати пасттарин дар соли 2015 то ба ҳолати кифоятӣ дар соли 2021 омада расидааст ва аз меъёри муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон хеле боло мебошад. Яъне ташкилотҳои қарзӣ сармояи танзимшавандаи худро нисбат ба дороиҳо бо назардошти хавф баркашидашуда ба танзим дароварда, уҳдадориҳои худро низ кам намуданд.

Дар солҳои 2015-2016 қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба қарзҳои умумӣ, ки аз 21,2% ба 47,6% рафта расид ва ин сифати сандуқи қарзии бонкҳоро хеле паст намуда, боварии мизоҷонро низ ба бонкҳо коста гардонид. Дигар ин қарзҳои калон нисбат ба сармояи танзимшаванда, ки аз 80,1% ба 139,9% омада расид, ки ин ҳам дар таъмини устувории молиявии бонк хатарнок ба ҳисоб меравад. Аммо дар соли 2021 бошад, ин нишондиҳандаҳо, яъне қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фондҳои ташаккулдода нисбат ба сармояи танзимшаванда ба 3,2% ва қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба қарзҳои умумӣ ба 13,7% омада расид.

Даромаднокии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо (ROA) ва даромаднокии сармоя (ROE) бошад, ҳарчанд дар солҳои аввал рӯ ба пастравӣ ниҳода бошад (дар соли 2016 даромаднокии дороиҳо (ROA) ба -2,8% ва даромаднокии сармоя (ROE) ба -21,0% баробар гардида буд), дар солҳои баъдӣ муътадил ба назар мерасанд.

Ҳолати пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, яъне дороиҳои пардохтпазир нисбат ба дороиҳои умумӣ ва уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат низ 31,9% ва 87,7% баробаранд, ки ин аз ҳолати хуби ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад.

Инчунин мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар солҳои 2015-2016 якчанд нишондиҳандаҳои бонкии дигар баланд ё паст шуда, пешравии низоми бонкиро зери суол мемонданд. Аммо дар солҳои минбаъда бошад, нишондиҳандаҳои устувории низоми бонкӣ рӯ ба болоравӣ ниҳоданд, аз ҷумла соли 2021, ин нишондиҳандаҳо хуб ба назар мерасанд.

Вазъи низоми бонкӣ муҳимтарин нишондиҳандаи амнияти иқтисодии ҳар як кишвар, минтақа ва бахши бонкӣ омили таъмини рушди устувори иқтисодиёт мебошад [12,с.2]. Дар ҳақиқат ташкилоти қарзии дар низоми бонкӣ баромадкунанда ва фаъолияти босуботи он ба муътадилии кулли низоми молиявӣ, бахусус устувории низоми бонкии мамлакат ва тамоми соҳаҳои иқтисодиёт вобастагии зиёд дорад. Мутобиқи методологияи Кумитаи Базелӣ оид ба назорати бонкӣ ҳар қадаре, ки таъсири ташкилотҳои қарзӣ ба низоми молиявӣ, бонкӣ ва иқтисодиёт калон бошад, муфлис эълон кардани он ба устувории низоми молиявӣ ва иқтисодиёти кишвар ҳамон қадар хавфи зиёд дорад.

Вобаста ба ин, аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон якчанд нишондиҳандаҳои меъёрии устуворӣ ба назар гирифта шуда, ҷиҳати босамар амалӣ намудани сиёсати макропруденсиалӣ ва танзиму назорати фаъолияти бонкӣ рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз тартиб дода мешавад.

Нишондиҳандаҳои меъёрӣ барои муайян намудани андозаи ташкилоти қарзӣ:

- ҳиссаи дороиҳо дар ҳаҷми умумии дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ (**Н1**);
- ҳиссаи уҳдадориҳо дар ҳаҷми умумии уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ (**Н2**);

Нишондиҳандаҳои меъёрӣ барои муайян намудани алоқамандӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявӣ:

- ҳиссаи маблағҳои ҷойгиршуда (**Н3**);
- ҳиссаи маблағҳои ҷалбшуда (**Н4**);

- ҳиссаи пасандозҳо (**Н5**).

Нишондиҳандаҳои меъёрӣ аз рӯи қобилияти якдигаривазнамоии ташкилотҳои қарзӣ:

- ҳиссаи пардохтҳо (**Н6**);

- ҳиссаи қарзҳо (маҷмуӣ) (**Н7**).

Нишондиҳандаҳои меъёрӣ аз рӯи мураккабӣ дар гузаронидани амалиёти бонкӣ:

- ҳиссаи дороиҳои ғайритавозунии ташкилоти қарзӣ дар ҳаҷми умумии дороиҳои ғайритавозунии ташкилотҳои қарзӣ (**Н8**);

- ҳиссаи уҳдадориҳои ғайритавозунии ташкилоти қарзӣ дар ҳаҷми умумии уҳдадориҳои ғайритавозунии ташкилотҳои қарзӣ (**Н9**) [1,с.4-5].

Ин тарзи баҳогузорӣ ба фаъолият ташкилотҳои қарзиро маҷбур месозад, ки барои рақобатпазир шудан дар байни дигар ташкилотҳои қарзӣ, нишондиҳандаҳои меъёрии худро ба меъёрҳои муайяншуда мувофиқ намоянд. Ин қоида, яъне муайян сохтани ташкилоти қарзии низомсоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2018 истифода бурда мешавад, ки ба ин гурӯҳ БДА ҶТ "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСК "Бонки Эсхата" ва ташкилоти қарзии эҳтимолӣ ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" шомил мешаванд. Ин ташкилотҳои қарзии номбурда аз соли 2018 то соли 2023 ҷойҳои худро дар рейтинг устувор нигоҳ дошта истодаанд.

Дар таҷрибаи хориҷӣ бошад, усулҳои арзёбии вазъи молиявӣ ва устувории бонки тиҷоратӣ зиёд ба назар мерасанд, ки ин усулҳоро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд:

✓ усулҳое, ки бонкҳои марказӣ ва мақомоти назорат истифода мебаранд;

✓ рейтингҳои бонкӣ, ки аз ҷониби агентиҳои иттилоотии мустақил истифода мешаванд.

Дар баъзе давлатҳо ҳар ду усул барои муайян намудани вазъи молияви бонкҳо истифода бурда мешавад, аммо дар аксари дигар танҳо аз усули баҳодиҳии бонки марказӣ истифода менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ танҳо аз усули якум, ки он ҳам танҳо барои муайян намудани ташкилоти қарзии низомсоз истифода мегардад.

Инчунин, барои баҳодиҳии устувории молиявии бонк нишондиҳандаҳои зеринро, низ истифода бурдан мумкин аст:

1. Нишондиҳанда барои баҳодиҳии сармоя (нишондиҳандаҳои кифоятии сармояи худӣ);

2. Нишондиҳандаҳо барои арзёбии дороиҳо (сифати қарзҳо, ҳиссаи қарзҳои муҳлаташ гузашта, ташкили фонди пӯшонидани талафоти имконпазир, идораи хавфҳои қарзӣ);

3. Нишондиҳандаҳо барои арзёбии сифати идоракунии бонкҳо (нишондиҳандаҳои шаффофияти сохтори моликият, мавҷуд будани маълумот дар бораи шахсоне, ки ба қарорҳои қабулкардаи мақомоти идоракунии бонк таъсири назаррас мерасонанд, низомҳои идоракунии хавфҳо, хадамоти назорати дохилӣ, аз ҷумла системаҳои мубориза бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм);

4. Нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии даромаднокӣ (нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳо ва сармоя, сохтори даромад ва хароҷот, маржаи фоизии соф, даромаднокии амалиёти қарздиҳӣ);

5. Нишондиҳандаҳо барои арзёбии пардохтпазирӣ (нишондиҳандаҳои таносуби дороиҳо ва маблағҳои ҷалбшуда, пардохтпазирии ҷорӣ ва умумӣ, сохтори маблағҳои ҷалбшуда, вобастагӣ аз бозори байнибонкӣ, хавфи коғазҳои қиматноки худӣ, қарзҳои бонкӣ, захираҳои ҳатмӣ).

Бояд гуфт, ки ҳангоми баҳодиҳии молиявии бонк нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва нишондиҳандаҳои сифатӣ ҳатман ба назар гирифта шуда, он ба таҳлили сармоя, пардохтпазирӣ, сифати уҳдадориҳо ва дороиҳо ва даромаднокӣ нигаронида шуда бошад. Инчунин, маълумотҳои баррасишаванда на танҳо дастраси мақомоти танзим ва назорат, балки дастраси мизоҷон низ бошад, то дар интихоби ташкилоти қарзӣ тавонанд аз он истифода баранд.

Устувории молиявии бонк аз истифодаи дуруст ва самараноки дороиҳои бонкӣ вобастагии зиёд дорад. Яъне, ҳарчанд, ки дороиҳои бонкӣ самаранок истифода гардад, ҳамон қадар даромаднокӣ ва фоиданокии бонк зиёд шуда, ҳолати молиявии бонк низ

устувор мегардад. Аз ин ҷост ки коэффитсиенти самаранокии истифодаи дороиҳо ҳамчун таносуби бақияи миёнаи дар суратҳисобҳои активибуда, ки даромад меоранд, ба бақияи миёнаи ҳамаи суратҳисобҳои активӣ ҳисоб карда мешавад. Вобаста ба ин, муайян карда мешавад, ки кадом дороиҳо ва ё кадом қисмати онҳо даромад меорад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ коэффитсиенти истифодаи пасандозҳо нишон медиҳад, ки чанд фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳо бояд ба қарзҳо гузошта шаванд.

Баланд бардоштани устувории молиявӣ бо истифода аз истифодаи самараноки дороиҳо масъалаи мубрам ва саривақтӣ барои низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад ва онро бо роҳҳои гуногун, яъне, бо роҳи ҷалб кардани манбаҳои маблағгузорӣ дар самти зиёд кардани манбаҳои устувортар ва кам кардани қарзи кредиторӣ ва инчунин, бо роҳи ба гардиш даровардани дороиҳои даромадашон паст ҳал намудан мумкин аст.

Вобаста ба ин, тадбирҳои мушаххасе, ки метавонанд аз ҷониби бонк ва муассисон пешниҳод карда шаванд, инҳоянд:

– самаранокии истифодаи дороиҳо, он аз рӯи нақша, мунтазам амалӣ карда шавад. Аз ин ҷо зарурати банақшагирии фаъолияти идоракунӣ дар бонк ба вуҷуд меояд, яъне сафарбар намудани уҳдадориҳо ба амалиётҳои активии даромаднок;

–афзоиши сармояи худӣ аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда. Инчунин, таҳия намудани сиёсати дивидендӣ, ки рушди бонкро аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда таъмин менамояд;

– зиёд намудани сармояи оинномавӣ аз ҳисоби моликон ва барориши саҳмияи иловагӣ;

– барои ҷалби бештари маблағҳои амонатгузорон, ки ин ба фаъолияти ояндаи бонк нақши асосӣ дорад, роҳҳои нав пайдо намуда, ин маблағҳоро ба амалиёти хавфашон паст сафарбар кардан шарти зарурӣ мебошад. Ҳалли бомуваффақияти ин масъалаи мураккаб, истифодаи усулҳо, системаҳо ва таҳияи равишҳои нави идоракунии дороиҳои бонкро талаб мекунад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

## АДАБИЁТ


1. Ғаюров Ғ.Ҳ. Таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ / Ғ.Ҳ. Ғаюров, Ф.О. Худоиева Оев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№8. –С.170-178.
2. Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз, аз 30 ноябри соли 2018 таҳти №163. -С.4-5.
3. Рахимов З.А. Развитие банковской системы Таджикистана в условиях переходной экономики: диссертация на соискание ученой степени д. э. н. по спец. 08.00.10 - Финансы, денежное обращение и кредит / З.А. Рахимов. – М., 2003. -126 с.
4. Раҳимзода, Ш. Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккули захираҳои бонкӣ / Раҳимзода Ш., Шарифзода Н.Ш. // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. -№1(30). –С.21-32. – EDN DCCWVD.
5. Сайфуров К.Ф. Дистанционные банковские услуги как механизм развития банковского сектора Таджикистана / К.Ф. Сайфуров, Ш.М. Буриев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2023. -№7.–С.17-13.
6. Сомонаи интернетӣ [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.nbt.tj.
7. Хушвахтзода Қ.Х. Мавқеи таҳлили хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ ва аҳаммияти он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., А.Д. Оев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№9. –С.5-12.
8. Шарипов, У.А. Резервы коммерческих банков и их возможность использования как инвестиции для экономического развития страны / У.А. Шарипов, Шарифзода Н.Ш. // Трансформация бизнеса и общественных институтов в условиях цифровизации экономики: Сборник научных трудов IV Национальной (российской) научно-практической конференции, Санкт-Петербург, 26–27 мая 2022 года / Под общей редакцией Е.ф. Щипанова [и др.]. -Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский университет технологий управления и экономики, 2022. -С.289-296. – EDN UZEGUG.
9. Шарифзода Н.Ш. Анализ ресурсов коммерческих банков и возможность их использования / Шарифзода Н.Ш. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. -№4. -С.129-139.
10. Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо / Шарифзода Н.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. –С.129-139. – EDN ITJJZD.
11. Юсупов Д.С. Устойчивость банковской системы в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы / Д.С. Юсупов, Х.Х. Исматов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2021. -Т. 88. -№3. -С.40-52.
12. Kumar K. Developing a framework for assessing sustainable banking performance of the Indian banking sector / K.

Kumar, A. Prakash // Social Responsibility Journal. - 2019. -№15(5). -P.689–709. DOI: 10.1108/SRJ-07–2018–0162. С.2.

## РОҲҲОИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур роҳҳои таъмини устувории молиявии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Устувории низоми бонкӣ аз нишондиҳандаҳо, аз қабили кифоятии сармоя, пардохтпазирӣ, бозоргирӣ ва ғайра арзёбии сифати дороиҳо вобастагии зиёд дошта, дар як сатҳи баланд нигоҳ доштани сатҳи кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо низоми бонкиро дар ҳолати устуворӣ қарор медиҳад ва динамикаи рушди иқтисодии кишварро пайваста таъмин менамояд. Бинобар ин, бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун як субъекти ёрирасон дар рушди низоми иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, устувории он ба иқтисодиёт таъсири ҳамаҷониба мерасонад. Дар хулосаи мақола муаллифон оид ба устувор нигоҳ доштани устувории низоми бонкӣ ва субъектони иштирокчии он, аз қабили бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳодҳои мушаххас намудаанд, ки дар амалия татбиқи онҳоро ба мақсад мувофиқ шуморидан мумкин аст.

**Калидвожаҳо**: бонки тиҷоратӣ, дороиҳои бонкӣ, устувории бонк, суботи бонкӣ, таъмини эътимоднокӣ, суботи молиявӣ, нишондиҳандаҳои устовории низоми бонкӣ, вазъи низоми бонкӣ, нишондиҳандаҳои меъёрӣ, даромаднокии дороиҳо, даромаднокии сармоя, баҳодиҳии молиявии бонк.

## ПУТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ФИНАНСОВОЙ УСТОЙЧИВОСТИ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается пути обеспечения финансовой устойчивости банковской деятельности Республики Таджикистан. Стабильность банковской системы сильно зависит от таких показателей, как достаточность капитала, ликвидность и др., оценка качества активов, поддержание уровня достаточности капитала и качества активов на высоком уровне поддерживает банковскую систему в стабильном состояни государство непрерывно обеспечивает динамику экономического развития страны. Поэтому коммерческие банки рассматриваются как вспомогательный субъект в развитии экономической системы, а их устойчивость оказывает комплексное влияние на экономику. В заключении статьи авторы внесли конкретные предложения по поддержанию устойчивости банковской системы и ее субъектов-участников, таких как коммерческие банки и микрофинансовые организации, реализацию которых на практике можно признать целесообразной.

**Ключевые слова:** коммерческий банк, активы банка, устойчивость банка, обеспечение надежности, финансовая устойчивость, показатели устойчивости банковской системы, состояние банковской системы, нормативные показатели, рентабельность активов, рентабельность капитала, финансовая оценка банка.

## WAYS OF ENSURING FINANCIAL STABILITY OF BANKING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses ways to ensure the financial stability of banking activities in the Republic of Tajikistan. The stability of the banking system is highly dependent on indicators such as capital adequacy, liquidity, marketability, etc., assessment of the quality of assets, keeping the level of capital adequacy and asset quality at a high level keeps the banking system in a stable state and continuously ensures the dynamics of the country's economic development. Therefore, commercial banks are considered as an auxiliary entity in the development of the economic system, and its stability has a comprehensive effect on the economy. In the conclusion of the article, the authors have made specific proposals on maintaining the stability of the banking system and its participating entities, such as commercial banks and microfinance organizations, whose implementation in practice can be considered appropriate.

**Keywords:** commercial bank, bank assets, bank stability, bank stability, ensuring reliability, financial stability, stability indicators of the banking system, the state of the banking system, regulatory indicators, profitability of assets, profitability of capital, financial assessment of the bank.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Аҳадов Исматилло Қаюмович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 918 90 41 46**. E-mail: **im-yusuf@mail.ru**

***Раҳимзода Фируз Мадкарим*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти биржавӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 988 21 55 51.** E-mail: **rakhimzoda2020@inbox.ru**

***Иброҳими Ҳасани Ҳакимзода-*** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти биржавӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 888 80 19 63**

**Сведения об авторах:** ***Ахадов Исматилло Каюмович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры банковского дела. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 918 90 41 46**. E-mail: **im-yusuf@mail.ru**

***Рахимзода Фируз Мадкарим*** **–** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры биржевого дела. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 988 21 55 51.** E-mail: **rakhimzoda2020@inbox.ru**

***Иброхими Хасани Хакимзода*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры биржового дела. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 888 80 19 63**

**Information about the authors:** ***Akhadov Ismatillo Kayumovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, senior lecturer at the Department of Banking. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Phone: **(+992) 918 90 41 46**. E-mail: **im-yusuf@mail.ru**

***Rahimzoda Firuz Madkarim*** – Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the Department of Exchange Business. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Phone: **(+992) 988 21 55 51.** E-mail: **rakhimzoda2020@inbox.ru**

***Ibrohimi Hasani Hakimzoda*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the department of stock exchange business. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Phone: **(+992) 888 80 19 63**

**ТДУ: 33Т**

# ОИД БА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ ИСТЕҲСОЛ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ТАЪЛИМИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР МУҲИТИ АМАЛИ МОДЕЛИ САЛОҲИЯТИ РУШД

***Мӯҳсинова П.А., Ишанова С.С., Аҳмадбекова Н.М.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров,**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Системаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолияти давлатӣ, дар натиҷаи татбиқи бомуваффақияти Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМРМ-2020) ва татбиқи марҳилаи ибтидоии СМРМ-2030 инкишоф меёбад. Дар давраи гузашта, дар доираи стратегияи миллӣ шумораи донишгоҳҳо аз 13 донишгоҳ дар соли 1991 то ба 41 донишгоҳ дар соли 2021 ва шумораи донишҷӯён аз 69 ҳазор нафари соли 1991, дар соли 2021 ба 245 ҳазор нафар ва бо назардошти донишҷӯёни дар донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ беш аз 285 ҳазор донишҷӯ буда, ба ҳар 10 000 нафар аҳолии ҷумҳурӣ зиёда аз 285 донишҷӯ рост меояд, ки дар амалияи ҷаҳонӣ падидаи иҷтимоию иқтисодӣ бо номи «бакалаври оммавӣ» ташаккул ёфта, бомуваффақият идома дорад.

«Дараҷаи бакалаврии оммавӣ»-и ватанӣ бо маҳаллисозии донишгоҳҳо дар минтақаҳои кишвар тавсиф шуда, барои «ба аҳолӣ имкониятҳои баробар додан, барои гирифтани маълумоти олӣ”, ба объекти таҳқиқот наздик шудани илми донишгоҳҳо ва ба ҳаёт татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ, инчунин, объектҳои фаъолияти касбии ояндаи хатмкунандагони мактабҳои олӣ, замина фароҳам меорад.

Ҷузъи стратегӣ ва методологии рушди «бакалаври оммавӣ»-и ватанӣ воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми аврупоии таҳсилоти олӣ (Конвенсияи Болония), ки ҳадафи асосии он «таъмини нуфузи таҳсилоти аврупоӣ дар ҷаҳон ва, пеш аз ҳама, дар байни давлатҳои имзокунандаи конвенсияи Болоня» мебошад. Нуфузи таҳсил дар донишгоҳҳои кишварҳои Конвенсияи Болония бо рақобатпазирии баланди хатмкунандагони донишгоҳҳои ин кишварҳо на танҳо дар бозори меҳнати кишварҳои аврупоӣ, балки дар бозорҳои кории манотиқи дигари ҷаҳон низ вобаста аст.

Низоми таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии Конвенсияи Болония дар даврони истиқлолияти давлатӣ аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии рушд гузашт, ки хусусияти фарқкунандаи он аз низоми анъанавӣ дигаргунии куллӣ буда, дар нақши иштирокчиён (донишҷӯён, давлат, корфармоён ва ҳайати омӯзгорони донишгоҳ) дар раванди истеҳсол ва тақсими (истеъмоли) хизматрасониҳои таълимӣ (донишҳо) ифода меёбад. Дар воқеъ, агар дар низоми анъанавии таълим ба донишҷӯ-истеъмолкунандаи хизмати таълимӣ нақши истеъмолкунандаи боғайрат гузошта шуда бошад, ки хизмати (донишҳои) таълимии аз ҷониби профессор пахншавандаро пурра, самаранок ва дар муҳлати муқарраршуда аз худ менамояд, низоми кредитӣ тағйир додани нақши иштирокчиёни раванди истеҳсол ва тақсими хизматрасониҳои таълимиро дар бар мегирад.

Дар низоми кредитӣ донишҷӯ ҳамчун фармоишгари хизмати таълимӣ баромад карда, бо мувофиқа бо профессор мазмун ва шаклҳои татбиқи маводи дидактикиро мушаххас ё пурра мекунад, зеро ӯ ба гирифтани чунин хусусияти донишҳои назариявӣ ва маҳорати касбӣ ҳавасманд аст, ки ба вай имкон медиҳад, “на танҳо дар дохили мамлакат, балки дар бозори меҳнати мамлакатҳои рушдкардаи саноатии ҷаҳон ҳам рақобат карда тавонад”.

Маҳз ҳамин хусусияти низоми кредитии таҳсилот дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон-2030, ҳамчун асос барои таҷдиди таҳсилоти олӣ аз «Стратегияи рушди ба дониш нигаронидашуда ба стратегияи ба салоҳият асос ёфта», ки таълим додани хатмкунандагонро дар назар дорад, яъне, «на танҳо дар хотир доранд, медонанд ва мефаҳманд, балки донишу малакаҳои дар донишгоҳ гирифтаашонро дар амалияи фаъолияти касбӣ бомуваффақият татбиқ карда метавонанд», ки дар афзоиши мунтазами самараи синергетикӣ аз фаъолияти мутақобилан ҳамоҳангшудаи кормандони

ташкилот, пеш аз ҳама, роҳбарияти ташкилот (корхона) ифода меёбад. Самараи синергетикии [4] ташкилоти истеҳсолиро дар асоси маҷмуи нишондиҳандаҳо баҳо додан лозим аст: афзоиши доимии ҳаҷми истеҳсолот; пеш афзоиши фурӯши маҳсулот нисбат ба суръати афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда; вусъат додани афзоиши вазни қиёсии маҳсулоти нав дар ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшаванда; афзоиши вазни қиёсии маҳсулоте, ки бо технологияи нав ва пешқадам истеҳсол карда мешавад, дар ҳаҷми умумии маҳсулот; пеш афзоиши суръати рушди ҳосилнокии меҳнат нисбат ба суръати афзоиши маҳсулоти истеҳсолшаванда.

Маълум аст, ки таъсири синергетикӣ натиҷаи татбиқи маҷмуи қарорҳои ба ҳам алоқаманд, ба ҳам вобаста ва пурракунанда (идоракунӣ, техникӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, методӣ, истеҳсолӣ, кадрӣ ва ғайра) мебошад, ки имкон медиҳанд самараи синергетикӣ ба даст оварда, (ё ки не) дараҷаи самаранокӣ ба дараҷаи амиқи ин самараи фаъолияти корхона вобаста аст.

Тибқи муқаррароти [13; 4; 10] менеҷменти муосир (идоракунӣ), андоза ва сохтори асари синергетикие, ки дар ташкилот ба даст меояд, бо назардошти бетағйир будани дигар шароитҳо, нишондиҳандаи сатҳи салоҳияти идоракунӣ (аппарати маъмурию идоракунӣ)-и ташкилот мебошад.

Ҳамин тариқ, чӣ қадаре ки бузургии асари синергетикӣ камтар бошад, ҳамон қадар сатҳи салоҳияти кормандон ва роҳбарияти ташкилот пасттар мешавад, дар ҳолати бетағйир будани дигар шароитҳо.

Маълум аст, ки ҳадафи менеҷменти ташкилот (ҳайати маъмурӣ ва идоракунӣ), мувофиқи асосҳои идоракунии стратегӣ [8] ин таъмини гирифтан ва баланд бардоштани синергетикаи муттасили натиҷаҳои ташкилот мебошад. Барои ин роҳбарияти ташкилот бояд, сохтори ҷузъҳои асари синергетикиро ба объекти идоракунӣ лоиҳакашӣ намуда, коркарди нишондиҳандаҳои ҷузъҳои самараи синергетикиро ҳамоҳанг созад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мақсади донишандузии донишҷӯён, менеҷментро ҳамчун илм ва амалия «таъмини ноил шудан ба мақсадҳои стратегии ташкилот бо сифатҳои муайян ва сари вақт бо сарфи камтарини захираҳо», бояд ба даст овардани малакаи ташкили фаъолияти муассиса бошад. Бояд қайд намуд, ки ташаккули нишондиҳандаҳое, ки асари синергетикии фаъолияти ташкилотро ташкил медиҳанд, дар бораи онҳо дар китобҳои дарсии муосири менеҷмент маълумот мавҷуд нест [9; 10].

Дар китобҳои дарсии менеҷмент [9; 4; 10], чун қоида, мавзуи «Самаранокии идоракунӣ» ҷой дода шуда, методикаи ҳисобкунии он, ки ба арзёбии суръати афзоиши хароҷоти идоракунӣ ва суръати рушди фоидаи ташкилот ифода меёбад. Дар ин ҷо, чун қоида, агар фоида ночиз бошад, дар он сурат дар асоси натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолию хоҷагии ташкилот чунин хулоса бароварда мешавад, ки корхона самаранок кор накардааст, гарчанде ҷузъҳои дигари асари синергетикӣ мавҷуданд. Ҳамин тариқ, амалияи маъруфи истеҳсол ва паҳн кардани иттилооти таълимӣ оид ба курси «менеҷмент» ба мо имкон намедиҳад, ки робитаи сабаб ва оқибати байни рушди идоракунии корхона (аз ҷумла хароҷоти идоракунӣ) ва сохтори асари синергетикиро пайгирӣ кунем, ки асосан натиҷаи иҷрои қарорҳои идоракунӣ мебошад. Ҳамаи ин мутобиқ кардани таркиб, сохтор ва тарзи тақсимоти хизматрасонии таълимии фанни «менеҷмент»-ро ба талаботи истеҳсолоти ҳозиразамон - муҳити саноатикунонии босуръат мубрам мегардонад.

Азбаски корхона, махсусан корхонаи истеҳсолӣ барои фаъолияти дарозмуддат ташкил карда мешавад, ҳангоми баҳодиҳии самаранокии он, ба фикри мо, дар баробари ҳисоб кардани суръати афзоиши истеҳсолот, тамоюли даромаднокӣ, баҳодиҳии дигар нишондиҳандаҳоеро, ки миқдори истеҳсоли маҳсулотро ташкил медиҳанд, давом додан ба мақсад мувофиқ аст, инчунин, дорои бузургии самараи синергетикии корхона аст.

Чунин ба назар мерасад, ки истифодаи нишондиҳандаҳое, ки таъсири синергетикиро дар арзёбии самаранокии идоракунии корхона ташкил медиҳанд, на танҳо ба мо имкон медиҳад, ки робитаи сабабу оқибатҳои байни раванди коркарди маҳсулоти нав, ҷорӣ намудани технологияи нав, татбиқи тағйироти кадрӣ, такмил додани сохторҳои идоракунӣ ва самаранокии ташкилот (фоида, афзоиши истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва ғайра) баррасӣ гардад, балки дараҷаи сари вақт ва асоснок будани қарорҳои иҷрошуда (қарорҳои роҳбарикунанда, техникӣ, ташкилӣ, методӣ ва ғайра), ки заминаҳои заруриро

ба вуҷуд меоварад, баҳо дода шуда, заминаҳои барои пайвастаи таркиб ва сохтори ҳалли амалишуда ба мақсад ва вазифаҳои стратегии ташкилот мутобиқ карда шавад.

Мутобиқсозии сохтори ҷузъҳои таъсири синергетикӣ, ба ниёзҳои ҳадафҳои стратегии ташкилот, аз як тараф, имкон медиҳад, ки маҷмуи қарорҳои таҳияшуда ва амалигардида бо хусусиятҳои ҳадафҳои корхона пайваст карда шаванд. Аз тарафи дигар, он хусусияти бисёрҷонибаи ҳар як қарорро, ки махсусан дар сатҳи ташкилот қабул карда мешавад, шаҳодат медиҳад. Маҳз ҳамин хусусиятҳои қабул ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ, ки ба муайян ва амалӣ намудани ҳадафҳои дарозмуддати корхона нигаронида шудаанд, ҳангоми ташаккули мазмуни мафҳуми «менеҷмент» бояд ба назар гирифта шаванд.

Дар муҳити технологияи кредитӣ омӯзиши менеҷмент ҳамчун илм аз гирифтани маводи дидактикӣ, иштирок дар лексияҳо ва семинарҳо, иҷрои вазифаҳои мустақил бо ёрии профессор ё мустақилона оғоз меёбад, ки барои азхуд кардан ва таҳкими донишҳои бунёдӣ аз рӯи ихтисос мусоидат мекунад. Фанни менеҷмент дар шакли стандартӣ, одатан дар доираи 16 мавзуъ, ки аз мавзуи «моҳият, мазмун ва таҳаввулоти менеҷмент» оғоз шуда, бо «менеҷменти кишварҳои хориҷӣ – Америко, континенталӣ (аврупоӣ), ҷопонӣ ва менеҷмент дар кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш аст, анҷом меёбад."

Мавзуъҳои омӯхташуда аз сода ба мураккаб, аз "таҳлили аппарати консептуалӣ (мафҳумӣ)"-и сирф назариявӣ ба маводҳои амалӣ (усулҳо, принсипҳо, услубҳо, функсияҳо ва моделҳо) ва ба муҳити зист (дохилӣ ва беруна)-и фаъолияти созмон мегузаранд, ки ба донишҷӯ барои гирифтани системаи донишҳое имконият медиҳад, ки мавқеъ ва аҳаммияти идоракуниро дар ҳаҷми умумии дониш дар доираи ихтисоси дар охири курс гирифташуда, муайян кунад, ки ин хеле мусбат аст.

Воқеан, пас аз хатми курси менеҷмент донишҷӯ бояд системаи донишеро гирад, ки барои гузаронидани таҳлили синтези муҳити дохилӣ ва берунии объекти омӯхташаванда, муайян кардани мушкилот ва ба низом даровардани усулҳо ва моделҳои ҳалли онҳо зарур аст.

Аммо дар амал танҳо дарк намудани он ки идоракунӣ ҳамчун илм, чун қоида, танҳо дар сурате кумак мерасонад, ки шахс ин илм ва амалияро ҳамчун воситаи ягонаи самарабахш "воситаи таъсири як гурӯҳ (субъект) нисбат ба гурӯҳи дигар, барои ноил шудан ба ҳадафҳо, ташкилотҳо бо сарфи камтари захираҳо бо сифатҳои додашуда дар вақти муайян пешниҳод карда тавонад". Сарфи назар аз сода намудани ин вазифа, чунон ки амалияи корпоратсияҳои трансмиллӣ нишон медиҳад, кори хеле душвор аст. Зеро, аз як тараф, менеҷмент ҳамчун илм ва амалия тамоюли амиқтар шудан ва густариш ёфтан ва пайваста мутобиқ шудан ба тағйироти муосири институтсионалии иқтисодиётро дорад. Менеҷмент дар марҳилаи тахассусӣ қарор дорад - менеҷменти андоз, идоракунии гумрук, идоракунии кадрҳо, идоракунии оперативӣ, менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ, идоракунии ташкилӣ, идоракунии ташкилотҳо (корхонаҳо), менеҷменти стратегӣ [8], менеҷменти корпоративӣ (идоракунӣ), менеҷменти вақт [2] ва худи менеҷмент [1]. Ин махсусият, ки амиқтар ва васеъ мешавад, аз он шаҳодат медиҳад, ки менеҷмент ҳамчун ҷузъи таркибии маҷмуи фарҳанги рафтори шахс, ҳамчун омили пешбарандаи дастовардҳои ҳаёти шахс дар ҳама гуна ҳолатҳои ҳаётӣ - дар таҳсил, варзиш, касбӣ ва иҷтимоӣ табдил меёбад. Фаъолият, агар шахс на танҳо асосҳои назариявии идоракуниро донад, балки қобилияти истифодаи самараноки онҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳаётӣ дошта бошад.

Ин тахассус, ки амиқтар ва васеъ мешавад, аз он шаҳодат медиҳад, ки менеҷмент ҳамчун ҷузъи таркибии маҷмуи фарҳанги рафтори шахс ҳамчун омили пешбарандаи дастовардҳои ҳаёти шахс дар ҳама гуна ҳолатҳои ҳаётӣ - дар таҳсил, варзиш, касбӣ ва иҷтимоӣ табдил меёбад, агар шахс дар фаъолият, на танҳо асосҳои назариявии идоракуниро донад, балки қобилияти истифодаи самараноки онҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳаётӣ дошта бошад.

Барои ташаккули қобилиятҳои инфиродӣ (касбӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, идоракунӣ) татбиқи бомуваффақияти онҳо барои ноил шудан ба муваффақият дар ҳаёти худ, шахс бояд, пеш аз ҳама, ба назар гирад, ки менеҷмент ҳамчун як раванди муттасил аз иҷрои вазифаҳои дарозмуддат оғоз меёбад - пешгӯиҳои муҳлати ҳолати эҳтимолӣ - муваффақияти касбӣ, ҳаёти шахсӣ, саломатӣ, вазъи иҷтимоӣ ва оилавӣ, барои дурнамои хеле дарозмуддат, бо вариантҳои гуногуни вазъиятҳои ҳаёт (худи идоракунӣ).

Бо интихоби яке аз вариантҳои сершумори пешгӯиҳо, шахс ҳадафҳои ҳаётро бо назардошти ислоҳоти захираҳо, вақт ва хусусиятҳои муҳити беруна муайян мекунад. Ҳадафи умумиумрии ҳаётро (то ба нафақа баромадан) муайян карда, вай онро ба марҳилаҳои пайдарпаӣ тақсим мекунад, то дар навбати худ ба онҳо ноил шавад. Мавҷудияти ҳадафҳо муайян кардан ва гузоштани маҷмуи вазифаҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста (таҳсил, кор, хизмат, омодагии касбӣ) воқеият мебахшад, ки бо роҳи пайваста ҳал намудани онҳо, дар баъзе мавридҳо, дар баробари ҳалли онҳо, шахс тадриҷан ноил шудан ба ҳадафҳои маҳаллӣ наздик мешавад. Албатта, вақту фазо ба сохтор ва мазмуни вазифаҳо ва мақсадҳо ислоҳоти худ ворид мекунанд, вале хоҳиши ҳамоҳангсозии амалҳои онҳо барои «оптимикунонии ҳадафҳои ҳаётӣ» бештар дар шакли дивидендҳо самар медиҳад: таҳсилоти касбӣ гирифтааст; мутахассиси соҳаи худ гардид; ҳамчун мутахассис на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозори ҷаҳонии меҳнати баландихтисос қобилияти баланди рақобатпазир дорад; мутахассиси бонуфуз аст; музди меҳнати сазовор мегирад; ба коре, ки дӯст медорад; тахассуси касбиро пайваста такмил медиҳад; ба ҷои «маърифати умр» модели «таълими тамоми умр»-ро бояд интихоб кард. Имконияти гирифтани дивидендҳои ҳаётӣ шахсро водор месозад, ки захираҳои дар ихтиёраш бударо оқилона истифода барад ё дар оянда имконпазир бошад, то сифатҳои касбӣ ва тахассусиро ташаккул диҳад, ки барои гирифтани дивидендҳои дар боло зикршуда замина фароҳам меорад - ӯ ба мутахассиси салоҳиятдоре табдил меёбад, ки қодир аст маҷмуи дониш ва маҳорати дар донишгох гирифта ва дар рафти фаъолияти касбӣ такмилёфта дар амалия самараноктар истифода барад. Ин фарди ҳавасманд аст, ки майл ба интихоби стратегияи "маърифат дар давоми ҳаёт"-ро ба ҷои "маърифат дар тамоми ҳаёт" дорад. Интихоби шахс дар идомаи таҳсил (магистр), таҳсилоти баъдидипломӣ, иштирок дар курсу тренингҳо, пешниҳоди таклифҳои ихтироъкорӣ дар кор, иштироки фаъолона дар таҳияи стратегияи рушди ташкилот ифода меёбад.

Аниқ будани мавқеъ ва ҳадафҳои зиндагӣ онҳоро водор мекунад, ки дар донишгоҳ бомуваффақият таҳсил кунанд - кӯшиш намоянд, то ки мутахассиси соҳаи худ гарданд - ба дараҷаи касбӣ бирасанд, на танҳо маводи фанҳои азхудшударо донад ва дарк кунад, балки тавонанд дар фаъолияти касбӣ самаранок истифода баранд, ки дар СМРМ-2030 дар сифати талабот ба сифати тайёрӣ дар донишгоҳҳо пешбинӣ шудааст.

Сифати тайёр кардани хатмкунандагони донишгоҳҳо, тавре ки таҳлили натиҷаҳои баҳодиҳии давраи зимистонаи донишҷӯён аз фанни «менеҷмент» нишон медиҳад, асосан (93%) аз он вобаста аст, ки донишҷӯ дарк мекунад, ки «менеҷмент» илм аст ё не? Маҷмуи усулҳо ва роҳҳои таъсиррасонӣ ба шахси дигар (шахсон) барои ноил шудан ба ҳадафҳои шахсӣ (ташкилот) таъсиррасон дар давраи муайян бо сифатҳои зарурӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо.

Барои ташаккули сифатҳои баланди назариявию амалӣ ва хислатҳои салоҳиятӣ иштирокчиёни раванди истеҳсол ва истеъмоли хизматрасонии таълимии мактабҳои олӣ бояд, ҳар як иштирокчӣ дар ҷои худ вазифаҳои зеринро иҷро намояд:

- истеъмолкунандаи хизмати таълимй - талаба вазифадор аст:

- дарк намояд, ки ҷараёни идоракунии истеҳсол ва тақсимоти хизмати таълимӣ бо роҳи ташкили муносибатҳои фармонфармоию тобеият (вақте ки як иштирокчии ҷараён қобилияти ба дигарон додан) ё ҳамкорӣ (вақте ки иштирокчиёни раванд ҳуқуқҳои баробар доранд), кай ва қабули қарор ва ташкили иҷрои қарорҳои қабулшуда якҷоя, дар асоси ташкили касбӣ таксимоти меҳнат.

- фаҳмидани он, ки менеҷмент илм ва система, маҷмуи воситаҳо ва усулҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти коллектив (шахсият, вақте ки сухан дар бораи худи идоракунӣ меравад) барои ба ҳадафҳои ташкилот бо параметрҳо, хароҷот, сифатҳои додашуда мебошад, вақти муайян (шахсият) ноил шудан;

- дарк намудан, ки менеҷмент (идоракунӣ) ба тақсимоти касбии меҳнати аъзоёни коллектив асос ёфтааст, ки дар шакли мушаххаси сохтори ташкилии идоракунӣ (СТИ), вобаста ба мураккабии раванди истеҳсоли маҳсулот ё мураккабии худи маҳсулот ба расмият даровarda шудааст; инчунин, характери истеҳсолот - оё дар ташкилот фаъолияти тадқиқотӣ ва конструкторӣ вуҷуд дорад (дар сурати мавҷуд будани ин намудҳои фаъолият одатан сохтори матритсавии ташкилии идоракунӣ интихоб карда мешавад).

- донистан, ки манбаи бартаридошта барои ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилӣ ё инфиродӣ вақт аст, ки истифодаи оқилонаи он имкони расидан ба ҳадафҳоро дар чаҳорчӯбаи муайян ва бо сифатҳои муайян фароҳам меорад (менеҷменти вақт).

-дар хотир доштан, ки зиндагӣ ва комёбиаш дар ҳаёт аз он вобаста аст, ки ӯ барои пайдо кардани мавқеи худ дар ҷамъият чи гуна рафторашро идора мекунад.

- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва паҳн намудани стандартҳои давлатии фанҳои дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ таҳсилшаванда, ташкили сафарҳои илмии довталабони ватанӣ ва олимони маъруфи давлатҳои хориҷӣ ба мактабҳои олии ватанӣ, ташкили сафари хизматии тадқиқотчиён ва олимон ба донишгоҳҳои пешқадами ҷаҳонро ташкил менамояд.

- маъмурияти донишгоҳҳо интихоб ва ҷобаҷогузорӣ, инчунин, ташкили таҳсили довталабонро ба магистратура, докторантура, инчунин, низоми дарёфти унвони докторӣ аз рӯи ихтисос ва Phd, бастани шартномаҳои эҷодиро байни донишгоҳ ва муассисаҳо ташкил мекунад.

- корфармоён бояд бо донишгоҳҳо, факултаҳо ва кафедраҳо робитаи зич ва пайваста дошта бошанд, то кормандони донишгоҳ аз таҳия ва ҷорӣ намудани техникаи нав ва технологияҳои пешқадам дар саноати ватанӣ огоҳ бошанд, то хатмкунанда барои фаъолияти пурсамари онҳо аз ҷиҳати касбӣ омода бошад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомова Т.Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Архангельский Г. Тайм-менеджмент. Учебник / Г. Архангельский, М. Лукашенко, С. Бехтерев. –Минск, 2022. -320 с.
2. Виханский О.С. Стратегическое управление. Учебник / О.С. Виханский. -М.: Экономика, 2008. -296 с.
3. Ғафорзода Ҷонона Ғафор. Хусусиятҳо ва мушкилоти рушди хизматрасонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ғафорзода Ҷонона Ғафор. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. -№7. –С.198-206.
4. Глазов М.М. Менеджмент: учебное пособие / М.М. Глазов. -СПб: Астерион, 2013. -496 с.
5. Джураева А. Экономико-статистические показатели деятельности дошкольного образования / Джураева А., Таибов О.Р. // Вестник Таджикского национальгного университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2022. -№9. –С.155-160.
6. Джураева А.М. Моделирование экономических систем регионального управления образованием / А.М Джураева // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2020. -С.36-41. ISBN 2413-5151
7. Комилов А.К. Развития сферы образования основа повышения уровня образования населения / А.К. Комилов // Экономическая интеграция в условиях глобализации: мат. Республиканской научно-практической конференции. -Душанбе, 2013. -С.138-141.
8. Лафта Дж.К. Менеджмент / Дж.К. Лафта. -М.: КноРус, 2005. -592 с.
9. Менеджмент XX1-века: когда-нибудь мы все будем так управлять / М. Андерсон, К.А. Бартлетт, А. Бучихи [и др.]; пер. с англ. -М.: ИНФРА-М, 2002.
10. Мескон М. Основы менеджмента / М. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури. –М.: Вильямс, 2017. -702 с.
11. Музаффаров Б.С. Методические основы расчёта стоимости перехода на двенадцатилетнюю систему образования: опыт Республики Таджикистан / Б.С. Музаффаров, Ф.Б. Махмадиев // Российский экономический интернет-журнал. – 2020. -№3. -С.22.
12. Саидова Ҳ.М. Баландбардории самаранокии хизматрасонӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.М. Саидова, Р.М. Мирбобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. -№7. –С.99-107.
13. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМРМ ҶТ -2030). –Душанбе, 2019.


## ОИД БА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ ИСТЕҲСОЛ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ТАЪЛИМИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР МУҲИТИ АМАЛИ МОДЕЛИ САЛОҲИЯТИ РУШД


Дар мақола муаллифон кӯшиш кардаанд, ки раванди истеҳсол ва истеъмоли хизматрасонии таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити гузариши донишгоҳҳои ватанӣ аз модели дониш нигаронидашудаи таълим, ба модели салоҳиятнокӣ ба таври муназзам пешниҳод карда шаванд. Қобили зикр аст, ки ин ҳадаф ва вазифаҳои раванди таълим, инчунин, раванди азхуд ва истифодаи донишу малакаҳои бадастомадаро ба куллӣ тағйир медиҳад. Ташкили истеҳсолот ва тақсимоти хизматрасонии таълимӣ дар доираи ин моделҳо аз ҳам фарқ мекунад, зеро дар модели ба дониш нигаронидашуда донишҷӯ истеъмолкунандаи хизматрасонии таълимӣ мебошад, ки бояд дорои донишҳои ибтидоии назариявӣ ва таҳлили донишҳои нав, ки ба ғанӣ гардонидани илми ҷорӣ нигаронида шудааст, дошта бошад. Дар мавриди модели салоҳият, он ба ташаккули қобилияти донишҷӯ барои истифодаи ҳадди аксар аз донишу малакаҳои гирифтааш барои истифодаи самаранок дар фаъолияти касбӣ нигаронида шудааст. Мақолаи мазкур ба он нигаронида шудааст, ки дар шароити истифодаи моделҳои гуногун муносибат ва сатҳи иштирок, инчунин,

фаъолияти иштирокчиёни раванди истеҳсол ва истеъмоли хизматрасонии таълимӣ тағйир меёбад, ки боиси тағйирёбии нақши иштирокчиён мегардад. Сабаби асосии тағйир додани мазмуни худи раванд, умуман хизматрасонӣ мебошад. Тағйир додани мундариҷаи раванди истеҳсол ва паҳнкунии дониш дар муҳити зист барои татбиқи модели салоҳият, ки раванди муттасил ва мураккабест, ки ба ташаккули хислатҳои салоҳиятдор дар донишҷӯён нигаронида шудааст, ки ҳам барои татбиқи босуръат ва ҳам самаранокии фаъолияти онҳо зарур аст. Технологияи муосир ва технологияи прогрессивӣ, давраи навсозии он тамоюли пастшавӣ мебошад, ки системаи таълими иловагиро муайян мекунад.

**Калидвожаҳо:** стратегияи миллӣ, модели салоҳиятдор, модели ба дониш нигаронидашуда, хадамоти таълимӣ, иштирокчиёни раванди истеҳсолот ва паҳнкунии дониш, корфармоён.

## О ХАРАКТЕРИСТИКАХ ОРГАНИЗАЦИИ ПРОИЗВОДСТВА ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ КОМПЕТЕНТНОСТНОЙ МОДЕЛИ

В статье авторы попытались системно представить процесс производства и потребления образовательных услуг учреждений высшего профессионального образования в условиях перехода отечественных вузов от знаниево-ориентированной модели образования к компетентностной модели. Стоит отметить, что это полностью меняет цели и задачи образовательного процесса, а также процесс усвоения и использования полученных знаний и умений. Организация производства и распределения образовательных услуг в рамках этих моделей различается, поскольку в знаниеориентированной модели обучающийся является потребителем образовательных услуг, который должен обладать базовыми теоретическими знаниями и уметь анализировать новые знания, направленные на обогащение актуальной науки. Что касается компетентностной модели, то она направлена на развитие у студента способности максимально использовать полученные им знания и умения для эффективного использования в профессиональной деятельности. В данной статье акцентируется внимание на то, что в условиях использования разных моделей отношение и уровень участия, а также активность участников процесса производства и потребления образовательных услуг меняются, что приводит к изменению уровня роли участников. Основной причиной изменения содержания самого процесса является служение в целом. Изменение содержания процесса производства и распространения знаний в среде для реализации компетентностной модели, представляющей собой непрерывный и сложный процесс, направленный на формирование у обучающихся компетентностных характеристик, что необходимо как для быстрого применения и эффективного функционирования современных технологий, так и прогрессивной техники, период ее обновления имеет тенденцию к сокращению, что определяет систему дополнительного образования.

**Ключевые слова:** национальная стратегия, компетентностная модель, знаниеориентированная модель, образовательные услуги, участники процесса производства и распространения знаний, работодатели.

## ON THE CHARACTERISTICS OF THE ORGANIZATION OF PRODUCTION OF EDUCATIONAL SERVICES IN INSTITUTIONS OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION IN THE CONDITIONS OF THE DEVELOPMENT OF THE COMPETENCE MODEL

In this article, the authors tried to systematically present the process of production and consumption of educational services of institutions of higher professional education in the context of the transition of domestic universities from a knowledge-oriented education model to a competency-based model. It should be noted that this completely changes the goals and objectives of the educational process, as well as the process of mastering and using the acquired knowledge and skills. The organization of production and distribution of educational services within these models differs, since in the knowledge-oriented model the student is a consumer of educational services, who must have basic theoretical knowledge and be able to analyze new knowledge aimed at enriching relevant science. As for the competency-based model, it is aimed at developing the student's ability to make the most of the knowledge and skills received for an effective use in professional activities. This article focuses on the fact that, under the conditions of using different models, the attitude and level of participation, as well as the activity of participants in the process of production and consumption of educational services, change, which lead to a change in the level of role of participants. The main reason for changing the content of the process itself is service as a whole. Changing the content of the process of production and dissemination of knowledge in the environment for the implementation of the competency model, which is a continuous and complex process aimed at the formation of competency characteristics in students, which is necessary for the rapid application and effective functioning of modern technologies and progressive technology, the period of its renewal tends to to a reduction that leaves the education system for extra.

**Keywords:** national strategy, competence-based model, knowledge-based model, educational services, participants in the process of knowledge production and dissemination, employers.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мӯҳсинова Парвина Абдулқосимовна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 375700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: **(+992) 929990313**. E-mail: **abulkosim-m@mail.ru**

***Ишонова Сайёра Султоновна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 375700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,г узаргоҳи Мавлонбеков, 1

***Аҳмадбекова Нигора Мақсудҷоновна*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, Телефон**: (+992) 928077555.** E-mail**: nigora.akhmadbekova02@gmai.com**

**Сведения об авторах:** ***Мухсинова Парвина Абдулкосимовна*** - Худжандский государственный университет имни академик Б. Гафурова, кандидат экономически наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: **(+992) 929-99-03-13**. E-mail: **abulkosim-m@mail.ru**
***Ишанова Сайёра Султоновна*** - Худжандский государственный университет имени академик Б. Гафурова, кандидат экономически наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1
***Ахмадбекова Нигора Максуджоновна*** **–** Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат экономических наук, доцент кафедры государственного управления и национальной экономики. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон: **(+992) 928-07-75-55.** E-mail: **nigora.akhmadbekova02@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Mukhsinova Parvina Abdulkosimovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova passage 1. Phone: **(+992) 929990313.** E-mail: **abulkosim-m@mail.ru**
***Ishanova Sayyora Sultonovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova passage 1
***Akhmadbekova Nigora Maksudzhonovna*** **–** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Public Administration and National Economics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir street, 33. Phone**: (+992) 928-07-75-55.** E-mail: **nigora.akhmadbekova02@gmail.com**

ТДУ: 331

# ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ФАЪОЛНОКИИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАИ СОҲАИ САНОАТИ САБУК

*Акрамова З.Б., Солиева М.Қ.*
**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи ак. М.С. Осимӣ**

Ҳадафи асосии идоракунии фаъолнокии инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи технологии истеҳсолот ва дар ин замина рақобатпазирии он, таъмини истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад (иваз кардани маҳсулоти воридотӣ дар бозори дохилӣ ва бештар содирот намудани онҳо), таъмини рушди устувори иқтисодии истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоб меравад.

Самаранокии ҳар як корхона аз салоҳияти кормандон вобаста аст. Дар шароити иқтисоди муосир аҳаммияти идоракунии самарабахши кадрҳо баланд гардида истодааст, зеро ташаккули консепсияи нави ҷамъиятии баъдииндустриалӣ баланд шудани нақши соҳаи хизматрасонӣ ва иттилоот, тағйир ёфтани табиати сармоя, автоматизатсияи истеҳсолот ва ҳамзамон, компютеризатсияро тақозо менамояд, ки он ба рушди сармояи инсонӣ такя мекунад. Дар чунин шароит бар ивази сармояи молиявӣ, омили асосии рушди корхонаҳои муосир сармояи инсонӣ аҳаммияти бештар пайдо кардааст, ки дониш, малака, маҳорат, истеъдод, ҳавасмандӣ, хусусиятҳои ҷисмонӣ, психологӣ, ҷаҳонбинӣ, маданӣ ва қобилияти одамонро дар бар мегирад. Имрӯз сармояи инсонӣ воситаи асосии истеҳсолот, маҳаки асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инноватсионии корхона ва умуман мамлакат гардидааст. Муҳаррики асосии рушди инноватсионӣ, сармояи инсонӣ аст, ки дорои салоҳият ва қобилияти он боиси ба вуҷуд овардани неъматҳои беҳамто мегардад. Сармояи инсонӣ дар макросатҳ (иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ) ва микросатҳ (корхона ва шахси алоҳида) таҳқиқ карда мешавад [3,с.9].

Ба масъалаҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ як қатор асарҳои олимони маҳаллӣ ва хориҷи кишвар бахшида шудааст, аммо ҷузъи инноватсионии сармояи инсонӣ, қисми “фаъоли” ҷузъи неруи инноватсионӣ дар сатҳи кофӣ таҳқиқ нагардидааст, ки рушди инноватсиониро дар ҳамаи самт ва зинаҳои иқтисоди миллӣ боз медорад.

**Таҳлили сатҳи рушди сармояи инсонии корхонаи соҳаи саноати сабук.** Сармояи инсонӣ ба маънои васеъ – омили асосии рушди иқтисодӣ, рушди ҷомеа ва оила, аз ҷумла захираҳои меҳнатӣ, дониш, меҳнати фикрӣ ва идоракунии муҳити зист ва фаъолияти меҳнатӣ, таъмини самарабахш ва фаъолияти оқилонаи он ҳамчун омили истеҳсолии рушд мебошад [1,с.13-21].

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии идоракунии равандҳои ташаккул, истифода ва рушди сармояи инсонӣ, дарки возеҳи моҳияти ин категория, усулҳои дурусти арзёбӣ, равандҳои дақиқи андешидашударо барои ҳалли ин масъала талаб мекунад. Истифода ва рушди он ҳам барои маҷмуи субъектони алоҳидаи иқтисодӣ ва ҳам барои иқтисоди давлат аҳаммияти хосса дорад. Омилҳои зиёде ҳастанд, ки барои рушди сармояи инсонӣ таъсири худро мерасонанд, ки баҳамалоқамандӣ ва робитаи онҳо дар мисоли корхонаи соҳаи саноати сабук таҳқиқ карда мешавад.

Яке аз омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиркунанда, дараҷаи маълумотнокии ҳайати кормандони корхона мебошад. Барои муайян кардани дараҷаи маълумотнокии ҳайати кормандон ва ҳисоб намудани коэффитсиенти сармояи инсонӣ аз маълумоти ибтидоии корхона истифода бурда мешавад (ҷадвали 1).

Мувофиқи маълумоти ҳисоботи шуъбаи кадрҳои корхонаи саноатӣ маълум гардид, ки динамикаи ҳайати кормандон афзуншаванда мебошад, яъне, агар дар соли 2018 ҳайати кормандон 427 нафарро ташкил карда бошанд, дар соли 2022 шумораи онҳо ба 500 нафар расидааст. Дар соли 2018 ҳайати кормандони дараҷаи маълумотнокиашон миёнаи нопурра - 135 нафар, миёнаи пурра - 139 нафар, миёнаи махсус - 79 нафар ва олӣ - 74 нафарро ташкил карда бошанд. Бо баробари зиёд гардидани шумораи ҳайати кормандон дар соли 2022, дараҷаи маълумотнокии кормандон низ тағйир ёфт: шумораи кормандони дараҷаи маълумотнокиашон миёнаи нопурра - 172 нафар, миёнаи пурра - 142 нафар, миёнаи махсус - 95 нафар ва олӣ - 91 нафар зиёд гардид.

**Ҷадвали 1. Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоби коэффитсиенти дараҷаи маълумотнокӣ**
**Table 1. Basic information for the calculation of the coefficient of education level**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Солҳои таҳсил | Коэффитсиенти дараҷаи маълумотнокӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | |
| ибтидоӣ | - | - | - | - | - | 4 | 0,24 |
| миёнаи нопурра | 135 | 144 | 167 | 168 | 172 | 9 | 0,55 |
| миёнаи пурра | 139 | 132 | 144 | 142 | 142 | 11 | 0,68 |
| маёнаи махсус | 79 | 87 | 87 | 93 | 95 | 14 | 0,89 |
| олӣ | 74 | 77 | 78 | 84 | 91 | 17 | 1,00 |
| номзади илмҳо | | | | - | - | 19-21 | 1,26 |
| доктори илмҳо | | | | - | - | 24-26 | 1,61 |
| академикҳо | | | | - | - | аз 30 боло | 2,00 |
| ҳамагӣ | 427 | 448 | 476 | 487 | 500 | | |

Сарчашма: Ҳисоботи шуъбаи кадрии корхонаи соҳаи саноати сабук барои солҳои 2018-2022.

Сатҳи маълумотнокии коргарон дар пешрафти корхона нақши муҳим мебозад. Аммо дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки маъмурияти на ҳамаи корхонаҳо ба ин нишондиҳанда аҳаммият медиҳанд. Зеро кормандони сатҳи маълумоташон паст барои корхона аз ҷиҳати иқтисодӣ, яъне пардохти музди меҳнат беҳтар бошад ҳам, он ба паст шудани самаранокии натиҷаи фаъолият назаррас таъсир мекунад [14].

Бо истифода аз маълумоти ҷадвали 1, коэффитсиенти маълумотнокии ҳайати кормандони корхонаи саноатӣ дар солҳои 2018-2022 ҳисоб карда шуд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Ҳисоби нишондиҳандаи дараҷаи маълумотнокии ҳайати кормандон дар солҳои 2018-2022**
**Table 2. Calculation of the indicator of the level of education of the staff in 2018-2022**

| Солҳо | Формулаи ҳисоб | Алгоритми ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб |
|---|---|---|---|
| 2018 | $K_{дм}=\frac{\sum_{i=1}^{n}KN}{\sum_{i=1}^{n}N}$ | $(0{,}55\times135+0{,}68\times139+0{,}89\times79+1\times74)/(135+139+79+74)$ | 0,73 |
| 2019 | | $(0{,}55\times144+0{,}68\times132+0{,}89\times87+1\times77)/(144+132+87+77)$ | 0,73 |
| 2020 | | $(0{,}55\times167+0{,}68\times144+0{,}89\times87+1\times78)/(167+144+87+48)$ | 0,72 |
| 2021 | | $(0{,}55\times168+0{,}68\times142+0{,}89\times93+1\times84)/(168+142+93+84)$ | 0,73 |
| 2022 | | $(0{,}55\times172+0{,}68\times142+0{,}89\times95+1\times91)/(172+142+95+91)$ | 0,73 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти ҷадвали 1.

Натиҷаҳои ҳисоби нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2 овардашуда, нишон медиҳад, ки дар соли 2018 дараҷаи маълумотнокии кормандон ба 0,73 баробар гардид. Ин нишондиҳанда шаҳодат медиҳад, ки ҳайати кормандони корхонаро бештар коргарони дорои маълумоти миёнаи нопурра ташкил медиҳанд. Соли 2020 коэффитсиенти дараҷаи маълумотнокии ҳайати кормандон то 0,72 поён фаромад. Дар ин сол кормандони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус зиёд бошанд ҳам, аз сабаби зиёд гардидани кормандони дорои маълумоти миёнаи нопурра, ин нишондиҳанда дар ин давра паст гашт.

Зиёдшавии шумораи ҳайати умумии кормандони маълумоти олӣ дошта дар корхона, боиси баланд гардидани коэффитсиенти маълумотнокии ҳайати кормандони корхона мешавад, ки он ба баланд шудани сатҳи рушди сармояи инсонии корхона муоидат мекунад. Маълумоти олӣ ба рушди сармояи инсонии шахс мусоидат мекунад ва самараи ташаббускории ӯро рушд медиҳад. Шахсони маълумоти олидошта, метавонанд дар рушди илму техника саҳми худро гузоранд ва аввалин шуда навовариро дар илму техника ҷорӣ намоянд.

Динамикаи дараҷаи тахассуснокии ҳайати кормандони корхонаи соҳаи саноати сабук дар солҳои 2018-2022, дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Динамикаи нишондиҳандаҳои тахассуснокии ҳайати кормандон**
**Table 3. Dynamics of staff qualification indicators**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Шумораи кормандоне, ки дар давоми як сол ихтисоси худро такмил додаанд, нафар | 40 | 44 | 61 | 78 | 80 |
| Шумораи умумии коргарон, нафар | 427 | 448 | 476 | 487 | 500 |

Сарчашма: Ҳисоботи шуъбаи кадрии корхонаи соҳаи саноати сабук барои солҳои 2018-2022

Корхона барои тахассуснокии ҳайати кормандон аҳаммияти хосса дорад. Аз ҳисоботи шуъбаи кадрҳо, ҳисоботи шуъбаи кадрии корхонаи соҳаи саноати сабук барои солҳои 2018-2022 маълум гардид, ки ҳайати кормандоне, ки ихтисоси худро такмил додаанд, сол аз сол зиёд гардида истодааст. Лекин, бояд қайд кард, ки барои корхона ва ҳам кормандони он такмил додани ихтисос омили муҳимро ишғол мекунад, зеро дар замони ҳозира рӯз аз рӯз илму техника рушди карда, навгониҳои зиёд ба назар мерасад. Дар корхонаи таҳқиқотӣ аз рӯи натиҷаҳо маълум гардид, ки давраи такмили ихтисос барои 1 коргар баъд аз панҷ сол меояд. Аз ин рӯ, барои такмил додани дониши кормандон, корхона бояд чораҳои зарурӣ андешад [13,с.282-290].

Дар асоси маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда, коэффитсиенти тахассуснокии ҳайати кормандон дар солҳои 2018-2022 ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 4).

Ҳисоби натиҷаҳои ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки коэффитсиенти тахассуснокии ҳайати кормандон дар соли 2018 ба 0,19 ва дар соли 2022 он ба 0,31 баробар гаштааст. Чи қадаре ки дараҷаи тахассуснокии ҳайати кормандон баланд бошанд, сатҳи ташаккулёбӣ ва рушди сармояи инсонии корхона ҳамон қадар баланд мегардад.

**Ҷадвали 4. Ҳисоби коэффитсиенти тахассуснокии ҳайати кормандон дар солҳои 2018-2022**
**Table 4. Calculation of staff qualification ratioin 2018-2022**

| Солҳо | Формулаи ҳисоб | Алгоритми ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб |
|---|---|---|---|
| 2018 | $KT = \frac{N_к}{N}$ | $(37+40)/427$ | 0,18 |
| 2019 | | $(37+40+44)/448$ | 0,18 |
| 2020 | | $(37+40+44+61)/476$ | 0,22 |
| 2021 | | $(37+40+44+61+78)/487$ | 0,28 |
| 2022 | | $(37+40+44+61+78+80)/500$ | 0,31 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти ҷадвали 3.

Рушди илму техника, талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои баландихтисос, тағйирёбии раванди истеҳсолот, рақобатпазирии корхона – ин ҳама омилҳои таъсиррасоне, ки баланд бардоштани дониш ва малакаи ҳайати кормандонро талаб мекунад. Чи қадаре ки дараҷаи тахассуснокии ҳайати кормандони корхона баланд бошад, ҳамон қадар самараи ташаккулёбӣ ва рушди сармояи инсонии корхонаро баланд мекунад [10,с.279-282].

Барои ҳисоб намудани коэффитсиенти синну соли кормандон, аввал, синну соли миёнаи онҳоро барои солҳои 2018-2022 ҳисоб карда шуд (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Динамикаи шумораи ҳайати кормандони корхонаи соҳаи саноати сабук аз рӯи синну сол**
**Table 5. Dynamics of the number of employees of the light industry industry by age**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Тағйирот дар соли 2022 нисбат ба 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | мутлақ, нафар | нисбӣ, % |
| Шумораи умумии коргарон | 427 | 448 | 476 | 487 | 500 | 13 | 102,67 |
| то 25 сола | 58 | 64 | 79 | 88 | 98 | 10 | 111,36 |
| аз 25 то 35 сола | 77 | 81 | 89 | 96 | 105 | 9 | 109,38 |
| аз 35 то 45 сола | 135 | 137 | 141 | 144 | 154 | 10 | 106,94 |
| аз 45 то 60 сола | 115 | 129 | 132 | 130 | 132 | 2 | 101,54 |
| Коргарони нафақахӯр | 42 | 37 | 35 | 29 | 11 | -18 | 37,93 |
| Синну соли миёна | 41,15 | 40,94 | 40,16 | 39,39 | 38,70 | - | - |

Сарчашма: Ҳисоботи шуъбаи кадрии корхонаи соҳаи саноати сабук барои солҳои 2018-2022

Аз рӯйи маълумоти ҷадвали 5, маълум гардид, ки синну соли миёнаи ҳайати кормандони корхона тамоюли камшавиро дорад. Дар соли 2018 синну соли миёна 41,15 солро ташкил карда, дар соли 2022 аз сабаби дар сафи коргарон бо мутахассисони ҷавон зиёд гардидан, синну соли миёна 38,70 солро ташкил намуд.

Дар асоси синну соли миёна коэффитсиенти синну соли ҳайати кормандон дар солҳои 2018-2022 ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Ҳисоби коэффитсиенти синну соли ҳайати кормандон дар солҳои 2018-2022**
**Table 6. Calculation of the age ratio of the staff in 2018-2022**

| Солҳо | Формулаи ҳисоб | Алгоритми ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб |
|---|---|---|---|
| 2018 | $К_{с.с}=\frac{\ln х_м-\ln 18}{\ln 63-\ln 18}$ | $\frac{ln41,15-ln18}{ln63-ln18}=\frac{41,15/18}{63/18}=2,28/3,5$ | 0,63 |
| 2019 | | $\frac{ln40,94-ln18}{ln63-ln18}=\frac{40,94/18}{63/18}=2,27/3,5$ | 0,63 |
| 2020 | | $\frac{ln40,16-ln18}{ln63-ln18+}=\frac{40,16/18}{63/18}=2,23/3,5$ | 0,61 |
| 2021 | | $\frac{ln39,39-ln18}{ln63-ln18+}=\frac{39,39/18}{63/18}=2,18/3,5$ | 0,60 |
| 2022 | | $\frac{ln38,70-ln18}{ln63-ln18+}=\frac{38,21/18}{63/18}=2,12/3,5$ | 0,58 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои ҷадвали 5.

Аз рӯи натиҷаи ҳисоби нишондиҳандаҳои ҷадвали 6, маълум мешавад, ки коэффитсиенти синну соли ҳайати кормандони корхона дар соли 2018 ба 0,63, дар соли 2019 ба 0,63, дар соли 2020 ба 0,61, дар соли 2021 ба 0,60 ва дар соли 2022 ба 0,58 баробар гардид. Ин нишондиҳанда дар соли 2022, нисбат ба соли 2021 ба 0,01 воҳид кам гардидааст. Маълум мешавад, ки сол аз сол коэффитсиенти синну соли кормандон тағйир ёфта истодааст, ноустувории синну соли кормандон дар корхона мушоҳида мешавад [12,с.885-893].

Барои ҳисоб намудани коэффитсиенти собиқаи кории ҳайати кормандон, таҷрибаи кории миёнаи ҳайати кормандони корхонаи соҳаи саноати сабук ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. Динамикаи ҳайати кормандон аз рӯи собиқаи корӣ**
**Table 7. Dynamics of personnel according to seniority**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Шумораи умумии кормандон: | 427 | 448 | 476 | 487 | 500 |
| аз 1 то 5 сол | 58 | 64 | 79 | 88 | 98 |
| аз 6 - 10 сол | 51 | 56 | 61 | 65 | 68 |
| аз 11 - 15 сол | 92 | 98 | 100 | 105 | 100 |
| аз 16 - 20 сол | 72 | 80 | 81 | 83 | 85 |
| аз 21 - 25 сол | 42 | 46 | 44 | 51 | 54 |
| аз 26 – 30 сол | 52 | 54 | 58 | 45 | 41 |
| аз 31 – 35 боло | 60 | 50 | 53 | 50 | 54 |
| Формулаи ҳисоби собиқаи миёнаи корӣ | $С_{к.м}=\frac{\sum_{i=1}^{n}KN}{\sum_{i=1}^{n}N}$ | | | | |
| Собиқаи миёнаи корӣ | 17,51 | 16,91 | 16,53 | 15,86 | 16,04 |

Сарчашма: Ҳисоботи шуъбаи кадрии корхонаи соҳаи саноти сабук барои солҳои 2018-2022.

Тибқи маълумоти ҷадвали 7, шумораи кормандони таҷрибаи кории то 15 сол дошта дар корхона зиёд мебошад. Собиқаи миёнаи кории кормандон сол аз сол зиёд гардидааст. Дар соли 2021 собиқаи миёнаи корӣ ба 15,86 сол баробар буда, он дар соли 2022 ба 16,04 сол баробар гардидааст, яъне шумораи кормандоне, ки таҷрибаи кории зиёд доранд, дар ин сол нисбат ба соли гузашта зиёд гардидааст.

Дар асоси таҷрибаи миёнаи кории ҳайати кормандон коэффитсиенти собиқаи корӣ ҳисоб мешавад (ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. Ҳисоби коэффитсиенти собиқаи миёнаи кории ҳайати кормандон дар солҳои 2018-2022**

**Table 8. Calculation of the coefficient of the average working experience of the staff in 2018-2022**

| Солҳо | Формулаи ҳисоб | Алгоритми ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб |
|---|---|---|---|
| 2018 | $К_{с.к} = \frac{ln\, Ск - ln\, Cmin}{ln\, Cmax - ln\, Cmin}$ | $\frac{ln17,51 - ln1}{ln35 - ln1} = \frac{17,51/1}{35/1} = 17,51/35$ | 0,50 |
| 2019 | | $\frac{ln16,91 - ln1}{ln36 - ln1} = \frac{16,91/1}{36/1} = 16,91/36$ | 0,47 |
| 2020 | | $\frac{ln16,53 - ln1}{ln37 - ln1} = \frac{16,53/1}{37/1} = 16,53/37$ | 0,44 |
| 2021 | | $\frac{ln15,86 - ln1}{ln38 - ln1} = \frac{15,86/1}{19/1} = 15,86/38$ | 0,41 |
| 2022 | | $\frac{ln16,04 - ln1}{ln39 - ln1} = \frac{15,68/1}{39/1} = 15,68/39$ | 0,40 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси ҷадвали 7.

Аз рӯи натиҷаи ҳисоб мушоҳида карда мешавад, ки сатҳи собиқаи кории ҳайати кормандони корхона дар соли 2018 ба 0,50 ва дар соли 2022 он ба 0,01 кам гашт, яъне ба 0,40 баробар гардид, сабаби каҳош ёфтани ин нишондиҳанда аз қабули шумораи коргарони ҷавон ба кор вобаста мебошад.

Ҳангоми ҷустуҷӯи ҷойи корӣ, кадрҳои ҷавон одатан шавқу ҳаваси махсус зоҳир мекунанд. Онҳо сиёсати корхонаро ба осонӣ қабул мекунанд, бо ҳамкорон самимона муносибат мекунанд, дар кори изофакорӣ чандир ҳастанд ва идеяҳои навоваронаеро пешниҳод мекунанд, ки ба рушди корхона мусоидат мекунанд. Илова бар ин, онҳо кӯшиш мекунанд, ки барои худ стандартҳоеро таҳия намоянд, ки ба донишҳои нав мувофиқат кунанд, аммо набудани таҷриба аксар вақт ба хатогиҳо оварда мерасонад, ки ба манфиати корхона нест. Кормандони ҷавон кореро, ки мекунанд, дӯст медоранд, ба ояндаи устувори корхона бовар мекунанд, идора кардани онҳо осон, ба тавлиди ғояҳои нав қодир мебошанд, муҳити income кориро таровати дигар мебахшанд, хизматҳояшон нисбатан арзон аст, онҳо зуд мутобиқ мешаванд. Аммо набудани устуворӣ, кам будани малакаи корӣ, тоб оварда натавонистан ба стресс, бемасъулиятӣ ва танқидро қабул карда натавонистани онҳо барои пешрафти корхона маҳдудият зоҳир мекунад [15]. Барои ҳисоб намудани коэффитсиенти даромаднокии кормандон, музди меҳнати миёнаии ҳайати кормандони корхонаи соҳаи саноати сабук ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9. Динамикаи шумораи ҳайати кормандон аз рӯи музди меҳнат**

**Table 9. Dynamics of the number of employees according to wages**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Шумораи умумии кормандон: | 427 | 448 | 476 | 487 | 500 |
| аз 1000 то 1500 сомонӣ | 371 | 380 | 385 | 389 | 393 |
| аз 1600 то 2100 сомонӣ | 31 | 40 | 58 | 62 | 67 |
| аз 2200 то 3000 сомонӣ | 21 | 25 | 30 | 33 | 37 |
| аз 3100 то 4000 сомонӣ | 4 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| Формулаи ҳисоби музди миёнаи меҳнат | $С_{м.м.м} = \frac{\sum_{i=1}^{n} KN}{\sum_{i=1}^{n} N}$ | | | | |
| Музди миёнаи меҳнат, сомонӣ | 1381,50 | 1394,31 | 1422,69 | 1432,03 | 1444,10 |

Сарчашма: Маълумоти муҳосибии корхонаи соҳаи саноати сабук барои солҳои 2018-2022

Музди меҳнат дар шароити иқтисоди бозорӣ – ҳавасмандии меҳнат мебошад, ки дар бозори меҳнат, дар натиҷаи таъсири мутақобилаи талабот ба намудҳои алоҳидаи меҳнат ва пешниҳоди он муайян карда мешавад. Аксар вақт музди меҳнат ҳамчун музди истифодаи қувваи корӣ ва арзиши он ҳамчун нархи қувваи корӣ шарҳ дода мешавад.

Ҳудуди музди меҳнати ҳайати кормандони корхонаи соҳаи саноати сабук аз 1000 сомонӣ то 4000 сомониро ташкил мекунад, аз ин ҷо ки музди миёнаи кормандон дар натиҷаи ҳисоб дар соли 2022 ба 1444,10 сомонӣ баробар гардид, яъне, сол аз сол динамикаи ин нишондиҳанда тамоюли афзуншавиро дорад. Дар асоси нишондиҳандаҳои

музди меҳнати миёнаи кормандони корхона, коэффитсиенти даромаднокӣ барои солҳои 2018-2022 ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10. Ҳисоби музди миёнаи меҳнати ҳайати кормандон**
**Table 10. Calculation of the average salary of the staff**

| Солҳо | Формулаи ҳисоб | Алгоритми ҳисоб | Натиҷаи ҳисоб |
|---|---|---|---|
| 2018 | $Кд = \frac{\ln Дм - \ln Dmin}{\ln Dmax - \ln Dmin}$ | $\frac{ln1381{,}50 - ln1000}{ln4000 - ln1000} = \frac{1381{,}50/1000}{4000/1000} = 1{,}38/4$ | 0,34 |
| 2019 | | $\frac{ln1394{,}31 - ln1000}{ln4000 - ln1000} = \frac{1394{,}31/1000}{4000/1000} = 1{,}39/4$ | 0,34 |
| 2020 | | $\frac{ln1422{,}69 - ln1000}{ln4000 - ln1000} = \frac{1422{,}69/1000}{4000/1000} = 1{,}42/4$ | 0,35 |
| 2021 | | $\frac{ln1432{,}03 - ln1000}{ln4000 - ln1000} = \frac{1432{,}03/1000}{4000/1000} = 1{,}43/4$ | 0,35 |
| 2022 | | $\frac{ln1459{,}70 - ln1000}{ln4000 - ln1000} = \frac{1444{,}1/1000}{4000/1000} = 1{,}44/4$ | 0,36 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси ҷадвали 9.

Дар асоси маълумоти ҷадвали 10 маълум аст, ки коэффитсиенти даромаднокии кормандони корхона дар соли 2018 ба 0,34 баробар гардида, он дар соли 2022 ба 0,01 зиёд гардидааст, яъне, ба 0,36 баробар мебошад. Натиҷаи ҳисоби панҷ нишондиҳандаҳо - ҷузъҳои асосии нишондиҳандаи сармояи инсониро истифода бурда, коэффитсиенти дараҷаи сармояи инсонии ҳайати кормандони корхонаи соҳаи саноати сабук барои солҳои 2018-2022 ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 11).

**Ҷадвали 11. Динамикаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии дараҷаи сармояи инсонӣ дар солҳои 2018-2022**
**Table 11. Dynamics of human capital assessment indicators in 2018-2022**

| **Солҳо** | $К_{д.м}$ | $К_{т}$ | $К_{с.с}$ | $К_{т.к}$ | $К_{с.д}$ | $Си = \frac{К_{д.м} + К_{т} + К_{с.с} + К_{т.к} + К_{с.д}}{5}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2018 | 0,73 | 0,18 | 0,63 | 0,50 | 0,34 | 0,478 |
| 2019 | 0,73 | 0,18 | 0,63 | 0,47 | 0,34 | 0,474 |
| 2020 | 0,72 | 0,22 | 0,61 | 0,44 | 0,35 | 0,473 |
| 2021 | 0,73 | 0,28 | 0,60 | 0,41 | 0,35 | 0,479 |
| 2022 | 0,73 | 0,31 | 0,58 | 0,40 | 0,36 | 0,480 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси ҷадвалҳои 1-10

Аз рӯи натиҷаи ҳисоби дараҷаи сармояи инсонии ҳайати кормандони корхонаи соҳаи саноати сабук, маълум мешавад, ки дар соли 2018 сатҳи рушди сармояи инсонӣ ба 0,478 баробар буда, он дар соли 2022 зиёд гардида, ба 0,480 баробар шудааст. Нишондиҳандаи мазкур сатҳи миёнаи рушди сармояи инсониро инъикос мекунад, аммо, бояд қайд кард, ки ин сатҳи нишондиҳанда барои таъмини рушди инноватсионии корхона кофӣ нест. Корхона бояд ҷидду ҷаҳди худро дар ин самт пурзӯр намояд.

***Сармояи инсонӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба фаъолнокии инноватсионии корхонаи соҳаи саноати сабук***. Барои муайян кардани дараҷаи таъсири сатҳи рушди сармояи инсонӣ ба фаъолнокии инноватсионии корхона, қисматҳои фаъолнокии инноватсионии корхонаи соҳаи саноати сабук таҳлил карда шуд [5].

**Ҷадвали 12. Вобастагӣ фаъолнокии инноватсионӣ ва сармояи инсонӣ**
**Table 12. Dependence of innovative activity and human capital**

| Фаъолнокии инноватсионӣ | Сармояи инсонӣ |
|---|---|
| 0,003 | 0,469 |
| 0,004 | 0,478 |
| 0,005 | 0,474 |
| 0,006 | 0,473 |
| 0,010 | 0,479 |
| 0,012 | 0,480 |

Аз рӯи нишондиҳандаҳои фаъолнокии инноватсионӣ ва сармояи инсонии корхона коэффитсиенти регрессия ҳисоб карда шуд.

$$r_{xy}=\frac{\sum(x_i-\bar{x})\times(y_i-\bar{y})}{\sqrt{\sum(x_i-\bar{x})^2\times\sum(y_i-\bar{y})^2}}$$

$$r = 0{,}56.$$

Коэффитсиенти коррелиятсионӣ нишон медиҳад, ки байни сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхона ва рушди сармояи инсонӣ робитаи миёна мавҷуд аст.

ФИ= **- 0,026 + 0,012** × Бмол+ **0,017** × Билмӣ + **0,069** × Бмарк + **0,019** × Бкадр + **0,039** × Бтех - **0,012** × Бэк

дар ин ҷо Билмӣ - блоки илмии корхона;

Бкадр – блоки захираҳои инсонии корхона;

Бтех – блоки иқтидори ташкилию техникии корхона;

Бмол. – блоки иқтидори молиявӣ ва сармоягузории корхона;

Бмарк – блоки иқтидори маркетинги корхона;

Бэк – блоки иқтидори экологии корхона.

$$\overline{У}= 0{,}0077;\ \overline{X_{Бмол}}= 0{,}40;\ \overline{X_{Билмӣ}}= 0{,}34;\ \overline{X_{Бмарк}}= 0{,}15;$$

$$\overline{X_{Бкадр}}= 0{,}87;\ \overline{X_{Бтех}}= 0{,}27;\ \overline{X_{Бэк}}= 1{,}30;$$

Дар асоси маълумоти овардашуда, нишондиҳандаҳои маҷмуи миёнаи чандирнокӣ муайян карда мешавад;

$$Е_{X_{Бмол.}} = 0{,}012 \times \frac{0{,}40}{0{,}0077} = 0{,}62\%$$

$$Е_{X_{Билмӣ}} = 0{,}017 \times \frac{0{,}34}{0{,}0077} = 0{,}75\%$$

$$Е_{X_{Бмарк}} = 0{,}069 \times \frac{0{,}15}{0{,}0077} = 1{,}34\%$$

$$Е_{Бкадр} = 0{,}019 \times \frac{0{,}87}{0{,}0077} = 2{,}14\%$$

$$Е_{X_{Бтех}} = 0{,}039 \times \frac{0{,}27}{0{,}0077} = 1{,}36\%$$

$$Е_{X_{Бэк}} = -0{,}012 \times \frac{1{,}30}{0{,}0077} = -2{,}02\%$$

Натиҷаи ҳисоби нишондиҳанда, нишон медиҳад, ки ҳангоми 1% тағйир ёфтани омили тағйирёбанда, сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхона то чӣ андоза тағйир меёбад. Ҳамин тавр:

1. ҳангоми афзоишёбии нишондиҳандаҳои блоки молиявӣ ба 1%, сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхона ба ҳисоби миёна 0,62% зиёд мегардад.

2. ҳангоми афзоишёбии нишондиҳандаҳои блоки илмии корхона ба 1%, сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхона ба ҳисоби миёна 0,75% зиёд мегардад.

3. ҳангоми афзоишёбии нишондиҳандаҳои блоки маркетингии корхона ба 1%, сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхона ба ҳисоби миёна 1,34% зиёд мегардад.

4. ҳангоми афзоишёбии нишондиҳандаҳои блоки захираҳои инсонии корхона ба 1%, сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхона ба ҳисоби миёна 2,14% зиёд мегардад.

5. ҳангоми афзоишёбии нишондиҳандаҳои блоки ташкилию техникии корхона ба 1%, сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхона ба ҳисоби миёна 1,36% зиёд мегардад.

6. ҳангоми афзоишёбии нишондиҳандаҳои блоки экологӣ ба 1% сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхона ба ҳисоби миёна 2,02% кам мегардад.

Аз рӯи натиҷаҳои коэффитсиенти чандирнокӣ омилҳо гурӯҳбандӣ карда мешавад (ҷадвали 13).

Фаъолнокии инноватсионии корхона аз бисёр омилҳои иқтисодӣ вобаста аст, ки онҳоро шартан ба панҷ блок тақсим кардан мумкин аст. Натиҷаҳои рейтинги омилҳо нишон медиҳанд, ки ба фаъолнокии инноватсионии корхона блоки кадрӣ таъсири бештар мерасонад. Азбаски сатҳи рушди сармояи инсонии корхона миёна аст, корхона бояд сиёсати кадриро ба назар гирифта, стратегияи рушди сармояи инсониро таҳия намояд, то

ки сатҳи баланди фаъолнокии инноватсионӣ дар шароити афзоиши рақобат таъмин карда шавад.

**Ҷадвали 13. Гурӯҳбандии омилҳо аз рӯи дараҷаи аҳамияти онҳо дар модел**
**Table 13. Grouping of factors according to their importance in the model**

| Моделҳои тағйирёбандаи регрессионӣ | Коэффитсиентҳои муодилаи хаттии регрессонӣ | Нишондиҳандаҳ ои миёнаи тағйирёбанда | Коэффитсиенти миёнаи чандирнокӣ | Гурӯҳбандии омилҳо аз рӯи дараҷаи аҳаммияти онҳо дар модел |
|---|---|---|---|---|
| Блоки захираҳои инсонӣ | 0,019 | 0,87 | 2,14 | 1 |
| Блоки ташкилию техникӣ | 0,039 | 0,27 | 1,36 | 2 |
| Блоки маркетингӣ | 0,069 | 0,15 | 1,34 | 3 |
| Блоки илмӣ | 0,017 | 0,34 | 0,75 | 4 |
| Блоки молиявӣ ва сармоягузорӣ | 0,012 | 0,40 | 0,62 | 5 |
| Блоки экологӣ | -0,012 | 1,30 | -2,02 | 6 |
| ФИ | | 0,0077 | | |

Сарчашама: Ҳисоби муаллифон

Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот зарур аст, ки корхонаҳои маҳаллӣ моҳияти иқтисодии масъалаи таҳқиқшударо ҷиддӣ дарк намоянд, зеро истифодаи самараноки неруи инсонӣ барои ба даст овардани самараи бештар дар дурнамо мусоидат хоҳад кард [2,с.118-124].

Хулоса барои дар арсаи ҷаҳонӣ рақобатпазир гаштани иқтисоди миллии мамлакат, зарур аст, ки сатҳи фаъолнокии инноватсионӣ баланд бардошта шавад ва фаъолияти тамоми сохтори иқтисоди миллӣ дар ин самт ҳавасманд ва пурзӯр карда шавад. Омили асосии фаъолнокии инноватсионӣ рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз дониш, малака, истеъдод ва неруи зеҳнии инсон қодир аст, ки инноватсияро офарад на мошинаву дастгоҳҳо ва умуман фондҳои асосӣ ва технологияҳо. Маҳз инсон ба офаридани ғояҳои нав, мукаммал намудани технологияҳо ва инноватсияҳо поя мегузорад. Бинобар ин, барои тақвият бахшидан ба фаъолнокии инноватсионии субъектони хоҷагидорӣ ва умуман иқтисодиёти миллӣ зарур аст, ки ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ дар ҳамаи сатҳҳои иқтисоди миллӣ диққати ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Фаъолнокии инноватсионӣ, ин хусусияти муҳимми стратегии ҳар як корхонаи муосир аст, зеро он динамикаи амали корхонаро дар ташкили маҳсулоти инноватсионӣ, ҷорӣ намудани он ба истеҳсолот ва татбиқи натиҷаҳои илмро амалан муайян мекунад. Фаъолнокии баланди инноватсионӣ омили асосии корхона буда, ба ташаккули афзалиятҳои рақобатпазирии стратегӣ ва таҳкими мавқеи он дар бозор таъсир мерасонад. Дар ин ҷо вобастагии мутаносиби роста ҷой дорад, яъне, нишондиҳандаи фаъолнокии инноватсионӣ ҳар қадар баландтар бошад, корхона ва фаъолияти он ҳамон қадар пешсаф хоҳад буд. Ҳамин тариқ, фаъолнокии инноватсионӣ воситаи муҳимми идоракунӣ барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои самараноки корхона мебошад.

Фаъолнокии инноватсионии корхона бо захираҳои зеҳнӣ алоқаманд аст ва онҳо дар якҷоягӣ арзёбӣ карда мешаванд, яъне, қобилияти тавлиди ғояҳо барои навовариҳо, бо табдил додани ғояҳои инноватсионӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ, бо ҷорӣ намудани онҳо дар истеҳсолот ва бомуваффақият дар бозор татбиқ кардани онҳо, инчунин, бо мавҷуд набудани зиддияти кормандон ба дигаргуниҳои инноватсионӣ ва таваҷҷуҳи онҳо ба дигаргуниҳо вобаста мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДПДТТ ба номи М.С. Осимӣ - Баҳодурова С.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллозаде Н.Р. Формирование инновационной экономики для активизации человеческого капитала в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. / Н.Р. Абдулло-заде. Серия экономическая теория. - Душанбе: Маориф, 2018. -№1. -С.13-21.

2. Акрамова З.Б. Оценка показателей человеческого капитала на предприятиях пищевой промышленности Согдийской области / З.Б. Акрамова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. - 2012. -№1(49). -С.118-124.
3. Акрамова З.Б. Формирование и развитие человеческого капитала в трудоизбыточной экономике (на примере Республики Таджикистан): автореферат дис. ... кандидата экономических наук / З.Б. Акрамова. -Худжанд, 2012. -22 с.
4. Борщёва, Н.Л. Инвестирование в развитие элементов человеческого капитала на индивидуальном, корпоративном и национальном уровнях / Н.Л. Борщёва // Образование. Наука. Научные кадры. - 2012. -№08/12. -С.80-84.
5. Бухонова С.М. Методика оценки инновационной активности организации [Текст] / С.М. Бухонова, Ю.А. Дорошенко // Экономический анализ: теория и практика. – 2005. -№34.
6. Дворянских Н.В. Теоретико-методологические основы управления трудовыми ресурсами предприятия. Брошюра / Н.В. Дворянских, Л.В. Лоскутова. –Пермь: НИИУМС, 2002. 3,63п.л. (личный вклад 2,178 п.л.).
7. Дорофеева Н.М. Концепция человеческого капитала как фактор инновационного развития и экономического роста / Н.М. Дорофеева // Вестник Алтайской академии экономики и права. - 2012. -№1(24). -С.25-28. - 0,7 п.л.
8. Журавлёва Л.В. Фазы оценки инновационной активности организации / Л.В. Журавлёва // Проблемы управления - 2008 [Текст]: Материалы 16-го Всероссийского студенческого семинара Вып. 1; Государственный университет управления. -М.: ГУУ, 2008. -184 с., 0,08 п.л.
9. Методика использования производной функции одной переменной при решении геометрических задач с использованием информационных технологий [А.А. Рахимов, М.А. Рахматова, З.А. Аминова и др.] // Педагогический журнал. - 2022. -Т.12. -№6А. -Ч. II. -С.1094-1105. DOI: 10.34670/AR.2022.99.31.143
10. Раҳимов А.А. Технологияҳои педагогии ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз фанни математикаи олӣ дар макотиби олии касбии равияи техникӣ / А.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№3. -С.279-282.
11. Рахимов А.А. Методика использования математического пакета MAPLE 17 при изучении темы «Производная и ее применение» в курсе высшей математики для студентов технического вуза / А.А. Рахимов // Известия Тульского государственного университета (технические науки). –Тула, 2020. -№11. -С.308-313.
12. Рахимов А.А. Методические особенности использования компьютерной программы Maple 18 в исследовательской деятельности студентов технических вузов на занятиях высшей математики // Педагогический журнал. 2022. Т. 12. № 6А Ч. II. С. 885-893. DOI: 10.34670/AR.2022.20.64.091
13. Раҳимов А.А. Истифодаи барномаҳои MATHCAD ва MULTISIM дар раванди омӯзиши модели математикии функсияҳои мураккаб ва занҷирҳои электрикӣ аз фанни математика барои муҳандисон / А.А. Раҳимов, Д.Н. Мирзоев, Н.О. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2021. -№5. -С.282-290.
14. [Манбаи электронӣ]. URL: https://1economic.ru/lib/113943 (санаи муроҷиат 20.04.2023).
15. [Манбаи электронӣ]. URL: https://hr-portal.ru/story/9-preimushchestv-i-nedostatkov-nayma-molodyh-sotrudnikov (санаи муроҷиат 20.04.2023).

## ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ФАЪОЛНОКИИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАИ СОҲАИ САНОАТИ САБУК

Фаъолнокии инноватсионӣ дар шароити муосир аҳммияти рӯзафзун пайдо кардааст, ки он ба ташаккули афзалиятҳои махсуси рақобатӣ мусоидат мекунад. Таҳти фаъолнокии корхона хусусияти мураккаби раванди тавлид, татбиқи навоварии корхона дар назар дошта мешавад, ки асоси онро сармояи инсонӣ ташкил медиҳад, то ки нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона сифатан ва миқдоран тағйир ёбанд. Рушд ёфтани он, баланд бардоштани сифати малака ва дониши муфид, мубодилаи таҷриба, пешниҳоди маълумоти зарурӣ барои таҳия ва татбиқи инноватсия - ҳамаи ин ба ҷузъҳои фаъолнокии инноватсионӣ таъсири мусбат мерасонад. Сатҳи баланди инноватсионии корхона далели фаъолияти пурқуввати инноватсионӣ мебошад. Таҳлили тамоюлҳои пешрафти ҷаҳонии илмӣ-техникӣ аҳаммияти корхонаҳои саноатиро дар рушди инноватсионии иқтисодиёт нишон медиҳад, зеро, маҳз корхонаҳои саноатӣ дорои имконияти зарурии молиявӣ, истеҳсолӣ ва захираҳои инсонӣ мебошанд. Дар мақола сатҳи рушди сармояи инсонӣ ва таъсири он ба фаъолнокии инноватсионии корхонаи соҳаи саноати сабук таҳқиқ карда мешавад. Шарти асосӣ ва роҳи беҳтар намудани натиҷаҳои фаъолияти корхона, фаъолнокии инноватсионӣ мебошад, ки барои таъмини рақобатпазирии устувори корхона зарур аст. Сарчашмаи фаъолнокии инноватсионӣ, сармояи инсонӣ мебошад, ки ба талаботи коргарон барои рушд ва татбиқи неруи меҳнатии худ асос ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** сармояи инсонӣ, арзёбии сармояи инсонӣ, фаъолнокии инноватсионӣ, робитаи байни сармояи инсонӣ ва фаъолнокии инноватсионӣ.

## АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ИННОВАЦИОННУЮ АКТИВНОСТЬ ПРЕДПРИЯТИЯ В ОБЛАСТИ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

В современных условиях все большее значение приобретает инновационная активность, что способствует формированию особых конкурентных преимуществ. Под активностью предприятия понимается сложный характер процесса производства, внедрения инноваций на предприятии, основой которого является человеческий капитал, благодаря чему показатели деятельности предприятия изменяются качественно и количественно. Ее развитие, повышение качества полезных навыков и знаний, обмен опытом, предоставление информации, необходимой для разработки и внедрения инноваций, - все это положительно влияет на составляющие инновационной активности.

Высокий уровень инновационности предприятия свидетельствует о сильной инновационной деятельности. Анализ тенденций мирового научно-технического прогресса показывает значимость промышленных предприятий в инновационном развитии экономики, поскольку именно промышленные предприятия обладают необходимыми финансовыми, производственными и человеческими ресурсами. В статье рассматривается уровень развития человеческого капитала и его влияние на инновационную активность предприятия легкой промышленности. Основным условием и способом улучшения результатов деятельности компании является инновационная активность, необходимая для обеспечения стабильной конкурентоспособности предприятии. Источником инновационной активности является человеческий капитал, в основе которого лежат потребности работников в развитии и реализации своей рабочей силы.

**Ключевые слова**: человеческий капитал, оценка человеческого капитала, инновационная активность, взаимосвязь человеческого капитала и инновационной активности.

## ANALYSIS OF HUMAN CAPITAL AND ITS INNOVATIVE AND INNOVATIVE ACTIVITY IN THE LIGHT INDUSTRY REGION

Innovative activity has become increasingly important in modern conditions, which contributes to the formation of special competitive advantages. Under the activity of the enterprise, the complex nature of the process of production, implementation of innovations in the enterprise is considered, the basis of which is human capital, so that the indicators of the enterprise's activity change qualitatively and quantitatively. Its development, increasing the quality of useful skills and knowledge, sharing experience, providing information necessary for the development and implementation of innovation - all this has a positive effect on the components of innovative activity. The high level of innovation of the enterprise is proof of strong innovative activity. The analysis of trends in global scientific-technical progress shows the importance of industrial enterprises in the innovative development of the economy, because it is industrial enterprises that have the necessary financial, production and human resources. The article examines the level of human capital development and its impact on the innovative activity of the light industry enterprise. The main condition and way to improve the results of the company's activity is innovative activity, which is necessary to ensure the stable competitiveness of the company. The source of innovative activity is human capital, which is based on the needs of workers for the development and implementation of their labor force.

**Keywords***:* human capital, evaluation of human capital, innovative activity, relationship between human capital and innovative activity.

**Маълумоти муаллифон:** ***Акрамова Заррина Башировна*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори калони кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷмент. 735700, ноҳияи Б. Ғафуров, ҷамоати Д.Холматов, ш.Водник, кӯчаи Носири Хисрав 3/1 Телефон: **(+992) 92-713-99-00.** E-mail: **zarrina_2309@mail.ru**
***Солиева Муқаддам Қаҳҳоровна*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, магистранти курси 2, ихтисоси 25 01 07 – иқтисодиёт ва идора дар корхона. дар шаҳри Хуҷанд, Телефон: **(+992) 92-803-88-28.** E-mail: **solievamuqaddam@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Акрамова Заррина Башировна*** - Политехнического института Технического университета Таджикистана имени академика М.С. Осими, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры инженерой экономики и менеджмента. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, Худжанд, проспект И. Сомони, 226. Телефон: **(+992) 92-713-99-00.** E-mail: **zarrina_2309@mail.ru**
***Солиева Мукаддам Кахховна*** - Политехнический институт Технического университета Таджикистана имени академика М.С. Осими, магистрант 2 курса специальности 25 01 07 – экономика и управление на предприятия. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, Худжанд, проспект И. Сомони, 226. Телефон: **(+992) 92-803-88-28.** E-mail: **solievamuqaddam@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Akramova Zarrina Bashirovna*** - Polytechnic Institute of the Technical University of Tajikistan named after academician M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of Engineering, Economics and Management. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 226. Phone: **(+992) 92-713-99-00**. E-mail: **zarrina_2309@mail.ru**
***Solieva Mukaddam Kakhhorovna*** - Polytechnic Institute of the Technical University of Tajikistan named after academician M.S. Osimi, 2nd year master's student, specialty 25 01 07 - economics and enterprise management. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 226. Phone: **(+992) 92-803-88-28.** E-mail: **solievamuqaddam@gmail.com**

ТДУ: 331. 556.4

# МУҲОҶИРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН РАВАНДИ МУРАККАБИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА САТҲИ ЗИСТИ АҲОЛӢ

*Искандаров Ҳ.Ҳ., Саъдуллозода Н.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Афзоиши ҷараёни муҳоҷират дар саросари ҷаҳон инсониятро ба он водор намуда истодааст, ки оид ба ин падидаи ҷаҳонӣ ва роҳҳои танзими он масъалагузорӣ карда шавад. Муҳоҷирати байналмилалии меҳнат раванди мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки дар даҳсолаи охир босуръат афзоиш ёфта истодааст. Дар ин шароит ба раванди муҳоҷират омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва дигар омилҳо таъсир расонида истодаанд. Раванди ҷаҳонишавӣ ба тақвияти раванди муҳоҷирати қувваи корӣ таъсири назаррас дошта, бо рушди он монеаҳои воридшавӣ ба кишвар коҳиш ёфта, ҳаракати мунтазами одамон, ки мехоҳанд кори беҳтари дорои шароити мусоидро пайдо намоянд ва аз мушкилоте, ки дар ватани худ доштанд, озод бошанд ё дар мамлакати дорои сатҳи баланди зиндагӣ умр ба сар баранд, ба танзим даровarda мешавад. Омили дигари муҳиме, ки ба афзоиши муҳоҷирати қувваи корӣ таъсир мерасонад, ин пешравии соҳаи иттилоот аст, ки дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ мушоҳида гардида, дар мамлакатҳои қафомонда паҳн гардида истодааст.

Ҷаҳонишавӣ - ин падидаи муосир мебошад, ки ҷузъҳои он ҳаракати сармоя, иттилоот, технология, номутаносибии иқтисодиёт, ҳаракати муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати зеҳнӣ (интеллектуалӣ) ба ҳисоб меравад. Ин масъалаҳоро Петрова Я.В., омӯхта, мавқеи асосии ҳаракати ҷаҳонии муҳоҷиратро аз ҳам ҷудо менамояд. Ба андешаи ин муҳаққиқ муҳоҷирати аҳолӣ шиддатнок гардида, ҷараёни омаду рафти одамони муҳоҷир зиёд мегардад, аммо нисбат ба ҷараёни сармояҳо, молҳо, технологияҳо онҳо на он қадар самаранок ё фаъоланд. Дар ин ҳолат вазъи бозори меҳнат низ нақши ҳалкунандаро мебозад [9]. Махсусан бо вуҷуди нисбатан кам будани ҳаракати мақсадноки мутахассисони илмию техникӣ, муҳоҷирати зеҳнӣ нақши муҳимро дар рушди ҷаҳонӣ мебозад, аз ҳамин сабаб давлат бояд сиёсати муҳоҷиратиро бо дарназардошти хусусиятҳою манфиатҳои шаҳрвандон роҳандозӣ намояд.

Гуногуншаклӣ ва мушкилии равандҳои муосири муҳоҷират ва афзоиши таъсирнокии он ба рушди иқтисодӣ ва демографии ҷаҳон зарурати таҳлили усулҳои мавҷудаи назариявиро барои таҳқиқи муҳоҷирати байналмилалӣ асоснок менамояд. Инчунин, зарурати минбаъдаи таҳқиқотҳои методологӣ ва коркарди равишҳои навро барои омӯзиши муҳоҷирати ҷаҳонӣ ҳамчун падидаи навини ҷаҳонӣ қайд намудан лозим аст.

Шуруъ аз ибтидои асри XIX, раванди муҳоҷирати байналмилалии меҳнат диққати бисёре аз таҳқиқотчиёнро ба худ ҷалб менамуд. Рушди босуръати раванди муҳоҷират ва афзоиши зиёди шумораи муҳоҷирон дар охири асри XIX ва дар аввал ва нимаи асри XX таҳқиқотчиёнро водор намуд, ки омилҳои ба рушд ва инкишофёбии муҳоҷирати ҷаҳониро муайян намоянд. Дар тули панҷоҳ соли таҳқиқотҳои охир, назарияҳое пайдо шуданд, ки таҳлили муҳоҷиратро аз микро то макросатҳ имконпазир намуд [3].

Дар адабиёти илмии соҳа равишҳои зерин барои омӯзиши муҳоҷирати аҳолӣ таҳия шудаанд: функсионалӣ, таърихӣ-сохторӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки мо онро дар шакли расм бо чунин тарз пешниҳод намудаем (нигаред ба расми 1).

Муҳоҷират дар шароити мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ вазифаҳои мушаххасеро иҷро мекунад, ки ба шароити мазкур хосанд ва муҳимтарини онҳо омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Вазифаи иқтисодии муҳоҷирати аҳолӣ таъмини пайвастагии ҳамоҳангшудаи василаҳои истеҳсолот бо қувваи корӣ ва фаъолияти онҳо дар раванди истеҳсолот мебошад. Иҷрои пурраи ин вазифа дар заминаи иҷрои вазифаҳои умумии муҳоҷират: суръатбахшӣ, тақсимотӣ ва интихобӣ ба таъмини мукотибаи миқдорӣ ва сифатии байни омилҳои моддӣ ва шахсии истеҳсолот оварда мерасонад.

**Расми 1. Равишҳо, намудҳо, шаклҳо ва функсияҳои муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити муосир**
**Figure 1. Approaches, types, forms and functions of international labor migration in modern conditions**




Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Илова бар ин, муҳоҷирон оид ба тамоми хароҷотҳо ва даромадҳои оянда аз муҳоҷират огоҳ нестанд ва кишварҳои муҳоҷирдиҳанда (донорҳо) ва кишварҳои муҳоҷирқабулкунанда (ретсипиент) ба ҳам монанд нестанд, яъне шароити ягона ва баробари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар шароитҳои зист надоранд. Таъсири маҳдудиятҳои органҳои давлатӣ ба муҳоҷират низ дар ин назария ба инобат гирифта намешаванд [1].

Дар тафовути усули функсионалӣ, равиш ё усули таърихию-сохтории таҳлили муҳоҷират нақши интихобӣ-инфиродиро дар раванди интиқоли аҳолӣ ба назар нагирифта, баръакс тарафдорони ин равиш ба аҳаммияти бузурги нобаробарии сохторӣ дар иқтисодиёт ва фарқияти рушди иқтисодию сиёсии мамлактҳои ҷаҳон таъкид менамоянд. Ин равиш ба иқтисодиёти сиёсии К.Маркс ва назарияи низомҳои сиёсӣ (И. Валерштейн) асос ёфтааст ва онро ҳамчун падидае, ки аз камбудиҳо ва номутаносибии бозори капиталистӣ ташаккул меёбад, асоснок менамояд.

Дар маҷмуъ, тарафдорони равиши таърихию сохторӣ муҳоҷрати байналхалқиро аз нуқтаи назари маъюсона (пессимистӣ) баҳо дода, бар он ақида ҳастанд, ки он ба рушди кишварҳо бештар номувозинатӣ ворид карда, вазъи кишварҳои камбизоатро боз ҳам бадтар намуда, рушди кишварҳои сармоядориро (капиталистӣ) зиёдтар менамояд ва ба ҳаракати сармоя ба ин кишварҳо мусоидат мекунад. Чунин ақида, ки захираҳои меҳнатӣ дасраскунанда ва ҳаракаткунандаи сармоя дониста мешаванд, баҳсталаб ба назар мерасад.

Ин равишро аз нуқтаи назари неоклассикӣ, ки мувофиқи он сармояҳо ба самтҳои мутақобил ҳаракат доранд, фарқ мекунанд [2].

С. Кеслс ва М.Ҷ. Миллер ба чунин ақидаанд, ки равиши таърихию сохторӣ дар тавсиф ва омӯзиши муҳоҷирати байналмилалӣ ва нақши ҳаракати сармоя маҳдуд аст, аз ин рӯ, ба мисли усул ё назарияи неоклассикӣ наметавонад барои чунин раванди мушкил ҳамчун муҳоҷират истифода бурда шавад. Мувофиқи ақидаи Г. Хаз номутаносибӣ дар иқтисодиёт боиси пайдоиши муҳоҷират мегардад, ки ин дар навбати худ ба номувозинатӣ дар иқтисодиёт боис мегардад. Бинобар ин, бо беҳтар гардидани вазъи иқтисодиёти кишвар зарурат ба муҳоҷират паст мегардад ва ҳангоми пайдо гардидани мувозинати иқтисодӣ муҳоҷират аз байн хоҳад рафт [11].

Ба ақидаи намояндагони назарияи таърихию сохторӣ, муҳоҷират дар натиҷаи номутаносибӣ ва номувозинатии иқтисодиёт сар мезанад. Муҳоҷират ба ақидаи онҳо боиси шикасти низоми иқтисодӣ буда, аз вазъи бади иқтисодиёт хабар медиҳад [1].

Ба ғайр аз сабабҳое, ки ба раванди муҳоҷират муосидат менамоянд, инчунин, давомнокии равандҳои муҳоҷират аз нуқтаи назари фосила ва вақт низ таҳқиқ карда мешавад. Дар назарияи низомҳои ҷаҳонӣ муҳоҷирати байналмилалӣ ҳамчун раванди табиӣ ва ногузир дида мешавад, ки дар натиҷаи номутаносибӣ ва номувозинатӣ дар иқтисодиёти бозоргонӣ ба вуҷуд меояд ва бо динамикаю сохтори бозорҳои ҷаҳонӣ алоқаманд аст. Инчунин, муҳоҷират ҳамчун натиҷаи ташаккул ва рушди бозорҳои сармоядорӣ дар кишварҳое, ки рушд мекунанд, дида мешавад. Мувофиқи ин назария, фарқият дар музди меҳнат ва имконияти бо кор таъминкунӣ (шуғли аҳолӣ) омили асосии ҳаракати аҳолӣ байни мамлакатҳо намебошад [10].

Назарияи низомҳои ҷаҳонӣ ба он асос ёфтааст, ки аввалан, омили босуръат, ҳаракати оммавии аҳолӣ, равандҳои глобалӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад; дуюм, эҳтимолан муҳоҷирати байналмилалӣ байни мустамликаҳои собиқ ва соҳибони он пайдо мешавад, ки миёни онҳо муносибатҳои қавии иҷтимоию иқтисодӣ вуҷуд дорад; сеюм, ҷараёни байналмилалии захираҳои меҳнатӣ бо ҷараёни сармоя ва молҳо алоқаманд аст, зеро сармоягузориҳои хориҷӣ сабабҳои иловагиро барои ҳаракати аҳолӣ байни мамлакатҳо ташаккул медиҳанд, бинобар ин, органҳои давлатӣ, корпаратсияҳои байналмилалӣ ва трансмиллӣ метавонанд тавассути танзими фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷараёни интиқоли молҳо ва сармояҳо ба ҷараёни муҳоҷират таъсир расонанд.

Оид ба тавсифи назарияи муҳоҷирати аҳолӣ, равишҳои гуногун вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо назарияи муҳоҷиратро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд: назарияи муҳоҷирати мувозинатӣ ва назарияи муҳоҷирати фазоӣ-муваққатӣ ё «транзитӣ». Ба гурӯҳи якум, омилҳои «ҳаракатдиҳанда» ва «ҷалбкунанда», инчунин, назарияи неоклассикии муҳоҷират дохил мешаванд. Гурӯҳи дуюм бошад, дар худ назарияи фазоӣ - муваққатии муҳоҷират, назарияи интиқоли фазоӣ ва назарияи болоравии муҳоҷиратро мутаҳҳид месозад [5].

Гурӯҳи аввалро таҳлил намуда, муаллифон ба хулосае меоянд, ки одамон бо мақсади беҳтар намудани некуаҳволии худ, муҳоҷират менамоянд. Аз ин ақида бармеояд, ки муҳоҷират дар байни кулли ҷомеа рушд ва инкишоф ёфта истодааст ва он ҳамеша вуҷуд дорад. Аммо чунин тахмин ба равандҳои воқеӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон мувофиқат намекунад. Масалан, дар кишварҳои рушдёфта на танҳо ҷараёни воридшавии муҳоҷират дида мешавад, балки муҳоҷирати дохила ва ҷарёни муҳоҷират ба дигар мамлакат низ вуҷуд дорад. Муаллифон қайд менамоянд, ки муҳоҷират ба мисли ҳар гуна падидаи иҷтимоӣ, мушкилоти ғайримуқаррарӣ буда, бинобар ин, интизор шудани пайдоиши назарияи умумие, ки метавонад комилан тамоми равандҳои муҳоҷиратро дар дилхоҳ кишвар ва фосилаи вақт густариш диҳад, дуруст нест.

Назарияи нави иқтисодии муҳоҷират дар баробари назарияи неоклассикии муҳоҷират пайдо шудааст. Мувофиқи яке аз пояҳо ё худ ақидаҳои асосии назарияи неоклассикии муҳоҷират – қарори муҳоҷират намудан аз тарафи ҳар як фард мустақилона қабул карда мешавад ва дар навбати худ, назарияи нави иқтисодии муҳоҷират бошад, ба ақидаҳои муқобил асос ёфтааст, яъне: қарори тағйир додани ҷои зисти худ ва кор аз ҷониби хонаводаҳо ва оилаҳо қабул мегардад. Тибқи ин назария, ҳатто ҳангоми фарқияти

даромад байни кишварҳои пайдоиш ва қабулкунандаи муҳоҷират баробар ба сифр ҳам бошад, муҳоҷират нест нахоҳад шуд [7].

Назарияи нави иқтисодии муҳоҷират, аз як тараф, дар асоси танқиди назарияи неоклассикии муҳоҷират ва аз тарафи дигар бошад, ҳамчун илова бар он ба миён омадааст. Камбудии амсилаҳои неоклассикӣ ба он асос ёфтааст, ки ин амсилаҳо қобилияти тасвири равандҳои мураккаберо, ки дар ҳаёти воқеӣ рух медиҳанд, надоранд. Илова бар ин, дар солҳои 90-уми асри XX назарияи нави иқтисодии муҳоҷират маъруфият пайдо намуда, инчунин, дар он ақидаҳои усули таърихӣ-сохторӣ низ дида мешуд, ки тавассути он рафтори фардии муҳоҷирон васеътар омӯхта шуда, ба нақши хонаводаҳо дар қабули қарори муҳоҷират намудан аҳаммияти хосса дода мешавад [8].

Дар назария ба чунин мушкилиҳо дар бозор, аз ҷумла набудани сатҳи муносиби суғуртаи тиббӣ, меъёри баланди фоиз аз рӯйи қарзҳо, номукаммал будани танзими давлатӣ дар пешбурди бизнес, мушкилотҳо вобаста ба рушди институтҳои молиявӣ ва ба ин монанд камбудиҳо аҳамияти махсус дода мешавад. Номукаммалии бозор бештар дар кишварҳои рушдёфтаистода дида мешаванд ва ин баъзе аз аъзоёни оиларо маҷбур месозад, ки ба бозорҳои меҳнати кишвари дигар барои ҷустуҷӯи кор ҳаракат намоянд. Ҳамин тавр камбудиҳои бозор яке аз сабабҳои асосии пайдоиши муҳоҷирати қувваи корӣ мебошад. Давлат аз ҷониби худ на танҳо тавассути таъсиррасонӣ ба бозори меҳнат, балки бо роҳи мукаммалгардонии танзими бозорҳои молиявӣ, таъмини суғуртаи тиббӣ ва ба ин монанд масъалаҳо муҳоҷиратро танзим бояд намояд [7].

Дар муқоиса ба назарияи неокалассикӣ ва назарияи нави иқтисодии муҳоҷират, ки дар онҳо омили аввалиндараҷаи муҳоҷират қарор оид ба тағйир додани ҷои зисти фард (ё гурӯҳи одамон) баромад менамояд, назарияи бозорҳои дугонаи меҳнат муҳоҷиратро ҳамчун натиҷаи талабот ба қувваи корӣ дар кишварҳои саноатӣ шарҳ медиҳад. Ба ақидаи М.Пиор, яке аз намояндаи намоёни назарияи бозорҳои дугонаи меҳнат, дар ҷомеаҳои рушдёфта талаботи доимӣ ба қувваи кории муҳоҷирон аз сабаби вуҷуд доштани сохторҳои муайяни иқтисодии бозорҳои пешрафта мебошад. Омилҳои ҷалбкунанда дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ва дорои аҳаммияти аввалиндараҷа дар баробари инҳо, омилҳои ҳаракатдиҳанда бояд бошад, ба монанди сатҳи баланди бекорӣ ва сатҳи пасти музди меҳнат ба муҳоҷирон таъсир намерасонанд [12].

М.Пиор чор омили талабот ба қувваи кории берунаро дар кишварҳои рушдёфта қайд менамояд, ки яке аз ин чунин омилҳо падидаи зерин мебошад: агар дар бозори дохилӣ сатҳи пасти пешниҳоди меҳнат вуҷуд дошта, корфармо ба коргарони беихтисоси иловагӣ ниёзманд бошад, ин ҳолат ба арзонтар ва осонтар ҷалб намудани муҳоҷирон боис мегардад ва онҳо дар бозори миллии меҳнат ба коргарон дигар маоши баланд пешниҳод наменамоянд. Ҷалби кормандони иловагӣ дар бозори миллии меҳнат хароҷоти зиёдро талаб менамояд, чунки зарурати пардохти музди меҳнат афзоиш ёфта ва коргароне, ки дар мавқеи баланд қарор доранд, зиёд кардани маошро талаб менамоянд. Чунин тахминҳо аз ақидаҳои назарияҳои муҳоҷирати микросатҳ фарқ дошта, аммо бар хилофи он нестанд [12].

Агар дар бозори дохилӣ пешниҳоди меҳнат паст бошад ва корфармоён ба коргарони иловагӣ ниёз дошта бошанд, барои онҳо аз ҳама қулай ҷалби муҳоҷирон мебошад.

Омили дигари талабот ба қувваи кории беруна мушкилоти ҳавасмандгардонии кормандон мебошад. Дар ҳар як зинаи сохтори ҷомеа мушкилоти ҳавасмандкунӣ вуҷуд дорад, бахусус барои кормандони дорои тахассуси паст, чунки онҳо қариб имконияти баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ ва нуфузи вазифаи худро надоранд. Корфармоён дар навбати худ кӯшиш менамоянд, ки дар вазифаҳои сатҳи паст, кормандонеро ҷалб намоянд, ки асосан барои даромад фаъолият намуда ва бо мақоми иҷтимоии худ дар ташвиш нестанд. Барои корфармоён ҳалли мушкилоти ҳавасмандгардонии кормандон аз ҳисоби ҷалби муҳоҷирон осонтар аст, махсусан бо ҷалби он муҳоҷироне, ки нав ба мамлакати қабулкунанда омадаанд. Барои чунин коргарон гирифтани даромад ҳавасмандии асосии меҳнат буда, дар мамлакти худ нуфуз ва мақоми худро доранд, зеро онҳо дар кишвари рушдёфта фаъолият менамоянд ва ба наздикони худ маблағҳои пулиро интиқол медиҳанд [6].

Омили охиринро М. Пиор дуализм (духела, дугона) номидааст, ки байни меҳнат ва сармоя вуҷуд дорад ва боиси гурӯҳбандии сохтори бозори меҳнат мегардад. Ду омили истеҳсолотро муқоиса намуда, (сармоя ва меҳнат), муаллиф қайд менамояд, ки дар сурати кам шудани талабот ба онҳо, корфармоён оид ба нигоҳдошти онҳо чораҳои гуногунро меандешанд. Сармоя омили нисбатан муътадил аст ва ҳатто агар корфармоён онро пурра истифода ҳам набаранд, онҳо бояд хароҷоти марбут ба истифодаи он, ба монанди фоизҳо аз рӯйи қарз ва дигар хароҷотҳоро ҷуброн намоянд.

Ҳамчун илова бар назарияи шабакаҳои муҳоҷират ва назарияи институтсионалии муҳоҷират, назарияи андӯхтаи алоқаи сабабию тафтишотӣ – сабаби афзоиши ҷараёнҳои муҳоҷиратро бо вақт мефаҳмонад: бо ҳар як муҳоҷири нав, эҳтимолияти муҳоҷират намудани дигар аъзоёни ҷомеа низ афзоиш меёбад. Ҷ. Аранго, Ҷ. Хюго, А. Куочи, Д.Масси, А. Пелегрино, Е. Тейлор шаш омили иҷтимоӣ – иқтисодиро номбар менамоянд, ки муҳоҷирати байналмилалӣ ба онҳо таъсир мерасонад, аз ҷумла: тақсимоти даромад, тақсимоти замин, хоҷагии қишлоқ, хусусиятҳои фарҳангӣ, тақсимоти минтақавии сармояи инсонӣ ва таърифи иҷтимоии кор [12].

Муҳоҷирати байналмилалӣ ба тақсимоти даромад дар минтақаи муайян чунин таъсир мерасонад: пеш аз оғози муҳоҷират, даромади ин ҷомеа нисбатан паст буда, фарқият дар байни даромади гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ на он қадар зиёд дида мешавад. Вақте ки якчанд хонаводаҳо аъзоёни оилаи худро барои гирифтани фоида ба хориҷа мефиристанд, аз муҳоҷирон интиқоли маблағ, ки боиси афзоиши даромади онҳо мегардад, сурат мегирад. Дигар хонаводаҳо низ ба муҳоҷирати байналмилалӣ шуруъ мекунанд, ки даромади онҳоро зиёд гардонида, фарқияти байни даромадҳои хонаводаҳое, ки дар муҳоҷират қарор доранд ё баръакс дар ҷараёни муҳоҷират иштирок надоранд, афзоиш меёбад. Чи қадаре ки бештар хонаводаҳо интиқоли маблағҳоро аз муҳоҷирон гиранд, ҳамон қадар фарқияти даромади байни онҳо дар ҷомеа камтар мегардад. Ҳамин тавр, муҳоҷирати байналмилалӣ аввал фарқияти даромадҳоро дар минтақа зиёд менамояд ва бо афзоиши шумораи муҳоҷирон ин фарқият коҳиш меёбад.

Тибқи назария, азбаски бисёре аз заминҳои харида шуда истифода намешаванд, талабот ба коргарони маҳаллӣ коҳиш меёбад ва онҳо маҷбур мешаванд, ки дар кишвари дигар ба ҷустуҷӯи кор машғул шаванд. Ҳамин тариқ, муҳоҷирати байналмилалӣ бевосита ба тақсимоти замин дар минтақаҳои дорои сатҳи баланди муҳоҷират таъсир расонида, шумораи зиёди одамонро водор месозад, ки ватани худро тарк намоянд.

Муҳоҷирати байналмилалӣ ҳамчунин хусусиятҳои фарҳангиро, ки дар кишвар ё минтақаи муайян вуҷуд дорад, дигаргун месозад. Агар вазъияти иқтисодӣ чунин бошад, ки ҷавононро ба ҷустуҷӯи кор дар хориҷа водор созад, пас ин ҳолат фарҳанг ва арзишҳоро дар ҷомеа тағйир медиҳад. Бо гузашти вақт, бо афзоиши муҳоҷирони меҳнатӣ, дар ин минтақа фикру ақидаҳо оид ба зарурат ва ногузир будани муҳоҷират ҳукмрон мегарданд.

Зери таъсири муҳоҷирати байналҳалқӣ, тақсимоти минтақавии сармояи инсонӣ тағйир меёбад. Дар марҳилаҳои аввали пайдоиши муҳоҷират, минтақаи муайянро коргарони баландихтисос бо сатҳи баланди таҳсилот тарк менамоянд ва баъдтар бо ташаккул ва рушди шабакаҳои иҷтимоӣ байни кишварҳои пайдоиш ва қабул ба раванди муҳоҷират дигар намояндагони аҳолии қобилияти меҳнат ҷалб карда мешаванд. Муҳоҷират сабаби ҳаракати сармояи инсонӣ аз кишварҳои баромад гардида, ба андӯхти он дар кишварҳои қабулкунанда ва инчунин ба рушди иқтисодии онҳо муосидат намуда, шароити минбаъда барои муҳоҷират намудан ташкил мекунад [4].

Дар бисёре аз кишварҳои қабулкунанда, мавқеи иҷтимоии намуди муайяни кор аз шумораи муҳоҷироне, ки дар он фаъолият доранд, вобаста аст. Агар дар соҳа шумораи зиёди муҳоҷирон кор кунад, он гоҳ ин соҳа нуфузу эътибори пастро соҳиб мегардад ва шаҳрвандони кишвари қабули муҳоҷирон дар он фаъолият намудан намехоҳанд. Талабот ба захираҳои меҳнатӣ аз тарафи корфармоён ва пешниҳоди ками он дар кишвар муҳоҷиратро афзоиш медиҳад.

Аз ҳама ҷанбаҳои дар боло зикршудаи муҳоҷирати байналхалқии меҳнат раванди хосса дошта, он дар доираи назарияи андӯхтаи алоқаи сабабию тафтишотӣ хулосагирӣ шуда, дар алоқамандӣ бо рушди равандҳои муҳоҷират мустақилона бо қонунҳои худ

танзим карда мешаванд ва дар ин асос ба ҳукумат идора ва назорат кардани ҷараёни муҳоҷирон мушкил мегардад. Гирифтани номи «муҳоҷирон» соҳаи муайяни шаҳрвандони кишварро ҳатто дар шароити пасти иқтисодӣ аз худ дур месозад ва ин корфармоёнро водор месозад, ки ҳангоми пайдоиши талабот ба захираҳои меҳнатӣ боз ҳам муҳоҷиронро ҷалб намоянд.

Ҳамин тариқ, муҳоҷирати байналхалқӣ метавонад натиҷаи рушди иқтисодии кишвар бошад. Илова бар ин, муаллифон ба яке аз ақидаҳои назарияи нави иқтисодии муҳоҷират, оид ба омилҳои ба муҳоҷират таъсиркунанда тарафдоранд: маҳз камбудиҳо дар бозорҳои молиявӣ боиси пайдоиши муҳоҷират мегарданд, на ин, ки фарқияти музди меҳнат дар байни кишварҳо ва минтақаҳо.

Дар назарияҳои овардашуда тахмин карда мешавад, ки аз ҳолати бозори меҳнат дида, вазъ дар дигар бозорҳо бештар ба муҳоҷират таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, дар чунин ҳолат ақидаи назарияи неколассикии муҳоҷират оид ба фарқият дар музди меҳнат асос надорад.

Ақидаи дигари назарияи синтетикии муҳоҷират дар он аст, ки муҳоҷирон бештар ба он минтақаҳое сафар мекунанд, ки дар он ҷо робитаҳои хешу таборӣ ё дӯстӣ ва ё иқтисодию сиёсӣ дошта бошанд. Ин аз он сабаб мебошад, ки муҳоҷират қисм ё натиҷаи равандҳои васеи ҳамгироии соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ аст. Дигар ақида ин аст, ки дар бозорҳои меҳнатии кишварҳои пешрафта, талабот нисбат ба қувваи кории муҳоҷир зиёд аст. Махсусан аз корҳои номатлубе, ки шаҳрвандони кишварҳои қабулкунанда даст мекашанд, муҳоҷирон ба он ҷалб карда мешаванд. Сарфи назар аз он ки муҳоҷир кадом ҳадафро дорад, ҳангоми зиндагонӣ дар кишвари дигар ва гирифтани таҷриба ҳадаф ва мақсади ӯ дигаргун мегардад. Якҷоя бо мақсаду ҳадаф, талабот низ тағйир меёбад: муҳити нав тарзи ҳаёти дигарро талаб намуда ва он талаботҳое, ки дар кишвари қабулкунанда сар мезананд, қонеъ карда намешаванд. Илова бар ин, муҳоҷирон робитаҳои дӯстӣ пайдо менамоянд, ки ин боиси истодани онҳо дар кишвари дигар мегардад. Бинобар ин, муҳоҷирони муваққатӣ метаваонанд ба муҳоҷирони доимӣ табдил ёбанд.

Аз нигоҳи мо ҷаҳонишавӣ ба бозорҳои меҳнатии ҳамаи кишварҳо таъсир расонда истодааст ва ин таъсиррасонӣ рӯз аз рӯз зиёд шуда истода, тамоюли навро дар равандҳои муҳоҷират ташаккул додааст. Аз ин нуқтаи назар, равишҳои методологӣ ва назариявии омӯзиши муҳоҷират тағйиротҳоро талаб менамояд.

На танҳо равандҳои муҳоҷират, балки оқибатҳои он барои ҷомеа, ки дар шакли воридоти маблағҳои пулӣ аз муҳоҷирон зоҳир мешавад, дигаргун мегарданд ва ба он бояд диққати бештар дода шавад.

Албатта, кӯшиши сохтани амсилаи универсалии муҳоҷирати байналхалқӣ зарурати назариявӣ дорад. Аз тарафи дигар, чунин амсила барои таҳлили оммавӣ хеле душвор аст ва дар амалия истифодаи онро ғайриимкон месозад. Ҳангоме ки сухан дар бораи ягон назарияи иқтисодӣ ё амсилаи иқтисодӣ меравад, барои таҳқиқотчиён муайян кардани шумораи омилҳое, ки воқеан ба муҳоҷират таъсир мерасонанд, хеле душвор аст. Бинобар ин, аз нигоҳи мо, дар раванди таҳқиқот зарур аст, ки омилҳои нисбатан таъсирбахшро муайян намоем, зеро илова кардани ҳамаи омилҳо ба амсила ғайриимкон аст.

Сарфи назар аз шумораи зиёди таҳқиқотҳои муҳоҷирати байалхалқӣ, фаҳмиши воқеии ин падида, аз як тараф, танҳо ҳангоми таҳлили қисматҳои таркибии равандҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ имконпазир мегардад. Ҳамчунин, тайғиротҳо дар раванди муҳоҷират ва таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва минтақаҳо дар умум ба назар гирифта мешавад.

Агар тамоюлҳои асосии илмҳои иқисодиро дар соҳаи муҳоҷират аз назар гузаронем, диққати моро таҳаввулот дар нуқтаи назари олимони соҳаи иқтисодиёт ба худ ҷалб менамояд, ки онҳо омӯзиши омилҳою сабабҳои муҳоҷиратро ба пуррагӣ анҷом додаанд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Ғаниев Т.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Алешковский И.А. Моделирование миграционных процессов / И.А. Алешковский // Экономические исследования молодых ученых. -М., 2005. -№3. -С.18-25.

2. Ащеулова Н.А. Воспроизводство элиты в современных условиях: роль международной мобильности. - Проблемы деятельности ученого и научных коллективов: Вып. XXVII / Н.А. Ащеулова, С.А. Дутттина, В.М. Ломовицкая // Тезисы XXVI сессии Международной школы социологии науки и техники / под ред. проф. С.А. Кугеля. -СПб.: Изд-во Политехн. ун-та, 2010. -113 с.
3. Батищева Г.А. Миграционные процессы в России как фактор устойчивого развития экономики регионов: автореф. дисс. ... доктора экономических наук: 08.00.05 / Г.А. Батищева. -Ростов-на-Дону, 2011. -54 с.
4. Искандаров Х.Х. Проблемы кадрового обеспечения и утечка мозгов в условиях глобализации / Х.Х. Искандаров, Саъдуллозода Н.С. // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства Сборник научных трудов. В 2-х томах. Под общей редакцией З.О. Адамановой. - 2019. -С.676-680.
5. Искандаров Ҳ.Ҳ. Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзимнамоии он дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ҳ.Ҳ. Искандаров, Саъдуллозода Н. // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. -Душанбе, 2020. -№2. -С.117-124.
6. Искандаров Х.Х. Миграция населения и ее социально-экономические последствия / Х.Х. Искандаров, Д.Т. Ганиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/4-1. -С.57-62.
7. Маркс К. Вынужденная эмиграция. Энгельс. 2-е изд. Т. 8. -М.: Государственное издательство политической литературы, 1957. -706 с.
8. Медынский В.Г. Инновационное предпринимательство / В.Г. Медынский. -М.: Инфра-М, 1997. –С.34-36
9. Петрова Я.В. Социальные механизмы внешней трудовой миграции в Украине / Я.В. Петрова // Миграция и развитие. Материалы международной конференции Пятые Валентеевские чтения. Под редакцией В.А. Ионцева В 2-х томах (13-15 сентября 2007 г). 400с.
10. Шумпетер Й.А. Капитализм, Социализм и Демократия: пер. с англ. / Й.А. Шумпетер, Предисл. и общ. ред. В.С. Автономова. -М.: Экономика, 1995. -446 с.
11. Hage G. White Nation: fantasies of White supremacy in a multicultural society / G. Hage // Annandale, NSW: Pluto Press, 1998.
12. Piore M.J. Birds of Passage: Migrant Labor and Industrial Society. Cambridge: Cambridge University Press, 1979. - C.441-451.

## МУҲОҶИРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН РАВАНДИ МУРАККАБИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА САТҲИ ЗИСТИ АҲОЛӢ

Тамоюли бартариятдоштаи рушди муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб рафта, яке аз натиҷаи он, муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ мебошад. Дар мақола сабабҳои иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирати байналхалқӣ ва оқибатҳои он муҳокима карда мешаванд. Қайд карда мешавад, ки хусусияти хосси марҳалаи имрӯзаи рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ин муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ мебошад, ки дар даҳсолаҳои охир хеле босуръат рушд мёёбад. Муаллифон қайд мекунад, ки муҳоҷирати байналхалқӣ ҳамчун раванди иҷтимоию иқтисодӣ дар дигаргуниҳои иқтисодӣ, этникӣ ва демографӣ нақши назаррас дошта, дар рушди ҷамеаҳо ва дар маҷмуъ ба ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии одамон пешбинӣ шудааст. Муайян карда шуд, ки муҳоҷирати байналхалқии меҳнатӣ на танҳо ба бозорҳои миллии меҳнат, балки ба бозори ҷаҳонӣ низ таъсир мерасонад. Ин як падидаи бисёрҷанба буда, ба яке аз муҳимтарин унсурҳои равобити иқтисодии байналмилалӣ табдил ёфтааст. Ғайр аз ин, муаллифон қайд мекунанд, ки мушкилии омӯзиш ва таҳлили муҳоҷирати байналхалқии меҳнатӣ аз он иборат аст, ки одамон дар он иштирок мекунанд ва рафтори онҳо на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ муайян карда мешавад. Маълум карда шуд, ки ҳоло омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, таърихӣ, экологӣ ва дигар омилҳо ба муҳоҷират таъсир мерасонанд.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷирати меҳнати, ҷаҳонишавӣ, равандҳои муҳоҷират, қувваи корӣ, хоҷагии ҷаҳонӣ, муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ.

## МЕЖДУНАРОДНАЯ ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ КАК СЛОЖНЫЙ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ПРОЦЕСС И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА УРОВЕНЬ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ

Доминирующей тенденцией развития международных экономических отношений является глобализация, и ее следствием является международная миграция населения. Миграционные процессы влияют на экономические аспекты, в том числе на социальную и культурную жизнь населения национальных экономик, которые вовлечены в эти отношения. В статье рассмотрены социально-экономические причины международной миграции а также ее последствия. Отмечается, что характерной чертой современного этапа развития международных экономических отношений является международная миграция рабочей силы, которая развивается очень стремительно в последние десятилетия. Авторы отмечают, что международная миграция как социально-экономический процесс играет значительную роль в экономических, межэтнических и демографических изменениях, более того в развитии сообществ и общества в целом и имеет проекцию в общественно-политическую и культурную жизнь людей. Выявлено, что международная трудовая миграция влияет не только на национальные рынки труда, но и на глобальный рынок. Она представляет собой многогранное явление, которое превратилось в один из важнейших элементов международных экономических отношений. При этом автор указывает, что сложность изучения и анализа международной трудовой миграции заключается в том, что в ней принимают участие индивиды, поведение которых обусловливается не только экономическими мотивами. Выявлено, что ныне на миграцию

влияют экономические, политические, социальные, демографические, исторические, экологические и другие факторы.

**Ключевые слова:** трудовая миграция, глобализация, миграционный процесс, рабочая сила, мировое хозяйство, международные экономические отношения.

## INTERNATIONAL LABOR MIGRATION AS A COMPLEX SOCIO-ECONOMIC PROCESS AND ITS IMPACT ON THE STANDARD OF LIVING OF THE POPULATION

The dominant trend in the development of international economic relations is globalization, and its consequence is international migration. Migration processes affect economic aspects, including the social and cultural life of the population of the national economies that are involved in these relations. The article examines the socio-economic causes of international migration as well as its consequences. It is noted that a characteristic feature of the current stage of development of international economic relations is the international migration of labor, which has been developing very rapidly in recent decades. The authors note that international migration as a socio-economic process plays a significant role in economic, interethnic and demographic changes, moreover, in the development of communities and society as a whole and has a projection into the socio-political and cultural life of people. It was revealed that international labor migration affects not only national labor markets, but also the global market. It is a multifaceted phenomenon that has become one of the most important elements of international economic relations. At the same time, the author points out that the difficulty of studying and analyzing international labor migration lies in the fact that individuals whose behavior is determined not only by economic motives take part in it. It has been revealed that migration is currently influenced by economic, political, social, demographic, historical, environmental and other factors.

**Keywords:** labor migration, globalization, migration process, labor force, world economy, international economic relations.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Искандаров Ҳофиз Ҳакимович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988 28 60 05.** E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**
***Саъдуллозода Насруллои Саъдулло*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Адрес:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **nasrullo_1991@mail.ru.** Телефон: **985-16-91-91**

**Сведения об авторах:** ***Искандаров Хофиз Хакимович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**
***Саъдуллозода Насруллои Саъдулло*** – Таджикский национальный университет, доктор Ph.D, старший преподаватель кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **nasrullo_1991@mail.ru.** Телефон: **985-16-91-91**

**Information about the authors:** ***Iskandarov Khofiz Khakimovich*** **–** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Human Resource Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-28-60-05**. E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**
***Sadullozoda Nasrulloi Sadullo*** **–** Tajik National University, Ph.D, senior lecturer at the Department of Human Resource Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **nasrullo_1991@mail.ru.** Phone**: 985-16-91-91**

**УДК: 336.714(575.3)**

# СИСТЕМА ОСНОВНЫХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РАСПРЕДЕЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОГО РИСКА НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Шоймардонов Х.К., Шарипов У.А.***
**Таджикский национальный университет**

Стабильное экономическое положение производственных предприятий на исключительно высоком уровне зависит от того, что в их деятельности рассматриваются все виды факторов риска (рисунок 1).

**Рисунок 1. Основа риска реализации инвестиционного проекта**
**Figure 1. Basis of risk in implementing an investment project**




Составленн авторами.

Характер деятельности отечественных производственных предприятий таков, что они находятся под воздействием общеэкономических и специальных факторов риска. Общеэкономические факторы риска представляют собой особую предпринимательскую деятельность и имеют особые характеристики в любой экономической среде, особенно национальной экономике и отдельных видах предприятий. В свою очередь, на высоком уровне наблюдаются особые факторы экономического риска, которые могут быть следствием углубленных дефектов, выхода отечественных предприятий из центральных хозяйственных административных группировок, а также особенностей переходного периода.

Чтобы определить уровень риска в конкретной ситуации, необходимо подготовить экономические задачи, собрать первичные данные по анализу предприятия – субъекта риска. Этот первый период называется «обнаружением факторов риска предприятия» и включает в себя два основных этапа: сбор информации, связанной с характеристиками предприятий, и выявление потенциальных рисков.

Производственные предприятия представляют собой сложную многофункциональную систему и сумму ее функциональных подсистем. С точки зрения деятельности предприятий и их подсистем, можно описать положительные показатели, каждый из которых дает несколько данных и может быть использован для решения различных вопросов управления предприятием.

Влияние научно-технического процесса в такой сложной системе, как предприятие, огромно. В рамках высокоскоростных электротехнических, компьютерных и технических технологий создаются новые экспериментальные материалы для десятилетнего отчета о строгих производственных изменениях на предприятии, что позволяет выпускать качественную продукцию и избежать спадов производства, увеличения себестоимости продукции и человеческих ресурсов от чрезмерного использования.

Уровень профессионального образования является важным фактором современного развития предприятия и социальной стабильности. Этот фактор временный и внутренний. Современная информация изучает характеристики поставщика своей организации.

Скорость перехода к рыночной экономике способствует развитию и экономической устойчивости предприятия, поскольку основа рыночных связей стабилизирует их

взаимоотношения. Отсюда развитие данной отрасли во многом зависит от инвестиционной привлекательности страны. В Национальной стратегии развития страны говорится, что государству необходимо увеличить объем производства конечной продукции и увеличить число заводов и фабрик [9]. Большинство из них на пути к этой цели меняют общественное сознание и адаптируются к новой политике рыночной экономики в государстве.

Экономическая ситуация является одним из важных и влиятельных факторов развития предприятия. Значением действий отечественных предприятий является фондовый рынок, ценообразование на энергоносители, курс национальной валюты, уровень инфляции, процентная ставка по кредитам, показатели состояния национальной экономики. Рост и развитие предприятий имеет большое значение в развитии экономики страны. Прибыльное экономическое развитие имеет важное значение в повышении корпоративной активности, развитии предприятия и его отрицательном спаде. Экономическая ситуация описывается как серьезный фактор, влияющий на развитие предприятия.

Информационные технологии и информационное обеспечение необходимо выделять как отдельные факторы, поскольку информационное обеспечение на основе информационных технологий чрезвычайно важно без преувеличения в связи с быстро развивающейся системой связи. Современные предприятия включают группы данных в прямом и переносном смысле. Этот фактор может быть связан с внутренней и внешней средой предприятия. Следовательно, чем более эффективна группа продуктов на предприятии, тем более устойчивыми они становятся и анализируют данные внешней среды, от чего зависит их дальнейшее развитие.

Ресурсное обеспечение – совокупность материальных, финансовых и трудовых ресурсов, необходимых для работы предприятия. На каждом предприятии должен составляться серьезный отчет о необходимых и использованных ресурсах, что позволяет предприятию эффективно их использовать.

Партнеры и конкуренты. Развитие мировой экономики показывает, что рынок и конкуренция являются основными механизмами развития современной экономики по сравнению со всеми их движущими факторами. Эффективность рыночных операций выше, чем при совершенной конкуренции и в условиях их раскрытия.

Конкуренция требует условных экспериментальных, технологических, экономических и организационных связей. Поэтому партнеры и конкуренты оказывают большое влияние на деятельность компании. В условиях плановой экономики существовала устойчивая связь между предприятиями совместного производства. С распадом Советского Союза в условиях рыночной экономики многие связи между предприятиями были разрушены, в связи с чем в последующий период экономического кризиса появилась особая линия в расположении между предприятиями, их устойчивые партнерские отношения были разорваны, и в результате многие предприятия прекратили свои первоначальные отношения, либо были вынуждены взять на себя производство совместных препаратов и искать новых мощных партнеров.

Предпринимательство и конкуренция являются одним из движущих элементов экономического развития. В частности, конкуренция позволяет проводить корпоративные мероприятия, готовить конкурентоспособную продукцию и предоставляеть работникам лучшие условия труда. В настоящее время конкуренция усиливается не только на товарном рынке (острая конкуренция иностранных конкурентов, пытающихся освоить внутренний рынок), но и на рынке материалов и трудовых ресурсов. Прямой конфликт в основном затрагивает внутреннюю среду предприятия, особенно производственных организаций. Поэтому в условиях рыночной экономики необходимо анализировать и повышать конкурентоспособность подготовки продукции, позволяющей предприятию не только существовать, но и развиваться.

Потребители продукции представляют собой один из наиболее значимых факторов внешней среды и эффективного развития предприятия. В рыночной экономике богатство предприятий особенно зависит от потребителя. Эта система правил таких авторитетных ученых в области менеджмента, как Т. Питер, П. Друкер, Ф., при поддержке Роджерса и др. Внешняя среда влияет на предприятие через потребителей и определяет его стратегию.

Производство – сложный процесс, учитывающий особенности оборудования, технологии, определяющий персонал предприятия, специалистов всех уровней компетентности, прежде

всего в области управления. Поэтому большое количество использования оборудования и технологий зависит от качества подготовки продукции, поэтому она конкурентоспособна. Организация конкурентоспособного производства по подготовке продукции – это, прежде всего, стратегическое направление предприятия. Конкурентоспособность продукции предприятия – это производственная мощность, ее качество и количество, обеспечение подготовки и реализации высококачественной продукции, среди высоких маркетинговых показателей.

Показателями конкурентоспособности продукции являются:

- выполнение рыночных составляющих роста продукции;
- увеличение доходов от каждой операции;
- высокий научно-технический уровень;
- технические и производственные данные;
- повышение интеллектуального уровня персонала предприятия;
- высокие показатели по улучшению условий труда и снижению вероятности отказа предприятия.

Организационная деятельность понимается как система, позволяющая рационально использовать людей, финансы, оборудование, рабочую силу и пространство предприятия. Только проводя комплексную инвестиционную и промышленную политику, согласованную со стратегическими приоритетами развития, можно добиться повышения эффективности инвестиционных вложений в наиболее значимых секторах экономики [12].

Конкурентоспособность продукции. Товар конкурентоспособен, когда он обладает сочетанием потребительских характеристик и ценности, обеспечивающих его коммерческий успех.

Конкурентоспособность продукта и его успех могут быть обеспечены в процессе качественной разработки, но истинная конкурентоспособность оценивается на рынке только в момент сравнения с такой же и аналогичной продукцией. Эффективность потребителя определяется как совокупная выгодная связь результата, суммы продукции потребительского характера с совокупными произведенными и использованными затратами.

8. Сагинова О.В. Связь научных исследований и образовательного процесса в вузах / О.В. Сагинова, Н.Б. Завьялова, Д.А. Штыхно // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2012. -№12(54).
9. Цёхла С.Ю. Методические подходы к оценке эффективности труда научно-педагогических работников при цифровых трансформациях образования / С.Ю. Цёхла, Н.Н. Орлова // Экономика труда. - 2021. -№2. -том 9.
10. Felder L.M. The Myth of superhuman professor / L.M. Felder // Journal of engineering education. – 2004. –Vol. 83.
11. Marsh H.W. The relation between research productivity and teaching effectiveness / H.W. Marsh // Journal of higher education. – 2002. -Vol. 73.


## ТАҲИЯИ МЕХАНИЗМИ БАҲОДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ ҲАЙЪАТИ ОМӮЗГОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ


Дар мақола аҳаммияти баҳодиҳии объективӣ ба фаъолияти илмии ҳайъати омӯзгорони мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, мушкилоти ин соҳа муайян карда шудааст. Мавқеи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии ҳайъати омӯзгорӣ дар баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳо асоснок карда шудааст. Таклиф карда мешавад, ки донишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил карда шаванд, ки дар онҳо кадрҳои илмӣ ва базаи дахлдори моддию техникӣ барои кор карда баромадан ва ҷорӣ намудани технологияи нав бо мақсади тезондани саноатикунонии мамлакат ҷамъ карда шаванд. Ба он диққат дода мешавад, ки барои ба даст овардани самараи синергетикӣ дар раванди таълим натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии ҳайъати омӯзгорӣ дар раванди таълим истифода бурда шаванд, донишҷӯён ба фаъолияти илмӣ

бештар ҷалб карда шаванд. Методологияи баҳодиҳии фаъолияти илмии ҳайъати омӯзгорони донишгоҳҳо пешниҳод шудааст, ки қисми таркибии баҳодиҳии фаъолияти ҳайъати омӯзгорони донишгоҳ буда, барои ҳавасмандгардонии моддӣ истифода мешавад.
**Калидвожаҳо:** муассисаи олии таълимӣ, ҳайати омӯзгорӣ, фаъолияти омӯзгорӣ, фаъолияти илмӣ, сифати таҳсилот, баҳодиҳии сифат, рейтинг, ҳавасмандгардонии моддӣ.

## РАЗРАБОТКА МЕХАНИЗМА ОЦЕНКИ НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ППС ВУЗОВ

В статье обоснована значимость объективной оценки научной деятельности ППС вузов Таджикистана и выявлены проблемы в этой отрасли. Обоснована роль научно-исследовательской деятельности ППС в повышении качества подготовки кадров. Предложено создание научно-исследовательских университетов, в которых будут сконцентрированы научные кадры и соответствующая материально-техническая база для разработки и внедрения новых технологий, с целью осуществления ускоренной индустриализации страны. Акцент сделан на то, что для достижения синергетического эффекта в образовательном процессе результаты научно-исследовательской деятельности ППС должны быть использованы в учебном процессе, следует больше привлекать студентов к научно-исследовательской деятельности. Приведена методика оценки научной деятельности ППС вузов, которая является составной частью интегральной оценки деятельности ППС вуза и используется для материального стимулирования.
**Ключевые слова:** вуз, профессорско-преподавательский состав (ППС), преподавательская деятельность, научная деятельность, качество образования, оценка качества, рейтинг, материальное стимулирование.

## DEVELOPMENT OF A MECHANISM FOR ASSESSING THE RESEARCH ACTIVITIES OF UNIVERSITY TEACHING STAFF

The article substantiates the importance of an objective assessment of the scientific activities of teaching staff at universities in Tajikistan and identifies problems in this industry. The role of research activities of teaching staff in improving the quality of personnel training is substantiated. It is proposed to create research universities in which scientific personnel and the corresponding material and technical base will be concentrated for the development and implementation of new technologies, with the aim of accelerating the industrialization of the country. The emphasis is placed on the fact that in order to achieve a synergistic effect in the educational process, the results of research activities of teaching staff should be used in the educational process, students should be more involved in research activities. A methodology for assessing the scientific activities of university teaching staff is presented, which is an integral part of the integral assessment of the activities of university teaching staff and is used for material incentives.
**Keywords:** university, teaching staff (teaching staff), teaching activities, scientific activities, quality of education, quality assessment, rating, financial incentives.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ахмедов Усманжон Хамиджонович*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷмент. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. E-mail: **u.ahmedov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 927-78-32-67**
***Баҳодурова Сулҳия Азизходжаевна*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷмент. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. E-mail**: sulhiya2809@gmail.com**. Телефон: **(+992) 927-70-37-64**

**Сведения об авторах:** ***Ахмедов Усманжон Хамиджонович*** - Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета им. М.Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры инженерной экономики и менеджмента. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, Худжанд, проспект И. Сомони, 226. E-mail: **u.ahmedov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 927-78-32-67**
***Баходурова Сулхия Азизходжаевна*** - Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета им. М.Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры инженерной экономики и менеджмента. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, Худжанд, проспект И. Сомони, 226. E-mail**: sulhiya2809@gmail.com**. Телефон: **(+992) 927-70-37-64**

**Information about the authors:** ***Akhmedov Usmanjon Khamidzhonovich*** - Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after M. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Engineering economics and management. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 226. E-mail: **u.ahmedov@mail.ru.** Phone: **(+992) 927-78-32-67**
***Bakhodurova Sulkhiya Azizkhodzhaevna*** - Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after M. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Engineering economics and management. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 226. E-mail**: sulhiya2809@gmail.com**. Phone: **(+992) 927-70-37-64**

ТДУ: 347.93(575.3)

# ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ШУРАВӢ ДАР СОҲАИ НИКОҲ

*Азиззода У.А., Файзова М.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Давраи амали ҳуқуқи шуравӣ яке аз давраҳои инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар ин давра муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба никоҳ хусусиятӣ меъёрӣ-ҳуқуқӣ касб намуда, дар сарчашмаҳои мухталиф мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шуданд. Бо ин назардошт омӯзишу таҳқиқи инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ бисёр мубрам мебошад. Зеро ки аксари меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории оилавии имрӯзаи кишвар сарчашмаи худро аз қонунгузории замони шуравӣ мегиранд. Ғайр аз ин, дар ҳуқуқи шуравӣ дар тамоми марҳилаи таърихӣ бори аввал санадҳои мухталифи ҳуқуқӣ сирф оид ба оила ва никоҳ қабул карда шуданд, ки танҳо баҳри танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба никоҳ равона шуда буданд ва чунин санадҳо дар давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ба назар намерасиданд. Маврид ба зикр аст, ки омӯзиши ҳуқуқи шуравӣ дар солҳои 1917 то аввалҳои соли 1990 таҳқиқоти бештарро талаб менамояд, зеро низоми ҳуқуқи шуравӣ ба муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ расонидааст [2,с.242]. Ба андешаи муҳаққиқон, яке аз давраҳои таърихии инкишофи ҳуқуқ ин давраи шуравии инкишофи ҳуқуқи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар сарзамини Тоҷикистон зиёда аз 70 сол амал кардааст [3,с.50].

Дар дигар адабиётҳо низ қайд мегардад, ки ташаккул ва инкишофи давлат ва ҳуқуқи шуравӣ дар Тоҷикистон дорои махсусиятҳои худ буд, зеро он дар ҳоле ташкил гардид, ки халқи тоҷик дар шароитҳои гуногуни таърихӣ зиндагӣ карда буданд [1,с.228]. Ба андешаи Бобохонов Ф.А., инкишофи минбаъдаи низоми ҳуқуқи шуравӣ ва васеъ гардидани меъёрҳои муосири ҳуқуқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, эътирофи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон дар умум ва ҳифзи инсон аз зарари маънавӣ дар алоҳидагӣ ба давраи мазкури инкишофи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон рост меояд. Санаи 30-юми декабри соли 1922 Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (минбаъд ИҶШС) ташкил гардида, то санаи 26-уми сентябри соли 1991 арзи ҳастӣ намуд. Давраи мазкур бо махсусиятҳои худ аз дигар давраҳои ташаккул ва инкишофи низоми ҳуқуқи Тоҷикистон фарқ менамояд [5,с.256].

Дар адабиётҳо ташаккулу инкишофи қонунгузории оилавиро дар ҳуқуқи шуравӣ ба якчанд марҳилаҳои таърихӣ ҷудо кардаанд. Масалан, мутобиқи назарияи даврабандии У.С. Нилова, қонунгузории оила дар таърихи давлат ва ҳуқуқи дохилии шуравӣ чунин марҳилаҳоро аз сар гузаронидааст: 1) солҳои 1917-1926 – ташаккули ҳуқуқи оилавии шуравӣ баъд аз Инқилоби Октябри соли 1917; 2) Солҳои 1926-1969 – қабули санади нави меъёрии ҳуқуқии «Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояту парасторӣ», ки ба шарофати он қонуни оилавӣ инкишоф ва танзими ҳуқуқи оиларо ба даст овард, муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ хусусияти устуворро касб намуд; 3) солҳои 1969-1990 – 27 июни соли 1968 Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи никоҳ ва оила қабул карда шуданд. Дар ин давра танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳ танҳо ба эътибори қонунӣ эътироф кардани ақди никоҳи бақайдгирифташуда асос ёфтааст. Дар бораи молу мулки шахсии ҳар як зан, дар бораи ба зани ҳомила додани алимент қоидаҳо муқаррар шуда буданд [17,с.369-370].

Дар даврабандии мазкур ба ду маҳаки асосӣ – яке, Инқилоби Октябр ва дигаре қабули санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ такя карда шудааст. Ба андешаи мо, камбудиҳои асосии даврабандии мазкур дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад: аввалан, дар марҳилаи якум ташаккули ҳуқуқи оилавии шуравӣ пас аз Инқилоби октябр, вале то соли 1926 нишон дода шудааст. Ҳол он ки марҳилаи "пас аз Инқилоби Октябр" метавонад то давраи парокандашавии Иттиҳоди Шуравӣ бошад. Сониян, чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба оила ва никоҳ ҳанӯз аз солҳои 1918 қабул гардида буданд, бинобар ин, ба

андешаи мо, даврабандии мазкур инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба оила ва никоҳ ба пуррагӣ инъикос наменамояд.

Академик М.А. Маҳмудзода зимни таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ се марҳилаи асосии инкишофи муносибатҳои оилавиро дар умум ҷудо кардааст: 1) марҳилаи аввал - танзими ҳуқуқии никоҳ ва оила то ғалабаи Инқилоби Октябр дар Тоҷикистон; 2) марҳилаи дуюм - танзими ҳуқуқии никоҳ ва оила дар Тоҷикистон баъди ғалабаи Инқилоби Октябр; 3) марҳилаи сеюм - танзими муносибатҳои оилавӣ дар замони муосир [16,с.20]. Аз даврабандии мазкур бармеояд, ки танҳо марҳилаи дуюм ба ҳуқуқи шуравӣ мансуб мебошад.

Академик Ф.Т. Тоҳиров инкишофи ҳуқуқро дар Тоҷикистони шуравӣ на танҳо дар муносибатҳои оилавӣ, балки дар умум низоми ҳуқуқи шуравиро ба чор марҳила ҷудо намудааст: 1) марҳилаи аввал аз ибидои барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ то давраи гузаронидани тақсимоти миллӣ-ҳудудиро дар бар мегирад; 2) марҳилаи дуюм ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон ва инкишофи низоми давлатдорӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистонро дар ҳайати Ҷумҳурии Сотсиалистии Ӯзбекистон ва Иттифоқи Шуравиро дар бар мегирад; 3) марҳилаи сеюм аз давраи ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ҷумҳурии Сотсиалистии Ӯзбекистон ба ҷумҳурии алоҳидаи шуравиро дар бар мегирад; 4) марҳилаи чорум ин инкишофи низоми ҳуқуқи сотсиалистии мутараққӣ ва ташаккули демократисозии он дар ҳайати низоми ҳуқуқи шуравӣ ва замони амали он то сохтмони низоми нави ҳуқуқи миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад [18,с.164]. Даврабандии мазкур ҳарчанд аз инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба оила ва никоҳ ишора наменамояд, вале дар умум тамоми марҳилаҳои инкишофи ҳуқуқро дар Тоҷикистони шуравӣ нишон додааст, ки бешубҳа, ташаккули қонунгузории оилавӣ ва никоҳ низ ба он дохил мешавад.

Бояд қайд намуд, ки институти даврабандӣ яке аз институтҳои муҳимтарини илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, ба марҳилаҳои алоҳида ҷудо кардани инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ омӯзиш ва таҳқиқи масъаларо боз ҳам равшантар мегардонад. Зеро ки худи институти никоҳ дар ҳуқуқи шуравӣ марҳилаҳои мухталифи таърихӣ-ҳуқуқиро аз сар гузаронидааст. Дар ин хусус академик М.А. Маҳмудзода дуруст қайд намудааст, ки ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ марҳилаҳои гуногуни инкишофро паси сар намудааст, ки дарки онҳо аз лиҳози робитаҳои таърихӣ хеле муҳим буда, барои таҳқиқи ҳаматарафаи инкишофи илми ҳуқуқи оилавӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Донистани таърих ва сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ барои ҳамаҷониба аз худ кардани падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқи оилавӣ ва дар заминаи сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқӣ баровардани хулосаи зарурӣ мусоидат менамояд [16,с.20].

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои боло метавон чунин хулоса кард, ки даврабандии инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дорои аҳаммияти калони назариявӣ буда, ҳамзамон институти мазкур дар ҳуқуқи шуравӣ марҳилаҳои гуногуни таърихиро тай намудааст. Бо назардошти ин, мо метавонем чунин даврабандии инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба институти никоҳ пешкаш намоем: 1) инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи пасазинқилобӣ ва барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ (солҳои 1917-1924); 2) ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929); 3) рушди қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1929-1998).

Бояд тазаккур дод, ки даврабандии мазкур бо назардошти вазъи сиёсию ҳуқуқии Тоҷикистон дар давраи амали Ҳокимияти Шуравӣ пешниҳод шудааст. Агар мо вазъи сиёсию ҳуқуқии минтақа ва ё ҷаҳонро ба инобат гирем, он гоҳ метавонем даврабандии инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба институти никоҳ дар шакли зерин пешниҳод намоем: 1) инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ пас аз Инқилоби Октябр (солҳои 1917-1938); 2) ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон ва солҳои аввали баохиррасии он (солҳои 1939-

1947); 3) рушди қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва қабули санадҳои муҳимми байналмилалӣ (солҳои 1948-1998).

Новобаста аз андешаҳои боло, инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ аз давраи пасазинқилобӣ оғоз гардидааст. Баъди Инқилоби Октябри соли 1917 муносибати ҷамъият оид ба оила ва никоҳ ба куллӣ тағйир ёфт, аз ҷумла, қонунҳои нав қабул карда шуданд, ки ба дигаргуниҳои тарзи ҳаёти оилаи шуравии бавуҷудоянда таъсир расониданд. Бори аввал бо Декрети Шурои Комиссарони Халқии ҶФШСР «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, кӯдакон ва дар бораи нигоҳ доштани дафтарҳои санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ» дар соли 1917 барои иҷрои вазифаи қайди ақди никоҳ мақомотҳои САҲШ ташкил карда шуданд [14,с.123]. Ғалабаи Инқилоби Октябр ва барқарор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ дар танзими муносибатҳои никоҳ ва оила мавқеи меъёрҳои ҳуқуқи мусулмониро маҳдуд намуда, ба он хислати дунявиро дод. Барои ташаккул ва инкишофи қонунгузории оилавӣ, ки муносибатҳои никоҳу оилавиро танзим мекунад, аҳаммияти санадҳои ҳуқуқии шуравӣ роҷеъ ба никоҳ калон мебошад. Масалан, 18-19 декабри соли 1917 КИМ-и умумироссиягӣ ва Шурои Комиссарҳои халқии ҶФШСР ду Декрет - «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва «Дар бораи бекоркунии никоҳ» қабул кард, ки ин декретҳо на фақат ҳолати бунёди муносибатҳои никоҳу оиларо аниқ ифода мекарданд, балки барои қабули минбаъдаи қонунҳои никоҳу оила заминаи ҳуқуқӣ гузошта буданд [16,с.23].

Дар ин хусус дар дигар адабиётҳо қайд мегардад, ки тағйироти таърихии соли 1917 дар Русияи подшоҳӣ ба тағйироти ҷаҳонӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ оварда расонид. Аввалин тағйирот ин буд, ки ҳукуматдорон кӯшиш карданд, ки арзишҳои инқилобиро ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил диҳанд. Ҳам ҳуқуқи оила ва ҳам маданияти муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ дар Россия, ки оиларо муҳимтарин ҷузъи маънавии ҷомеа медонист, ислоҳоти амиқро аз сар гузарониданд [13,с.104-105]. Оид ба санадҳои мазкур дар адабиётҳо қайд мегардад, ки ин ду ҳуҷҷат маънои тамоман вайрон кардани қонуни оилавии пешазинқилобиро дошт. Мувофиқи декрети якум мақомҳои динӣ аз иштирок дар қайди санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ хориҷ карда шуданд. Танҳо никоҳи шаҳрвандӣ эътибори қонунӣ дошт. Ҳама маҳдудиятҳои қонунии никоҳро аз байн бурд. Масъалаҳои мансубият ба ин ё он табақа, миллат, дин барои қайди ақди никоҳ аҳаммияте надоштанд. Сарфи назар аз навовариҳо рафтори аҳолӣ дар доираи ақидаҳои анъанавии никоҳ ва оила боқӣ монданд. Дар муддати тулонӣ никоҳи шаҳрвандӣ барои аҳолӣ ихтиёрӣ боқӣ монд ва танҳо дар натиҷаи фишори шадиди мақомот шакли шаҳрвандӣ дар ҳама ҷо паҳн карда шуд [8,с.104]. Дар солҳои аввали пасазинқилобӣ тибқи қонунгузорӣ давлат муносибатҳои никоҳ ва оилавиро ҷиддитар таҳти назорати худ гирифт, ки ин дар маҷбур кардани шаҳрвандон барои иҷро намудани уҳдадориҳои оилавӣ зоҳир мегардид. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки дар муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ ҷузъи инқилобӣ (идеологӣ) бо меъёрҳои ҳуқуқӣ торафт бештар иваз карда мешуд. Дар баробари ин, таъқиби ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ пурзӯр карда мешуданд.

Ба андешаи Ш.Ш. Шосаидзода, давлат аз назари сиёсӣ намехост оила ва тарбияи кӯдакро, махсусан баъди он ки дин аз давлат ҷудо карда шуд, бетаваҷҷуҳ гузорад. Давлат, пеш аз ҳама, мафҳуми «ҳокимияти волидайнӣ»-ро дар Декрети КИМ ИҶШС аз 18 декабри соли 1917 «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, кӯдакон ва пешбурди китобҳои асноди ҳолати шаҳрвандӣ» барҳам дода буд ва санади мазкур ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобилаи волидон ва кӯдаконро муқаррар мекард [20,с.76-77]. Декрет «Дар бораи бекор кардани ақди никоҳ», ки озодии комили ҷудошавиро ҷорӣ намуд, низ инқилобӣ ба ҳисоб мерафт. Никоҳ бо розигии ҳамдигарии зану шавҳар ё ҳатто бо баёни беасоси яке аз онҳо бекор кардашуда эътироф мегардид. Зан барои ҷудошавӣ чунон ҳуқуқу озодиҳои васеъ гирифт, ки метавонад бо сабабҳои гуногун ҷудошавиро талаб кунад. Тартиби бекор кардани ақди никоҳ бо як қарори судя маҳдуд карда шуд. Ҳамин тариқ, тартиби пешазинқилобии мурофиаи ақди никоҳ, ки танҳо ба эътирофи ҳолатҳои форс-мажор асос ёфта буд, ки идомаи минбаъдаи ақди никоҳро имконнопазир мегардонд, аз байн рафт [8,с.104-105].

Қадами дигар дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ ин қабули Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва

васояти ҶФШСР ба ҳисоб мерафт, ки 16-уми сентябри соли 1918 қабул гардида буд. Кодекси мазкур ду декрети қаблан қабулшударо мукаммал гардонид. Кодекс дар муносибатҳои никоҳӣ як қатор тағйиротҳои ҷиддиро ворид намуд. Аз ҷумла, танҳо никоҳи ҳамон шаҳрванде эътирофшуда дониста мешуд, ки агар он дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шудааст. Тағйироти назарраси дигар ин буд, ки барои бастани никоҳ ризоияти тарафайн, аризаи шахсии онҳо ва фарорасии синни никоҳ (барои мардон аз 18-солагӣ ва барои занон аз 16-солагӣ) зарур буд. Ҳамзамон, дар кодекс як қатор принсипҳои бунёди оила муқаррар шуда буд: якканикоҳӣ, озодии издивоҷу талоқ, баробарҳуқуқии фарзандони ғайриникоҳӣ бо фарзандоне, ки дар никоҳ таваллуд шудаанд, баробарии ҳамсарон дар муносибатҳои шахсиву молумулкӣ, ҷудоиву умумияти молумулкии ҳамсарон ва ғайра [16,с.23-24]. Оид ба қабули Кодекси соли 1918 В.Н. Виктор чунин қайд намудааст, ки муқаррароти декретҳои аввал дар қонунгузории солҳои 1918-1920 муқаррар карда шудаанд. Моҳи сентябри соли 1918 Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ Кодекси қонунҳоро дар бораи санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ, никоҳ, оила ва ҳуқуқи васоят қабул кард. Мазмуни ҳуқуқии Кодекс ба якчанд принсип асос ёфтааст: хусусияти шаҳрвандии никоҳ ва ҷудошавӣ; никоҳи ихтиёрӣ; озодии ақди никоҳ ва талоқ. Дар Кодекс меъёри ҷудокунии молу мулки зану шавҳар нигоҳ дошта шуда буд, ки ҳар кадоме аз зану шавҳар бо ҳамдигар бо бастани қарордоди молумулкӣ ба муносибатҳои молумулкии худ метавонанд озодона ихтиёрдории худро дошта бошанд. Ин меъёр занонро дар вазъияти душвори молӣ қарор дод, зеро аксари занон даромади шахсии худро надоштанд ва дар сурати ҷудошавӣ онҳо ба мавҷудияти хеле ночиз маҳкум мешуданд [8,с.105]. Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳ, оила ва васоят аз 22 октябри соли 1918 то андозае матни декретҳоро инкишоф дод. Тибқи муқарароти ин санад, кӯдаконе, ки аз волидайни бе никоҳ таваллуд шудаанд, бо кӯдакони дар издивоҷи қонунӣ таваллудшуда ҳуқуқҳои баробар пайдо карданд. Дар самти ҳифзи иҷтимоии кӯдакон назорати давлатӣ муқаррар карда шуд [6,с.16]. Ба андешаи М.М. Холинова, кӯдакони аз сарпарастии падару модар маҳрумшуда ва таваллуди ғайриникоҳӣ дорои ҳуқуқи баробар ба муассисаи васоят ва парасторӣ гаштанд. Тақсимоти кӯдакон ба қонунӣ ва ғайриқонунӣ хотима дода шуд [19,с.107].

Бояд тазаккур дод, ки қабули Кодекси соли 1918 ҳанӯз маънои онро надошт, ки тамоми меъёрҳои он дар ҳудуди Тоҷикистон амал мекард. Барои ин, санаи 28-уми феврали соли 1924 КИМ-и Умумибухороӣ қарор қабул намуд, ки дар тамоми қаламрави ҶШХБ Кодекси қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶФШСР ҷорӣ карда шавад. 17-уми апрели соли 1924 ба Кодекси ҷиноятии ҶФШСР тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, барои қалин додану қалин гирифтан, дуздидани духтар бо мақсади никоҳ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардид, ки ин барои инкишофи қонунгузории соҳавӣ таҳкурсии ҳуқуқӣ гузошт [15,с.21-26].

Дар ташаккули қонунгузории оилавии шуравӣ Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васоят нақши муҳим бозидааст. Санади мазкур нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии қаблан қабулшуда иловаю тағйирот ворид намуда, баъзе меъёрҳоро хориҷ кардааст. Мувофиқи меъёрҳое, ки аллакай дар қонунгузории шуравӣ муқаррар карда шудаанд, ақди никоҳ дар ИҶШС бояд дар мақомотҳои махсуси давлатӣ – мақомоти САҲШ қайд карда шаванд [17,с.370]. Ба андешаи В.Н. Виктор, никоҳи воқеӣ метавонад дар мақомоти САҲШ дар ҳар вақт бо нишон додани санаи ибтидоии он сабт карда шавад. Барои эътирофи он зану мард бояд якҷоя зиндагӣ кунанд, хонаводаи умумӣ дошта бошанд, фарзандонро якҷоя тарбия кунанд ё дар мукотиба ва дигар ҳуҷҷатҳо муносибатҳои никоҳро ба шахсони сеюм ошкор кунанд. Кӯдакон аз ақди никоҳи воқеӣ аз ҳамон ҳуқуқҳое истифода мебурданд, ки аз волидон дар ақди никоҳи ба қайд гирифта таваллуд шудаанд. Кодекс ҳуқуқи зану шавҳарро оид ба қатъи никоҳ ҳам бо розигии тарафайн ва ҳам бо хоҳиши яктарафаи яке аз занҳо нигоҳ дошт [8,с.107].

Ю.В. Гуполов дар ин хусус қайд кардааст, ки қонунгузории шуравӣ дар самти институти никоҳ тартиби бастани никоҳро хеле осон карда, аз салоҳияти мақомҳои динӣ онро берун карданд. Акнун никоҳ танҳо аз ҷониби идораи САҲШ анҷом дода мешуд, дар ҳоле ки ҳозиршавии ҳар яке аз ҳамсарон ихтиёрӣ буд. Аммо ақидаи аҳолии минтақа ба ин масъала мухталиф буд: азбаски масъалаи дар суд дида баромадани парвандаи ҷудошавӣ

ба миён гузошта шуда буд, сабабҳои бекор кардани ақди никоҳро муайян кардан лозим омад. Илова бар талоқ, ки ақди никоҳро барои тамоми давраи минбаъда қатъ мекард, ақди никоҳи беэътибор ва радшуда низ аз лаҳзаи бастани онҳо муқаррар карда мешуд. Сабаби ин метавонист, масалан, никоҳе бошад, ки дар он яке аз ҳамсарон ба синни ҳадди ақали никоҳ нарасидааст [11,с.90-91].

Дар баробари тағйироти қонунгузорӣ дар соҳаи муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ дар давраи якуми инқилобӣ (1917-1918) кӯшишҳои тағйир додани анъана ва идеологияи никоҳию оилавӣ, ҷорӣ намудани модели нави муносибатҳои оилавӣ, ки дар онҳо ба амал омада буд, ба ақидаҳои радикалии инқилобӣ дар бораи институти никоҳ асос ёфтааст. Масалан, ба андешаи А. Коллонтай, шакли куҳнаи никоҳ, ки ба дахлнопазирии иттифоқи никоҳ асос ёфтааст, ба манфиати синфи коргар мувофиқ нест. Танҳо робитаҳои озод метавонад ба зан имкон диҳад, ки шахсияти худро дар ҷомеае, ки мардон бартарӣ доранд, нигоҳ дорад [13,с.57-60]. Вобаста ба андешаи мазкур С.Н. Гавров қайд намудааст, ки албатта, дар ақидаҳои А. Коллонтай унсурҳои прогресивӣ мавҷуданд. Ба ин принсипи баробарии гендерӣ, принсипи ғамхорӣ дар бораи модар ва ғайра дохил мешаванд. Аз ҷониби дигар, андешаи ӯ, ки аз нигоҳи мантиқ ва ақли солим хеле печида буд, аз дарки зарурати оила ҳамчун институти иҷтимоии рушди давлат дур буд. Умуман, тағйиротҳои пасазинқилобӣ ба раванди навсозии шуравии муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ, ки бо аз байн рафтани анъанаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии оилавӣ ҳамроҳ буд, ба оммаи бузурги одамон таъсир расонд [9]. Ба андешаи В.Н. Виктор, Кодекс баробарҳуқуқии кӯдаконеро, ки дар ақди никоҳи бақайдгирифташуда ва берун аз ақди никоҳ таваллуд шудаанд, эътироф кардааст. Уҳдадории вохӯрӣ барои фарзандон барои таъминоти падару модари маъюбу ниёзманд муқаррар карда шуд. Яке аз вижагиҳои Кодекс ин буд, ки дар он институти фарзандхондӣ комилан инкор карда мешуд. Дар меъёрҳои Кодекс муқаррар карда шудааст, ки «ба фарзандхондии фарзандони худ ва ё дигарон роҳ дода намешавад. Ҳар гуна фарзандхондӣ барои фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон ҳеҷ уҳдадорӣ ва ҳуқуқ ба миён намеояд [8,с.105].

Дар аввали солҳои 1920 масъалаи зарурати ислоҳоти қонуни оилавӣ тезу тунд гардид, ки он бо тағйироти шароити иҷтимоию иқтисодии ҷамъият: ҳал нашудани масъалаи никоҳи шаҳрвандӣ, афзоиши бесарпаноҳии кӯдакон ва бекории оммавии занон алоқаманд буд. Аввалин тағйироти қонунгузории давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи оила ба чунин як масъалаи муҳим, ба мисли никоҳи шаҳрвандӣ дахл дошт. Онҳо дар мақомотҳои давлатӣ никоҳи ҳатмиро пешбинӣ карданд. Аз он вақт то инҷониб ягона шакли никоҳ бастани никоҳи шаҳрвандӣ буд, дар ҳоле ки никоҳи динӣ манъ набуд, балки қувваи қонунии худро гум карда буд. Ш.Ш. Шосаидзода камбудии Кодекси оилаи соли 1918-ро дар танзими мухтасари асосҳои маҳрумсозии ҳуқуқҳои падариву модарӣ, инчунин дар тамоман ҷой надоштани институти фарзандхонӣ арзёбӣ намудааст [20,с.78]. М.В. Антоколский вобаста ба масъала қайд мекунад, ки дар ин марҳила пайдо намудани омили бавуҷудоии кодексе, ки муносибатҳои оилавиро дар алоҳидагӣ аз гражданӣ танзим намояд, дар назари аввал, тамоман номумкин буд. Вале зарурати ба таври нав танзим намудани муносибатҳои оилавӣ ба миён омада буд. Бинобар ин, маҳз дар чунин ҳолат, яъне мавҷуд набудани қонунгузории гражданӣ кодекси оилавии нав қабул гардид [4,с.64].

Яке аз масъалаҳои баҳснок дар ин давра, ки санадҳои қабулшуда низ ба он таъсири ҷиддӣ расонида буданд, масъалаи синну соли никоҳшавандагон ба ҳисоб мерафт. Мутобиқи баъзе андешаҳо дар ин давра кушишҳое зиёде карда шудааст, ки синни никоҳ барои духтарон аз 14-солагӣ муқаррар карда шавад. Барои ин ҳатто дархости Раёсати Шурои Миллатҳои КИМ-и иттифоқ аз 21-уми сентябри соли 1925 дар хусуси муқаррар кардани синни ақал барои занони миллатҳои Шарқ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд, беҷавоб гузошта шуд. Танҳо баъди огоҳии дубора ва бо исрори Раёсати Комитета инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 17-уми декабри соли 1925 Комиссариати халқии тандурустии ҶМШС Тоҷикистон ҷавоб дод, ки «барои бастани никоҳ дар Тоҷикистон ҳадди синни ақал барои занон аз 16-солагӣ муқаррар карда мешавад» [16,с.25]. Дар ин хусус дар адабиётҳо низ қайд карда мешавад, ки қонунҳои шуравии оила меъёрҳоро дар бораи синну соли поёнии ақди никоҳ, инчунин манъи ақди никоҳи хешу табори наздик тағйир надоданд. Тибқи Кодекси оила, занон метавонистанд

дар синни 16-солагӣ ва мардондар синни 18-солагӣ никоҳ банданд. Вале бо мурури замон масъалаи баробар кардани синни ақди никоҳ барои мардону занон ва дертар дар аксари ҷумҳуриҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад ва дар ИҶШС синни ягонаи никоҳ аз 18-солагӣ муқаррар карда мешавад [7,с.27].

Дар инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ қабул шудани Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васояту парасторӣ дар соли 1926 нақши назаррас гузоштааст. Кодекси мазкур дар муносибатҳои оилавию никоҳӣ як қатор тағйиротҳо ворид намуда, паҳлуҳои мухталифи институти никоҳро мавриди танзим қарор додааст. В.Н. Виктор дар ин хусус қайд мекунад, ки моҳи ноябри соли 1926 Кодекси қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васоят қабул карда шуд, ки дар он ба қонунгузории пештара тағйироти калон дохил карда шуд. Тағйироти аз ҳама равшан эътирофи ақди никоҳ ва васеъ кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар дар никоҳи бақайдгирифташуда бо онҳо буд [8,с.106]. Ба андешаи Ш.Ш. Шосаидзода, бо назардошти ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, бавуҷудоии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва камбудиҳои қонунгузории амалкунанда, ба ИҶШС зарур омад, ки ба такмили қонунгузории амалкунанда шурӯъ намояд. Ҳамин тавр, дар соли 1923 корҳо доир ба таҳияи кодекси нав оғоз ёфтанд. Соли 1925 лоиҳаи кодекси навро ба муҳокимаи умумихалқӣ бароварданд. Кодекси нави қонунҳо дар бораи никоҳ, оила ва васоят 1-уми январи соли 1927 ба қувваи амал даромад [20,с.79].

Кодекси мазкур дар моддаи 11 ҳамзистии никоҳиро эътироф намуда, ба муносибатҳои шахсоне, ки «воқеан ақди никоҳ доранд, ҳатто агар ба қайд гирифта нашуда бошанд ҳам, агар ин шахсон якдигарро ҳамчун зану шавҳар эътироф кунанд ё муносибатҳои ақди никоҳи байни онҳо ба қайд гирифта нашуда бошад ҳам, ё муносибати никоҳии байни онҳо агар аз тарафи суд аз рӯйи аломатҳои вазъияти воқеии ҳаёт муқаррар шуда бошад ҳам, эътироф карда мешуд» ва инро дар суд исбот кардан мумкин буд. Далели ҳамзистии никоҳӣ дар сурати ба қайд гирифта нашудани ақди никоҳ, барои суд инҳо буданд: далели якҷоя зиндагӣ кардан, мавҷудияти хонаводаи умумӣ дар ин якҷоягӣ ва дар мукотибаи шахсӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо муайян кардани муносибатҳои ақди никоҳ бо шахсони сеюм, инчунин дар сурати мавчуд будани таъминоти моддии якдигар, тарбияи якҷояи фарзандон ва ғайра. Моддаи 5-и Кодекси мазкур синни никоҳиро барои мардон ва занон аз 18-солагӣ муқаррар кардааст [17,с.371]. Мутобиқи санади мазкур никоҳ кардан танҳо бо ризияти никоҳшавандагон мумкин буда, дар ҳолати вайрон кардани ин шарт ё агар ризоият дар ҳолати бешуурона ё маҷбуран дода шуда бошад, ё байни шахсоне бошад, ки ба синни никоҳӣ нарасидаанд, никоҳ беэътибор ҳисобида мешуд. Аммо вобаста ба дараҷаи инкишофи шуур муносибати аҳолии таҳҷоӣ ба судҳои халқӣ ва қозигӣ дар навоҳии мухталифи ҷумҳурӣ яхкела набуд [16,с.26].

Дигаргунсозии навбатии муҳими қонунгузории ҳокимияти шуравӣ дар соҳаи ҳуқуқи оила ба бекор кардани никоҳ мансуб буд. Дар асоси он, акнун парвандаҳои талоқ низ аз мақомҳои динӣ гирифта шуда, ба додгоҳҳои маҳаллӣ интиқол дода шуданд. Мутобиқи Кодекси болозикр талоқ бо розигии ҳамдигар ё бо хоҳиши яке аз онҳо имконпазир аст, ки онро аҳолии минтақа низ мусбат қабул карда буданд [10,с.203]. Дар ин хусус У.С. Нилова қайд мекунад, ки Кодекси мазкур тартиби судии бекор кардани ақди никоҳро бекор кард ва минбаъд ақди никоҳ танҳо дар мақомоти САҲШ қатъ карда мешуд ва иштироки ҳамсари дуюм ихтиёрӣ буд, ӯ танҳо дар бораи ҷудошавӣ огоҳ карда мешуд. Дар Кодекс чунин меъёре муқаррар карда шудааст, ки никоҳ дар давоми ҳаёти зану шавҳар ҳам бо розигии ҳамдигарии зану шавҳар ва ҳам бо хоҳиши яктарафаи яке аз онҳо бекор карда мешавад. Қатъи ақди никоҳи ҳам бақайдгирифташуда ва ҳам бақайдгирифтанашуда, вале аз ҷониби суд муқарраршуда, дар давоми ҳаёти зану шавҳар метавонист дар мақомоти САҲШ (ақди никоҳ) ба қайд гирифта шавад [17,с.371-372].

Мутобиқи Кодекси соли 1926, ҳангоми ба қайд гирифтани ақди никоҳ зану шавҳар дар бораи хоҳиши гирифтани насаби умумии зан ё шавҳар ё бо насабҳои пеш аз никоҳ мондани худ изҳорот дода метавонистанд. Зимни ба қайд гирифтани ақди никоҳи шахсе, ки шаҳрванди ИҶШС буд, бо шахсе, ки шаҳрванди хориҷӣ мебошад, ҳар кадоми онҳо шаҳрвандии худро нигоҳ медоштанд. Кодекс институти фарзандхондӣ, ки қаблан дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва ақди никоҳ бо «Кодекси қонунҳо дар бораи ҳолати шаҳрвандӣ, никоҳ ва оила» бекор карда шуда буд, муттаҳид гардид. Уҳдадории

нигоҳубини кӯдакон ба зиммаи ҳарду волидон гузошта шуд; андозаи ёрдампулие, ки ба онҳо дода мешавад, вобаста ба вазъияти моддии онҳо муайян карда мешуд. Ба андешаи Т.Ю. Людоровская, Кодекси мазкур институти фарзандхондиро иҷозат медод. Ин як чораи маҷбурӣ ба далели афзоиши теъдоди кӯдакони бесарпаноҳ, ки ба васоят ниёз доранд, қабул карда мешуд. Баъзе мардум чунин ақида доштанд, ки барои татбиқи тартиби фарзандхондӣ розигии ду ҳамсар шарт нест. Қисми дигар бошад, даъво мекарданд, ки фарзандхондӣ бояд бо ризоияти ҳамдигарии зану шавҳар, ба манфиати фарзандхондаҳо сурат гирад. Инчунин, институти маҳрум кардани ҳуқуқи падару модар аз кӯдак ҷорӣ карда шуд [14,с.126].

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои боло метавон чунин хулоса баровард:

1. Даврабандии инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дорои аҳаммияти калони назариявӣ буда, ҳамзамон институти мазкур дар ҳуқуқи шуравӣ марҳилаҳои гуногуни таърихиро тай намудааст. Бо ин назардошт, мо метавонем чунин даврабандии инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба институти никоҳ пешкаш намоем: 1) инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи пасазинқилобӣ ва барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ (солҳои 1917-1924); 2) ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929); 3) рушди қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1929-1998). Бояд тазаккур дод, ки даврабандии мазкур бо назардошти вазъи сиёсию ҳуқуқии Тоҷикистон дар давраи амали Ҳокимияти Шуравӣ пешниҳод шудааст. Агар мо вазъи сиёсию ҳуқуқии минтақа ва ё ҷаҳонро ба инобат гирем, он гоҳ метавонем даврабандии инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба институти никоҳ дар шакли зерин пешниҳод намоем: 1) инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ пас аз Инқилоби Октябр (солҳои 1917-1938); 2) ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва солҳои аввали баохиррасии он (солҳои 1939-1947); 3) рушди қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва қабули санадҳои муҳимми байналмилалӣ (солҳои 1948-1998).

2. Таҳқиқот нишон дод, ки институти никоҳ ҳанӯз аз солҳои аввали пасазинқилобӣ бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф (декретҳо, эъломияҳо, кодексҳо ва конститутсияҳо) мустаҳкам гардида, марҳила ба марҳила бо мукаммал гардидани қонунгузории кишвар институти никоҳ низ ташаккул ёфтааст. Аз ҷумла, дар солҳои аввали ҳуқуқи шуравӣ синни никоҳӣ омехта муқаррар шуда, нисбатан паст буд. Ба андешаи мо, ин аз сабаби таъсири меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ мебошад. Зеро дар солҳои аввали ҳуқуқи шуравӣ ҳанӯз меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ пурра аз байн нарафта буданд. Масъалаи синни никоҳӣ аввалан барои марду зан аз 16-солагӣ, баъдан барои занон аз 16-солагӣ ва барои мардон аз 18-солагӣ ва дар ниҳоят барои марду зан аз 18-солагӣ муқаррар гардида буд.

## АДАБИЁТ


1. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук / У.А. Азизов. – Душанбе, 2015. – 414 с.
2. Азиззода У.А. Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: монография / У.А. Азиззода и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 494 с.
3. Азиззода У.А. Защита прав человека от морального вреда в советской правовой системе / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – № 2 (18). – С. 50-64.
4. Антокольская М.В. Семейное право: Учебник. – Изд. 2-е, перераб. и доп. / М.В. Антокольская. – М.: Юристь, 2001. – С. 64.
5. Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи шуравӣ Тоҷикистон / Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№2. -С.256-262.
6. Бондаренко О.А. История развития законодательства о правах ребенка / О.А. Бондаренко. – Волгоград, 2011. – С. 16.
7. Васильева Э.К. Семья в социалистическом обществе / Э.К. Васильева. – М., 1985. – 156 с.

8. Виктор В.Н. Эволюция института брака в Советской России: от отмирания брака к консервативной семье (1917–1920-е гг.) / В.Н. Виктор // Вестник Тамбовского университета. Серия гуманитарных наук. – 2016. – Т. 21. – № 7-8 (159-160). – С. 104-109.
9. Гавров С.Н. Историческое изменение институтов семьи и брака / С.Н. Гавров. – М., 2009. – 134 с.
10. Гопанчук В.С. Семейное право Украины / В.С. Гопанчук. – К.: Истина, 2002. – 304 с.
11. Гуполов Ю.В. Становление концепции института советской семьи (1918–1930 гг.) / Ю.В. Гуполов. -М., 2009. – С. 90–91.
12. Ильин И. Разрушение семьи в советском государстве / И. Ильин. в 10 т. – М., 1998. – Т. 7. – 608 с.
13. Коллонтай А. Новая мораль и рабочий класс / А. Коллонтай. – М., 2015. – С. 57-60.
14. Людоровская Т.Ю. Семейное право советского государства в 1920-1930-е гг.: проблемы реализации (на материалах Донбасса) / Т.Ю. Людоровская // Журнал исторических, политологических и международных исследований. – 2020. – № 3/4 (74/75). – С. 122-128.
15. Махмудов М.А. Семейно-правовые средства обеспечения стабильности брака / М.А. Махмудов. – Душанбе, 1990. – 112 с.
16. Маҳмудзода М. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Маҳмудзода М., Худоёрзода Б.. - Душанбе: ЭР-граф, 2015. -496 с.
17. Нилова У.С. Правовое регулирование брачно-семейных отношений в СССР: «Кодекс законов о браке, семье и опеке» (1926). Государство и право: эволюция, современное состояние, перспективы развития (к 100-летию образования СССР) / У.С. Нилова // Материалы XIX международной научно-теоретической конференции. В 2-х частях. Под редакцией Н.С. Нижник, сост. Н.С. Нижник, Е.Н. Козинникова. -Санкт-Петербург, 2022. -С.368-377.
18. Тохиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан / Ф.Т. Тохиров. -Душанбе: Дониш, 2009. -369 с.
19. Холинова М.М. Эволюция института опеки и попечительства в истории таджикского права: дис. ... канд. юрид. наук / М.М. Холинова. – Душанбе, 2018. – 197 с.
20. Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. - Душанбе, 2020. -235 с.

## ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ШУРАВӢ ДАР СОҲАИ НИКОҲ

Дар мақолаи мазкур масъалаи инкишофи қонунгузории шуравӣ дар соҳаи никоҳ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон бо назардошти андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва муқарраротҳои қонунгузории шуравӣ институти никоҳ ва ташаккули қонунгузории шуравиро дар ин соҳа муайян кардаанд. Зимни таҳқиқоти худ муаллифон ба хулосае омадаанд, ки институти никоҳ ҳанӯз аз солҳои аввали пасазинқилобӣ бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф (декретҳо, эъломияҳо, кодексҳо ва конститутсияҳо) мустаҳкам гардида, марҳила ба марҳила бо мукаммал гардидани қонунгузории кишвар институти никоҳ низ ташаккул ёфтааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифон нишон додааст, ки даврабандии инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дорои аҳаммияти калони назариявӣ буда, ҳамзамон институти мазкур дар ҳуқуқи шуравӣ марҳилаҳои гуногуни таърихиро тай намудааст. Бо назардошти ин, мо метавонем чунин даврабандии инкишофи қонунгузории шуравиро оид ба институти никоҳ пешкаш намоем: 1) инкишофи қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи пасазинқилобӣ ва барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ (солҳои 1917-1924); 2) ташаккули қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929); 3) рушди қонунгузории шуравӣ оид ба институти никоҳ дар давраи ташкилшавӣ ва фаъолияти ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1929-1998).

**Калидвожаҳо:** инкишоф, қонунгузорӣ, шуравӣ, институт, никоҳ, даврабандӣ, оила, Инқилоби Октябр, синни никоҳӣ.

## РАЗВИТИЕ СОВЕТСКОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В СФЕРЕ БРАКА

В данной статье рассматривается развитие советского законодательства в сфере брака. Авторы определили институт брака и развитие советского законодательства в этой сфере с учетом мнений отечественных и зарубежных ученых и положений советского законодательства. В ходе своих исследований авторы пришли к выводу, что институт брака с первых послереволюционных лет с принятием различных правовых норм (декретов, деклараций, кодексов и конституций) укрепился, а институт брака сформировался шаг за шагом с совершенствованием законодательства страны. Проведенное авторами исследование показало, что хронология развития советского законодательства об институте брака имеет большое теоретическое значение, в то же время этот институт прошел в советском праве различные исторические этапы. С учетом этого можно представить следующую хронологию развития советского законодательства об институте брака: 1) развитие советского законодательства об институте брака в послереволюционный период и период восстановления Советской власти (1917-1924); 2) развитие советского законодательства об институте брака в период образования и деятельности Таджикской АССР (1924-1929 гг.); 3) развитие советского законодательства об институте брака в период образования и деятельности Таджикской ССР (1929-1998 гг.).

**Ключевые слова:** развитие, законодательство, советский, институт, брак, периодизация, семья, Октябрьская революция, брачный возраст.

## DEVELOPMENT OF SOVIET LEGISLATION IN THE SPHERE OF MARRIAGE

This article discusses the development of Soviet legislation in the field of marriage. The authors determined the institution of marriage and the development of Soviet legislation in this area, taking into account the opinions of domestic and foreign scientists and the provisions of Soviet legislation. In the course of their research, the authors came to the conclusion that the institution of marriage has been strengthened since the first post-revolutionary years with the adoption of various legal norms (decrees, declarations, codes and constitutions), and the institution of marriage has been formed step by step with the improvement of the country's legislation. The study conducted by the authors showed that the chronology of the development of Soviet legislation on the institution of marriage is of great theoretical importance, at the same time, this institution went through various historical stages in Soviet law. With this in mind, we can imagine the following chronology of the development of Soviet legislation on the institution of marriage: 1) the development of Soviet legislation on the institution of marriage in the post-revolutionary period and the restoration of Soviet power (1917-1924); 2) the development of Soviet legislation on the institution of marriage during the formation and activity of the Tajik ASSR (1924-1929); 3) the development of Soviet legislation on the institution of marriage during the formation and activity of the Tajik SSR (1929-1998).

**Keywords:** development, legislation, Soviet, institution, marriage, periodization, family, October Revolution, marriageable age.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азиззода Убайдулло Абдулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-81-12-85**. E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**

***Файзова Моҳинав Раҷабовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-81-12-85.** E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Азиззода Убайдулло Абдулла*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикситан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-81-12-85.** E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**

***Фаизова Мохинав Раджабовна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикситан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-81-12-85.** E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Azizzoda Ubaydullo Abdulla*** – Tajik National University, Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 907-81-12-85**. E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**

***Faizova Mokhinav Radzhabovna*** – Tajik National University, applicant for the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-81-12-85**. E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**

ТДУ: 347.91/.95(575.3)

# УҲДАДОРИҲОИ АЛИМЕНТДИҲӢ

*Аминҷонов А.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар назди падару модар вазифаҳои зиёде нисбат ба фарзандон меистанд ва муҳимтарини онҳо ин тарбия намудани фарзандон ва таъминоти моддии онҳо мебошад. Воқеан, вазифаи падару модар танҳо бо адои корҳои таълиму тарбия ба охир намерасад. Онҳо уҳдадоранд, ки фарзандони ноболиғ ва инчунин болиғи қобилияти меҳнатӣ надошта ва муҳтоҷи ёрдам будаи худро аз ҷиҳати моддӣ низ таъмин намоянд. Агар онҳо аз иҷрои ин вазифаҳои ҳатмии худ саркашӣ кунанд, аз чунин падару модар ба воситаи суд алимент рӯёнида мешавад [19,с.144]. Агар дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ таълиму тарбия ва таъминоти моддии фарзандон асосан дар доираи меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ сурат гирифта бошад, дар РССТ чунин муносибатҳо аксаран тавассути қонун мавриди танзим қарор дода шудаанд ва Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ ҳам тарбия ва ҳам таъминоти моддии кӯдакро мавриди танзим қарор дода буд. Мувофиқи Кодекси мазкур, аз падару модаре, ки ихтиёран фарзандонро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намекунанд ба тариқи зерин алимент рӯёнида мешуд: барои як фарзанд-чоряк, барои ду фарзанд-сеяк, барои се ва зиёда аз он нисфи музди кори (даромади) падару модар. Аз нисф зиёди музди кори (даромади) алиментдиҳандаро ба сифати алимент рӯёнидан қатъиян манъ буд ва танҳо дар се ҳолат суд ҳуқуқ дошт, ки аз меъёри муқаррарнамудаи Кодекси оид ба никоҳ ва оила камтар алимент муқаррар намояд: 1) агар падар ё модаре, ки барои додани алимент уҳдадор аст, боз дигар фарзандони ноболиғ дошта бошад, ки пардохти муқаррарии алимент боиси аз ҷиҳати моддӣ нисбат ба алиментгирандагон камтар таъмин шудани онҳо мегардад; 2) агар алиментдиҳандагон маъюби гурӯҳи якум ё дуюм бошанд; 3) агар фарзандон худашон кор кунанду музди кори кифоя дошта бошанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ба алиментдиҳандагон додани чунин имконият аз ҳар ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, агар аз як ҷониб ҳимояи ҳуқуқи дигар фарзандони онҳо ва мавриди таваҷҷуҳи давлат будани маъюбон мушоҳида шуда, бо муҳайё кардани шароит ва имконият ба пардохти алимент ҷалб карда шаванд, аз ҷониби дигар ба кам кардани омори саркашӣ аз пардохти алимент ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт мусоидат менамояд. Агар падару модари алиментдиҳанда даромади мунтазам надошта бошад, алиментро ба маблаґи қатъии ҳармоҳа рӯёндашаванда муайян кардан мумкин аст. Дар маҷмуъ, қонунгузории оилавии РССТ ду тартиби пардохти алиментро пешбинӣ намудааст: 1) муқаррар намудани алимент бо фоиз аз маош ё даромади дигари мунтазам; 2) муқаррар намудани алимент ба маблаґи қатъӣ аз падару модаре, ки даромади номунтазами тағйирёбанда доранд. Яке аз хусусиятҳои уҳдадориҳои алиментдиҳии падару модар нисбат ба фарзандон дар он зоҳир мегардад, ки доштан ё надоштани ақди никоҳ монеи пардохти алимент барои фарзандон намегардид. Ба воситаи суд муайян кардани падарӣ кифоя буд баҳри ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои алиментдиҳӣ О.Усмонов дуруст қайд намудааст, ки алимент на фақат аз падароне (модарон), ки дар ақди никоҳ мебошанду фарзанд аз ҳамин никоҳ таваллуд ёфтааст, инчунин аз падароне (модарон), ки дар ақди никоҳ нестанд, падари (модар) кӯдак будани онҳо ба воситаи суд муайян карда шудааст рӯёнида мешавад. Хусусияти дигараш дар он аст, ки новобаста аз имкониятҳои моддӣ онҳо уҳдадоранд алиментро пардохт намоянд, дар ҳоле ки дигар аъзоёни оила танҳо дар ҳолати доштани имконият ба ин кор уҳдадор мешаванд. Уҳдадориҳои алиментдиҳии волидайн нисбати кӯдакони худ ҳатмист ва новобаста аз имкониятҳои моддии волидайн ба вуҷуд меояд. Азбаски ба рушди пурраи насли наврас на танҳо оила, балки давлат низ манфиатдор аст, андозаҳои алиментҳо барои кӯдакони ноболиғ муайян гардидаанд ва тартиби рӯёнидани онҳоро меъёрҳои қатъие, ки салоҳдиди шахсони алоҳидаро истисно мекунад, ба танзим медароранд. Давлат ба иҷрои лозимии уҳдадориҳои зикршуда диққати калон медиҳад. Он дар таъқиби ашхоси аз пардохти алиментҳо барои кӯдакони худ дасткашанда, миқдори зиёди имтиёзҳои мурофиавӣ, ки ба алиментҳо ва шахсони комилҳуқуқ дода мешавад, зоҳир мегардад [3,с.60]. Бештар вақт

баъди бекор гардидани никоҳ ва алоҳида зиндагӣ кардани падару модар барои кӯдакони ноболиғ алимент муқаррар карда мешуд ва падар ё модаре, ки кӯдакон дар назди ӯ ба воя мерасанд, барои гирфтани алимент ариза пешниҳод менамуд. Бинобар ин, дар назди кадоме аз волидон будани кӯдак дар муқаррар кардани алимент ва андозаи маблағ нақши муҳим мебозид. Дар сурати нисфи фарзандон бо модар ва нисфи онҳо бо падарашон мондан танҳо як тараф ҳамчун субъекти пардохткунандаи алимент муқаррар карда мешуд ва вобаста ба шумораи фарзандони дар тарафи дигар буда ӯ алимент пардохт менамуд. Дар ин бора О. Усмонов чунин қайд намудааст: "Миқдори маблағе, ки ҳамчун алимент рӯёнида мешавад, ба шумораи фарзандони ноболиғ ва ба он вобаста аст, ки онҳо дар назди кӣ мебошанд. Бинобар ин, агар яке аз фарзандон дар назди падар ва дигаре дар назди модар монда бошад, миқдори алимент аз якеашон ба фоидаи дигари камтаъминтар ба маблағи қатъии ҳармоҳа рӯёнидашаванда муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат, албатта, шароити оилавию моддии тарафҳо набояд аз хотир фаромӯш гардад" [19,с.145]. Ба назар чунин мерасад, ки дар ягон ҳолат падару модар аз уҳдадории пардохти алимент озод намегарданд, вале дар асл чунин набуд, мақсади асосӣ таъминоти моддии кӯдакон буда, дар ҳолати аз тарафи субъекти дигар таъмин гардидани онҳо падару модар метавонистанд аз пардохти алимент озод карда шаванд. Чунин тартиб бевосита дар Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ пешбинӣ гардидааст: "Агар фарзандон пурра дар таъминоти давлат ё ташкилоти ҷамъиятӣ бошанд, суд ҳуқуқ дорад, ки миқдори алиментҳоро кам кунад, ё ки аз додани онҳо тамоман озод намояд" [10]. Фарзандон низ, дар навбати худ уҳдадор буданд, ки падару модари ғайри қобили меҳнати мухтоҷи ёриро нигоҳубин намоянд. Дар сурати ихтиёрона нигоҳубин накардан чунин падару модар ҳуқуқ доштанд барои ба фоидаи онҳо рӯёнидани алимент аз ҳисоби фарзандонашон муроҷиат намоянд. Мувофиқи қонунгузории оилавии РССТ ғайр аз фарзандон аз падару модари худ шахсони зерин ҳуқуқ доштанд барои гирифтани алимент бо ариза муроҷиат намоянд: 1) падару модар аз фарзандони болиғи қобили меҳнат; 2) фарзандони угай аз падару модари угайи худ; 3) падару модари угай аз фарзандони угайи худ; 4) бародарону хоҳарони ноболиғ ё болиғи қобилияти меҳнат надошта аз бародарону хоҳарони худ; 5) бобо ва модаркалон аз набераҳои худ; 6) набераҳо аз бобо ва модаркалони худ; 7) тарбиятгирандагон аз тарбиятгарони воқеии худ; 8) тарбиятгарон аз тарбиятгирандагони воқеии худ. Чуноне мушоҳида менамоем, ғайр аз фарзандон аз падару модар 8 категорияи дигари одамоне буданд, ки ҳуқуқи аз якдигар гирифтани алиментро доштанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки барои ин категорияи одамон маблағи алимент ба тариқи қатъӣ муқаррар карда мешуд на бо фоиз аз маош ва танҳо дар ҳолате аз якдигар алимент гирифта метавонистанд, ки таъминкунандаи дигаре (падар, модар, зан, шавҳар, фарзанд) надошта бошанд. Тарбиятгарони воқеӣ дар сурати саркашӣ кардан аз таълиму тарбияи кӯдак ё дар ҳангоми қобилияти меҳнатӣ надоштани кӯдакон ба пардохти алимент уҳдадор мешуданд, вале агар онҳо кӯдакро чун васӣ ё парастор тарбия карда бошанд, ба зиммаашон чунин уҳдадорӣ гузошта намешуд ва умуман ягон хел ҳуқуқу уҳдадории оилавӣ миёни онҳо мавҷуд набуд. "Мувофиқи принсипи гуманизми сотсиалистӣ байни дигар аъзоёни оила ҳам ҳуқуқу вазифаҳои оилавӣ пайдо мешавад. Ба қатори дигар аъзоёни оила падар (модар)-и угай, писар (духтар)-и угай, бародару хоҳарон, бобою модаркалон, набераҳо, тарбиятгарону тарбиятгирандагони воқеӣ дохил мешаванд. Аз ин маълум мешавад, ки васиёну парасторон ба шахсони дар зери парасторӣ ва васӣ буда, аъзоёни оила ҳисоб намеёбанд. Чунки байни онҳо ҳуқуқ ва уҳдадории алиментдиҳию алиментгирӣ ба вуҷуд намеояд" [19,с.155-156] -гуфтааст О. Усмонов. Тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба алиментҳо дахл доранд, якчанд мақсад ба даст оварда мешавад. Аз байни онҳо дастгирии моддии аъзоёни ниёзманди оила асосӣ мебошад. Аммо рӯёнидани алиментҳо, чун қоида, аз муносибатҳои номатлуб дар оила, ки ба барҳамхӯрӣ ё таҳдиди барҳамхӯрии оила оварда мерасонад, вақте ки принсипи иҷрои ихтиёрии яке уҳдадориҳои асосӣ, ки бе он ҳастии муқаррарии оила имконнопазир аст, шаҳодат медиҳад. Як қатор муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи оилавии Иттиҳоди Шуравӣ доир ба уҳдадориҳои алиментдиҳии ҳамсарон ва собиқ ҳамсарон чунин қайд намудаанд: "Ҳамсарон нисбати ҳамдигар на танҳо дар никоҳ, балки баъди талоқ низ дорои уҳдадориҳои алиментдиҳӣ мебошанд. Давлати Шуравӣ барои мустаҳкамкунии оила саъю кӯшиш мекунад ва ин дар

таҳаввули қонунгузории муқарраркунандаи уҳдадориҳои алиментдиҳии ҳамсарони собиқ зоҳир мегардад. Дар қонунгузории пешина танҳо дар Украина ва Малдавия муҳлати муайяни алиментсупории ҳамсари собиқ муқаррар карда шудааст. Дар ҷумҳуриҳои боқимондаи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ муҳлати пардохти алиментҳо ба ҳамсари талоқшуда тағйирёбанда аст, аммо он аз 3 сол зиёд нест. Қонунгузории амалкунанда, чи тавре ки маълум аст уҳдадории пардохти алиментҳоро ба ҳамсари собиқ бо ягон муҳлати муайян маҳдуд намегардонад. Он то замоне нигоҳ дошта мешавад, ки шарити бавуҷудорандаи уҳдадории алиментдиҳӣ арзи ҳастӣ дорад" [3,с.58-59]. Ба ин андешаи муҳаққиқон қисман розӣ шудан мумкин аст, зеро агар масъалаи мавҷуд будани уҳдадориҳои алиментдиҳӣ миёни ҳамсарон ва собиқ ҳамсарон, ҷой надоштани маҳдудият вобаста ба муҳлати пардохти алимент миёни собиқ ҳамсарон бе баҳс қабул бошад, масъалаи ба воситаи муқаррар намудани уҳдадориҳои алиментдиҳӣ миёни собиқ ҳамсарон мустаҳкам намудани оила ғайри қобили қабул аст, зеро аллакай сухан дар бораи онҳое меравад, ки оилаи худро пароканда намудаанд ва оилаи пароканда ба ҳеҷ ваҷҳ мустаҳкам буда наметавонад. Ҳамчунин, дар қонунгузории пешинаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Шуравӣ мавҷуд будани уҳдадориҳои алиментдиҳӣ миёни собиқ ҳамсарон баҳсталаб аст. Дар РССТ ва РССУ, ки то замони шуравӣ ҳуқуқи исломӣ расман амал менамуд, миёни собиқ ҳамсарон уҳдадориҳои алиментдиҳӣ пешбинӣ накарда буд ва баръакс онҳо барои ҳамдигар бегона (номаҳрам) ҳисоб мешуданд. Мувофиқи шариат зан пас аз талоқ уҳдадор буд, ки то баромадани муҳлати идда дар хонаи шавҳар боқӣ монад ва шавҳар уҳдадор буд, ки ӯро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намояд. Аммо ин тартиб бо мазмун, мақсад, муҳлат ва оқибатҳои ҳуқуқиаш аз уҳдадориҳои алиментдиҳии собиқ ҳамсарон комилан тафовут дорад. Ба назари мо, роҳи таъсир расонидан ба мустаҳкамии оила ва пешгирии вайроншавии он тавассути муқаррар намудани уҳдадориҳои алиментдиҳӣ ин аз ҳуқуқи гирифтани алимент маҳрум намудани ҳамсаре мебошад, ки дар бекор кардани никоҳ гунаҳгор (ё ташаббускор) аст. Чунин тартиб дар таҷрибаи давлатдории баъзе кишварҳои олам мушоҳида мегардад. Дар қонунгузории давлатҳои буржуазӣ дарки талоқ чун муҷозот барои рафтори гунаҳгоронаи ҳамсар хос аст. Бинобар ин, дар як қатор мамлакатҳо (Фаронса, ИМА) алиментсупории ҳамсарон хусусияти баръало ифодаёбандаи деликтӣ дорад, яъне ба шахсе, ки дар бекоршавии никоҳ гунаҳгор нест, зарари молиявӣ дар робита бо талоқ расонида шудааст, ҷуброн мегардад. Маҳз бо табиати деликтӣ уҳдадории мазкур дар ҳуқуқи граждании Фаронса имконпазирии таъиноти алиментҳо, вақте ки никоҳ бо айби ҳарду ҳамсар бекор карда шудаасту ҳатто яке аз онҳо корношоям аст ва воситаи рӯзгузаронӣ надорад, фаҳмида мешавад [16,с.110].

Бо мақсади таъминоти моддии тарафи эҳтиёҷманд қонунгузории оилавии Тоҷикистони шуравӣ уҳдадориҳои алиментдиҳиро муқаррар намуда, падар, модар фарзанд, бобою бибӣ, набера, фаразандхоншуда, фарзандхонкарда, тарбиятгарону тарбиятгирандагони воқеиро дар ҳолатҳои муайян ба пардохтани алимент ба якдигар уҳдадор намудааст. Ду тартиби пардохти алимент пешбинӣ шуда, ё бо фоиз аз моаш ва даромади дигар ё ба тариқи устувор рӯёнида мешуд.

**Муқарриз: д.и.ҳ, профессори ДМТ - Ғафорзода И.Ғ.**

## АДАБИЁТ


1. Аминжонов А.Х. Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ / А.Х. Аминжонов. -Душанбе: ҶДММ "Нушбод", 2022.
2. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. –Бейрут: "Дору-л-маърифат", 2004. Маргинани, Бурхануддин. Хидоя. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. 1-2 пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред. авт. предисл., вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. -М.: Волтерс Клувер, 2010.
3. Азарова Е.Г. Право и защита семьи государством / Е.Г.Азарова, Ю.А.Королева, Е.В. Кулагина [и др.]. – М.: Наука, 1987.
4. Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ, 1969. –Д.: Ирфон 1981.
5. Гонгало Б.М. Основы начала семейного знаконодательства //Семейное и жилищное право / Б.М. Гонгало. -2006.
6. Грачева В.А. Гражданин обрашается в ЗАГС / В.А.Грачева. – Москва: Юридическая литература, 1983г.
7. Декрети Ҳукумати Советӣ. –Ҷилди 1. -М., 1957. (бо забони русӣ).
8. Декрет дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ оид ба кӯдакон ва доир ба дафтари асноди ҳолати шаҳрвандӣ 18 декабри соли 1918.

9. Декреты Советской власти Т. 1. 25 октября 1917г. -16 марта 1918г. –М.: Гос. Издат-во полетической литературы, 1957г.
10. Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи РССТ. – Душанбе: Ирфон, 1981.
11. Кодекси қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳу оила ва васояти ҶФШСР 16. 09. 1918.
12. Кодекси Қонунҳои никоҳ, оила ва васояти ҶФШСР. -С. 1926
13. Карл Маркс. Устави умумии иттиҳодияҳои байналхалқии коргарон Маркс К., Энгелс Ф-Асарҳои мунтахаб. – Душанбе, 1963. -Ҷилди 1.
14. Маҳмудзода М. Ҳуқуқи оилавии ҶТ / М. Маҳмудзода, Б. Худоёрзода Душанбе: Эр- граф, 2015.
15. Мухтасари Қонунномаи Сосониён. -Душанбе: Эр-граф, 2015. Гирдоваранда, таҳияи луғот ва баргардони матн аз хатти форсӣ Абдураҳим Холиқзода.
16. Орлова Н.В. Правовое регулирование брака в СССР / Н.В. Орлова. – М.: Наука, 1971.
17. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ. Барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2008. – 566 с.
18. Садагдар М.И. Основы мусульманского права / М.И. Садагдар. – М., 1968.
19. Усмонов О. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. -Душанбе: Ирфон, 1990. -С. 155-156.
20. Халиков А. Г. Правовая система зороастризма. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005.
21. Харчев А.Г. Брак и семья в СССР / А.Г. Харчев. -2-е изд, переб. и доп. —М., 1979.
22. Халиков А. Г. Правовая система зороастризма / А. Г.Халиков. –Душанбе: Маориф ва фарњанг, 2005.
23. Шершиневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права / Г.Ф. Шершиневич. - М., 1995.

## УҲДАДОРИҲОИ АЛИМЕНТДИҲӢ

Агар дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ таълиму тарбия ва таъминоти моддии фарзандон асосан дар доираи меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ сурат гирифта бошад, дар РССТ чунин муносибатҳо аксаран тавассути қонун мавриди танзим қарор дода мешуданд ва Кодекси оид ба никоҳ ва оилаи РССТ ҳам тарбия ва ҳам таъминоти моддии кӯдакро мавриди танзим қарор дода буд. Мувофиқи Кодекси мазкур аз падару модаре, ки ихтиёран фарзандонро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намекунанд, ба тариқи зерин алимент рӯёнида мешуд: барои як фарзанд-чоряк, барои ду фарзанд-сеяк, барои се ва зиёда аз он нисфи музди кори (даромади) падару модар. Дар маҷмуъ, қонунгузории оилавии РССТ ду тартиби пардохти алиментро пешбинӣ намудааст: 1) муқаррар намудани алимент бо фоиз аз маош ё даромади дигари мунтазам; 2) муқаррар намудани алимент ба маблағи қатъӣ аз падару модаре, ки даромади номунтазами тағйирёбанда доранд. Бештар вақт баъди бекор гардидани никоҳ ва алоҳида зиндагӣ кардани падару модар барои кӯдакони ноболиғ алимент муқаррар карда мешуд ва падар ё модаре, ки кӯдакон дар назди ӯ ба воя мерасанд, барои гирифтани алимент ариза пешниҳод менамуд. Фарзандон низ, дар навбати худ, уҳдадор буданд, ки падару модари ғайри қобили меҳнати муҳтоҷи ёриро нигоҳубин намоянд. Дар сурати ихтиёрона нигоҳубин накардан чунин падару модар ҳуқуқ доштанд барои ба фоидаи онҳо рӯёнидани алимент аз ҳисоби фарзандонашон муроҷиат намоянд. Мувофиқи қонунгузории оилавии РССТ ғайр аз фарзандон аз падару модари худ шахсони зерин ҳуқуқ доштанд барои гирифтани алимент бо ариза муроҷиат намоянд: 1) падару модар аз фарзандони болиғи қобили меҳнат; 2) фарзандони угай аз падару модари угайи худ; 3) падару модари угай аз фарзандони угайи худ; 4) бародарону хоҳарони ноболиғ ё болиғи қобилияти меҳнат надошта аз бародарону хоҳарони худ; 5) бобо ва модаркалон аз наберахои худ; 6) набераҳо аз бобо ва модаркалони худ; 7) тарбиятгирандагон аз тарбиятгарони воқеии худ; 8) тарбиятгарон аз тарбиятгирандагони воқеии худ.

**Калидвожаҳо:** алимент, бобо, модаркалон, набера, падар, модар, фарзанд, қобилияти меҳнат, ноболиғ, болиғ, қонун, кодекс, оила, угай, тарбиятгарони воқеӣ, тарбиятгирандагони воқеӣ, васоят, парасторӣ.

## АЛИМЕНТНЫЕ ОБЯЗАТЕЛЬСТВА

Если на територии исторического Таджикистана образование, воспитание и материальное обеспечение детей осуществлялись в основном в рамках религиозных и моральных норм, то в РССТ такие отношения зачастую регулировались законом, а Кодекс о браке и семье РССТ касается и того, и другого, воспитания и материального обеспечения детей. Согласно этому кодексу, алименты взыскивались с родителей, добровольно не содержащих материально своих детей, в следующем порядке: на одного ребенка - четверть, на двоих детей - треть, на троих и более - половину заработной платы родителей (дохода). В целом семейное законодательство РССТ предусматривает два порядка уплаты алиментов: 1) установление алиментов в процентах от заработной платы или иного регулярного дохода; 2) установление фиксированного размера алиментов с родителей, имеющих нерегулярный и переменный доход. В большинстве случаев после расторжения брака и раздельного проживания родителей алименты устанавливались на несовершеннолетних детей, а заявление о взыскании алиментов подавал отец или мать, с которыми росли дети.Дети, в свою очередь, были обязаны заботиться о недееспособных родителях, нуждающихся в помощи. В случае добровольного неудержания такие родители имели право претендовать на алименты за счет своих детей. Согласно семейному законодательству РССТ, кроме детей от родителей, на алименты имеют право претендовать: 1) родители детей трудоспособного возраста; 2) приемные дети своих приемных родителей; 3) приемные родители своих приемных детей; 4) братья и сестры, являющиеся несовершеннолетними или совершеннолетними, не способными работать, вместе со своими братьями и сестрами; 5) дедушка и бабушка внуков; 6) внуки от бабушек и дедушек; 7) подопечные от своих настоящих опекунов; 8) репетиторы от своих настоящих наставников.

**Ключевые слова:** алименты, дедушка, бабушка, внук, отец, мать, ребенок, трудоспособность, несовершеннолетний, совершеннолетний, закон, кодекс, семья, мачеха, настоящие опекуны, настоящие опекуны, попечительство.

**ALIMONY OBLIGATIONS**

Whereas in historical Tajikistan the education, upbringing, and material support of children were carried out mainly within the framework of religious and moral norms, in the SSRT such relations are often regulated by law, and the Marriage and Family Code of the SSRT deals with both, the upbringing and material support of children. Under the Code, alimony was recovered from parents who did not voluntarily support their children financially in the following manner: one quarter for one child, one third for two children, and half of the parents' salary (income) for three or more. In general, the family legislation of the SSRT provides for two procedures for the payment of alimony: (1) the establishment of alimony as a percentage of wages or other regular income; (2) Establishment of a fixed amount of alimony from parents with irregular and variable incomes. In most cases, after the dissolution of the marriage and the separation of the parents, alimony was established for minor children, and the application for alimony was filed by the father or mother with whom the children were raised. Children, in turn, were obliged to take care of incapacitated parents in need of help. In the event of voluntary non-retention, such parents were entitled to claim alimony at the expense of their children. According to the family legislation of the RSST, in addition to children from parents, the following persons are entitled to claim alimony: 1) parents of children of working age; 2) adopted children of their adoptive parents; 3) adoptive parents of their adopted children; (4) Brothers and sisters who are minors or adults who are unable to work, together with their brothers and sisters; 5) grandparents of grandchildren; 6) grandchildren from grandparents; (7) wards from their current guardians; 8) Tutors from their real mentors.

**Keywords**: alimony, grandfather, grandmother, grandson, father, mother, child, ability to work, minor, adult, law, code, family, stepmother, current guardians, real guardians, guardianship.

**Маълумот дар борраи муаллиф:** ***Аминҷонов Абдураззоқ Худойшукурович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 93-379-83-84**

**Сведения об авторе**: ***Аминджонов Абдураззок Худойшукурович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат юридических наук, доцент. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 93-379-83-84**

**Information about the author:** ***Aminjonov Abdurazzok Khudoishukurovich*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street 67. Phone: **(+992) 93-379-83-84**

ТДУ: 343.01(575.3)

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲИФЗИ ОБ АЗ ИФЛОСШАВӢ

*Абдуллозода Баҳодур Валӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замонҳои қадим масъалаи муҳофизати об муҳим буда, барои ифлос намудани он ҷазоҳои гуногун пешбинӣ мешуд. Мутобиқи дини зардуштия, натиҷаи мубориза байни қувваҳои некию бадӣ аз инсон вобастагӣ дорад ва гӯё қувваҳои бадӣ обро шӯр ва барои нӯшидан нобоб мекарда бошанд [15,с.19].

Тавре С. Лебедева ва О. Қарахоҷаева баён мекунанд, дар зардуштия мубориза ба муқобили ифлос намудани оби чоҳҳо, кӯлҳо бурда шуда, барои риоя накардани талаботи мазкур ҷазо дар намуди 400 дарра задан татбиқ мегардид [8,с.68].

Тибқи Ёсои бузурги Чингизхон (маҷмуаи расму оинҳои ҳуқуқии қабилаҳои бодиянишини Осиёи Марказӣ ва Муғулистон дар асри 12) дар зери тарси марг аз болои сарчашмаи об ҷаҳидан, ба лахчаи оташ пешоб кардан, остонаи ресмони юртаро бо пойи худ ламс кардан ва ифлос намудани оби барои эҳтиёҷоти маишӣ мусоид манъ буд.

Тибқи аҳкоми шариат ва одот, об ҳамчун атои Худо, ки табиатро эҳё мекунад, наметавонад моликият бошад (ва замин низ); вай ба ҳама тааллуқ дорад ва ба ҳар касе, ки онро барои обёрии замин истифода бурдан мехоҳад: истисно метавонад танҳо оби дар зарф ҷамъшуда гардад; обро бе замини ба он тааллуқдошта харидан ва фурӯхтан мумкин нест; бо нарасидани об барои обёрии ҳамаи зироатҳо бояд он баробар тақсим карда шавад; тартиби навбатистӣ барои истифодабарии об бо қуръа муайян карда мешавад; харҷи аз миқдори муқарраршуда кам ё зиёди об ҷиноят ҳисоб карда мешавад ва ба гунаҳкор ҷазо дода мешавад [6].

Ҳамин тариқ, меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ (фиқҳ), аз ҷумла он меъёрҳои шариат, ки ҳифзи ҳуқуқии обро ба амал мебароварданд, дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза то ибтидои солҳои 20-уми асри XIX амал карданд [12,с.151].

Пас аз Инқилоби Октябри соли 1917 дар Россия, апрели соли 1918 съезди V Шӯрои кишвари Туркистон таъсиси Ҷумҳурии Автономии Шуравии Сотсиалистии Туркистонро эълон дошт, ки ба ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия шомил гардид.

Ба кишвари Туркистон, ки пойтахташ шаҳри Тошканд буд, ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза ва қисми зиёди Бадахшон шомил буданд, ки то таъсиси ҶАШС Туркистон ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил буданд. Аммо дар ин вақт амири Бухоро ҳоло ҳам тар қаламрави Аморати Бухоро ҳукмронӣ мекард. 2 сентябри соли 1920 қисми Армияи Сурх ва қувваҳои муттаҳидаи отрядҳои сурхи Бухоро ин мамлакатро забт намуданд ва амир ба Ҳисор гурехт. 6 октябри соли 1920 Съезди (қурултойи) вакилони халқии якуми умумибухороӣ таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Халқии Бухороро эълон дошт. Баъдан, моҳи марти соли 1921 бо ёрии хукумати Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия дар қаламрави Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ низ ҳокимияти шуравӣ барпо гардид.

Чи хеле ки маълум аст, соли 1924 ҶШС Ӯзбекистон таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он Ҷумҳурии Автономии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон шомил гардид, соли 1929 бошад, ҶАШС Тоҷикистон аз ҳайати Ӯзбекистон баромада, ҳамчун ҷумҳурии мустақили шуравии сотсиалистӣ дар ҳайати ИҶШС эълон гардид.

То қабули Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1926 ва Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935, тибқи Декрети Кумитаи Иҷроияи Марказии ИҶШС аз 13 июли соли 1923 дар қаламрави Тоҷикистон тамоми декретҳо ва қарорҳои Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия амал мекарданд [14,с.197-198].

Ҳамчунин, дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия амал мекард, ки 26 майи соли 1922 дар иҷлосияи 3-юми анҷумани IV Шуроҳо қабул гардида буд. Баъдан Кодекси ҷиноятии

Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия аз 22 ноябри соли 1926 қабул гардид, ки таҳрири кодекси қаблиро ифода мекард, ҳол он ки қонуни ҷиноятии нав ба шумор мерафт.

Аз ин рӯ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки пас аз солҳои 20-уми асри XIX дар Россияи подшоҳӣ ва баъдан дар Россияи шуравӣ қабул гардида буданд, аз ҷумла ҳифзи обро ба амал мебароварданд, то таъсиси Тоҷикистони шуравӣ дар қаламрави ин мамлакат амал мекарданд.

Инқилоби соли 1917 ва баъдан ҷанги шаҳрвандӣ масъалаи сохтори сиёсӣ ва иҷтимоӣ, амнияти ҳарбӣ ва озуқавориро ба ҷойи аввал гузошт. Аз ин рӯ, ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об он қадар диққати ҷиддӣ дода намешуд.

Дар ибтидо ба соҳаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ он захираҳое дохил карда шуданд, ки дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва бесарусомонӣ объекти тороҷкунӣ шуда буданд: ҷангалзор ва олами ҳайвонот.

Пас аз инқилоб як қатор декретҳо ва қарорҳое қабул гардиданд, ки дар бораи муҳофизати об чизе намегуфтанд.

Бурдани сиёсати нави иқтисодӣ низ кори муҳофизати обро беҳтар накард. Дарёҳо, кӯлҳо ва сарчашмаҳои об қариб ки арзиш надоштанд ва ба доираи манфиатҳои ҳифзи давлатӣ шомил нашуда буданд. Шиори академик И.В. Миранчук – "Хайру садақоти табиатро интизор намешавем – онҳоро худамон мегирем" – ба рушди нигилизми экологӣ таккони ҷиддӣ бахшид [13,с.22].

Дар аввалин Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия аз соли 1922, ки дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза амал мекард, меъёр оид ба ҳифзи об мавҷуд набуд. Дар ҳолати содир шудани кирдоре, ки боиси ифлос гардидани об мегирдад, кирдори гунаҳкор аз рӯйи моддаҳои зерини Кодекс бандубаст мегардид: хунукназарӣ (м. 108 КҶ ҶШФСР), қасдан нобуд кардан ё зарар расонидан ба амвол (с. 197 КҶ ҶШФСР) ё вайрон кардани тартиб ва бехатарӣ дар роҳҳои обӣ (м. 218 КҶ ҶШФСР) [16,с.399].

Дар давраи амали КҶ ҶШФСР аз соли 1922 то 1926 ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об ё тавассути татбиқи таркибҳое, ки ғайримустақим баҳри ҳифзи табиат равона гардидаанд ва объекти бевоситаашон дигар муносибатҳо мебошанд (масалан, вайрон кардани монополияи давлатӣ ба намудҳои алоҳидаи саноат ва ғайра), ё тавассути ҳифзи дигар объектҳои табиӣ (замин, олами ҳайвонот, ҷангалзор ва ғайра) ба роҳ монда мешуд.

Пас аз қабули КҶ ҶШС Ӯзбекистон аз 16 июни соли 1926, амали ин қонун қаламрави Тоҷикистонро фаро гирифт, зеро то соли 1929 Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии худмухтор дар ҳайати Ӯзбекистон қарор дошт. Ин қонуни ҷиноятӣ низ меъёри махсусро муқаррар накарда буд, ки баҳри ҳифзи об аз ифлосшавӣ равона гардида бошад.

Дар охири солҳои 30-юми асри XX шиддатнокии геополитикӣ дар тамоми ҷаҳон сурат гирифта, Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз гардид. Дар ин давра бисёре аз ҷараёнҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла рушди қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи табиат бозистоданд. Аз ин рӯ, дар даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъдиҷангӣ мақсади асосии давлат боло бардоштани сатҳи иқтисодӣ буд, ба қонунгузорӣ оид ба ҳифзи обу табиат мақоми дуюминдараҷа дода шуда буд.

Рушди интенсивии истеҳсолоти саноатӣ дар давраи баъдиҷангӣ, аз худ кардани заминҳои нав ва лоиҳакашиҳои бузурги хоҷагидорӣ ба соҳаи экология таъсири манфӣ расониданд. Мунтазам ифлос шудани муҳити зистро қонунгузор ба назар гирифта, зарур шуморид, ки чораҳои давлатии ҳифзкунандаи табиатро аз суиқасдҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ татбиқ намояд.

Дар ин давра мо зиёд гаштани ҳаҷми қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зистро мушоҳида мекунем. ИҶШС як қатор санадҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳифзи табиат ба тавсиб мерасонад ва қонунгузории худро такмил медиҳад. Дар ин маврид қонунгузории ҷиноятӣ оид ба муҳофизати об аз ҳуқуқи муҳофизати табиат хеле қафо мемонад.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 аввалин маротиба ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани қоидаҳои истифодабарии об муқаррар намуд. Моддаи 182 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон худсарона аз худ кардани об ё худсарона бурдани корҳои гидротехникиро дар шабакаи истифодаи умумӣ, ҳамчунин дигар

қоидавайронкуниҳои обистифодабариро ҷиноят муқаррар намуда буд, агар барои ин гуна кирдорҳо қаблан чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ ё ҷамъиятӣ татбиқ шуда бошад. Барои ин ҷиноят ҷазо дар намуди корҳоиислоҳӣ ба муҳлати то як сол ё ҷарима ба андозаи то панҷсад сӯм муқаррар шуда буд. Тибқи қисми дуюми ҳамин модда қасдан зарар расонидан ё вайрон кардани объектҳои хоҷагии об – каналҳои обёрӣ, коллекторҳо, қубурҳои захбур ва дигар иншоотҳои гидротехникӣ, агар ин кирдор зарари ҷиддӣ расонад, боиси таъини ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол, ё корҳои ислоҳӣ то як сол, ё ҷарима ба андозаи то сад сӯм мегардид [11,с.182].

Аммо татбиқи пурраи ин меъёр аз воқеият дур буд, зеро ба манфиатҳои истеҳсолӣ ва иҷрои нақшаҳо бартарият дода шуда буд.

Соли 1970 Асосҳои қонунгузории оби ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қабул гардиданд, ки аввалан, баҳри рушди минбаъдаи қонунгузории ҳифзи табиат замина гузоштанд; дуюм, барои даровардани тағйиру иловаҳо ба таркиби асосии ҷинояти ифлос намудани он замина гузошт.

Иштироки фаъоли ИҶШС дар муносибатҳои байналмилалӣ боиси қабул гардидани зиёда аз 50 созишномаи байналмилалӣ дар бахши ҳифзи обу экология гардид. Дар баробари ин рушди ҳуқуқи миллӣ низ сурат гирифт.

Дар тағйиру иловаҳои солҳои 80-уми асри XX ба қонуни ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба назар гирифта шуда буд, ки табиат ҷойи истироҳат ва барқарорсозии қувваю саломатии одамон мебошад [2].

Дар солҳои 70-80-уми асри XX таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятӣ дар самти сарҳадгузории объекти ҷиноятҳои экологӣ аз ҷиноятҳои хоҷагӣ рушд ёфта, табиатро ҳамчун объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ эътироф мекунад [9,с.105-114].

Дар ин давра таърифҳои аввалини ҷиноятҳои экологӣ дода мешаванд. дар асарҳои илмӣ пешниҳодҳо карда мешаванд, ки таркибҳои ҷинояти ба ҳифзи табиат дахлдоштаро ба боби алоҳида дохил бояд кард [10,с.14].

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ ва илми ҳуқуқи ҷиноятии солҳои 80-уми асри XX бо роҳи қавӣ кардани ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об, баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои экологӣ инкишоф ёфтааст.

Васеъ гардидани доираи меъёрҳо оид ба ҳифзи табиат, хусусан муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос намудани об бо он вобаста аст, ки якум, элитаи шуравӣ хавфи экологиро дарк намуд; дуюм, сатҳи иштироки ИҶШС дар фаъолияти байналмилалӣ баланд гардид [17,с.25].

Пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС ва ибтидои ислоҳоти низоми мақомоти давлатӣ ва тағйири қонунгузорӣ дар низоми ҳифзи табиат тағйироти куллӣ сурат гирифт. Ҷараёни навшавии интенсивӣ ба соҳаи экология ва ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об низ дахл дошт. Сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, тағйиротҳои мунтазами сохтори ташкилию ҳуқуқии мақомоти ҳифзи муҳити зист ба натиҷаи фаъолияти онҳо таъсири манфӣ расонд. Заиф гардидани давлат ва ноустуворӣ дар соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ муҳиммияти амнияти экологиро баланд бардошт, яъне дар шароити заифии давлат ва ташкили сектори ғайридавлатии иқтисодиёт масъалаи ҳифзи табиат дар фазои пасошуравӣ аҳаммияти хосса пайдо намуд. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми соҳаҳои ҳуқуқ нав гардиданд, аз ҷумла қонунгузории нави экологӣ ташкил гардид.

Минбаъд, қонунҳое қабул гардиданд, ки мафҳумҳои навро дар соҳаи ҳифзи об муқаррар намуданд ва онҳо барои бандубасти ҷинояти вобаста ба ифлос ва олуда намудани об кумак мерасонанд.

Дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ 27 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи табиат" қабул гардид, ки санади меъёрии комплексии асосии қонунгузории экологӣ буд. Ҳоло ба ҷойи он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" аз 2 августи соли 2011 [7] амал мекунад.

29 ноябри соли 2000 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он мафҳуми об, обҳои рӯизаминӣ, обҳои зеризаминӣ, объектҳои об ва ғайра дода шуданд. 2 апрели соли 2020 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид, ки дар он захираҳои об гуфта, обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминие фаҳмида мешаванд, ки дар

фаъолияти хоҷагӣ ва дигар фаъолият истифода мешаванд ё истифода шуда метавонанд [4]. Қабул гаштани Кодекси об қадами устувор дар рушди қонунгузории ҳифзи табиат буда, барои мукаммал гардидани танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи об умед мебахшад ва имкон медиҳад, ки бисёре аз мушкилоти ҳифзи об аз ифлосшавӣ ҳал гардад.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998 [5] қабул гардид. Ин қонуни ҷиноятӣ дар боби 24 тамоми ҷиноятҳоеро, ки ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист таҳдид мекунанд, муттаҳид намуд.

Дар КҶ ҶТ ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об бевосита бо меъёрҳои умумии моддаи 226 КҶ ҶТ(Ифлос кардани об) ва ба таври ғайримустақим бо моддаҳои 220 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии экологӣ ҳангоми иҷрои кор), моддаи 223 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо моддаҳо ва партовҳои аз нигоҳи экологӣ хавфнок), моддаи 224 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо омилҳои микробиологӣ ё дигар омилҳои биологӣ ё токсинҳо (моддаҳои заҳролуд)) ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба роҳ монда шудааст.

Инак, тибқи қисми 1 моддаи 226 КҶ ҶТ ифлос кардани об, ин "Ифлос ё олуда кардани обҳои рӯизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он, агар чунин кирдор дар давоми соли баъд аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад". Ин гуна кирдорҳо бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду чил то дусаду чил соат ё бо ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки қонунгузор чунин ҷиноятро ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин дохил кардааст.

Ин модда бо тағйиротҳои назаррас моддаи 182 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистонро таҷдид мекунад.

Мақсади моддаи мазкур таъмини муҳофизати об тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, дар намуди риояи тартиби истифодабарии об, нигаҳдошти сифати объектҳои гуногуни об ҳамчун унсури гидросфера, ҳамчунин пешгирӣ кардани расонидани зарар ба олами набототу ҳайвонот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии қишлоқу ҷангал, ҳаёту саломатии одамон мебошад.

Оид ба чунин масъала, ки дар қонуни ҷиноятии Федератсияи Русия низ ҷой дорад, О.Л. Дубовик чунин қайд мекунад, ки қонунгузор зери таваҷҷуҳи худ ҳолати об, дастгирии оптимуми имконпазири чунин ҳолатро қарор дода, тағйир додани хосиятҳои табиии обро ҷиноят меҳисобад [4,с.183].

Ифлос намудани об як навъи ҷинояти экологӣ ба ҳисоб меравад, новобаста аз он ки дар фарқият аз қонунгузории баъзе мамлакатҳои хориҷӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" ин гуна истилоҳ истифода нагардидааст, ё ин ки КҶ ҶТ ин гуна истилоҳро истифода набурдааст.

Чи тавре ки дар боло қайд намуда будем, КҶ ҶТ тамоми ҷиноятҳои экологиро дар як боб муттаҳид намудааст. Чунин ташаббуси қонунгузор дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон аввалин буда, дар он муҳити зист, аз ҷумла захираҳои об ба сифати яке аз объектҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ эътироф гардидааст. Ин беҳуда нест, зеро дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷиноятҳои экологӣ ба тартиботи ҳуқуқии экологӣ, амнияти экологӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ суиқасд намуда, асосҳои табиии ҳиёт ва фаъолияти одамонро бад мекунанд ва манфиатҳои экологии ҷамъиятро кам мекунанд [1,с.39-44].

**Муқарриз: д.и.ҳ, профессори ДМТ - Сафарзода А.И.**

**АДАБИЁТ**


1. Боярский М. К вопросу о сфере уголовно-экологического права / М. Боярский // Право охраны окружающей среды и уголовное право. – Вроцлав: Изд-во «Право окружающей среды», 2008. – С. 39-44.
2. Ведомости Верховного Совета СССР. -1980. -№ 25. -Ст. 674.
3. Дубовик О.Л. Экологические преступления. Комментарий к Главе 26 УК РФ / О.Л. Дубовик. - М.,1998. -352 с.
4. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. - №4-5. -Мод. 233.
5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. — URL: https://mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.06.2023).

6. Коран и вода // http://cawater-info.net/bk/water_law/pdf/koran.pdf (санаи муроҷиат: 12.07.2023).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" аз 2 августи соли 2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7-8, мод. 614; с. 2014, №11, мод. 669; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1449.
8. Лебедева С. Авеста – древнейшая книга / С.Лебедева, О. Караходжаева // Государство и право. 2-001. -№1-2.
9. Листков А.Н. Значение объекта и предмета преступления для отграничения посягательств на природные ресурсы от хищений // Актуальные проблемы ответственности за посягательства на экономическую систему СССР / А.Н. Листков //Межвуз. сб. науч. тр. Горьк. ВШ МВД СССР. –Горький, 1983. -С. 105 – 114.
10. Листков А.Н. Советская уголовная политика в области охраны природы и деятельность органов внутренних дел по ее реализации, автореф. дис.... канд. юрид. наук / А.Н. Листков. - М., 1983. -22с.
11. Муллаев М.М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть) / М.М. Муллаев. - Душанбе: Ирфон, 1988. -432 с.
12. Рауфов Ф.Х. История развития законодательства Республики Таджикистан об ответственности за насильственные действия сексуального характера / Ф.Х.Рауфов //Проблемы в российском законодательстве.– 2014. -№2.
13. Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: Дисс. Канд. Юрид. наук / А.А. Романов. - Челябинск, 2010. – 204 с.
14. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952 г.г. Под ред. проф. И.Т. Голякова. -М., 1953. – 463с.
15. Солихов М.А. История становления и развития водного законодательства в Таджикистане: дисс. … канд. юрид. наук / М.А. Солихов. - Душанбе, 2008. -175 с.
16. Уголовные кодексы советских республик: текст и постатейный комментарий. Под ред. С. Канарского. -М., 1924. – 512 с.
17. Филаленко А.Ю. Уголовно-правовая ответственность за загрязнение вод: Дисс. канд. юрид. наук / А.Ю. Филаленко. -Челябинск, 2002. – 183с.

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲИФЗИ ОБ АЗ ИФЛОСШАВӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои таърихии ташаккул ва рушд қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба ҳифзи об аз ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камшавӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст он санадҳои ҳуқуқии таърихиро таҳлил намояд, ки дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза амал намуда, ҷавобгарии ҷиноятиро барои ифлос намудани об муқаррар мекарданд.Муаллиф қайд мекунад, ки бо таъсири Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистон меъёрҳои зиёди ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи об қабул шуда бошанд ҳам, аммо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос намудани об танҳо пас аз қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз соли 1961 ба миён омад. Ба ақидаи муаллиф, мақсади пешбинӣ намудани ҷинояти "ифлос намудани об" таъмини муҳофизати об тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, дар намуди риояи тартиби истифодабарии об, нигаҳдошти сифати объектҳои гуногуни об ҳамчун унсури гидросфера, ҳамчунин пешгирӣ кардани расонидани зарар ба олами набототу ҳайвонот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии қишлоқу ҷангал, ҳаёту саломатии одамон мебошад.

**Калидвожаҳо:** ифлос кардани об, ҳифзи об, саломатии одамон, ҷиноятҳои экологӣ, ҳифзи муҳити зист, муносибатҳои байналмилалӣ, чораҳои таъсиррасонӣ, ҷазои маъмурӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА ПО ОХРАНЕ ВОД ОТ ЗАГРЯЗНЕНИЯ

В данной статье рассматриваются исторические аспекты становления и развития уголовного законодательства Таджикистана по охране вод от загрязнения, засорения и истощения. Автор попытался проанализировать исторические правовые документы, действовавшие на территории сегодняшнего Таджикистана и устанавливавшие уголовную ответственность за загрязнение вод. Автор отмечает, что под влиянием Советского Союза в Таджикистане были приняты многие правовые нормы в области охраны вод, однако уголовная ответственность за загрязнение вод возникла лишь после принятия Уголовного кодекса Таджикской ССР 1961 г. По мнению автора, обеспечение охраны вод уголовно-правовыми средствами происходит в виде соблюдения порядка водопользования, сохранения качества различных водных объектов как элементов гидросферы, а также предотвращения нанесения ущерба флоре и фауне, рыбным ресурсам, сельскому хозяйству, деревням и лесам, жизни и здоровью людей.

**Ключевые слова:** загрязнение воды, охрана вод, здоровье человека, экологические преступления, охрана окружающей среды, международные отношения, меры воздействия, административное наказание.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF CRIMINAL LEGISLATION OF TAJIKISTAN ON THE PROTECTION OF WATER FROM POLLUTION

This article examines the historical aspects of the formation and development of the criminal legislation of Tajikistan on the protection of water from pollution, clogging and depletion. The author tried to analyze the historical legal documents that were in force on the territory of today's Tajikistan and established criminal liability for water pollution.The author notes that under the influence of the Soviet Union, many legal norms in the field of water protection were adopted in Tajikistan, but criminal liability for water pollution arose only after the adoption of the Criminal Code of the Tajik SSR in

1961.According to the author, the purpose of the crime “water pollution” is to ensure the protection of water by criminal legal means, in the form of compliance with the rules of water use, maintaining the quality of various water bodies as an element of the hydrosphere, as well as preventing damage to flora and fauna, fisheries resources, agriculture, villages and forests, human life and health.

**Keywords:** water pollution, water protection, human health, environmental crimes, environmental protection, international relations, enforcement measures, administrative punishmen.

.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллозода Баҳодур Валӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 904-93-99-99.** E-mail: **Bakhodur.vali @mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллозода Баходур Вали*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 904-93-99-99**. E-mail: **Bakhodur.vali @mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdullozoda Bahodur Vali*** – Tajik National University, assistant at the department of criminal law and anti-corruption. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone:**+992 904-93-99-99**. E-mail: **Bakhodur.vali @mail.ru**

ТДУ: 347.9(575.3)

# БАНАҚШАГИРИИ ТАФТИШОТИ ҶИНОЯТИ КӮДАКИ НАВЗОДИ ХУДРО КУШТАНИ МОДАР

*Сафаров З.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Банақшагирии тафтишот дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ аз усулҳои асосӣ ба шумор меравад. Бо дарназардошти мазмуну мундариҷа ва вазифаҳои банақшагирӣ метавон гуфт, ки ин раванди ҳуқуқии мураккабнизом охирин зинаи муайян кардани роҳу усул ва муҳлатҳои ноил шудан ба ҳадафи дарпешгузошташуда мебошад.

Натиҷаи ин раванд дар нақшаи тафтишотӣ ифода ёфта, он «намунаи дарозмуддати амал ва фаъолияти минбаъдаи субъектҳои тафтишот, барномаи муфассали иҷрои вазифаҳои мушаххас дар парвандаи ҷиноятӣ мебошад» [7,с.38].

Ҳамчун усули асосии бахши ташкилии тафтишот мафҳуми банақшагирӣ вазифаҳои худро дар такмили роҳҳои самарабахш барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарпешгузошташуда тавассути роҳандозии оқилонаи имкониятҳои мавҷуда амалӣ месозад.

Нақшаи таҳияшудаи тафтишот ҷанбаҳои ташкилӣ ва тамоми фаъолияти дарпешистодаро метавонад инъикос намояд. Бо дарназардошти ин, нақшаи тафтишотро ҳамчун маҷмуи қарорҳои мушаххаси ташкиливу мурофиавӣ ва натиҷаи раванди банақшагирӣ бояд муайян намуд, ки он тартиботи мувофиқ, муҳлат, воситаҳо ва иҷрокунандагони мушаххаси амалиёти тафтишотӣ, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар чораҷӯиҳои мушаххасро пешбинӣ мекунад [9,с.398-399].

Масъалаҳои криминалистии сатҳи тафтишоти ҳама гуна ҷиноят на танҳо ба усулҳои криминалистии тафтишот вобастагӣ доранд, балки ба усулҳои фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятӣ низ алоқамандӣ дошта, тавассути қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Дар ин раванд ба сатҳу сифати тафтишот раванди ташкил ва ба нақша гирифтани тафтишоти алоҳидаи ҷиноят, инчунин гузаронидани амали мушаххаси тафтишотӣ таъсир мерасонад. Бо дарназардошти ин хусусият олими соҳа В. Зеленский чунин андеша дорад: «Ташкили ин раванд як ҷузъи муҳимми тафтишот ҳамчун принсипи ташаккулёбанда ва ҳамзамон як ҷузъи дастгирии фаъолият мебошад» [4,с.5-12]. Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулосагирӣ намуд, ки банақшагирии тафтишот ҷузъи ҷудонашавандаи ташкили тафтишоти ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, дар мавридҳои алоҳида ҳангоми гузаронидани амалиёти мушаххаси тафтишотӣ ё чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ин мафҳуми ҳуқуқӣ ба таври гуногун тавсиф шудааст. Ба таври мисол, В. Зеленский чунин қайд менамояд: «Банақшагирӣ фаъолияти мақсаднок дар интихоби қудрат, воситаҳои тафтишот ва танзими онҳо вобаста ба вақту макон мебошад» [5,с.76].

Ба андешаи С.И. Гритсаев, банақшагирӣ «усули ташкили тафтишот ва муайян кардани роҳҳои беҳтарини расидан ба мақсадҳои дарпешгузошташуда тавассути тақсимоти босамар дар истифодаи маблағ, вақту қувва ва дар мавридҳои зарурӣ ҷалб намудани сарчашмаҳои иловагии захираҳо мебошад» [3,с.36]. Дар ин маврид мо андешаҳои С.И. Гритсаевро тарафдорӣ намуда, дар баробари истилоҳи «мақсад» истифодаи мафҳуми «вазифаҳо»-ро низ муҳим мешуморем. Бар замми ин, бояд қайд намуд, ки тавассути банақшагирӣ сохтори тафтиши ҷиноятҳо ба вуҷуд оварда мешавад. Ин навъи фаъолият махсусан ба марҳилаи ибтидоии тафтиши навъ ё гурӯҳи муайяни ҷиноятҳо хос аст. Аз ҷумла, дар ҳолатҳои куштор зарурати ҳалли вазифаҳои зерин пеш меояд:

–барқарорсозии номгӯйи ҳама ҳолатҳо ба сифати далели шайъӣ қабулшаванда, яъне далели содир шудани куштор;

– ҷойи куштор ва мавқеи эҳтимолии ҷасад, вақти анҷом додани куштор ва вақти фарорасии марг, усулҳои содир кардан ва пинҳон доштани осори куштор ва дигар ҳолатҳо;

–ошкор намудани гумонбаршудагон ва шарикон дар ҷиноят;

–муайян намудани шахсияти ҷабрдида (агар номаълум бошад), шоҳидон.

Барои ҳалли ин масъалаҳои бо ҳам алоқаманд номгӯйи як қатор амалҳои зарурӣ, афзалиятноки тафтишотӣ ва мурофиавиро бояд муайян кард. Дар сурати зарурат муфаттиш бояд ба мақомоти дахлдор дастурҳои хаттӣ оид ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ диҳад.

Ҳангоми ба нақша гирифтани тафтишоти кӯдаки навзоди худро куштани модар тибқи меъёрҳои мавҷуда аз ҷониби муфаттиш маълумоти ибтидоӣ дар бораи ҷиноят ва захираҳои дар ихтиёри мақомоти тафтишотӣ мавҷудбудаи ин ё он вазъияти тафтишот, ки тасвири умумии содир намудани кирдори ҷиноятии мавриди тафтишро ташкил медиҳанд, бояд пурра ба инобат гирифта шаванд.

Муқоисаи ин усул бо усулҳои маъмулӣ самаранокии банақшагириро дар тафтиши ҷинояти содиршуда нишон дода, ҳамзамон дар ин замина аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят муайян карда мешаванд.

Ин раванд алоқамандии ҷараёни банақшагирӣ ва сохтори фарзияҳоро бозгӯйӣ менамояд. Бояд қайд намуд, ки банақшагирӣ фаъолияти пурсамар дар ошкорсозии парвандаи ҷиноятӣ мебошад; банақшагириро метавон раванди эҷоди ин модел ҳисобид ва фарзияҳои тафтишотӣ тахминҳое мебошанд, ки бояд санҷида шаванд.

Ба ибораи дигар, фарзияи тафтишотӣ тасаввуроти тахминӣ буда, нақшаи тафтишот дар ин раванд чун дастури мукаммал ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин набояд фаромӯш кард, ки нақшаи тафтишотӣ бо вуҷуди мукаммалии худ вобаста ба вазъияти баамалоянда тағйир дода мешавад.

Фарзия дар ин маврид ҳамчун асос, яъне ҳамчун идомаи мантиқии банақшагирӣ амал мекунад. Бо вуҷуди ин, ин ду категорияи ҳуқуқиро наметавон фаъолияти ягона шумурд, зеро ки дар байни онҳо фарқиятҳои назаррас мавҷуданд.

Вобаста ба мазмун фарзияро чун тавзеҳи эҳтимолӣ, маълумоти ибтидоии дастрас, инчунин тасвири тахминии ҳолатҳои номаълум метавон ҳисобид.

Банақшагирӣ раванди ташаккули низоми мукаммали амалҳои ояндаи муфаттиш ва мақомоти дахлдор мебошад, ки ба ҳалли масъалаҳои инфиродӣ ва ноил шудан ба мақсади асосӣ, яъне ҳадафҳои тафтишотӣ, нигаронида шудааст.

Натиҷаи тамоми раванди банақшагирӣ нақшаи мукаммали тафтишотӣ мебошад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо чун унсурҳои асосии нақшаи тафтишот ин омилҳоро метавон номбар кард [1,с.367]:

а) ҳадафҳои бевоситаи дорои хусусиятҳои мантиқӣ дар тафтишот, ки дар асоси фарзияҳои барои санҷиш қабулшуда гирифта шудаанд ва ё муайян карда шудаанд ва онҳо ба ҳолатҳои умумии фарзияҳо ва ё берун аз ин ҳолатҳо алоқамандӣ доранд;

б) манбаъҳое, ки ба муфаттиш дастрасанд. Пеш аз ҳама, ба ин гурӯҳ иҷрокунандагон шомил мебошанд, яъне коркунони бахши тафтишот, муфаттишон, мутахассисон, экспертҳо, ёрдамчиён ва ғайра. Ба ин категория инчунин воситаҳои моддӣ, аз ҷумла, алоқа, нақлиёт, таҷҳизоти дорои хусусияти криминалистӣ ва дигар воситаҳо дохил мешаванд;

в) кофтукови оперативӣ, тафтишотӣ, ташкилӣ, омодагӣ ва дигар амалиётҳои ба ин монанд. Раванди банақшагирӣ имкони омӯзиши бештар самарабахши амалҳо, чорабиниҳои номбаршуда, татбиқи маҷмуӣ ва ё алоҳидаи онҳо, инчунин имкон ва зарурати тавлиди тактикӣ ва амалиётҳои мушаххасро фарогир мебошад;

г) усулҳои тактикии дар мундариҷаи банди «в»-и амалҳои мурофиавӣ ва ғайримурофиавӣ зикргардида. Дар асоси хусусиятҳои умумии банақшагирӣ ҷанбаи тактикӣ дар муқоиса бо усули ташкилӣ баррасӣ шуда, дар ин самт ҳалли мушаххаси банақшагириҳо мавқеи муҳимро касб менамояд;

ғ) муҳлати иҷрои тадбирҳои пешбинишуда. Одатан муҳлати иҷрои онҳо дар нақша инъикос наёфта бошад ҳам, дар мавриди иҷроиши пайдарпайи як қатор чораҷӯйиҳо аз ҷониби як нафар ин ҳолатро ба назар гирифтан ба манфиати кор мебошад. Муҳлати иҷро вобаста ба сохти мураккаб ва ҳаҷми кори дарпешистода, инчунин мухолифати эҳтимолӣ дар ин раванд, дараҷаи касбияти иҷрокунанда ва омилҳои дигар бояд муайян карда шавад;

д) натиҷаҳои иҷрои нақша ва ислоҳи он.

Ислоҳи нақша, одатан аз ҷараёни банақшагирӣ вобаста ба марҳилаи амалӣ намудани чорабиниҳои пешбинишуда ҷудо карда мешавад. Ҳангоми баҳодиҳии натиҷаҳо муфаттиш метавонад иҷрокунандагонро иваз намояд, миқдори онҳоро тағйир диҳад, ба мазмуну мундариҷаи он вобаста ба ҳолати корӣ ислоҳот ворид созад. Аммо танзими баъзе бандҳои алоҳидаи нақшаи тафтишотиро пеш аз иҷрои ҳолатҳои банақшагирифташуда метавон иҷро кард. Ин омил ба маълумоти бадастомадаи нав алоқамандӣ дошта, он ҳолати тафтишотро тағйир медиҳад.

Ҳангоми боздошти гумонбаршуда дар ҷойи ҳодиса пайдо кардани ҷасад душвориҳои муайянеро ба миён меорад, ки шахси гумонбаршуда дар ин маврид даст расонидани худро ба ҷасад эътироф карда, хоҳиши кумак карданро ба он ифода месозад, вале дар баробари ин, даст доштани худро дар куштор рад мекунад. Дар чунин ҳолати тафтишотӣ як қатор амалҳои мурофиавиро бояд ба нақша гирифт: пурсиши гумонбаршуда; таъин намудани экспертизаи судӣ-психиатрӣ ва равоншиносӣ; муайян кардани шоҳидон, ки онҳо метавонанд нишондодҳои гумонбаршударо тасдиқ ё рад кунанд, дар ҳолати зарурӣ амали рӯбарӯкунӣ гузаронанд ва ғ.

Дар асоси ин гуфҳо метавон хулосагирӣ кард, ки баъзан банақшагирӣ муносибати хоссаро вобаста ба вазъияти баамаломада тақозо мекунад, масалан, ҳангоми истифодаи усули пешгӯйӣ дар бораи мавҷудияти эҳтимолии хатоҳои тафтишотӣ, инчунин оқибатҳои имконпазири он ҳангоми гузаронидани тафтишот ва ё баъди он. Бояд зикр намуд, ки дар рафти гузаронидани амалиёти тафтишотӣ ҳолатҳои ғайричашмдошти тафтишотӣ низ ба амал меоянд, ки онҳо ҳалли масъалаҳои ташкилиро тақозо намуда, барои гузаронидани амалиёти дигари тафтишотӣ ё мурофиавӣ дар ин маврид зарурати дастгирии ҳуқуқӣ, техникӣ ва ғайра пеш меоянд. Ба таври мисол, ҳангоми гузаронидани кофтуков ашё ва санадҳои ошкоршуда имкон медиҳанд ва чунин ҳолатро талаб мекунанд, ки фавран дар ҷойи дигар бо иштироки мутахассис ва корманди оперативӣ бо дарназардошти ҳифзи бехатарӣ дар ин маҳал амали тафтишотӣ гузаронида шавад. Чунин ҳолат дар адабиёти ҳуқуқӣ аз ҷониби олимон Т. Волческая ва В.П. Крамаренко ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [2,с.248]. Барои тақвияти ин гуфтаҳо такя намудан ба андешаи олимони дигар И.П. Можаева ва В.В. Степанов ба манфиати кор мебошад, ки онҳо чунин қайд намудаанд: «Самарнокии фаъолияти муфаттиш аз он вобаста аст, ки он то кадом андоза ба қонунияти шаклҳои ташкилӣ мувофиқат мекунад» [6,с.23].

Ин масъала ҳамеша диққати олимони ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Бо дарназардошти ин раванди ҳуқуқӣ олимону муҳаққиқон номгӯйи ҳолатҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ба аломатҳои ҷиноятии дар моддаи 105-и Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия тавсифёфта мансубият доранд. Масалан, барои кушторе, ки тавассути амали зархаридӣ (куштори фармоишӣ) содир шудааст, чунин омилҳоро метавон ворид сохт:

– содир намудани куштор вобаста ба ҳолатҳои маишӣ бо истифода аз силоҳи оташфишон ё силоҳи теғдор, ашёи худсохт ва ё бо роҳҳои дигар (қасосгирӣ ва манфиатҷӯйӣ, рашк, хоҳиши раҳоӣ аз шавҳар ё зани номатлуб; соҳиб шудан ба молу мулк);

– куштор бо сабаби мунокишаҳои тиҷоратӣ содир шуда бошад (иҷрои уҳдадориҳои қарзӣ; бартараф кардани рақиб);

–кушторе, ки бар асари мунокишаҳои криминалӣ содир шудааст (вобаста ба доираи таъсиррасонӣ);

–аз байн бурдани мақомот, роҳбари гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ бо мақсади ишғоли мансаби ӯ; даст кашидан аз пардохти «боҷ»;

– иҷро накардани уҳдадориҳо ва ғайра.

Муайян намудани сабаби кушторҳои фармоишӣ имкон медиҳад, ки рӯй додани ҳодиса ва дигар ҳолатҳои куштор, яъне усули омода кардан, содир кардан ва пинҳон кардани куштор, ошкор карда шавад. Албатта, омилҳои мансуб ба макон ва вақт барои ба даст овардани маълумоти ибтидоӣ дар бораи кирдори ҷиноятӣ, бахусус усули пинҳонкунӣ, ки имкони бозгӯйии усули содир намудани куштор, шахсияти қотилро фароҳам оварда, самти асосии тафтишотро муайян менамояд, басо муҳим аст.

Дар ин марҳила зарурати ташкили банақшагирӣ дар тартиб додани нақшаи гузарондани амалиёти тафтишотӣ ва мурофиавӣ ба миён меояд. Тартиби фаъолияти муфаттиш аз манбаи иттилоот барои таҳия ва риояи қоидаҳои зерин вобаста аст:

– пешниҳод намудани чанд усул ва муайян намудани доираи масъалаҳое, ки бояд баррасӣ карда шаванд;

–дар нақшаи тафтишот тадбирҳои муайян намудани фармоишгари кушторро пешбинӣ намудан;

– нақшаи амалҳои алоҳидаи зинаи ибтидоии тафтишотиро дар марҳилаҳои минбаъда ва амали тафтишотии минбаъдаро дар марҳилаи ниҳоии тафтишот тартиб додан.

Ҳангоми кӯдаки навзоди худро куштани модар дар нақшаи тафтишот бояд ин омилҳо барои муқаррар кардани он ворид карда шаванд:

–макони содир шудани ҳодиса, пайдо намудани лавозимоти гуногуни кӯдаки навзод;

– таъин намудан ва гузаронидани экспертизаи судии тиббӣ.

Ҳангоми банақшагирии марҳилаи ибтидоии тафтишот ба назар гирифтани фарзияҳо ҷузъи муҳимми гузаронидани тафтишоти куштор ба шумор меравад. Масалан, кушторе, ки аз ҷониби ноболиғон содир шудааст, дорои сохтори мураккаб буда, он таваҷҷуҳи махсусро дарроҳандозии усулҳои ташкили тафтишот талаб мекунад. Ҳангоми ташкили банақшагирӣ таҳияи якчанд нақшаҳои хусусӣ ба манфиати кор мебошад. Аввалан, нақшаи пешакии маълумот дар бораи содир шудани ҷиноят тартиб дода мешавад. Сипас, нақшаи марҳилаҳои аввал ва минбаъдаи тафтишот таҳия мегардад. Дар ҳар як марҳилаи тафтишот метавон ин нақшаҳоро тартиб дод:

– нақшаи гузаронидани амали ҷудогонаи тафтишотӣ (кофтуков, ҳабс, таҷрибаи тафтишотӣ);

–нақшаи санҷиши фарзия ва ғайра.

Ҳангоми тафтиши фарзияҳои маъмулӣ дар марҳилаи ибтидоии тафтишот, дар як вақт гузаронидани амалиёти тафтишотӣ барои муайян кардани шоҳидон, ки муфаттиш бояд онҳоро пурсиш кунад, бо дарназардошти ин омилҳо муҳим арзёбӣ мегардад:

Ҳангоми ошкор шудани гумонбаршудагон масъалаи ба ҳабс гирифтан ва нисбати онҳо чораи пешгирикунандаро ба роҳ гузоштан пеш меояд.

Дар мавридҳои зарурӣ ва мавҷудияти объектҳое, ки экспертизаи илмиро талаб мекунанд.

Тафтишоти кӯдаки навзоди худро куштани модар миқдори зиёди амалҳои мурофиавӣ ва ғайримурофиавиро бо ҷалби шумораи зиёди иштирокчиёни ин ҳодиса (хешовандон, ҳимоятгарон, равоншинос ва ғ.) метавон амалӣ сохт.

Муфаттиш дар ин раванд миқдори зиёди маълумотро ҷамъоварӣ менамояд, ки онҳо дар рафти тафтишот таҳлил карда мешаванд.

Ин ҳолат зарурати истифодаи воситаҳои самарабахшеро ба миён мегузорад, ки онҳо ҷараёни банақшагирӣ ва ташкили тамоми раванди тафтишотиро таъмин мекунанд. Аз ҷумлаи чунин воситаҳо истифодаи барномаҳои махсус ё алоҳидаро бояд зикр намуд, ки аз қабили чунин технологияҳо телефонҳои мобилиро метавон номбар кард.

Банақшагирии бенизоми вақти корӣ ва даст кашидан аз истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ, ки раванди банақшагирӣ ва фаъолият дар бахшҳои криминалистиро ба таври муносиб ба роҳ мегузоранд, боиси риоя нашудани муҳлати тафтишот ва анҷом наёфтани онҳо гардида, ин омилҳо барои омӯзиши объективӣ, пурра ва ҳамаҷониба муҳим ба шумор мераванд.

Дар мавриди дастёбӣ ба натиҷаҳои мусбӣ дар таҳқиқи ҳодисаҳои кӯдаки навзоди худро куштани модар низ истифодаи таҷрибаи мусбати баъзе мақомоти тафтишотӣ дар кофтукови ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ ва дараҷаи касбияти кормандон як марҳалаи муҳим дониста мешавад, ки тафтиши ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон ва бар зидди онҳо содиршударо низ дар бар мегирад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо зикр намудани чанд омили муҳимро дар ин самт муҳим мешуморем.

Самаранокии банақшагирии тафтишоти кӯдаки навзоди худро куштани модар тавассути истифодаи маълумот дар бораи усулҳои хосси содир намудани ин гуна ҷиноятҳо таъмин карда мешавад.

Дар марҳилаи ибтидоии тафтишот нақша, чун қоида, танҳо аз номгӯйи амалиёти зарурии тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ иборат аст.

Хусусиятҳои банақшагирии марҳилаи ибтидоии тафтишоти чунин навъи кушторҳо ба масъалаҳои зерини дар ин марҳила баррасишаванда алоқамандӣ дорад, ки онро чунин тавсиф метавон кард:

– мавқеи муносибро вобаста ба ҳолати баамаломада интихоб намудан;

– муқаррар намудани далелҳо ва манбаъҳои ба даст овардани онҳо;

– ошкор намудани ҷинояткорон, инчунин ҷустуҷӯйи онҳо аз рӯйи аломатҳои асосӣ;

– муайян намудани омилҳое, ки боиси содир намудани кирдори ҷиноятӣ шудаанд.

Дар ин марҳилаи тафтишотӣ аз усулҳои анъанавӣ ба таври фаровон истифода мебаранд, аз ҷумла:

– нақшаи иҷрои чорабиниҳои комплексӣ;

– номгӯйи амалиёти фаврии тафтишотӣ ва чораҷӯйиҳои тафтишотие, ки дар асоси гирифтани маълумот ва ё ворид шудани ариза дар бораи содир намудани амали ҷиноятӣ амалӣ карда мешаванд;

– барномаи амалиёти гурӯҳи тафтишотӣ ва оперативӣ, ки барои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса сафарбар мешаванд.

Дар ин раванди ҳодисаҳо далелҳои зиёди ҳангоми пурсиш бадастовардашуда арзиши худро аз даст медиҳанд. Дар чунин ҳолатҳо барои самарабахшии раванди тафтишотӣ ба андешаронииҳои мутахассисони соҳа такя намудан ба манфиати кор мебошад. Дар ин маврид олими рус В. Савелев андешаҳои ҷолиб баён намудааст, ки онҳо дар танзими ҳуқуқии ин навъи ҷиноятҳо замина фароҳам меоранд [11,с.105].

Аз ин рӯ, бояд қайд кард, ки гурӯҳи оперативии тафтишотӣ шакли ташкилии муносиб дар ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳои баррасишаванда ба шумор меравад. Чунин сохтор барои ошкор сохтани ҷиноятҳои бо ҳам алоқаманди дорои дараҷаи вазнин ва махсусан вазнин, ки тавассути усулҳои хатарнок содир шудааст, таъсис дода мешавад.

Муносибати самарабахши байни муфаттиш ва иштирокчиёни банақшагирии тафтишоти куштор ба ҳалли масъалаҳои зерин равона гардидааст:

– муайян намудани салоҳияти муфаттишон ва кормандони оперативии мақомоти корҳои дохилӣ;

–фароҳам овардани имконият ба аъзоёни он барои гузаронидаи амалиёти тафтишотӣ тибқи нақшаи ягонаи тартибдодашуда;

– шаклҳои ҳамкориҳоро ба танзим даровардан;

– имконияти саривақт иҷро намудани супоришҳо оид ба гузарондани амалиёти тафтишотиро фароҳам сохтан.

Барои тафтиши ҷиноятҳои мураккаби таркиби ин навъи ҷиноятҳо асосан муфаттишони соҳибкасб ва кормандони дараҷаи касбияташон баланд ҷалб карда мешаванд. Барои самарабахшии натиҷаҳои тафтишот бояд муфаттиши бахши криминалистӣ ё мутахассиси бахши техникиро дар ин соҳа дар доираи кормандони соҳибихтисос ба гузаронидани амалиёти фаврии тафтишотӣ ҷалб сохт.

Идоракунии ин амалиёти ҳуқуқӣ ҳангоми баррасии парванда бояд дар шакли мутамарказонидашуда роҳандозӣ карда шавад. Роҳбари ин амалиёт тамоми маълумотро ба таври фаврӣ дастрас намуда, дар ин самт монеаҳо бояд ҷой надошта бошанд [8,с.81-101].

Фаъолияти ҳар як аъзои гурӯҳи тафтишотӣ бояд мувофиқи нақшаи ягона муташаккилона бошад. Бо вуҷуди ин, омили мазкур ба иштирокчиёни он дар доштани нақшаи инфиродии худ монеа эҷод намекунад ва вобаста ба ҳолати тафтишотӣ нақшаҳоро метавон тағйир дод.

Ҳангоми банақшагирии амалиёти тафтишотӣ ва оперативӣ – ҷустуҷӯйӣ дурнамои онро муайян кардан аз дараҷаи касбияти кормандони ҳуқуқӣ вобастагӣ дошта, ин омил ба самарабахшии он мувофиқат менамояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин тавсияҳо мавҷуданд, ки тибқи он амалиёти тафтишотӣ дар зинаҳои муайян бояд ба роҳ монда шаванд.

Дар ин раванд, пеш аз ҳама, дар баъзе мавридҳо чораҳои фаврии тафтишотӣ гузаронда мешаванд, зеро ки ба таъхир гузоштани чунин амалиёт боиси шубҳанок гардидани далелҳои шайъӣ гардида [10,с.44], дар ин замина муайян кардани изи ангушти

дастҳо, изи пойафзол дар назди ҷасад, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, дастгир кардани гумонбаршудагон ва ғайра мураккаб мегардад.

Маълумотеро, ки дар рафти пурсиш ва кофтуков ба даст омада буд, ҳангоми таъин кардани экспертизаи судӣ метавон истифода бурд. Бо дарназардошти моҳияти ҳуқуқии мафҳуми «таъхирнопазирӣ» дар ин маврид ба он амалҳои тафтишотӣ, ки бо ошкор ва гирифтани далелҳои шайъӣ алоқамананд, афзалияти бештар бояд дода шавад, зеро чунин объектҳо бо гузашти вақти муайян ба тағйироти шаклӣ дучор мешаванд.

Дар ин ҳолат ба муфаттиш маслиҳатҳои зарурӣ дода мешавад, ки онҳо ба таъмини тартибот ва дурустии азназаргузаронӣ нигаронида шуда, ҳангоми муоинаи ҷасад намунаҳои зарурӣ бояд ба даст оварда шаванд. Таҷҳизоти техникии дар ихтиёри муфаттиш қарордошта ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва дигар амалҳои тафтишотӣ, ки аъзои гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ анҷом медиҳанд, истифода мешаванд.

Ҳамин тавр, ташкили банақшагирии тафтишоти ҷиноятӣ низоми умумии муқаррароти илмие мебошад, ки ба танзими фаъолияти криминалистии шахсони мансабдор, мақомоти тафтишоти пешакӣ нигаронида шуда, онҳо маҷмуи санадҳои меъёрии илмию ҳуқуқии танзимкунандаи вазифаҳои ташкилию идоракуниро дар тафтиши ҷиноятҳо фаро мегиранд.

Ҳангоми банақшагирӣ ҳадаф ва вазифаҳои амали тафтишотӣ муайян карда мешаванд; воситаҳои техникӣ ва криминалистиро интихоб менамоянд, ки ҳангоми гузаронидани амалиёти тафтишотӣ ва сабти натиҷаҳои он истифодаи онҳо дар назар дошта мешавад.

Истифодаи оқилонаи иқтидор ва имкониятҳои муфаттишон ва кормандони мақомоти тафтишотӣ, аз усулҳои самаранок истифода намудани онҳо дар ҷараёни ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳо ҳамчун ҷараёни нақшавӣ бояд амалӣ карда шуда, ин омил ба баланд шудани дараҷаи ошкорсозии ҷиноятҳое, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор ба таври пешакӣ мавриди тафтиш қарор мегиранд, мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, амали банақшагириро ба таври воқеӣ метавон усули асосии фаъолияти ташкилию идоракунӣ дар парвандаҳои ҷиноятии баррасишаванда ҳисоб кард. Категорияҳои «ташкили тафтишот» ва «ба нақша гирифтани тафтишот», сарфи назар аз алоқамандии бевоситаи худ, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа бояд аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

Барои ба таври объективӣ таҳқиқ кардани ҳодисаҳои кӯдаки навзоди худро куштани модар банақшагирӣ ва иҷрои чораҳои зерин самаранок хоҳад буд:

1. Фиристодани дархост ба муассисаҳои тиббии шаҳр, минтақа (вилоят) барои тафтиши занҳое, ки дар давоми 9 моҳи охир вобаста ба ҳомиладории худ дар қайд буданд, вале баъди таваллуд ба марказҳои ёрии тиббӣ муроҷиат накардаанд; дар бораи тафтиши заноне, ки худро дар қайди тиббӣ барои ҳомиладорӣ нагузошта, дар давоми як моҳи сипаришуда вобаста ба ҳомиладорӣ ва ё ҷароҳатбардориҳо дар натиҷаи таваллуд барои гирифтани кумаки тиббӣ муроҷиат кардаанд; тафтиши заноне, ки дар ин давра барои қатъи ҳомиладорӣ ва рад намудани он муроҷиат дошта, аммо баъдан ба кормандони тиб муроҷиат накардаанд.

2. Таъин намудани экспертизаи судӣ-тиббии ҷасади кӯдак бо мақсади муайян кардани санаи тахминии таваллуд, вазъи саломатӣ, аз ҷумла қобилияти зинда мондан, ташаккули даврони ҳомиладорӣ ва ғайра, инчунин гирифтани намунаҳо барои таҳқиқи генетикӣ ва муайян кардани ҳолати муҳити зист ҳангоми таваллуд (ҳолати тиббӣ ва ё маишӣ). Таваллуди кӯдак дар шароити тиббиро як қатор омилҳо тасдиқ менамоянд, ки онҳоро мухтасаран ба таври зайл тавсиф менамоем: дуруст буридани ноф, осеб наёфтани кӯдак ҳангоми таваллуд, мақсаднок будани тафтиши дар ҷараёни таваллуд иштирок намудани шахси дорои малакаи тиббӣ.

3. Санҷиши оилаҳои серфарзанд ва дорои шароити душвор, тафтиши заноне, ки барои қатъ кардани ҳомиладорӣ ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат кардаанд, заноне, ки қурбонии таҷовуз шудаанд, инчунин онҳое, ки дар муассисаҳои наркологӣ ба қайд гирифта шудаанд. Гузаронидани тафтиш дар мактабҳои наздик ба ҷойи дарёфтшудаи ҷасади кӯдаки навзод мувофиқи мақсад буда, дар ин маврид он хонандагони синфҳои

болоӣ санҷида мешаванд, ки бо сабабҳои номаълум муддати тулонӣ дар дарсҳо иштирок накардаанд.

4. Гузаронидани пурсиши кормандони хадамоти коммуналӣ бевосита дар маҳалле, ки ҷасади кӯдак ошкор шудааст ва дар минтақаҳои наздиктарин барои муайян намудани маълумоти ба тафтиш дахлдошта, инчунин тафтиши кормандони нуқтаҳои савдо дар минтақаи мазкур.

Банақшагирӣ, ки ҳамзамон дар сохтори худ фарзияи тафтишотӣ ва чораҳои тафтишотиро фаро мегирад, метавонад барои дастрасии маълумоти зарурӣ мусоидат намояд ва ин маълумот дар марҳилаи навбатии тафтишоти кӯдаки навзоди худро куштани модар ҳамчун далел истифода шавад.

Дар заминаи таҳлили натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби муфаттиш метавон дар ин амалиёт иҷрокунандагонро иваз кард, дар шумораи онҳо ислоҳот ворид сохт, инчунин ба шаклу мазмуни баъзе амалҳои тафтишотӣ тағйирот дохил намуд ва ғ. Аммо вобаста ба ҳолати баамаломада дар баъзе ҷузъиёти нақша ислоҳотро ҳатто пештар аз татбиқи амалҳо ва ё чорабиниҳо ворид намудан имконпазир мебошад. Ин омил ба гирифтани маълумоти наве, ки ҳолати воқеии тафтишотиро тағйир медиҳад, вобастагӣ дорад.

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ дар ҳама марҳилаҳои тафтишоти кӯдаки навзоди худро куштани модар барои ба даст овардани маълумоти асосии дорои хусусиятҳои далели шайъӣ ва банақшагирӣ (махсусан барои ҷиноятҳои мавриди назар ва аксаран ғайриошкор) мусоидат менамояд.

Албатта, дар доираи як мақола баррасӣ намудани хусусиятҳои банақшагирии тафтишот ҳангоми кӯдаки навзоди худро куштани модар ғайриимкон буда, дар ин раванд ба назар гирифтани андешаи олимони соҳа, таҷрибаи кишварҳои пешқадам, инчунин дараҷаи касбияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳим ба шумор меравад.

**Муқарриз: д.и.ҳ, профессори ДМТ - Назаров А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Аверьянова Т.В. Криминалистика: учебник / Т.В. Аверьянова Е.Р. Россинская Р.С. Белкин Ю.Г. Корухов. 4-е изд. перераб. и доп. 2017.– С. 367.
2. Волчецкая Т.С. Криминалистическая ситуалогия: монография / Т.С. Волчецкая. - М., 1997. -248 с.
3. Гэицаев С.И. Организационные функции следователя: криминалистический аспект: монография / С.И. Гэицаев. - Краснодар., КубГАУ, 2016. – С. 36.
4. Зеленский В.Д. Качество расследования преступлений: понятие и определяющие факторы: Криминалистические и уголовно-процессуальные проблемы / В.Д. Зеленский // Материалы Всероссийской научно-практической конференции 18 сентября 2015: Краснодар., КубГАУ, 2016. – С. 5-12.
5. Зеленский В.Д. Основные положения организации расследования преступления: монография / В.Д. Зеленский. - Краснодар., КубГАУ, 2012. – С. 76.
6. Крамаренко В.П. Ситуационный подход к выявлению и преодолению следственных ошибок: автореф. дисс… канд. юрид. наук / В.П. Крамаренко. – Краснодар, 2012. -23 с.
7. Кривошеин П.П. Убийство матерью новорожденного ребенка / П.П. Кривошеин //Уголовное право. - 2014. - №3.– С. 38.
8. Меретуков Г.М. Криминалистически значимая информация как источник формирования доказательств (теория и практика): монография / Г.М. Меретуков. - Краснодар., КубГАУ, 2011.– С. 81-101.
9. Назаров А.Қ. Банақшагирии тафтиши ҷиноятҳо / А.Қ. Назаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон».- Душанбе, 2018. -С. 398-399
10. Ооржак А.С. Взаимодействие следователей прокуратуры с работниками органов дознания при расследовании умышленных убийств: Дис… к.ю.н./ А.С. Ооржак. - Казань, 1989. – С. 44.
11. Савельев В.А. Проблемы получения и утраты информации в ходе расследования преступлений: монография / В.А. Савельев. - Краснодар, КубГАУ, 2015.– С. 105.


**БАНАҚШАГИРИИ ТАФТИШОТИ ҶИНОЯТИ КӮДАКИ НАВЗОДИ ХУДРО КУШТАНИ МОДАР**


Дар мақола ба таври мухтасар банақшагирии тафтишот ҳангоми кӯдаки навзоди худро куштани модар мавриди омӯзиш қарор гирифта, андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба шаклҳои татбиқи ҳуқуқии он вобаста ба навъҳои ҷинояти мазкур баррасӣ шудаанд. Мафҳуми банақшагирии тафтишот дар даврони муосир барои баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла ҳангоми тафтишоти кӯдаки навзоди худро куштани модар, аз усулҳои асосӣ ба шумор меравад. Ин раванди ҳуқуқӣ мураккабнизом буда, таснифоти он вобаста ба мазмуну мундариҷа ва шаклҳои он муҳим арзёбӣ мешавад. Бояд қайд кард, ки ҳамчун усули

асосии бахши ташкилии тафтишот мафҳуми банақшагирӣ вазифаҳои худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарпешгузошташуда тавассути роҳандозии имкониятҳои мавҷуда амалӣ сохта, нақшаи таҳияшудаи тафтишот фарогири тамоми ҷанбаҳои ташкилии ин раванди ҳуқуқӣ мебошад. Дар нақшаи тафтишот тартиботи мувофиқ, муҳлат, воситаҳо ва иҷрокунандагони мушаххаси амалиёти тафтишотӣ, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар чораҷӯиҳои мушаххас пешбинӣ карда мешавад. Дар ин раванди ҳуқуқӣ ба сатҳу сифати тафтишот, раванди ташкил ва ба нақша гирифтани тафтишоти ҷиноятҳои алоҳида, инчунин гузаронидани амали мушаххаси тафтишотӣ диққати махсус медиҳанд. Муқоисаи ин усул бо усулҳои маъмулӣ самаранокии банақшагириро дар тафтиши ҷинояти содиршуда нишон дода, ҳамзамон дар ин замина аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят муайян карда мешаванд. Ин раванд алоқамандии ҷараёни банақшагирӣ ва сохтори фарзияҳоро низ бозгӯйӣ менамояд. Банақшагирӣ фаъолияти пурсамар дар ошкорсозии парвандаи ҷиноятӣ буда, онро вобаста ба вазъияти баамаломада метавон тағйир дод. Ҳангоми банақшагирии марҳилаи ибтидоии тафтишот ба назар гирифтани фарзияҳо ҷузъи муҳимми гузаронидани тафтишоти куштор ба шумор меравад. Самаранокии банақшагирии тафтишоти кӯдаки навзоди худро куштани модар тавассути истифодаи маълумот дар бораи усулҳои хосси содир намудани ин гуна ҷиноятҳо таъмин карда мешавад. Ба таври васеъ баррасӣ намудани хусусиятҳои банақшагирии тафтишот ҳангоми кӯдаки навзоди худро куштани модар дар илми ҳуқуқшиносии муосир муҳим ба шумор рафта, дар асоси баррасии андешаи олимони соҳа, таҷрибаи кишварҳои пешқадам, инчунин дараҷаи касбияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ заминаи таҳкими қонунгузорӣ дар ин соҳа амалӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** банақшагирӣ, тафтишот, қонунгузорӣ, ҷиноят, чораҷӯйӣ, фарзияҳо, марҳилаҳои тафтишот, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кӯдаки навзоди худро куштани модар, аломатҳои объективӣ ва субъективӣ.

## ПЛАНИРОВАНИЕ РАССЛЕДОВАНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЯ УБИЙСТВА МАТЕРЬЮ СВОЕГО НОВОРОЖДЁННОГО РЕБЕНКА

В данной статье рассматривается планирование расследования случая убийства матерью своего новорожденного ребенка, а также обсуждаются мнения отечественных и зарубежных ученых о формах его юридического осуществления в зависимости от видов этого преступления. Концепция планирования расследования в современную эпоху является одним из основных методов рассмотрения уголовных дел, в том числе расследования убийства матерью своего новорожденного ребенка. Этот юридический процесс представляет собой сложную систему, и важной считается его классификация в зависимости от содержания и его форм.Следует отметить, что в качестве основного метода организационной части расследования концепция городского банка заключается в реализации своих задач для достижения поставленных целей, используя имеющиеся возможности процесса. Планом расследования предусматриваются соответствующие порядок, сроки, средства и конкретные исполнители следственных действий, оперативно-розыскных мероприятий и других конкретных мероприятий.В этом юридическом процессе особое внимание уделяется уровню и качеству расследования, процессу организации и планирования расследования отдельных преступлений, а также проведения конкретных следственных действий. Сравнение этого метода с традиционными методами показывает эффективность работы полиции в расследовании совершенного преступления, и в то же время в этом контексте определяются объективные и субъективные признаки состава преступления.Этот процесс также отражает взаимосвязь между банковскими потоками и структурой допущений. Уголовное расследование является эффективной деятельностью по раскрытию уголовного дела и может меняться в зависимости от ситуации. При планировании начального этапа расследования рассмотрение гипотез является важной частью проведения расследования убийства. Эффективность планирования расследования убийства матерью ребенка обеспечивается использованием информации о конкретных способах совершения таких преступлений. Широкое рассмотрение особенностей планирования расследования случаев убийства матерью новорожденного ребенка считается важным в современной юриспруденции.

**Ключевые слова:** социальное обеспечение, расследование, законодательство, преступление, уголовное преследование, предположения, этапы расследования, правоохранительные органы, ребенок, убивший мать, объективные и субъективные признаки.

## PLANNING AN INVESTIGATION WHEN A MOTHER KILLS HER BABY

The article briefly examines the planning of the investigation when the mother kills her newborn child, and discusses the opinions of domestic and foreign scientists on the forms of its legal implementation depending on the types of this crime. The concept of investigation planning in the modern era is one of the main methods for considering criminal cases, including the investigation of a mother killing her newborn child. This legal process is a complex system, and its classification is considered important depending on the content of the content and its forms.Should be noted that as the main method of the organizational part of the investigation, the concept of the city bank is to implement its tasks in order to achieve the set goals by using the available opportunities. developed investigation covers all organizational aspects of this legal process. In the plan of the investigation, appropriate procedures, deadlines, means and specific executors of investigative operations, operative-search activities and other specific measures are foreseen.In this legal process, special attention is paid to the level and quality of the investigation, the process of organizing and planning the investigation of individual crimes, as well as conducting specific investigative actions. The comparison of this method with conventional methods shows the effectiveness of the police in investigating the committed crime, and at the same time, in this context, objective and subjective signs of the composition of the crime are determined.This process also reflects the relationship between the bank 's flow and the structure of assumptions. Criminal investigation is an effective activity in the detection of

a criminal case, and it can be changed depending on the situation. When planning the initial phase of the investigation, considering hypotheses is an important part of conducting a homicide investigation. The effectiveness of planning the investigation of a child killing a mother is ensured by the use of information about the specific methods of committing such crimes.Broadly considering the features of investigation planning when a mother kills her newborn child is considered important in modern jurisprudence. this field is implemented.

**Keywords:** social security, investigation, legislation, crime, prosecution, hypotheses, stages of investigation, law enforcement authorities, a child killing a mother, objective and subjective symptoms.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Зеваршо Сафарович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D–и кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **zevarshohsafarov@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Зеваршо Сафарович*** - Танджикский нациаональный университет, докторант Ph.D кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **zevarshohsafarov@gmail.com**

**Information about the author:** ***Safarov Zevarsho Safarovich*** - Tanjik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Criminalistics and Forensic Expertise. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **zevarshohsafarov@gmail.com**

ТДУ: 343.3/.7(575.3)

# ТАҲҚИҚ ҲАМЧУН ШАКЛИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА АҲАММИЯТИ ОН

***Ғайратзода Раҳматулло Давлатбек***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ бо мақсади пайгирӣ аз принсипҳои инсондӯстӣ ва фароҳам овардани шароити муносиби таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ бунёди модели самарабахши пешбурди тосудӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз вазифаҳои асосии соҳаи адлияи ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Ҳолати мазкур тақозо менамояд, ки дар ин ҷода, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани самаранокии пешбурди тосудӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки чандон хавфи калони ҷамъиятӣ надоранд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад. Аз ҷумла, масъалаи мазкур ба ҷиноятҳое дахл дорад, ки ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин иртибот дошта, тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят муайян аст ва тафтиши ин қабил ҷиноятҳо чандон кори мураккаб нест. Чун қоида, мӯҳлати дурударози тафтиш низ оид ба онҳо талаб карда намешавад [4,с.123-124].

Чун қоида, ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятии категорияҳои мазкур зарурати истифодаи тамоми имконият ва захираҳои мурофиавӣ ҷой надошта, инчунин аз рӯйи як хел қоидаҳои мурофиавӣ, яксон ба роҳ мондани тафтиши ҷиноятҳои категорияҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дар аксарияти мавридҳо самаранок набуда, ба ҳуҷҷатнигорӣ ва расмиётчигии зиёдатӣ оварда, дастрасӣ ба адолати судиро мушкил мегардонад ва ба ғайримақсаднок ва ғайрисамаранок истифода намудани захираҳои кадрӣ, молиявӣ ва ташкилии мақомоти тафтишоти пешакӣ оварда мерасонад.

Аз ин рӯ, такмили пешбурди тосудӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки чандон хавфи калони ҷамъиятӣ надоранд, зарурати объективӣ ва тақозои ҷомеа мебошад. Ин омил ҷиҳати истифодаи оқилонаи қувва ва имкониятҳои мақомоти таҳқиқ дар самти ошкор ва тафтиши саривақтии парвандаҳои ҷиноятӣ бинобар сабаби солҳои зиёд тамоюли афзоишро касб намудани содиршавии ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна мусоидат менамояд [4,с.123-124].

Зимнан бояд қайд намуд, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ ду шакли тафтишоти пешакӣ маъмуланд: тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ. Чунин тақсимот ба тафриқасозии мурофиаи судии ҷиноятӣ ирбот дорад. Омили асосии тафриқасозии таҳқиқ, яъне ба намудҳои алоҳида ҷудо намудани он аслан ҷанбаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта, пеша аз ҳама, ба категорияи ҷиноят ва андозаи ҷазо, ки бо қонуни ҷиноятӣ барои содир кардани он пешбинӣ шудааст, вобастагӣ дорад.

Чун қоида, тафтиши пешакӣ бо исифодаи мӯҳлатҳои тулонӣ, амалӣ сохтани доираи васеи амалҳои мурофиавӣ ва таъмини фарроҳи ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа нисбат ба доираи начандон васеи парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, на дар ҳама ҳолат бо дарназардошти ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва дигар ҳолатҳои содир шудани он зарурати роҳандозӣ намудани доираи васеи ин амалҳои мурофиавӣ ҷой дорад. Яъне, на дар ҳама ҳолат нисбат ба тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ гузаронидани тафтиши пешакӣ мувофиқи мақсад دониста мешавад. Аз ин рӯ, агар дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят чандон ҷиддӣ набошад, он гоҳ тартиби тафтиши он бо роҳи ихтисор кардани доираи амалҳои мурофиавие, ки бояд гузаронида шаванд, кам кардани мӯҳлат ва маҳдуд кардани доираи ҳаҷми ваколатҳо содатар ва осонтар карда мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки тафтишоти пешакӣ оид ба ҷиноятҳои хавфнокиашон зиёд амалӣ карда мешавад ва нисбати он шакли мурракабтари тафтишоти пешакӣ – тафтиши пешакӣ амалӣ карда мешавад ва таҳқиқ бошад, оиди ҷиноятҳое, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон камтар аст ва шакли содаву одии тафтишро талаб менамоянд, хос аст [10].

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ, ки пеш аз ҳама, зарурати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро рӯйи кор меорад, ин соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии

амалкунанда дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ имконияти васеи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷой дорад. Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба субъектҳои дахлдори пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ваколат додааст, ки дар ҳолатҳои бо Кодекс пешбинишуда нисбати доираи муайяни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятиро татбиқ намоянд. Гузашта аз ин, дар ҷараёни гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ боз ҳам эҳтимолияти дахолат кардан ба чунин ҳуқуқҳои конститутсионии шахс, аз қабили дахлнопазирии шахс ва манзил, махрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, шаъну шараф, озодии мусоифрат ҷой доранд. Бинобар ин, дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ низоми кафолатҳое ҷой доштанашон зарур ва муҳим аст, ки барои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонунӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ мусоидат намоянд [12,с.334-335].

Таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда нишон медиҳад, ки тафтишоти пешакӣ дар ду шакл: таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ гузаронида мешавад.

Тафтишоти пешакӣ – ин фаъолияти бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ батанзимдаровардашудаи мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор оид ба ошкор кардани ҷиноятҳо, фош кардани шахсони гунаҳкор, таъмин кардани асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ва муқаррар намудани ҳамаи ҳоолатҳои ҷиноят барои дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ мебошад [13].

Тафтишоти пешакӣ барои муташаккилонаю мувофиқи мақсад бурдани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ равона карда шудааст [2].

Мувофиқи моддаи 6 КМҶ ҶТ, таҳқиқ - шакли тафтиши тосудӣ буда, таҳқиқбаранда парвандаи ҷиноятиеро, ки тафтиши пешакии он шарт нест, анҷом медиҳад [1].

Таҳқиқ - ин шакли содакардашудаи тафтишоти пешакӣ буда, таҳқиқбаранда парвандаи ҷиноятиеро, ки тафтиши пешакии он шарт нест, анҷом медиҳад. Дар шароити кунунӣ нақши мақомоти таҳқиқ дар самти ошкор кардани ҷиноятҳо, фош кардани шахсони гунаҳкор, таъмин кардани асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ва муқаррар намудани ҳамаи ҳолатҳои ҷиноят барои дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ назаррас мебошад.

Таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ, ҳамзамон, мақсади зеринро пайгирӣ менамояд: ҷустуҷӯ, дарёфт, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ; таъмини ҳуқуқи шахс ба ҳимоя; татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ; ба суд ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ, ё ин ки қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиботи ҷиноятӣ.

Дар шароити кунунӣ бо дарназардошти афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ ва хусусияти мураккабро касб намудани он нақши таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ дар самти ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дараҷаҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ баръало эҳсос мешавад. Амалияи фаъолияти мақомоти таҳқиқ нишон медиҳад, ки то ҳанӯз дар ин самт мушкилиҳои алоҳида аз байн нарафтаанд.

Маврид ба зикр аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ аз ҷониби як зумра олимону донишмандони маъруфи тоҷик, аз қабили Абдуллоев Н.А., Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Мирзамонзода Х.М., Муҳиддинов А.А., Абдуллоев П.С., Назиров Н.А., Раҳмон Ю.А., Раҳмадҷонзода Р.Р., Орипов А.Л., Шаҳидуллозода М., Раҳимзода М.С., Ҷалолов Х.Ғ., Фозилов Н.Н., Хоҷаева Н.Б., Авзалов А.Х., Негматов Б.С. ва дигарон оид ба паҳлуҳои гуногуни падидаи таҳқиқ дар мурофиаи ҷиноятӣ осори арзишманди илмӣ таълиф шудаанд.

Вале дар Тоҷикистон то ҳанӯз таҳқиқоти фарогири илмӣ оид ба падидаи таҳқиқ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷой надорад.

Дарвоқеъ, шароити кунунии рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ҷиҳати ноил гаштан ба ҳалли масъалаи ошкор, огоҳонидан ва пешгири ҷинояткорӣ тақозо менамояд, ки бо мақсади риояи принсипи инсондӯстӣ ва дар меҳвари фаъолияти ҳамаи сохторҳои давлатӣ қарор доштани инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ низом ва шаклу тарҳҳои осону содатари тафтиши пешакӣ ва судӣ ҷорӣ карда шаванд, то ин ки барои таъмини манфиатҳои қонунии шаҳрвандон шароити арзанда фароҳам оварда

шаванд ва амалҳои мурофиавӣ дар муҳлатҳои оқилона амалӣ карда шаванд ва барои ба даст овардани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ зуд ва тезтар мусоидат намоянд.

Ба андешаи мутахассисони соҳа, имрӯз мурофиаи ҷиноятӣ аз лиҳози мазмун ғанӣ гардидааст, мафҳум, мақсад, вазифа, шакли мурофиавӣ, ғояҳои роҳбарикунанда дигар шудаанд, ки танҳо фаҳмиши дурусти он имконият медиҳад, ки аз он ҷумла таҳқиқ ҳадафрас, босамар, қонунӣ ва безарар амалӣ карда шавад. Фаҳмиши нави мурофиаи ҷиноятӣ, дар ин замина таҳқиқу тафтиш ва муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз назари ҳуқуқи инсон чун масъулияти давлат оид ба ҳимояи ҳаққи ҷабрдидагон аз аъмоли ҷиноятkорона ва ҳуқуқ ва манфиати таъқибшавандагон аз амалу қарори ғайриқонунии шахсони мансабдори давлатӣ чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ матраҳ карда мешавад. Мурофиаи ҷиноятӣ масъулияти давлат дар назди шаҳрванд ва инсон аст, ки чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ риоя ва иҷро карда мешавад [8,с.58].

Таърихи таъсис ва рушди мақомоти таҳқиқ ва соҳиби ваколатҳои мурофиавӣ гаштани онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мақомоти таҳқиқ, аслан, бинобар зарурати иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар самти мубориза бо ҷиноятkорӣ дар соҳаҳои идоракунии ба онҳо тобеияти идоравӣ дошта, бо ҷиноятkорӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳолати мазкурро таҷрибаи ҷаҳонӣ новобаста аз низоми ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ собит месозад [11,с.168-176].

Барои мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори мақомоти таҳқиқ функсияи мурофиавӣ-ҷиноятӣ иловагӣ буда, функсияи асосии онҳо ба ҳалли масъалае равона шудааст, ки аслан онҳо барои ҳамин ҳадаф созмон дода шудаанд. Онҳо зимни иҷрои уҳдадориҳои бевоситаи хизматии худ ноилоҷ ба ошкор намудани ҷиноятҳи тайёршудаистода ва содиршуда рӯ ба рӯ мешаванд (масалан, ҳангоми таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ). Дар ин маврид онҳо субъектони мурофиавӣ-ҷиноятӣ буда, функсияи мурофиавиро низ анҷом медиҳанд. Ин мақомот вазифа ва функсияҳои гуногунро амалӣ месозанд.

Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ дар мавриди таъиноти таҳқиқ ҳамчун як шакли тафтишоти пешакӣ андешаву назарҳои мухталиф ҷой доранд. Аз ҷумла, таҳқиқ ҳамчун «шакли тафтиш», «шакли тафтиши ҷиноят», «шакли тафтишоти пешакӣ»; «шакли тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ»; «шакли тафтиши пешакии ҷиноят»; «шакли истеҳсолоти тосудӣ»; «як навъи тафтиши ҷиноят»; «ҳамчун шакли фаъолият» маънидод карда мешавад [14,с.30-31].

Таҳқиқ як шакли тафтишоти пешакӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби таҳқиқбаранда нисбат ба парвандаҳои ҷиноятие, ки оид ба онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, гузаронида мешавад. Таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти таҳқиқ оид ба ҷиноятҳое, ки нисбат ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, дар доираи ваколатҳои мурофиавии таҳқиқбаранда дар низмои мақомоти таҳқиқ фаҳмида мешавад [14,с.42].

Мувофиқи нуктаи назари профессор Искандаров З.Ҳ., таърифи онро дар асоси м. 40 ва боби 19 КМҶ ҶТ чунин ифода намудан мумкин аст: “Таҳқиқ як шакли тафтишоти пешакии ҳодисаи ҷиноят буда, бо мақсади қайди аризаву хабар дар бораи содир намудани ҷиноят, ҳаддалимкон чораҷӯйӣ намудан баҳри бо далел мустаҳкам кардани ҳолатҳои содир намудани ҷиноят, оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ бо мақсади зуд донистану (дознать) дар муҳлати кутоҳтар, осонтару соддатар муайян намудани ҳолатҳои алоқаманд ба ҷиноят, аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ба амал баровconfigured мешавад” [8,с.58].

Калимаи «таҳқиқ» (аз калимаи дар гузашта маъмули русии «дознать» «дознаться») маънои донистан, аниқ донистан ва боварӣ ҳосил кардан ба чизеро мефаҳмонад [22,с.744]. Дар луғатномаи С.И. Ожегов бошад, таҳқиқ ҳамчун тафтиши пешакии маъмурӣ шарҳ дода шудааст [14,с.744]. «Таҳқиқ намуди тафтишоти пешакии ҳуқуқвайронкунӣ ва гузаронидани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ ҷиҳати муайян ва мустаҳкам намудани пайҳои ҷиноят мебошад» [21], омадааст дар энсиклопедияи ҳуқуқии М.Ю. Тихомиров.

Ба андешаи Л.Т. Улянова дар зери мафҳуми таҳқиқ фаъолияти мақомоти маъмурӣ фаҳмида мешавад, ки он ба дарёфт ва мустаҳкам намудани пайҳои ҷиноят, муайян кардан ва дастгир намудани шахсони гумонбар тавассути гузаронидани амалҳои таъхирнопазири

тафтишӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмист, инчунин пурра гузаронидани тафтиши пешакӣ дар доираи ваколатҳои онҳо дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ зери назорати прокурор фаҳмида мешавад [20].

Таҳқиқ – ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ фаъолиятест, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда ҳамчун шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ оид ба дарёфт, мустаҳкам намудан, санҷиш ва баҳо додан ба далелҳо бо мақсади ошкор намудани ҷиноят, ошкор ва фош сохтани шахси онро содиркарда, саривақт ба ҷавобгарӣ кашидани шахси гунаҳкор дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ карда шуда, функсияи асосии мурофиавии онро гузаронидани таҳқиқ бо парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, ташкил медиҳад [16].

Таҳқиқ ин шакли содакардашудаи тафтишоти пешакӣ буда, таҳқиқбаранда парвандаи ҷиноятиеро, ки тафтиши пешакии он шарт нест, анҷом медиҳад. Ҷудо намудани таҳқиқ ҳамчун шакли махсуси тафтишоти пешакӣ ва ба тафтиши ҷиноятҳое, ки нисбатан хавфнокиашон кам аст ва мураккаб нестанд, равона карда шуда, ҳамзамон омодагии парванда ба истеҳсолоти судӣ зуд ва одӣ сурат мегирад. Зудтар, яъне бидуни таъхир гузаронидани тафтишоти пешакӣ аз амалишавии ҳуқуқ ба пешбурди суръатноки парванди ҷиноятӣ, ки дар б. “с” қ.3 м 14 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ муқаррар карда шудааст, сарчашма мегирад [23].

Ҳамин тариқ, таҳқиқ, дар маҷмӯъ, ҳамчун фаъолият дар заминаи қонуниятҳои объективии маърифати инсонӣ ҷиҳати дарки ҳодисаи ҷиноят, муайян намудани маълумотҳои зарурӣ ва исботи онҳо, муайян кардан шахсе, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, инчунин муайян кардани дигар ҳолатҳое, ки барои ҳалли дурусти парванда заруранд, нигаронида шудааст.

Таҳқиқот шакли содакардашудаи (тезонидашудаи) тафтишоти пешакӣ мебошад, ки аз тарафи таҳқиқбаранда ё муфаттиш оид ба парвандае, ки гузаронидани тафтиши пешакӣ зарур нест, ба амал бароварда мешавад.

Таҳқиқ як шакли тафтишоти пешакӣ таърихи махсуси ба худ хосси пайдоиш дорад. Бисёре аз олимон бар он ақидаанд, ки таърихан таҳқиқ дар заминаи мурофиаи ҷустуҷӯйӣ пайдо шуда, вазифаи асосии он зуд ошкор намудани ҷиноят, муайян намудани ҳолатҳои асосии ҳодисаи ҷиноят, фош сохтани шахси содиркунандаи ҷиноят ва мустаҳкам кардани пайҳои ҷиноят иборат буд.

Мавқеи ба сифати шакли махсуси тафтишот ҷудо кардани таҳқиқ дар он аст, ки барои ҷиноятҳое, ки аз ҷиҳати тафтиши онҳо нисбатан хавфнок ва мураккаб нестанд, тайёр кардани парванда ба мухоқимаи судӣ зудтар ва содатар сурат мегирад. Таҳқиқот ба ғояи тезонидани раванди мурофиаи ҷиноятӣ тобеъ карда мешавад, ки он бо риояи кафолати кофии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс як тамоюли объективии инкишофи навтарини ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар тамоми ҷаҳон мебошад. Ҳуқуқ ба мурофиаи судии фаврӣ муҳимтарин меъёри ҳуқуқии байналмилалиест, ки ҳимояи манфиатҳои шахсро таъмин мекунад [17].

Инчунин, дар адабиётҳои муосири ҳуқуқӣ муайян намудани мафҳуми мақомоти таҳқиқ баҳснок боқӣ мондааст.

Дар адабиёти мурофиавии хориҷӣ оид ба мафҳуми таҳқиқ андешаҳои зиёде мавҷуданд.

Аз ҷумла, Е.А Доля таҳқикро «шакли ибтидоӣ ё одитарини тафтиш» маънидод менамояд [5].

Э.О Дашдамиров қайд менамояд, ки таҳқиқот «фаъолияти мақомоти махсуси ваколатдори маъмурии давлат буда, вазифаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва тафтишотиро муттаҳид намуда, ба пешгирӣ, рафъ ва кушодани ҷиноятҳо, ҷустуҷӯ ва фош кардани ҷинояткорон нигаронида шудааст [6].

А.А. Крипичников бошад, фикри худро дар ин масъала чунин баён кардааст: таҳқиқ-ин шакли мустақили тафтиши пешакӣ буда, аз ҷониби мақомоти давлатии ваколатдор, ки ваколати таҳқиқ карданро доранд, амалӣ карда мешавад [9].

Олими тоҷик Раҳимзода М.С. дар кори илмии худ мафҳуми мақомоти таҳқикро чунин баён намудааст: “Мақомоти таҳқиқ гуфта, сохтор ё муассисаҳои мақомоти давлатие мебошад, ки мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи

онҳо вазифаҳои мурофиавӣ ҷиҳати қабул, ба қайд гирифтан ва баррасӣ намудани аризаҳо ва маълумот дар бораи ҷинояти содиршуда ё ҷинояти нотамом пешбурди таҳқиқ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, иҷрои амалҳои таъхирнопазир оид ба парвандаҳое, ки барои онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ аст, инчунин дар ҳолатҳои истисноӣ пешбурди тафтиши пешакӣ ва дигар намуди фаъолият ҷиҳати таъмини тафтишот дар робита бо доштани маълумоти мавҷуда дар хусуси имконпазирии содир шудани ҷиноят вогузор шудааст" [18,с.139].

Ҳамзамон, номбурда пешниҳод дорад, ки дар моддаи 40 КМҶ ҶТ, ки номгӯйи мақомоти таҳқиқ оварда шудаанд, мафҳуми мақомоти таҳқиқ пешниҳод карда шавад [18,с.137-138].

Зимнан бояд тазаккур дод, ки дар адбиётҳои илмӣ дар мавриди функсияҳои мақомоти таҳқиқ андешаву назарҳои қобили мулоҳиза ҷой доранд.

Аз ҷумла, ба андешаи Д.М. Берова мақомоти таҳқиқ ва таҳқиқбаранда дар давраи тосудии мурофиаи ҷиноятӣ якчанд самти фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро амалӣ месозад, ки онҳоро метавон ҳамчун зерфунксияи мурофиавии ҷиноятӣ эътироф намуд, аз қабили баррасии аризаву иттилоот оид ба ҷиноят; таҳқиқи ҳолатҳои кор; таъқиботи ҷиноятӣ; ҳимояи шаҳрванд аз таъқиботи беасос; андешидани чораҳо ҷиҳати баратараф намудани ҳолатҳое, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат намудаанд ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ. Вале ҳама ин намуди фаъолият дар доираи функсияҳои сегонаи мурофиаи ҷиноятӣ: айбдорӣ; ҳимоя ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ иҷро карда мешаванд [3].

Ба андешаи ӯ, функсияи асосии мақомоти таҳқиқ таъқиботи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи функсияи мазкур мақомоти таҳқиқ чанд самти фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро анҷом медиҳад [3].

Мувофиқи нуқтаи назари Рижаков А.П., мақомоти таҳқиқ тавассути амалӣ намудани функсияҳои худ дар як маврид ду вазифаро анҷом медиҳад: аз як тараф, таъмини амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва аз дигар тараф, зуд ва саривақт ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳо [19].

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таҳрири нав 3-юми декабри соли 2009 қабул гардида, аз 1-уми апрели соли 2010 мавриди амал қарор дода шудааст (Кодекси мазкур аз 3 қисм 12 фасл 50 боб ва 486 модда иборат аст), модда ва бобҳои дахлдор оид ба таҳқиқ пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар моддаи 40 мақомоти таҳқиқ ва вазифаҳои он, дар боби 19 фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва дар боби 46 бошад, фаъолияти мақомоти таҳқиқ оид ба пешбурди суръатнок мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд.

Мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 40 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба зиммаи мақомоти таҳқиқ ҳалли вазифаҳои зерин вогузошта шудаанд:

- қабул, ба қайд гирифтан ва баррасӣ намудани аризаҳо ва маълумот дар бораи ҷинояти содиршуда ё ҷинояти нотамом;
- пешбурди таҳқиқ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест;
- иҷрои амалҳои таъхирнопазир оид ба парвандаҳое, ки барои онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ мебошад;
- пешбурди тафтиши пешакӣ дар ҳолатҳое, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст.

Боби 19 КМҶ ҶТ ду намуди таҳқиқи парвандаҳоро пешбинӣ намудааст:

- таҳқиқ дар мавриди парвандаҳое, ки доир ба онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмист (м. 153 КМҶ);
- таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакии онҳо ҳатмӣ нест (154 КМҶ).

Ҳамзамон, дар адабиётҳои илмиву таълимӣ дар хусуси ҳамчун як шакли таҳқиқ баромад намудани пешбурди суръатнок низ андешаҳо ҷой доранд, ки қобили дастгирианд [13].

Фаъолияти мақомоти таҳқиқ вобаста ба амалиёташон бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, ё ин ки бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, фарқ мекунад.

Дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноятe, ки доир ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, мақомоти таҳқиқ ҳуқуқ дорад парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд. Таҳқиқбаранда қоидаҳои Кодекси мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, ҳаракатҳои таъхирнопазири тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро барои муқаррар ва мустаҳкам намудани изҳои ҷиноят мегузаронад, чунончи: азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ, нишон додан барои шинохтан, шаҳодаткунонӣ, дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда, ҷабрдида ва шоҳидон.

Оид ба парвандаи ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, мақомоти таҳқиқ парвандаро оғоз мекунад ва барои муқаррар намудани ҳолатҳое, ки бояд оид ба парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд, ҳамаи чораҳои пешбиникардаи Кодекси мазкурро меандешад. Оид ба парвандаи ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, маводи таҳқиқ барои дар суд баррасӣ намудани парванда асос мегардад. Дар сурати мавҷуд будани асосҳои дар боби 46 КМҶ ҶТ пешбинишуда мақомоти таҳқиқ пешбурди суръатнокро анҷом медиҳад.

Дар иртибот ба таносуби мафҳуми таҳқиқ бо тафтиши пешакӣ ва дигар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ андешаҳои гуногуни олимон ҷой доранд.

Аз ҷумла, дар робита ба таносуби таҳқиқ бо фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ профессор Искандаров З.Ҳ. таъкид менамоянд, ки ҳам фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ва ҳам таҳқиқ ду намуди фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ буда, ба ҳам қаробати наздик доранд, баҳри огоҳ, ошкор ва пешгириву кушодани ҷиноят равона карда шудаанд. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ аслан бо мақсади ҷустуҷӯйӣ ҳодисаи ҷиноят ва ҷинояткории вазнин бештар бо усули пинҳонӣ, таҳқиқ бошад, барои донистани ҳодисаву ҳолатҳои содир намудани ҷиноятҳо равона карда шуда, ошкорову бо тарзи мурофиавӣ ба амал бароварда мешавад. Бояд таъкид намуд, ки таҳқиқ як шакли одитари тафтишоти пешакӣ буда, дар асоси тартиботи мурофиавӣ бо мақсади зуд ва дар муҳлати кӯтоҳтар, осонтару содатар муайян намудани ҳолатҳои алоқаманд ба ҷиноят ба амал бароварда мешавад [8,с.57].

Дар адабиётҳои илмӣ ва таълимӣ асосҳои гуногуни фарқияти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ зикр мешаванд.

Аз ҷумла, як гурӯҳи олимон бар он назаранд, ки тафтиши пешакӣ аз таҳқиқ бо нишонаҳои зерин аз ҳамдигар фарқ мекунанд: 1) аз нигоҳи субъекти тафтишот; 2) аз нуқтаи назари муҳлат; 3) аз лиҳози сохтор; 4) вобаста ба мақоми шахс, ки нисбати он таъқиботи ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад; 5) вобаста ба шакли мурофиавии ба итмом расидани тафтишоти пешакӣ; 6) вобаста ба механизми амалисозии назорати прокурорӣ ва назорати идоравӣ; 7) вобаста ба дараҷаи мустақилияти мурофиавии муфаттиш [10,с.650-651].

Ба андешаи професор Давлетов А.А., тафтиши пешакӣ аз таҳқиқ аз ҳамдигар бо нишонаҳои зерин фарқ мекунанд: 1) вобаста ба тобеияти тафтишотии парвандаҳо; 2) вобаста ба мақом; 3) вобаста ба тартиби пешбурди фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ; 4) вобаста ба сатҳи мустақилияти мурофиавии муфаттиш ва таҳқиқбаранда; 5) вобаста ба имконпазир будани ивази шакли тафтишот; 6) вобаста ба хусусияти ҳамкории онҳо [7,с.158-159].

Мо низ бар он назарем, ки таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо чунин хусусиятҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

- Аз рӯйи субъектоне, ки онро мегузаронанд. Таҳқиқи парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби таҳқиқбаранда гузаронида мешавад. Тафтиши пешакиро бошад, муфаттиш анҷом медиҳад.

- Вобаста ба функсияашон. Агар барои мақомоти тафтиши пешакӣ, тафтишот ягона функсияи онҳо ҳисоб равад, барои мақомоти таҳқиқ ва шахсони мансабдор (сардори қисмҳои ҳарбӣ, сардори муассисаҳои ислоҳӣ) тафтишот танҳо яке аз функсияи онҳо мебошад. Вазифаи асосии онҳо аз муҳофизат намудани тартибот ва бехатарии тартиботи ҷамъиятӣ иборат мебошад.

- Вобаста ба муҳлати тафтиш. Оид ба парвандае, ки пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, пешбурди таҳқиқ бояд дар муҳлати на дертар аз понздаҳ шабонарӯз аз рӯзи

оғози парвандаи ҷиноятӣ то рӯзи ба прокурор барои ба суд равон кардан ё то рӯзи қатъ кардани пешбурди парванда тамом карда шавад. Мӯҳлати пешбурди таҳқиқ мумкин аст аз тарафи прокурор ё муовини ӯ дароз карда шавад, вале на зиёдтар аз понздаҳ шабонарӯз. Барои тафтиши пешакӣ қонунгузор муҳлатҳои мурофиавии дарозтарро муқаррар намудааст. Аз рӯйи қоидаи умумӣ пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ бояд дар муҳлати на дертар аз ду моҳ аз рӯзи оғози парвандаи ҷиноятӣ анҷом дода шавад. Муҳлати ниҳоии пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби қонунгузор муайян карда нашудааст.

- Тобеияти тафтишотӣ. Таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ дар хусуси ҷиноятҳои пешбинишуда дар моддаҳои 119, 120, 125 қисми 1, 126, 131 қисми 1, 171, 195 қисми 4, 213 қисми 1, 230, 232, 234, 235, 237 қисми 1, 238, 242 қисми 1, 243, 244 қисми 1, 252 қисми 1, 254 қисми 1, 255 қисми 1, 256, 259 қисми 1, 286 қисми 1, 294, 341, 342 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти таҳқиқ анҷом дода мешавад (м. 151 КМҶ ҶТ). Боқимонда ҷиноятҳое, ки дар боло номбар нашуданд, тафтиши онҳо аз ҷониби муфаттишони мақомоти дахлдори давлатӣ гузаронида мешавад.

- Бо шакли анҷомёбии тафтишот. Таҳқиқи ибтидоӣ бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ё қарори қатъ кардани парванда анҷом меёбад (м. 157 КМҶ ҶТ). Ба ғайр аз ин, таҳқиқ инчунин бо тартиб додани қарор дар бораи ба муфаттиш равон кардани парванда ҷиҳати минбаъд анҷом додани тафтиши пешакӣ анҷом меёбад. Тафтиши пешакӣ бошад, бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ё қарор дар бораи ба суд равон кардани парвандаи ҷиноятӣ барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ё баровардани қарори қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ анҷом меёбад.

- Сатҳи мустақилияти мурофиавӣ. Қонун ӯҳдадории оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, андешидани чораҳои зарурии фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ, гузаронидани амалҳои таъхирнопазири тафтишотиро ба зиммаи мақомоти таҳқиқ вогузор намудааст. Шахси таҳқиқбаранда ҳарчанд ба мисли муфаттиш функсияи тафтишотиро анҷом диҳад ҳам, вале чун муфаттиш мустақилияти мурофиавиро соҳиб набуда, қарорҳои асосиро оиди парвандаи ҷиноятӣ дар мувофиқа бо сардори мақомоти таҳқиқ қабул мекунад. Тамоми супоришҳои прокурор барои мақомоти таҳқиқ ҳатмӣ буда, бояд фавран иҷро карда шаванд. Супоришҳои сардори воҳиди таҳқиқ оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар шакли хаттӣ дода шуда, иҷрои онҳо аз тарафи таҳқиқбаранда ҳатмӣ мебошад. Дар сурати розӣ набудан бо супориш таҳқиқбаранда ҳуқуқ дорад ба прокурор арз намояд. Арз намудани шикоят иҷрои супоришҳоро бознамедорад. Дастурҳои суд, судя, прокурор, мақомоти тафтишоти пешакӣ, сардори мақомоти таҳқиқ барои таҳқиқбаранда ҳатмӣ мебошанд. Аз дастурҳои сардори мақомоти таҳқиқ ба прокурори назоратбаранда, аз дастурҳои прокурор бошад, ба прокурори болоӣ шикоят кардан мумкин аст.

2. Контроль за соблюдением процедур и норм при работе с криминалистической техникой. Прокуроры осуществляют контроль за тем, чтобы следователи и правоохранительные органы соблюдали правила и нормы, регулирующие использование криминалистической техники. Они проверяют, что все шаги, связанные с фиксацией, сохранением и изъятием следов с мест преступления, проведением экспертиз и анализа материалов, осуществляются в соответствии с установленными требованиями.

3. Оценка качества проведения экспертиз и использования криминалистической техники. Прокуратура производит оценку качества проведения экспертиз и использования криминалистической техники. Она анализирует экспертные заключения и проведенные исследования, чтобы убедиться в их объективности, полноте и соответствии требованиям закона. При необходимости прокуроры могут запросить дополнительные экспертизы или меры, чтобы получить дополнительную информацию или доказательства.

4. Подготовка и представление доказательств в суде. Прокуроры осуществляют координацию и контроль за подготовкой и представлением доказательств в суде. Они обеспечивают, чтобы материалы, полученные с использованием криминалистической техники, были представлены в правильной форме, соответствовали требованиям закона и могли быть использованы как основа для обвинения и доказательства вины обвиняемого.

Координация и контроль за использованием криминалистической техники со стороны органов прокуратуры направлены на обеспечение законности, объективности и эффективности расследования преступлений. Они играют важную роль в защите прав граждан, обеспечении справедливости и предотвращении, и борьбе с преступностью.

Обеспечение качества сбора доказательств при использовании криминалистической техники является одной из важнейших задач органов прокуратуры. Для этого прокуроры выполняют следующие функции:

1. Координация и контроль за соблюдением процедур и норм при сборе доказательств. Прокуроры проверяют, что правоохранительные органы соблюдают установленные законодательством процедуры при сборе, фиксации и изъятии следов с мест преступления. Они проверяют, что использованная криминалистическая техника соответствует требованиям и стандартам, и что правоохранители действуют в рамках своих полномочий.

2. Оценка качества собранных материалов и доказательств. Прокуроры анализируют собранные следы и материалы, полученные с использованием криминалистической техники. Они оценивают их достоверность, объективность и полноту, чтобы убедиться в их пригодности в качестве доказательств в уголовном процессе.

3. Назначение дополнительных экспертиз и исследований при необходимости. Если прокурор обнаруживает необходимость в дополнительных экспертизах или исследованиях для получения дополнительных доказательств или разъяснений, он может запросить их проведение. Это может быть связано, например, с необходимостью проведения специализированной экспертизы или дополнительных тестов с использованием криминалистической техники.

4. Сортировка и категоризация доказательств. Прокуроры проводят анализ собранных доказательств и материалов с использованием криминалистической техники и определяют их значимость и релевантность для дела. Они классифицируют доказательства по категориям и осуществляют их систематическое хранение и использование в уголовном процессе.

5. Принятие решения о представлении доказательств в суде. На основе оценки и анализа качества и достоверности собранных доказательств, прокуроры принимают решение о их представлении в суд. Они обеспечивают, чтобы доказательства были адекватными и надлежащим образом подготовленными, чтобы представить полное и объективное представление о преступлении и участниках дела.

Обеспечение качества сбора доказательств при использовании криминалистической техники является важным аспектом процесса расследования преступлений. Это способствует не только установлению правды, но и гарантирует справедливость и защиту прав граждан в уголовном процессе.

Обучение и повышение квалификации сотрудников прокуратуры по использованию криминалистической техники являются важной составляющей успешного расследования преступлений и обеспечения высокого уровня профессионализма в данной области [1]. Прокуратура осуществляет следующие меры в этом направлении:

1. Организация специализированных курсов и семинаров. Прокуратура организует курсы и семинары по криминалистической технике для своих сотрудников. Эти мероприятия проводятся в целях получения актуальных знаний и навыков, ознакомления с новейшими методиками и технологиями, а также обмена опытом и лучшими практиками сотрудников [8,с.25-26].

2. Участие в международных и национальных программах обучения. Прокуратура участвует в международных и национальных программах по обучению и обмену опытом в области криминалистической техники. Это может включать участие в семинарах, конференциях, стажировках и обучающих программах, организуемых другими правоохранительными и экспертными организациями.

3. Сотрудничество с научно-исследовательскими и образовательными учреждениями. Прокуратура сотрудничает с научно-исследовательскими и образовательными учреждениями, чтобы быть в курсе новых научных разработок и исследований в области криминалистики. Она может устанавливать партнерские отношения с университетами или участвовать в совместных исследовательских проектах.

4. Проведение внутреннего обучения. Прокуратура организует внутренние обучающие программы, в том числе с использованием экспертов и специалистов в области криминалистики, с целью повышения квалификации своих сотрудников. Это может включать как теоретическое обучение, так и практические занятия, тренинги и мастер-классы.

5. Развитие учебных материалов и методик обучения. Прокуратура разрабатывает и усовершенствует учебные материалы и методики обучения, связанные с использованием криминалистической техники. Разработка стандартов и руководств, адаптированных к специфике работы прокуратуры, способствует более эффективному и целенаправленному обучению сотрудников.

Обучение и повышение квалификации сотрудников прокуратуры по использованию криминалистической техники являются основой для эффективного применения новейших методов и технологий в расследовании преступлений. Они позволяют сотрудникам прокуратуры быть в курсе современных трендов в области криминалистики и обеспечивать верное и надежное сбор и использование доказательств.

Сотрудничество с другими специалистами и организациями является важной составляющей работы органов прокуратуры в области использования криминалистической техники [3,с.30]. Прокуратура сотрудничает с различными экспертами и специалистами, а также с организациями, включая следующие аспекты:

1. Сотрудничество с криминалистическими экспертами. Прокуратура сотрудничает с криминалистическими экспертами из специализированных лабораторий и учреждений. Она обращается за помощью экспертам при проведении исследований и экспертиз, получении заключений и разъяснений. Сотрудничество с экспертами позволяет прокуратуре получить квалифицированную оценку следов и материалов преступления, а также разъяснения по вопросам, связанным с криминалистической техникой.

2. Взаимодействие с научно-исследовательскими институтами и учебными учреждениями. Прокуратура сотрудничает с научными исследовательскими институтами и учебными учреждениями, работающими в области криминалистики. Она обменивается опытом, знаниями и новейшими научными разработками, проводит совместные исследования и конференции, с целью развития и совершенствования криминалистической техники.

3. Сотрудничество с правоохранительными органами. Прокуратура сотрудничает с другими правоохранительными органами, такими как полиция и следственный комитет, при расследовании преступлений. Сотрудничество включает обмен информацией, проведение совместных оперативно-розыскных мероприятий и координацию работы по использованию криминалистической техники. Это способствует более эффективному и скоординированному расследованию преступлений.

4. Взаимодействие с международными организациями. Прокуратура устанавливает связи и сотрудничает с международными организациями, такими как Интерпол, в рамках борьбы с международной преступностью. Прокуроры обмениваются информацией, получают доступ к базам данных и экспертной поддержке, что способствует повышению эффективности работы по расследованию преступлений.

Сотрудничество с другими специалистами и организациями является необходимым компонентом работы органов прокуратуры в области использования криминалистической техники. Оно позволяет обмениваться опытом, получать квалифицированную поддержку и улучшать качество проводимых расследований преступлений.

Технико-криминалистическое обеспечение органов прокуратуры является важным аспектом работы по расследованию преступлений [5,с.400]. Современное состояние и перспективы его развития включают следующие аспекты:

1. Применение современных технологий и оборудования. Современные технологии и оборудование играют важную роль в технико-криминалистическом обеспечении органов прокуратуры. Это включает в себя использование специализированных систем видеонаблюдения, аудиозаписи и фотофиксации, высокоскоростных компьютеров и программного обеспечения для анализа данных, а также современную мобильную технику для оперативных операций.

2. Развитие методов и технологий анализа следов. Технико-криминалистическое обеспечение органов прокуратуры включает в себя разработку и применение новых методов и технологий анализа следов. Это включает в себя биологическую и химическую экспертизу, генетический анализ, баллистические и физико-химические исследования, компьютерную экспертизу и др.

3. Обучение и повышение квалификации сотрудников. Для эффективного использования технико-криминалистического обеспечения необходимо обеспечить соответствующую подготовку сотрудников прокуратуры. Обучение и повышение квалификации специалистов в области криминалистики являются важными приоритетами. Это включает в себя проведение специализированных курсов, семинаров, тренингов и обмен опытом между специалистами.

4. Международное сотрудничество. Современное состояние и перспективы развития технико-криминалистического обеспечения органов прокуратуры связаны с укреплением международного сотрудничества в области криминалистики. Это позволяет обмениваться опытом, передавать передовые технологии и методы анализа, участвовать в совместных исследовательских проектах и программах, а также получать консультации и поддержку от международных организаций.

5. Использование и развитие цифровой технологии. В условиях быстрого развития информационных и коммуникационных технологий, цифровое технико-криминалистическое обеспечение становится все более важным. Это включает в себя анализ данных с помощью цифровых технологий, восстановление и анализ электронных следов, работу с киберпространством и технологиями связи.

Перспективы развития технико-криминалистического обеспечения органов прокуратуры связаны с использованием новых технологий и методов анализа следов, автоматизацией и цифровизацией процессов, разработкой специализированных программ и алгоритмов, а также укреплением международного сотрудничества в этой области [9,с.24-27]. Особое внимание уделяется обеспечению безопасности и конфиденциальности данных, а также защите персональной информации при использовании современных технологий.

Технико-криминалистическое обеспечение следственных действий является важным компонентом успешного расследования преступлений. Оно включает использование специализированной техники, методов и приемов для фиксации и изъятия следов, анализа материалов, проведения экспертиз и реконструкции преступлений [7,с.179]. Технико-криминалистическое обеспечение следственных действий может быть организовано следующим образом:

1. Фиксация следов на месте преступления. Технические средства, такие как фотоаппараты, видеокамеры, лазерные уровни и другие, используются для документирования и фиксации следов на месте преступления. Это включает съемку общего вида местности, фотографирование следов, запечатлевание позиции предметов и олицетворение условий снаряжения преступника. Все это позволяет создать точное представление об условиях преступления и сохранить важные доказательства для дальнейшего анализа.

2. Изъятие и упаковка следов. Для изъятия следов с места преступления используются специальные инструменты, такие как пинцеты, брюшки для снятия отпечатков пальцев и другие. Следы затем упаковываются в соответствующие контейнеры или пакеты с метками, чтобы обеспечить их сохранность и сохранить цепочку улик.

3. Анализ и идентификация следов. Полученные следы отправляются на экспертизу и анализ в специализированные лаборатории или подразделения. Здесь проводятся такие исследования, как дактилоскопия, баллистика, физико-химический анализ и другие для идентификации следов и установления связей между ними и преступлением.

Технико-криминалистическое обеспечение следственных действий развивается с прогрессом научных и технических достижений. В настоящее время активно применяются новые методы и технологии, такие как цифровые следы, компьютерная томография, генетический анализ и другие, что в значительной степени повышает эффективность расследований и обеспечивает более точные и достоверные доказательства. Перспективы развития технико-криминалистического обеспечения следственных действий связаны с

использованием искусственного интеллекта, автоматизированных систем анализа данных и новых методик работы с цифровыми следами.

Фиксация следов на месте преступления с использованием криминалистической техники является одной из важнейших задач при расследовании преступлений. Процесс фиксации следов включает в себя следующие этапы и методы, которые могут быть выполнены с использованием специализированной криминалистической техники:

1. Фотографирование: Фотографирование является одним из основных методов фиксации следов на месте преступления. С помощью фотокамеры или видеокамеры фиксируются общие и детальные виды места преступления, а также отдельные следы, предметы и улики [9,с.24-27]. Фотографирование может быть проведено с использованием специальных фотоаппаратов, оснащенных макрообъективами или светофильтрами, для более точного запечатления следов.

2. Видеозапись: Использование видеокамеры позволяет фиксировать процесс обнаружения и сбора следов, проведение экспериментов и реконструкцию преступления. Видеозапись позволяет сохранить важные детали и динамику происходящего на месте преступления.

3. Осветительная техника: для освещения места преступления и фиксации следов в недостаточно освещенных или труднодоступных местах используется специализированная осветительная техника. Это может быть ультрафиолетовый и инфракрасный источник света, светодиодные фонари, лазерный уровень и другие средства, которые помогают выделить и зафиксировать следы на различных поверхностях.

4. Съемка на месте преступления с использованием 3D-сканеров: Трехмерное сканирование места преступления с помощью 3D-сканера позволяет точно воссоздать его геометрию и сохранить важные детали и расположение следов. Это позволяет проводить дополнительный анализ следов, мерить расстояния и углы, а также создавать виртуальную модель места преступления для дальнейшего исследования и реконструкции.

5. Использование специализированных средств для изъятия следов: Для изъятия следов с поверхностей и предметов используются специальные инструменты, такие как пинцеты, маркеры и щетки. Они помогают сохранить целостность и свежесть следов и предотвращают их повреждение.

Фиксация следов на месте преступления с использованием криминалистической техники обеспечивает объективность, сохранность и надежность доказательств, которые могут использоваться в дальнейшем расследовании и судебном процессе [17,с.29-32]. Это важная задача, осуществляемая специалистами криминалистической техники для достижения справедливости и раскрытия преступлений.

Изъятие и упаковка следов с помощью криминалистической техники являются важными этапами при расследовании преступлений. Для эффективного изъятия и упаковки следов используются специальные инструменты и контейнеры, а также методы, предоставляемые криминалистической техникой [10,с.21-28]. Вот некоторые из них:

1. Использование инструментов для изъятия следов: для безопасного и аккуратного изъятия следов используются специализированные инструменты, такие как пинцеты, пластиковые лопатки, шпатели и щетки. Они помогают сохранить целостность и свежесть следов, предотвращая их повреждение или уничтожение при изъятии.

2. Применение упаковочных материалов: после изъятия следов они должны быть правильно упакованы, чтобы обеспечить их сохранность и предотвратить возможность их потери, повреждения или перекрестного заражения. Для этого используются специальные контейнеры и пакеты, такие как пластиковые или стеклянные контейнеры, бумажные пакеты, пробирки или пакеты с маркировкой и печатью для обеспечения цепочки улик.

3. Использование маркировки и печати: после упаковки следов они маркируются и запечатываются. Это обеспечивает их идентификацию и цепочку улик, предотвращая возможность замены, потери или подмены следов. Маркировка и печать также включают информацию о месте изъятия, времени, дате, протоколе или номере дела.

4. Контроль за цепочкой улик: после изъятия и упаковки следов важно поддерживать контроль за их цепочкой. Это включает запись всех этапов от изъятия до использования в

судебном процессе, а также хранение следов в безопасном месте, чтобы предотвратить возможность их повреждения или изменения. Контроль за цепочкой улик обеспечивает их надежность и достоверность при представлении в суде и использовании в дальнейшем расследовании.

Использование криминалистической техники при изъятии и упаковке следов помогает обеспечить их сохранность, надежность и правильность использования в дальнейшем расследовании и судебном процессе. Это важный этап, который требует внимательности, точности и соблюдения всех процедур и норм для достижения объективности и правильности решений.

Анализ и идентификация следов преступления с использованием криминалистической техники являются ключевыми этапами расследования преступлений. Криминалистическая техника предлагает различные методы и инструменты для обработки и анализа следов, целью которых является определение их происхождения, классификация и сопоставление с образцами, а также проведение экспертиз для выявления важных деталей и характеристик [11,с.80]. Вот некоторые методы и инструменты, используемые при анализе и идентификации следов преступления с помощью криминалистической техники:

1. Физико-химический анализ: он включает в себя использование различных химических реакций и приборов для определения состава или происхождения следов, таких как капли крови, следы физических веществ или следы от взрывов. Физико-химический анализ может помочь в идентификации определенных материалов или веществ, а также в установлении их связи с конкретным преступлением.

2. Генетический анализ: Это метод анализа ДНК, который позволяет идентифицировать и связать следы с определенными лицами или сверить с образцами. Генетический анализ включает в себя использование специализированного оборудования и программного обеспечения для извлечения и анализа ДНК, а также проведение сравнений и установления генетических связей.

3. Компьютерная техника и программное обеспечение: В свете цифрового развития информационных технологий, компьютерная техника и программное обеспечение играют существенную роль в анализе следов. Компьютерные программы позволяют проводить реконструкцию событий, анализировать цифровые следы, восстанавливать данные, обрабатывать изображения и видео с мест преступления или с камер наблюдения.

Анализ и идентификация следов преступления с использованием криминалистической техники позволяют получить важные интерпретации и свидетельства, которые могут быть использованы в дальнейшем расследовании и судебном процессе. Они имеют важное значение для раскрытия преступлений и обеспечения справедливости.

**Рецензент: д.ю.н., профессор ТНУ - Назаров А.К.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Волынский А.Ф. Концептуальные основы технико-криминалистического обеспечения раскрытия и расследования преступлений: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. -М., 1999. [Электронный ресурс]. URL: https://www.dissercat.com/ (дата обращения: 19.01.2023).
2. Волынский В.А. Технико-криминалистическое обеспечение раскрытия и расследования преступлений (методологические, организационные, правовые проблемы): дис. ... канд. юрид. наук. -М., 1991. -164 с.
3. Кочнева И.П. Технико-криминалистическое обеспечение производства следственных действий: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. -М.: Моск. гос. юрид. акад. им. О.Е. Кутафи-на, 2010. -30 с.
4. Кочубей А.В. Технико-криминалистическое обеспечение проведения предварительных исследований объектов КЭМВИ // Информационный бюллетень №11. Академия управления МВД России. -М., 2000. -С.41-44.
5. Криминалистическое обеспечение деятельности криминальной милиции и органов предварительного расследования / под ред. проф. Т.В. Аверьяновой и проф. Р.С. Белкина. -М.: Новый Юрист, 1997. -400 с.
6. Кулагин Н.И. Организаторская деятельность следователя и вариант ее оптимизации // Проблемы организаторской работы следователя. -Волгоград, 1991. -С. 5-14.
7. Москаленко А.И. Технико-криминалистическое обеспечение раскрытия преступлений по горячим следам: дисс. к.ю.н. -Волгоград, 2002.- 179 с.
8. Российская Е.Р. Совершенствование подготовки кадров как одно из основных условий повышения эффективности использования научно-технических средств в раскрытии и расследовании преступлений //

Проблемы технико-криминалистического обеспечения раскрытия и расследования преступлений. Материалы науч-прак. конф. -М., 1994. -С.25-26.
9. Смагоринский Б.П., Железняков А.И. Использование компьютерных технологий в криминалистической фотографии // Вестник УМО Судебная экспертиза. -Саратов, 2001. -С. 24-27.
10. Токарев В.В., Панкратов С.С., Худяков Ю.З. Основные недостатки использования научно-технических средств в процессе раскрытия преступлений и пути их устранения // Вопросы теории криминалистики и экспертно-криминалистические проблемы. - М., 1987.-С. 21-28.
11. Чернышов В.Н., Сысоев Э.В., Селезнев А.В., Терехов А.В. Технико-криминалистическое обеспечение следствия: учебное пособие. -Тамбов, 2005. -80 с.
12. Черкасский, И. Пререкание между следователем и прокурорским надзором // Журнал министерства юстиции. Год семнадцатый. – 1911, июнь. - № 6. - С.148-159.
13. Цомая С.Д. Понятие научно-технических и технико -криминалистических средств / С.Д. Цомая // Публичное и частное право. -2009. -№ 3. -С. 110-115.
14. Широков, Д.М., Широков, А.М. К вопросу о предмете криминалистики с позиции прокурорской деятельности // Вестник Костромского государственного университета. – 2017. -том 23. -№2. -С.188-190.
15. Юрченко И.А. Возможности применения технико - криминалистического обеспечения в административной деятельности / И.А. Юрченко // Российский следователь. -2008. -№17. -С. 3-9.
16. Яловой, О.А. Криминалистический аспект деятельности прокурора на досудебных этапах производства по уголовным делам // Криминалист. - 2011. -№2(9). -С.29-32.

## МУҚАРРАРОТИ УМУМИИ ТАЪМИНОТИ ТЕХНИКӢ - КРИМИНАЛИСТИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА

Муқаррароти умумии таъминоти техникӣ - криминалистии мақомоти прокуратура ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

1.Қонунӣ ва объективӣ: Ҳама амалҳои марбут ба ҷамъоварӣ, ба қайд гирифтан ва тафтиши далелҳо бояд тибқи қонун анҷом дода шаванд. Принсипи объективӣ талаб мекунад, ки далелҳои ҷамъовардашуда ба фоидаи яке аз тарафҳо тахриф карда нашаванд.

2. Тайёрии касбӣ: Мутахассисоне, ки ба таъминоти техникӣ-криминалистӣ дар мақомоти прокуратура ҷалб карда мешаванд, барои иҷрои аниқ ва босаводонаи вазифаҳои худ бояд таҳсилоти махсус ва тайёрии махсус дошта бошанд. Тайёрии касбӣ ва такмили ихтисоси онҳоро назорат кардан лозим аст.

3. Мустақилият ва дахлнопазирӣ: Мутахассисони таъминоти техникӣ - криминалистии мақомоти прокуратура бояд новобаста аз таъсири шахсони дигар ё ташкилотҳо фаъолият кунанд. Дахлнопазирӣ ва мустақилияти онҳо аз иҷрои объективона ва беғаразии фаъолияти онҳо дар вазифаҳои худ мебошад.

4. Ҳамоҳангсозӣ: Мақомоти прокуратура бояд бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз қабили милитсия ва мақомоти тафтишотӣ барои таъмини дастгирии самараноки техникӣ - криминалистӣ ҳамкории зич дошта бошанд. Ҳамоҳангсозӣ дар ҷамъоварӣ ва истифодаи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ кӯмак мерасонад.

5. Ҳифзи далелҳо: мақомоти прокуратура бояд бехатарии далелҳои ҷамъовардашударо дар рафти тафтишот ва мурофиа таъмин намоянд. Маводи ҷамъшуда бояд мувофиқи талаботи қонун бастабандӣ, тамғагузорӣ ва нигоҳ дошта шаванд.

Дар муборизаи зидди ҷинояткорӣ ва таъмини адолати судӣ таъминоти техникӣ-криминалистии прокуратура нақши калон мебозад ва имкон медиҳад, ки далелҳои ҷиноят ошкор, сабт ва тафтиш карда шавад, ки он асоси мурофиаи одилона ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон мебошад.

**Калидвожаҳо:** техникаи криминалистӣ, тадқиқоти судӣ-криминалистӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорат, далелҳо, прокуратура, мутахассис, таъини экспертиза, баҳодиҳӣ, тадқиқоти илмӣ, технология, таҷҳизот, бақайдгирии пайҳо, бастабандии пайҳо, айнияткунии пайҳо.

## ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ ТЕХНИКО-КРИМИНАЛИСТИЧЕСКОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ОРГАНОВ ПРОКУРАТУРЫ

Общие положения технико-криминалистического обеспечения органов прокуратуры включают следующие аспекты:

1. Законность и объективность: Все действия, связанные с сбором, фиксацией и исследованием доказательств, должны проводиться в соответствии с законодательством. Принцип объективности требует, чтобы собранные доказательства не были искажены или искажены в пользу одной из сторон.

2. Профессиональная подготовка: Специалисты, занимающиеся технико-криминалистическим обеспечением в органах прокуратуры, должны иметь специальное образование и обучение, чтобы точно и компетентно выполнять свои обязанности. Необходимо следить за их профессиональной подготовкой и повышением квалификации.

3. Независимость и неприкосновенность: Специалисты технико-криминалистического обеспечения органов прокуратуры должны работать независимо от влияния других лиц или организаций. Их неприкосновенность и независимость от обстоятельств являются гарантией их объективности и непредвзятости при выполнении своих функций.

4. Координация действий: Органы прокуратуры должны тесно сотрудничать с другими правоохранительными органами, такими как милиция и следственные органы, для обеспечения эффективного

технико-криминалистического обеспечения. Координация действий помогает в сборе и использовании доказательств в уголовном процессе.

5. Сохранение доказательств: Органы прокуратуры должны обеспечить сохранность собранных доказательств в процессе проведения расследования и судебного разбирательства. Собранные материалы должны быть правильно упакованы, обозначены и храниться в соответствии с требованиями закона.

Технико-криминалистическое обеспечение органов прокуратуры играет важную роль в борьбе с преступностью и обеспечении справедливости. Оно позволяет выявлять, фиксировать и исследовать доказательства преступлений, что является основой для проведения справедливых судебных процессов и привлечения виновных к ответственности.

**Ключевые слова:** Криминалистическая техника, судебно-криминалистических исследований, координация и контроль, доказательств, прокуратура, специалист, назначение экспертизы, оценка, научно-исследовательский, технология, оборудования, фиксация следов, упаковка следов, идентификация следов.

**GENERAL PROVISIONS OF TECHNICAL AND FORENSIC SUPPORT FOR PROSECUTORS**

General provisions of technical and forensic support for prosecutors include the following aspects:

1. Legality and objectivity: All actions related to the collection, recording and examination of evidence must be carried out in accordance with the law. The principle of objectivity requires that the evidence collected is not distorted or distorted in favor of one of the parties.

2. Professional training: Specialists involved in technical and forensic support in the prosecutor's office must have special education and training in order to accurately and competently perform their duties. It is necessary to monitor their professional training and professional development.

3. Independence and integrity: Specialists in technical and forensic support of the prosecutor's office must work independently of the influence of other individuals or organizations. Their inviolability and independence from circumstances are a guarantee of their objectivity and impartiality in the performance of their functions.

4. Coordination: Prosecuting authorities should work closely with other law enforcement agencies, such as police and investigative agencies, to ensure effective technical and forensic support. Coordination helps in the collection and use of evidence in criminal proceedings.

5. Preservation of evidence: Prosecuting authorities must ensure the safety of collected evidence during the investigation and trial. Collected materials must be properly packaged, labeled and stored in accordance with legal requirements.

Technical and forensic support for the prosecutor's office plays an important role in the fight against crime and ensuring justice. It allows you to identify, record and examine evidence of crimes, which is the basis for fair trials and bringing perpetrators to justice.

**Keywords:** Forensic technology, forensic research, coordination and control, evidence, prosecutor's office, specialist, appointment of examination, assessment, research, technology, equipment, recording of traces, seizure, packaging of traces, identification of traces.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аъзамзода Акмал Аъзам*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯй. Суроға: 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Akmal-azamov93@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Азамзода Акмал Азам*** **–** Таджикский национальный университет, кафедра криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета, соискатель. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Akmal-azamov93@mail.ru**

**Information about the author:** ***Azamzoda Akmal Azam*** **-** Tajik National UniversityDepartment of Criminalistics and Forensic Expert Activities, Faculty of Law, applicant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Akmal-azamov93@mail.ru**

ТДУ: 321.007

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: АСОСҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

*Нуриддин П.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрамӣ ва тақвияти муассирии сиёсати давлатии кадрҳоро чун омили муҳимми фаъолияти муваффақонаи давлат ошкор сохт.

Татбиқи вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти хизмати давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои касбии шакли нав, масъалаи баррасии таҷрибаи андӯхташуда, ташаккул ва фаъолияти идораи давлатӣ, инчунин таъсири он ба равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодиро боз ҳам муҳимтар сохт.

Дар оғози асри нав зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои хосси рушди сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷагирӣ аз таҷрибаи андӯхташуда ба миён омад.

Хусусиятҳои ташаккули давлатдории кишвари мо дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ дар табдили мунтазами ислоҳот ва зидди ислоҳот ифода мeёбад. Чунки дар замони советӣ бо омадани пешвои нави сиёсӣ пайвастагии ҳаёти ҷамъиятӣ ва хизмати давлатӣ тағйир мeёфтанд.

Бо дарназардошти ба миён омадани зарурати танзими меъёрии хизмати давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми апрели соли 2005 чунин таъкид каарданд: «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав таҳия ва ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод карда шавад» [5], ки бояд бо талаботи муосири хадамоти давлатӣ мутобиқ бошад. Қонуне, ки соли 2007 қабул шуд, аз рӯйи мазмун аз қонунҳои пешинаи ин соҳа хеле тафовут дошт. Қонуни нав дастгоҳи хизмати давлатӣ, категорияҳои тақсими хизматчиёни давлатӣ (маъмурӣ ва сиёсӣ)-ро муайян кард, савганди хизматчиёни давлатӣ, Феҳристи хизматчиёни давлатӣ ва уҳдадориҳои иловагии хизматчиёни давлатии маъмуриро тасдиқ кард [7].

Тайи солҳои амали ин Қонун, барои бунёди хадамоти миллии давлатӣ корҳои зиёде анҷом дода шуд. Аз ҷумла, баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ аҳаммият доштанд. Аммо фаъолияти амалии хизмати давлатӣ дар доираи қонуни мазкур баъзе норасоиҳоро ошкор сохт. Барои мисол, зарурати такмили ниҳоди хизмати давлатӣ мутобиқи воқеияти давраи гузариш, беҳтар намудани сатҳи таъсиррасонии ҳадафманд ба равандҳои иҷтимоӣ ба миён омад.

Яке аз талаботи муҳимми рӯз таъмини истифодаи оқилонаи кадрҳо, таҳияи воситаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ, созмондиҳӣ ва далелнокии меҳнати муносиб буд. Таҷдиди муносибат ба кори кадрӣ ба адозаи зиёд бо мутобиқати сохторҳои идоракунӣ, муайян намудани вазифаҳо ва салоҳияти он, инчунин тақвияти масъулияти шахсии ҳайати роҳбарикунанда алоқаманд аст.

Баррасии масъалаи ташаккули сиёсати кадрӣ, таъсис ва амали хизмати давлатӣ, таҳлили хусусиятҳои асосӣ ва зиддиятҳо, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии он имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии кадрҳо такмил дода шавад.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «хизмати давлатӣ – фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст» [6].

Албатта, сухан дар бораи фаъолияти сиёсӣ меравад, чунки самти умумии фаъолияти дастгоҳи идоракуниро роҳбарон ё ниҳодҳои сиёсӣ муайян мекунанд.

Сиёсати кадрҳоро мо бо дарназардошти таъриф дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чун «низоми тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, ки татбиқи онҳо барои таъмини

масъалаҳои интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи кадрҳо имкон медиҳад»[2], мефаҳмем.

Сиёсати давлатии кадрҳо – фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар самти таъсиси низоми яклухти ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, рушди иқтидори кадрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба ҳалли самараноки вазифаҳои муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ нигаронида шудааст, мебошад. Сиёсати давлатии кадрҳо ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ буда, ҳамчун фишанги пуриқтидори таъсиррасон ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат хизмат менамояд [2].

Бояд таъкид кард, ки кишвари мо таърихи бойи фаъолияти кадрӣ ва идоракунии давлатиро дорад, ки ба туфайли он метавон ниҳодҳои асосии сиёсати давлатии кадрҳоро дар шароити кунунӣ муайян кард.

Ислоҳоти муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, майл ба иқтисоди бозории ҷанбаи иҷтимоидошта сабаб шуд, ки санадҳои қонунгузории танзимкунандаи ниҳоди хизмати давлатӣ қабул карда шаванд. Аз ҳамин давра асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ, такшкилӣ, кадрӣ, ахлоқӣ, илмӣ–методии хадамоти давлатӣ ташаккул ёфтанд.

Инчунин, ба сабаби нақши нави Ҷумҳурии Тоҷикистон чун иштирокчии муносибатҳои байналмилалӣ аҳаммият ва таъсири сиёсати давлатии кадрҳо афзуд.

Соҳаи сиёсати давлатии кадрҳо бисёр вазифаҳои методологӣ, назариявӣ ва амалиро ба миён мегузорад, ки боиси таваҷҷуҳи рӯзафзуни муҳаққиқон ба ин соҳа мегардад. Дар шароити муосир ин, қабл аз ҳама, ба ҷанбаҳои сиёсӣ ва ниҳодии сиёсати давлатӣ дахл дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати ташаккули муносибатҳои иқтисоди бозориро пеш гирифтааст, низоми пешини идоракунии ҳизбӣ ва советӣ наметавонист бидуни тағйир фаъолият намояд. Бинобар ин, пас аз касби Истиқлоли давлатӣ, дар Тоҷикистон пояи хизмати давлатии тавсеаёфта ва тағйирёфта ташаккул ёфт. Асоси ҳуқуқии онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, ташкил медиҳад.

То имрӯз масъалаи мафҳумҳои хизмати давлатӣ, доираи хизматчиёни давлатӣ ва ҳимояи иҷтимоии онҳо, маҳдудияти ҳуқуқи онҳо, такмили дастгоҳи идоракунӣ ва ғайра ба тарзи комилан нав танзим гардидаанд.

Дар ниҳоди ҳуқуқии хизмати давлатӣ ҷойгоҳи асосиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд. Бисёр моддаҳои он ба ин ё он навъ асосҳои сиёсати давлатии кадрҳоро ифода менамоянд.

Дар моддаи 35-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дарҷ гардидааст: «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст» [3, с. 13]. Моддаи 14-и Конститутсия асосҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқ ба хизмати давлатиро муайян намуда, онҳо дар доираи қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Мутобиқи моддаи 6-и Конститутсия, «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда… Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст. Ғасби ҳокимият ва ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст» [3, с. 4].

Моддаи 27-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз моддаҳои асосии муайянкунандаи «ҳуқуқи баробар доштани шаҳрвандон барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ», ҳамчунин «ба хидмати давлатӣ» мебошад [3,с.11].

Ҳокимияти давлатӣ мутобиқи моддаи 9-и Конститутсия, ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад.

Мутобиқи моддаи 48-и он, «Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [3,с.16].

Дар моддаҳои 64 ва 65-и Конститутсия дар бораи Президент чун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) сухан меравад. Мутобиқи моддаи 65-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент метавонад ба тарзи умумӣ мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол, аммо як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад. Маҳдудияти дар ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат татбиқ намегардад. Вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад [3,с.27-28].

Шахсе ба номзадии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад. Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд [3,с.28].

Тибқи моддаи 73-и Конститутсия, «Аъзои Ҳукумат бояд танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд ва онҳо наметавонанд вазифаи дигареро иҷро намоянд, вакили мақомоти намояндагӣ бошанд, ба соҳибкорӣ машғул шаванд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ» [3,с.34].

Моддаи 76-и Конститутсия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз мақомоти намояндагӣ ва иҷроия иборат буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунад. Моддаи 77-и он чунин муайян кардааст: «Мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси вакилони халқ аст, ки онро раис роҳбарӣ мекунад. Муҳлати ваколати Маҷлиси вакилони халқ 5 сол аст» [3, с. 35].

Мутобиқи моддаи 78-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия роҳбарӣ менамояд. Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияро дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ раис сарварӣ мекунад. Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро Президент таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд. Раис дар назди мақомоти болоӣ ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор масъул аст. Тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд [3,с.35-36].

Ҳокимияти мустақили судӣ аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлатро ҳифз менамояд.

Дар моддаи 84-и он мақомоти амаликунандаи ҳокимияти судӣ номбар шудаанд: инҳо Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе мебошанд [3,с.38].

Мулоҳиза дар бораи асосҳои сиёсӣ ва ниҳодии амалисозии сиёсати давлатии кадрҳоро инкишоф дода, бояд гуфт, ки санади дигари муҳим Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» [4], мебошад, ки асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Дар боби якуми Қонун, ки муқаррароти умумӣ ном дорад, дар моддаи 1-и он мафҳумҳои асосии истифодашуда дар матн, муқаррарот ва амали умумӣ муайян карда шудаанд. Дастгоҳи давлатӣ – низоми мақомоти давлатӣ буда, фаъолияти он барои амалӣ намудани вазифа ва сиёсати давлат равона шудааст, ки ваколати давлатию ҳокимиятиро тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорад [6].

Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мансабҳои давлатиро чун воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ таъсис дода шудаанд, муайян менамоянд. Фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии

ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст, хизмати давлатӣ (сиёсӣ ва маъмурӣ) ба ҳисоб меравад [4].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хизматчии давлатиро чун «шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст» тавсиф мекунад [6].

Хизматчии давлатии сиёсӣ чун хизматчии давлатӣ, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умумидавлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад. Ҳамзамон, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хизматчии давлатии маъмурӣ чун «хизматчии давлатӣ, ки уҳдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст», таъкид гардидааст [4].

Феҳристи мансабҳои давлатӣ тибқи Қонуни мазкур – номгӯйи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар басти кории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ барои ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ пешбинӣ гардидааст, муайян шудааст [4].

Дар доираи Қонуни зикргардида, талаботҳои тахассусӣ чун талаботҳое муайян гардидаанд, ки бо мақсади муайян кардани тайёрии касбӣ ва мувофиқат ба мансаби мушаххаси давлатии хизмати давлатӣ ба шаҳрвандон ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтари давлатии хизматӣ пешниҳод карда мешаванд.

Уҳдадориҳои мансабӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» чун уҳдадориҳои пешбининамудаи мансаби муайяни давлатӣ, ки ҷавобгӯйи мақсад ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ мебошанд, муайян шудаанд [6].

Моддаи 2-и Қонуни мазкур бори дигар ҳуқуқи баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба дастрасӣ ба хизмати давлатӣ таъкид менамояд. Миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ набояд ба ҳуқуқи шаҳрванд барои қабул ба хизмати давлатӣ таъсир расонанд.

Мақоми муҳимро дар Қонун ваколатҳои сарвари давлат дар ташаккул ва амалисозии сиёсати давлатии кадрҳо ишғол мекунад. Мутобиқи Қонун, муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ маҳз ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад [6].

Низоми хизмати давлатӣ – хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбиро дар бар мегирад. Тибқи Қонуни мазкур, хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ба амал бароварда мешавад. Хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ тақсим мешавад.

Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба мақсади таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ амал мекунанд. Ҳамзамон, дар Қонуни мазкур, хизмати давлатии ҳарбӣ чун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ буда, ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида мешавад, таъкид шудааст [7].

Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо дарназардошти усулҳо ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим дароварда мешаванд. Ҳамзамон, дар Қонун таъкид гардидааст, ки хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизмати давлатии ҳарбӣ ва намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар қисме, ки бо қонунгузории соҳавӣ ба танзим дароварда

нашудааст, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тибқи Қонуни мазкур қабул карда шудаанд, ба танзим дароварда мешаванд.

Моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» доираи амали Қонуни мазкурро маҳдуд намуда, мақомоти зерини давлатии хизмати давлатиро муайян менамояд:

–Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–дастгоҳи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

–кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

–мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ (барои хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ);

–дастгоҳи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

–мақомоти дигари марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

–намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ (байниҳукуматӣ);

–мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4].

Ба хизматчиёни давлатии маъмурӣ инчунин шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, баробар карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нисбат ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои зерини давлатӣ татбиқ намегардад:

–Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–раис, муовинони раис, судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе;

–кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ;

–хизматчиёни шаҳрвандии (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ;

–кормандони дигар сохторҳои давлатие, ки дар қисми якуми ҳамин моддаи Қонуни мазкур номбар нашудаанд» [6].

Мутобиқи моддаи 7-и Қонун, хизмати давлатӣ волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф мекунад, ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд афзалият медиҳад, хусусияти дунявӣ дорад.

Хизмати давлатӣ дар руҳияи садоқат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба ҷуз фаъолияте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри дар доираи қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Хизмати давлатӣ новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, низоми ягона буда, касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ, тобеияти онро эътироф мекунад, барои баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ масъул буда, фаъолияти хизматчии давлатиро дар асоси дастовардҳои хизматӣ арзёбӣ мекунад [4].

Хизмати давлатӣ метавонад инчунин дигар усулҳоеро, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд, ба инобат гирад [4].

Ба мақсади татбиқи сиёсати ягонаи хизмати давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот ва сохтори мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатиро тасдиқ намудааст, ки вазифаи он иборат аз таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ва пешниҳод намудани онҳо барои баррасӣ ба Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорат ба фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ, аз ҷумла, пешниҳодҳо доир ба бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки бо қонунгузории ҷумҳурӣ ихтилоф доранд, мебошад.

Ин мақом дар доираи салоҳияти худ баргузории озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ аттестатсия ва ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатиро назорат мекунад, мониторинги ҳолати кадрҳои хизмати давлатӣ ва захираи кадрҳоро анҷом медиҳад, эҳтиёҷоти мақомоти давлатиро оид ба кадрҳо пешбинӣ менамояд, фармоиши давлатии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиро таҳия намуда, фаъолияти мақомоти давлатиро дар ин самт ҳамоҳанг менамояд [6].

Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ пешниҳод намудани таклифҳоро оид ба такмили низоми пардохти музди меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ ба миён мегузорад, дар таҳияи лоиҳаи шартномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои хизмати давлатӣ иштирок менамояд. Илова бар ин, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ доир ба тартиби татбиқи хизмати давлатӣ тавсия медиҳад, дастурҳои методиро таҳия ва пешниҳод менамояд ва ахбор нашр мекунад [6].

Боби 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ташкил ва адои хизмати давлатиро муайян менамояд.

Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷой ва нақши мақоми давлатӣ дар низоми мақомоти давлатӣ, амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои давлат, татбиқи салоҳияти мақомоти давлатӣ, хусусияти ваколати мансабҳои мушаххас ва аҳаммияти онҳо дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ тақсим шуда муайян карда мешавад. Таснифи хизматчиёни давлатӣ ба сиёсӣ ва маъмурӣ дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад [4].

Дар моддаи 10-и Қонуни мазкур Феҳристи мансабҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ тақсим мешаванд. Барои хизматчиёни давлатии сиёсӣ категорияи мансабҳои давлатӣ муқаррар карда намешавад.

Хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум тақсим мешаванд. Мутобиқати мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ ба категорияҳо дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда мешавад [6].

Барои таъмини салоҳияти мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиёни давлатӣ ва мувофиқати хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ талаботи тахассусӣ муқаррар карда мешавад, ки меъёри асосии интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ ва омили муайянкунандаи фаъолияти хизматчии давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад [4].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» шахсони довталаби ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешниҳодгардида, бояд талаботи тахассусӣ, яъне таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ (бо дарназардошти ихтисос ва категорияи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ), собиқаи умумӣ ва таҷрибаи кор аз рӯйи ихтисос, собиқаи хизмати давлатӣ, донистани забони давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд, қонеъ созанд.

Тибқи Қонун, сатҳи талаботи тахассусии хизматчиёни давлатии сиёсиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ муайян карда мешаванд.

Дар моддаи 12-и он хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ) мақомоти давлатӣ муайян карда шудааст. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мансабии онҳо мувофиқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ муайян карда мешаванд. Номгӯйи чунин мансаб ва

касбҳо бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад [6].

Мутобиқи тартиботи муқаррарнамудаи Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони ба хизмати давлатии маъмурӣ қабул кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 18 расидаанд ва бо талаботи дахлдори тахассусии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқат доранд, вуҷуд дорад.

Тибқи моддаи 13-и Қонун, ҳангоми ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ қабул шудани шаҳрвандон ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 26-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд: аризаи шахсӣ; маълумотнома дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ; маълумотномаи тиббӣ дар бораи вазъи саломатӣ; ҳуҷҷатҳои дигаре, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хусусияти мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешбинӣ намудаанд. Шаҳрванд ба хизмати давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур қабул карда шуда, бо ӯ шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ баста мешавад, ки намунаи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд [4].

Парвандаи шахсии хизматчиёни давлатӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақоми дахлдори давлатӣ тартиб дода шуда, рафти адои хизмати давлатӣ дар он қайд карда мешавад [4].

Шаҳрванде, ки бори аввал ба мансаби маъмурии хизмати давлатӣ қабул мешавад, дар ҳузури кормандони мақомоти давлатӣ ботантана савганд ёд менамоянд, ки матни он дар парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад. Хизматчии нави давлатӣ савганд ёд мекунад, ки адои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат дарк намуда, Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя менамояд, дар фаъолияти худ принсипҳои қонуният, адолат, беғаразӣ ва ростқавлиро ба роҳбарӣ мегирад, тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бовиҷдонона ва ба дараҷаи баланди касбӣ хизмат мекунад, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром мекунад, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ қарор медиҳад ва барои вайрон намудани савганди ёдкардааш худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобад [6].

Хизматчии давлатӣ савгандро бо имзои шахсии худ тасдиқ ва санаи қабули онро сабт менамояд. Матни савганди хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳарбӣ тибқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ муқаррар карда мешаванд [6].

Дар моддаи 16-и Қонун ҳолатҳое, ки ба хизмати давлатӣ қабул намудани шаҳрванд ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатиро истисно мекунанд, муайян карда шудааст. Шаҳрванд дар ҳолатҳои зерин наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул гардад ва ҳамчун хизматчии давлатӣ дар хизмати давлатӣ бошад:

–саркашӣ кардан аз адои ба расмият даровардани иҷозат ба маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегирад, агар иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ба истифодаи ин маълумот вобастагӣ дошта бошад;

–агар шаҳрвандии давлати дигарро дошта бошад;

–аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромада, шаҳрвандии давлати дигарро гирифта бошад;

–нафақагири Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати хориҷӣ бошад;

–мавҷудияти беморӣ, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизмати давлатӣ монеа мегардад;

–саркашӣ кардан аз пешниҳоди эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкӣ;

–доштани доғи судӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиркарда [6].

Мутобиқи моддаи 17-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин шудани ӯ мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

Агар санҷиш ҳолатҳои барои ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ тайин шудани шаҳрванд монеъшавандаро ошкор намояд, ба ӯ дар бораи радкунии тайин ба мансаби давлатӣ ва сабабҳои он хаттӣ хабар дода мешавад [4].

Дар моддаи 18-и Қонуни мазкур сухан дар бораи роҳандозии озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ (ба истиснои мансабҳои категорияи олӣ) таъкид шудааст. Қоидаҳои гузаронидани озмунро Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани «Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ», ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар мекунад [6].

Моддаи 19-и Қонун таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ миёнаи касбиро дар шакли тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ, пешбинӣ менамояд. Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад [4].

Моддаи 20-и Қонун тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмуриро бо мақсади мувофиқат кардан ба мансаби ишғолнамуда ва таъмини болоравии касбии онҳо, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад (ба истиснои хизматчиёни давлатие, ки мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ва мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро ишғол мекунанд), муайян менамояд [6].

Тибқи моддаи 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», рутбаҳои тахассуси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд [6].

Моддаи 23-и Қонун асосҳои қатъ шудани хизмати давлатиро муайян мекунад. Хизмати давлатӣ ғайр аз асосҳои пешбиникардаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавридҳои зерин қатъ мегардад:

– истеъфои хизматчии давлатии сиёсӣ;

– расидан ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ;

– қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар ё тарки доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– гирифтани нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистои ё давлати хориҷӣ;

– вайрон намудани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

– эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунии суд;

– риоя накардани маҳдудиятҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар ҳолатҳо асос шуда метавонанд [4].

Аз мансаби давлатӣ озод намудани хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ тайин ва озод карданро дорад, мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Дар сурати норизо будани хизматчии давлатӣ аз озод намуданаш аз мансаби давлатӣ ӯ ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд [4].

Дар моддаи 24-и Қонуни мазкур, синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будан барои занон то 58-солагӣ ва барои мардон то 63-солагӣ муайян карда шудааст. Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад баъди мувофиқа бо мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ бо қарори (амри) худ мӯҳлати дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатии ба синни ниҳоӣ расидаро то ду сол дароз намояд. Дар ин сурат бо хизматчии давлатӣ шартномаи (қарордоди) мӯҳлатноки меҳнатӣ баста мешавад [6].

Дар моддаи 25-и Қонун дар бораи истеъфои хизматчии давлатии сиёсӣ мувофиқи аризаи хаттии хизматчии давлатии сиёсӣ, ки асоси он монеаи сиёсӣ барои минбаъд ишғол намудани мансаби сиёсии хизмати давлатӣ мебошад, омадааст. Истеъфо аз тарафи мақоми давлатии ваколатдор қабул ё рад карда мешавад. Дар сурати рад кардани истеъфо хизматчии давлатии сиёсӣ бояд иҷрои уҳдадориҳои мансабиашро давом диҳад ва ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи бо хоҳиши худ аз мансаби сиёсии хизмати давлатӣ озод карданаш муроҷиат намояд [4].

Дар моддаи 26-и Қонун дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатӣ дарҷ гардидааст, ки он бо мақсади таъмини хизмати давлатӣ бо кадрҳо, болоравии мансабии

хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ, қобилият, истеъдод ва тайёрии касбӣ, сари вақт ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ ташкил карда мешавад. Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ аз ҳисоби мутахассисони босалоҳият, ташаббускор, дорои сатҳи баланди тайёрии касбӣ, қобилияти ташкилотчигӣ ва малакаи идоракунӣ ташаккул меёбад. Тартиби ташаккул ва кор бо захираи кадрҳои хизмати давлатиро Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар менамояд [6].

Боби 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба масъалаҳои вазъи ҳуқуқии хизматчии давлатӣ бахшида шудааст.

Масалан, хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқ доранд, ки дар доираи ваколатҳои худ дар баррасии масъалаҳо ва қабули қарор иштирок намуда, иҷрои онҳоро аз тарафи мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдор талаб намоянд. Хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқ дорад ба тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии дахлдор аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ фаро гирифта шавад, ба фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад, дар хизмати давлатӣ, бо дарназардошти тахассус, қобилияти касбӣ ва сатҳи иҷрои уҳдадориҳои мансабии худ баланд равад, дар сурати айбдоркунии беасос гузаронидани санҷиши хизматиро талаб намояд ва бо натиҷааш шинос шавад, бо ташаббуси худ фаъолиятро дар хизмати давлатӣ қатъ намояд, тибқи талаботи қонунгузорӣ бо нафақа таъмин гашта, аз ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бархӯрдор бошад. Инчунин, хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад оид ба такмили хизмати давлатӣ ба мақоми давлатие, ки дар он фаъолият мекунад, инчунин ба мақомоти давлатии болоӣ ва шахсони мансабдори он таклиф пешниҳод намояд [4].

Дар моддаи 28-и Қонун уҳдадориҳои асосии хизматчии давлатӣ муайян карда шудаанд, ки аз инҳо иборатанд:

–Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

–ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро риоя, ҳифз ва эҳтиром намояд;

–мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ баррасӣ намуда, аз рӯйи онҳо чораҳои дахлдор андешад;

–интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд;

–фармон, фармоиш ва амрҳои роҳбарон, қарор ва дастури мақомоти болоӣ ва шахсони мансабдорро, ки дар доираи ваколати онҳо дода шудаанд, иҷро намояд;

–сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунҳо ҳифзшавандаро, аз ҷумла баъди қатъи хизмати давлатӣ, дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дорад;

–ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ маълумотро дар бораи ҳаёти шахсӣ, шаъну шарафи шаҳрвандон махфӣ нигоҳ дорад, аз онҳо пешниҳод намудани чунин маълумотро талаб накунад (ба истиснои мавридҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон);

–ҳифзи моликияти давлатиро таъмин намояд;

–сатҳи касбӣ ва тахассусии худро барои иҷрои самараноки уҳдадориҳои мансабӣ баланд бардорад [4].

Уҳдадориҳои мушаххаси хизматчии давлатӣ, ки аз уҳдадориҳои асосӣ бармеоянд, тибқи талаботи тахассусӣ муайян карда шуда, дар дастурамалҳои мансабие, ки аз тарафи роҳбарони мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ карда мешаванд, инъикос мегарданд [4].

Дар моддаи 29-и Қонун муайян шудааст, ки бо розигии хизматчии давлатии маъмурӣ ва роҳбари мақомоти давлатӣ мумкин аст ба зиммаи хизматчии давлатии маъмурӣ иҷрои уҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ вогузошта шавад. Ҳаҷми пардохти иловапулиро барои иҷрои уҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд [6].

Дар моддаи 30-и он маҳдудиятҳо вобаста ба хизмати давлатӣ номбар шудаанд. Яъне, хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад:

–бе иҷозати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофот, унвонҳои фахрӣ ва махсуси давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро қабул намояд;

–ҳангоми иҷрои ваколатҳои мансабӣ аз хизматрасониҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба манфиати шахсӣ истифода барад;

–дар дигар амалҳо, аз ҷумла корпартоиҳо, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои мансабиро халалдор месозанд, иштирок намояд.

Моддаи мазкур дар мубориза бо коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ равона шудааст, ки ба таҳкими эътимоди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳокимият таъсири мусбат мерасонад.

Чунонки дар моддаи 31-и Қонуни мазкур таъкид шудааст, эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» амалӣ карда мешавад [4].

Роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаб тайин ва аз мансаб озод намуданро дорад, ба хизматчии давлатӣ барои кирдори интизомии содирнамудааш, ҳамчунин барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои соҳавии одоби хизматчии давлатӣ, роҳ додан ба бархӯрди манфиатҳо ҳангоми адои хизмати давлатӣ ва ё дигар кирдорҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дорои аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноят намебошанд, муҷозоти интизомиро татбиқ менамояд. Ба таври мисол, сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии навбатӣ, ба мансаби паст гузаронидан ва аз мансаб озод кардан [4].

Муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ дар моддаи 33-и Қонуни зикршуда муайян карда мешавад. Дар он қайд шудааст, ки хизматчии давлатӣ бояд дар доираи ваколатҳо ва уҳдадориҳои мансабӣ амал намояд.

Дар сурати ба қонунӣ будани фармон ва ё амри барои иҷро гирифташуда шубҳа пайдо кардани хизматчии давлатӣ, ӯ бояд ба таври хаттӣ фавран ба роҳбари бевоситааш муроҷиат намояд. Агар роҳбари бевосита ё шахси мансабдори болоӣ дурустии фармон ва ё амри додашударо хаттӣ тасдиқ намояд, хизматчии давлатӣ вазифадор аст онро иҷро намояд, ба шарте ки он дорои оқибатҳои ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ набошад. Масъулият барои оқибатҳои иҷрои фармон ё амр ва дастури ғайриқонунӣ дар ин ҳолат ба зиммаи шахси мансабдоре гузошта мешавад, ки онҳоро тасдиқ кардааст [6].

Боби 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба масъалаҳои кафолатҳо ва ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ бахшида шудааст.

Дар боби 5-и Қонун муқаррароти хотимавӣ муайян шудаанд. Ба таври мисол, моддаи 42 тартиби баррасии баҳсҳои меҳнатии хизматчиёни давлатиро, ки ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ ё суд муроҷиат мекунанд, муайян менамояд [6]. Дар моддаи 43 бошад, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур муайян карда шудааст [4].

Моддаи 44-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 «Дар бораи хизмати давлатӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, моддаи 297; с. 2002, №4, қисми 1, моддаи 203; с. 2005, №7, моддаи 407; соли 2006, №3, моддаи 154) аз эътибор соқит дониста шудааст [6].

Ҳамин тариқ, сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан асосҳои меъёрии онро таҳлил намуда, мо ба чунин **хулосаҳо** расидем:

– санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба сифати асоси қонунгузории танзимкунандаи ташаккули хизмати давлатӣ дар раванди татбиқи сиёсати идоракунии ҷомеа аҳаммияти муҳим доранд. Аз ин гурӯҳи манбаъҳо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шурои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия», «Тартиби нигоҳ доштани

музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар ҳангоми таҳсил ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ» бештар муҳимманд;

– ба туфайли сиёсати кадрии даҳсолаи охир пояи асосии ниҳоди хизмати давлатӣ тарҳрезӣ, таҳия ва ҷорӣ шуд, накшаҳои омодагии санадҳои меъёрии зарурӣ барои афзоиши муассирии фаъолияти ин ниҳод муайян карда шуданд. Дар айни замон, усулҳои асосии ҷомеаи демократӣ дар низоми нави хизмати давлатӣ ва сиёсати кадрӣ ба сурати комил амалӣ нашудаанд [14].

## АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.
2. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 582 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ] URL: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507 (санаи муроҷиат: 25.06.2019).
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 72 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 5.03.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод. 166.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005. [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/199 (санаи муроҷиат: 20.12.2019).
6. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри панҷум. – Душанбе: Нашри Камол, 2020. – С. 106–107.
7. Нуриддин, П.Р. Асосҳои сиёсати давлатии кадрҳо. Монография. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 220 с.
8. Нуриддин, П.Р. Марҳалаҳои пайдоиш ва ташаккули назарияи сиёсати давлатии кадрҳо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №6. – С. 283-293. ISSN 2413-5151
9. Нуриддин, П.Р. Намунаи ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини амнияти миллӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – № 1 (69), 2020. – С. 19-33. ISSN 2075-9584.
10. Нуриддин, П.Р. Пешбар ва раҳнамои эҳёи миллӣ / П.Р. Нуриддин, Р.Ш. Нуриддинов // Идоракунии давлатӣ. Нашрияи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019 (2). – С. 106-114. ISSN 2664-0651.
11. Нуриддин, П. Р. Сиёсати давлатӣ оид ба кадрҳо дар кишварҳои хориҷӣ / Г. Н. Зокиров, П. Р. Нуриддин // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – № 1 (73), 2021. – С. 35-49. ISSN 2075-9584.
12. Нуриддин, П. Р. Сиёсати давлатии кадрӣ дар давраи советӣ / П.Р. Нуриддин, Г.Н. Зокиров // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 4/2 (49). – С. 261-272. ISSN 2664-0651
13. Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити Истиқлоли давлатӣ // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №1(50). – С. 223-232. ISSN 2664-0651
14. Нуриддин, П. Самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – 170 с.
15. Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, монеаҳо ва пешомади инкишофи он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 5. – С. 272-283. ISSN 2413-5151.


## СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: АСОСҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ


Дар мақола баъзе хулосаҳои таҳлилӣ вобаста ба ташаккули асосҳои меъёрии сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифтаанд. Аз назари муаллиф, яке аз талаботи муҳимми рӯз таъмини истифодаи оқилонаи кадрҳо, таҳияи воситаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, молиявӣ, созмондиҳӣ ва далелнокии меҳнати муносиб мебошад. Таҷдиди муносибат ба кори кадрӣ ба адозаи зиёд бо мутобиқати сохторҳои идоракунӣ, муайян намудани вазифаҳо ва салоҳияти он, инчунин тақвияти масъулияти шахсии ҳайати роҳбарикунанда алоқаманд аст. Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки ба туфайли сиёсати кадрии даҳсолаи охир пояи асосии ниҳоди хизмати давлатӣ тарҳрезӣ, таҳия ва ҷорӣ шуд, нақшаҳои омодагии санадҳои меъёрии зарурӣ барои афзоиши муассирии фаъолияти ин ниҳод муайян карда шуданд. Дар айни замон, усулҳои асосии ҷомеаи демократӣ дар низоми нави хизмати давлатӣ ва сиёсати кадрӣ ба сурати комил амалӣ нашудаанд.



**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати кадрӣ, Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳо, идораи давлатӣ, хизмати давлатӣ.


## ГОСУДАРСТВЕННАЯ КАДРОВАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН : НОРМАТИВНО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ


В статье подвергнуты научному исследованию некоторые аналитические выводы, связанные с формированием нормативных основ государственной кадровой политики Республики Таджикистан. По мнению автора, одним из важных требований является обеспечение разумного использования кадров, разработка нормативно-правового, финансового, организационного, мотивационного механизма рационального труда. Обновление подходов в кадровой работе существенным образом связано с соответствием структуры управления,

определением её функций и компетентности, усилением личной ответственности руководящего состава. Одновременно автор утверждает, что благодаря проводимой кадровой политике за последнее десятилетие разработана, создана и внедряется правовая база института государственной службы, определены планы подготовки нормативных актов, необходимых для повышения эффективности функционирования этого института. В то же время основные принципы демократического общества оказались далеко не в полной мере реализованы в новой системе госслужбы и кадровой политики.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, кадровая политика, Концепция государственной кадровой политики, государственное управление, государственная служба.

**STATE PERSONNEL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: REGULATORY AND LEGAL FRAMEWORK**

The article subjected to scientific research some analytical conclusions related to the formation of the regulatory framework for the state personnel policy of the Republic of Tajikistan. According to the author, one of the important requirements is to ensure the reasonable use of personnel, the development of a regulatory, financial, organizational, motivational mechanism for rational labor. Updating approaches to personnel work is significantly related to the compliance of the management structure, the definition of its functions and competence, and strengthening the personal responsibility of management. At the same time, the author argues that thanks to the ongoing personnel policy over the past decade, the legal framework for the institution of public service has been developed, created and implemented, plans have been defined for the preparation of regulations necessary to improve the efficiency of the functioning of this institution. At the same time, the basic principles of a democratic society were far from being fully implemented in the new system of civil service and personnel policy.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, personnel policy, Concept of state personnel policy, public administration, public service.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E–mail**: panurama@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон* –** Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E–mail: **panurama@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddin Parvin Raimalikhon* –** Tajik national university, candidate of political science, associate professor of department of international relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **E–mail: panurama@mail.ru**

ТДУ: 329.1/.6

# ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ МАСЪАЛА

*Расулов А.З.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар қатори унсурҳои дигар ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои ҳизбӣ мақом ва нақши махсуси худро доранд. Онҳо яке аз шаклҳои фаъоли ташкилотҳои оммавӣ-сиёсӣ ба шумор меравaнд ва ҳимояи манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро ба амал мебароранд. Ҳангоми омӯзиши раванди ташаккулёбии ҳизбҳои сиёсӣ ва марҳилаҳои инкишофи он, пеш аз ҳама, таснифоти М.Веберро, ки сиёсатшиносон пазируфтаанд, вохӯрдан мумкин аст: а) кружокҳои аристократӣ; б) клубҳои сиёсӣ; в) ҳизбҳои оммавӣ. Кружокҳои аристократии либералҳо (вигҳо) ва консерваторон (ториҳо) дар нимаи дуюми асри XVII ташаккул ёфта буданд. Аввалин клубҳои сиёсӣ солҳои 30-юми асри XIX пайдо гаштаанд. Ин клубҳо дар Британияи Кабир пайдо шуда буданд. Ҳизбҳои оммавӣ бошанд, таъсир расонидан ба одамон, институтҳои сиёсии ҷомеа ва ҳодисаҳои дигари ҳаёти сиёсиро на танҳо дар давраи маъракаҳои интихоботӣ, балки берун аз онҳо, дар ҳаёти муқаррарӣ низ вазифаи муҳим ва бевоситаи фаъолияти худ медонанд. Дар таърихи ҳаракатҳои сиёсӣ ҳизбҳое вуҷуд доштанд, ки дар замон аз ҳизбҳои оммавии европоӣ қадимтаранд. Масалан, федералистон дар зери таъсири А.Гамилтон ва демократҳо (республикачиён) зери роҳбарии Т. Ҷефферсон дар замони ҳукмронии Ҷ.Вашингтон (1789-1797) ба сатҳи ҳизби сиёсӣ расида буданд. Хамин тариқ, ҳизб ин ташкилоти сиёсии гурӯҳи одамон буда, мақсади асосии он мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Ба ибораи дигар, ҳизби сиёсӣ иттифоқи ихтиёриест, ки ба алоқаҳои идеологӣ асос ёфта, мақсади ба даст овардани ҳокимиятро дорад. Ҳизби сиёсӣ вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад ва ин вазифаҳоро ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: иҷтимоӣ, идеологӣ, сиёсӣ, идоракунӣ ва электоралӣ (интихоботӣ). Дар замони муосир шаклҳои гуногуни ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд доранд. Онҳо аз рӯйи хусусиятҳои худ ба ҳизбҳои кадрӣ ва оммавӣ; аз рӯйи характери рафтор дар ҷомеа ба демократӣ, тоталитарӣ: аз рӯйи мақом дар системаи сиёсӣ ба ҳизбҳои ҳукмрон, мухолифин; аз рӯйи ақида ва характери инкишофи ҷомеа ба ҳизбҳои эволютсионӣ (таҳаввулёбанда), ислоҳотчигӣ, инқилобӣ, радикалӣ; аз рӯйи равияи идеологӣ ба ҳизбҳои рост (консервативӣ, либералӣ) ва чап (сотсиалистӣ, коммунистӣ) ҷудо мегарданд. Дар замони ҳозира аз ҳама ҳизбҳои инкишофёфта ҳизбҳои кадрӣ (элитарӣ) ва оммавӣ мебошанд. Онҳо аъзои доимӣ надоранд ва ҳамчун клуби сиёсӣ амал мекунанд. Аъзоёнаш маълумотнок, дар мансабҳои дастгоҳи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ифои вазифа менамоянд ва дар иқтисодиёту сиёсати давлатӣ мақоми пешбарандагиро мебозанд. Ҳизбҳои оммавӣ баръакси ҳизбҳои кадрӣ сершуморанд, аз ҷиҳати ташкилӣ хеле мустаҳкаманд. Ҳаққи аъзогӣ месупоранд, фаъолияти доимӣ доранд ва вазифаҳои иҷтимоӣ, идеологиро мунтазам пеш мебаранд. Аз рӯйи характери рафтори сиёсӣ се шакли ҳизбҳои сиёсӣ: демократӣ, тоталитарӣ ва авторитарӣ вуҷуд доранд. Мақсади ҳар яке аз онҳо ба даст овардани ҳокимият ва мустаҳкам намудани мақомоти худ мебошад. Зарурияти пайдо шудани ҳизбҳои сиёсӣ бо раванди дигаргунсозиҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсие, ки дар ҷомеаи тоҷик баъди солҳои 90-уми асри XX ба амал омадааст, вобаста мебошад.

Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаи ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми ҳизбӣ дар илмҳои сиёсии ҷаҳони муосир ба яке аз масъалаҳои муҳиму актуалӣ табдил ёфтааст. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа мақом ва нақши махсус дошта, ба раванди инкишофи ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсири ҳалкунанда мерасонанд ва самаранокии фаъолияти онҳо яке аз шартҳои зарурии ташаккули ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳизбҳои сиёсӣ низ дар қатори падида ва унсурҳои муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа маҳсули инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсии одамон буда, аз ташаккули аҳзоби сиёсӣ дар сатҳи баланд қарор гирифтани маданияти сиёсӣ, сиёсатфаҳмӣ ва сиёсатофаринии одамон вобаста мебошад.

Чи тавре ки таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, раванди инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ва пайдоишу ташаккули онҳо маҳсули инкишофи шуури ҷамъиятӣ буда, зарурияти пайдоиши онҳо қонуни объективист. Ҳанӯз дар замони Афлотун ва Арасту дар Юнон ва Рими қадим гурӯҳҳои сиёсие пайдо шуданд, ки онҳоро «партия» меномиданд. Онҳо асосан иттиҳодияҳои муваққатӣ барои ҷонибдории шахсони алоҳида буданд. Тадриҷан бо ташаккул ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ мафҳуми мазкур мазмунан тағйир ёфта, ғанӣ гардид.

Дар маънои васеъ - ҳизб ин гурӯҳи муташаккили одамоне мебошад, ки барои ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани ҳокимият мубориза мебаранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таърихи инкишофи ҳизбҳо бо рушди давлат ва сиёсат рост меояд. Дар ҳамон давраҳо, махсусан дар давраҳои бӯҳронӣ низ гурӯҳҳои муташаккили одамон пайдо мешуданд, барои ба даст овардани ҳокимият мубориза мебурданд ва мақсадҳои сиёсии худро дар амал татбиқ кардан мехостанд. Оид ба мақсадҳои ҳизбҳои сиёсӣ мутафаккири Юнони қадим Арасту навишта буд, ки «мақсади ҳизбҳои сиёсӣ ин мубориза барои ба даст овардани ҳокимият мебошад» [1,с.115]. Гарчанде ки онҳо ҳанӯз дар он вақт ҳизбҳои муташаккил набуданд, вале ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои шахсони алоҳида ба шумор мерафтанд.

Дар системаҳои сиёсии авторитарӣ то асрҳои XVIII-XIX гурӯҳҳои сиёсие, ки ба таври озод барои ба даст овардани ҳокимият мубориза мебурданд, манъ буд ва характери институтсионалӣ нагирифта буданду сохтори ташаккулёфта надоштанд. Дар ин давра фақат баъзе ташкилотҳои динию сиёсӣ характери институтсионалистӣ доштанд, ба монанди институти динии ордени «иезуитӣ» дар бисёр мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ озодона фаъолият мекарданд. Вале ин ташкилотҳои динӣ чандон характери сиёсӣ надоштанд ва ба сиёсат ҳамроҳ набуданд, зеро бо ҳокимияти дунявӣ ҳамкорӣ мекарданд. Пайдоиши ҳизбҳои пурқуввати сиёсӣ фақат дар давраи аввали ташаккулёбии ҷомеаи сармоядорӣ, муборизаи сиёсии табақаи сеюм, инкишофи ақидаҳои либералӣ, паҳн шудани ҳуқуқи умумии интихоботӣ ва демократияи парламентарӣ вобаста будааст.

Бояд зикр кард, ки гурӯҳҳо ва фраксияҳои вуҷуддоштаро дар замони ғуломдорӣ ва феодалӣ фақат ба таври шартӣ ҳизб номидан мумкин буду халос. Сабаб дар он аст, ки ин ҳизбҳо ҳоло аз ҷиҳати ташкилӣ пурра ташаккул наёфта буданд ва системаи ягонаи ақидаҳо ва идеология надоштанд, аз ҳамин ҷиҳат онҳоро ба таври шартӣ ҳизб меномиданд.

Агар мо ба саҳифаҳои таърихи сиёсии тамаддуни башарӣ назар афканем, шоҳиди он мегардем, ки маҳз дар замони нав, яъне дар миёнаҳои асри XVIII, ки ҷомеаи башарӣ дар заминаи рушди илм рӯ ба инкишоф оварда буд, то андозае раванди сиёсиву муносибатҳои давлатдорӣ инкишоф ёфт. Чунин тамоюлоти таърихӣ барои пайдоиши ҳар гуна падидаҳои ҷамъиятӣ, аз қабили ҳизбҳои сиёсиву системаҳои ҳизбие, ки метавонистанд манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоии муайяни ҷомеаро ҳифз ва ҳимоя намоянд, заминаҳои мусоиде ба вуҷуд овард. Аз ин ҷост, ки ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ зарурияти таърихӣ ва маҳсули рушду инкишофи муносибатҳои сиёсиву низоми давлатдорӣ дар тули таърих ба ҳисоб меравад.

Яке аз ҷиҳатҳои дигари баҳсталаби масъалаи мазкур маҳз ба замон ва макони пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ вобастагӣ дорад. Яъне, дар натиҷаи рӯоварӣ ба ин ҷиҳати масъала саволи мантиқие ба миён меояд, ки чаро дар миёнаҳои асри XVIII ва дар ҷаҳони пешрафтаи Ғарб ҳизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд омада, ҳамчун унсури муҳимми ҷомеа пазируфта шадаанд. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки инсоният аз замони пайдоиши худ то ба имрӯз марҳила ба марҳила инкишоф ёфта, барои ҳарчи бештар ба танзим даровардани муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва ҳимояи манфиатҳои худ таҷрибаи зиёде андӯхтааст. Маҳз дар замони Эҳё, ё худ давраи таҷаддуд, ки дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад, муносибатҳои одамон низ дар ҷомеа то андозае сифатан тағйир ёфта, дар ҳаёти сиёсӣ таҳаввулот ба вуҷуд омад. Яке аз омилҳои асосӣ ин бо истилоҳ «озод шудан аз ҳар гуна хурофотпарастию мутаассибӣ», ки дар вуҷуди одамон ва умуман аҳли ҷомеа сахт реша давонида буд, ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ҳамон замон иборае чун «подшоҳ сояи Худо дар рӯйи замин аст» нуфузи хешро аз даст дода, одамон ё худ аҳли ҷомеа, ки то кунун аз ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои хеш бебаҳра буданд ва дар зери

асорати хурофотпарастон наметавонистанд барои ҳимояи манфиатҳои хеш талош варзанд, рӯ ба ташаккули ҳизбҳои сиёсию иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оварданд. Ҳарчанд дар аввал ҳизбҳои сиёсӣ манфиатҳои гурӯҳҳои махсуси одамонро дар роҳи расидан барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ҳимоя менамуданд, вале баъдан он вобаста аз фарқиятгузории байни одамон аз нигоҳи мақом, нақш, ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ, синфӣ, динию мазҳабӣ, нажодӣ ва забонӣ тамоми одамонро дар худ фаро мегирифтанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ ва умуман низоми ҳизбӣ аз замони зуҳуроти худ то ба имрӯз марҳила ба марҳила инкишоф ёфта, вобаста ба сохтори сиёсию низоми давлатдорӣ мазмун ва шаклҳои мухталифро ба худ касб намудаанд. Ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар ҷомеаи сармоядорӣ арзи ҳастӣ намудаанд, бевосита муносибатҳои мураккабро дар худ таҷассум менамоянд. Тадриҷан ҳизбҳои сиёсӣ дар заминаи ба вуҷуд омадани таҳаввулоти сиёсию тағйироти куллӣ дар низоми сиёсии идораи давлат, аз як низоми сиёсӣ ба дигар низоми сиёсӣ гузашта, бевосита мазмун ва мундариҷаи хешро иваз менамоянд. Мақоми ҳизбҳои сиёсӣ махсусан дар давраи гузаронидани интихоботи озод дар мамлакатҳои тараққикардаи сармоядории Аврупо хеле баланд гардид, ки ин раванд ба системаи идоракунии парламентарӣ роҳи васеъ кушод.

Қабули қонуни ягонаи умумии ҳуқуқи интихоботӣ дар як қатор мамлакатҳои Аврупо барои инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ мусоидат намуд. Ин қонун имконият дод, ки шаҳрвандон дар ҳалли бисёр масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа фаъолона иштирок намоянд. Махсусан дар интихоботи намояндагон ба органҳои олии давлатӣ.

Аз ин хотир таҳлилу тадқиқи таърихи пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ дар сарчашмаҳои илмӣ ба мо маълум менамоянд, ки моҳияти аслии онро маъноҳои гуногун ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмию сиёсӣ оид ба маъно ва моҳияти ҳизбҳои сиёсӣ се нуқтаи назар вуҷуд дорад: 1) ҳизб ин гурӯҳи одамоне мебошад, ки ба як умумияти идеологӣ такя мекунад; 2) ҳизб ҳамчун ташкилот; 3) ҳизб ин ифодакунандаи манфиатҳои синфӣ. Дар байни ин се нуқтаи назар ҷойи муҳимро умумияти идеологӣ ишғол менамояд, чунки идеология ҳамчун умумияти идеявӣ мақсади ягона дониста мешавад. Чунин фаҳмиши ҳизб асоси худашро аз консепсияи либералӣ мегирад. Масалан, яке аз сиёсатшиносони англис Бенжамин Констан ҳизбро ҳамчун «иттиҳоди одамоне, ки як доктринаро эътироф мекунанд» [1,с.44], маънидод кардааст.

Дар таъсиси ҳизб, пеш аз ҳама, фаъолияти сохтории он, фаъолияти ҳизб бо ташкилотҳои поёнӣ, ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои сиёсиву оммавӣ, кор бурдан бо ҷонибдорон ва хайрхоҳони ҳизб ва ғайраҳо ба назар гирифта мешаванд.

Ҳамин тариқ, назарияҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки онҳо моҳияти аслии ҳизбҳоро ҳамчун як падидаи сиёсии ҷамъиятӣ ва ифодакунандаи манфиатҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, синфӣ ё гурӯҳӣ муайян мекунанд.

Дар ин хусус назарияи марксизм – ленинизм нисбат ба ҳизби сиёсӣ хеле ҷолиб мебошад. Дар таълимоти марксистӣ ҳизб ҳамчун ташкилоти сиёсиест, ки манфиатҳои синфӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятиро ифода мекунад» [3,с.482]. Дар ин ҷо мафҳуми «манфиат» хосияти марказӣ дошта, ҳама аз он вобастааст. Марксизм дар инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ду омилро асосӣ ва муҳим медонад. Омили аввал ба фаъолияти иҷтимоию иқтисодии синф вобаста аст. Омили дуюм ба марҳилаи олии инкишофи пролетариат вобаста мебошад. К. Маркс ва Ф. Энгелс ҳизбро қисми пешқадамтарини пролетариат медонистанд, ки онҳо баҳри ҳимояи манфиатҳои ҳаммаслакони худ мубориза мебаранд. Аз ҷониби дигар, марксизм давраи ташаккулёбии ҳизбҳоро ба тақсимшавии ҷомеа ба синфҳо вобаста медонад. Ин ҷиҳатро ҳатто сиёсатмадорони ҷараёнҳои ғайримарксистӣ низ қабул доранд. Таълимоти Маркс ва Энгелсро вобаста ба хусусиятҳои замони нав В.И. Ленин инкишоф дод.

В.И. Ленин ҳизбро, пеш аз ҳама, ҳамчун қисми пешқадамтарини пролетариат ва авангарди вай меҳисобид. Ӯ мақсади асосии барномавии ҳизбро омодасозии инқилоби сиёсиву иҷтимоӣ ва ба амал баровардани диктатураи пролетариат дар якҷоягӣ бо оммаи заҳматкашон мебинад.

Пролетариати ғолиб бо роҳбарии авангарди худ ва дигар ташкилотҳои коргарии заҳматкашон роҳбарии сиёсиро ба дасти худ мегиранд. Дар фаъолияти ҳизбҳои коргарӣ

яке аз хусусиятҳои асосиро принсипи муттасилии назария ва амалия ташкил медиҳад. Асоси фаъолияти ҳизби коргариро принсипи сентрализми демократӣ ташкил медиҳад. Ин принсип аз аъзоёни ҳизб талаб менамояд, ки аъзогии худро ба таври аниқ ва қатъӣ зоҳир намоянд. Яъне, ба барномаи фаъолият ва оинномаи ҳизб содиқ бошанд, онҳоро ба роҳбарӣ бигиранд ва қарордодҳои мақомоти болоиро иҷро намоянд.

Ҳамин тариқ, ҳизб ин ташкилоти сиёсие мебошад, ки ба воситаи он гурӯҳҳои манфиатдор мақсадҳояшонро амалӣ мекунанд ва дар назди давлат ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро мегузоранд.

Дар тақсими захираҳои ҳокимияти сиёсӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ механизми хеле муҳим мебошад. Ҳизбҳои сиёсие, ки дар раванди ҳаёти сиёсӣ фаъолияташон хеле назаррас аст, бояд ду вазифаи муҳимро иҷро намоянд: вазифаҳои дохилӣ ва берунӣ.

Вазифаи дохилӣ - ин қабули аъзоёни ҳизб, ғанӣ гардонидани базаи молиявии ҳизб аз ҳисоби аъзоҳаққӣ, танзим намудани муносибатҳо дар байни аъзоёни ҳизб, ячейкаҳои ҳизбӣ ва элитаи ҳизбӣ мебошад.

Иҷроиши вазифаҳои беруна аз ҷониби ташкилотҳои ҳизбӣ дар чунин ҳолат амалӣ карда мешавад:

- мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ба манфиати ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ;
- таъмини алоқамандии омма бо ташкилотҳои давлатӣ ва фаъол кардани онҳо дар ҳаёти сиёсӣ;
- тайёр кардани пешвоёни сиёсии ҳизб ва иштироки онҳо дар идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ;
- мутобиқ кардани барномаҳои фаъолияти ҳизб бо дигар иштирокчиёни раванди сиёсӣ;
- таъмини сотсиализатсиякунонии сиёсии шахс.

Бояд зикр кард, ки ҳизбҳои сиёсӣ вазифаҳои гузошташударо фақат дар ҳолате амалӣ карда метавонанд, ки агар онҳо намояндагони худро дар интихобот пешниҳод намоянд ва дар сурати ба даст овардани мандатҳои депутатӣ онҳо ба органҳои қонунбарор ва дигар ташкилотҳои давлатӣ пешниҳод карда шаванд. Ин имконият медиҳад, ки ҳизбҳои сиёсӣ масъалаҳои барномавии худро амалӣ намоянд ва як гурӯҳи калони иҷтимоиро аз қафои худ баранд. Ҳамин тариқ, ҳизби сиёсӣ ин иттиҳоди ихтиёрӣ, худидорашавандаи шаҳрвандон буда, мақсади асосии он мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ мебошад.

Ҳизбҳо дар раванди фаъолияти сиёсии худ вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд: иҷтимоӣ, идеологӣ, сиёсӣ, идоракунӣ ва электоралӣ.

**Вазифаҳои иҷтимоӣ.** Мақсади ин вазифа аз он иборат аст, ки ҳизб манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоии муайянро ифода намуда, талаботи онҳоро то ба дараҷаи давлатӣ мерасонад. Аз ҷониби дигар, ҳизб вазифадор аст, ки ҷонибдорони худро афзун намояд. Барои иҷрои ин вазифа ҳизб тамоми қувваро бахри он сарф менамояд, ки гурӯҳҳои дигари иҷтимоии манфиатдорро низ ба тарафи худ кашад, махсусан дар давраи маъракаҳои пешазинтихоботӣ.

**Вазифаҳои идеологӣ.** Ҳизб мақсадҳои худро ба воситаи идеология асоснок карда, дар барномааш мақсадҳои назариявии пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлатро аз рӯйи манфиатҳои ҳизбӣ муайян менамояд. Инчунин ҳизб кӯшиш менамояд, ки мақсадҳои худро дар байни шаҳрвандон ҳамаҷониба ташвиқу тарғиб намояд. Яке аз минбарҳои муҳим барои ҳизбҳои сиёсӣ маъракаҳои интихоботӣ мебошанд.

**Вазифаҳои сиёсӣ.** Мақсади асосии ҳизб ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Барои иҷрои ин вазифаи асосӣ ҳизб, пеш аз ҳама, бояд кадрҳои лозимиро тарбия кунад, ки тамоми масъалаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъиятиро хуб донанд. Дар ҳамин асос ҳизб кадрҳояшро дар вақти интихобот барои ишғоли вазифаҳои депутатӣ пешниҳод менамояд ва дар сурати интихоб шудани онҳо дар органҳои давлатӣ фаъолона иштирок мекунад. Ҳизб инчунин дар вақти интихоботи президент низ намояндаи худро пешниҳод мекунад, ки ин намоянда вазифаҳои ҳизбро дар барномаи пешазинтихоботиаш пешкаши интихобкунандагон мегардонад.

**Вазифаи идоракунӣ.** Ин вазифа бисёртар ба ҳизбҳое тааллуқ дорад, ки онҳо дар сари ҳокимиятанд. Чунин ҳизбҳо ҳокимияти давлатиро ба фоидаи худ истифода бурда, аксарияти вазифаҳои давлатиро намояндагони ҳизби ҳукмрон ишғол намуда, сиёсати давлатро низ онҳо муайян мекунанд.

**Вазифаҳои электоралӣ**. Мувофиқи ин вазифа ҳизбҳои сиёсӣ имконият доранд, ки дар интихобот фаъолона иштирок кунанд. Маъракаҳои интихоботиро тавре ташкил намоянд, ки ҳарчи зиёдтар интихобкунандагонро ба тарафи худ ҷалб созанд. Ин раванд имконият медиҳад, ки ҳизбҳои сиёсӣ овозҳои хайрхоҳонашонро низ дар қатори аъзоёни доимиашон ба фоидаи худ истифода баранд.

Дар қатори муайян намудани мазмун ва моҳияти ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин муайян намудани нишонаҳои муайянкунандаи ҳизбҳои сиёсӣ бениҳоят зарур аст, ки онҳо чунинанд:

**- муайян намудани ҷиҳатҳои меъёрӣ.** Яке аз донишмандони илмҳои сиёсӣ олими немис Эдмунд Берк ҳанӯз дар асри XVIII ҳизбҳои сиёсиро ҳамчун гурӯҳи одамоне номида буд, ки барои таъмини хайрияти умум, барои баробарии одамон мубориза мебаранд [2,с.355]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мубориза барои таъмини хайрияти умум ба манфиати тамоми давлат мебошад. Вале на ҳама вақт мақсадҳои ҳизб бо мақсадҳои давлат ва аксарияти одамон рост меоянд;

**- рақобати байни давлат ва ҳизбҳо.** Олими австриягӣ Й. Шумпетер ин раванди инкишофи ҳизбҳоро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки ҳизб гурӯҳи одамоне мебошад, ки онҳо дар рақобат барои ба даст овардани ҳокимият мубориза мебаранд [2,с.355];

**- меъёри муайянкунандаи ҳизб аз нуқтаи назари марксистӣ.** Ин шакли олии ташкилоти синфӣ буда, манфиатҳои синфӣ, ҷамъиятӣ ё табақаҳои ҷамъиятро ифода менамояд [3,с.482]. Бояд зикр кард, ки то солҳои 60-уми асри XX ҳизбҳои калону пешқадам дар ҳақиқат характери синфӣ доштанд, вале дар натиҷаи инкишофи ҷомеа ва таъсири револютсияи илмӣ-техникӣ ҳоло фарқияти байнисинфӣ оҳиста-оҳиста аз байн рафта истодааст, чунки дар бисёр мамлакатҳои тараққикарда синфҳои миёна ташаккул ёфта истодаанд, ки ин раванд ба характери синфҳо таъсири ҷиддӣ расонида истодааст;

**- раванди интегратсионии ҳизбҳо.** Ин раванд имконият медиҳад, ки ба фаъолияти ҳизбҳо ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба баҳо диҳем ва нишонаҳои асосии онҳоро муайян созем. Масалан, М. Вебер ба ҳизбҳо чунин баҳо додааст: ҳизбҳо ин иттиҳодияҳои озоди ҷамъиятӣ буда, мақсади онҳо ба сари ҳокимият овардани роҳбаронашон мебошад. Ин раванд имконият медиҳад, ки аъзоёни фаъоли онҳо низ мақсадҳои худро амалӣ гардонанд. Инчунин, ҳизбҳо барои ба даст овардани ҳокимият аз тамоми воситаҳо истифода мебаранд. Яке аз чунин воситаҳо интихобот мебошад, яъне ҳизбҳо ҳамчун ташкилоти кирокунандаи овозҳои интихобкунандагон баромад мекунанд [2,с.356].

Ҳизбҳо бо хусусиятҳои хосси худ аз дигар ташкилотҳои сиёсӣ фарқ менамоянд. Тафовути онҳоро тадқиқотчиёни америкоӣ Д.Ж. Паломбар ва М. Вейнер чунин муайн кардаааанд [4,с.29]:

1. Даврахҳои фаъолият кардани ҳизбҳо аз умри таъсисдиҳандагонашон дарозтар аст. Ин аломат ҳизбҳоро аз дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунонад. Ташкилотҳои ҳизбӣ моҳиятан барои дастгирии гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида ташкил карда мешаванд. Чунин навъи ҳизбҳо ва гурӯҳҳо дар давлатҳои қадими асримиёнагӣ низ вуҷуд доштанд.

2. Сохтори ташкилӣ. Ҳоло ҳизбҳои сиёсӣ махсусан ҳизбҳои оммавӣ аз минтақаҳо, маҳалаҳо, ташкилотҳои давлатӣ сар карда то марказ ташкилотҳои худро доранд. Чунин сохтор яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ҳизбҳои сиёсӣ аз фраксияҳои парламентӣ мебошад. Чунки фраксияҳои парламентӣ ташкилотҳои ибтидоӣ ва маҳаллӣ надоранд.

3. Ҳизбҳои сиёсӣ ягона қуввае мебошанд, ки ба воситаи интихобот аъзоёнашонро ба парламент ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ворид менамоянд.

4. Ҳизбҳои сиёсӣ кӯшиш менамоянд, ки дар байни омма обрӯ ва нуфузи зиёд пайдо намоянду дар интихобот ба гирифтани овозҳои зиёди интихобкунандагон ноил гарданд. Ин аст фарқи ҳизбҳои сиёсӣ аз клубҳои сиёсӣ, ки онҳо бо коркарди идеология машғул шуда, дар вақти гузаронидани интихобот ва ташаккули парламент фаъолияти баланди сиёсӣ нишон намедиҳанд.

5. Вуҷуд доштани идеология. Ин аломат асоси идеявӣ ва дурнамои ҳизбро ташкил дода, онҳо кӯшиш менамоянд, ки ба воситаи идеологияи худ ҷонибдоронашонро барои амалӣ намудани мақсадҳои барномавиашон сафарбар намоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" (1998) талаботи ташкилотро дар бар намегирад, сохтори оқилонаи ҳизбҳои сиёсӣ (ин масъала танҳо як моддаи ҳамин Қонун), бинобар ин, сохти дохилии партиявӣ танҳо дар оинномаи ҳар як ҳизби сиёсӣ муайян карда мешавад. Дар Тоҷикистон рӯйхати ягонаи ҳамаи интихобкунандагон вуҷуд надорад, вале дар асоси маълумоте, ки дар бораи интихобот мавҷуд аст, шумораи интихобкунандагон 3 641 778 нафарро ташкил медиҳад.

Дар Тоҷикистон низоми омехтаи интихоботӣ татбиқ мешавад ва ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки номзадии худро дар интихоботи Маҷлиси намояндагон ва мақомоти қонунгузори маҳаллӣ пешбарӣ кунанд. Чунин ба назар мерасад, ки зери мафҳуми системаи интихоботӣ дар тафсири васеъ бояд механизми ташаккули мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро тавассути интихобот дар як кишвари мушаххас фаҳмем, зеро он якчанд ҷанбаҳоро дар бар мегирад. Дар маънои маҳдуд системаи интихоботӣ одатан танҳо ҳамчун роҳи муайян кардани натиҷаҳои интихобот аст, ки дар қонунгузории ин ё он кишвар муқаррар карда шудааст, ё тарзи тақсими мандатҳои депутатӣ вобаста ба натиҷаи овоздиҳӣ баррасӣ мешавад.

Системаи интихобот вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: ба амал баровардани соҳибихтиёрии халқ, ки ба онҳо ҳуқуқи сиёсии комил медиҳад; ба амал баровардани ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба иштирок дар идоракунии ҷамъият ва давлат; қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ; таъсир (ташаккул, нигоҳдорӣ, тағйир додан) ба сиёсати давлат; гардиши менеҷерҳо (маҳдуд кардани бартарияти элитаҳо); ҳалли низоъҳо байни ҳокимон ва ҳукмронон. Дар адабиёти илмӣ намудҳои зерини системаҳои интихоботиро нишон додаанд: аксарият, мутаносиб ва омехта.

Намудҳои системаи интихоботиро принсипҳои ташкили мақомоти намояндагии ҳокимият ва тартиби дахлдори тақсими мандатҳо аз рӯйи натиҷаҳои овоздиҳӣ, ки дар қонунгузории интихобот низ пешбинӣ шудаанд, муайян мекунанд. Азбаски дар кишварҳои гуногун принсипҳои ташаккули мақомоти интихобӣ ва тартиби тақсими мандатҳо гуногунанд, воқеан ҳамон қадар тағйироти системаҳои интихоботӣ вуҷуд дорад, зеро давлатҳое ҳастанд, ки интихоботро барои ташаккули мақомоти давлатӣ истифода мебаранд. Аммо дар таърихи чандинасраи рушди демократияи намояндагӣ ду намуди асосии системаи интихоботӣ – мажоритарӣ ва мутаносиб ташаккул ёфтааст, ки унсурҳои онҳо дар моделҳои гуногуни системаҳои интихоботии кишварҳои гуногун зоҳир мешаванд.

Мухолифони низоми мутаносиб ғайришахсӣ будани рӯйхати ҳизбиро яке аз камбудиҳои он медонанд. Зеро интихобкунандагон ба рӯйхати тартибдодаи ҳизбҳо овоз медиҳанд, яъне ба ҳизбҳо, на ба номзадҳои мушаххас. Ҳизбҳо ба рӯйхатҳо, чун қоида, ҳамон қадар номзадҳоеро дохил мекунанд, ки шумораи вакилони ҳавзаи интихоботӣ ба мақомоти намояндагӣ фиристода шудаанд. Номзадҳое, ки дар рӯйхат таҳти рақами якум ҷо доранд, вакил мешавад. Дар Россия се номи аввал аз рӯйхат дар бюллетен ворид карда мешаванд. Гуфтан мумкин нест, ки интихобкунандагон танҳо ин одамонро мешиносанд. Рӯйхатҳои ҳизбӣ тавре тартиб дода мешаванд, ки ба онҳо роҳбарони ташкилотҳои ҳизбии вилоят дохил мешаванд. Ва онҳо дар маҳал маълуманд. Майлу хоҳиши интихобкунандагон бештар ба фаҳмо ва далелнок будани баромади номзадҳо, қобилият, рафтори онҳо ва ғайра вобаста аст. Интихобкунандагон аксар вақт дар бораи худи ҳизб аз рӯйи номзадҳои мушаххас баҳо медиҳанд.

Ҳизб дар интихобот ба таври зайл иштирок менамояд: мустақил; бо дигар ҳизби сиёсӣ мувофиқатномаи пешазинтихоботӣ мебандад; бо дигар ҳизбҳои сиёсӣ ба иттифоқҳои интихоботӣ дохил мегардад.

Ҳизб тибқи қонунгузорӣ дар бораи интихобот ҳуқуқ дорад: мустақилона ва ё аз номи иттифоқҳои интихоботӣ номзадҳо пешбарӣ намояд; бо риояи шартҳои баробар ташвиқоти пешазинтихоботӣ барад; ба рафти интихобот назорат кунад ва бо тартиби муқарраркардашуда натиҷаҳои онҳоро муайян намояд; дар комиссияҳои интихоботӣ

метавонад намояндагӣ кунад; ба воситаҳои давлатии ахбори умум ва инчунин ба воситаҳои ахбори омма бо иштироки давлат баробар дастрас бошад.

Баъди ба қайд гирифтани иттифоқҳои интихоботӣ аз тарафи комиссияҳои дахлдори интихоботӣ ҳизбе, ки номзадҳои худро тибқи рӯйхати иттифоқи интихоботӣ пешбарӣ мекунад, ҳуқуқ надорад номзадҳои худро мустақилона ва ё тибқи рӯйхати дигар дар ҳамон сатҳ пешбарӣ намояд, агар дар шартнома шарти дигаре пешбинӣ карда нашуда бошад.

Инкишоф додани идеологияи ҳизб яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти онро ташкил медиҳад. Дар шакли назариявӣ идеологияи ҳизб манфиатҳои куллии ҷамъиятӣ ва базаи иҷтимоии ҳизбро ташкил медиҳад. Фаъолияти идеологии ҳизб муҳимтарин хусусияти ҳизби сиёсист, ки онро аз ҳар як созмони дигари иҷтимоӣ фарқ мекунад. Аслан идеология нисбат ба ҳизби сиёсӣ афзалияти бештар дорад, зеро фаъолияти ҳизб аз он сарчашма мегирад. Сохтмони ҳизбӣ ҳамеша дар асоси муайяни идеявӣ ба амал баровarда мешавад. Ҳизби сиёсӣ одамонеро муттаҳид месозад, ки ҷаҳонбинии якхела (ё бо ҳам наздик), самтҳои арзишӣ ва идеалҳои мушаххас доранд. Мустаҳкам намудани ягонагии дохилии идеявии он, ба табақаҳои васеи иҷтимоӣ паҳн кардани идеологияи ҳизб вазифаи аввалиндараҷаи ҳар ҳизб мебошад. Тақдири вай аз он вобаста аст. Асосҳои идеологии норавшан ва номушаххас ба муваффақиятҳоиояндаи ҳизб таҳдид мекунанд.

Самти дуюм - тартиб додани барномаи амалкарди ҳизб, тартиб додани мақсаду вазифаҳои стратегию тактикии ҳизб, муайян намудани усулу воситаҳои мубориза барои ҳокимият мувофиқи вазъияти сиёсии мамлакат мебошад. Дар ин ҷо ба назар гирифтани имкониятҳои воқеии ҳизб муҳим аст.

Самти сеюм омодагӣ ва гузаронидани маъракаи интихоботӣ мебошад. Дар ҷомеаи демократӣ роҳи асосии ҳизб ба сӯйи қудрат интихоботи мардумӣ мебошад. Ҳизб танҳо тавассути тавсеаи заминаи интихоботии худ метавонад ба парлумон роҳ ёбад ва ба қудрат дастрасӣ пайдо кунад. Аз ин рӯ, ҳар як ҳизб ба таблиғи пешазинтихоботии барномаи худ, таъмини рейтинги зарурии номзадҳои худ ба мақомоти намояндагии ҳокимият аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Штабҳои махсуси интихоботӣ ташкил карда мешаванд, ки дар онҳо технологҳои беҳтарини сиёсӣ, ки дар ташкили маъракаҳои интихоботӣ таҷриба доранд, кор мекунанд. Дар мубориза барои хокимият ҳизбҳои сиёсӣ воситаҳои моддиро дареғ намедоранд. Самти чорум аз рӯйи се вектор амалӣ карда мешавад.

Ҳизбе, ки дар интихобот аксарияти овозҳоро гирифтааст (дар низоми дуҳизбӣ), ҳукуматро ташкил медиҳад ва ҳизби ҳоким мешавад. Дар низоми бисёрҳизбӣ ҳизбе, ки аз рӯйи шумораи овозҳои ба тарафдории он додашуда ҳадди муқаррарнамудаи қонунро паси сар карда, вориди парлумон мешавад ва дар он фраксия ташкил мекунад, вобаста ба тамоюли сиёсии худ ё ҷонибдори он амал мекунад.

Ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти ҳамаҷонибаи худро амалӣ намуда, робитаи байни мақомоти давлатӣ ва аҳолиро таъмин намуда, ба шаклҳои стихиявии фаъолияти сиёсии омма хусусияти муташаккил медиҳанд ва амали худро дар самти барои ин ҳизб зарур ташкил мекунанд.

Вазифаи асосии ҳар як назарияи илмӣ, алалхусус илми мустақил, чи тавре ки маълум аст, на он қадар тавсифи фактҳо, ҳодисаҳо ва равандҳоеро дар бар мегирад, ки соҳаи предмети онро ташкил медиҳанд, балки тасниф намудани онҳо, ба як системаи мукаммал, аз ҷиҳати мантиқӣ мукаммал намудани онҳо мебошад. Ин ба донистани предмети илм, ворид шудан ба моҳияти паҳлуҳои гуногуни он, ба роҳ мондани робитаи сабабу натиҷа байни онҳо мусоидат мекунад. Вазифаи илми сиёсатшиносӣ аз он иборат аст, ки тамоми гуногунии ҳизбҳои сиёсиеро, ки ҳоло дар ҷаҳон вуҷуд доранд, ба системаи муайян гурӯҳбандӣ шуда, хусусияти навъҳои гуногуни ҳизбҳои сиёсӣ ва системаҳои ҳизбиро ошкор созад.

Таснифи ҳизбҳои сиёсӣ метавонад аз рӯйи меъёрҳои гуногун сурат гирад. Аз рӯйи тамоюли иҷтимоӣ навъҳои зерини ҳизбҳо ҷудо карда мешаванд. Ҳизбҳои сармояи калон, ки фаъолияти иттиҳодияҳои монополистиро дастгирӣ карда, тарафдори мустаҳкам намудани алоқаи ин иттиҳодияҳо бо дастгоҳи давлатӣ мебошанд. Чунин ҳизбҳо вазифаи миёнаравиро иҷро намуда, алоқаҳои байни давлат ва монополияҳоро мепайванданд. Ҳизбҳои ишорагардида аз ҷиҳати таркиби ҷамъиятӣ, тактикаи фаъолияти худ, сохти ташкилӣ гуногун буда, мустаҳкам намудани мавқеи сармояҳои калон ва вусъат додани

таъсири он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама ба сохтори ҳокимияти давлатӣ, мақсади умумии стратегии онҳо ба шумор меравад. Чунин ҳизбҳо -консервативӣ, марказгаройӣ, либералӣ-реформистӣ ва ғ. (ҳизби консервативӣ дар Англия, либерал-демократӣ дар Япония) мавҷуданд.

Ҳизбҳои синфи миёна (соҳибкорони миёна ва хурд, тоҷирони хурд) навъи дигари ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд. Фаъолияти ин ҳизбҳо тамоюлоти зиддимонополистӣ дорад. Онҳо истеҳсолоти хурди хусусиро, ки чун қоида бо корхонаҳои калон рақобат карда наметавонанд, муҳофизат мекунанд. Албатта, ҳизбҳои мазкур мефаҳманд, ки оянда ба истеҳсолоти калони ҳозиразамон тааллуқ дорад, бинобар ин онҳо ҷидду ҷаҳди асосии худро ба мубориза зидди ҳукмронии сиёсии монополияҳо ва таъсири онҳо ба ҳокимияти давлатӣ равона мекунанд.

Дар қатори ҳизбҳои сиёсии номбаргардида инчунин ҳизбҳои коргарони музднок низ мавқеи намоёнро ишғол намудаанд. Онҳо манфиатҳои синфи коргар, коркунони муҳандисию техникиро, ки аз воситаҳои истеҳсолот маҳрум буда, қувваи кориро ба соҳибони худ мефурӯшанд, ифода мекунанд. Ба ин навъи ҳизбҳо, пеш аз ҳама, ҳизбҳои сотсиалистӣ ва сотсиал-демократӣ дохил мешаванд, ки дар фаъолияти худ таълимоти сотсиализми демократиро ба роҳбарӣ мегиранд. Ҳадафҳои умумии ин ҳизбҳо аз инҳо иборатанд: фароҳам овардани кафолатҳои иҷтимоии озодӣ ва баробарии шахсият, пойдории адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа, ҳамбастагии меҳнаткашон, ҳифзи кормандон аз ҳама гуна истисмор, афзалияти моликияти воситаҳои истеҳсолот дар доираи иқтисодиёти омехта, дар арсаи байналхалқӣ бошад, тарафдори сулҳ, яроқпартоӣ, демилитаризатсияи иқтисодиёт мебошанд.

Дар баробари ин, дар амалияи сиёсию ҷамъиятӣ ҳизбҳои миллии демократиро низ мушоҳида намудан мумкин аст. Онҳо дар асоси афзоиши худшиносии миллии халқҳо, норозигӣ аз поймол кардани ҳуқуқи онҳо аз тарафи мақомоти марказӣ, масъалаҳои ҳалношудаи иҷтимоию иқтисодии ҳудуди истиқомати онҳо ба миён меоянд. Сабабҳои миллии ташкил ёфтани ҳизбҳо дар шароити ҳозира, ки дар заминаи он шуури худшиносии халқҳо меафзояд, хусусияти объективӣ дорад. Аммо аксар вақт ин шароитро миллатгароёни ҷангҷӯ барои ҳадафҳои сиёсии худхоҳона истифода мебаранд. Онҳо ба гардани ҳизбҳо ва халқҳо барномаҳои ҷудоихоҳӣ ва иртиҷоиро нисбат ба дигар давлатҳои хамсоя бор мекунанд.

Дар намуди махсус ҳизбҳоеро метавон ҷудо кард, ки ба таълимоти гуногуни динӣ, ба диндорон тамаркуз мекунанд. Барномаи сиёсии онҳо аз ҷиҳати мазмуни иҷтимоию иқтисодӣ ва идеологиашон гуногунанд. Аммо бештари ин аҳзоб ба аркони дину эътиқоди аслӣ такя карда, барои таҳкими мавқеи ин динҳо дар кишварҳо ва минтақаҳои худ мубориза мебаранд. Ҳизбҳои клерикалӣ аз тарафи оммаи халқ хеле васеъ дастгирӣ карда мешаванд. Зеро ин ҳизбҳо дар баробари дигар арзишҳо арзишҳои умумибашарӣ, пеш аз ҳама, арзишҳои дорои хусусияти ахлоқӣ - адолат, шафқат, муносибати неки инсон ба инсон ва ғайраро эълон мекунанд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ нишон медиҳад, ки ҳизбҳо воситаи ифодаи манфиатҳои табақа ва гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа мебошанд. Дар шароити демократӣ ҳизбҳои сиёсӣ барномаҳои сиёсии хешро бо назардошти манфиати гурӯҳҳои иҷтимоӣ ташаккул дода, дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ фаъолияти худро пеш мебаранд.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ - Сафарализода Х.Қ.**


**АДАБИЁТ**

1. Политические партии в условиях демократии. – М., 1997. – С. 115.
2. Пугачёв В.П. Политология: Справочник для студента / В.П. Пугачёв. – М., 2001. – С. 355.
3. Философский энциклопедический словарь. – М., 1983. – С.482.
4. Юзбашев Т.Б. Критика буржуазной концепции политических партий / Т.Б. Юзбашев. –М., 1984. – С.29.
5. Бобоев К. назарияи сиёсии Низомулмулк / К.Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 136 с.
6. Боднар А. Основы политологии / А.Боднар. - Киев, 1991. – С. 93.
7. Герасимов Д.С. Многопартийность в условиях переходных систем (из опыта России), дисс. на соискание степени канд. полит. наук / Д.С. Герасимов. М., 2009 – 154 с.
8. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2007. - 181 с.

9. Пушкарева Г.В. Партии и партийные системы: конципция М.Дюверже / Г.В. Пушкарева // Социально-политический журнал. -М., 1993. -№9. -С. 112.
10. Мельвиль А.Ю. Опыт теоретико-методологического синтеза структурного и процедурного подходов к демократическим транзитам / А.Ю.Мельвиль // Полис. -1998. -№ 2.
11. Муҳаббатов А. Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо / А.Муҳаббатов. -Душанбе: Истеъдод, 2011. -143 с.
12. Олешук В.А. Политическая Россия. Блоки. Лидеры / В.А.Олешук, В.Б. Павленко. - М., 1997.
13. Партии и партийные системы в современной Европе -М., 1994.
14. Партии и партийные системы в современной Европе. -М.,1994.
15. Политические партии, движения и организации современной России на рубеже веков (аналитический справочник). Санкт-Петербург-1999.
16. Полические партии в условиях демократии. ФРГ. - 1997 (перевод из немецкого языка).
17. Политические партии. Справочник. -М.,1996.
18. Ризоев Б.М. Политические партии Таджикистана в современных условиях / Б.М. Ризоев, В.М. Набиев. – Худжанд, 2001. -С.22.
19. Рахмонов Э. Наша цель – национальное согласие / Э.Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997. – С. 38.

## ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ МАСЪАЛА

Ҳизбҳои сиёсӣ имрӯз ҷузъи таркибии низоми сиёсии ҷомеа буда, дар шароити ташаккулёбии ҷомеа фаъолияти онҳо дар системаи интихоботӣ низ ба дигаргунӣ дучор мешавад. Барои мустаҳкам намудани мавқеи худ дар раванди интихобот ҳизбҳои сиёсиро зарур меояд, ки аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ истифода баранд. Инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ дар давраи ташаккули ҷомеаи демократӣ вусъати тоза пайдо кард, ки дар натиҷаи он ҳизбҳо оммавӣ гардиданд. Дар заминаи инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти сиёсии табақаҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеа ва ҳаракатҳои оммавию сиёсӣ барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ дар раванди интихобот афзуда истодааст. Дар шароити муосир ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули маданияти сиёсию шаҳрвандӣ, аз ҳама муҳим дар баланд бардоштани масъулияти сиёсии шаҳрвандон нақши муҳим мебозад. Аммо ҳизбҳои сиёсӣ марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофро тай намуда, дар натиҷаи рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа то сатҳи субъекти системаи интихоботӣ омада расиданд. Бинобар ин, дар шароити имрӯза рушди ҷомеаи демократиро бе фаъолнокии ҳизбҳои сиёсӣ тасаввур намудан номумкин мебошад. Дар баробари ин, ҳизбҳои сиёсӣ субъекти муҳимтарини раванди сиёсии ҷомеа низ ба шумор меравaнд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди сиёсии ҷомеа вазифаҳои мушаххасро иҷро намуда, дар ташаккули системаи сиёсии ҷомеа ва рақобатнокии интихоботи демократӣ таъсири амиқ мерасонанд.

**Калидвожаҳо**: ҳизбҳои сиёсӣ, системаи интихоботӣ, системаҳои ҳизбӣ, низоми сиёсӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ҳокимияти сиёсӣ, раванди сиёсӣ, ҷомеаи мутамаддин.

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПАРТИИ КАК СУБЪЕКТ ИЗБИРАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЫ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧИСКИЕ ПРОБЛЕМЫ

Сегодня политические партии являются частью политической системы общества, и в условиях формирования общества их деятельность в избирательной системе также подвержена изменениям. Для укрепления своих позиций в избирательном процессе политическим партиям необходимо использовать возможности информационных технологий. Развитие политических партий в период становления демократического общества получило новый размах, в результате чего партии стали популярными. На основе развития политических партий повышается политическая активность различных социальных слоев общества и массово-политических движений по завоеванию политической власти в избирательном процессе. В современных условиях политические партии играют важную роль в формировании политической и гражданской культуры, а главное – в повышении политической ответственности граждан. Однако политические партии прошли разные стадии развития и в результате развития демократических институтов общества достигли уровня субъекта избирательной системы. Поэтому в сегодняшних условиях невозможно представить развитие демократического общества без деятельности политических партий. При этом политические партии считаются важнейшими субъектами политического процесса общества. Политические партии выполняют конкретные задачи в политическом процессе общества и оказывают глубокое влияние на формирование политической системы общества и конкурентность демократических выборов.

**Ключивые слова:** политические партии, избирательная система, партийная система, политическая система, информационная безопасность, политическая власть, цивилизованное общество.

## POLITICAL PARTIES AS A SUBJECT OF THE ELECTORAL SYSTEM: THEORETICAL AND METHODOLOGICAL PROBLEMS

Today, political parties are part of the political system of society, and in the conditions of the formation of society, their activities in the electoral system are also subject to change. To strengthen their positions in the electoral process, political parties need to use the possibilities of information technology. The development of political parties during the formation of a democratic society received a new scope, as a result of which the parties became popular. Based on the development of political parties, the political activity of various social strata of society and mass political movements to gain political power in the electoral process is increasing. In modern conditions, political parties play an important role in the formation of political and civil culture, and most importantly, in increasing the political responsibility of citizens.

However, political parties went through different stages of development and, as a result of the development of democratic institutions of society, reached the level of a subject of the electoral system. Therefore, in today's conditions it is impossible to imagine the development of a democratic society without the activities of political parties. At the same time, political parties are considered the most important subjects of the political process of society. Political parties perform specific tasks in the political process of society and have a profound influence on the formation of the political system of society and the competitiveness of democratic elections.

**Keywords:** political parties, electoral system, party system, political system, information security, political power, civilized society.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Расулов Аслам Зафарович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+ 992) 918-67-66-06.** E mail: **Aslam_1993@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Расулов Аслам Зафарович*** - Таджикский национальный университет, ассистент, кафедра политических процесов в Таджикистане. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+ 992) 918-67-66-06.** E mail: **Aslam_1993@mail.ru**

**Information about the author:** ***Rasulov Aslam Zafarovich*** - Tajik National University, assistant,Department of Political Processes in Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+ 992) 918-67-66-06.** E mail: **Aslam_1993@mail.ru**

ТДУ: 32т

# ҶАҲОНБИНИИ ИЛМӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ МАДАНИЯТИ СИЁСӢ

*Иномджонова М.Н.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Дар шароити тезутунд гаштани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳарбии ҷаҳони муосир масъалаи ташаккули ҷаҳобинӣ ва маданияти сиёсии аъзоёни ҷомеа аз пештара дида мубрамияти бештар касб намудааст. Агар мо тули чанд соли сипаригашта бештар дар бораи терроризм, ифротгароӣ сухан мекардем, акнун ба фазои афкори иҷтимоию сиёсӣ идеологемаҳои дигар, ба мисли фашизм, неофашизм, генотсид, ҳисси бадбинӣ байни миллатҳо дохил шудаанд, ки вазъи ҷомеаи ҷаҳониро халалдор намуда, боиси вусъати зиддият ва низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ байни давлатҳо гаштаанд. Мисоли равшани онро мо дар раванди амалиёти махсуси ҳарбии давлати Россия дар ҳудуди Украина дида метавонем. Ташхисгарон ва сиёсатшиносони маъруф таъкид менамоянд, ин ҷанг барои марз, боигариҳо набуда, балки қабл аз ҳама хислати геосиёсӣ ва ғоявӣ дорад, агар возеҳтар гӯем мубориза бар зидди ғояи фашизм ва неофашизм дар кишвари Украина ба ҳисоб меравад. Мушоҳидаҳои раванди мазкур бори дигар собит менамояд, ки дар шароити авҷгирии муборизаи мафкуравӣ нақши ҷаҳонбинӣ ва маданияти сиёсии мардум яке аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбад, зеро инъикоси ҳодисаҳои мазкур дар афкори омма, то кадом андоза одамон ба онҳо дуруст баҳогузорӣ ва муносибат менамоянд, хеле муҳим мебошад.

Ибтидо аз 24 феврали соли 2022 дар шуури ҷамъиятӣ гардиши қатъӣ ба амал омад. Давраи яккаҳукмронии абарқудратҳо ба охир расид, муборизаи шадид барои манфиатҳои геосиёсӣ авҷ гирифта, ба арсаи майдон “бозингарони” асосии ҷаҳон ворид гаштанд, нуфузи таъсири ташкилотҳои байналхалқии сиёсию иқтисодӣ заиф гашта, онҳо нақши калидии худро аз даст доданд. Дар ин маврид метавон таъкид намуд, моҳиятан сухан дар бораи дигаргуншавии манзараи олам, яъне аз нав тақсим кардани ҷаҳон меравад. Вобаста ба ин, бояд зикр намуд, ки муайян намудани ҷойгоҳи ҳар як давлату миллат дар тартиботи нави ҷаҳон чи гуна аст, на фақат аз сиёсати давлат вобаста аст, балки сатҳи фаҳми равандҳои арзи вуҷуд карда истода ва маданияти сиёсии аҳли ҷомеа ҷойгоҳи хоссаро ишғол менамояд.

Таҳаввулот ва тағйироти торафт афзоянда дар арсаи байналмилалӣ, ки аксари онҳо натиҷаи бархӯрдҳои бесобиқа ва пуршиддати манфиатҳои неруҳои абарқудрат ва бозигарони муҳимтарини саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ мебошанд, муҳим будани таҳқиқи мавзуи мазкурро боз ҳам афзун гардонидаанд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои худ таъкид намудаанд: “Замони мо замони ниҳоят мураккаб ва печидаи таърихи башарӣ, замони таҳаввулоти бунёдии созмонҳои иҷтимоӣ, замони рушди бесобиқаи илму фановарӣ, иттилоот ва дар маҷмуъ неруи эҷодии инсон, замони имконоти азими такомули фарҳангӣ ва ахлоқиву маънавӣ, равобит ва ҳамкории густурдаи халқу кишварҳо ва тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Дар баробари ин, ба ҳама возеҳ аст, ки замони мо замони зуҳури фаъоли неруҳои тахрибкор, замони таблиғ ва паҳн намудани ғояҳои тундгароӣ, густариши хатарҳои экстремизму терроризм, ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, коҳиши маънавии ҷомеа ва падидаҳои дигари номатлуб низ мебошад.

Суръати густариши онҳо ба ҳаддест, ки имрӯз хатари фарсоиши ҷиддии арзишҳои бунёдии сирати инсон - ахлоқ, фарҳангу маънавиёт, масъулияти фардӣ ва иҷтимоӣ торафт аён мегардад. Дар чунин вазъият масъулияти азими таърихӣ ва рисолати шаҳрвандии мо аз он иборат аст, ки давлати ҷавони миллӣ, истиқлолияти он ва ҷомеаи худро аз чунин пайомадҳои манфӣ эмин нигоҳ дорем [1].

Вобаста ба ин, дар мақола якчанд мафҳумҳои калидӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Гарчанде дар адабиёти илмӣ мафҳуми ҷаҳонбинӣ ба таври фарогир таҳқиқ гаштааст, вале ба ҳар ҳол, барои расидан ба ҳадафи дар мақола гузошта шуда, моро зарур омад, ки

баъзе нуктаҳои онро тазаккур диҳем. Дар адабиёти фалсафӣ чунин таърифи ҷаҳонбинӣ аз ҷониби ҳамагон пазируфта шудааст: ҷаҳонбинӣ чун мафҳуми фалсафӣ маҷмуи донишҳо, тасаввурот, нуқтаи назарҳо, эътиқодҳо, арзёбиҳо, меъёрҳо, ормонҳоест, ки муносибати инсонро ба ҳастӣ муайян намуда, роҳнамои зиндагии ҳаррӯзаи вай мебошанд [2,с.11].

Тавре аз ин таъриф бармеояд, ҷаҳонбинӣ чанд унсури муҳимро дар бар мегирад: а) низоми донишҳо; б) тасаввурот ва нуктаю назарҳо; в) эътиқодҳо; г) арзёбиҳо; ғ) орзую ормонҳо. Дар таърифи мазкур ҳамчунин ду нуктаи муҳимро ба инобат гирифтан зарур аст: 1) он тамоми унсурҳои шаклҳои таърихии ҷаҳонбиниро дар бар гирифтааст; 2) ҷаҳонбинӣ муносибати инсонро ба ҳастӣ муайян намуда, роҳнамои зиндагии ҳаррӯзаи вай мебошанд. Нуктаи дуюм аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷаҳонбинӣ дар ташаккули симои маънавии шахс, аз он ҷумла ба шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсии шахс таъсири амиқ мерасонад, ки каме поёнтар дар бораи он қазоват хоҳем намуд.

Одатан муҳаққиқон ду сатҳи ҷаҳонбинӣ – *маърифатию ақлӣ ва ҳиссию амалиро* нишон медиҳанд. Аммо, ба андешаи мо, чунин муайян намудани сохтори ҷаҳонбинӣ низ шартӣ мебошад, чунки дар амалияи рӯзмарра муайян намудани сарҳади маърифати ақлӣ ва ҳиссию равонӣ хеле душвор аст. Ин нуктаро файласуфи рус Спиркин А.Г. чунин баён намудааст: “Ибтидои ташаккули ҷаҳонбинӣ ба тасаввурот ва мазмуни шуури муқаррарӣ, нигоҳи асотирӣ ва динӣ такя намуда, аз лиҳози таърихӣ дар ташкил ва сафарбаркунии иҷтимоии ҷамоаҳои одамон нақши муҳим бозидаанд. Дар раванди пешравии фаъолияти маърифати амалии одамон баробари арзи вуҷуд намудани илм ҷаҳонбинии онҳо бештар хислати илмӣ пайдо менамояд ва торафт нуфузи илм дар ҷаҳонбинии одамон вусъат меёбад” [3,с.24].

Мавриди зикр аст, ки дар ҷамъиятшиносии шуравӣ дараҷаи илмӣ-назариявии ҷаҳонбинӣ ҳамчун проблемаи ҷаҳонбинии илмӣ ба назар гирифта мешуд. Умуман, ба чунин андеша розӣ шудан мумкин аст, чунки дараҷаи илмию назариявии ҷаҳонбинӣ дар ҳақиқат бояд аз ҷиҳати мазмунаш ба ҷаҳонбинии илмӣ мувофиқат кунад. Аз ин рӯ, мо ҷаҳонбинии илмӣ гуфта ҷаҳонбиниеро дар назар дорем, ки дар асоси донишҳои бадастовардашуда дар бораи табиат, ҷомеа ва худи инсон, дар асоси далелҳои мушаххасе, ки барои омӯзиши илмӣ дастрасанд ва дар амал тасдиқ карда мешаванд, ташаккул меёбад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки фарқи куллии ҷаҳонбинии илмӣ дар он аст, ки дар ин ҷо дониш воситаи дидан, дарк кардан, таҳлил, баҳо додан ба ҳодисаҳо буда, дар ниҳояти кор хусусияти муносибати инсонро ба олам муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, хусусияти хосси ҷаҳонбинии илмӣ аз он иборат аст, ки инсон ба раванду ҳодисаҳои олам аз нигоҳи илмӣ баҳо дода, тибқи он амал карда тавонад. Чунин амалкарди инсон дар ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии ӯ нақши муассир мебозад, вале дар шароити имрӯза барои сулҳу субот ва амнияти ҷомеа мавқеъгириҳо ва баҳогузориҳои сиёсии шахс муҳиммияти бештаре пайдо намудаанд, зеро воқеияти сиёсии ҷаҳони имрӯза раванди иҷтимоишавии сиёсии аъзоёни ҷомеаро тақозо намудааст.

Дар ҳамаи вақту замон, хусусан дар марҳилаи кунунии вазъи низоъангезу пурихтилофи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки хатари аз байн рафтани ваҳдату ҳамгироӣ, моҳияти асли тамаддунҳо ва арзишҳои волотарини умумибашарӣ (ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, сулҳу осоиштагӣ, амнияти давлату соҳибистиқлолии миллӣ ва ғайраҳо) ба миён омадааст, таҳкиму такмили иҷтимоигароии сиёсии насли наврас масъалаи мубрами рӯз, вазифаи муҳимтарини аҳли зиё ва давлати Тоҷикистон гардидааст.

Иҷтимоигароии одамон бевосита аз фарҳанги сиёсии халқу миллатҳо ғизо мегирад ва сифату самаранокии он аз сатҳи муайяни маърифатнокии сиёсиву ҳуқуқии волидайн, мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ, устодони мактабҳои маълумоти миёнаи умумӣ, мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, омодагӣ ва устувории ниҳодҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, зубдагон ва сарварони сиёсӣ зич вобаста аст. Фарҳанги сиёсӣ маҷмуи тасаввуротҳо, арзишҳо, рӯовариҳо, таҷрибаву малака ва иштироки фардҳои алоҳида дар идоракунии давлат ва ҷомеа мебошад. Маданияти сиёсӣ зуҳури шуури сиёсии шахс мебошад.

Шуури сиёсӣ яке аз категорияҳои маркази илмҳои сиёсӣ буда, ҷиҳати субъективии ҳаёти сиёсии ҷомеаро таҷассум менамояд. Шуури сиёсӣ падидаи мураккаб буда, сатҳи тассувороти одамонро оиди сиёсат ва ҳаёти сиёсӣ таҷассум менамояд. Шуури сиёсӣ метавонад аз амалияи ҷамъиятӣ пеш гузарад ва дар пешбинии инкишофи он саҳми

назаррасро касб намояд. Аз ин хотир, шуури сиёсӣ метавонад ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири назаррас расонад. Фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии инсон, муносибати вай бо режимҳои сиёсии ҳукмрон, шакли идоранамоӣ аз камолоти омилҳои зиёде вобаста аст. Шуури сиёсӣ ва унсурҳои асосии он идеологияи сиёсӣ ва психологияи сиёсӣ аз қабили ҳамин омилҳоянд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки танҳо сатҳи баланди шуури сиёсӣ метавонад ҳамчун шароити муайянкунандаи мавқеи сиёсии инсон баромад намояд. Лекин қайд намудан зарур аст, ки сатҳи шуури сиёсии тамоми аъзоёни ҷомеа як хел набуда, дар сатҳҳои гуногун қарор доранд. Шуури сиёсӣ шакли дарк намудани сиёсат аз ҷониби субъектҳои ҳаёти ҷомеа: шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо ва умумиятҳои дигари иҷтимоӣ мебошад. Шуури сиёсӣ ба сифати яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ баромад намуда, ба шаклҳои дигари он таъсир мерасонад ва тобиши сиёсӣ медиҳад. Манфиатҳои сиёсӣ ва махсуси аҳли ҷомеаро оид ба амалишавии ҳокимияти давлатӣ инъикос намуда, дар таълимот ва назарияи муайян зуҳур мегардад. Агар дар ҳаёти воқеӣ кӯшиши дарёфт намудани ҷавобҳои тайёр ба масъалаҳои мураккаби ҳаёт вобаста ба назария ва таълимот муайян карда шавад, он гоҳ тафаккур гирифтори догматизм мегардад. Чунин ҳолат қобилияти шуури сиёсиро маҳдуд менамояд. Дар ҳолати пойбанд будани одамон аз принсипҳои назариявию идеологӣ шуури сиёсии «бардурӯғ» пайдо намешавад. Дар чунин ҳолат шахс наметавонад ба ҳодисаву равандҳои сиёсӣ баҳои сариватӣ ва объективӣ диҳад. Ҳоло ба фаҳми махсуси ҳодисаҳои ҷомеа, аз ҷумла шуури сиёсии одамон фаҳми кулли ҳодисаҳо муқобил гузошта мешавад. Он арзишҳои умумибашарӣ ва умумидемократиро беҳтар дониста, манфиатҳои синфию гурӯҳиро тобеи худ мегардонад. Ин роҳи дурусти инкишофи шуури сиёсӣ дониста мешавад.

Дар ташаккул ва инкишофи шуури сиёсӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1) фаъолияти сиёсии шахс;

2) иштироки оммаи мардум дар тайёр намудан ва қабули қарори сиёсӣ;

3) системанокии ахборотгирии аҳолӣ;

4) ошкорбаёнӣ ва плюрализми сиёсӣ дар фаъолияти ҳамаи унсурҳои системаи сиёсии ҷомеа.

Шуури сиёсӣ ин низоми донишҳо, баҳодиҳӣ, кайфияту ҳиссиёти инсон мебошанд, ки тавассути он аз ҷониби фард ё гурӯҳи иҷтимоӣ воқеияти сиёсӣ дарк карда мешавад. Шуури сиёсӣ ифодагари низоми ғояҳо, назарияҳо, нуктаю назарҳо, тасаввурот, эҳсосот, эътиқод ва ғайра буда, дар он ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла муносибатҳои сиёсӣ инъикос меёбанд. Агар ба таври мушаххастар зикр намоем, шуури сиёсӣ ин аз ҷониби субъект аз худ намудани арзишҳои сиёсии ҷомеа мебошад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки ташаккули шуури сиёсӣ бевосита ба сиёсати давлат вобаста будааст. Аммо илми сиёсии муосир моҳияти сиёсатро фақат ба давлатӣ вобаста намедонад. Чунин тарзи фаҳми сиёсат ба воқеияти имрӯза ҷавобгӯ нест, зеро дар шароити бунёди давлати демократӣ сиёсат равандҳо, ҳодисаҳо, арзишҳо ва муносибатҳои васеътари ҷомеаро фаро мегирад. Аз ҷумла, дар ҷомеаҳои муосир муассисаву созмонҳои иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар сиёсат нақши муассир доранд. Мо дар таҳқиқи худ пайгирӣ он муаллифонем, ки сиёсатро ҳамчун яке аз соҳаҳои умдатарини ҷомеа, ҳамчун василаи ташаккулу инкишофи мутавозину муназзами навъи фаъолияти хоссаи афрод, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодҳои идоракунӣ ва муносибатҳои сиёсӣ баррасӣ менамоянд [4,с.234].

Фарҳанги сиёсӣ ҳамчун сифати сиёсии субъектҳои гуногун: синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ, шахсони алоҳида, институтҳои сиёсӣ ва ғайра баромад менамояд.

Ба андешаи муҳаққиқ Г.Зокиров, андешаҳои сиёсӣ, сохторҳои сиёсию давлатӣ, қонун ва қарорҳои танзимдиҳандаи ҳаёти сиёсӣ, назария ва ақидаҳои сиёсӣ, хулоса ҳама гуна институтҳои сиёсӣ, ки ба пешрафти ҷомеаи башарӣ мусоидат менамоянд, фарҳанги сиёсиро ташкил медиҳанд [5,с.342]. Аз ин рӯ, фарҳанги сиёсӣ гуфта, маҷмуи донишҳои сиёсӣ, арзишҳо, усули рафтореро меноманд, ки тавассути онҳо баҳамтаъсиррасонии субъект ба давлат ва воридшавӣ ба фаъолияти сиёсӣ амалӣ мегардад [6,с.54].

Таърифи зикршуда ба ҳам алоқамандии байни ҷамъияту фарҳангро ифода намояд ҳам, аммо ин таносуби том ва ҷузъ набуда, таносуби том ба сифаташ аст, ки охирин

муайянияти ашё зуҳурот, масалан хусусияти аломатҳои сифати фарҳанги сиёсӣ тавсиф карда мешавад. Як чизро бояд ба эътибор гирифт, ки бо роҳи синтез навъҳои гуногуни фарҳангро ба аломатҳои сиёсӣ дар тафаккур сохтан мумкин нест. Гузашта аз ин, одитарин зуҳуроти иҷтимоӣ, сиёсӣ низоми устувори ҳаёти ҷамъиятиро вайрон месозад. Аз ин бармеояд, ки мазмуну моҳияти шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ бевосита ба ҷаҳонбинии илмӣ вобаста мебошад. Дар шароити вусъати бемайлони илму техника алоқамандии ҷаҳонбинии илмӣ ва маданияти сиёсӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Дастовардҳои илмиро эътироф намуда, баробари ин зикр намудан зарур аст, ки дар шароити амалӣ гаштани плюрализми мафкуравӣ дар ҷомеа, мо набояд ба гирдоби ҳар гуна ҷараёнҳои сиёсии хислати иртиҷоӣ дошта гирифтор шавем. Дар интихоби ҷаҳонбинӣ бошад, тавре аз таърихи на он қадар дури миллати мо бармеояд, тазйиқ ва зӯроварӣ ҷой надошта бошад, зеро агар кор чунин сурат гирад, он боиси духӯрагии ҷаҳонбинӣ мегардад. Ба ақидаи мо, муҳим он аст, ки ғояе, ки инсони алоҳида онро ҷонибдорӣ менамояд,бар зарари ҷомеа ва шахс набошад.

Ба фикри мо, дарки раванди дигар зарур аст, яъне имрӯз, ки инсоният дар остонаи ҳазораи сеюм қарор дорад, ҳар як инсон новобаста аз мақоми ишғолнамудааш дар амалкарди худ як бор таваққуф намояд ва дарк намояд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳудуде расидааст, ки ҳар як қадами бидуни ақлу таҳаммул гузошта шуда, ӯро сӯйи ҷаҳаннам, ғаму кулфат, нотинҷиҳо, гуруснагиву бечорагӣ, дарбадарӣ, ноамниву ҷангу ҷидол ва дар ниҳоят инсониятро ба нестӣ мебарад. Аз ин лиҳоз, ҳар як инсон, хосса зубдагони сиёсӣ, ки тақдири миллионҳо одамонро ба дӯш доранд, “тугмачаи” оғози ҷанги фаросӯии инсонкуш зери даст доранд, бояд рафтори заковатмандона зоҳир намоянд, таҳаммулпазир буда, аз рӯйи принсипи волоияти арзишҳои умумиинсонӣ амал намоянд.

Аммо сад афсӯс, ки дар ҷомеаи ҷаҳони муосир равандҳое ба назар мерасанд, ки онҳо аз манфиатҳои маҳдуди ҷуғрофию сиёсӣ, иқтисодию молиявии давлатҳои алоҳида, ки онҳоро абарқудратҳо меноманд, бармеоянд. Вобаста ба ин, дар паҳнои муаммои таҳқиқшаванда бояд зикр намуд, ки ҷаҳонишавӣ тамоми муаммоҳои ҳалталаби инсониятро ба ҳам оварда, як “кӯргирехе” ба вуҷуд овардааст, ки мазмуну моҳияти он на фақат ба ҷомеаю давлатҳои алоҳида, балки ба кулли инсоният алоқамандӣ дорад ва таҳдиду хатарҳо эҷод менамояд. Ҳодисаҳои дар як қатор давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, чанд давлатҳои арабӣ ва африқоӣ, дар ин қатор паҳншавии касалии коронарвирус COVID -19 дар ҷаҳон ба таври возеҳ нишон дод, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ мавҷудияти сарҳади давлатҳо характери рамзӣ пайдо намуда, ҳаёти одамон ба садҳо риштаҳои ба назар нонамоён ба ҳам пайваст мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ин равандҳо боз ҳам саҳеҳтар ба назар мерасанд. Масалан, давлатҳои Аврупо ва Амрико гумон доштанд, ки низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ, ки ба ғояҳои экстремизми динӣ ва терроризм вобастаанд, фақат хосси давлатҳои Шарқ, ки дар ин ҷо мусалмонон зиндагӣ менамоянд, рабт доранд. Аммо баъди амалҳои террористие, ки 11 сентябри соли 2001 дар якчанд шаҳрҳои Амрико (амалҳои террористӣ тавассути ҳуҷуми ҳавоӣ), баъд дар маҳалҳои гуногуни Фаронса, Олмон, Британияи Кабир рух доданд, ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намуд, ки зиддиятҳои иҷтимоӣ ва дар ин замина арзи вуҷуд намудани падидаҳои экстремизм ва терроризм ба муаммои глобалӣ мубаддал гашта, он муборизаи кулли давлатҳоро тақозо менамояд.

Амалиёти махсуси ҳарбии Россия ба хотири дифои ҳаммиллатон аз тазйиқи неофашизм дар Украина ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии тамоми сайёраро такон дода, ба буҳрони амиқ гирифтор намуд.

Вобаста ба ин ҳолат мехостем як нуктаро зикр намоем. Имрӯз вақте ки сухан аз боби хавфу хатарҳои ҷаҳони глобалӣ меравад, бештар дар бораи манфиатҳои давлат, миллат ва ҷомеа андешаҳо баён мегарданд. Чунин арзёбиҳо умуман дурустанд, аммо дар бисёр мавридҳо дар андешарониҳои мазкур ниёз, мақому нақши ҷаҳонбинии инсон дар ин равандҳо ба таври бояду шояд мавриди омӯзиш қарор намегиранд. Мо бар ин ақидаем, ки чунин муносибат на он қадар мувофиқи матлаб аст, зеро таҳлилу омӯзишҳо собит менамоянд, ки дар шароити авҷгирии муборизаҳои мафкуравӣ моҳиятан сухан дар барои ғасби ақлу ҷаҳонбинии инсон меравад. Аз ин нуктаи назар бознигарии равандҳои

воқеаҳои фароҷаҳонию минтақавии дунёи муосир вобаста ба муаммои инсон, манфиату талаботҳои ӯ ниёз ба таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарории дақиқро тақозо менамояд.

Вобаста ба вижагӣ, яъне хислати куллӣ доштани маърифати фалсафӣ, мисли ҳазорсолаҳои пешин, фалсафа на хусусиятҳои фардӣ, балки инсонро ҳамчун мафҳуми куллии таҷассумкунандаи шароитҳои мушаххаси табиӣ-таърихӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ омӯхта, мекӯшад образи идеалии ӯро бунёд намояд, ки он муаммоҳои бамиёномадаро ҳал карда тавонад ва ба хавфу хатарҳои замона сарбаландона ҷавоб гуфта тавонад.

Тағйиротҳои куллии иҷтимоӣ, ки дар гузаргоҳи асри XX ба асри XXI шаклу мазмуни нав гирифтанд, ба ташаккули тамаддуни умумибашарӣ, ки ба арзишҳои умумиинсонӣ асос меёбад, ибтидо гузошт. Вусъатёбии нақши хирад, ақлу заковат, донишу таҷриба, ҳофизаи таърихӣ ва ҷаҳонбинӣ ба таври куллӣ тағйир ёфтани симои маънавии инсон тамоюлоти асосии ташаккули "тамаддуни кабир"–и сифатан нав гашта истодаст.

**Муқарриз: д.и.ф., ДИСДДТТ – Солиҷонов Р.**

### АДАБИЁТ


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2013. –Душанбе: Шарқи озод, 2013. -С. 29.
2. Солиҷонов Р. Муқаддимаи фалсафа / Р.Солиҷонов. – Хуҷанд: ҶДДМ "МТХ - Даврон", 2018. - 210 с.
3. Спиркин А.Г. Асосҳои фалсафа / А.Г. Спиркин. - М.: Политиздат, 1991.
4. Махмадов А. Сиёсашиносӣ / А.Махмадов. – Душанбе, 2010.
5. Зокиров Г. Сиёсатшиносӣ / Г. Зокиров. - Душанбе, 2010.
6. Мальцев В.А. Основы политологии / В.А. Мальцев. – М., 1997. -С. 359.
7. Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ / Х.У. Идиев. – Душанбе, 2013. -358 с.
8. Махмадов А.Н. Политология: предмет, структура и задачи курса / А.Н. Махмадов. - Душанбе, 1993.
9. Зокиров Г. Сиёсатшиносӣ / Г. Зокиров, Д.М. Хуморов. - Душанбе, 2010.
10. Муминов А.И. Религиозный экстремизм: сущность и явления, формы проявления и пути их решения в постоянно меняющемся современном обществе / А.И. Муминов. – Душанбе, 2018. -228 с.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2017. -54 с.
12. Солихджонов Р. Проблемы и противоречия социокультурной трансформации таджикистанского общества / Р. Солихджонов. -Душанбе, 2012. -168 с.
13. Спиркин А. Асосҳои фалсафа / А.Спиркин. –Душанбе: Маориф, 1991. -544 с.
14. Устобоева Д.М. Омилҳои косташавии ахлоқ ва роҳҳои пешгирии таъсири онҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон: автореф. дисс. номз.илмҳои фалс / Д.М. Устобоева. - Душанбе, 2019. -61 с.
15. Фаттоев С.С. Социально-политические конфликты в современном обществе (опыт Таджикистана): автореф. дисс. канд. полит. наук / С.С. Фаттоев. - Душанбе, 2001. -19 с.
16. Шарипов И.Ш. Теория и практика укрепления института национальной независимости Республики Таджикистан // В кн.: Проблемы укрепления национальной независимости Республики Таджикистан / И.Ш. Шарипов. -Душанбе, 2006. -С.9.


### ҶАҲОНБИНИИ ИЛМӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ МАДАНИЯТИ СИЁСӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф мавзуи диалектикаи ҷаҳонбинии илмӣ ва ташаккули маданияти сиёсиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, мубрамияти мавзуи мазкур ба он вобаста аст, ки вазъи кунунии ҷаҳони муосир хеле пурҳассос ва пуртаҳлука буда, барои дарки раванди он аъзоёни ҷомеа бояд дорои ҷаҳонбинии илмӣ-таҳлилӣ ва сатҳи баланди маданияти сиёсӣ бошанд. Муҳтавои андешаҳои муаллиф аз он иборат аст, ки имрӯз инсоният дар остонаи ҳазораи сеюм қарор дорад ва ҳар як инсон новобаста аз мақоми ишғолнамудааш дар амалкарди худ бояд як бор таваққуф намояд ва дарк намояд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳудуде расидааст, ки ҳар як қадами бидуни ақлу таҳаммул гузошта шуда, ӯро сӯйи тақобули иҷтимоӣ, ноамниву бенизомӣ, зиддияту низоъҳои иҷтимоии мусаллаҳона тела медиҳад. Дар ин робита дар мақола мазмуну моҳияти мафҳуми ҷаҳонбинии илмӣ майян карда шуда, ҷойгоҳ ва аҳаммияти он дар ташаккули шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ муайян ва мушаххас карда шуда, онҳо ҳамчун омилҳои таҳкимбахшандаи ҳаёти иҷтимоӣ муайян карда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** ҷаҳонбинӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, шуури сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, шуури муқаррарӣ, шуури ҷамъиятӣ, психологияи ҷамъиятӣ, ҷаҳонишавӣ.


### НАУЧНОЕ МИРОВОЗЗРЕНИЕ И ЕГО РОЛЬ В ФОРМИРОВАНИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ


В данной статье автор подвергает анализу диалектическую взаимосвязь научного мировоззрения и политической культуры. По мнению автора, актуальность данной проблемы связана с социально-политическим состоянием современного мира, которое характеризуется как очень чувствительное и угрожающее в плане дальнейшей экзистенции бытия людей. И для того чтобы ощутить основные тенденции его развития человек, независимо от своей должности и социального статуса, должен обладать научно-аналитическим мировоззрением и высоким уровнем политической культуры. Содержание основной идеи автора сводится к тому, что нынче человечество на пороге третьего тысячелетия оказалось перед лицом невиданных политических и социально-

экономических проблем, которые требуют глубокого осмысления происходящих процессов. В противном случае, общество может оказаться в состоянии социально – политической катастрофы, беспорядка и хаоса. В этой связи, в статье раскрывается и конкретизируется содержание научного мировоззрения и его место в формировании политического сознания и политической культуры, а последние рассматриваются как стабилизирующий фактор общественного развития.

**Ключевые слова:** мировозрение, научное мировоззрение, политическое сознание, политическая культура, обыденное сознание, общественное сознание, общественная психология, глобализация.

**SCIENTIFIC WORLDVIEW AND ITS ROLE IN THE FORMATION OF POLITICAL CULTURE**

In this article, the author analyzes the dialectical relationship between the scientific worldview and political culture. According to the author, the relevance of this problem is associated with the socio-political state of the modern world, which is characterized by a very sensitive and threatening existence of people in terms of further existence. And in order to feel the main trends of its development, a person, regardless of his position and social status, must have a scientific and analytical worldview and a high level of political culture. The content of the author's main idea boils down to the fact that today humanity, on the threshold of the third millennium, is faced with unprecedented political and socio-economic problems that require a deep understanding of the ongoing processes. Otherwise, society may find itself in a state of socio-political catastrophe, unrest and chaos. In this regard, the article reveals and specifies the content of the scientific worldview and its place in the formation of political consciousness and political culture, and the latter are considered as a stabilizing factor in social development.

**Keywords:** worldview, scientific worldview, political consciousness, political culture, everyday consciousness, social consciousness, social psychology, globalization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иномджонова Моҳира Наимҷоновна*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169. Телефон: **(+992) 92-740-83-88**. E-mail: **Inomjonova 88@ mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Иномджонова Мохира Наимджоновна*** **-** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, ассистент кафедры общественных наук. **Адрес**: 7340019, Республика Таджикистан, город Худжанд, улица Исмоила Сомони, 169. Телефон: **(+992) 92-740-83-88.** E-mail**: Inomjonova 88@ mail.ru**

**Information about the author:** ***Inomjonova Mohira Naimdzhonovna*** **-** Institute of Economics and Trade of the Tajik State Universitv of Commerce in Khujand, applicant for the department of social sciences. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I.Somoni 169. Phone: **(+992) 92-740-83-88** E-mail**: Inomjonova 88@ mail.ru**

ТДУ: 32/323.

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТИ БУҲРОНИИ СИСТЕМАҲОИ СИЁСИИ МУОСИР: ХУЛОСАГИРӢ ВА ТАҲИЯИ СЕНАРИЯ

***Қурбонов Д.М.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Буҳрон дар шароити муосири инкишофи сиёсии давлатҳо ва системаи сиёсии мухталиф хосияти даврагӣ ва объективиро пайдо намудааст. Ҳеҷ як давлат ва системаи сиёсиро бе фарогирии вазъияти буҳронӣ тасаввур карда наметавонем. Хоҳу нохоҳ бо ин ва ё он мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва ташкиливу ҳуқуқӣ системаи сиёсӣ ба вазъияти буҳронӣ дучор мегардад. Пеш аз оне, ки вазъияти буҳронии системаҳои сиёсии муосирро омӯзем, шарҳ ва маънидоднамоии хурдакаке атрофи системаи сиёсӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Системаи сиёсӣ чист? Системаи сиёсӣ чиро дар бар мегирад? Вазъияти буҳронии системаи сиёсӣ то кадом андоза ба раванди идоракунии давлатӣ, ба ҳаёти ҷамъиятии одамон таъсир мерасонад? Вазъияти буҳронии системаи сиёсии муосир ба соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ чӣ таъсир дорад. Хосияти буҳронии системаи сиёсӣ агар доимӣ бошад, чӣ натиҷа медиҳад? Ва он барои чӣ, аз кадом сабаб бо ба вуҷуд омадани кадом заминаҳову мушкилоти роҳи инкишоф ба буҳрон рӯ ба рӯ мегардад? Посухи саволҳои гузошташуда аз дарки моҳияти системаи сиёсии муосир вобастагии зиёд дорад.

Омӯзиши амиқи системаи сиёсии ҷомеа ва тамоми унсурҳои он имконияти танзим намудан ва идораю роҳбарии раванду ҳодисаҳои сиёсиро фароҳам меорад. Системаи сиёсии аз муносибатҳои гуногуни сиёсӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии синфҳо, табақаҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва давлат дар бораи ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифодаи самараноки ҳокимият ва таъсиррасонӣ ба ҳокимият, фаъолият оид ба сохтори ҳокимияти давлатӣ, иштирок намудан дар корҳои давлатӣ, муайян намудани мазмун, мақсад, вазифаҳо, воситаҳои сиёсии он ва ғ. иборат аст [4,с.128].

Системаи сиёсии ҷомеа низ як навъ низомдароваранда ва такмилдиҳандаи муносибатҳои таркиботи иҷтимоии ҷомеа мебошад. Маҷмуи таркиботи иҷтимоӣ ҳамчун субъекти сиёсат баромад менамояд. Онҳо низ қобилияти хулосабарории иҷтимоии сиёсӣ ва қабули қарори сиёсиро доранд. Дар навбати худ, муносибатҳои сиёсии байни таркиботи иҷтимоии ҷомеа системаи сиёсии ҷомеаро ба сатҳи баландтари инкишоф мебароранд.

Системаи сиёсӣ қисми соҳаи сиёсиро, ки аз ташкилотҳо ва институтҳои иҷтимоӣ иборатанд ва дар алоқамандии якдигар вазифаҳои сиёсиро дар асоси ягонаи конститутсионӣ ба амал мебароранд, дар бар мегирад. Системаи сиёсӣ инкишофи пайдарпайи ҷомеа ва тартиботи иҷтимоиро таъмин менамояд.

Зарур аст, ки ба таҳлили масъалаи асосӣ пардозем. Вазъияти буҳронӣ замоне системаи сиёсии ҷомеаи муосирро фаро мегирад, ки иҷроиши функсияҳо ва салоҳиятҳо ба амал баровapда намешаванд ё нокифоягии инкишофи муносибатҳо ва муташаккилсозии онҳо ба назар мерасад. Системаҳои сиёсии муосир вазифаҳои бештареро ба дӯш доранд, ки иҷро нагардидани онҳо метавонад мушкилотро дар инкишофи муносибатҳо ва фаъолияти таркиботи институтсионалии системаи сиёсии ҷомеа ба вуҷуд оварад:

— ташхиси мақсад, вазифаҳо ва роҳҳои инкишофи ҷомеа;

— ташкили фаъолияти ҷомеа бахри иҷрои мақсадҳо ва барномаҳо;

— ташаккули шуури сиёсӣ, таъмини иштироки одамон дар фаъолияти сиёсӣ;

— коркарди қоидаҳо, низоми рафтори одамон ва умумиятҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа;

— назорати иҷроиши қонунҳо ва риояи қоидаҳо, пешгирии амалҳое, ки боиси вайрон намудани низоми сиёсӣ мегарданд;

— нигоҳ доштан, одатнамоии системаи сиёсӣ ва ташаккули тартибе, ки вобаста ба шароитҳои мушаххас фаъолияти ҳаётии системаи сиёсиро таъмин менамоянд. Яъне, системаи сиёсӣ тартиби худмутобиқшавиро соҳиб аст.

Мазмуни вазъияти буҳрони системаи сиёсӣ, чун қоида, аз инҳо иборат аст [2,с.26]:

Якум, ба миён омадани зиддиятҳои шадиди сиёсӣ байни шохаҳои ҳокимият: ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, дар баробари мавҷудияти иттиҳомоти мутақобила ва тақозоҳои тағйири роҳи сиёсӣ ҳам дар сиёсати хориҷӣ ва ҳам дар сиёсати дохилӣ.

Дуюм, таназзули муносибатҳои ҳокимияти марказӣ ва мақомоти маҳаллӣ, афзоиши низоъҳо ва ҳаракатҳои миллатчигию сепаратистӣ.

Сеюм, ба таври назаррас коҳиш ёфтани қонунияти элитаи сиёсии ҳукумрон, зеро дар шуури ҷамъиятӣ рад кардани усулҳои идоракунии давлатӣ ва сиёсӣ меафзояд.

Чорум, ки хосият ва мазмуни иқтисодиву истеҳсолӣ дорад, афзоиши муфлисшавии корхонаҳо дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, суст шудани суръати афзоиши ММД, кам шудани маблағгузориҳо, коҳиши ҳосилнокии меҳнат.

Панҷум, ки хосият ва мазмуни иҷтимоӣ дорад, коҳиши даромади реалии аҳолӣ, бад шудани сифати зиндагии аҳолӣ; афзудани бекорӣ ва ошкоро нотавонии синфи сиёсӣ барои пешгирӣ кардани бад шудани фалокатҳои сотсиалию иқтисодӣ мебошад.

Вазъияти буҳронии системаҳои сиёсии муосир метавонанд дар шакл ва навъҳои зерин ба вуҷуд оянд ва тағйироти сифативу сохтории системаҳои сиёси имуосирро асос гузоранд:

Буҳрон – инқилобҳо бо фурӯпошии тамоми сохторҳои асосии институтсионалӣ ва меъёриву ҳуқуқӣ, ки такрористеҳсоли системаи муносибатҳои ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ ва таркиботи институтсионалии ҷамъиятиро таъмин мекунанд, хос аст. Дар баробари амиқ шудани буҳрон, тартиботи меъёрии сиёсӣ вайрон мешавад, муносибатҳои мутақобилаи сиёсӣ хосияти бесарусомонӣ пайдо мекунанд, ки ин боиси харобшавии системаи сиёсӣ мегардад. Равандҳое, ки дар шароити вазъияти буҳронии сиёсӣ ба амал меоянд, пешгӯйӣ кардан мумкин нест ва шоёни таҳқиқи махсус аст, ки дар поён баён карда мешаванд.

Чун қоида, ин гуна буҳронҳо дар афзоиши норозигӣ аз сиёсати элитаи ҳукмрон, дар фаъол шудани ҳаракатҳои эътирозӣ дар саросари кишвар, дар омодагии табақаҳои васеи аҳолӣ ба тарафдории талабҳои неруҳои мухолиф зоҳир мешаванд (масалан, буҳрон ва эътирозҳо дар Қазоқистон ва Қирғизистон, дар Украина, дар кишварҳои дигари Шарқ, аз ҷумла Шарқи Наздик). Доираҳои ҳукмрон сарсону саргардон дар интихоби роҳҳои танзими омма ба душвориҳо дучор мешаванд. Муносибатҳои сиёсӣ хусусияти муқаррарии худро гум мекунанд, ихтилофҳо афзоиш меёбанд, одамон дар баёни мавқеи худ торафт бештар зӯртар шудан мегиранд. Системаи сиёсӣ шиддати дохилиро аз сар мегузаронад, аммо механизмҳои такрористеҳсоли муносибатҳои институтсионалӣ ҳанӯз хароб нашудаанд, зеро одамон дар оммаи онҳо ҳанӯз «ҳисси тартиботи»-и худро гум накардаанд. Онҳо ё омода нестанд, ки пеш раванд ва қонеъ гардонидани талабҳои худро ба ҳар қимате биҷӯянд, ё аз оқибатҳои бесарусомонии эҳтимолии сиёсӣ огоҳанд ё умед доранд, ки мушкилоти бамиёномадаро бо истифода аз воситаҳои қонунии таъсиррасонӣ ба ҳукумат ҳал кунанд. Дар навбати худ, элитаи ҳукмрон имкон дорад, ки роҳҳое пешниҳод кунад, ки афзоиши норизоятии оммаро боздорад ва дар айни замон ба амали онҳое, ки қодиранд бо рафтори худ дараҷаи эҳсоси оммаро то ба дараҷаи танқидӣ расонанд, монеъ шавад.

Буҳрони сиёсӣ тағйирот имкониятҳоро мекушоянд, системаи муносибатҳои ҳокимияти сиёсиро нав карда, дар айни замон принсипҳои умумии конститусионии онро нигоҳ медоранд. Дигаргуниҳо характери эволютсионӣ доранд, онҳо имкон медиҳанд, ки моделҳои нави муносибатҳои сиёсиро дар тартиби меъёрии пештар муқарраршуда бидуни шикастани худи системаи сиёсӣ, бидуни он ки онро ба бесарусомонии амиқи сиёсӣ ворид насозанд, институтсионализатсиякунонии муносибатҳоро ба вуҷуд меоранд.

Буҳрон - вайронкунӣ бо хусусияти маҳаллии равандҳои тағйирёбӣ ва дигаргуншавӣ, ки ба ташкилоти алоҳидаи сиёсӣ ё форматсияи институтсионалӣ таъсир мерасонанд, фарқ мекунанд. Меъёрҳое, ки тартиби муносибатҳои сиёсиро дар як қисми алоҳидаи системаи сиёсӣ муайян мекунанд, беэътибор шуда, вазифаи танзими худро гум мекунанд. Мисол, буҳрони ҳизби сиёсист, ки ба бархӯрди шадиди байни эътилофи дохилиҳизбӣ табдил ёфта, бо коҳиши шадиди эътимоди интихобкунандагон ба ин ҳизб ҳамроҳ мешавад. Чунин буҳрон бо вайрон шудани робитаҳои дохилиҳизбӣ хос аст, ки аз сабаби ба эътибор

нагирифтани тартиботи меъёрӣ, ки асоси самаранокии фаъолияти ҳизбро ташкил медиҳад, аз ҷониби аъзоёни ташкилоти сиёсӣ ба амал меоянд.

Вазъияти амиқи буҳрони системаи сиёсӣ ё бо вайрон шудани сохтори дахлдори сиёсӣ анҷом меёбанд ё ба азбайнравии пурраи сохтори институтсионалӣ рӯ ба рӯ мегардад. Ба маркази ғайриодӣ, аномия, тадриҷан паҳн мешавад ва ба дигар шабакаҳои системаи сиёсӣ сироят мекунад. Варианти якуми шаклгирии вазъияти буҳронӣ барои сохторҳои сиёсие хос аст, ки дар низоми сиёсӣ мавқеи периферриро ишғол мекунанд, масалан, барои як қатор ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки аз байн рафтани онҳо дар маҷмуъ барои низоми сиёсӣ бе ягон вазъ мегузарад.

Агар буҳрон амиқ ба сохт ва ҳолати мавҷудаи системаи сиёсӣ зарба занад, пас дар ин сурат он ба ҳолати «гарм» табдил меёбад ва паҳн шудани рафтори ғайрисистемавӣ дар тамоми системаи сиёсӣ мазмуни асосии вазъияти буҳронии системаи сиёсиро ташкил медиҳад. Мисоли ин гуна вазъияти буҳронии амиқи системаи сиёсиро метавон нишон дод, ки дар натиҷаи зиддиятҳои шадиди дохили синфҳои ҳукмрон ба амал омада, кабинети вазирон вазифаҳои асосии худро иҷро карда натавонист. Азбаски хокимият дар системаи хокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад, номуташаккилии ин форматсияи институтсионалии ногузир боиси паҳн шудани равандҳои вайроншавӣ ва азбайнравӣ дар тамоми системаи сиёсӣ мегардад. Барои режимҳои ғайридемократӣ буҳрони ҳизби пешбари сиёсӣ, ки дар чунин кишварҳо вазифаи низомсозиро иҷро мекунад, метавонад меҳвари харобии минбаъдаи системаи сиёсӣ гардад. Ҳамин тавр, ба тақдири системаи сиёсии шуравӣ буҳрони ҲКИШ (КПСС), ки дар ибтидои солхои 90-уми асри XX қувват гирифт, таъсир расонд.

Буҳрон – изтирор, буҳрони системаи сиёсие, ки дар заминаи ночорӣ ва қаноатнашавандагии ҳаёт шаҳрвандон ба ғазаб омада, бар зидди системаи сиёсӣ муқобилиятро оғоз мекунанд. Одамоне, ки мутақобила мекунанд, дар як маврид ба нишон додани рафтори ғайриодӣ ба доираи муқаррарӣ мувофиқат намекунанд, қоидаҳои муқарраршударо вайрон мекунанд, ки ин номуайяниро зиёд мекунад, хусусияти муҳимми раванди буҳронӣ мебошад. Аммо шиддати баамаломада дар фаъолияти муассисаю ташкилотҳои алоҳида нисбатан кутоҳмуддат буда, меъёрҳои асосиеро, ки механизмҳои дахлдори муташаккилсозандаи муносибатҳои сиёсӣ танзим мекунанд, халалдор намекунанд. Чунин буҳронҳоро ҳар як ниҳоди институтсионалӣ ё созмони сиёсӣ аз сар гузаронида метавонад. Масалан, ҳизбҳое, ки дар интихобот муддати дароз ғолиб омадаанд, дар бораи ҳайати шахсии Девони Вазирон созиш карда наметавонанд. Буҳрони ҳукуматӣ ба вуҷуд меояд, вале бар хилофи ҳамин гуна буҳрони харобиовар, ба он бо хоҳиши ҷонибҳо, сарфи назар аз ихтилофот, дар доираи қонун амал кардан, созишҳоро ҷустуҷӯ кардан ва дар бораи қоидаҳои нави ҳамкорӣ мувофиқа кардан хос аст [6,с.151-152].

Буҳрони системаи сиёсие, ки дар заминаи қаноатнашавандагии ҳаёти шаҳрвандон шакл мегирад, намунаи маъмултарини вазъияти буҳронии системаи сиёсии муосир мебошад. Вазъияти буҳронӣ доимо дар раванди ташаккули гуногуни системаи сиёсӣ ба амал меоянд. Гузашта аз ин, маҳз ҳамин буҳронҳо ҷараёни табиии фаъолияти ҳар як ташаккули институтсионалӣ ё ташкилоти сиёсиро инъикос мекунанд. Дер ё зуд дар ҳар як субъекти сиёсӣ мушкилоти куҳна шудани тартиботи меъёрӣ ба миён меояд, ки қоидаву тартиботи муқарраршуда дигар ба шароити тағйирёфта, ба талаботи нав мувофиқ намешаванд. Одамон дар ин навъи тартиботи системаи сиёсӣ норозӣ шуда, барои ҳалли мушкилоти бамиёномада ба қоидаҳои муқарраршуда мубориза бурда, роҳҳои зиёд кардани самараи муносибатҳои сиёсиро пешниҳод мекунанд. Дар баробари поин рафтани маъруфияти системаи сиёсӣ, барандагони сиёсат тақозо мекунанд, ки шеваҳои кор бо омма тағйир дода шаванд ва дар натиҷа мунокиша бо тарафдорони усулҳои кухна вазъияти буҳрониро ба вуҷуд меорад, ки рушди он ё метавонад боиси таҷдиди системаи сиёсӣ шавад ё фаъолияти онро тадриҷан таназзул аз сабаби ҷавоб дода натавонистан ба вазифаҳои нав, бахшад.

Хусусиятҳои рушди буҳрон аз он иборат аст, ки ҳамчун буҳрон ба вуҷуд омада, дар шароити муайян метавонад ба зудӣ ба миқёси миллӣ ва аз як силсила амалҳои шаҳрвандони қонун риояткунанда бар зидди сиёсати ҳукумат афзоиш ёбад ва ба мавҷи

шикастнопазири амалиёти саркаш, ки монеаеро намедонанд, табдил ёбад. Ҳамин тариқ, дар байни бухронҳои системаи сиёсӣ дар таснифоти пешниҳодшуда монеаи бартарафнашаванда вуҷуд надорад, онҳо метавонанд аз сатҳи маҳдуд ба доираи васеи фарогири тамоми таркибот ва унсурҳои системаи сиёсӣ гузаранд ва ба дигаргунсозиҳои сиёсӣ табдил ёбанд. Дар ин бобат сабабҳои ба амал омадани буҳронҳои сиёсӣ ва шароитҳои вусъат ёфтани онҳоро дида баромадан лозим аст.

Омилҳои зиёде дар вазъияти буҳронӣ, аз ҷумла беарзиш шудани ҳаёти одамон, кӯчонидани аҳолӣ, мавҷудияти аслиҳа, фурӯпошии қудрат, бадном кардани роҳбарияти миллӣ, набудани захираҳои моддӣ ва эҳсоси маҷруҳшудаи ифтихори миллӣ ба эҷоди фазое, ки дар он дигаргунихои куллии сиёсӣ ва амалиёти таҷовузкоронаи оммавӣ барои оммаи васеи одамон қобили қабул аст.

Вазъияти буҳронӣ устувории системаҳои сиёсиро ба таври назаррас месанҷад, зеро онҳо нисбат ба роҳбарияти сиёсӣ, инчунин сохтор ва равандҳои система талабҳои истисноӣ доранд. Азбаски сифати роҳбарии сиёсӣ аксар вақт муҳим аст, системаҳое, ки усулҳои интихоб ва иваз кардани роҳбарони қобилиятнокро таъмин мекунанд, бартариҳои муҳим доранд. Дар ҳоле ки қобилияти роҳбарӣ бо ягон усули интихоб кафолат дода намешавад, эҳтимоли зиёд дар он ҷое рух медиҳад, ки рақобати озод барои мансабҳои роҳбарикунанда вуҷуд дорад. Доштани усулҳои муқарраршуда барои иваз кардани роҳбарон ҳамон қадар муҳим аст, агар муҳимтар набошад, зеро вазъияти буҳронӣ аксар вақт боиси шармандагии раҳбарони сиёсӣ мешавад ва агар онҳо ба осонӣ иваз карда нашаванд, идомаи кори онҳо метавонад тамоми режимро бадном кунад. Устуворӣ ва қатъияти элитаи ҳукмрон низ муҳим аст. Аксар вақт мегӯянд, ки элитаи муттафиқ, ки ба дурустии кори худ боварии қатъӣ дорад ва азму иродаи қавӣ дорад, ки барои нигоҳ доштани ҳокимияти худ аз тамоми воситаҳо истифода барад, сарнагун карда намешавад [7]. Аксаран вазъияти буҳронӣ на дар вақте ки зулм ба авҷи аъло мерасад шакл мегирад, балки пас аз он ки ҳукумат ба кори худ бовариро аз даст медиҳад, сар мезанад.

Системаҳои ноустувори сиёсӣ системаҳое мебошанд, ки ба фишорҳои буҳронҳо осебпазиранд. Ҳукуматҳо аз ҳама мушкилиҳои бештарро аз сар мегузаронанд, ки онҳо бояд бидуни ризоият ҳукмронӣ кунанд ё қонунияти режим зери шубҳа гузошта шавад. Чунин ҳолат аксар вақт дар системаҳое рух медиҳад, ки ҷанги тулонии шаҳрвандиро аз сар гузаронидаанд, дар натиҷаи зиддиятҳои байни гурӯҳҳои миллӣ ё этникӣ аз ҳам ҷудо шудаанд ё аз рӯйи хатҳои шадиди идеологӣ ё синфӣ тақсим шудаанд. Мушкилот аксар вақт дар он ҷо шадидтар мешавад, ки даъвогари ҳокимият вуҷуд дорад. Мушкилоти қонуният ба ин ё он дараҷа дар назди ҳамаи режимҳои навбунёд меистад. Масалан, бисёр мамлакатҳои мустамликавии Африқо ва Осиё ба ин манбаи душвориҳои калон дучор гардидаанд. Аксар вақт онҳо шакли институтҳои ғарбиро нусхабардорӣ мекунанд, аммо моҳиятан ба онҳо монанд шуда наметавонанд [10].

Ҳамин тавр, пас аз таҳлили механизмҳои вазъияти буҳронии системаҳои сиёсии муосир ва омилҳои асосии пайдоиши он метавон ба хулосае омад, ки вазъияти буҳронӣ вайронкунии бошуурона ё ғайри шуурноке мебошад, ки таркиботи институтсионалӣ ва фаъолияти системаи сиёсиро тағйир ва ё барҳам медиҳад.

Методологияи муносибати системавӣ-синергетикӣ имкон медиҳад, ки механизмҳои идоракунии ҳам буҳрони сиёсӣ ва ҳам умуман мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии системаи сиёсӣ дарк карда шаванд. Вазифаи муҳимми системаҳои сиёсии муосир пешгӯйии буҳрони сиёсӣ мебошад. Буҳрони системаи сиёсии муосир дар сатҳи боломиллӣ субъективӣ аст, зеро равандҳои боломиллӣ абстрактӣ нестанд, балки аз ҷониби шахсони мушаххас, ки дар ниҳодҳои муайяни фаромиллӣ иштирок мекунанд ва барои манфиатҳои ғаразноки худ лоббистӣ мекунанд, идора мешаванд. Дар сатҳи таркиботи алоҳидаи институтсионалии системаи сиёсӣ буҳрони сиёсӣ элитаҳои сиёсӣ бояд объективияти ноустувории сиёсиро, ки ба давлат зараровар аст, дарк кунанд. Синфи ҳукмрон набояд ба демагогия машғул шуда, тамоми проблемаҳои сиёсиро аз рӯйи намунаҳои ба худ хос аз ҳисоб бароранд, балки кӯшиш кунанд, ки онҳоро то ҳадди имкон самараноктар кам кунад.

Таъсири харобиовари буҳрони сиёсиро баъзан ба эътибор нагирифтан ба проблемаҳои объективии тараққиёти сиёсӣ ва аз ин ҳам бештар сарфи назар кардан боиси барҳам хӯрдани системаи сиёсӣ, элитаи сиёсӣ ва ғ. мегардад.

Масъалаи дигарро дар ин самт хулосагирӣ ва таҳият сенария дар раванди буҳрони системаи сиёсӣ ташкил медиҳад. Ташхиси буҳрони сиёсӣ ва хулосагирӣ аз он талаботу манфиати ба худ хос дорад. Дар асоси донишҳо ва таҷрибаҳои экспертии сиёсӣ пеш аз таҳияи сенария барои рафъи буҳрони сиёсӣ ва идоракунии он ё бартараф намудани буҳрони системаи сиёсии ҷомеа ба табиат ва хосияту тарафҳои гуногуни буҳрони сиёсӣ шиносоӣ пайдо намудан аз аҳаммият холӣ нест. Хулосагирӣ ва таҳлили вазъияти буҳронӣ аксаран дар ду сатҳ ба амал меояд. Сатҳи ибтидоӣ ин сатҳи одӣ ва ғайриакадемикӣ ба ҳисоб меравад, ки хулосагирӣ ба таври бояду шояд буда наметавонад. Масалан, ин гуна хулосагирӣ ва таҳлил ба доираи илмӣ ва таҳлиливу экспертӣ тааллуқ надошта, аз дараҷаи нокифоягии дарки моҳият, табиат ва хусусиятҳои буҳрони сиёсӣ ва идоракунии он аз ҷониби омма вобаста аст. Сатҳи дуюм – сатҳи академикӣ ва экспертӣ метавонад бошад, ки он дар асоси дарки пурраи мафҳум, моҳият, хосиятҳо, табиати буҳрони сиёсӣ, навъу шаклҳо, сабабҳои шаклгирии ҳолати вазъияти буҳронӣ ба амал бароварда мешавад. Аз назари Г.Н. Зокиров, шинохти буҳрон дар хулосагириҳо, таҳлил ва таҳияи сенария дар вазъияти буҳрони сиёсӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Буҳрони сиёсӣ бештар дар ду ҳолат ба амал меояд: аввалан, вақте ки зиддият дар байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ пайдо гашта, ба сатҳи муқовимат мерасад. Баъдан, зиддиятҳои инкишофи ҷомеа хосияти антагонистӣ пайдо намуда, асосан байни тарзи идора - режими сиёсӣ ва манфиатҳо ва талаботи кулли аҳолӣ сурат мегиранд. Фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва махсусан, мақомоти идории он боиси сар задани зиддиятҳо дар сатҳи инкори манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва ба инобат нагирифтани онҳо ба амал меояд. Системаи идоракунӣ ва касбияти идоракунандагон аҳаммияти муҳим дорад. Хизмати давлатӣ дар раванди идораи корҳо мақоми махсус пайдо менамояд. Муҳим он аст, ки идоракунандагон ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ бошанд [3,с.181-190].

Ҳама гуна тафсири умумии буҳрон бояд на ҳамчун хусусиятҳои объективӣ, "табиӣ"-и он, балки ҳамчун параметрҳои парадигма, линзаҳои консептуалӣ, ки метавонанд бо роҳҳои гуногун дар фаҳмиши назариявӣ ва барномарезии таҳқиқоти мушаххаси таҷрибавӣ кумак кунанд, баррасӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи аввал тавсия дода мешавад, ки барои муайян кардани доираи парадигмаҳои мувофиқтарин ва ояндадор як навъ заминаҳои ба вуҷуд омадани буҳронро санҷанд.

Устувории ҳама гуна тартиботи сиёсиро моделҳои стандартии муносибатҳои сиёсӣ, ки дар ҷомеа ташаккул ёфтаанд, мақому нақшҳо, инчунин меъёрҳо ва қоидаҳои танзими институтсионалӣ муайян мекунанд. Дар нақшҳои сиёсӣ интизориҳои одамон аз ҳамдигар объективӣ шуда, дар шакли конвенсияҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои институтсионалӣ муқаррар карда мешаванд ва дар шакли доварӣ дар бораи рафтори дилхоҳ, афзалиятнок ё қобили қабул дар вазъияти мушаххас як қабати арзишӣ пайдо мекунанд. Ба шарофати тартиботи институтсионалӣ дар ҷомеа сатҳи номуайянӣ коҳиш меёбад. Одамон ногузир ҳангоми интихоби моделҳои эҳтимолии рафтор дар вазъияти муайян меъёрҳо ва қоидаҳои муоширати мутақобиларо роҳбарӣ мекунанд.

Буҳрони сиёсӣ ва идоракунии онро метавон тавассути роҳҳои осоишта ҳал намуд. Менеҷерҳои замони буҳронӣ дар раванди бартараф намудани ҳолати буҳронии инкишоф нақши асосӣ доранд. Зеро онҳо махсусиятҳои ташаккули буҳрон, инкишоф ва роҳҳои таназзули онро беҳтар дарк менамоянд ва низоми эҳёи раванди мутаносиби инкишофро хубтар эҳсос мекунанд. Дар сурати ба инобат нагирифтани тарзи осоиштаи аз ҳолати буҳрон берун гаштан метавон аз истифодаи усулҳои дигари ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла маҷбурнамоӣ ва зӯригарӣ низ истифода намуд.

Дар низоми донишҳои сиёсӣ ошкор намудани нодирии хулосагирӣ аз таҳлили буҳрони сиёсӣ, таҳияти сенария ва муайян кардани давраҳо ва субъектони асосии он ба яке аз масъалаҳои асосии фаъолияти сиёсатшиносон ва экспертони сиёсӣ дохил мешавад. Мавриди омӯзиш қарор додани давраҳои алоҳидаи буҳрони сиёсӣ амри воқеист. Зеро дар ҳолати дида нагирифтани давраҳои асосии таҳлили вазъияти буҳрони сиёсӣ ва субъектони он мо наметавонем, ки дар бораи моҳият ва хусусиятҳои буҳрони сиёсӣ ва идоракунии он тасаввуроти амиқ дошта бошем. Аз ин хотир, мавриди омӯзиш қарор додани таҳлили буҳрони сиёсӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар зери мафҳуми “буҳрони сиёсӣ” мо ҳолати номуташаккилонаи системаи сиёсӣ ва муносибати байниҳамдигарии субъектони онро дар давраҳои мухталифи вақт дар назар дорем. Ҳамин тариқ, таҳлили буҳрони сиёсӣ бояд моҳияти номуташаккилона шакл гирифтани муносибатҳоро дар таркиби системаи сиёсии ҷомеа ва боҳамалоқамандии ҳамаи акторҳои асосии онро фаро гирад.

Ҷузъҳои сохтории вазъи буҳронии системаи сиёсӣ инҳоянд: а) шароит ва ҳолати ҳаёти сиёсӣ (вазъияти объективӣ); б) хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии субъектҳо-иштирокчиёни раванди буҳрон; в) миқёси амал, фосилаи замон, фазои иҷтимоие, ки онро фаро мегирад; г) инъикоси вазъият дар шуури ҷамъиятӣ ва психологияи одамон тавассути призмаи эҳтиёҷот, манфиатҳо, консепсияҳо ва барномаҳо (вазъияти «фаҳмидашуда» ҳамчун асоси бевоситаи иҷтимоию психологии тамоюли субъектҳо); ғ) дараҷаи вазифаҳои ҳалшаванда, дараҷаи таъсири онҳо ба фаъолияти системаи сиёсӣ; д) натиҷаҳои фаъолияти сиёсӣ оид ба ҳалли ин мушкилот [8,с.209].

Буҳрони сиёсиро метавонем аз рӯйи сенарияи муайян ба ченаки экспертӣ арзёбӣ намуд [1]. Сенария воситаест, ки инкишофи алтернативии системаи муносибатҳои сиёсии буҳронӣ чи дар сатҳи байналхалқӣ ва чӣ дар сатҳи миллии иқтисоди миллӣ, соҳаҳои сиёсат ва муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути ҳодисаҳои мантиқӣ пайи ҳам ҷорӣ карда мешаванд.

Махсусияти сенария аз мутобиқати муваққатӣ иборат аст. Аҳаммияти сенария дар мақсади инкишофи тадқиқот ва таҳлили вазъияти буҳронӣ муайян мешавад. Дар сенария маводҳои таҳлили буҳрони сиёсӣ пешакӣ истифода мешаванд. Сенария тарзе тартиб дода мешавад, ки баъди шиносоии он бояд мақсади генералии амали он дар амалӣ гардонидани вазифаҳои сиёсӣ ва батанзимдарории муносибатҳои буҳронӣ муайян гарданд.

Аз ин хотир, сенарияро одатан гуногунии амалҳои пайи ҳам меноманд, ки аз онҳо ҳодисаҳо ба вуқуъ омада, дар оянда метавонанд тадқиқи буҳрони сиёсӣ гузаронида шаванд.

Вазъияти буҳронии иҷтимоию сиёсӣ дар ояндаи дуру наздик метавонад дар доираи якчанд сенария инкишоф ёбад. Ба воқеият табдил ёфтани ин ё он вариантҳои эҳтимолӣ аз дараҷаи шиддат гирифтани вазъият ва реаксияи ҷавобии роҳбарони кишвар ба он ва инчунин аз интихоби ин ё он тактикаи элитаи сиёсӣ вобаста аст.

Пеш аз ҳама, дар ҳолате ки режими сиёсӣ аксарияти одамонро қонеъ карда наметавонад, ислоҳотчиён, ки соҳиби ҳокимияти сиёсӣ мебошанд ва ба истеъфо рафтанро хоҳиш надоранд ва самти ислоҳотро низ тағйир дода наметавонанд, ба истифодаи мақомоти қудратӣ ва шакли идораи авторитарӣ рӯ меоранд. Омили асосии рафтори мазкур ноумедии аксарияти шаҳрвандонро дар воситаҳои идораи демократӣ ва бо роҳи зӯрӣ кӯшиши ҷорӣ намудани низомро хоҳиш доранд ташкил медиҳад [5,с.808].

Баъдан, вазъияти буҳроние, ки дар раванди интихобот ба вуҷуд меояд, роҳбарони кишвар дар баъзе ҳолатҳо маҷбуранд, ки ба вазъияти интихобкунандагон (электорат) таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва як маротибаи дигар баҳри ислоҳ кардани самти ислоҳот кӯшишҳо ба харҷ диҳанд, то ки хусусияти иҷтимоӣ будани онро нишон диҳанд. Онҳоро зарур аст, ки дар заминаи самти тағйири сиёсӣ ба кадрҳо ва таъмини идеология рӯ биоранд. Дар натиҷаи бо оппозисия барқарор кардани муросо ҳукумат метавонад пайваста аз ҳисоби ҷалби одамони нав худ эҳё гардад ва буҳрони сиёсиро коҳиш дода, муносибатҳоро ба масири муташаккилона шакл гирифтанашон ворид созад. Дар тарғибкунии оммавӣ ва расмӣ онҳо ба муносибатҳои популистӣ рӯ меоранд, яъне субъектҳои сиёсат аз мушкилиҳои раванди инкишоф истифода намуда, бо ваъдаҳои дурӯғ одамонро ба худ ҷалб кардани мешаванд ва мардумро фиреб дода, барои пайдо карданӣ обрӯю эътибори сиёсӣ онҳоро дар ниқоби ба ном ватандӯстӣ ҳидоят менамоянд.

Ҳамин тавр, хулосабарории таҳлили буҳрони сиёсӣ ва таҳияи сенария раванди мураккаб буда, самаранокии гузариши вазъияти буҳронӣ ба шароити мутаносиб ва муташаккилонаву мувозинатии вазъияти сиёсӣ аз он вобаста аст. Албатта, бояд донист, ки ин сенарияҳои таҳлил ва бартараф намудани вазъияти буҳронӣ танҳо як тарҳи тахминӣ мебошанд. Воқеият ҳамеша хеле мураккабтар ва гуногун аст. Дар амал сенарияҳоро метавон дар як вақт амалӣ кард, онҳо ба ҳам печида ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Эҳтимол дорад, ки варианти «нарм» танҳо як муқаддимаи идомаи «сахт» бошад, чунонки

дар аксар ҳолати бuҳронии системаи сиёсӣ чунин талаботро пеш мегузорад. Дар ҳар сурат, баррасии онҳо барои андеша ғизои фаровон медиҳад ва ҳадди ақал дараҷаи хатари воқеие нишон медиҳад.

Албатта, ҳатто таҳлили мухтасари буҳрони сиёсӣ ва идоракунии он аз ин нуқтаи назар аз доираи ин мавзуъ дур аст. Аммо, аз рӯйдодҳои солҳои ахир метавон бо итминони зиёд гуфт, ки ҳарду сенарияи аз арсаи воқеияти сиёсӣ хориҷ шудани он дар баробари дигар сенарияҳо амалӣ мешаванд.

**Муқарриз: д.и.с., профессор, АМИТ - Мухаммад *А.Н.* (*Махмадов*А.Н.)**

**АДАБИЁТ**


1. Анализ политической ситуации. Метод сценариев. [Электронный ресурс]. URL: http://grachev62.narod.ru/krasnov/ch_49.htm (дата обращения: 22.05.23 с.)
2. Баранов Д.А. Современные кризисы политических режимов государств Ближнего Востока и Северной Африки: особенности генезиса и эволюции: диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук / Д.А. Баранов. – М., 2020. – 176 с.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 1 / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2015. -С. 190-181.
4. Зокиров Г.Н. Сиёсашиносӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2010. – С. 128.
5. Общая и прикладная политология: учебное пособие. Под общей редакцией В.И. Жукова, Б.И. Краснова. - М.: МГСУ; Изд-во “Союз”, 1997. -992 с.
6. Пушкарева Г.В. Политические кризисы: содержание, виды и факторы эскалации / Г.В. Пушкарева // Вестник Московского университета. Сер. 21. Управление (государство и общество). -2016. -№1. -С.151-152.
7. Развитие и изменение политической системы. Нестабильные политические системы. [Электронный ресурс]. URL: https://www.britannica.com/topic/political-system/Development-and-change-in-political-systems (дата обращения: 25. 05. 2023 с.)
8. Философия политики. Под. ред. Бессонова Б.Н. – М., 1993. Книга II.
9. D. Alan Heslop. Unstable political systems. [Электронный ресурс]. URL: https://www.britannica.com/topic/political-system/Development-and-change-in-political-systems (дата обращения: 27. 05. 2023 с.)
10. Development and change in political systems. [Электронный ресурс]. URL: https://www.britannica.com/topic/political-system/Development-and-change-in-political-systems (дата обращения: 30. 05. 2023 с.)


## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТИ БУҲРОНИИ СИСТЕМАҲОИ СИЁСИИ МУОСИР: ХУЛОСАГИРӢ ВА ТАҲИЯИ СЕНАРИЯ


Мақола масъалаи муҳимми сиёсии марбут ба системаи сиёсӣ ва раванди инкишофи номутаносиби онро дар бар мегирад. Дар он шарҳи кӯтоҳи системаи сиёсӣ, хосиятҳои он, вазъияти буҳронии системаи сиёсӣ, хулосагирӣ ва таҳияи сенария оид ба бартараф намудани вазъияти буҳронии системаи сиёсии ҷомеа оварда шудааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои муосири хосияти буҳронии системаи сиёсӣ ва роҳҳои ҳалли онро ба таври илмӣ пешниҳод намуда, технологияи таҳияи сенарияро атрофи бартараф намудани вазъияти буҳронӣ мушаххас созад. Буҳрони системаи сиёсие, ки дар заминаи қаноатнашавандагии ҳаёти шаҳрвандон шакл мегирад, намунаи маъмултарини вазъияти буҳронии системаи сиёсии муосир мебошад. Вазъияти буҳронӣ доимо дар раванди ташаккули гуногуни системаи сиёсӣ ба амал меоянд. Вазъияти буҳронӣ устувории системаҳои сиёсиро ба таври назаррас месанҷад, зеро онҳо нисбат ба роҳбарияти сиёсӣ, инчунин сохтор ва равандҳои система талаботҳои истисноӣ доранд. Вазифаи муҳимми системаҳои сиёсии муосир пешгӯйии вазъияти буҳронӣ мебошад.Дар низоми донишҳои сиёсӣ ошкор намудани нодирии хулосагирӣ аз таҳлили вазъияти буҳронӣ ва таҳияи сенария ва муайян кардани давраҳо ва субъектони асосии он ба яке аз масъалаҳои асосии фаъолияти сиёсатшиносон ва экспертони сиёсӣ дохил мешавад. Вазъияти буҳрониро метавон аз рӯйи сенарияи муайян ба ченаки экспертӣ арзёбӣ намуд. Махсусияти сенария аз мутобиқати муваққатӣ иборат аст. Аҳаммияти сенария дар мақсади инкишофи тадқиқот ва таҳлили вазъияти буҳронӣ муайян мешавад.



**Калидвожаҳо:** системаи сиёсӣ, буҳрони системаи сиёсӣ, вазъияти буҳронӣ, хулосагирии вазъияти буҳронӣ, сенарияи сиёсӣ, инқилоб, таҳаввулот, тағйиротҳои сиёсӣ, самаранокии ҳокимият, институтҳои сиёсӣ.


## АНАЛИЗ КРИЗИСНОЙ СИТУАЦИИ СОВРЕМЕННЫХ ПОЛИТИЧЕСКИХ СИСТЕМ: ВЫВОДЫ И РАЗРАБОТКА СЦЕНАРИЯ


Статья содержит важный политический вопрос, связанный с политической системой и процессом ее неравномерного развития. В ней содержится краткая характеристику политической системы, кризисной ситуации политической системы, выводы и разработка сценария выхода из кризисной ситуации политической системы общества. Автор предпринял попытку научно представить современные проблемы кризиса политической системы и пути его решения, а также конкретизировать технологию разработки сценариев выхода из кризисной ситуации.Кризис политической системы, формирующейся на почве неудовлетворенности жизнью граждан, является наиболее распространенным примером кризисного положения современной политической системы. Кризисные ситуации постоянно возникают в процессе формирования различных политических систем.Кризисные

ситуации существенно проверяют стабильность политических систем, поскольку предъявляют исключительные требования к политическому лидерству, а также к структуре и процессам системы. Важной задачей современных политических систем является прогнозирование кризисной ситуации.В системе политического знания выявление своеобразия выводов из анализа кризисной ситуации и развития сценария и определения его основных периодов и сюжетов является одним из основных вопросов деятельности политологов и политологов. Кризисную ситуацию можно оценивать по определенному сценарию. Специфика сценария состоит во временной совместимости. Определена значимость сценария в целях развития исследований и анализа кризисной ситуации.

**Ключевые слова:** политическая система, кризис политической системы, кризисная ситуация, выход из кризисной ситуации, политический сценарий, революция, эволюция, политические изменения, эффективность власти, политические институты.

## ANALYSIS OF THE CRISIS SITUATION OF MODERN POLITICAL SYSTEMS: DRAW CONCLUSIONS AND DEVELOP A SCENARIO

The article contains an important political issue related to the political system and the process of its uneven development. It contains a brief description of the political system, its characteristics, the crisis situation of the political system, conclusions and development of a scenario for overcoming the crisis situation of the political system of society. The author made an attempt to scientifically present the current problems of the crisis of the political system and ways to solve it, as well as to concretize the technology for developing scenarios for overcoming the crisis.The crisis of the political system, which is formed on the basis of dissatisfaction with the lives of citizens, is the most common example of the crisis situation of the modern political system. Crisis situations constantly arise in the process of formation of various political systems.Crisis situations significantly test the stability of political systems, as they make exceptional demands on political leadership, as well as on the structure and processes of the system. An important task of modern political systems is to predict a crisis situation.In the system of political knowledge, revealing the originality of conclusions from the analysis of a crisis situation and the development of a scenario and determining its main periods and plots is one of the main issues in the activity of political scientists and political scientists. A crisis situation can be assessed according to a certain scenario. The specificity of the script is in temporal compatibility. The significance of the scenario for the development of research and analysis of the crisis situation is determined.

**Keywords:** political system, political system crisis, crisis situation, way out of a crisis situation, political scenario, revolution, evolution, political changes, power efficiency, political institutions.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонов Давлатбек Мирзоевич* –** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **904-45-41-01.** E-mail: **davlatbekmirzoevich_94@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Курбонов Давлатбек Мирзоевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель, кафедра политологии. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, Хатлонская область, улица Айни, 67, Телефон: **904-45-41-01.** E-mail: **davlatbekmirzoevich_94@mail.ru**

**Information about the author:** ***Qurbonov Davlatbek Mirzoevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant, Department of Political Science and International Relations. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Khatlon region, Aini strit, 67, Phone: **904-45-41-01.**E-mail: **davlatbekmirzoevich_94@mail.ru**

ТДУ: 321.011.1 (575.3)

# ОИД БА БАЪЗЕ САРЧАШМАҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ОН

*Қараев Н.Н.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Масоили истиқлолияти сиёсӣ таваҷҷуҳи олимону сиёсатмадоронро ба худ ҷалб намуда, ин мафҳум аз истиқлолият бо хосиятҳои муайяну мушаххаси худ тафовут дорад. Мафҳуми истиқлолият ба соҳибихтиёрӣ, мустақилият, истиқлол, худсолорӣ ва мухториятро далолат менамояд. Мафҳуми истиқлолият вобаста ба замону макон ва давраҳои таърихӣ аз якдигар фарққунанда буда, ҳоло, дар маҷмуъ, шакли васеътареро ба худ гирифтааст. Агар дар замонҳои қадим мафҳуми истиқлолият ҳамчун падидаи раҳоӣ аз истилогарон фаҳмида мешуд, пас имрӯзҳо бошад, истиқлолият ин муайян намудани умумияти этникидоштаи ҳамрешаю ҳамфарҳанг ва вобаста набудани он ба қувваҳои хориҷиро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, ҳоло ҳам наметавон мафҳуми умумӣ ва дақиқи истиқлолиятро таъриф дод.

Масъалаи баррасишаванда дар ин мавзуъ баҳси истиқлолияти сиёсӣ ва нақши Пешвои миллат дар он мебошад. Аз ин рӯ, пеш аз он ки мо нақш ва мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро оиди масъалаи истиқлолияти сиёсӣ гуфта гузарем, зарур аст, аввал мафҳуми истиқлолияти сиёсиро дарк кунем ва хосиятҳо ва заминаҳои онро ёдовар шавем.

Дар илми сиёсӣ мафҳуми “истиқлолияти сиёсӣ” бо мафҳумҳои соҳибихтиёрӣ ва ҳокимиятдории комили сиёсӣ ҳаммаъно мебошад. Соҳибихтиёрӣ ё худ истиқлолияти комил доштани давлат ин молики ҳақиқии воситаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ будани халқро мефаҳмонад. Худ аз худ эълон гардидани соҳибистиқлолии давлат, ҳатто дар дараҷаи конститутсионӣ ҳанӯз комилҳуқуқии ӯро таъмин карда наметавонад. Фақат дар заминаи мустақилии иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ халқ метавонад, озодона идоракунии корҳои давлат ва ҷамъиятро ташкил намояд. Соҳибихтиёрию истиқлолияти давлат бо асосҳои демократии сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ ва татбиқи ҳақиқии онҳо вобаста аст [11,с.10].

Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун падидаи муҳимми сиёсию ҳуқуқӣ ва татбиқи он бо масоиле алоқаманд аст, ки онҳо тафовути объективию субъективии байни иродаю манфиатҳои воқеии халқ ва умуман аҳолии маскунбудаи давлат ва роҳҳои амалигардонии онҳоро инъикос менамояд. Ба ин масъалаҳо таваққуф накарда, бояд қайд кард, ки ин зиддиятҳо ба низоми сиёсии бисёр давлатҳои муасир хосанд [3,с.139]. Аммо зиддияти воқеии манфиатҳои кулли мардуми Тоҷикистон ва низоми сиёсии он, нисбат ба ҳар як ҷомеаи дигар ҷиддӣ ва мураккаб буда, роҳҳои наздикшавии онҳо хеле душвор аст.

Масъалаи истиқлолияти сиёсӣ хосияти мушаххас дошта, ба макону замон ва низоми арзишҳо пайваст аст. Вобаста ба чунин хосиятҳо донишмандон онро мавриди омӯзиши махсус қарор додаанд. Аз сабабе, ки мафҳуми «истиқлолияти сиёсӣ» вобаста ба маконаш аҳаммияти хосса пайдо намудааст, зарурати дарки амиқи он пеш меояд. Чунин зарурат фақат аз манфиатҳои илмӣ барнамеояд ва он аҳаммияти амалӣ низ дорад. Пеш аз ҳама, чунин муносибатро зарурати таҳлили тағйирот ва азнавсозиҳои воқеӣ талаб дорад. Зеро бе дарки амиқи ***«истиқлолияти сиёсӣ»*** фаҳми дурусти тамоюлҳои тағйирот, инкишофи ҳаёти сиёсӣ ва таснифи консептуалии онҳо номумкин мегардад.

Пеш аз оне, ки роҷеъ ба масъалаи истиқлолиятӣ давлатӣ ё истиқлолияти сиёсӣ баҳс мекунем, моро зарур аст, ки дар хусуси худи мафҳуми “истиқлолият” ё “мустақилият” ҳарф бизанем, то моҳияти мавзуъ возеҳтар ва фаҳмотар гардад. Мафҳуми “истиқлолият” дар идоракунӣ дорои чанд ҷиҳат аст. Пеш аз баррасии он, ки истиқлолият дар доираи сиёсат дар қаламравҳои гуногун чӣ гуна ташаккул ёфтааст, муайян кардани онҳо муҳим аст. Аслан, “истиқлолият” маънои мустақилият дар қабули қарорҳоро дорад, яъне озодӣ аз назорат, роҳнамоӣ ё таъсири номатлуби дигарон, инчунин раҳоӣ аз таъсири давлатҳои дигарро дар назар мегирад. Матлаб аз таъсирот ин таъсироти сирф ба сиёсати дохилию хориҷии кишвари муайян нест. Суоле ба миён меояд, ки оё давлатҳои дигар наметавонанд

ба сиёсати дохилию хориҷии кишваре бо роҳу воситаҳои гуногун таъсири худро бирасонанд, то пояҳои истиқлолиятро заиф намояд? Албатта, ки метавонанд қувваҳои хориҷӣ таъсироти худро ба сиёсати дохилию хориҷии кишвари муайяне гузорад, вале кишварҳо маҳз барои мустаҳкам намудани пояҳои истиқлолияти худ мубориза мебаранд, чун гегемония (ҳегемония)[1] махсуси давлатҳои миллист, ки ба ҳеҷ қимате аз он бардошта намешавад [11,с.12].

Албатта, истиқлолияти давлатӣ ё истиқлолияти сиёсӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёде мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст, ки ҳар кадоме ин масъаларо ба таври худ баррасӣ намудаанд. Дар аксари адабиётҳо истиқлолияти давлатӣ ва истиқлолияти сиёсиро ҳаммаъно ҳисобида, онҳоро як чиз медонанд. Аз ин рӯ, барои боз ҳам возеҳ шудани баҳс моро зарур меояд, ки масъалаи истиқлолияти сиёсиро дар афкори олимони улуми сиёсӣ ва ҷомеашиносӣ дида баромада, ба масъала жарфтар назар афканем ва моҳияти масъаларо дурусттар дарк намоем. Зеро ки дар масъалаи моҳияти мафҳуми истиқлолияти сиёсӣ нақш ва ҷойгоҳи як қатор олимон, аз ҷумла файласуфи Юнони қадим Арасту назаррас буд. Ӯ тартиби дуруст ва истиқлолияти мукаммали давлатро дар ҳифз ва нигоҳдошти манфиатҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ ва дигар унсурҳои миллӣ мебинад. Ба андешаи Арасту, вақте истиқлолияти сиёсӣ мавҷудияти худро ҳифз карда метавонад ки давлат ва миллат тавонад арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои миллиро аз хавфу хатар ва таҳдидҳои берунӣ ҳифз намояд.

Боиси зикри хос аст, ки ба падидаи ***«истиқлолияти сиёсӣ»*** бештар Жан Боден [9,с.247] таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аз инҷост, ки ӯро ҳамчун асосгузори консепсияи истиқлолияти давлатӣ пазируфтаанд. Жан Боден мафҳуми ***«истиқлол»*** («суверенитет» ҳокимияти олӣ)-ро ба низоми илмҳои сиёсии Ғарб ворид намуда, назарияи истиқлолро ҳамаҷониба инкишоф додааст.

Дар зери мафҳуми «истиқлол» Жан Боден хислати олии ҳокимиятро медонист. Ӯ дар асараш ***«Шаш китоб дар бораи ҷумҳурӣ»*** ҳокимиятҳои дохилию хориҷии истиқлолро шарҳ додааст. Суверенитет ва ё истиқлолро ҳамчун ҳокимияти мутлақ ва абадии ҷумҳурӣ ва ҷумҳуриро ба давлат баробар медонист [2,с.32]. Ба ақидаи Ж. Боден, давлатдорӣ дар натиҷаи шартнома ба амал омадааст ва мақсади олии онро ғамхории ҳақиқӣ дар бораи хушбахтии афрод ташкил медиҳад. Ӯ давлатро ҳамчун институте меҳисобад, ки тамоми одамон дар итоату ғамхории он бошад ва давлат ин ҳокимияти шаҳрвандии идоракунии ҳуқуқиест, ки ба адолатнокӣ ва қонунҳои табиат мувофиқ аст [4,с.160]. Яъне, пайдоиши давлат ин шакли амалии мафҳуми соҳибихтиёрист. Соҳибихтиёрӣ, ба андешаи Ж.Боден, “...ҳоқимияти мутлақ ва доимист, ки онро римиҳо чун неъмат унвон кардаанд ва он маънои амалӣ намудани ҳокимияти волои фармонравоиро дорад” [9,с.245] Ж. Боден ҷонибдори доимӣ будани соҳибихтиёрӣ мебошад.

Ж. Маритен доир ба истиқлолият ва махсусан истиқлолияти сиёсӣ андешаҳои муҳимму ҷолиб дошта, доир ба истиқлолияти сиёсӣ “Ду мафҳум – «соҳибихтиёрӣ» ва «мутлақият» - ро пешниҳод кардааст, Ӯ қайд мекунад, ки «соҳибихтиёрӣ» ва «мутлақият» дар як деги оҳангудозӣ, якҷоя гудохта шудаанд ва ҳардуро мебояд партофт” [7, с.53].

Ба андешаи донишманди тоҷик, сиёсатшиноси варзида Абдуллоҳи Раҳнамо ду сифати асосии истиқлолияти давлатӣ вуҷуд дорад: якум, идоракунии сиёсии давлат ба дасти худи миллат (мисол тоҷикон) даромадан; дуюм, қудрати низомии давлат, ки қудрати низомиро ба даст оварда, акнун мустақилона амал мекунад. Ин ду атрибут нишонаи асосии истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Дар моддаи 6 Конститутсияи Тоҷикистон чунин омадааст: “Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад.

Аз ин бармеояд, ки содатарин ва оммафаҳмтарин маънои истиқлолияти сиёсӣ, пеш аз ҳама, доштани мустақилияти сиёсӣ ба ҳисоб рафта, давлати соҳибистиқлол ё дорои истиқлоли сиёсӣ самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро худаш мустақилона ҳаллу фасл менамояд.

---

[1] **Гегемония** (юн. ἡγεμονία — роҳбарӣ, идоракунӣ, роҳбарӣ) — бартарии сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, назорати як

Миллати тоҷик аз замонҳои қадим истиқлолиятхоҳ буд ва баҳри озодӣ аз истилогарон ва ғосибон муборизаҳо мебурд. Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибихтиёрии давлатии худ дар заминаи сохти Шӯравӣ мунтазам пеш мерафт. Яъне, ин ба маънои томаш истиқлолияти сиёсӣ надошт. Аз зинаи ибтидоии давлатдорӣ дар шакли ҷумҳурии мухторӣ то зинаи баланди он ҷумҳурии иттифоқӣ дар ҳайати ИҶШС роҳи дурударозро тай намуд. Бинобар ин, баъди таназзули сохти Шуравӣ комилан соҳибистиқлол гардидани он тасодуфӣ нест. Ҳанӯз дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1929, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба амал надаромада буд, дар хусуси ҳуқуқҳои соҳибихтиёронаи Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон меъёрҳо мавҷуд буданд. Ба ҷумҳурии иттифоқӣ дар ҳайати ИҶШС мубаддал гардидани Тоҷикистон соҳибихтиёрии ӯро ба зинаи нисбатан баланд бардошт. Конститутсияи соли 1931 ҳолати ҳуқуқии Тоҷикистонро ҳамчун ҷумҳурии иттифоқии соҳибихтиёр дар ҳайати ИҶШС мубаддал гардидани Тоҷикистон соҳибихтиёрии ӯро ба зинаи нисбатан баланд бардошт [1,с.21].

Бо ба даст овардани истиқлолияти дубораи давлатӣ Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар харитаи сиёсии ҷаҳон ворид шуда, аз тарафи созмонҳои ҷаҳониву минтақавӣ ва кишварҳои ҷаҳон дар як мудати кӯтоҳ ба расмият шинохта шуда, муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатӣ мунтазам бо кишварҳои алоҳида ба роҳ монда шуданд. Дар ин муддат Тоҷикистон имконияти сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро мустақилона муайян намуданро пайдо кард. Акнун Тоҷикистон имконият пайдо намуд, ки бо давлатҳои хориҷӣ робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ пайдо карда, бо онҳо алоқаҳои дипломатӣ ва консулиро низ ба роҳ монад.

Соҳибихтиёрии халқ дар соҳибихтиёрии давлат ва соҳибихтиёрии миллат таҷассум меёбад. Халқи Тоҷикистон давлати худро барои татбиқи соҳибихтиёрӣ ҳуқуқдор менамояд. Дар натиҷа ҳокимияти давлатӣ соҳибихтиёр гардида, хусусиятҳои ба худ хос пайдо мекунад. Асоси иҷтимоии соҳибихтиёрии халқ ва соҳибихтиёрии давлат як буда, аз ҳамдигар ҷудонашаванда мебошанд. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии халқ ва соҳибихтиёрии давлат шаклҳои гуногуни соҳибихтиёрии ягона аст. Соҳибихтиёрии давлат шакли ҳуқуқӣ-конститутсионии амалӣ гардонидани соҳибихтиёрии халқ мебошад.

Ба ҳамин тариқ, истиқлолияти Тоҷикистон чунин хусусияти ҳокимияти давлатӣ аст, ки дар асл олӣ, мустақил ва соҳибистиқлол будани онро ифода мекунад. Соҳибихтиёрии давлат дар амал ин фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти сершумори давлатдорӣ ба амал баровардани вазифаҳои дохилӣ ва хориҷии давлатӣ мебошад. Албатта, инро ба салоҳияти ин ё он мақомоти давлатӣ алоқаманд донистан нодуруст аст.

Шакли дигари ифодаёбии соҳибистиқлолии халқ соҳибихтиёрии миллӣ мебошад. Миллати тоҷик қисми таркибии халқи Тоҷикистон буда, дорои хусусиятҳои ба худ хост аст. Миллати тоҷик дар заминаи Ҳокимияти Шӯравӣ ва зинаи ибтидоии ташкилоти миллӣ – давлатӣ то шакли давлати ягонаи соҳибистиқлол ташаккул ёфт. Тоҷиконе, ки берун аз ҷумҳурӣ, дар марзи дигар давлатҳои аъзои ИДМ маскунанд, дар ҳеҷ як шакли ташкилоти миллӣ- давлатӣ муттаҳид нагардидаанд. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт ифодакунандаи соҳибихтиёрии миллати тоҷик ва ҳам соҳибихтиёрии тамоми халқи ҷумҳурӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин муқарароте, ки асоси истиқлолият – хусусан истиқлолияти сиёсиро ташкил медиҳанд, бархӯрдор аст ва ҳамаи унсурҳои таркибӣ ва омилҳои зарурии истиқлолиятро дар худ таҷассум намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 истиқлолияти худро эълон намуд. Дар як мудати кӯтоҳ истиқлолияти давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон аз тарафи созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва ҳам аз тарафи кишварҳои ҷаҳон ба расмият шинохта шуд, ки ин хушбахтӣ ва саодатмандии миллати тоҷикро мебоист таъмин менамуд. Аммо ин хушбахтиву тантанаи истиқлоли миллати тоҷик дер давом накарда, боз ҳам душманони дохиливу хориҷӣ ҷанги таҳмилии бародаркушро бар сари миллати тоҷик бор намуда, вазъи сиёсӣ ва иқтисодии давлати тозаистиқлолро беамну ба ҳолати бухронӣ дучор намуданд.

Дар ин айём шаҳрвандони зиёде кишварро тарк намуда, ба ҳайси муҳоҷири иҷборӣ ё (гуреза) ба кишварҳои хориҷӣ рафтаанд. Дар ин ҷанги бемаънии бародаркуш 150 ҳазор

нафар шаҳрвандон ҳалок, 1 миллион аҳолӣ ватанро тарк намуда, ба кишварҳои ҳамсояи дуру наздик фирор намудаанд. 35723 хона хароб гардида, аз ин шумора 21740 хона пурра вайрон гардида буданд. Зарари расида 10 миллиард доллари амрикоиро ташкил намуда, хисороти маънавиву равониро ягон ченак чен карда наметавонад [6,с.44].

Дар ин давраи буҳронӣ хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон баъд аз 1 ё 2 соли соҳибистиқлолӣ ба миён омада буд. Эҳтимол мерафт, ки истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон аз даст рафта, давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон бо сабаби ноуҳдабароии роҳбарони давр ва пиёда намудани ҳадафҳои муғризонаи давлатҳои хориҷ ва душманони дохилӣ ба нестӣ мерафт ва ба як макони ҷангу муборизаҳо табдил ёфтанаш аз эҳтимол дур набуд.

Дар ин айём шахсияте лозим буд, ки кишварро аз парокандагӣ наҷот дода, ба монанди Спитамен, Абумуслим, Муқаннаъ, Восеъ ва садҳо паҳлавонону қаҳрамонон баҳри истиқлол ва ҳифозати марзу буми аҷдодӣ қиём кунаду миллатро аз парокандагӣ ҳифз намояд, истиқлолияти сиёсӣ ва тамомияти арзии кишварро нигоҳ дорад.

“Дар ин раванд ба сари қудрат бояд шахсияте меомад, ки тавонад бо ақли солим ва неруи ватандӯстиву шуҷоатмандӣ ва бо азму иродаи мустаҳкам дар муқобили ҳама гуна хатар истодагарӣ кунаду кишварро аз парокандагӣ наҷот диҳад. Ана ҳамон хислатҳои болозикр куллан дар шахсияти Эмомалӣ Раҳмон мавҷуд буданд, ба арсаи сиёсат омад” [11,с.135].

Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар амал татбиқ намудани орзуву ормони ҳазорҳо истиқлолхоҳону бедорони миллатро, ки мадюни таъриху тамаддун, фарҳангу арзишҳои миллӣ ва сарзамину обу хоки худ буда, орзуи ниҳоии онҳо бунёди давлати миллӣ дар асоси арзишҳои бунёдии миллӣ ба шумор мерафт, ҳадафи асосии сиёсати худ қарор дода, тавонист бо хиради азалӣ, зиракии сиёсӣ ва шуҷоату мардонагӣ истиқлолияти сиёсии Тоҷикистонро нигоҳ дорад, кишварро аз парокандагӣ наҷот диҳад, миллатро сарҷамъ намуда, гурезагонро ба Ватан баргардонад ва тамомияти арзии кишварро ҳифз намояд.

Пешвои миллат, вақте гуфтанд ки: “Ман ба Шумо сулҳ меорам” на танҳо онро ҳамчун ормони амалинашаванда арзёбӣ намудаанд, балки Пешвои миллат, ин ормонро ба амал табдил дода, дар натиҷа тавонистанд, руҳи миллӣ, забони миллӣ, давлати миллӣ, фарҳанги миллӣ ва арзишҳои миллиро дубора эҳё намуда, Тоҷикистонро аз хавфи эҳтимолии нобудшавӣ раҳо намоянд [11,с.136].

Барои хотима додани ҷанги шаҳрвандӣ ва аз хатари нестшавӣ наҷот додани давлат Пешвои миллат бо иттиҳоди мухолифин борҳо дар кишварҳои хориҷӣ мулоқоту музокирот намуда, бо қимати ҷони худ баҳри расидан ба сулҳу салоҳ ва ваҳдату якдилӣ кору пайкор намудаанд.

Сарвари давлати Тоҷикистон роҳи таҳаммулпазирӣ, гузашткунӣ ва бахшиданҳоро дар рафти ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва сиёсӣ пеш гирифтанд. Ин андешаи хайр ва ақидаи оптимистии Сарвари давлат нисбат ба ояндаи давлату тақдири халқро Пешвои муаззами миллат аз афкори бузургону соҳибдилону андешамандон ба хотири ваҳдати миллӣ, қатъи хунрезиву бародаркӯшӣ, таҳкими истиқлолу озодӣ ва саодати миллаташ аз афкори Рӯдакиву Абушакур ва Фирдавсиву садҳо сарсупурдагони миллат омӯхтаву дар амалияи сиёсат сармашқи кору пайкори худ намудаанд. Ба монанди ҳакимони хештаншинос мардумро ба сулҳу салоҳ, ободиву саодатмандии мардум чун Фирдавсии бузург:

Бикӯшеду хубӣ ба кор оваред,
Чу дидед сармо, баҳор оваред.
Зи дилҳо ҳама кин берун кунед,
Ба меҳр андар ин кишвар афсун кунед...
Зи хун рехтан даст бояд кашид,
Сари бегуноҳон набояд бурид!

...барин даъват ба некиву накукорӣ, бахшидану гузаштанҳо, ватандӯстиву ифтихори миллӣ намуда, мардумро дар зери як ҳадафи бузург - бунёди давлати миллӣ ва саодати миллат ҷамъ намудаанд. Сарвари давлат рӯ ба роҳбарони мухолифин оварда, ошкоро иброз намудаанд, ки: “Ватани мо Тоҷикистон дар дуроҳаи ҳастӣ ва нестӣ қарор дорад.

Агар мо ба мусолиҳаи миллӣ нарасем, агар оташи ҷангро хомӯш насозем, фирориёнро барнагардонем, сулҳу ваҳдатро пойдор накунем, миллату Ватан моро намебахшанд ва ба нафрати наслҳои оянда дучор мегардем” [5,с.153].

Ин суханҳои Пешвои миллат ба мухолифин таъсир намуда, аз ақли солим кор гирифта шуд. Яъне, Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ имзо гардид.

Боиси зикр аст, ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз таҷрибаи бойи сиёсӣ ва талошҳои инсондӯстонаву фарҳангсолоронаи худ миллати тоҷикро ҳамчун воҳиди ягонаи сиёсӣ ва этнофарҳангӣ баъди 1100 соли давлатдории тоҷикон - давлати Сомониён эҳё намуда, миллатро аз вартаи нобудӣ, забони тоҷикиро аз махлутшавӣ, фарҳангу анъанаҳои ниёконро аз нестшавӣ берун оварда, номи бузургонро аз умқи таърих, ки паси пардаҳои сиёсии давр ниҳон монда буданд, эҳё намуданд.

Боиси зикр аст, ки тоҷикон миллати дирӯз пайдошуда нест. Балки таъриху тамаддуни миллати тоҷик ба 5 ҳазор сол рафта мерасад ва дар таърих, чуноне ки д.и.с., профессор С.Ятимов қайд менамояд: *“Тоҷикон дар тули таърих зиёда аз 13 маротиба (Модҳо, Ҳахоманишиҳо, Портҳо, Кӯшониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Тоҳириён, Сафориён, Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорҳо, Музаффариён) давлатдорӣ кардаанд. Он дар маҷмуъ, беш аз 2236 солро дар бар мегирад”* [10]. Омилҳои шикастхӯрии давлатдориҳои миллии моро олимону таърихшиносон гуногун баррасӣ намудаанд. Аммо ба андешаи С.Ятимов, *“Шикасти ин салтанатҳои бузургу хурд бо хатои мардум, аъён ва ашрофи худи миллати мо сурат гирифтааст. Иллати аслии суқути онҳоро ҷаҳолат ташкил медод”* [10].

Дар шароити имрӯза низ ба хотири ба сари ҳокимият омадан гурӯҳҳои махсуси ифротӣ бо ҷалби ҷавонони ноогоҳ ва дур аз сиёсату маърифати таърихӣ мехоҳанд истиқлолияти давлатии моро зери суол бурда, мардумро сарнагун намуда, ҳадафҳои муғризонаи хоҷагони хориҷии худро пиёда намудан мехоҳанд. Аммо моро лозим аст, ки дар зери сиёсати ҳадафмандонаи давлату Ҳукумати кишвар ҷамъ омада, бахри мустаҳкам шудани пояҳои истиқлолияти давлатӣ ва гулгуншукуфии ватани азизамон саҳмгузор бошем. Зеро ки Сарвари давлат бо барномаву нақшаҳои ҳадафмандонаашон дар таҳкими истиқлоли давлатӣ ва саодати миллати тоҷик аз тамоми имкониятҳо истифода намуда истодаанд.

Дар ин раванд бо барномарезиҳои ҳадафманд ҷиҳати худшиносиву худогоҳии миллӣ, ташаккули эътимоди қавии мардум ба фарҳанг ва арзишҳои миллӣ, хотираи таърихии миллат эҳё ва барқарор гардид. Дар ин муддат симои як қатор абармардони таъриху фарҳанги миллат, аз ҷумла Исмоили Сомонӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Имоми Аъзам Абӯҳанифа, Имом Ғазолӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абурайҳони Берунӣ эҳё шуда, ҷашнҳои бошукӯҳи бузургдошти онҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ баргузор шуд. Ба як зумра абармардони таъриху фарҳанг, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур чун рамзи сипоси абадии мардуми Тоҷикистон барои хидматҳои беназирашон унвони олии кишвар “Қаҳрамони Тоҷикистон” дода шуд [8,с.52].

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон ҳамчун як узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба обрӯву эътибори баланд соҳиб гардида, дар тамоми самтҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ба комёбиҳои бузург ноил гардид. Бояд гуфт, ки баъди таҳкими истиқлолияти давлатӣ, бартараф намудани ҷанги шаҳрвандӣ ва таъмини осоиштагии мардум дар аввали солҳои 2000-ум бовариву эътимоди кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ба кишвари мо таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон афзуда, робитаҳои васеи ҳамкорӣ дар соҳаҳои алоҳидаи сиёсиву дипломатӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ба роҳ монда шуд. Дар ин давра Тоҷикистон ба марҳилаи бунёдкориву созандагӣ ворид гардид.

Дар арсаи байналмиллаӣ низ обрӯ ва эътибори Тоҷикистон боло рафта, аз тарафи кишварҳои ҷаҳон ҳадафҳо ва пешниҳодҳои ҷаҳонии Сарвари давлати тоҷикон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пазируфта шудаанд. Аз ҷумла, 5 пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба обу иқлим дар арсаи ҷаҳонӣ аз тарафи 190 кишвари ҷаҳон пазируфта шуда, пешниҳоди 5-уми Пешвои миллат дар санаи 14.12.2022 аз ҷониби

Созмони Милали Мутаҳид оид ба масъалаи ҳифзи пиряхҳо ва эълон намудани “Соли 2025 соли ҳифзи пиряхҳо” қабул карда шуд, ки ба обрӯ ва нуфузи Тоҷикистон ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва мустаҳкам шудани равобити Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон бо ташаббус ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон таҳким ёфта, давлати Тоҷикистон дар зарфи 31 соли соҳибистиқлолӣ ба дастовардҳои бузурги соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангиву дипломатӣ ва дигар соҳаҳо ноил гардид.

Ба андешаи мо, бе кордониву зиракии сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон истиқлолияти Тоҷикистон зери суол монда, тақдири миллати тоҷик ҳеҷ имкони пешгӯйӣ ҷиҳати саодати миллат надошт. Аз ин лиҳоз эъморгари истиқлолияти сиёсӣ ва ё ба таври дигар истиқлолияти давлатии Тоҷикистон маҳз Эмомалӣ Раҳмон буда, дар инкишоф, мустаҳкам намудани пояҳои истиқлоли Тоҷикистон нақш ва мақоми ин абармарди арсаи сиёсат бағоят бузург мебошад. Бинобар ин моро зарур аст, ки зери идеологияи созанда ва инсонпарваронаи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуда, хизматҳои шоёни ин шахсияти таърихро ба наслҳои оянда, махсусан насли наврасу ҷавон расонида, худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва ифтихор аз тоҷик будану тоҷикистнӣ буданро дар зеҳни онҳо ҷойгир намоем.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДМТ - *Маҳмадизода Н.Д.***

## АДАБИЁТ


1. Ахбори Шурои Олии ҶТ. -1991. -№ 13.
2. Боден Жан. Основоположник концепции государственного суверенитета. – М., 1990. –С.31-32.
3. Девид Метюз. Политика для народа. Граждане в поисках в своего места в политике / Ж.Боден. -М., 1995. - С.139.
4. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. -Ҷ.1. – С. 480.
5. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъаллаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди 1. -Душанбе: Фасл-2, 2021. – С.153.
6. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъаллаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди 2. – Душанбе: Фасл-4, 2021. – С.41-44.
7. Маритен Ж. Человек и государство / Ж. Маритен. – М.: Идея-Пресс, 2000. -195 с. -С. 53.
8. Мирализода А.М. Мактаби сиёсии Пешвои миллат – раҳнамои наслҳои имрӯзу фардо //Маводи конференсияи байналмиллаии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар мавзуи “Мактаби сиёсии Пешвои миллат” (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ, №2 – 2021). 5-6 октябри соли 2021, н.Данғара. – С.52.
9. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. –Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 244-247.
10. С. Ятимов. Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад. (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат). [Манбаи электронӣ]. Санаи боргирӣ 18.01.2023 https://www.facebook.com/100022810042526/posts/pfbid0CchF9WnswpEAqno3vfA3seW2MshzBcR6Wi14LmnmUareFpAEawQQTrJBXXijCa4ql/?mibextid=Nif5oz
11. Ҳасанов Ш. Истиқлолият ва мактаби давлатдории Пешвои миллат. Монография / Ш.Ҳасанов, К.Азизов, К.Шодиев. - Душанбе: Эр-граф, 2022. – С.10-11.


## ОИД БА БАЪЗЕ САРЧАШМАҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ОН


Масъалаи баррасишаванда дар ин мақола баҳси истиқлолияти сиёсӣ ва нақши Пешвои миллат дар он мебошад. Аз ин рӯ, пеш аз он ки мо нақш ва мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро оиди масъалаи истиқлолияти сиёсӣ гуфта гузарем, зарур аст, аввал мафҳуми истиқлолияти сиёсиро дарк кунем ва хосиятҳо ва заминаҳои онро ёдовар шавем. Муаллиф муътақид аст, ки мафҳуми истиқлолият вобаста ба замону макон ва даврахои таърихӣ аз якдигар фарққунанда буда, ҳоло, дар маҷмуъ, шакли васеътареро ба худ гирифтааст. Агар дар замонҳои қадим мафҳуми истиқлолият ҳамчун падидаи раҳоӣ аз истилогарон фаҳмида мешуд, пас имрӯзҳо бошад, истиқлолият ин муайян намудани умумияти этникидоштаи ҳамрешаю ҳамфарҳанг ва вобаста набудани он ба қувваҳои хориҷиро инъикос менамояд. Дар илми сиёсӣ мафҳуми “истиқлолияти сиёсӣ” бо мафҳумҳои соҳибихтиёрӣ ва ҳокимиятдории комили сиёсӣ ҳаммаъно мебошад. Соҳибихтиёрӣ ё худ истиқлолияти комил доштани давлат молики ҳақиқии воситаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ будани халқро мефаҳмонад.



**Калидвожаҳо:** истиқлолият, сиёсат, истиқлолияти сиёсӣ, Тоҷикистон, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати амалӣ.

